# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

2023. №5

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ

**ТАДЖИКСКИЙ**
**НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

2023. №5

# YOUNG RESEARCHER

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

2023. No5

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
**E-mail**: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2023©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
**E-mail**: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Qobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, assistant professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** molodoy.issledovatel@mail.ru
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2023

# <u>ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА</u>

## МУШКИЛОТИ ПСИХОЛОГИИ ЗАНОНИ КОРГАР ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

*Лайлои С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

***Боло бардоштани мақоми зан дар ҷомеа,***
***тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат,***
***инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон***
***дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва ғамхорӣ***
***нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошад.***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Оила ва муносибатҳои оилавӣ ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлат қарор дошта, баҳри беҳтар шудани сифати он талошҳои зиёде ба анҷом мерасад. Ҳар як узви ҷомеа имрӯз худро назди давлат масъул донистa, ин икдоми бузурги онро ҳамаҷиҳата дастгирӣ мекунад ва ҳар фард ба таври ба худ хос ин амалро анҷом медиҳад. Муҳаққиқ таҳқиқ мекунаду муфаттиш тафтиш, муаллим тарбия мекунаду муллиф таълиф. Мо психологҳо низ бетараф набуда, хостем дар алоқамандӣ бо ин мавзуъ, ки доғи рӯз гаштааст, таҳқиқе анҷом диҳем. Занҳои коргар, ки рӯз ба рӯз теъдодашон дар ҷомеа афзун шуда истодааст, мушкилоташон низ ба ҳамон андоза афзоиш ёфта истодааст.

Ҷомеа ояндаи худро дар заминаи насли наврас, яъне кӯдакон ва қувваи асосии ҳаракаткунандаи рушди онҳо - зан бунёд мекунад [7, с.6]. Оила-ин умумияти иҷтимоӣ ба ақди никоҳ ва пайванди авлодӣ асос ёфта, ки аъзоёнаш барои зиндагии муштарак манфиатдор мебошанд. Ин системаи таърихию мушаххаси муносибатҳои байниҳамдигарии зану шавҳар аст, ки ба таваллуду тарбияи фарзандон, умумияти маишӣ ва буҷет бунёд ёфтааст [7, с.25].

Асоси маишат ва муносибатҳои маиширо истеҳсолоти шахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятӣ ва истеъмоли неъматҳои моддии зарурӣ ташкил медиҳанд.

Дар замони ҳозира кулли вазнинии раванди қонеъ гардонидани талабот бар зиммаи оила, пеш аз ҳама занон меафтад. Меҳнати хонагӣ истеҳсоли ашёҳои истеъмол ё коркарди онҳо: тайёр кардани хӯрок, тармими либос, пойафзол, рӯйҷо ва амсоли инҳоро таъмин менамояд, ба ғаёр аз ин хидмати дохили оилавӣ қисми дигари меҳанти хонагӣ ба ҳисоб меравад.

Вазъи оила, сатҳи некуаҳволии муътадили он омили муҳимтарини иҷтимоиест, ки устувории зиндагии миллат, ҷамъият ва давлатро муайян менамоянд. Хусусиятҳои дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии баъди ҷанги шаҳрвандӣ ба сатҳи рӯзгори аҳолӣ таъсири манфӣ расонд, ба раванди фаъолияти зиндагии оилаҳо асар кард.

Дар шароити патриархат (падаршоҳӣ), ки сардори оила мард аст, қарорро он қабул менамояд ва неъматҳои моддиро барои оила муҳаё менамояд, муҳим аст, зеро ки оила, бо набудани мардон ҳамаи ин ғамхориҳо пурра барҳам хӯрда, ба зиммаи зан мегузарад. Илова бар фаъолияти тарбияи кӯдак, бурдани хоҷагии хонадорӣ (аз рӯйи ақидаи кӯҳнаи - зан-нигаҳдорандаи макони ҳаёт ва рузғордорӣ) [7, с.9].

Чаҳор роҳ вуҷуд дорад, ки зан дар тули зиндагӣ онҳоро интихоб мекунад:

1. ***Роҳи анъанавиро авлотар мешуморанд***. Бахти худро дар рисолати модарӣ мебинад. Модарӣ барояш мансаб асту онҳо аз ин роҳ қаноатманданд.
2. ***Роҳи фосилавии байни анъанавӣ ва кори муздаш хубро интихоб мекунанд*** ва хоҳиши афзояндаи рӯз то рӯз кор карданро ҳис мекунад. Одатан, ин гуна занон дар синни

барвақти ҷавонӣ ба шавҳар мебароянд. Аммо баъд аз оила дилсард мешаванд ё никоҳашонро бекор мекунанд ва чанд сол пас аз пайи ҷустуҷӯйи кор меафтанд.

3. ***Роҳи ғайрианъанавиро пеш мегиранд.*** Ин гуна занон аз ибтидо медонанд, ки хоҳони мансабанд, бинобар ин мекӯшанд, ки барои худ шароитҳои мувофиқи оилавӣ ба вуҷуд биёваранд.

4. ***Аз кор даст кашида муҳити хонадонро интихоб мекунанд.*** Дар аввали фаъолияти меҳнатӣ умедҳои зиёд доштанд, вале он умедҳо барбод рафтанд ва оила тасаллобахши қалбашон мешавад [7, с.23].

Дар асоси нақшҳои гендерӣ маъмулан мардон ба корҳои берун аз хона машғуланду занон ба умури дохилии хона. Дар натиҷаи ба миён омадани инқилоби феминистӣ ва баробарии гендерӣ дар ҷомеа нақшҳои суннатии занон каме дигаргун гашт. Яъне, дар баробари машғул будан ба умури дохилии хона, инчунин, бахше аз зиндагии худро сарфи фаъолиятҳои беруна намуда истодаанд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2020-ум шумораи занони кишвар 4589,7/9313,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки 49,3% дар таносуб бо мардон қарор дорад [4, с. 56]. Тибқи маълумоти ҳамин сарчашма оид ба ҳиссаи занони коргар дар соли 2019, ишғоли ҷой дар парлумон 23,8%, мақомоти идоракунии давлатӣ (дар таносуб бо мардон) 31,6%, соҳаи кишоварзӣ 549,1 ҳазор нафар, соҳибкори инфиродии дар асоси шартнома фаъолиятдошта 6388 нафар (18,5% дар таносуб бо мардон), соҳибкории инфиродии дар асоси патент фаъолиятдошта 28 286 ҳазор нафар (26,9 % дар таносуб бо мардон), мутахассис - муҳаққиқ 1178/3095 [4, с.12-15], духутур (бидуни дандонпизишкон) 19 268 нафар [4, с. 32], омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 59% [4, с.35], омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 3956/11681 [4, с.111], вазифаҳои роҳбарикунанда 24,2 % [4, с. 36], 23,8%-и шумораи умумии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4, с. 136]-ро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо далолат аз он мекунанд, ки мавқеи занон дар ҷумҳурӣ ба таври чашмрас афзоиш ёфта истодааст.

Дар натиҷаи дар баробари мардон кор намудани занҳо боиси пайдоиши мушкилотҳои гуногуне дар онҳо мегардад. Айни ҳол тақсимоти уҳдадориҳои хонагӣ дар асоси гендерӣ аломати нобаробарии гендерии идомадошта ва иҷтимокунии гендерию нақшӣ мебошад.

Заноне, ки рӯзи дароз кор мекунанд ва уҳдадоранд, ки ба хона баргашта хӯрок пазанд, хона рӯбанд, назар ба заноне, ки рӯзи дароз кор мекунанду дар мавриди ба хона баргашатан вазифадор нестанд он уҳдадориҳое, ки дар боло зикр шуд иҷро кунанд, мақоми хело паст доранд.

Ин шакли муносибат дар оилаҳо ба фарзандон низ бетаъсир намемонад. Фарзандон чунин гумон мекунанд, ки мардон ва занон бояд нақшҳои гуногунро бозанд ва дорои сифатҳои гуногуни психологӣ бошанд. Дар натиҷа онҳо мекӯшанд, ки малакаҳои мухталифи марбути гендериашонро аз худ намоянд.

Ба зиммаи занон вогузоштани ташвиши нигоҳубини фарзандон ва корҳои хонагӣ ҳамчунон баҳри татбиқи имкониятҳои ташкилию сиёсии онҳо монеа мешаванд. Занони роҳбар/идоракунанда назар ба занони соҳиби мансаби роҳбарӣ набуда, аҳён-аҳён ба шавҳар мебароянду фарзанд таваллуд мекунанд. Сабаби ин шояд он аст, ки занони бори хона бар дӯш имкони дар истеҳсолот аз меъёр зиёд бозмондан, рӯзҳои истироҳат кор кардан ё ба сафари хидматӣ рафтан надоранд ва зуд-зуд вобаста ба зарурати нигоҳубини кӯдакон ва ҳангоми бемории онҳо ба кор ворид намешаванд.

Ҳамин тариқ, дар ҳар як фарде, ки дар ин ё он ҷамъият зиндагӣ мекунад, тасаввуроти чӣ тавр бояд рафтор кард шакл мегирад (мансубияти гендерӣ). Гендер ба рафтор ва муносибатҳои иҷтимоии ҳар як шахс тааллуқдошта марбут аст. Гендер категорияи иҷтимоӣ мебошад ва дар натиҷаи бисёрпаҳлугии ҳаёт пайдо шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро бо одамони гирду атроф муайян менамояд. Нақшҳои гендерӣ аз фарқияти нақшҳое, ки зан ва мард дар ҷамъият доранд, пайдо мешаванд. Фарқиятҳои гендерӣ дар асоси бисёрҷанбагии ҳаёт ба вуҷуд омада, аз вақт, сатҳи фарҳанг ва сатҳи инкишофи ҷамъият вобастагӣ доранд. Дар ҳақиқат, нақшҳои гендерӣ ба тақсимоти меҳнат, дастрасӣ ба иттилоот, ҳар гуна имтиёзҳо, роҳҳо ва методҳои қабули қарорҳо таъсир мерасонанд. Бо назардошти ин,

сиёсати гендерӣ ба баробарҳуқуқии гендерӣ барои ба даст овардани баробарии гендерӣ нигаронида шудааст. Ин сиёсат муносибати давлат ва ҷамъиятро нисбати ҳар ду ҷинс (занона ва мардона) ифода менамояд [8, с.9].

Илова бар ин, ақидае вуҷуд дошт, ки ба занҳо бисёр маҳоратҳо дастрас нестанд ва онҳо қудрат надоранд, ки ба сатҳи мардон расанд. Ҳоло мо мебинем, ки ин ба ҳақиқат наздик нест. Имрӯз занҳо маълумоти олӣ мегиранд, ба сиёсат, савдо, тарбияи насли оянда бомуваффақият машғуланд. Стереотипҳои гендерии мисли занҳо набояд маълумоти олӣ гиранд / онҳо бояд дар хона нишинанд ва бо кори хона машғул шаванд, ба занҳо халал мерасонанд, ки аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд ва ба ҷомеа фоида оранд [8, с.12].

Занон бештар дар чунин соҳаҳо таҳсил мекунанд: маориф 61,45%, иқтисод 23%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 6,7%, саноат 5,3 %, кишоварзӣ 0,8%, фарҳанг ва санъат 2,6%, муҳофизати бехатарии омма 0,2% [4, с.92].

Ҳарчанд нақши муассир, мусбат ва инкорнопазир доштани занон дар ҳама самтҳои ҷомеа ба назар мерасад, вале занонро мебояд, ки ҳам дар корҳои шуғлӣ ва ҳам дар корҳои хонаводагӣ муваффақият ба даст оварда, интизориҳои корӣ ва хонаводагиро бароварда кунанд. Барои иҷрои нақшҳои гуногун занон ба вақт, тамаркуз ва таваҷҷуҳ эҳтиёҷ доранд. Ин амр боиси он гаштааст, ки эҷоди таодул байни кор ва зиндагиро барои онҳо дучанд душвор кардааст. Пажӯҳишгари иҷтимоӣ Андре Мишел бо тадқиқоти худ дар кишварҳои гуногун ба хулосае омадааст, ки ҳатто агар зан берун аз хона кор кунад ҳам, ӯ боз ҳам вазнинтарин вазифаҳои марбут ба кори хонаро ба дӯш дорад. Дар ҷомеа баъзан вақт занон қишри осебпазир ба ҳисоб рафта, маоши кам мегиранду вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Бо мурури замон на танҳо аз ҷиҳати ҷисмӣ хаста мешаванд, балки ҳолати руҳии онҳо низ паст мегардад.

Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар аз 6 марти соли 2015 чунин қайд шудааст, ки "Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мо мебошад [6, с.197].

Стереотипи гендерӣ нуқтаи назари паҳнгардидаи ҷомеаро дар бораи он, ки вазифаи асосии зан маъқул будан ба мардҳо, модар будан ва тарбияи кӯдакон мебошад, дастгирӣ мекунад. Заноне низ ҳастанд, ки барои онҳо (бар хилофи ақидаи атрофиён), монанди мардҳо, кор ва инкишофи касбӣ арзиши калон дорад. Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо бо ҳодисаҳои маҷбур кардани занҳо дучор шудан мумкин аст, ки дар натиҷа онҳо қобилият, зеҳн, ақл ва қувваашонро танҳо баҳри ҳаёти оилавӣ қурбон мекунанд. Ҷомеа ақидае дар бораи симои идеалии зан дар оила ва рафтори ӯ парвариш мекунад, ки он занҳоро маҷбур мекунад то ҳаёташонро танҳо дар чаҳорчӯбаи ҳаёти оилавӣ ба воситаи маҳв кардани шахсият / татбиқ накардани қобилияти худ, маҳдуд кунанд ва ин маънои онро надорад, ки зан бояд аз хона ва кӯдакон баҳри кор ва мансаб қатъиян даст кашад. Сухан дар бораи он меравад, ки зан аз интихоби озоди худ маҳрум нагардад, чунки ӯ ҳамчун шахси озод дар давлати соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд ҳуқуқи худро ифода карданро дорад. Дар кор муваффақ будан, дар идораи ҷомеа иштирок кардан дар рушди иқтисодиёт саҳм гузоштан ё вақти худро танҳо барои оила сарф кардан - ин бояд интихоби шахс аст. Ҳар як давлате, ки сиёсати баробарҳуқуқии гендериро пешбарӣ мекунад, манфиатдор аст, ки занҳо дар баробари мардон дар ҳаёти иқтисодии он шомил бошанд, дар рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат саҳм гузоранд ва бо ин роҳ ба инкишофи он мусоидат кунанд.

Аз суханҳои дар боло зикршуда хулоса баровардан мумкин аст, ки мардҳо ва занон бояд имкониятҳои баробар ва дастрасӣ ба захираҳо дошта бошанд ва баробар масъули оила, тарбияи кӯдакон ва ҷомеа бошанд [8, с.13].

Дар замони мо назди зан проблемаи аз гирдоб баромадану нигоҳдории бақои оила дар ин вазъияти ба вуҷудомада меистад. Нуқтаи назари падарсолорӣ васеъ паҳн гардида, ба мақоми зан дар ҷомеи душвориҳои иловагиро ба рӯ мезанонад.

Бахши асосии фаъолити зан дар оила меҳнати хонагӣ мебошад. Хоҷагии ханавода қисми муҳимми маишӣ, таҷассуми зиндагии иҷтимоӣ марбут ба барқарор намудани

вазифаҳои ҳаётии инсон, коршоямии ӯ ва фаъолияти эҷодӣ ба шумор меравад. Ин фаъолияти ҳаётӣ тавассути шаклҳо ва тарзҳои муайяни истеъмол ва хизматрасонӣ, ташкил ва истеҳсоли худи ашёҳои истеъмол, инчунин, шаклҳои мушаххаси муносибатҳои иҷтимоӣ таъмин мегардад.

Аз 2/3 тамоми корҳоро дар олам занон анҷом медиҳанд. Танҳо аз 1/10 ҳиссаи даромади ҷаҳонро ба даст меоранд. Дар кишварҳои Осиё ба ҳисоби миёна ҳафтае 13 соат бештар аз мардон кор мекунанд. Танҳо 10-20% аз тамоми мансабҳои идора ва маъмуриро дар ҷаҳон ишғол мекунанд. Барои корҳои хонаводагии ҳамрӯза 3 баробар бештар аз мардон вақт сарф мекунанд [1, с. 73-97]. Ба ҳисоби миёна, занон назар ба мардон ду маротиба бештар барои корҳои хона ва чор маротиба бештар барои тарбияи фарзандон вақт сарф мекунанд [2].

Ҷаҳонишавӣ, шаҳрнишинӣ (урбанизатсия), рушди иқтисодии кишварҳо, таҳкими рушди демократии ҷомеа, пешбурди ҳуқуқи инсон, аз ҷумла баробарии гендерӣ, ба як қатор нигаргуниҳо дар оила оварда, онҳоро ба “суннатӣ” ва “муосир” тақсим мекунад. Дар оилаҳои суннати ақидае побарҷост, ки занон бояд ба тарбияи фарзанд машғул шаванд ва хонашин бошанд ва мард бояд пул кор кунад. Вале дар оилаҳои муосир бошад, зану шавҳар дар буҷаи оила масъул буда, занон низ барои пешбурди иқтисодиёти оила кор мекунанд [5, с.24].

Дар дунёи имрӯз иштироки занон дар ҷомеа афзоиш ёфта истодааст. Занон дар баробари масъулиятҳои тарбияи фарзанд ва иҷрои корҳои хона, монанди мардон дар берун аз хона низ кор карда истодаанд.

Дар ҷомеа аз замонҳои қадим стереотипи нақши гендерӣ ҳукмфармост, ки гӯё “хона одатан кори занон асту кор аз они мардон”.

Муҳаққиқон дар алоқамандӣ байни кор ва ҳаёти оилавӣ якчанд мушкилотро пешниҳод мекунанд, ки оқибат ба мушкилотҳои психологӣ оварда мерасонад.

1. Вобастагӣ аз кор. Вобастаи зиёд ба кор боиси халалдоршавии ҳаёти оилавӣ гардида, стресс, нороҳатӣ, афсурдагӣ ва фишорҳои гуногуни асабию ҷисмониро ба вуҷуд меорад.
2. Баробар шудан бо мардон. Барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва бархурдор будан аз баробариҳои гендерӣ, аз зан кӯшиш ва заҳмати зиёдро талаб мекунад. Дар натиҷа дар занҳо хастагӣ ва ноумедӣ пайдо мешавад.
3. Мубориза нақшӣ. Бинобар сабаби нақшҳои гуногунро иҷро намудани занон дар як воҳиди вақт, чун “модар”, “коргар”, “ҳамсар” дар онҳо мушкилотҳои гуногуни психологиро ба вуҷуд меорад, аз қабили низоъҳои ботинӣ, агрессия, асабоният ва ғ...
4. Мушкилотҳои оилавӣ. Машғулиятҳои корӣ дар занон аксар ҳолат боиси ба вуҷуд омадани мушкилотҳои оилавӣ мегардад, аз қабили нофаҳмӣ бо ҳамсар, фарзандон, норозигӣ аз худ, ҳисси танҳоӣ.
5. Мушкилоти вақт. Тақсимот ва банақшагирии вақт барои хона ва кор осон набуда, мушкилотҳои психологиро ба вуҷуд меорад.
6. Робита ва муносибатҳои иҷтимоии зани хонашин маҳдуд буда, якрангии зиндагӣ шавқу ҳаваси онҳоро гум менамояд ва аксаран ба таназзули фикрӣ оварда мерасонад. Мардҳо асосан ба корҳои сердаромад ва занон ба корҳои барояшон мувофиқ, ки камтар ба корҳои оилавиашон халал расонад, майл менамоянд [3, с.184].
7. Хоҷагии хона оқибатҳои психологии манфии худро дорад, аз қабили тундмизоҷии зиёдатӣ, ба майдачуйдаҳои маишӣ аз худ зиёд побанд мондан, бад шудани кайфият, ҷисман хаста будан.
8. Ба ақидаи А.Г. Харчев талаботҳое, ки оила ва ҷойи кор нисбат ба зан мегузоранд, асосан мухолифанд. Дар кор мустақилият ҳукмфармосту дар хона фидокорӣ ва хидмат ба дигарон.
9. Дар ҷойи кор одатан сохторҳои қудратӣ бартарӣ дорад, яъне муваффақият насиби касест, ки хусусиятҳои ташаббускорӣ, рақобатпазирӣ, хашмгинӣ, ки ҳамчун хусусиятҳои хоси мардона шинохта мешавад, дошта бошад. Барои созовор шудан ба ин хусусиятҳо зан маҷбур мешавад, ки аз хусусияҳои занонаи худ даст кашад.
10. Оқибатҳои иҷтимоишавии гендерӣ мушкилотҳои иҷтимоишавии занонро ба миён меорад, мисли тарс аз нокомӣ, рад шудан аз ҷомеа, нобоварӣ ба худ ва ғ.

Ногуфта намонад, ки дар баробари оне, ки кор метавонад таъсироти манфӣ ба занҳои коргар расонад, инчунин қодир ба он аст, ки таъсироти мусбате дар ҳаёти занони коргар эҷод намуда, онҳоро дар муқоиса ба занҳое, ки кор намекунанд, беҳтар нишон диҳад. Тадқиқотҳое, ки дар ИМА анҷом дода шудааст, онро нишон медиҳад, ки қаноатмандӣ аз зиндагӣ, худбаҳодиҳӣ, ҳисси масъулият, изтироби миёна, стресси баланд дар байни занони коргар баландтар аст назар ба занҳое, ки кор намекунанд. Инчунин, дар занҳое, ки кор намекунанд ҳисси нотавонӣ ва ноумедӣ, депрессия ва худбаҳодиҳии паст, изтироби баланд, дараҷаи пасти таҳаммулпазирӣ зиёдтар аст. Тавре ки таҷрибаи давлатҳои Ғарбӣ нишон медиҳанд солҳое, ки танҳо ба оила бахшида шудаанд занонро аз ҳисси мустақилият ва масъулият маҳрум мекунанд ва дар натиҷа ба аз дастдиҳии худ оварда мерасонад, ки оқибат ба майзадагӣ, ихтилолҳои равонӣ, ҷинсӣ ва худкушӣ бурда мерасонад [9].

## АДАБИЁТ


1. Гендер масъалаи рӯз. Бишкек, 1999.
2. Женский труд. https:/ru.wikipedia.org. (санаи мароҷиат:1.05.2023).
3. Зайтметов Ҳ.А. Хушунати хонаводагӣ нисабати занон дар оила.//Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назарявии байналмиллалӣ дар мавзӯи "Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир" бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети Фалсафаи ДМТ, Душанбе, 2021.
4. Занҳо ва мардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агенти омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020с.
5. Латофат Н., Ганиева Ф., Русу В. Тарбияи усули муоширати бенизоъ ва пешгирӣ аз хушунат дар хонавода / Н. Латофат, Ф. Ганиева, В Русу. - Душанбе, 2020.
6. Набиева Р., Зикриёев Ф. Мақоми зан дар ҷомеаи соҳибистиқлол.//Таърихи халқи тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 11) / Р.Набиева, Ф.Зикриёев. Душанбе, Маориф, 2016.
7. Хизматчиёни давлатӣ ва гендер: маводҳо барои истифодабарӣ дар кори амалӣ, Душанбе, 2006.
8. Ҷанбаҳои тарбиявию таълимии баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварии оилавӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон. Дастури методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, Душанбе, 2018, 121 с.
9. https://studbooks/net/1363665/menedzhment/psihologicheskie_osobennosti_rabotayuschih_nerabotayuschih_zhenschin_motivatsiya_zhenschin_rabote ( санаи муроҷиат: 04.05.2023)


## МУШКИЛОТИ ПСИХОЛОГИИ ЗАНОНИ КОРГАР ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи мушкилоти психологии занони коргар дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба тадқиқотҳои навини дар солҳои наздик гузаронидашуда такя намояд. Барои равшантар дарк намудани масъалаи мазкур муаллиф ба оморҳои солҳои наздик такя намуда, онҳоро овардааст. Баъд аз таҳлили адабиётҳои соҳавии ба ин самт бахшидашуда хулосаи муаллиф дар шакли мусбию манфӣ таъсирироти психологие, ки ба занҳои коргар таъсиргузор аст, оварда шудааст, ки ин хело таъсирнок ва самаранок ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди оне, ки дар масъалаи мазкур дар ҷуҳурии мо ба таври бояду шояд тадқиқоте гузаронида нашудааст, муаллиф адабиётҳои гуногунеро мутолиа карда, дар асоси мушоҳидаҳои психологии худ онро ба шароити мо мутобиқ сохтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** оила, гендер, нақшҳои гендерӣ, занҳои коргар, занҳои бекор, мушкилотҳои психологӣ, таъсироти манфӣ, таъсироти мусбат, худбаҳодиҳӣ, изтироб, қаноатмандӣ.


## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ РАБОТАЮЩИХ ЖЕНЩИН В ТАДЖИКИСТАНЕ


В данной статье обсуждается вопрос психологических проблем работающих женщин в условиях Таджикистана. Автор попытался опираться на новейшие исследования, проведенные в последние годы. Для того чтобы более четко разобраться в этом вопросе, автор опирался на статистику последних лет и представил их. После анализа полевой литературы, посвященной данному направлению, авторский вывод представлен в виде положительного и отрицательного психологического воздействия на работающих женщин, что считается весьма эффективным и результативным. Несмотря на то, что в нашей стране нет должных исследований по этому вопросу, автор прочитал различную литературу и на основе своих психологических наблюдений адаптировал ее к нашим условиям.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** семья, гендер, гендерные роли, работающие женщины, безработные женщины, психологические проблемы, негативные эффекты, позитивные эффекты, самооценка, тревожность, удовлетворенность.


## PSYCHOLOGICAL PROBLEMS OF WORKING WOMEN IN TAJIKISTAN


This article discusses the issue of psychological problems of working women in Tajikistan. The author tried to rely on the latest research conducted in recent years. In order to more clearly understand this issue, the author relied on the statistics of recent years and presented them. After analyzing the field literature on this area, the author's conclusion is presented in the form of a positive and negative psychological impact on working women, which is considered very effective

and efficient. Despite the fact that in our country there are no proper studies on this issue, the author read various literature and, based on his psychological observations, adapted it to our conditions.
**KEYWORDS:** family, gender, gender roles, working women, unemployed women, psychological problems, negative effects, positive effects, self-esteem, anxiety, satisfaction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Лайлои Саидмурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **908-88-68-99**

**Сведения об авторе:** ***Лайлои Саидмурод*** **–** Таджикский национальный университет, магистр факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **908-88-68-99**

**Information about the author:** ***Layloi Saidmurod*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **908-88-68-99**

## СИЁСАТ ВА ҲОКИМИЯТ

***Азимов С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шахси дар асри XXI зиндагикунандаро гумон аст гӯем, ки танҳо барои имрӯз зиндагӣ мекунад. Ҳозир рӯзи аввали оянда аст. Вақт дурбини таърих аст. Хотираи таърихӣ яке аз он хосиятҳои марказӣ, хусусияти фарққунандаи инсон аз ҳайвонот мебошад. Он бо ташкили иҷтимоӣ ва ташаккули шаклҳои хурди интиқоли иттилоот алоқаманд аст.

Шахсият - бе хотира - манкурт (шахси асир, ғулом) аст. Инсон як навъ пайвандест, ки гузашта ваояндаро мепайвандад.

Сиёсатшиносӣ, таърихи давлатӣ-ҳуқуқии ҷомеаи башарӣ намунаҳои худро дорад, ки бо сатҳи тамаддун, намуди форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ, тамоми инсоният пешакӣ муайян карда шудааст.

Гузашта на танҳо хотира, балки таҷрибаи бебаҳо ҳам мебошад. Аҷоиб гуфт Н. А. Бердяев: «Дар давлате, ки мафҳуми гуноҳ ва нангу номус гум шудааст, тартиботро танҳо режими сиёсӣ ва зуроварӣ нигоҳ дошта метавонад» [4, с.286–296].

Илми таърих ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки на танҳо дар ҳаққи ҳукмрон, балки дар бораи низомҳои сиёсии замони гузашта низ аз нуқтаи назари муосир ҳукмҳои бераҳмона эълон карда, вазифаи додрасро ба уҳда мегирад [15]. Таърих на шукрона медонаду на адолат. Вай ҳам хотира ва ҳам ҷаллод аст!

Дар баробари пайдоиши давлат ва хат, ҳуқуқ пайдо шуда, дигар меъёрҳои ҷамъиятии гузаштаро (одат, расму оин, малака) ба як сӯ мегузорад. Ҳар як созмони ҷамъиятӣ фаъолияти якҷояи одамон барои қонеъ кардани ниёзҳои онҳо мебошад [10].

Вазифаҳои танзими иҷтимоии муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамеша қонун иҷро мекард. Дар омади гап, он нобаробарӣ дорад. Чуноне, ки Г. Гегел қайд мекунад: «Қонун ҳам ҳамчун андоза ва ҳам ҳамчун ҳуқуқ муайян мекунад. Дар он ҷойе, ки чора вайрон карда мешавад, дар он ҷо беҳуқуқӣ ва қонуншиканӣ сар мешавад» [7, с. 64].

Устувории давлат ва низоми сиёсиро дар аксари мавридҳо фарҳанг ва маънавиёти мардум муайян мекунад. Ин омилҳо аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Чунон ки Н. Гогол гуфтааст: «Ақл вақте ки тамоми қувваҳои ахлоқӣ дар одам бираванду меистанд ва ҳатто дар ҳоле ки неруҳои ахлоқӣ баланд нашаванд, ба пеш меравад» [12].

Қисми маданияти халқ қонун аст. Вай дар баробари дигар меъёрҳои иҷтимоӣ ба симои маънавии ҷамъият, ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва ахлоқии он таъсир мерасонд. Ба гуфтаи К. Федоров ва Е. Лисневский: «Ҳоло чор системаи асосии ҳуқуқ вуҷуд дорад...» [18, с. 68–79].

Дар кишваре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дорад, давлат ва ҳуқуқ ба иҷрои вазифаи асосӣ – воситаи рафъи низоъҳои иҷтимоӣ, расидан ба ризоияти шаҳрвандон, ягонагӣ, ҳамбастагии онҳо даъват карда мешаванд. Инҳо сифатҳои ҳар як тамаддун мебошанд. Ҳамчун як соҳаи мустақили ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ танҳо дар солҳои 1970 ташаккул ёфт.

Дар ҷамъият дар солҳои бозсозӣ на танҳо шавқу ҳаваси табақаҳои гуногунтарини ҷамъият ба сиёсат афзуд, балки иштироки омма дар таҳия ва татбиқи он низ хеле афзуд.

Бешубҳа, таҳлили илмии сиёсат имконият медиҳад, ки моҳияти ин ҳодисаи асосии ҷамъиятиро ошкор намуда, мавқеи онро дар системаи протсесҳои моддию маънавӣ нишон диҳад, ки якҷоя организми таркибии ҷамъиятиро ташкил медиҳанд [3, с. 69–112].

Таърихи инкишоф ва ташаккули ҷамъияти инсонӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши моликияти хусусӣ ва синфҳо характери принсипиалии муносибатҳои байни одамонро нисбат ба давраи пештара ба вуҷуд овард [2].

Инчунин, набояд фаромӯш кард, ки сиёсат танҳо илм нест. Вай доимо бо одамон алоқа дорад. Одам як системаи эҳтимолият аст. Ҳадафҳои амалҳои инсон, бо вуҷуди итминони зоҳирии онҳо, то ҳол ба таснифоти қатъӣ мувофиқат намекунанд ва на ҳамеша пешгӯйишавандаанд [14, с. 80–94].

Сиёсат ҳамчун санъат ҷиҳати субъективии протсесҳои ҷамъиятӣ дорад. Ин пеш аз хама, бо қобилияти актёр бо одамон кор карда тавонистан, инчунин ба қобилияти дидани мувофиқати субъект ва объекти сиёсат на танҳо аз ҷиҳати сифатҳои кордонӣ, балки аз ҷиҳати сифатҳои инсонӣ ҳам алоқаманд аст: сохти психологӣ, ҷустуҷӯйӣ, устувории характер, қатъият, қобилияти ба души худ гирифтани масъулият ва ниҳоят, гӯш кардан ба овози омма [16, с. 245–267].

Сиёсат самтҳо, воситаҳо ва усулҳои фаъолияти давлат, ҳизбҳо, дигар ниҳодҳои сиёсӣ, пешвоёни сиёсиро дар мубориза барои амалӣ намудани манфиатҳои синфӣ, миллӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ, ҳадаф ва вазифаҳо фаро мегирад. Умуман, мо метавонем бо Ф.Бурлатский розӣ шавем, ки ҳокимияти сиёсӣ, ки дар системаҳои сиёсӣ ва дигар шаклҳои муносибатҳои сиёсӣ амалӣ мегардад, предмети муҳимми сиёсатшиносӣ мебошад [5, с. 123–136]. Аммо, бояд аниқ кард, ки сухан на танҳо дар бораи қудрати сиёсӣ, балки дар бораи шаклҳои муносибатҳои субъектҳои иҷтимоӣ оид ба ҳокимияти сиёсӣ меравад.

Таҳлили сиёсии муносибати субъекти сиёсӣ ва ҷомеаҳое, ки он ба он такя мекунад, имкон медиҳад, ки пайдоиши қудрати сиёсӣ ва пайдоиши сиёсат дарк карда шавад.

Имрӯз, ки муносибати субъектҳои раванди сиёсӣ дар муқоиса ба ибтидои аср хеле афзоиш ёфтааст, сарнавишти на миллионҳо, балки миллиардҳо одамон, як калима инсониятро сиёсатмадорони табақаҳои олии ҳокимият ҳал мекунанд. Аммо равобити сиёсӣ дар он ҷо ба вуҷуд меояд, ки аз миёни миллионҳо фард барои тасмимгирӣ дар мавриди сарнавишти ин миллионҳо нафар ҷудо мешавад, аммо ба шарте, ки ин мардум ҳуқуқи фард барои қабули чунин тасмимҳоро эътироф кунанд. Дар чунин вазъиятҳо ин шахс намояндаи мардуме ҳисобида мешавад, ки ӯро пешбарӣ кардааст. Муносибати намояндагӣ аз он бармеояд, ки «миллионҳо» на ҳамчун воҳидҳои ҷудогонаи паҳлӯ ба ҳам истода, балки ҳамчун як навъ ҷомеае, ки аз робитаҳои объективӣ ва тарзи дарки худ дар ҷаҳон ташаккул ёфтаанд, вуҷуд доранд. Муайян кардани узви ҷомеа бо субъекти сиёсӣ механизми асосии ҷалби равандҳои сиёсӣ мебошад. Ба ин далел, аломати ибтидоии субъекти сиёсӣ, албатта, мавқеи ӯ ҳамчун намояндаи ҷомеа аст, ки аз номи он дар саҳнаи сиёсӣ баромад мекунад.

Субъекти сиёсӣ барои таҳкими мавқеи худ дар ҷомеа маҷбур аст, ки бо субъектҳои дигари сиёсӣ ва ҳатто васеътар – бо субъектҳои дорои қудрати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, шуҳрат, эътибори байналмилалӣ ва ғайра робита барқарор намояд. Бояд ба назар гирифт, ки паси ҳар як намуди ин гурӯҳ муассисаю ташкилотҳои муайяни тавоно мавҷуданд, ки асоси қувваи вай мебошанд. Аз ин рӯ, донистани муносибатҳои қудратии субъекти сиёсӣ инҳоро дар назар дорад: аввалан, омӯзиши муносибати ӯ бо элита, ки шаклҳои гуногуни ҳокимият дорад; дуюм, омӯзиши мавқеи субъекти сиёсӣ дар низоми идоракунӣ ва пеш аз ҳама дар низоми институтҳои давлатӣ [11].

Муносибати субъекти сиёсиро бо «элитаи ҳукмрон» дониста, бояд дар назар дошт, ки он ба элитаи «кушода» ва «пӯшида» ҷудо мешавад [8, саҳ. 25–34].

Ҳаёти амалияи сиёсӣ ба назар гирифтани ду шакли асосии ташкили он — технология ва стратегия, ки ҳар кадоми онҳо типи оқилонаи худро доранд, пешниҳод мекунад. Ҳам технологияи сиёсӣ ва ҳам стратегия пайдарпайии муайяни амалҳоро барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда ифода мекунанд. Равшан аст, ки ин ду шакли ташкили амалияи

сиёсӣ ҳамдигарро пурра мекунанд ва аз ҳад зиёд муболиға кардани аҳаммияти ҳар кадоми онҳо оқибатҳои хатарнок дорад [17].

Дар ҳама ҷо паҳн шудани «тафаккури стратегӣ» ва таҳрифи тарзи кор самараи бисёр воситаҳои амалияи сиёсиро паст мекунад. Ғайр аз ин, агар ҳар як лаҳзаи амалияи сиёсӣ бо мақсади стратегӣ муқоиса карда шавад, он гоҳ «стратегӣ»-и он гум шуда, ба бисёр вазифаҳои хурд тақсим мешавад, ки иҷрои вазифаи асосӣ душвор аст, аз тарафи дигар, паҳн шудани «тафаккури технологӣ» боиси ба воситаҳо тобеъ шудани мақсад мегардад, ки ин дар фаъолияти бюрократизатсияи сиёсӣ, фишори шакл ба мазмун зоҳир мегардад. Дар ин вазъият, расидан ба ҳадаф бо ҳар роҳе, ки ба он созгор аст, қобили қабул ҳисобида мешавад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, чунин қайд мекунем, ки субъектҳои ҳокимият бо истифода аз усулу методологияҳои гуногун вазифаҳои зеринро ҳал мекунанд: нигаҳдорӣ ва мустаҳкам намудани системаи ҳозираи ҳокимият ва субъектҳои конкретии тавоно дар сари ҳокимият, инчунин мутобиқ намудани протсесҳои ҷамъиятӣ.

## АДАБИЁТ


1. Айтматов Ч.Т. «Буранный полустанок» (И дольше века длится день) / Ч.Т. Айтматов. – М.: 1981.
2. Алексеев С.С., Архипов С.И., Корельский В.М. и др. «Теория государства и права». Учебник для юридических вузов и факультетов, под ред. проф. Алексеева С.С. – М.: Норма. 2004.
3. Алмонд Г. Политическая наука: история дисциплины // Политическая наука: новые направления / Г. Алмонд. – М., 1999.
4. Бердяев Н.А. «Государство», Власть и право // Из истории русской правовой мысли / Н.А. Бердяев. – Л.: 1990.
5. Бурлацкий Ф.М., Галкин А.А. Современный Левиафан / Ф.М. Бурлацкий., А.А. Галкин. – М. 1985.
6. Ганнелл Дж.Г. Политическая теория: эволюция отрасли // «Вестник Московского университета». Серия 12. Социально-политические исследования. 1993. № 1.
7. Гегель Г.В.Ф. Философия права Г.В. Гегель. – М.: Мысль, 1990.
8. Джавланов О.Т., Михеев В.А. Номенклатура: эволюция отбора (Историко-политологический анализ) / О.Т. Джавланов, В.А. Михеев. – М.: Луч, 1993.
9. Ленин В.И. Полное собр. соч. Т. 36. / В.И. Ленин. – М.: Изд-во Политической литературы, 1969.
10. Марченко М.Н. Теория государства и права в вопросах и ответах: Учеб. пособие. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004.
11. Общая и прикладная политология: Учебное пособие. Под общей редакцией Жукова В.И., Краснова Б.И. – М.: МГСУ; Изд-во «Союз», 1997. 992 с.
12. «Православие и современность». Электронная библиотека//http: //www.wco.ru/biblio/index.htm.
13. Семеренко Л.М. Современная западная политическая наука: формирование, эволюция, иститукционализация / Л.М. Семеренко. - Ростов-на-Дону: Изд-во СКНЦ ВШ, 1998.
14. Соловьев А.И. Политология. Политическая теория, политические технологии. Учебник для вузов. 2-е изб., перераб. и доп. / А.И. Соловьев. – М.: ЗАО Издательство Аспект Пресс, 2014.
15. Тагунов Д.Е. Всеобщая история государства и права: Учебное пособие / Д.Е. Тагунов. - Мн.: Академия управления при Президенте Республики Беларусь, 2003.
16. Теория политики: учебное пособие / Под ред. Б.А. Исаева. СПб.: Питер. 2008. 464 с.
17. Титова Л.Г. Технология власти: Учебное пособие / Л.Г. Титова. - Яросл. гос. ун.-т. Ярославль, 2004.
18. Федоров К.Т., Лисневский Э.В. История государство и права зарубежных стран. Учеб. пособ. для вузов. Ч. 1. / К.Т. Федоров, Э.В. Лисневский. - Ростов на Дону: Изд-во Рост. ун-та, 1994.
19. Фигатнер Ю. Номенклатура властно-собственнических отношений в СССР: к анализу механизмов стратификации советского общества / Ю. Фигантер. – М.: 1992.


## СИЁСАТ ВА ҲОКИМИЯТ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии сиёсат ва ҳокимият мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи рӯз дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Воқеан, сиёсат ва ҳокимият ду мафҳуми бо ҳам наздик дар ҷомеаи башарӣ фаҳмида мешаванд. Ҳокимиятро бе сиёсат тасаввур кардан ғайриимкон аст. Чунки марҳилаҳои пешрафти он аз сиёсат вобастагӣ дорад. Агар ба масъалаи шахс ё инсон ба сиёсат ва ҳокимият наздик шавем он гоҳ маълум мешавад, ки инсон дар он мавқеи аввалиндараҷҷаро дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сиёсат, ҳокимият, шахс, ҷомеа, тафаккур, давлат, таърих, қонъун, тамаддун, мансаб, маданият.


## ПОЛИТИКА И ВЛАСТЬ


В статье исследуются основные вопросы политики и управления, которые считаются одним из актуальных тем в современности. Фактически политика и власть понимаются как два тесно связанных понятия в человеческом обществе. Невозможно представить власть без политики. Потому что этапы его развития зависят от политики. Если подойти к вопросу о человеке или человеке к политике и власти, то становится ясно, что первичное положение в нем занимает человек.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** политика, власть, человек, общество, мышление, государство, история, право, цивилизация, карьера, культура.

**POLITICS AND POWER**

The article explores the main issues of politics and management, which are considered one of the most relevant themes in modern times. In fact, politics and power are understood as two closely related concepts in human society. It is impossible to imagine power without politics. Because the stages of its development depend on politics. If we approach the question of a person or a person to politics and power, it becomes clear that the primary position in it is occupied by a person.

**KEYWORDS:** politics, power, man, society, thinking, state, history, law, civilization, career, culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азимов Сарваршоҳ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992985895188**

**Сведения об авторе:** ***Азимов Сарваршох*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992985895188**

**Information about the author:** ***Azimov Sarvarshoh*** **–** Tajik National University, master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992985895188**

# <u>ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА</u>

## ЛАФЗУ МАЪНӢ ДАР НИГОРИШ АЗ НИГОҲИ МУАЛЛИФИ “ДАСТУРИ ДАБИРӢ”

*Холова С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муаллифи “Дастури дабирӣ” пас аз зикри як қатор хусусият ва ойини нигориш ба тарзи оростан ва дарҷ кардани маънӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва мегӯяд: Чун аз маросими унвонот пардохта омад, кунун баён кунем, ки сиёқати сухан дар номаҳо чун бибояд [10, 31].

Дар илми забоншиносӣ ба маънои вожаву истилоҳҳо таваҷҷуҳ кардан шарти муҳим аст, чунки шакли калима бе тобишҳои маъноӣ аҳаммият пайдо нахоҳад кард. Дар илми китобат ё дабирӣ низ донистани маънӣ ба таври кофӣ аз муҳимот аст, чунки дар натиҷаи дарк накардани маъно ҳадаф рӯшан баён нахоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки муаллифи “Дастури дабирӣ” аркони суханро чунин баён мекунад: Бидон ки мадори дабирӣ, балки мадори сухангӯйӣ бар се рукн аст: яке шинохтани маънӣ ва тасаввур кардани он ба тамомӣ, дигар ба даст овардани алфозе, ки бар маънӣ сохта бошад, чунон ки бо мақсуд баробар бувад агар маънии ӯ аз мақсуд зиёдат шавад. Савум кор бастани он алфоз ва пайвастани сухан чунон ки ба равшантарин ваҷҳе бар тамомии мақсуд далолат кунад ва ҳунару айби сухан дар ин се рукн пайдо ояд [10, 31].

Аз нигоҳи муаллиф яке аз хусусиятҳои маънӣ дар он аст, ки бояд мафҳумҳоро ба таври кофӣ фарогир бошад: Аммо маънӣ бояд, ки аз аввали мақсуд даҳои номаро ба ҷумлагӣ дар фикрат орад [10, 31].

Яке аз қонуниятҳои таълиф ва нигориш ин овардани иқтибос аст. Иқтибос ҳодисаи маъмулӣ аст. Чун анъанаи имрӯз муаллиф таъкид мекунад, ки агар сухане аз дигаронро истифода кард, бояд ҳатман ишора кунад. Агар чунин набошад дар қонуни суханварӣ сирқати сирф ба шумор меравад: …Ва агар дар миёнаи сухан маънии дигарро бо сухани хеш иттисоле бинад, агар суханро аз он қуввате нахоҳад буд, онро бегона гуморад ва доман бад он боз назанад ва агар қуввате бувад, ба туфайлу табаъият соя бар он афканад [10, 31].

Абдухолиқи Меҳанӣ дар нигориш лафзи муфрадро аз уюби сухан медонад ва онро раво намебинад. Мехостем барои равшантар баён кардани “лафзи муфрад” нахуст онро аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ ин ҷо меорем, ки гуфтааст: «Лафзи муфрад он бувад, ки ҷузъе аз он ба ҷузъе аз маънии ӯ далолат накунад, монанди калимаи «инсон», ки ба «мардум» далолат кунад, яъне ин калимаро ба ҷузъҳои алоҳидаи маънодор ҷудо кардан нашояд» [4].

Дар “Дастури дабирӣ” дар ин бора чунин гуфта шудааст: Ва аммо лафзро ҳунару айб дар ду чиз нигоҳ доранд: яке дар алфози муфрад, дигар дар пайвастани муфрадот бо якдигар, аммо лафзҳои муфрадро бояд ки дар номаи порсӣ ҷуз ба вақти зарурат ва ба қадри ҳоҷат ба кор надорад ва он чи ба кор дорад аз порсиву тозӣ бипарҳезад то на ракику нохуш бувад ва на ғарибу нодир, балки миёни ин ду тараф алфозе ҳамегузинад саҳлу азб ва мутадовил [10, 32].

Ҳадаф аз баёни муаллиф дар ин бора расонидани маънии возеҳу равшан ва баёни фаҳмо аст, ки ба истифодаи дурусти калимаву мафҳумҳо вобастагии зич дорад.

Масъалаи дигар аз ҷанбаҳои риояи қавоиди нигориш ин ракокат ё сустию заъфии сухан аст. Ба ақидаи муаллиф баргузидани алфози дуруст ва саҳеҳу бамаврид риояи шарти асосии қавонини нигориш дар сухан ва аз ҷумла кори дабирӣ аст, ки муаллифи мазкур мулоҳизаҳои хешро дар ин бора чунин иброз

доштааст: Ва бидон ки ракокати лафз ба чанд чиз бувад: яке ки ба фол надоранд чун "фурӯшад" ва "бозпас монад" ва "намонад" ва монанди ин ва дар ин навъ чунон писандида бувад, ки гӯйӣ: "сӯйи нишеб рафт" ва "инон аз эшон боз кашид" ва дигар бидон, ки лафз дар вазъи хеш зишт бувад, чунон ки аз меҳтаре иборат накунанд, ки "гурусна шуд", балки гӯянд: "табиат тақозои ғизо кард" [10, 32].

Ҷанбаи дигари лафзу маъно ин истифодаи маҷоз дар баён ва нигориш аст. Меҳанӣ истифодаи маҷозро падидаи нек медонад. Аз назари ӯ ин равиш аз аҳаммияти хос бархурдор аст, чунки изофаи маънӣ ва гуногунрангии баён дар хушояндии лафз нақши муҳим дорад: Ва дигар бидон, ки лафз дар вазъи хеш аз маъние қосир бувад, пас ваҷҳ он бувад, ки ҳақиқати ӯро бигузоранд ва маҷозӣ ба кор доранд, чунон ки олимеро ба бисёрии илм биситоянд, агар гӯянд: "бисёрилм аст", бидон муболиғат набошад, ки гӯянд: "фалон дар илм дарёе аст" ва қоидаи сиёқат он аст, ки ҳарчанд маҷозу истиорат беш ба кор бурда шавад, сухан писандидатар ва баландтар ояд [10, 32].

Меҳанӣ кори ситудании дигаре, ки дар ин дастур анҷом додааст, он аст, ки баъзе калимаву иборaҳои форсиро барои истеъмол дар нигориш аз иборaҳои арабӣ беҳтар медонад ва муодили онҳоро зикр мекунад: Ва ҳамедун бисёр порсиҳост, ки писандида ва мутадовил аст наздики хос ва ба кор бурдани он дар шеър ва тарассул хуб ояд, чун:

| | |
|---|---|
| Яздон - Худои таъоло | Сипеҳр - осмон |
| Кайвон - зуҳал | Ховар - мағриб |
| Баҳром - миррих | Тир - аторуд |
| Хусрав - подшоҳ | Дайҳим - тоҷ |
| Паҳлавон - солори лашкар | Сипоҳ - лашкар |
| Довар - ҳоким | Вижа - холис |
| Пидром - хуш | Пажмон - ғамгин |
| Андарз - васият | Пӯзиш -узр хостан |

Дуда ва табору тухма – нажод

Ба ақидаи Меҳанӣ бояд дар оғози сухан нукоти муҳимтарин қайд гарданд, то ҳадаф рӯшан бошад: Ва аммо дар пайванди сухан бояд ки дар ҳар мақсуде он чи муҳимтар аст, муқаддам дорад [10, 34].

Ошкор ва равшанбаёнӣ шарти асосии нигориш аст. Меҳанӣ таъкид мекунад, ки нутқ бояд ҳарчи бештар кӯтоҳу фаҳмо бошад. Аз итноб парҳез кунад. Ҳар он чи дарҷ мешавад, бояд ҷиддият ва саҳеҳияти он мушоҳида шавад: Ва дар нома ҳарчи гӯяд ба ҷид гӯяд ва ҳар мақсуд, ки баён кунад, мафҳуму равшан гардонад ва ҳарчи ба лафзе кӯтоҳ бар он вуқуф афтад, дароз накашад [10, 34].

Равиши дигар дар нигориш ин шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои душвор дар шаклҳои гуногун аст. Меҳанӣ қайд мекунад, ки сухани саҳлу сода ҳоҷат ба шарҳ надорад, сухани душвору нофаҳмо бояд бе шарҳ намонад ва таносуби суханро ҳам бояд риоя кунад. Дар баён ҷумлаҳо таноқуз надошта бошанд. Пайдарпайии мантиқӣ бояд риоя шавад: Ва сухани осонро шарҳ надиҳад ва сухани душворро мубҳам фурӯ нагузорад ва чун ибтидо ба сано кард, масалан ба шикоят нашавад ва чун ибтидо ба шикоят кард, ба сано интиқол накунад [10, 35].

Пайванди мантиқии сухан аз нигоҳи Меҳанӣ бо ду роҳ аст: Ва бибояд донистан, ки пайвастани сухан ду гуна аст: яке пайвастани муфрадот бо якдигар ва дигар пайвастани ҷумлатҳо ба якдигар ва ин мартабати нахустин пояи мубтадиён аст ва ин мартабати дувум дараҷаи устодон ва сухан дар ин мартабат ба ниҳоят расад ва сухансаройро ин ҷо балеғ хонанд [10, 36].

**АДАБИЁТ**


1. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ [Матн] / Ш. Бобомуродов. - Душанбе, 2015.

2. Илёсов. Ф. Б. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ақидаҳои забоншиносии Насируддини Тӯсӣ. Паёми ДМТ, 4/6(212), Душанбе: «Сино» 2016.
3. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърих ва назарияи номанигорӣ [Матн] / Нарзиқул М. - Душанбе: "Сино", 2009.
4. Насируддин Тӯсӣ. Меъёр ул-ашъор [Таҳияи У. Тоиров ва дигарон] [Матн] / Насируддини Тӯсӣ. - Душанбе: Ориёно, 1992.
5. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тӯсӣ. - Теҳрон, 1383.
6. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 344 с.
7. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад [Матн] / Д. Хоҷаев. - Душанбе, 2011.
8. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷам [Матн] / Шамс Қайси Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991.
9. Шарипова Ф. Х. Нақши "Дастури дабирӣ"-и Меҳанӣ дар навиштани номаҳои девонӣ [Матн] / Ф.Х. Шарипова. - Душанбе, 2020.
10. Муҳаммад Абдулхолиқи Меҳанӣ. Дастури дабирӣ [Матн] / Муҳаммад Абдулхолиқи Меҳанӣ. - Теҳрон, 1375.

**ЛАФЗУ МАЪНӢ ДАР НИГОРИШ АЗ НИГОҲИ МУАЛЛИФИ "ДАСТУРИ ДАБИРӢ"**

Мақолаи мазкур дар заминаи "Дастури дабирӣ"-и Муҳаммад ибни Абдухолиқи Меҳанӣ таҳия шудааст. Дар мақола риояи суннатҳои суханварӣ дар нигориш мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин, дар болаи лафз, ки пайванди ногусастанӣ бо маънӣ дорад, назари муаллиф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Тарзу услуби баён ва шинохтани мавқеи сухан, мавридҳои дуруст ба кор бурдани иборaву истилоҳот дар нигориш низ аз madди назар берун намондаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: лафз, маънӣ, таносуб, сухан, балеғ, муфрад, нигориш.

**СЛОВА И ЗНАЧЕНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АВТОРА "ДАСТУРИ ДАБИРИ"**

Данная статья подготовлена на основе «Дастури Дабири» Мухаммада ибн Абдухолика Механи. В статье изучается соблюдение речевых традиций. Также проанализирована авторская точка зрения на слово, которое неразрывно связано со значением. Не остаются без внимания стиль выражения и узнавание речевой позиции, случаи правильного употребления выражений и терминов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: слово, значение, пропорция, речь, речь, единственное число, вид.

**WORDS AND MEANING FROM THE POINT OF VIEW OF THE AUTHOR OF THE " DASTURI DABIRI "**

This article was prepared on the basis of "Dasturi Dabiri" by Muhammad ibn Abdukholiq Mehani. In the article, observance of speech traditions is studied. Also, the author's point of view has been analyzed on the word, which is inextricably linked with the meaning. The style of expression and recognition of the position of speech, the occasions of correct use of expressions and terms are not left out of consideration.

**KEYWORDS:** word, meaning, proportion, speech, speech, singular, look.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холова Саёҳат Толибҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюм. Телефон: **+992-93-166-06-21. Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Холова Саяхат Толибжоновна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса. Телефон: **+992-93-166-06-21. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Kholova Sayahat Tolibjonovna*** – Tajik National University, second-year master`s student. Phone: **+992-93-166-06-21. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ШИНОХТИ ЖАНРИ ОЧЕРК ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК

***Шарифова Ш.Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар луғатномаҳо очеркро ҳамчун тарҳ, суроб, намуд, ҳикоя, ёддошт тавсиф намудаанд. Дар асл он калимаи русӣ буда, маънои тасвир ва тавсифу таблиғро дорад. Дар Аврупо баъзан онро скетче, эссе ва репортажи бузург низ меноманд. Пайдоиши ин жанрро муҳаққиқон ба асри XVlll мансуб донистаанд. Муҳаққиқон таъкид намудаанд, ки «нахустин бор маҷаллаҳои «Болтунн» (1707 – 1711) ва «Зрител» (1711 – 1714) маводеро нашр намуданд, ки аз лиҳози шеваи баён ба очерк монанд буд. "Дар адабиёти Аврупо пайдоиши очеркро ба осори нависандагони маорифпарвар Р. Стил, Ҷ. Ҳадисан, Л. Марсе, волтер, Д. Дидро,

Ратиф де Лабертон ва дигарон алоқаманд медонанд. Ин нависандагон кӯшиш мекарданд, ки дар инъикоси воқеаҳо ҳарчӣ бештар ба ҳақиқат такия намоянд” [5, с. 110].

Истифодаи истилоҳи жанри очерк қариб ду қарн боз дар китобҳои олимону донишмандон, пажӯҳишгарон, саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, барномаҳои радиову телевизион ва дигар навъҳои ВАО ба назар мерасад. Муҳаққиқони соҳаи журналистика чун Л. Иванов «Роҷеъ ба очерки матбуот», М. Барманқулов оиди «Хислатҳои очерки портретӣ», М. Черепахов «Кор болои очерк» таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, хусусиятҳои хоси ин жанри серистеъмолро қайд кардаанд.

Ба таҳлилу баррасии очерк дар ҳудуди Тоҷикистон олимону донишмандони тоҷик С. Ш. Табаров, И. К Усмонов, А. Саъдуллоев, С. Гулов, М. Муродов, А. Азимов, П. Гулмуродзода ва дигарон машғул гардида, фикру мулоҳизаҳои илмӣ баён кардаанд. Онҳо дар корҳои пажӯҳиш ҷиҳатҳои муҳимтарини ин жанрро омухта, ба эҷодкорон роҳи дурусти иншо ва талаботу вижагиҳои хоси очеркро зикр кардаанд. Муҳаққиқ А. Қутбиддинов дар хусуси жанри очерк сухан ронда, гуфтааст, ки «очерк жанри публитсистию бадеӣ буда, тасвири образии воқеаҳои ҳаёти иҷтимоиро дар бар мегирад. Тасвири воқеаҳо дар очерк ба ҳақиқат наздик аст. Дар очерк маъмулан мавҷудияти тазод, тасвири лаҳзаҳои ибратбахш, гуфтугӯйи бошиддат, ҷузъиёти ҷолиб, симои одамони кору пайкор хос мебошад» (4, с.8).

Воқеан ҳам дар очерк қаҳрамонҳои воқеӣ бо ному насаби аниқ, ҷойу макони мушаххаси зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатӣ то андозае баёни хислату рафтор ва дунёи зоҳириву ботинии инсон инъикос меёбад. Тавре муҳаққиқ А. Қутбиддинов қайд мекунад, «хусусияти публитсистии очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамони аниқ, бо факту рақамҳои конкрет навишта мешавад. Аммо ин нақли хушку холӣ не, балки нақли бообуранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти бадеии очерк низ дар ҳамин зоҳир мешавад» (4, с. 9). Очерк дар хусуси одамоне навишта мешавад, ки ҳаёту рӯзгори онҳо барои дигарон боиси омӯзиш, корашон ба манфиати давлату миллат ва фикру мулоҳизаҳояшон дар ҳалли масъалаҳои мушкил равона шудааст. Ҳамаи ин танҳо ба воситаи жанри очерк ифода мешавад.

Профессор А. Азимов дар ин хусус ба маврид ёдовар шудаанд, ки «… тасвири жарф, чеҳраи гӯё, давронсоз ва ҳақиқии ҳамасри мо аз тариқи васоили иртиботи ҳамагонӣ ба воситаи очерк муяссар шуда метавонад» (1, с. 13). Ҳамаи қаҳрамонҳои очерк, ҳодисаву руйдодҳои тасвиршаванда бо факту рақамҳои дақиқ пешниҳод мегардад, ки ин симои инсонро барҷаста нишон медиҳад. Хонандаи очерк дарк менамояд, ки кадом роҳу восита метавонад дар пешрафту тараққиёти ҳар касбу ҳунар ва расидан ба қуллаи мурод мусоидат намояд. Яке очеркро моли адабиёт донад, дигаре онро моли журналистон меҳисобад. Вале ба ҳар ҳол ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки дар очерк ҷиҳатҳои ҳақиқӣ ва бадеият дар якҷоягӣ омада, маводро пуртаъсир, дилкаш ва зебо мегардонанд.

Очерк асосан ба навъҳои иҷтимоӣ, портретӣ, таърихӣ ва сафарӣ ҷудо мешавад. Дар очерки иҷтимоӣ нависанда ба муҳимтарин масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ дахл карда, дар асоси таҳлилу муҳокима хулосаҳои амиқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебарорад. Дар очерки портретӣ зиндагӣ ва фаъолияти намояндагони пешқадами илму фарҳанг, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои меҳнат тасвир мешавад. Дар очерки сафарӣ мушоҳидаҳои нависанда ҳангоми сафар мавқеи муҳим дорад. Очеркҳои сафарӣ хонандаро ба урфу одат, комёбиҳои илмию меъморӣ ва дастовардҳои кории сокинони кишварҳои дуру наздик шинос менамояд. Очерк дар олами насри мустанад садсолаҳо боз мавқеъталаб аст. Замона ва замонасозиҳо ҳамеша дар рушди ин таҳрик бахшидаву мебахшанд. Дар тавсифи очерк ҳукму андешаҳои зиёде вуҷуд доранд. Дар баробари се навъи газетавии очерк даҳҳо навъи мавзуии онро дар Аврупову Русия то ҳол эътироф менамоянд. Як навъи маълуму маъмули он очерки портретӣ аст, ки ҷойгоҳи устувори худро ҳамеша нигоҳ медорад.

Очерки портретӣ бо тасвири образноки ҳаёти инсон бо хусусиятҳои умдаи худ ҳамеша диққати хонандаро ҷалб менамуд. Дар шинохти он бояд нигоҳи амиқе дошт. Дар навбати аввал бояд эътироф намуд, ки очерк нақл нест, балки тасвир аст. Тавсифи болохонадор низ очерк набуда, тарбия ва ҳикмати муайяни ин тавсиф ҳадафи аслӣ аст. Очерке, ки иттилоъ ва моҳияти иҷтимоиро дар худ фаро намегирад, очерк нест. Тарҷумаи ҳоли як нафар ҳатто

бо дарёфти даҳҳо факту асноди нав очерк буда наметавонад ва на ҳар як фард низ қаҳрамони очерк буда метавонад.

Дар маҷмуъ, очерк асари насриест, ки дар асоси ҳуҷҷат, воқеият, рӯйдодҳои дилчасп, ҳодисаҳо ва шахсиятҳои шинохтаи воқеӣ навишта мешавад. Он масъалаҳои муҳимми давру замон ва корномаҳои шахсиятҳои барҷастаро, ки дар рӯйдодҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа нақши арзанда доранд, мавриди тасвир қарор медиҳад ва дорои чунин хусусиятҳо мебошад: а) ҳамқадами замон буда, ба масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ бо тезӣ дахолат мекунад; б) дар бораи рӯйдодҳое баҳс мекунад, ки дар як давраи муайян барои ҷомеа ва давлат аҳаммияти дараҷаи аввал доранд. Яъне, фаврӣ будан ва зарурат хоси очерк мебошад. Ин аст, ки очеркро жанри ҷанговари адабиёт ва матбуот меноманд.

### АДАБИЁТ


1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик (солҳои 1920-1930) / А.Азимов. - Душанбе: «Адиб», 1998.
2. Азимов А. Публисистика ва замони муосир / А.Азимов. -Душанбе: «Шарқи озод», 2004.
3. Қутбиддинов А. «Симои кору пайкор» дар қолаби жанрии матбуоти муосир // Журналистикаи байналхалқӣ - 5. – Душанбе: Озар, 2013.
4. Қутбиддинов А. Як шохаи дигар аз се шоха// Ҷавонон ва илми муосир (маҷмуаи мақолаҳо) – Душанбе, 2014.
5. Муқимов М. Нақши очерк ва публитсистикаи муосир. // Журналистикаи байналхалқӣ V.-Душанбе: Озар, 2013.


### ШИНОХТИ ЖАНРИ ОЧЕРК ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК


Дар мақолаи мазкур муҳаққиқ ба шинохти жанри очерк дар журналистикаи муосир таваҷҷуҳ карда, дар ҷараёни пажӯҳиш андешаҳои муҳаққиқонро оид ба пайдоиши аввалин намунаҳои очерк, унсурҳои он, анвои ин жанр ва шинохти он дар публитсистикаву адабиёт низ баррасӣ намудааст. Бояд гуфт, ки очерк қаблан аз ҷумлаи жанрҳои серистеъмоли матбуот буд, вале имрӯз мавқеаш танг шуда, ҷойи онро жанрҳои дигари ҳаҷман хурд гирифтаанд. Пажӯҳиши мазкур дар ин шароит ҷиҳати шинохти бештари ин жанр кори муфидест.



**КАЛИДВОЖАҲО:** пажӯҳиш, жанр, очерки иҷтимоӣ, портретӣ, таърихӣ.


### ВЫЯВЛЕНИЕ ЖАНРА ОЧЕРКА В ТАДЖИКСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКЕ


В данной статье исследователь обратил внимание на признание жанра эссе в современной публицистике, а в ходе исследования обсудил мнения исследователей о появлении первых образцов эссе, его элементов, жанра этого жанра и его признания в публицистике и литературе. Следует сказать, что когда-то эссе было одним из самых распространенных жанров прессы, но сегодня его позиции сузились, и его место заняли другие более мелкие жанры. В этом контексте данное исследование является полезной работой для лучшего понимания этого жанра.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: исследование, жанр, социальный очерк, портрет, исторический.


### IDENTIFICATION OF THE GENRE OF THE OCHERK IN TAJIK JOURNALISM


In this article, the researcher paid attention to the recognition of the genre of the essay in modern journalism, and during the research, he discussed the opinions of the researchers on the emergence of the first samples of the essay, its elements, the genre of this genre and its recognition in journalism and literature. It should be said that the essay used to be one of the most widely used genres of the press, but today its position has narrowed and its place has been taken by other smaller genres. In this context, this research is a useful work for better understanding of this genre.



**KEYWORDS:** research, genre, social essay, portrait, historical.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифова Шарифамоҳ Гулмуҳаммадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **502221555.** E-mail: **sharifova@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Шарифова Шарифамох Гулмухаммадовна*** – Таджикский национальный униерситет, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **502221555.** E-mail: **sharifova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharifova Sharifamoh Gulmuhammadovna*** - Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **502221555.** E-mail: **sharifova@mail.ru**

# ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МИҚДОРУ ДАРАҶА ҲАМЧУН ЯК НАВЪИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ҲОЛӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ОСОРИ С. УЛУҒЗОДА)

*Намозова Р. О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумлаи пайрави ҳол аз рӯйи маъно ва вазифаи наҳвиаш гурӯҳи алоҳида ва хеле калони ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳад. Дар ин навъи ҷумлаҳо системаи воситаҳои алоқаи тобеъ, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо равшан ва пурра ифода шуданд. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ҳамчун як навъи ҷумлаи пайрави ҳол дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мавқеи махсусро дорост. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол, ки даҳ хеланд (ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф, натиҷа) ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати дараҷаю мавриди корбаст бартарӣ дошта, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа аз ҷумлаи онҳост. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар системаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони тоҷикӣ ҷойгоҳи хоса дошта, яке аз масъалаҳои баҳснок ва айни замон кам омӯхташуда ба шумор меравад. Муайян кардани вазифа, хусусиятҳои сохторию маъноии он бо дигар воҳидҳои наҳвӣ барои ҳалли бисёр ҷиҳатҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол ва дар маҷмуъ наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва умуман назарияи ҷумлаҳои мураккаб аҳаммияти калон дорад.

Муқаррар шудааст, ки ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа миқдор ва дараҷаю андозаи аломати сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои чӣ қадар?, то чӣ андоза?, то кадом андоза?, то кадом дараҷа? ҷавоб мешавад. Он бештар бо пайвандакҳои **чи қадаре ки, ҳар чи қадар(е) ки, ба андозае ки, то дараҷае ки, то ба дараҷае ки, то андозае ки, то ба андозае ки, ба қадре ки** ба сарҷумла тобеъ мешавад.

Забоншиноси маъруф Д. Тоҷиев дар асараш “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик” дар бораи ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа чунин менависад: “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа миқдор ва дараҷаю андозаи амалу ҳолати сарҷумларо шарҳ медиҳад. Ин ҷумлаи пайрав, пеш аз ҳама, миқдори амалу аломати сарҷумларо эзоҳ медиҳад [10, с.86].

Дар бораи таснифоти ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар асари Р. Асозода чунин оварда шудааст: “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа аз рӯйи ифодаи маъно се мафҳуми бо ҳам наздикро дар бар мегирад: миқдор, дараҷа ва ҳадду андоза. Ҳарчанд ин се мафҳум дар ифодаи амалу аломати сарҷумла хусусияти муродифӣ зоҳир мекунанд, бо вуҷуди ин бо баъзе ҷиҳати тобишҳои маъноӣ аз ҳам фарқ доранд [1, с.22].

Бояд қайд намуд, ки баъзе ҷиҳатҳои ҷумлаи пайрави ҳоли миқдору дараҷа дар забони адабии ҳозираи тоҷик омӯхта шудааст, вале аз диди нав пурраю ҳамаҷониба баррасӣ намудани ин воҳидҳои синтаксисӣ, муайян кардани хусусиятҳои сохторию маънои онҳо хеле ҷолиб мебошад. Аз ин рӯ, мо дар мақолаи худ мақсад гузоштем, ки ба асарҳои наҳвшиносон такя намуда, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли миқдору дараҷа, воситаҳои алоқаи дастурии онро дар доираи имкон таҳлил намуда, махсусиятҳои ин навъи ҷумлаи пайравро дар шакли хулоса натиҷагирӣ намоем.

Муҳаққиқи забоншинос Р. Асозода дар монографияи худ “Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар забони тоҷикӣ” ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ва тобишҳои маъноии ин навъи ҷумлаҳои пайравро ба назар гирифта, дар бораи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои мазкур чунин ибрози ақида намудааст: “Мо ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷаро аз нигоҳи маъно, вазифа ва воситаҳои робитаи онҳо бо сарҷумла ҳамчунин баъзе аз хусусиятҳои синтаксисиашон ба ду гурӯҳ ҷудо намудем:

1.Ҷумлаҳои пайрави миқдор

2. Ҷумлаҳои пайрави дараҷа” [1, с.26].

Ҳамин тариқ, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ миқдор, андоза ва дараҷаи воқеъ гардидани амали сарҷумларо мефаҳмонад.

Мувофиқи назарияҳои мавҷудаи илмӣ ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа аз рӯйи тобишҳои маъноиашон бо як қатор хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1. Аз рӯйи ифодаи маъно, агар ҷумлаи пайрави миқдор миқдору амалу аломати амали сарҷумларо эзоҳ диҳад, ҷумлаи пайрави дараҷа дараҷаю андозаи амалу аломати сарҷумларо ифода мекунад:

Дар забони тоҷикӣ мисолҳое низ ҷой дорад, ки сарҷумлаи онҳо танҳо аз ҷиҳати миқдор шарҳу эзоҳ талаб менамоянд. Дар чунин ҳолатҳо ифодаи маъноҳои дараҷа ва ё ҳадду андоза қисман имконнопазир мегардад:

**Ҳар қадар ки масофаи роҳ ба сӯйи колхози “Ситораи сурх” кӯтоҳтар мешуд,** азми Нуралӣ сусттар мегардид (Сотим Улуғзода, Мунтахабот, ҷ.1. саҳ.63). **Бачагон чӣ қадаре ки дилашон хоҳад,** бозӣ ва даводав мекарданд (Сотим Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо, саҳ.196). **Аммо ҳар қадар ки пештар мерафтам**, ман маъюстар мешудам, зеро пардаи шаффофи осмониранг кам-кам аз рӯйи кӯҳҳо бардошта мешуд ва ман фақат сангу шалҳои муқаррариро медидам (Сотим Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо, саҳ.131). **Зиёдахон ҳар чӣ қадар баландтар ғавғо кунад**, Шокарим аррачаашро ҳамон қадар сахттар сӯҳон мезанад (С. Улуғзода, Қиссаҳои драммавӣ, с. 346).

Дар мисолҳои боло ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа миқдору андозаи иҷро шудани амали сарҷумларо мефаҳмонанд. Дар ҳар се мисолҳо ҳам ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар аввал, пеш аз сарҷумла омадааст.

2. Воситаҳои робитаи онҳо бо сарҷумла низ фарқ мекунанд. Ҷумлаҳои пайрави миқдор бо пайвандакҳои **ҳар қадар ки, чи қадаре ки, ба қадре ки, то ҳар қадаре ки, ҳамон қадар ки, ҳамин қадар ки** ба сарҷумла тобеъ мешавад. Аммо дар ҷумлаи пайрави дараҷа бошад, пайвандакҳои ба **дараҷае ки, ба андозае ки, ба ҳадде ки** ба кор бурда мешванд. Чанд намунаи чунин мисолҳоро аз осори Сотим Улуғзода меорем:

**Ҳар қадар ки** ба водии Ҳисор пеш мерафт, нисбатан гармтар будани боду ҳаворо ҳис мекард (Сотим Улуғзода, Восеъ, саҳ.102). Мо сахт монда шуда, хунук хӯрда ва гурусна будем, **ба ҳадде ки** дигар маҷоли роҳ рафтанамон намонда буд (Сотим Улуғзода, Субҳи ҷавони мо, саҳ.135). Қувваи хофизии Аҳмад хуб инкишоф кард, **то ҳадде ки** вай ҳар шеъри хуберо бо як-ду шунавондан ё як-ду бор хондан азёд мекардагӣ шуд (Сотим Улуғзода, Аҳмади Дониш, саҳ.13).

Дар мисолҳои овардашуда ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо пайвандакҳои тобеъкунандаи миқдору дараҷа ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ҷумлаи якум ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо пайвандаки **ҳар қадар ки** ба сарҷумла тобеъ гардидааст ва миқдори иҷро шудани амали сарҷумларо фаҳмонидааст. Дар ҷумлаи дуюм ва сеюм бошад, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо пайвандаки тобеъкунандаи **ба ҳадде ки ва то ҳадде ки** ба сарҷумла тобеъ шуда, андоза ва дараҷаи иҷро шудани амали сарҷумларо ифода кардааст.

3. Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа калимаву таркибҳои ҳамнисбати хоси худро доранд ва ин калимаву таркибҳои ҳамнисбат дар таркиби ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа вобаста ба тобишҳои маъноӣ ва мавқеи истифодаашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷумлаи пайрави миқдор калима ва таркибҳои ҳамнисбати **он қадар, ин қадар, ҳамон қадар, ҳамин қадар, ба қадре, қадре, он миқдор** ва монанди инҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҷумлаи пайрави дараҷа калима ва таркибҳои ҳамнисбати **чунон,ончунон, чандон, ба дараҷае, ба андозае, ба ҳаддеро** шарҳ медиҳанд. Чанде аз чунин ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷаро, ки калима ва таркибҳои ҳамнисбатро шарҳу эзоҳ додаанд, дида мебароем:

Аз гапи охирини миршаб ӯ **ҳамин қадар** фаҳмид, ки Назир дар ин ҷо ба қайду банд набудааст (Сотим Улуғзода, Восеъ, саҳ.149). Вай аз ҳуҷуми ногаҳонии Восеъ **он қадар** натарсида буд, ки аз кушта шудани закотчӣ тарсид: амир сабаби қатли ӯро хоҳад пурсид, ба вай чӣ ҷавоб бояд дод (Сотим Улуғзода, Восеъ, саҳ.312). Ҳошим Корвон **чунон** бо шавқ гӯш меандохт, ки пайдо шудани Шодигулро надониста монд (Сотим Улуғзода, Мунтахабот, ҷ.1,саҳ.265). Шодигул **чунон** оҳиста ворид шуд, ки дар хона будагон омадани ӯро пайхас накарданд (Сотим Улуғзода, Мунтахабот, ҷ.1, саҳ.263). Хоҷа ҳарчи бисёртар ғулому каниз дошта бошад, **ҳамон қадар** давлатманд ва товонгар ҳисоб меёфт (Сотим Улуғзода, Пири ҳакимони машриқзамин, саҳ.25). Таърих ҳукми маданияти онҳоро, ки

баровард, ҳаракати аз нав зинда гардонидани онҳо, **ҳар қадар** қаҳрамононаву устуворона бошад ҳам, маҳкуми бесамарият (Сотим Улуғзода, Пири ҳакимони машриқзамин, саҳ.63).

Дар мисолҳое, ки аз осори Сотим Улуғзода овардем, калимаҳои ҳамнисбат дар таркиби сарҷумла омада, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа барои шарҳу эзоҳи ҳамин калима ва таркибҳои ҳамнисбат истифода шудааст. Дар ҷумлаи якум “Аз гапи охирини миршаб ӯ **ҳамин қадар** фаҳмид” сарҷумла буда, “ки Назир дар ин ҷо ба қайду банд набудааст” ҷумлаи пайрав аст. Ҷумлаи пайрав барои эзоҳи таркиби ҳамнисбати **ҳамин қадар** омада, баъд аз сарҷумла омадааст. Ҷумлаи дуюм таркиби ҳамнисбати **он қадар** дар таркиби сарҷумла омада, ҷумлаи пайрав баъд аз сарҷумла ҷой гирифтааст. Дар ҳар ду мисоле, ки овардем калимаву таркибҳои ҳамнисбати ҷумлаи пайрави миқдор ба кор бурда шудааст. Дар ҷумлаи сеюм ва чорум калимаи ҳамнисбати **чунон** омада, дараҷаву андозаи иҷро шудани амали сарҷумларо фаҳмонида, ҷумлаҳои пайрави дараҷа баъд аз сарҷумла омадааст.

4. Ҷойи онҳо дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ яксон нест. Ин навъи ҷумлаҳои пайрав пеш аз сарҷумла, дар мобайн ва баъд аз сарҷумла ҷой мегиранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар байн омадани ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа хеле кам ба назар мерасад. Тарзи ҷойгиршавии ҷумлаҳои пайрави мазкур барои ифодаи маънои асосӣ ва тобишҳои иловагии он низ таъсир мерасонад. Ҷумлаҳои пайрави миқдор дар бештари ҳолатҳо пеш аз сарҷумла воқеъ мешаванд. Ҷумлаи пайрави дараҷа дар бештари мавридҳо пас аз сарҷумла ҷой мегирад.

**Ҳар қадар ки наздик меомаданд,** ғурриши чарху тасмачархҳошон мудҳиштар мегардид (Сотим Улуғзода, Қиссаҳои драмавӣ, саҳ. 83). Чунон заиф шуда буд, **ки дигар қуввати бархостану ба по истодан надошт** (Сотим Улуғзода, Пири ҳакимони машриқзамин, саҳ.103). Ҳамон миқдор арабиро, **ки мо дар мадраса нуздаҳ сол меомӯзем**, дар дорулфунунҳои русӣ ба як сол ёд мегирифтаанд (Сотим Улуғзода, Қиссаҳои драмавӣ, саҳ. 278).

Дар мисоли аввал ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа пеш аз сарҷумла омадааст ва ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи **ҳар қадар ки** ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ҷумлаи мазкур тобиши маънои ҷумлаи пайрави миқдор нисбат ба дараҷа зиёдтар аст. Дар ҷумлаи дуюм ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа баъд аз сарҷумла омада, калимаи ҳамнисбати **чунонро**, ки дар таркиби сарҷумла омадааст, шарҳу эзоҳ додааст. Сабаби баъд аз сарҷумла омадани ҷумлаи пайрав маҳз ба калимаҳои ҳамнисбат вобаста аст, зеро ҷумлаи пайрав ҳамеша баъд аз ҳамон калимаю таркибҳои эзоҳталаб ҷой мегирад. Дар ин ҷумла тобиши маънои ҷумлаи пайрави дараҷа дида мешавад. Дар ҷумлаи сеюм бошад, ҷумлаи пайрави миқдор дар мобайн (**ки мо дар мадраса нуздаҳ сол меомӯзем**) омада, калимаи ҳамнисбати **ҳамон миқдорро** шарҳу эзоҳ додааст. Муайян намудани ҷойи ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ва муносибати он бо сарҷумла ба воситаҳои алоқаи тобеъ низ вобаста аст. Агар ҷумлаи пайрав ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи миқдору дараҷаи ҳар қадар ки, чи қадар ки, ҳамон қадар ки ба сарҷумла тобеъ шавад ҳамеша пеш аз сарҷумла воқеъ мегардад, ки чунин мисолро мо дар боло овардем. Дар ин ҳолат ҷумлаи пайрав мафҳуми пурраи сарҷумларо эзоҳ медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ҳамчун як навъи ҷумлаҳои пайрави ҳолӣ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мавқеи хоса дошта, дар алоқамандӣ бо сарҷумла барои ифодаи фикри нисбатан тафсилёфта хизмат мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Асозода Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар забони тоҷикӣ / Р.Асозода. – Душанбе, 2010.
2. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С. Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1975.
3. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1985.
4. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ барои хонандагони омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона / Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1942.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷилди ll. – Душанбе: Дониш, 1986.
6. Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф. Зикриёев. – Душанбе: Ирфон, 1976.
7. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2010.

8. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис). Васоити таълимӣ барои донишҷӯён / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011.
9. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1968.
10. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол) / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1981.
11. Хоҷаев Д.Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2021.
12. Ҳусейнов Х.Ҷумлаи пайрави андозаю миқдор //Мактаби советӣ, 1961. – №8.
13. Сотим Улуғзода. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз чор ҷилд / Сотим Улуғзода – Душанбе, 1975.
14..Сотим Улуғзода. АҳмадиДониш / Сотим Улуғзода – Сталинобод, 1945.
15. Сотим Улуғзода. Восеъ / Сотим Улуғзода – Душанбе: Адиб, 2020.
16. Сотим Улуғзода. Қиссаҳои драмавӣ (Маҷмуаи пиесаҳо) / Сотим Улуғзода – Душанбе, 1984.
17. Сотим Улуғзода. Мунтахабот.Иборат аз ду ҷилд / Сотим Улуғзода –Душанбе: Ирфон,1982. – Ҷ.2.
18. Сотим Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо / Сотим Улуғзода – Сталинобод, 1956.
19. Сотим Улуғзода. Фирдавсӣ / Сотим Улуғзода – Душанбе, 1988.

## ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МИҚДОРУ ДАРАҶА ҲАМЧУН ЯК НАВЪИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ҲОЛӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ОСОРИ С. УЛУҒЗОДА)

Дар мақолаи мазкур мавқеи ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳолӣ муайян карда шудааст. Таъкид мегардад, ки ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави ҳол мавқеи устувор дошта, бо аломат ва хусусиятҳои хоси худ аз дигар навъи ҷумлаҳои пайрав фарқ мекунанд. Муайян карда шуд, ки дар осори Сотим Улуғзода ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави ҷумлаи миқдору дараҷа ба таври фаровон ба кор бурда шудаанд. Ҷумлаҳои пайрави типи мазкур бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба сарҷумла тобеъ шуда, миқдору дараҷа ва ҳадду андозаи иҷро шудани амали сарҷумларо ифода мекунанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ҷумла, ҷумлаҳои мураккаб, ҷумлаҳои тобеи ҳолат, ҷумлаҳои нисбии миқдор ва дараҷа, воситаҳои алоқаи грамматикӣ.

## ПРИДАТОЧНОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ КОЛИЧЕСТВА И СТЕПЕНИ КАК ПОДВИД ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ОБСТОЯТЕЛЬСТВА (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ ПРОИЗВЕДЕНИЙ С. УЛУЗАДЕ)

В данной статье определяется место придаточного предложения обстоятельство количества и степени в составе сложноподчиненных обстоятельных предложений. Подчеркивается, что придаточные предложения количества и степени имеют устойчивое место в сложноподчинительных предложениях с обстоятельными придаточными предложениями, и отличаются от других видов придаточных предложений своими особыми признаками. Выяснилось, что в произведениях Сотима Улугзаде обильно используются сложные придаточные предложения с придаточными предложениями количества степени. Данной тип придаточного предложения с помощью различных грамматических средств подчиняется главными предложениями и выражают количество и степень выполнения действия главного предложении

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: предложение, сложноподчиненные предложения, придаточные предложения обстоятельство, придаточные предложения количества и степени, средства грамматической связи.

## THE RELATIVE CLAUSE OF QUANTITY AND DEGREE AS A SUBSPECIES OF THE SUBORDINATE CLAUSE OF CIRCUMSTANCES (BASED ON THE MATERIALS OF THE WORKS OF S. ULUGZADE)

This article determines the place of the subordinate clause, the circumstance of quantity and degree, in the composition of complex subordinating circumstantial sentences. It is emphasized that the relative clauses of quantity and degree have a stable place in complex subordinating clauses with circumstantial clauses, and differ from other types of clauses in their special features. It turned out that in the works of Sotim Ulugzade, complex subordinate clauses with relative clauses of the amount of degree are abundantly used. This type of subordinate clause, with the help of various grammatical means, is subordinate to the main clauses and expresses the number and degree of performance of the action of the main clause.

**KEYWORDS**: sentence, complex sentences, subordinate clauses circumstance, relative clauses of quantity and degree, means of grammatical connection.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Намозова Рухшона Олимовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон **917-66-47-04.**

**Сведения об авторе:** ***Намозова Рухшона Олимовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон **917-66-47-04.**

**Information about the author**: ***Namozova Rukhshona Olimovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **917-66-47-04.**

# ЗАРУРАТ ВА АҲАММИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ АРТ-ДИРЕКТОР ДАР МАТБУОТИ ЧОПИИ ТОҶИКИСТОН

***Абунасрзода А.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Арт-директор (ба забони англисӣ art director – «роҳбари бадеӣ»), - роҳбари бадеӣ, менеҷери санъат, роҳбари шуъбаи санъат ё дигар шуъбаи эҷодӣ ё лоиҳаи медиавӣ; номи умумӣ барои як қатор вазифаҳои шабеҳи роҳбарикунанда дар соҳаҳои гуногун, аз қабили таблиғ,ноширӣ, филм, театр, тарроҳӣ (дизайн), матбуот, телевизион, интернет ва ғайра мебошад.

Дар давоми 20 соли охир мувофиқи талаботи рӯз ҷойҳои нави корӣ муайян ва пешниҳод карда шуданд. Яке аз ин ҷойҳои нави корӣ, ки барои бисёрҳо ҷолиб ва писанд аст, арт-директор (роҳбари бадеӣ) мебошад.

Воқеан, имрӯз дар ҷаҳон бисёре аз ширкатҳо бо мушкилоти марбут ба ҷустуҷӯйи чунин мутахассисон (арт-директор)-ро аз сар мегузаронанд. Чунки рушди бемайлони техника ва технология, зиёд шудани теъдони корхонаҳо, ҳаҷми истеҳсолот, васеъ гардидани доираи интихоби молу маҳсулот ва дигар шудани талаботи муштариён тақозо менамояд, ки дар корхона, ташкилоту идораҳо мутахассисоне фаъолият кунанд, ки аз нозукиҳои омилҳои номбурда огоҳ бошанд. Одатан, директорони бадеӣ ва арт-директор дар ҳалли ин масъалаҳо фаъол ҳастанд, зеро онҳо механизмҳои асосии фаъолияти ширкатро хуб медонанд. Барои он ки мушкилоти мазкур ба фаъолияти ширкат таъсир нарасонад, мутахассисони номбурдаро ҷалб кардан лозим аст.

Арт-диретор аввал вазифадор аст, ки идеяҳоро тавлид намуда, сипас, онҳоро амалӣ кунад. Чунин мутахассис метавонад танҳо кор кунад, вале дар баъзе ҳолатҳо ӯ ба копирайтерҳо (таҳиягар, муаллифи матнҳои таблиғотӣ, нашири ғояҳои нав дар таблиғ) ниёз дорад. Дар баробари ин, мутахассисон, ба монанди дизайнерҳо, рассомон, аксбардорон метавонанд ба роҳбари бадеӣ итоат кунанд. Дар ташкилотҳои нисбатан хурде, ки роҳбарият наметавонанд барои кори ин қадар мутахассис маблағ пардохт кунанд, масъулияти арт-диретор ин соҳаҳоро низ дар бар мегирад.

Масъалаҳои кори тарроҳиро фаҳмидан, эҷодкор будан, махсусиятҳо маркетинг, менеҷмент ва иқтисодро донистан барои арт-директор ҳатмист, илова бар ин, ӯ бояд равоншинос бошад, то битавонад талаботи муштариро аз лиҳози равонӣ низ муайян кунад.

Табиист, ки барои кор танҳо мутахассис лозим аст. Вазифаҳои роҳбари бадеӣ на танҳо зуҳури эҷодкорӣ, балки таҳлили бозор ва нархгузориро низ дар бар мегиранд. Вай бояд презентатсияҳо таҳия кунад, намоишҳо гузаронад. Таҷриба дар тиҷорати тарроҳӣ ва таблиғотӣ барои кори ӯ аҳаммияти бузург дорад ва ҳар қадар дониш ва таҷрибаи бештар дошта бошад, ҳамон қадар молу маҳсулоти корхона бозоргир мешавад.

Кори арт-директор хеле мураккаб ва гуногун аст. Онро аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан душвор аст ва маҳорати касбиро дар ин самт танҳо тавассути таҷриба ба даст овардан мумкин аст. Дар аксар донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои давлатҳои Аврупо ва Русия имрӯз ин ихтисос таълим дода мешавад ва талаботи бештар низ дорад. Зеро аз зумраи касбҳои мудерн ва ояндадор шинохта шудааст. Инчунин, “арт-директорҳо аз ҷумлаи мутахассисоне мебошанд, ки музди маоши хуб доранд. Масалан, музди миёнаи маоиши яксолаи онҳо дар Амрико беш аз 100 000 доллар ва дар Русия бошад қариб 1 000 000 рублро ташкил медиҳад” [3].

Пештар фаъолияти арт-директор бештар дар театр, синамо, телевизион, мӯд, тиҷорат назаррас буд. Имрӯз дар аксари давлатҳои дунё шахсе бо номи арт-директор дар идораҳои воситаҳои ахбори оммаи чопии сатҳи байналмилалӣ фаъолият мекунад, ки вазифаи асосии он беҳтар гардонидани сифати чопи нашрия мебошад. Арт-директор кӯшиш мекунад барои саҳифабандии ҷолиби нашрия мутахассисони ҳирфаиро ҷалб намояд ва кори онҳоро вобаста ба талаботи бозори матбуоти чопӣ назорат кунад.

Пайдоиши фаъолияти арт-директор ҳамчун кори расмӣ дар воситаҳои ахбори омма ва таблиғот бори аввал дар агентиҳои иттилоотӣ-таблиғотии Амрико дида мешуд. “Вазифаи ин директорон муайян кардани мундариҷаи таблиғот, ҷузъиёти иҷрои корҳои таблиғотӣ ва истифода бурдани техникаи муосир, роҳҳои муассири ороиш, ҷобаҷогузории матолиб ва дигар ҷузъиёти ба ин монанд буд” [2]. Мутаассифона, дар бештари идораҳои воситаҳои ахбори оммаи чопии Тоҷикистон фаъолияти чунин мутахассисон ба назар намерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бештари рӯзномаву маҷаллаҳои мо бо тарҳҳои кухна ва ғайрикасбӣ омода ва нашр мешаванд, ки ин ба доираи фарогирии хонандаи он бетаъсир намемонад.

Дар матбуоти чопӣ вазифаи роҳбари бадеӣ аз рӯйи ороиши нашрия ё рӯзномаҳо кор кардан аст. Ин мутахассис бояд бо муҳаррирон ҳамкорӣ кунад, дар эҷоди як нашрияи таъсиргузор ва бозоргир саҳм гузорад. Одатан, вазифаҳои роҳбари бадеиро сармуҳаррир назорат мекунад. Аммо идораҳои бузурги иттилотӣ ва нашрияҳои муваффақ бештар ба арт-директорҳо такя мекунанд.

Тавре гуфтем, вазифаи асосии арт-директор дар кори матбуоти чопӣ назорати сатҳу сифати саҳифабандии нашрия, ба завқи хонанда мутобиқ гардонидани шакли ҷобаҷогузории матолиб мебошад, вале дар баробари ин, “дар назди арт-директори матбуоти чопи вазифаҳои иловагие меистанд, ба монанди:

- эҷод кардани лоиҳаи нав барои нашрия, амалӣ кардани онҳо ва маблағи зиёд ворид кардан ба буҷаи идора;
- интихоби аксҳо, ҳарфҳо, рангҳо, диаграммаҳо, графикҳо ва дигар унсурҳои ҷолибкунанда барои лоиҳаҳо ва матолиби нашрия;
- ҳамкорӣ бо аксбардорон ва рассомон, бахусус, дизайнерон барои тавлиди мундариҷаи мувофиқ ба ниёзҳои ҷомеа;
- назорати ҷиддӣ аз рӯйи фаъолияти шуъбаҳои таблиғ ва реклама;
- санҷиш, баррасӣ ва тасдиқи тарзи саҳифабандӣ ва ҷобаҷогузории мундариҷаи нашрия ва ғайра” [4].

Ҳамчунин, арт-директор шахсест, ки як гурӯҳи тарроҳонро идора мекунад. Яъне, онҳое, ки дар лоиҳаи нави идораи нашрия кор мекунад. Арт-директор аҳаммияти лоиҳа ва вазифаҳои тарроҳонро муайян мекунад. Умуман, сиёсати идоравиро дар ин самт бештар арт-директор ба уҳда дорад.

Аз тарафи дигар, дар ҳар як лоиҳа роҳбари бадеӣ дар бораи рассомон фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунад. Кори ӯ фаҳмидани унсурҳои тарроҳии лоиҳаҳо, илҳом бахшидан ба дигар эҷодкорон ва нигоҳ доштани лоиҳаҳо, иҷрои саривақтӣ ва манфиати онҳо ба идораи нашрия мебошад. Ҳамин аст, ки танҳо баъди мувофиқи хулосаи ниҳоии арт-директор график, сурат ё диаграмма, ё дар умум ороиши нашрия ва лоиҳаро тайёр мекунанд.

Роҳбари бадеӣ бояд кори бадеии аъзои коллективро рӯйирост баҳо дода, бартариҳо ва камбудиҳояшро муайян кунад, зеро метавонанд баъзе аъзои гурӯҳ барои манфиати шахсӣ пинҳон аз роҳбари аввал амалишавии лоиҳаро ба сӯйи талаботи асосии муштарӣ равона созанд. Арт-диретор метавонад ҳақиқати лоиҳаро бидуни тарсу ҳарос ва эътимод ва ҷасорат баён карда, масъалаҳои молиявӣ, буҷети нашрия ва тақсимоти онро назорат намояд, то тавонанд ҳадафҳоро дақиқ муайян сохта, барои расидан ба онҳо ҳарчи бештар неру сарф кунад.

Тарроҳони нашрияҳои чопӣ услубҳо, завқ ва шахсиятҳои гуногун доранд, ки дар тарҳҳои онҳо инъикос меёбанд, аз ин рӯ арт-директорро зарур аст:

- завқи онҳоро донад ва ин маҳоратҳои гуногунро ба ҳам пайваста, барои эҷоди як тарҳи мукаммали замонавии нашрия ва лоиҳи он истифода барад;
- фикру таҷрибаи кормандонро ба инобат гирад;
- бояд ҷиҳатҳои мусбат ва манфии коллективи худро донад, то ки дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо истифода барад;
- бояд ҳамеша огоҳ бошад, ки кадом тарҳу усулҳои саҳифабандӣ дар бозори тарроҳӣ ба вуҷуд омадаанд ва онҳоро ба манфиати идораи нашрия истифода намояд;

- роҳбари бадеӣ бояд эҷодкорӣ, дониш ва малакаҳои хуби муаррифӣ дошта бошад, то ба муштарӣ сабабҳои асосноки манфиатбахши лоиҳаи интихобшударо фаҳмонда тавонад.

- роҳбари бадеӣ бояд дар бораи сарпарастони лоиҳаи нашрия, ки мехоҳад ба онҳо кор кунад, маълумот кофӣ дошта бошад ва талаботу манфиатҳои онҳоро хуб донад;

- ӯ бояд мутахассисони касбиро ба кор ҷалб кунад ва ғайра...

Арт-директор вазифадор аст, ки ба сармуҳаррири нашрия ҳисобот диҳад, якҷоя бо муҳаррирони рубрикаҳои гуногун кор мекунад, бо ороишгарон, рассомон ва мутахассисони техникӣ оид ба тарҳ ва корбурди аксҳову рангҳо пайваста кор кунад. "Хусусан, ҳангоми таҳияи саҳифаҳои нашрия меъёрҳои касбӣ ва стандартҳои давлативу байналмилалиро риоя намояд. Масалан, ҳангоми кор бо нашрияҳои бачагона, риояи талаботи андозаи ҳуруф, корбурди ранг ва интихоби коғаз муҳим аст ва ин вазифаи арт-директор мебошад" [1].

Сарфи назар аз ҳама тафовутҳои кори арт-директор дар соҳаҳои гуногун, бояд сифатҳои зеринро дошта бошад: эҷодкорӣ, дарки услубҳо, завқи бадеии инкишофёфта, шинохти шакл ва ранг, эътимод ба худ, қобилияти баланди корӣ, неруи хуби идоракунӣ, муносибати корӣ ва масъулият. Доштани дониш дар бахшҳои таърих ва назарияи тарҳу санъат, ҳуруф, ранг ва умуман, сифати чопи матбуот низ барои ӯ муҳим аст. Илова бар ин, арт-директор бояд махсусиятҳои барномаҳои компютерӣ, аз қабили Photoshop, Illustrator, InDesign ва ғайра донад. Дар хусуси донистани барномаҳои компютерӣ, махсусан, барномаҳое, ки барои саҳифандӣ ва коркарди маводи матбути чопӣ пешбинӣ шудаанд, дар боби дуюми рисола маълумоти бештар дода мешавад. Донистани қонуни ҳуқуқи муаллиф низ барои арт-директорон зарур аст, зеро дар баъзе ҳолатҳо тарҳ ва шакли пешниҳоди матолиби нашрия бо каме тағйирот аз ҷонби дигар идораи рӯзнома истифода мешавад, ки мумкин нест ва инро арт-директор бояд назорат карда истад.

Хулоса, ҳамаи махсусиятҳо ва вазифаҳои арт-директор, ки дар боло қайд карда шуд, ба он далолат мекунад, ки бояд имрӯз дар идораҳои матбуоти чопии Тоҷикистон чунин мутахассисон фаъолият кунанд. Зеро бидуни чунин мутахассис тарҳи нашрия, сифати чоп ва тарзи пешниҳоди маводи он харидор ва ё хонандаи худро пайдо намекунад. Баъзе аз идораи матбуоти чопии мо кори саҳифабандӣ ва коркарди маводи нашрияро хоси танҳо дизайнерон медонанд, ки то андозае нодуруст ва ғайримақсаднок аст. Фарқи асосии байни арт-директор ва дизайнер ё тарроҳ дар он аст, ки нақши арт-директор бештар хусусияти назоратӣ дорад, дар ҳоле ки тарроҳон ба эҷоди маҳсулоти воқеӣ тамаркуз мекунанд. Яъне, арт-директор аз муҳтавои мавод, жанр ва хонандаи он огоҳ аст, медонад, ки ин маводро дар кадом саҳифа, бо кадом шаклу ороиш пешниҳод намояд. Албатта, ороиш ва тарҳерзӣ кори дизайнер аст, аммо хосият ва таъсиргузории онро арт-директор муайян карда метавонад. Ба ҳамин хотир, фаъолияти чунин мутахассисон дар матбуот, бахусус, расонаҳои чопии мо хеле зарур ва таъхирнопазир аст. Чунки бо пайдоиш ва рушди расонаҳои нав матбуоти чопӣ хонандаи худро аз даст дода истодааст, хосатан, дар Тоҷикистон, ки санъати ороиш ва тарҳрезии матбуоти чопӣ ба таври кофӣ рушд накарда истодааст.

## АДАБИЁТ


1. Арт-диретор / https:// www.profguide.io/professions / Art_ director. Html. – 04.01.2016.
2. Роҳбари бадеӣ кист?" https://karlib.com/blog/artistic-manager/. – 11.02.2022.
3. Роҳбари бадеӣ чӣ масъулият дорад? BusinessMan.ru. – 17.10.2015.
4. Рустамӣ, О. Идоракунии санъат чист? Роҳбари бадеӣ кист? / О. Рустамӣ // https://karlib.com/blog/artistic-manager/. – 11.02.2022.


## ЗАРУРАТ ВА АҲАММИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ АРТ-ДИРЕКТОР ДАР МАТБУОТИ ЧОПИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф зарурат ва аҳаммияти фаъолияти арт-директор дар матбуоти чопии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Дар он вазифа ва махсусиятҳои фаъолияти арт-директор дар матбуоти чопӣ баррасӣ гардидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: матбуоти чопӣ, арт-директор, сифати чоп, саҳифабандӣ, тарҳрезӣ.


## НЕОБХОДИМОСТЬ И ЗНАЧИМОСТЬ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АРТ-ДИРЕКТОРА В ПЕЧАТНОЙ ПРЕССЕ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье автор изучил и исследовал необходимость и значение деятельности арт-директора в таджикских печатных СМИ. Обсуждаются обязанности и особенности работы арт-директора в печатных СМИ.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: печатные издания, арт-директор, качество печати, верстка, дизайн.

**THE NECESSITY AND IMPORTANCE OF THE ACTIVITY OF THE ART DIRECTOR IN THE PRINT PRESS OF TAJIKISTAN**

In this article the author studied and researched the necessity and importance of art director's activity in Tajik print media. It discusses the duties and specialties of the art director's work in the print media.
**KEYWORDS**: printed editions, art director, print quality, layout, design.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абунасрзода Абдурозиқ Мардонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Абунасрзода Абдурозик Мардони*** - Национальный университет Таджикистана, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Abunasrzoda Abduroziq Mardoni*** - Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ГУНАНОКИИ САРФӢ ДАР АШЪОРИ ГУЛРУХСОР

***Норматова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вариантнокии луғавӣ ё ин ки гунанокии луғавӣ аз ҷумлаи он ҳодисаҳои лингвистие мебошад, ки дар сурати тағйирёбии таркиби овозии калима ҳам ба доимӣ будани он далолат мекунад. «Дар забоншиносии муосир истилоҳи «вариант»// «гуна» ба таври фаровон истифода мешавад. Ба маъни васеъаш дар мафҳуми «гуна» тағйири шаклӣ, сохторӣ ва маъноии воҳидҳои забонӣ (фонема, морфема, калима, қолабҳои калимасозӣ ва воҳидҳои наҳвӣ) фаҳмида мешавад» [2, с.147]. Забоншиносон гунанокиро ҳамчун ҳодисаи луғавӣ ба ду гурӯҳ – гунанокии савтӣ ва гунанокии сарфӣ ҷудо кардаанд. Гунанокии савтӣ ё гунанокии фонетикӣ гунанокие мебошад, ки танҳо дар натиҷаи тағйири овозҳои таркиби калима ба вуҷуд омада, ба маънои якхела далолат мекунад. Дар ашъори Гулрухсор ин навъи гунанокӣ ниҳоят серистеъмол аст:

Чун ҳазорон сол аз ин пеш,
Наштари фӯлодии бехобӣ
Кӯр созад чашми хобамро.
Чун ҳазорон сол аз ин пеш,
Аз барои ахтари маснуие,
К- аз пардаи абри **сиёҳ**
 рахшиду бигзашт,
Хунбаҳо додам офтобамро [5, с.32].

Ҳама сӯйи ту раҳ гирем,
Бузургоне, ки дар гардуни ирфонат нагунҷиданд,
Ҳақироне, ки хуршеди туро
дар бомдоди софи эҳёт,
Ба сони рӯзгори бечароғи худ **сиях** диданд [5, с.63].

Оҳи бадарду **кӯтаҳи** инсони оҷиз аст,
Гӯётар аз сухан.
Як умр гиря мекунад танҳоии ғариб,
Дар байни анҷуман, дар хандаҳои ман… [5, с.149].

**Зиндагӣ** омаду рафт!
Ҷилваи ранги сароб
дар ҳубобе нашикасту нанамуд,
Дуда аз ойинаи машъала занге назудуд,
Зи ҳаюло шараре
дар гили озар нанамуд,
Рафта аз н-омада сирре насуруд…[5, с.6].

Дар ин мазори ғариб,
Чароғи лолаи гӯре, ба нури мастуре,
Марги **зиндагонии** маро ҳамекунад инкор.
Дар ин диёри ҷангзада,
Фасонаи оштии нигоҳе ишқи хуфтаи маро
ҳамекунад бедор [5, с.15].

Дар мисолҳои боло калимаҳои сиёҳ-сияҳ, кӯтоҳ-кӯтаҳ, зиндагӣ-зиндагонӣ гунаҳои луғавӣ ба ҳисоб меравананд, ки дар баробари ба як маънои луғавӣ далолат кардан аз бобати ифодаи тобишҳои маъноиву услубӣ ва оҳангу талаффуз аз ҳамдигар тафовут доранд. Калимаҳои сиёҳ, кӯтоҳ ва зиндагӣ хусусияти умумиистеъмолиро соҳиб буда ҷуфтҳои онҳо – сияҳ, кӯтаҳ, зиндагонӣ оҳанги шоирона доранд. Аз ин сабаб онҳо аз бобати дараҷаи истеъмолашон ба гурӯҳи калимаҳои китобӣ дохил мешаванд. Ин падидаро профессор Маҷидов Ҳ. хеле хуб қайд кардааст: «Гунаҳои калимаҳо, ки қиёфаи овозии калимаро ҳар яке бо тағйироти аз ҳам фарқкунанда акс кардаанд, ба маънои якхела далолат кунанд ҳам, оҳангу тобишҳои маъноии нотакрор доранд» [8, с43]. Баъзан ҳамин хел оҳангу тобишҳоро дар калимаҳои ҷудогонаи мансуби китобӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, вожаҳои **афсона** ва **фасона** гунаи луғавии якдигаранд, **фасона** китобӣ мебошад, аммо **афсона** умумиистеъмол аст. Гулрухсор дар навиштаҳояш ҳар ду шаклро истифода кардааст:

Тамом шуд
**фасонаи** намудану набудани дурӯғи ростӯ,
Тапидани ҷудо-ҷудои як тани ду тан тамом шуд.
Танидани нигоҳи дидани надиданӣ,
Тавони тоби зиста - назистан тамом шуд,
Ҳамосаи фиғони бесухан тамом шуд [5, с.10].

Сеҳру **афсона** пур аз ту,
Хешу бегона пур аз ту,
Бе ту, як хона пур аз ту,
Ту куҷоӣ?! [5, с.28].

Дар тавлиди гунанокии савтӣ дар ашъори Гулрухсор асосан панҷ омилро метавон мушоҳида намуд, ки он мавзуи баҳси дигар аст. Гунанокии сарфӣ нисбати гунанокии савтӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ камтар мушоҳида мегардад. Адибон дар нигоштаҳояшон вобасата ба имкониятҳои забонӣ аз ин ҳодисаи лингвистӣ истифода мебаранд. «Гунанокии сарфии калима бештар дар шакли ҷойивазкунии морфемаҳои таркиби онҳо ба назар мерасад. Одатан чунин вариантҳо ба сифатҳои мураккаби ифодакунандаи аломати ҷисмонии шахс мансубанд. Онҳо на фақат аз бобати ифодаи маънoҳои луғавӣ, ҳамчунин аз бобати оҳангу ҷилваҳои дигар низ аз ҳамдигар кам фарқ мекунад» [7, с. 45]. Дар ин навъ одатан решаҳои калимаҳои мураккаб ҷойи ҳамдигарро иваз менамоянд. Истифодаи ин хели гуна дар нигоштаҳои ҳар як адиби хушсалиқа сурат мегирад. Шоири ширинсухан Гулрухсор низ дар ашъораш зиёд набошад ҳам чанде аз ин қабил гунаҳои калимаҳоро истифода кардааст. Вай бештар шакли китобии гунаҳои сарфиро дар шеъраш мавриди истифода қарор додааст ва гоҳе шакли умумиистъмоли онро низ истифода бурдааст. Мисол:

**Гулғунча-ғунчагул**
Гарам доси дарав дорӣ,
Дигар **гулғунчаҳоро** сар мазан
дар боғи сарсабзи нумӯи худ.
Ману ту як Ватан гумкардаҳо дорем,
худро низ гум кардем,
Асои нангро бояст сӯзан кард
андар роҳи дури ҷустуҷӯи худ! [5, с.55].

**Рӯсияҳ-сияҳрӯ**
Мӯсафеде **рӯсиёҳӣ** гар кунад,
Покии ӯро хуморӣ мешавем.
Дар замину дар замони қоғазӣ,
Нахли худрӯро хуморӣ мешавем... [5, с.153].

Дар ин навъи гунанокӣ метавонад аффиксҳои калима бо аффиксҳои ҳаммаънояш иваз гардад. Масалан, вожаҳои duздвор-дуздона, гургвор-гургона, воҳимагар-воҳимачӣ ва ғайраҳо. Дар китоби шеърҳои мавриди таҳқиқи мо танҳо калимҳои **дуздона ва гургона** ба назар расид**:**

**дуздвор-дуздона:**

Як рӯзи дароз ҷуғз дар лонаи ғайр,
Бегонаву **дуздона** фароғат мекард.
Дар панҷаи шерафкани сайёди аҷал,
Ҷӯлида ба хун ғизол тоқат мекард [5, с.134].

**гургвор-гургона:**
Ҳаво торику боронист,
Хуршеди нигоҳе нест,
Намедонам куҷо бигрезам аз кошонаи сарду сиёҳи худ.
Маро, з-ойина, бе ман нусхагирӣ мекунад
чашми ҳазорон чашм,
Маро ҳар панҷара **гургона** хоҳад хӯрд,
Бо тасвири холии нигоҳи худ [5, с.23].

Пешванди **ҳаме-** пешванде мебошад, ки дар забони асарҳои классикӣ зиёд вомехӯрад. Вазифаҳои он низ аз ҷониби олимони соҳа муайян шудааст. Масалан, забоншиноси нотакрор, профессор Қосимова М.Н. барои ифодаи давомнокии амали феъл омадани ин пешвандро таъкид мекунад [14, с. 299]. Аммо дар насри забони адабии муосири тоҷикӣ истифодаи он пурра маҳдуд шуда, гоҳ-гоҳе дар назми он мавриди истифода қарор дода мешавад ва дар он ҳам хусусияти таърихиашро то андозае аз даст дода, бо пешванди **ме-** ҳаммаъно гардидааст. Дар натиҷа барои вариантнокии сарфӣ имконият фароҳам овардааст. Мисол, дар ашъори Гулрухсор ин ҳодисаро зиёдтар мушоҳида кардан мумкин аст:

**Мебӯсам - ҳамебӯсам**

Азизам, умри ман чун лахчаи сард аст,
Худ оташзода асту куштаи оташ,
Нигоҳам мерамад,
Набзам намерақсад,
Намехандад гули пажмурдаи оташ:
Ба ҷойи ту хаёлатро **ҳамебӯсам**! [5, с.128].

**месӯзад-ҳамесӯзад**
Зиндагӣ холист аз ишқи намурдан,
Аз пари парвоз, аз фари будан,
Дар лаби хушки хазонбарг
зузаи хамёзаи ҳазён **ҳамесӯзад,**
Аз пушаймонии будан дар набудан,
Дар хумори гулшукуфт, аз азоби худфушурдан [5, с.13].

**мепурсад-ҳамепурсад**
Баҳор аз анҷумани фаҳшу кинаву тазвир,
Ба шарми пур аз суолу табассуми хоҳиш,
Роҳи селкандаи манзили маро ҳамепурсад.
Хазони пир дар ҳароси ниёзам
аҷубавор мезанад қаҳ-қаҳ,
Нигоҳи зарди ғурураш
Зи сарви бесамари ростӣ,
Самари беҳосилии маро **ҳамепурсад** [5, с.83].

**мегиряд-ҳамегиряд:**
Бар остон афтодаам
аз осмони авҷҳо.
Дарё ҳамегиряд чу ман
дар остини мавҷҳо.
Аз бенишонии фалак
бо сад нишон афтодаам.
Дар базми шайтону малак
лоли фиғон афтодаам [5, с.115].

«Бояд ба ҳисоб гирифт, ки гунаҳои савтию сарфии калимаҳо гоҳо на фақат аз бобати оҳангу ҷилоҳои услубӣ, эҳсосот ва монанди инҳо, балки аз ҷиҳати ифодаи маъноҳои луғавиашон низ аз ҳам фарқ мекунанд. Чунончи, калимаи **хезоб-**ро, ки «мавҷ, лаппиш» гуфтан аст ва **обхез**ро, ки ба маънои «сел» ба кор меравад, як донистан дуруст нест. Ба ҳамин монанд **ҳавобаланд** «калонгир, мутакаббир» ва **баландҳаво** – «хушҳаво» (муқ. хонаи баландҳаво) бо маъноҳои худ фарқ мекунанд».

Ҳамин тавр, қолаби овозии калимаи тоҷикӣ ба қонуниятҳои доимиву устуворе соҳиб аст, ки маҳз истифодаи дурусту бамавриди онҳо, риояи амалкарду нозукиҳои онҳо дар ташхиси саҳеҳи калима ҳамчун воҳиди ифодагари маънои луғавӣ кӯмак расонида метавонад. Дуруст муқаррар намудани сохтори овозии калима имконият медиҳад, ки маъноҳои он низ равшан аз ҳам ҷудо карда шаванд. Чунки ҳодисаи гунанокии луғавӣ умумият ва фарқияти он ба маънои луғавии калимаҳо сахт вобастагӣ дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Бобомуродов Ш. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст / Ш. Бобомуродов. – Душанбе, 2012.
2. Бобомуродов Ш., Мӯъминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов, А. Мӯъминов. – Душанбе: Маориф, 1983.
3. Виноградов В. В. Стилистика. Теория поэтической речи. Поэтика / В.В. Виноградов. –М., 1963.
4. Гвоздев А. Н. Очерки по стилистике русского языка / А.Н. Гвоздев. –М. 1965.
5. Гулрухсор. ( Г. Сафӣ). Девон (Девони Ишқу Ашку Ханда) / Гулрухсор. – Душанбе: 2004.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. –Душанбе: Маориф, 1982. –Қисми 1.
7. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1 - Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов – Душанбе, 2007.
9. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959.
10. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968.
11. Тоҳирова Л. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Л. Тоҳирова. –Душанбе, 1967.

12. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: Садонокҳо ва ҳамсадоҳо / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе, 1983. –Қ 1.
13. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: Просодика / Т.Н. Хаскашев. – Душанбе, 1984.
14. Ҳалимов С. Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1988.
15. Шанский М. Н. Лексикология современного русского языка / М.Н. Шанский. – М: Просвещение, 1964.

**ГУНАНОКИИ САРФӢ ДАР АШЪОРИ ГУЛРУХСОР**

Дар ин мақола гунаҳои сарфӣ дар ашъори Гулрухсор баррасӣ гардидааст. Вариантнокии луғавӣ ё ин ки гунанокии луғавӣ аз ҷумлаи он ҳодисаҳои лингвистие мебошад, ки дар сурати тағйирёбии таркиби овозии калима ҳам ба доимӣ будани он далолат мекунад. Гунанокии луғавии ашъори Гулрухсор ба ду гурӯҳ – гунанокии савтӣ ва гунанокии сарфӣ ҷудо кардаанд. Гунанокии савтӣ ё гунанокии фонетикӣ гунанокие мебошад, ки танҳо дар натиҷаи тағйири овозҳои таркиби калима ба вуҷуд омада, ба маънои якхела далолат мекунад. Дар ин навъ одатан решаҳои калимаҳои мураккаб ҷойи ҳамдигарро иваз менамоянд. Истифодаи ин хели гуна дар нигоштаҳои ҳар як адиби хушсалиқа сурат мегирад. Шоири ширинсухан Гулрухсор низ дар ашъораш зиёд набошад ҳам чанде аз ин қабил гунаҳои калимаҳоро истифода кардааст. Вай бештар шакли китобии гунаҳои сарфиро дар шеъраш мавриди истифода қарор додааст ва гоҳе шакли умумиистъмоли онро низ истифода бурдааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: гунанокӣ, гунанокии савтӣ, гунанокии сарфӣ, овоз, калима, аффикс.

**МОРФОЛОГИЧЕСКАЯ РАЗНОВИДНОСТЬ В ПОЭЗИЯХ ГУЛРУХСОРА**

В данной статье рассматриваются морфологические разновидности в поэзиях Гулрухсара. Лексическая вариация или лексическое качество — одно из тех языковых явлений, которые в случае изменения звукового состава слова свидетельствуют о его постоянстве. Лексическое разнообразие стихов Гульрухсар делится на две группы – фонетическая разновидность и морфологическая разновидность. Звуковое разновидность или фонетическое разновидность — это разнообразие, возникающее только в результате изменения звуков словесного состава и обозначающее одно и то же значение. В этом типе корни сложных слов обычно заменяют друг друга. Такое использование приходит на ум каждому хорошему писателю. Поэтесса Гулрухсар также использовала некоторые из этих слов в своих стихах. В своих стихах она в основном использовала книжную форму употребления, а иногда и общую форму употребления.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** разновидность, фонетическая разновидность, звук, слово, аффикс.

**MORPHOLOGICAL VARIETY IN GULRUKHSOR'S POETRY**

This article discusses morphological varieties in the poetry of Gulrukhsar. Lexical variation or lexical quality is one of those linguistic phenomena that, in the event of a change in the sound composition of a word, testifies to its constancy. The lexical diversity of Gulrukhsar's poems is divided into two groups - a phonetic variety and a morphological variety. A sound variety or a phonetic variety is a variety that arises only as a result of a change in the sounds of a verbal composition and denotes the same meaning. In this type, the roots of compound words usually replace each other. This usage comes to the mind of every good writer. The poetess Gulrukhsar also used some of these words in her poems. In her poems, she mainly used the book form of use, and sometimes the general form of use.

**KEYWORDS:** variety, phonetic variety, sound, word, affix.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Норматова Муҳайё –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Норматова Мухайё*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Normatova Muhayo*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НАҚШИ ВАО ДАР РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН

***Шарифова П.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир мақом ва накши ВАО дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва равандҳои сиёсӣ торафт меафзоянд. Субъектҳои сиёсӣ барои ҳимояи манфиатҳои худ аз навъҳои гуногуни ВАО самаранок истифода менамоянд. Давлатҳои абарқудрат бо мақсади тавонбахшии

имконияти ВАО ба ин соҳа маблағҳои зиёд сарф намуда, дар амалӣ намудани стратегияҳои сиёсиву геополитикӣ ва сиёсати давлатӣ аз он фаровон истифода мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар баробари беҳтар гардидани вазъи иқтисодии кишвар дар соҳаи ВАО дигаргуниҳо ба назар мерасад. Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ мақом ва нақши васоити ахбори омма дар таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар хеле назаррас мебошад. Пешбурди чунин кори муҳим маҳз аз сатҳу сифати маводи иттилоотӣ ва дараҷаи касбияти мутахассисони соҳа вобастагии зиёд дорад.

"ВАО омили пурқуввати ифодакунандаи манфиатҳои гуногуни ҷамъиятӣ буда, тавони сафарбаркунии иродаи сиёсии аҳолиро дорад. Ин дар ҷалби одамон ба амалиёти муайяни сиёсӣ, ҷалби онон ба сиёсат ифода меёбад. ВАО имкони зиёди таъсир расонидан ба ақлу эҳсосоти мардум, ба тарзи андеша, тарзу усули баҳодиҳӣ ва шаклҳои рафтори сиёсии онҳо доранд" [3:210].

ВАО ҷузъи таркибии системаи сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, фаъолияти он маҳсули таъсири муҳимми ҷамъиятӣ-сиёсӣ мебошад, чунки хусусияти ахбори ба хонандаву шунаванда равонашуда муносибати онҳоро ба воқеият ва ба самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ муайян месозад. Кулли сиёсатшиносон бар он ақидаанд, ки ВАО на танҳо хабару иттилоъ медиҳад, балки ғоя, ақида, таълим, барномаҳои сиёсии муайянро тарғиб мекунад ва бо ин дар идоракунии ҳаёти иҷтимоиёт ширкат меварзанд. ВАО фикру ақидаҳои ҷомеаро ташаккул дода, дастуру барномаҳои муайяни иҷтимоӣ ва боварии мардумро ба вуҷуд оварда, инсонро бо ин роҳ ба амалу ҳаракати муайян водор месозад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ нақш ва мақоми ВАО нисбат ба дигар институтҳо, ки дар раванди тарғиби арзишҳои фарҳангӣ, тамоюлҳои сиёсӣ, тарзу шакли рафтор ва қоидаҳои сиёсии дар ҷомеа маъмулгашта хизмат менамоянд, хеле барҷаста мебошад. Имрӯз соҳае нест, ки ВАО-ро дар хизмати худ қарор надода бошад. Вобастагии инсон ва мақомоти давлативу ҷамъиятӣ аз ВАО торафт бештар гардида, он ба яке аз аслиҳаҳои муассир дар ҳаёти ҷомеа табдил ёфтааст. Аз ҷумла, метавон гуфт, ки ВАО дар муносибатҳои дипломатии байни кашварҳо низ нақши барҷаста дорад.

Истилоҳи "дипломатия" аз калимаи "diploma"-и юнонӣ гирифта шуда, маънои эътимдномаи сафиронро ифода менамояд. "Санади мазкур аз ду тахтачаи якҷогузошта иборат буд ва онро юнониёни қадим "диплома" меномиданд" [1:380]. Соҳаи фаъолияти чунин шахсон "дипломатия" ном гирифт. Дипломатия имрӯз ҳамчун поя ва омили асосии муносибатҳои байни миллатҳо эътироф карда мешавад. Раванди барпо намудани муносибатҳои байни миллатҳо аз ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ байни миллатҳо оғоз меёбад. Давлати нав танҳо баъд аз эътирофи давлатҳои мавҷуда узви комил ва фаъоли миллатҳо мегардад. Усули маъмулии эътирофи мазкур эълони қарор дар бораи барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ мебошад. Пас аз дипломатҳо мубодила мешаванд ва муносибатҳо байни миллатҳо идома меёбанд. Дипломатия василаест, ки тавассути он халқҳо муносибатҳои дӯстонаву ҳамкории худро оғоз мекунанд.

Таърихи ҷаҳон собит месозад, ки дипломатия нахуст дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ рӯйи кор омадааст, ки аз ҷониби ҳокимон ва шоҳони бонуфузи давлатҳо расмияти ҳуқуқӣ пайдо намудааст. Пайдоиши он, пеш аз ҳама, ба зарурати таъмини амният, иттиҳоди инсонҳо ва ҳамгироии давлатҳо иртибот дорад. Зеро баъди фоҷиаҳои хунини байнидавлатӣ шоҳони давлатҳои қадим барои наҷоти давлат ва халқи худ рӯй ба ҷониби гуфтушунид меоварданд, ки дар таърихи инсоният бо номи дипломатия маъруф аст.

Воқеияти даҳаи дуюми садаи XXI баёнгари он аст, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳамоно дар давраи гузариш қарор дошта, низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар ҳоли ташаккул мебошад. Дар манзари геополитикии ҷаҳони муосир, дигаргуниҳои амиқи сиёсиву иқтисодӣ сурат гирифта, боиси тағйироти муассир дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд.

Дар вазъияти пуртазоди солҳои аввали Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии равобити хориҷӣ ва муаррифии шоистаи давлати навини мо дар арсаи байналмилалӣ яке аз муҳимтарин самтҳои раванди давлатсозӣ буд. Аз ин лиҳоз, 29 сентябри соли 1993 дар таърихи муосири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи муҳим ба

шумор меравад. Дар ин рӯз аввалин маротиба аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид нақшаҳои бунёдкорона, сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили робитаҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тарафи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ гардиданд.

Масъалаи таъсис додани намояндагиҳои дипломатии хориҷии ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали истиқлолият яке аз вазифаҳои ҷиддии давлат дар самти роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба шумор рафта, пайваста мавриди таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор дошт. Бояд тазаккур дод, ки дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон фақат дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Намояндагии ваколатдори кишварро таъсис дода, моҳи июли соли 1992 Намояндаи ҷумҳуриро дар СММ таъйин карда буд. Дар нимаи дуюми соли 1993 ҷиҳати таъсис додани намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷа иқдомҳои ҷиддӣ сурат гирифтанд. Ҳамон сол дар ҷумҳуриҳои Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон сафоратҳои Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуданд. Ба намояндагии ваколатдори ҷумҳурӣ дар шаҳри Москва сараввал мақоми Намояндагии ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва баъдан 18 декабр мақоми Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дода шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлоли давлатӣ бо кишварҳои сершумори олам равобити судманде барқарор намуда, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили байналмилалӣ шинохта шуд. Таърихи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки дипломатияи тоҷик зодаи марҳалаи нави Истиқлоли давлатӣ буда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра тавонист бо барқарор намудани муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ марҳала ба марҳала мавқеи сиёсии худро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам гардонад.

Бояд қайд намуд, ки дар зарфи 32 соли Истиқлоли давлатӣ хизматрасонии консулӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ба таври назаррас густариш ёфт. Дар айни ҳол, зиёда аз 30 намояндагии дипломатӣ дар хориҷи кишвар баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва дар маҷмуъ, ҳифзи манфиатҳои миллии давлати Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Дар ин робита, истифода аз василаҳои дастрас, аз ҷумла таҳкими робитаҳои кории самарабахш бо созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори оммаи кишвари иқомат, тарғиби дастовардҳои соҳаҳои гуногун ва дигаргуниҳои бунёдии ҷомеаи мо аз тариқи суханрониву мусоҳибаҳои матбуотӣ ва музокироту вохӯриҳои дипломатӣ айни муддаост. Имрӯз мушоҳида мекунем, ки ояндабинии тамоюлҳову ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва вокуниши саривақтиву мантиқӣ ба онҳо аҳаммияти дучанд пайдо кардааст.

Муовини сардори раёсати таълими Академия идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент Некрӯз Файзов дар мақолаи худ бо номи “Рушди дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият ” қайд мекунад, ки “айни ҳол Тоҷикистон, ки дар маҷмуъ, ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шудааст, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву амниятӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон ҳиссагузорӣ мекунад.

Дар баробари ин, Тоҷикистон ба зиёда аз 350 санади байналмилалӣ, ба мисли конвенсияҳо, хартияҳо ва эъломияҳо ҳамроҳ шуда, уҳдадориҳои худро дар самти расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рушди иҷтимоӣ, беҳбуди вазъи иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли онҳо иҷро менамояд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳкиму густариши муносибатҳои дуҷонибаи босубот ва дарозмуддат бо кишварҳои минтақаҳои мухталифи олам ҷойгоҳи хоса дорад.

Тоҷикистон то имрӯз бар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобил, манфиатҳои муштарак ва риояи ҳуқуқи байналмилалӣ бо 179 кишвари дуру наздик робитаҳои дӯстонаву беғараз ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро ба роҳ мондааст. Дар ин замина, бо давлатҳои гуногуни ҷаҳон беш аз 2000 санади ҳуқуқиро ба имзо расонида, мавриди иҷро қарор додааст”[4].

Бояд қайд кард, ки давра ба давра муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ пайваста васеъ гардида, мустаҳкам ва сермаҳсул мегарданд. Дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ кишвари мо мақоми хоссаи худро соҳиб шуда, аз манфиатҳои миллиаш муваффақона ҳимоят менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода Н.А. Андешаи сиёсатшиносони хориҷию ватанӣ роҷеъ ба мафҳуми "дипломатия" /Н.А.Абдуллозода, Паёми ДМТ 2020 №8.
2. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон. (Маҷмуи мақолаҳо).- Душанбе, 2004.
3. Пулодов Х.Р Сиёсатшиносӣ / Х.Р. Пулодов.-Душанбе, 2002 С.210
4. Файзов Некрӯз "Рушди дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият " / Н.Файзов.-Сомонаи АИНПҶТ (apa.tj)
5. Ҳ. Зарифӣ. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик/ Зарифӣ Ҳ.- – Душанбе, 2013.


**НАҚШИ ВАО ДАР РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар ҷомеаи иттилоотӣ накш ва мақоми ВАО нисбат ба дигар институтҳо, ки дар раванди тарғиби арзишҳои фарҳангӣ, тамоюлҳои сиёсӣ, тарзу шакли рафтор ва қоидаҳои сиёсии дар ҷомеа маъмулгашта хизмат менамоянд, хеле барҷаста мебошад. Имрӯз соҳае нест, ки ВАО-ро дар хизмати худ қарор надода бошад. Вобастагии инсон ва мақомоти давлативу ҷамъиятӣ аз ВАО торафт бештар гардида, он ба яке аз аслиҳаҳои муассир дар ҳаёти ҷомеа табдил ёфтааст. Аз ҷумла, метавон гуфт, ки ВАО дар муносибатҳои дипломатии байни кашварҳо низ накши барҷаста дорад. Бояд қайд намуд, ки дар айни ҳол, зиёда аз 30 намояндагии дипломатӣ дар хориҷи кишвар бахри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва дар маҷмуъ, ҳифзи манфиатҳои миллии давлати Тоҷикистон фаъолият менамоянд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истиқлолият, ВАО, робитаҳои дипломатӣ, намояндагии дипломатӣ, манфиатҳои миллӣ, таҳкими робитаҳо, системаи сиёсии ҷомеа, ҳамкориҳои мутақобила, Тоҷикистон.


**РОЛЬ СМИ В ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАН**


В информационном обществе велика роль и статус средства массовой информации по сравнению с другими институтами, которые служат в процессе продвижения культурных ценностей, политических тенденций, способов поведения и политических правил, распространенных в обществе. Сегодня трудно представить отраслей без средства массовой информации. Зависимость людей, государственных и общественных органов от средств массовой информации возрастает, и они стали одним из самых действенных орудий в жизни общества. В частности, можно сказать, что средства массовой информации также играют важную роль в дипломатических отношениях между странами. Следует отметить, что в настоящее время за рубежом действуют более 30 дипломатических представительств по защите прав и интересов граждан и в целом по защите национальных интересов таджикского государства.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** независимость, средства массовой информации, дипломатические отношения, дипломатическое представительство, национальные интересы, укрепление отношений, политическая система общества, взаимоотношении, Таджикистан


**THE ROLE OF MEDIA IN DIPLOMATIC RELATIONS OF TAJIKISTAN**


In the information society, the role and status of the media is great compared to other institutions that serve in the process of promoting cultural values, political movements, behavior patterns and political rules common in society. Today it is difficult to imagine industries without the media. The dependence of people, state and public bodies on the media is increasing, and they have become one of the most effective tools in the life of society. In particular, it can be said that the media also play an important role in diplomatic relations between countries. It should be noted that at present there are more than 30 diplomatic missions abroad to protect the rights and interests of citizens and, in general, to protect the national interests of the Tajik state.



**KEYWORDS**: independence, mass media, diplomatic relations, diplomatic representation, national interests, strengthening of relations, political system of society, relations, Tajikistan.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шарифова Парвона Акрамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 111173700.** E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

**Сведения об авторе**: ***Шарифова Парвона Акрамовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 111173900**. E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

**Information about the author**: ***Sharifova Parvona Akramovna***– Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 111173900.** E-mail: **parvona.sharifova@inbox.ru**

# ИСМҲО ВА СИФАТҲО ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ АСАРИ «МОҶАРОИ ЗИНДАГӢ»-И К. МИРЗО)

***Сулаймонова Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Феъл мураккабтарин ҳиссаи нутқ аст. Аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳои гуногуни маъноӣ тасниф карда мешавад. Феълҳо ҳамчун воҳидҳои ҳиссаинутқӣ дар ифода кардани мафҳумҳои хоси амалу ҳаракат ва нишон додани хусусиятҳои грамматикии онҳо дар нутқ нақши муҳим доранд. Мураккабии сохтори грамматикию гуногунии сохтори морфологии феълҳо дар забони тоҷикӣ сабаб шудааст, ки ба ин масъала забоншиносони зиёди ватанию хориҷӣ таваҷҷуҳ намоянд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои лексикию грамматикӣ ва категориявии феъли забони тоҷикӣ муҳаққиқони хориҷию ватанӣ: В. С. Расторгуева, А. А. Керимова, А. З. Розенфельд, Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, С. Ҳалимов ва монанди инҳо саҳми арзанда доранд. С. В. Хушенова В.А. Лившитс саҳми бузург доранд. А. З. Розенфелд дар тадқиқотҳои худ феъли забони тоҷикиро аз ҷиҳати сохт ба панҷ гурӯҳ: а) феълҳои сода; б) феълҳои сохтаи пешвандӣ; в) феълҳои таркибии номӣ; г) феълҳои сохтаи пасвандии номӣ (**исмӣ:** завқидан, ҷангидан; **сифатӣ:** сабзидан, хушкидан); д) феълҳои таркибии феълӣ: фурӯхта хӯрдан, бурда додан ҷудо намуда, категорияи намудро дар феъли забони тоҷикӣ дорои ду навъ: **намуди мутлақ ва давомдор** меҳисобад. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик – Н.Маъсумӣ ба омӯзиши феъли забони тоҷикӣ машғул шуда, феълҳоро аз ҷиҳати сохт ба феълҳои **сода, сохта ва таркибӣ** ва аз ҷиҳати маъно ба феълҳои ифодагари **амалу ҳаракат** ва феълҳои ифодагари **ҳолату вазъият** ҷудо кардааст. Ш. Ниёзӣ низ масъалаҳои гуногуни феълҳои забони тоҷикӣ омӯхта, онҳоро аз ҷиҳати сохт ба се гурӯҳ: **феълҳои сода, сохта ва таркибӣ** ҷудо намудааст. Силсилатадқиқотҳое, ки аз ҷониби забоншиносон, В. С. Расторгуева ва А. Каримова дар ин давра анҷом дода шудаанд, далели ин гуфтаҳост. Ин муҳаққиқон феълҳоро аз ҷиҳати сохт ба ду гурухи калони сохторӣ: **феълҳои сода ва феълҳои мураккаб** ҷудо намуданд.

Корбасти феълҳо дар осори нависандаи маъруфи тоҷик–Кароматулло Мирзо, ба хусусиятҳои гуногун далолат намуда, аз бисёр ҷиҳат рангоранг мебошанд. Асарҳои нависандаи мазкур бо мазмуну мундариҷа ва ғояи беназири худ дар адабиёти даврони истиқлол беҳамто буда, яке аз сарчашмаҳои тасвири ҳодисаҳои зиндагии мардуми одӣ мебошад, ки дар шакли бадеӣ зоҳир гадидаанд. Ғайр аз он, ки асарҳои устод аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ аҳаммияти бузурги бадеӣ доранд, сабку услуби онҳо низ ҷолиб буда, зимни таълифи онҳо нависанда тавонистааст аз тамоми имконоти лексикию грамматикии забон ба маврид истифода намояд. Дар таркиби асарҳои ин нависандаи бузург тамоми қисматҳои забони тоҷикиро метавонем мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор диҳем. Инро дар назар гирифта, мавзуе, ки мо мавриди таҳқиқ қарор додем, ки ба масъалаи феъли забони тоҷикӣ бахшида шудааст, дар доираи асари "Моҷарои зиндагӣ "баррасӣ намоем.

Феъл ҳиссаи мустақили нутқ буда, амал ва ҳолату вазъиятро мефаҳмонад. Феъл дар системаи воҳидхои ҳиссаи нутқи бо мураккаби сохтори грамматикӣ, сохту таркиби морфологӣ, фаровонии категорияи грамматикӣ ва гуногунии маъноҳои лексикии худ мавқеи махсусро доро мебошад.

Феъл дар байни ҳиссаҳои нутқ аз ҷиҳати дараҷаи аҳаммиятнокиаш пас аз исм мавқеи дуюмро ишғол намуда, аз ҷиҳати хусусиятҳои грамматикию сохторӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёде мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бузургтарин забоншиносоне, ки феъли забони тоҷикиро бо назардошти меъёрҳои тадқиқотӣ анҷом додаанд–А. З. Розенфелд, В. А. Лившитс, В. С.Расторгуева. Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ.Ҳ. Маҷидов ва ғайраҳо мебошанд. Аксари муҳақиқони дар боло зикршуда, дар баробари дигар масъалаҳои феъл, ба сохтору гурӯҳҳои сохторӣ ва таркиби морфологии онҳо ҳам диққат намудаанд.

Феълҳо дар баробари дигар хусусиятҳои грамматикӣ аз ҷиҳати сохтор низ ҷолиб буда, чун дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ ба гурӯҳҳои мухталифи сохтори тасниф мешаванд, ки ҳам таркиби морфологӣ ва ҳам таркиби сохтории онҳо аз дигар ҳиссахои нутқ фарқ менамоянд. Аз ҷиҳати сохтор феълҳо баръакси дигар ҳиссаҳои нутқ ба се гурӯҳи сохторӣ: а)феълҳои сода; б)феълҳои сохта; в)феълҳои таркибӣ ҷудо шуда, тафовутҳои сохтории феълҳо бо калимаҳои мансуби ҳиссаҳои нутқи дигар дар ҳама гурӯҳҳои сохтории онҳо ба мушоҳида мерасанд.

Феълҳое, ки аз ҷиҳати сохти морфологӣ аз як реша иборат буда, бе пешванду пасванд воқеъ шудаанд, феълҳои сода номида мешаванд. Масалан, **гуфт, ёфт, зад, духт** ва монанди инҳо.

Нигора **гуфт**. Дилбар андаке сабукӣ **ёфт**. Дилбар гап **зан**.

Феълҳое, ки ба воситаи пасванду пешванди калимасози феъл сохта шудаанд, феъли сохта ном доранд. Чунончи: бардоштан, даромадан, вохӯрдан, талабидан, хонондан ва ғайра:

Сархӯр даме дар ҳояш истоду ҳониби хона **даромад**. Сархӯр беҳолу бемадор гӯсоларо ба оғил **даровард**. Бо шунидани овози гов **бозистод**. Қуллаҳои баланду теғаҳои кӯҳро баромаданду **фаромаданд**. Сарашро ба курпа печонда **хобид**. Дар орзуи писар буданд, мурод **талабиданд**.

Дар баробари феълҳое, ки таърихан амалу ҳаракатро ифода карда ҳамчун феъл вуҷуд доранд, гурӯҳи дигари феълҳое низ мавҷуданд, ки аз ҳиссаҳои номии нутқ: исму сифат бо иловаи пасванди **-ид** ва **-он** (-онид) ба вуҷуд оварда шудаанд.

Чунин гурӯҳи феълҳое, ки аз ҳиссаҳои номии нутқ сохта мешаванд, аз асоси замони гузаштаи феъл ба вуҷуд оварда мешаванд.

**Дар заминаи исмҳои моддию маънӣ сохта шудани феълҳои сода.** Як гурӯҳ феълҳои сода дар забони тоҷикӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи забон аз гурӯҳҳои гуногуни исмҳо сохта шуда, чун феъли асли дар истифодаи соҳибони забон қарор доранд. Масалан, феълҳои боридан, даридан, кафидан, пойидан, паридан, раҳонидан, тарсидан, хобидан, бахшидан, ранҷидан, фаҳмидан, фавтидан, ки маънoҳои гуногуни амалу ҳаракатро ифода менамоянд,аз исмҳои моддии **бор, дар, каф, пар, раҳ, пой** ва исмҳои ифодагари мафҳумҳои **хоб, ранҷ, фаҳм, талаб, фавт, нола, бахш** сохта шудаанд. Мисол:

Дар ҳавои сарди зимистон, ки ҳатто барф **меборид**. Холиқназар фурсати мусоид **мепоид**. Папкаи муаллимро дида Зафар ҳуш аз сараш **парид**. Зафар ҷонашро дареғ надошта, муаллимро аз ин туҳмати падараш **раҳонид**. Чӣ гуфтед хола? -фикри холаи Зарафоро **фаҳмидан** мехост. Дар забонат садқа, ҳамин хел кун, очаша **натарсонад**. **Фаҳмида** бошӣ нағз бачам рузамон бад аст. Аз як деҳаи худашон кариб 15-20 нафар солҳост, ки дар кунҷи зиндон **хобидаанд**. Баъд аз як рӯз овоза шуд, ки муаллима **фавтидааст**. Сар ба қатори холаи Зарафо **гиристанд**. Бародар гапи беҷо нагӯ, таҳқир накун - муаллим **ранҷид**.

Сарчашмаи дигари ташаккули феълҳо сифатҳо мебошанд. Сифатҳо дар бештари мавридҳо маҳз дар заминаи маънои лексикии худ феълҳоро ба вуҷуд оварда, дар байни маънoҳои онҳо робитаи қавии мантиқӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, **сабз, хушк, ганда, зиқ, писанд,** ки аслан сифат мебошанд бо ҳамин роҳ феълҳо дар шакли сабзидан, хушкидан, зиқидан, писандидан оварда шудаанд. Мисол, тамоми дарахтон дар хавли **сабзиданд**. Дар гармои тобистон руди об костан гирифт ва киштҳои ташноб **хушкиданд**. Ҷурақулро мардум бо ин ҷоҳилиаш **намеписандиданд**. Апаю хоҳар аз дари мактаб ғур-ғуркунон даромаданд ва аз кори кардаи падарашон **зиқиданд**. Ҷурақул саршори орзу хотираш **оромида**. Холаро аз аҳволи бади писараш, ки дар Русия буд, **огоҳониданд**. Хонаам вайрон шуд, Зебиро **дуздиданд**.

Натиҷаи таҳқиқ ва баррасиҳо нишон дод, ки асари мазкури Кароматулло Мирзо аз бисёр хусусиятҳои гурӯҳҳои сохторию маънoии феълҳоро таҷассум менамояд. Муаллиф тавонистааст, ки аз тамоми имконот истифода намуда, гурӯҳҳои сохтории феълҳо, ки заминаи мухталифи ташаккул доранд, нишон диҳад. Дар натиҷаи таҳқиқи мо маълум гардид, ки дар романи «Моҷарои зиндагӣ»-и Кароматулло Мирзо ҳиссаҳои номии нутқ хусусан исму сифат дар ташаккули феълҳо нақши муҳим дошта, аз ин ҳиссаҳои нутқ сохта шудани феълҳо тамоюли зиёдшавӣ доранд. Ҳангоми таҳлил ба мо маълум гардид, ки дар

доираи исмҳо сохта шудани феълҳо назар ба калимаҳои мансуби сифат зиёдтар мебошанд. Дар рафти сохтани феълҳо аз ин ҳиссаҳои номии нутқ муаллиф аз қоидаҳо ва меъёрҳо ва усулҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ба хубӣ истифода намудааст.

**АДАБИЁТ**


1 Абдуллоев Р. Феълҳои ҳаракат дар забони тоҷикӣ// Мактаби советӣ. – 1974. –№7.
2 Аловиддинов Б. Феълҳо, гурӯҳҳои сохторӣ ва заминаҳои ташаккули онҳо (дар асоси маводи осори Сотим Улуғзода). //Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ. –Душанбе,2021.
3 Аловиддинов Б. Вижагиҳои услубии калимаҳои мураккаб ва калимаҳои ба исм гузашта //Забон ҳастии миллат. –Душанбе, 2020.
4 Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ// Мактаби советӣ. –1967. –№10.
5 Маҷидов Ҳ. Оид ба категорияи намуди феъл дар забони тоҷикӣ//Паёми Донишгоҳ. –Бахши II. –1999. –№1.
6 Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологӣ ва таркибҳои феълӣ// Мактаби советӣ. –1986. –№2.
7 Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011.



**ИСМҲО ВА СИФАТҲО ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ ФЕЪЛҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ АСАРИ «МОҶАРОИ ЗИНДАГӢ»-И К. МИРЗО)**

Феъл яке аз ҳиссаҳои асосии нутқ ба шумор меравад. Онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи пасванди **-ид, -онид** сохта мешаванд. Дар ташаккули феълҳо аз ҳама бештар исмҳо нақши фаъол доранд. Ҳам исмҳои моддӣ ва ҳам исмҳои маънӣ дар сохтани феълҳо фаъолона иштирок менамоянд. Сифатҳо ҳам дар ташаккули феълҳо дар романи «»- К. Мирзо нақши муҳим доранд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сифат, иштирок, пасванд, исм, ҳиссаҳои нутқ.

**СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ И ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ КАК ОСНОВЕ ГЛАГОЛ ОБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИААХ ПРОИЗВЕДЕНИЯ «ПРОИСШЕСТВИЕ ЖИЗНИ» К. МИРЗЫ)**

Глагол является одной из основных частей речи. Они образуются из разных частей речи с помощью суффикса **-ид, -онид**. Существительные играют активную роль в образовании глаголов. Как конкретные существительные, так и абстрактные существительные активно участвуют в формировании глаголов. Прилагательные также играют важную роль в образовании глаголов в романе «Происшествие жизни» К. Мирза.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: прилагательное, причастие, суффикс, существительное, части речи.

**NOUNS AND ADJECTIVES AS THE BASIS OF THE VERB OF EDUCATION IN THE TAJIK LANGUAGE (BASED ON THE MATERIALS OF THE WORK "THE INCIDENT OF LIFE" BY K. MIRZA)**

The verb is one of the main parts of speech. They are formed from different parts of speech using the suffix -id, -onid. Nouns play an active role in the formation of verbs. Both concrete nouns and abstract nouns are actively involved in the formation of verbs. Adjectives also play an important role in the formation of verbs in the novel Life Incident by K. Mirza.

**KEYWORDS**: adjective, participle, suffix, noun, parts of speech.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сулаймонова Башорат –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Сулаймонова Башорат*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Sulaimonova Bashorat***– Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.


## ТАҲАВВУЛОТИ ЖАНРИ ОЧЕРК


***Муродалиева Б.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Очерк аз жанрҳои маъмул, серистифода ва нисбатан паҳншудаи публитсистика ва адабиёти бадеӣ ба ҳисоб меравад. Очерк жанрест, ки корнамоиҳои шахсони воқеии дар корзорҳои меҳнатӣ, истеҳсолот, илму фарҳанг ва мактабу маориф содирнамударо фаро мегирад. Ин жанр таърихи тулонӣ дошта, бо мурури замон ташаккулу таҳаввул ёфтааст.

Дар қомусу луғатномаҳо очеркро ҳамчун тарҳ, суроб, намуд, ҳикоят, ёддошт тавсиф намудаанд. Дар асл очерк калимаи русӣ буда, маънои тасвир ва тавсифи таблиғиро дорад.

Дар Аврупо баъзан онро скетче, эссе ва репортажи бузург низ меноманд.

Муҳаққиқ М.Муродов дар китоби худ доир ба ин навъи жанр чунин нигоштааст: “Пайдоиши очеркро муҳаққиқон ба асри XVIII мансуб донистанд. Муаллифони китоби “Ҳамосаи инсони кор” таъкид намудаанд, ки “нахустин бор маҷаллаҳои “Болтун” (1707-1711) ва “Зрител” (1711-1714) маводеро нашр намуданд, ки аз лиҳози шева баён ба очерк монанд буд”. [8; с183]

Ташаккул ва таҳаввули жанри очерк ба пайдоиши матбуот ва инкишофи он сахт марбут аст. Ба ин маънӣ нахустнашрияи тоҷикии «Бухорои шариф» ва ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» барои тақовуми очерк майдони хубе буданд. Агар дар «Бухорои шариф» ва нашрияҳои дузабона, амсоли «Оина» диди шахси пешнигар дар таҳқиқи воқеият, тафсили ҳаводис ҷо-ҷо ба назар расад, асари устод С.Айнӣ «Амирони манғитии Бухоро» («Таърихи силсилаи манғитие, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд») аз аввалин нигоштаҳои публитсистиест, ки таҳти унвони очерк дар 9 шумораи соли 1920 ва 18 шумораи соли 1921-и ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» ба табъ расид.

Таҳқиқи очерк дар муҳити Тоҷикистон бо фаъолияти С.Ш. Табаров, Ф. Муҳаммадиев, И.К.Усмонов ва дигарон марбут аст. Дар диссертатсияи доктории А.Саъдуллоев очерк ба сифати «насри ҳуҷҷатӣ» таҳқиқ шуда, дар он мавҷуд будани образи публитсистӣ ва фаъолияти иҷтимоии публитсист зикр мегардад. Дар такя ба Н.Г. Чернышевский ду ҳадди эҷодро зикр карда, раванди эҷод ва нерӯи таъсири сухан, очеркро дар охир мебинад ва таҳқиқ менамояд.

Очерк жанри публитсистию бадеӣ буда, дар хусуси одамони пешқадам, шахсоне, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, ба таври бадеӣ нақл мекунад. Аслан услуби очерк нақл не, балки тасвир аст. Дар бораи корнамоии меҳнатӣ сухан рондан ва онро бо обуранги бадеию публитсистӣ тасвир кардан аз муҳимтарин вазифаҳои матбуот, аз ҷумла жанри очерк мебошад. Маҳз ҳамин «жанри одамшиносӣ» ба нависандагон имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ типи қаҳрамони муосирро ба вуҷуд оранд ва симои маънавии инсон бо тамоми бузургӣ таҷассум ёбад. Бинобар ин, очерк ҳамчун жанри тарғиботию тарбиявӣ беш аз пеш мавқеи хоса пайдо мекунад.

Таҳаввули жанри очерк ба марҳилаҳои инкишофи матбуоти тоҷик сахт алоқаманд аст. Ба ин маънӣ, очерк вобаста ба шароит дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа вазифаҳои гуногунро иҷро кардааст. Агар дар солҳои 1930 нишон додани корнамоиҳои меҳнатӣ, муносибати мардум ба меҳнат, дигаргуниҳои ҳаёти кишоварзӣ, сохти колхозӣ, мубориозони роҳи озодӣ аз вазифаҳои асосии жанри очерк ба ҳисоб равад, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон додани корнамоиҳои фарзандони шуҷои халқ аз муҳимтарин вазифаи ин жанр маҳсуб меёфт. Дар солҳои 1950-1960 жанри очерк таҳаввули куллӣ дид. Агар дар очеркҳои то ин давра нақли воқеа ва нишон додани фаъолияти қаҳрамонҳо нисбатан бартарӣ дошт, дар солҳои баъдӣ таваҷҷуҳ ба ашхоси зиндагиномаашон воқеан ҳам ибратомӯз бештар гардида, тасвири ботинии қаҳрамон бо омезиши ҷиҳатҳои равонӣ афзалият пайдо кард. Дар даҳсолаҳои 1970-1980 дар матбуот ва публитсистикаи тоҷик жанри очерк мавқеи бештар пайдо кард. Қувваҳои зиёди эҷодӣ ба майдони публитсистика ворид шуданд. Қариб дар аксари нашрияҳои даврӣ шуъбаи «Очерк ва публитсистика» ташкил карда шуд.

Муҳаққиқи тоҷик И.Усмонов дар китоби худ хусусияти жанри очеркро чунин шарҳ додаст: «Хусусияти фаврии очерк ин жанрро ҳамрадифи рӯзгор мекунад. Ҳеҷ як воқеаи муҳим аз назари очеркнависон дар канор намемонад. Агар очеркҳои матбуоти тоҷикро аз назар гузаронем, имрӯз ҳам ин чиз баръало намудор мешавад.

Хусусияти публитсистии очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамони аниқ, бо факту рақамҳои конкрет навишта мешавад. Аммо ин накли хушку холи не, балки нақли бообуранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти ба-деии очерк низ дар ҳамин зоҳир мешавад» [3; с.96].

Очерк жанри публитсистиву бадеӣ аст. Аз ин рӯ, он дар баробари публитсистика буданаш, аз унсурҳои бадеӣ бебаҳра нест. Моҳияти бадеии очерк кӯшиши ба тарзи публитсистӣ ва бо истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ сохтани образ ва типи тарҳи воқеияти реалӣ мебошад. Образи публитсистию бадеӣ аз образи сирф бадеӣ аз чанд ҷиҳат

фарқ мекунад. Аввалан, образи публитсистӣ дар муқоиса ба образи бадеӣ тамоман бофтаи хаёлии нигоранда набуда, он дар доираи вақт ва фазои муайян сохта мешавад. Баъдан, дар образи публитсистӣ мавқеи муаллиф фаҳмо ва муайян аст. Қаҳрамони очерк низ ҳамеша мавқеи худро дорад.

Профессор М.Муродов доир ба ин жанр чунин андеша дорад: «Аз ҷиҳати хусусият ва тарзи тасвир очерк ба лавҳа наздикӣ дорад. Предмети инъикоси ин ду жанр воқеаҳои таъсирбахшу гуворое мебошанд, ки дар рух додани онҳо неру ва муносибати инсонӣ нақши муҳим дорад. Ҳам дар лавҳа ва ҳам дар очерк имконияти истифодаи воситаҳои тасвир вуҷуд дорад, аммо муносибат ба предмети инъикос ва тарзи тасвир дар ин жанрҳо як хел нест. Дар лавҳа, асосан, воқеаи муҷаррад мавриди тасвир қарор мегирад ва кӣ ва чӣ кора будани қаҳрамони воқеа муҳим нест. Баръакси ин дар очерк силсилаи воқеаҳо истифода мешаванд ва ҳадафи нигоранда танҳо зикри бевоситаи онҳо нест, балки бо нишон додани хусусияти воқеаву саҳнаҳо ӯ мехоҳад хислати қаҳрамонро ошкор ва намо созад» [8; с.191].

Бадеият яке аз муҳимтарин хусусияти очерк буда, ба он умри дароз мебахшад. Ба таври бадеӣ, бо тасвирҳои зинда, бо образу ташбеҳҳои муассир навиштани очерк онро муассир мекунад. Сабки очерк тақозо мекунад, ки дар он саҳнаҳои хотирнишин офарида шавад, зеро бидуни онҳо ҳар навъ очерк бадеияти худро гум карда, ба мақола табдил меёбад.

Профессор И.Усмонов доир ба навъҳои очерк чунин қайд намудааст: «Очеркҳоро одатан ба се навъ ҷудо мекунанд: очерки портретӣ, очерки проблемавӣ ва очерки сафарӣ. Чаро ба се навъ ва дар кадом асос? Барои ин се унсурро ба ҳисоб гирифтан лозим: шахс, проблема ва хулосаи муаллиф. Дар очерки портретӣ ба ҷойи аввал симои шахс, дар очерки проблемавӣ - проблема ва дар очерки сафарӣ - хулосаи муаллиф меистад» [3; с.105].

Муҳаққиқ М.Муродов дар бораи очерки портретӣ чунин навиштааст: «Қаҳрамони марказии очерки портретӣ инсон аст, инсоне, ки бо кору пайкор, созандагиву бунёдкорӣ, ватандӯстиву инсонпарварӣ намунаи дигарон аст. Вазифаи очеркнавис он аст, ки симои чунин шахсро бо фаро гирифтани лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти ӯ, бархӯрдҳои иҷтимоӣ, лаҳзаҳои рӯз ва амсоли ин нишон диҳад. Зеро вазифаи аслии ин навъи очерк одамони хубро шиносонидан, таҷрибаи пешқадами онҳоро нишон додан ва ахлоқи намунавиро паҳн кардан аст.» [8; с.192]

Очерки проблемавро муҳаққиқ М.Муродов чунин шарҳ додааст: «Аслан ҳар навъи очерк ба проблема мубтало аст. Ба ин маънӣ И. Усмонов дуруст таъкид мекунад «очерке, ки проблема надорад ба зиндагии воқеӣ таъсире надошта, дар ёди хонанда низ намемонад». Аммо таносуби проблема ва мавқеи он дар анвои очерк яксон нест. Дар очерки портретӣ проблема ба характери қаҳрамон ва муносибати он ба кору зиндагӣ рабт мегирад. Барои очерки проблемавӣ қазияву мушкилот, гузоришу ҳалли онҳо рукни асосӣ ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, очерки проблемавӣ ба мушкилот зиёдтар иртибот мегирад» [8; с.194].

Дар ин навъи очерк, асосан, масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мадди назар қарор гирифта, хулосаҳои публитсистӣ мақоми аввалиндараҷаро касб мекунанд. Дар он тавассути ба риштаи сужа кашидани силсилаи воқеаҳои ба ҳам алоқаманд, муаммоҳои муҳимтарини ҳаёт ба миён гузошта мешавад. Мақсади асосии очерки проблемавӣ тавассути ифшо ва ба миён гузоштани мушкилот таваҷҷуҳи аҳли ҷамъият, масъулон ва давлатро ба масъалаҳои муҳимми рӯз ҷалб кардан аст.

Муҳаққиқ И.Усмонов дар китоби «Жанрҳои публитсистика»-и худ, ҳамзамон навъи дигари очеркро, ки онро очерки беадрес ном бурдааст, чунин қайд намудааст: «Очеркҳои «беадрес». Хусусияти публитсистии очеркҳои беадрес дар чист? Зеро бисёр адибон, аз ҷумла нависандаи маъруф Фазлиддин Муҳаммадиев бештар очерки беадрес меофарид. Ногуфта намонад, ки беҳтарин очерк-сафарномаи адресдори солҳои ҳафтодуми асрии XX, аз ҷумлаи «Нориёнем мо» ва «Қоил ман» низ ба қалами Фазлиддин Муҳаммадиев тааллуқ дорад. Дар очеркҳои беадрес проблема, масъалаҳои муҳимми рӯз, зарурати ҳалли он мавқеи асосӣ дорад. Зеро масъалаҳои бардошта шуда, дорои аҳаммияти як минтақаи калон ва ҳатто миқёси ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар ин, муассиса, ташкилот ва ноҳияи конретро ном бурдан шарт нест. Як хусусияти чунин очеркҳо ин аст, ки дар онҳо образҳо типҳои бадеӣ набуда, типҳои публитсистианд.

Дар очеркҳои зоҳиран «беадрес» фикру андешаи нависанда, баҳои вай ба воқеа

хусусияти публитсистӣ дорад. Ба ибораи дигар қаҳрамони ин очеркҳо пеш аз ҳама муаллиф, мақсадашон ҳалли проблемаи бахсталаби рӯз аст. Ҷойи шубҳа нест, ки дар чунин очеркҳо шахсият якум - муаллиф аз ҳам фарқ дорад ва «ман»-и ҳикоянавис аз «ман»- и очеркнавис ба куллӣ фарқ дорад» [3; с.100].

Беадресӣ танҳо хоси очерки проблемавист. Очерки бепроблема вуҷуд надорад ва асоси жанри очеркро проблема ташкил медиҳад.

Очерки проблемавӣ мисли анвои дигари ин жанр таърихи инкишофу таҳаввул дорад. Намунаҳои беҳтарини очерки проблемавиро аз матбуоти даҳсолаи 1920 инҷониб ҷустан мумкин аст. Аз ҷумла, хусусиятҳои ин навъи жанрро дар силсилаи очеркҳои А. Мирзоев «Очеркҳои аграномӣ» (1933), нигоштаҳои М. Миршакар «Вахши азим» (1935), Алӣ Хуш «Дар бағали кӯҳҳо» (1935), «Ҷавонони далер» (1937) ва дигарон бараъло мушоҳида карда метавонем. Аммо ин навъи очерк дар даҳсолаи 1950 бо шарофати нигоштаҳои Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон», «Раиси нав» (1955), Фаттоҳ ва Музаффар» (1958), М. Наҷмиддинов «Якраҳа» (1956), А. Сидқӣ «Ҷӯраи деринаи ман» (1957) ва дигарон рӯ ба таҳаввул ниҳод.

Очерки проблемавӣ аз ҷиҳати фарогирии доираи мавзӯъ басо фарох аст. Вай тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирад. Аз ин рӯ нигорандагони очерки проблемавӣ метавонанд ба мавзуоти мухталиф - ахлоқ, истеҳсолот, кишоварзӣ, илму фарҳанг, экология, таъриху тамаддун ва амсоли ин дахл карда, тариқи таҳқиқу баррасиҳои амиқу аниқ ва тасвирҳои ҷолибу мушаххас мушкилоти рӯзро ифшо ва роҳи ҳалли онҳоро бозгӯ намоянд.

***Очерки сафарӣ***. «Хусусияти очерки сафариро мақсади муаллиф муайян мекунад. Муаллифони китоби «Журналистикаи советии т о ҷ и к » асареро очерки сафарӣ номидаанд, ки «дар он тасвири сафари шахсе аз ҷойе ба ҷойе ифода ёфта бошад». Албатта, очерки сафарӣ як навъ маҳсули таассуроти сафари нигорандааш аст. Аммо, маҳсули сафар метавонад дар шакли сафарнома низ инъикос гардад. Бинобар ин, барои муайян кардани хусусияти ин» навъи очерк онро бо сафарнома муқоиса кардан ба маврид аст», нигоштааст М.Муродов.

Барои наздик шинос шудан бо жанри очерк чанд намунаи онро аз матбуоти даврӣ таҳлил намудем. Дар шумораи 5 апрели соли 2023 ҳафтаномаи «Тоҷикистон» матлабе зери рубрикаи «Шамъи хотира» матлаберо бо номи «Растохези садоқат» нашр гардидааст. Матлаби зер хусусияти очерки портретиро дорад. Он дар бораи муаллим Сайфуллохон Падарович навишта шудааст. Дар очерки мазкур натанҳо симои зоҳирӣ балки симои ботинии қаҳрамон низ ошкор гардидааст.

Дар шумораи 12 апрели соли 2023 зери рубрикаи «Чеҳра» матлабе бо номи «Ҳар нафас дарди «Бухоро» мекашад» очерки портретӣ дар бораи Алии Деҳбошӣ пули иртиботӣ миёни пайкари пора-пораи фарҳангу адаби се кишвари ҳамзабони Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон мебошад, навишта шудааст.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки дар матбуоти даврии муосир очерк кам истифода мегардад. Ҷойи очеркро матолиби очеркгуна гирифтааст. Яъне, дар он на қолаби жанрии очерк ва на қолабии жанрии лавҳа риоя гардидааст. Симои қаҳрамонро каме кушодааст ва албатта бе проблема. Чун дар журналистика очерк бе проблема буда наметавонад, аммо дар лавҳа бошад проблема муҳим нест.

**АДАБИЁТ**


1.Бекасов.Д.Г. Корреспонденция и статья – жанры публицистики / Бекасов.Д.Г. – М.1972.
2. Қутбуддинов А. Дирӯзу имрӯзи рисолати матбуот// Ҷашни фархундаи матбуот(маҷмӯаи мақолаҳо) / Қутбуддинов А – Душанбе, 2012.
3. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2009.
4. Усмонов И.К. Рӯзномаро донистан мехоҳам / И. К. Усмонов. - Душанбе, 1989.
5. Усмонов И.К. Журналистика, қисми 1/ И. К. Усмонов. - Душанбе, 2005.
I.6. Усмонов И.К. Журналистика, қисми 3/ И. К. Усмонов. - Душанбе, 2009.
7. Усмонов И. Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / Усмонов И. Давронов Д. - Душанбе, 2008.
8.Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. - Душанбе – 2014.
9.Муродов. М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ/ М.Муродов. - Душанбе, 2017.
10.М.Ҷовид. Мақоми жанрҳо дар радиои озодӣ/ М.Ҷовид. - Душанбе, 2000.
11. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот/ А. Нуралиев. - Душанбе, Деваштич, 2004.

12.Саъдуллоев.А.Гулмуродзода.П. Жанрҳои таҳлилии матбуот/ Саъдуллоев.А. Гулмуродзода.П.- Душанбе, 1994.
13. Шарифзода Қ. Газета (Рӯзнома) / Қ.Шарифзода. - Душанбе, 2016.
14.Ҷашни фархундаи матбуот – Душанбе, 2012.
15. Рӯзномаи "Ҷумҳурият"
16. Рӯзномаи "Тоҷикистон"

**ДОИР БА ТАҲАВВУЛОТИ ЖАНРИ ОЧЕРК**

Ташаккул ва таҳаввули жанри очерк ба пайдоиши матбуот ва инкишофи он сахт марбут аст. Ба ин маънӣ нахустнашрияи тоҷикии «Бухорои шариф» ва ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» барои тақовуми очерк майдони хубе буданд. Очерк жанри публитсистию бадеӣ буда, дар хусуси одамони пешқадам, шахсоне, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, ба таври бадеӣ нақл мекунад. Аслан услуби очерк нақл не, балки тасвир аст. Дар бораи корнамоии меҳнатӣ сухан рондан ва онро бо обуранги бадеию публитсистӣ тасвир кардан аз муҳимтарин вазифаҳои матбуот, аз ҷумла жанри очерк мебошад. Маҳз ҳамин «жанри одамшиносӣ» ба нависандагон имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ типи қаҳрамони муосирро ба вуҷуд оранд ва симои маънавии инсон бо тамоми бузургӣ таҷассум ёбад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** очерк, таҳаввулот, матбуоти даврӣ, симо, қаҳрамон, очерк-лавҳа, журналист, мусоҳиб.

**О РАЗВИТИИ ЖАНРА ОЧЕРК**

Становление и развитие жанра очерк тесно связано с возникновением печати и ее развитием. В этом смысле, первая таджикская газета «Бухорои Шариф» и еженедельник «Шуълаи инкилоб» были хорошим полем для развития таджикского очерка. Очерк является художественно - публицистическим жанром и в художественной форме рассказывает о выдающихся людях, жизнь которых является примером для других. Одной из важнейших задач прессы, в том числе и в жанре очерка, является рассказать о трудовых достижениях и описать их в художественно-публицистическом стиле. Именно этот «жанр антропологии» позволяет писателям сразу создать тип современного героя и воплотить духовный образ человека во всем его величии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: очерк, эволюция, периодическая печать, образ, герой, очерк-таблица, журналист, интервьюер.

**ON THE DEVELOPMENT OF THE GENRE ESSAY**

The formation and development of the essay genre is closely connected with the emergence of printing and its development. In this sense, the first Tajik newspaper "Bukhoroi Sharif" and "Shu'lai inqilob" were a good field for the development of the Tajik essay. The essay is an artistic and journalistic genre and in an artistic form tells about outstanding people whose life is an example for others. One of the most important tasks of the press, including in the essay genre, is to talk about labor achievements and describe them in an artistic and journalistic style. It is this "genre of anthropology" that allows writers to immediately create a type of modern hero and embody the spiritual image of a person in all his greatness.

**KEYWORDS:** essay, evolution, periodicals, image, hero, essay-table, journalist, interviewer.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муродалиева Бибиноз Додалиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 935190997.** E-mail: **bibinoz_97@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Муродалиева Бибиноз Додалиевна*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935190997**. E-mail**: bibinoz_97@mail.ru**

**Information about the author:** ***Murodalieva Bibinoz Dodalievna*** - Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 935190997**. E-mail: **bibinoz_97@mail.ru**

## ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПАРЕМИЙ В РЕЧЕВОЙ СИТУАЦИИ ПОХВАЛЫ

***Абдурахимова Ш.***

**Таджикский национальный университет**

Ранее в ходе анализа исследуемого материала нами были выявлены поведенческие нормы и установки, которыми руководствуются члены русского лингвокультурного сообщества в ситуации похвалы. Эти нормы важны как в практическом аспекте (для обучения адекватному

поведению на соответствующем иностранном языке), так и в теоретическом (выявление способов аккумулирования разных типов знания в языке).

Выявление поведенческих норм, заложенных в паремиях, – это важный аспект не только прагматического, но и лингвокультурологического анализа. Прагматические характеристики этих языковых единиц тесно связаны с их лингвокультурологической ценностью. Назидательность и рекомендательный характер подачи информации в паремиях позволяют рассматривать их как «вполне функциональный на сегодняшний день свод установлений по обустройству общества и межличностных отношений». С другой стороны, паремиологический фонд языка представляет собой также хранилище многовекового опыта народа. Этот опыт транслируется через внутреннюю форму паремии, через её компоненты, которые обладают культурными коннотациями и помогают выстраивать ассоциативные связи между пословичной ситуацией и ситуацией действительности.

Паремии репрезентируют такие важные для национальной культуры категории, как обычаи и традиции, повседневный быт, а также характер, привычки и внешность человека. Эти категории могут быть представлены в виде описания концептов, которые, как было замечено в теоретической главе исследования, являются основными единицами ЯКМ.

Реконструируя паремиологическую картину мира, многие исследователи описывают, как тот или иной концепт отражается в паремиях. Соответственно, целью таких исследований становится выявление и описание национально обусловленного своеобразия вербализации концепта через пословицы и поговорки. Особый интерес, как считает Е.В. Иванова, представляет «сопоставительное изучение пословичной концептуализации мира, позволяющее установить общие и различные черты в постижении мира двумя народами и отображении этого мира в пословичных фондах, сопоставить проявляющийся в пословицах менталитет народов».

Итак, пословицы функционируют в рамках устойчивого концептуального фона, и этот фон задаётся базовыми для паремии компонентами-лексемами. Поэтому для того, чтобы проанализировать лингвокультурологические особенности исследуемых паремий, в данной работе обращается внимание на отнесенность их компонентов к концептам русской культуры и к культурным кодам. Е.Н. Свалова замечает, что «чаще всего эти компоненты являются ключевыми словами не только в текстах исследуемых паремий, но и в этнокультуре в целом».

Считается, что фразеологическая картина мира является одним из наиболее естественных языковых воплощений культурных кодов. Под культурным кодом в работе понимается «система знаков (знаковых тел) материального и духовного мира, ставших носителями культурных смыслов; в процессе освоения человеком мира они воплотили в себе культурные смыслы, которые «прочитываются» в этих знаках». Иными словами, это набор образов, связанных с каким-либо комплексом стереотипов в сознании. Коды культуры соотносятся с древнейшими архетипическими представлениями человека, они служат своего рода «ключом» к пониманию особенностей культуры нации, а также, что немаловажно, помогают понимать поведенческие реакции.

Для выявления особенностей внутренней формы паремий в нашем исследовании использована тематическая классификация кодов культуры (растительный, животный, предметный, телесный и др.) Анализ того, как эти коды отражаются в образной структуре паремий, позволяет исследовать, как в объединенных общей коммуникативной ситуацией знаках воплощаются те или иные культурные смыслы.

Анализ группы пословиц-призывов показал, что в исследуемом фрагменте ПКМ представлены различные культурные коды: пространственный, темпоральный, биоморфный (животный и растительный), предметный, телесный (соматический), религиозный, числовой, духовный и антропоморфный. Рассмотрим подробнее примеры пословичных компонентов, репрезентирующих некоторые из перечисленных кодов культуры.

Один из наиболее задействованных в исследуемых пословицах культурных кодов – это растительный код. С определёнными растениями в языковой картине мира связаны представления о ценном и полезном, с одной стороны, и о малозначительном и неважном – с другой. Как отмечает, например, Л.В. Борисова, в русской языковой картине мира рожь (или

жито) характеризуется такими культурными коннотациями, как «полезное», «ценное», «общедоступное», «широко распространённое». Согласно исследованию Е.В. Дзюба, посвященному лингвокогнитивной категоризации, рожь является сверхтипичным представителем категории «злаки». Рожь встречается в ряде паремий, урожай этого злака выступает как обозначение некого результата, который требует оценки. Предостережение о преждевременности похвалы выражается через «жизненный цикл» этого растения: так, нельзя хвалить «ржи в озими», но можно хвалить «рожь в стогу». Таким образом, этот фитоним в пословице оказывается тесно связан с хозяйственной деятельностью человека. Противоположную коннотацию имеют, например, такие лексемы-компоненты, как горох, бобы и хвоя. Фитоним горох, согласно исследованию Заводовой Е.А., имеет потенциальные семы «отсутствие имущества», «нелепо одетый», «пустой человек», «бедняга», «сирота». В пословице Не хвались, горох, не лучше бобов обращение к адресату через лексему горох имеет ироничный оттенок, говорящий даёт с его помощью свою оценку человеку, который, по его мнению, излишне хвастлив, хотя и не заслуживает похвалы. Неодобрительное отношение считывается благодаря коннотациям компонентов горох и бобы (ср., например, остаться на бобах – остаться ни с чем, бобы разводить – заниматься пустыми разговорами). Хвоя в пословице Не хвали: половина хвои́ также имеет отрицательную коннотацию, которая, вероятно, связана с тем, что хвоя редко находит применение в хозяйстве, а также с тем, что хвойные деревья колются.

Зооморфный (животный) код является одним из наиболее значимых для русской культуры, животный мир стал основой для целой системы эталонов. В анализируемых пословицах-призывах представлено всего три лексемы – корова, лошадь и волчонок, однако отметим, что в пословицах-констатациях, привлекаемых в качестве дополнительного иллюстративного материала, значительное количество единиц (около 14%) имеют в составе зоонимы: Всякая лиса (лисица) свой хвост хвалит; Всяк кулик своё болото хвалит; Хвалилась синица море зажечь; Хвалилась кобыла, что с возом горшки побила и др. Образы коровы и лошади – это образы домашних животных, с которыми связана хозяйственная деятельность человека. Л.Ф. Пуцилева в своём исследовании выявляет, что «несмотря на верную службу этих животных человеку, все ЛСВ их наименований (включая детёнышей, как щенок, телёнок) направлены на дискредитацию либо внешности человека, <…> либо его поведения (Пуцилева, 2009: 13). Неодобрительное отношение говорящего в пословице Не хвастайся, корова, есть лошадь поворовей выражается в том числе в обращении корова, т.к. это животное является в русской культуре эталоном таких характеристик, как «толстый», «неловкий», и по этим параметрам, конечно, проигрывает лошади, с который сравнивается адресат обращения.

В пословицах-призывах представлены также коды культуры, связанные с человеком – антропный и соматический. Антропный код культуры включает смыслы названий социального, семейного статуса человека – например, жена (Не хвались женой в семь дён, а хвались в семь лет) и сын (Не хвали пива в сусле, а сына, пока борода не вырастет). Жена и сын в приведённых пословицах становятся объектом оценки, неким результатом деятельности человека. Это связано с представлениями общества о ценности супружества и правильного воспитания детей. Пословицы предостерегают от преждевременной оценки этих сфер семейной жизни. Так, брак можно считать «достойным» похвалы только спустя «семь лет», а результат воспитания детей не проявляется в полной мере, «пока борода не вырастет». Во второй пословице возраст передается через компонент борода, принадлежащий соматическому (или телесному) коду. Борода в русской культуре «выступает символом мужской зрелости, мужественности, мудрости». Другой пример символического значения лексемы-соматизма находим в пословице Не хвались умом, коль берёшь горбом. Ю.А. Башкатова отмечает, что «переносное значение лексемы-репрезентанта концепта спина (и ее синонимов горб и хребет) как символа труда и физической энергии зафиксировано в целом ряде пословиц и устойчивых выражений». В приведённой выше паремии горб противопоставлен уму как физический труд, противопоставленный интеллектуальному. Поведенческая установка «не хвалить незаслуженно» реализуется здесь с помощью этой антитезы, возникающей за счёт символического смысла компонента горб.

Рассмотрим также примеры предметного культурного кода, который связан с предметами, заполняющими пространство и принадлежащими окружающему миру. В устойчивых выражениях, в паремиях этот код широко представлен; это справедливо и для исследуемого фрагмента паремиологической картины мира. В пословицах-призывах это, например, такие компоненты, как изба, печь, стог, соха, сума, пиво и др. Образы, обозначенные этими лексемами, связаны с повседневным бытом русского человека – например, со сбором урожая (стог, соха); отметим, что в разных культурных сферах наблюдается символизация орудий труда. Паремии часто включают в свой состав названия пищи (пищевой код): так, в пословицах-призывах встречаются компоненты пиво и сусло (Не хвали пива в сусле, а ржи – в озими), в пословицах-констатациях также присутствуют названия еды (гречневая каша, мёд и др). Идея преждевременности похвалы выражается с помощью лексемы сусло, которая означает исходное вещество, из которого путём сбраживания получают пиво – объект оценки в типизированной пословичной ситуации.

Ситуации похвалы, как правило, предшествует какой-либо поступок, действие или процесс, результат которого подвергается оценке говорящего. Компоненты пословицы, их метафорически организованная внутренняя форма отражают именно это действие или некие явления действительности, которые оцениваются в тексте пословицы, а не сам акт похвалы.

Как отмечалось ранее, внутренняя форма паремии имеет свернутый сюжетный план, который связывает текст пословицы «с образом ситуации типичной, узнаваемой и потому авторитетной». Анализ отнесённости компонентов исследуемых пословиц к культурным кодам показал, что в качестве типизированных ситуаций выступают бытовые ситуации повседневной жизни человека – хозяйственная деятельность и семейная жизнь. Неодобрительное отношение к безосновательной похвале передаётся также через образы животных и растений, знакомых и привычных русскому человеку. Иными словами, на интерпретацию смысла паремий влияет символический потенциал их компонентов, устойчивые ассоциации с наделённой культурным смыслом лексикой.

Что касается категории оценочности, которая является одной из ключевых категорий речевого акта похвалы, то можно заключить, что в образной структуре пословицы заключена ситуация, которая является однозначно оцениваемой и соотносится в принятыми в обществе нормами. Эта оценка общества (положительная или отрицательная) заложена в том числе в коннотации лексемкомпонентов.

Таким образом, с точки зрения лингвокультурологии, внутренняя форма паремий встраивается в существующее поле культурных смыслов и коннотаций, что позволяет однозначно толковать значение той или иной паремии и соотносить её с ситуацией действительности. В пословицах, связанных с похвалой, ключевыми образами являются животные и растения, а также предметы хозяйства и быта, а ситуациями – хозяйственная деятельность (сбор урожая, варение пива) и семейная жизнь (супружество, воспитание детей).

**ЛИТЕРАТУРА**


1 Алефиренко, Н. Ф. Фразеология и паремиология: уч. пособие для бакалаврского уровня филолог. образования / Н. Ф. Алефиренко, Н. Н. Семененко. – М. : Флинта: Наука, 2009.
2 Апекова, Ж. Ш. Лингвокультурная специфика концептов «правда» и «ложь» в русской и кабардинской паремиологической картинах мира: автореф. дис. … канд. филол. наук / Ж. Ш. Апекова. – Нальчик, 2009.
3 Бигунова, Н. А. Комбинаторность речевых актов положительной оценки с другими речевыми актами (на материале англоязычного художественного диалогического дискурса) / Н. А. Бигунова // Вестник ННГУ. –2014. №1-1 (1). С.454–451. URL:


**ХУСУСИЯТҲОИ ЛИНГВОФАРҲАНГИ ПАРЕМИЯҲО ДАР ВАЗЪИЯТИ МАДҲ**


Дар мақолаи мазкур мо хусусиятҳои лингвофарҳангии паремияҳоро дар мадҳ мавриди баррасӣ қарор додем. Дар ин мақола мо маводи мавриди омӯзишро бо меъёрҳо ва дастурҳое, ки намояндагони ҷомеаи забони русиро дар вазъияти таърифӣ роҳнамоӣ мекунанд, таҳлил кардем.



**КАЛИДВОЖАҲО**: фарҳанг, санъат, хусусият, роҳнамоӣ, ҷомеа, ҷиҳат, меъёрҳо, андоза, амалӣ, муносибатҳо.


**ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПАРЕМИЙ В РЕЧЕВОЙ СИТУАЦИИ ПОХВАЛЫ**

В этой статье мы обсудили лингвокультурные особенности паремий в речевой ситуации похвалы. В данной статье мы проанализировали изучаемый материал с критериями и установками, которыми руководствуются представители русского языкового сообщества в дефиниционной ситуации.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: культура, искусство, характер, руководство, общество, измерение, нормы, измерение, практика, отношения.

**LINGUOCULTUROLOGICAL FEATURES OF PAREMIES IN THE SPEECH SITUATION OF PRAISE**

In this article we discussed the linguistic and cultural features of paremias in the speech situation of praise. In this article, we analyzed the studied material with the criteria and guidelines that guide the representatives of the Russian language community in the definitional situation.
**KEYWORDS**: culture, art, character, leadership, society, measurement, norms, measurement, practice, relationship.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:** ***Абдураҳимова Шафига*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюм. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Абдурахимова Шафига*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Abdurakhimova Shafiga*** – Tajik National University, second-year master`s student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ГУРӮҲБАНДИИ ҶУМЛА АЗ РӮЙИ АДАДИ ГУРӮҲҲОИ ПРЕДИКАТИВ

***Узоқова М.Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сарлавҳаи ин гузоришот истилоҳи “гурӯҳ предикативӣ” истифода шудааст, ки ба он бояд равшанӣ андохт. Таҳти ин истилоҳ якҷоягии мубтадо ва хабар фаҳмида мешавад, ки ин маҳфумро такроран зикр мекунем: 1) предикативият се рукнро фаро мегирад; 2) муносибати амал ё мундариҷаи гуфтор ба вақт, ки он тавассути шакли замонии феъл ё ҳоли замон ифода мешавад; 3) муносибатҳои амали ё мундариҷаи гуфтор ба амри вуқуъ, ки он ба воситаи шакли сиғаи феъл, ё феълҳои модалӣ, ё худ калимаҳои модаливу оҳанги гуфтор ифода мегардад.

Маводи амалии забони англисӣ гувоҳ медиҳад ки микдори гурӯҳҳои предикативӣ дар гуфтор метавонанд як то ё зиёда аз як то бошад.

Мисол:

1) Lord Henry looked at him (O. Wilde).

2) Lord Henry came over and examined the hicture (Ibid).

3) When he raised his head, the sun had set, and the red glow (нур) was falling in the west (E. Voynich). Дар ҷумлаи якум мубтадои “Lord Henry” ва хабари “lookeg” як гурӯҳи предикативиро ташкил мекунад.

Ҷумлаҳеро, ки аз як гурӯҳи предикативӣ иборат мебошанд, ҷумлаҳои сода меноманд. Дар ҷумлаи дуюм як мубтадо (Lord Henry) ва (came over ва examined) мавҷуд аст. Шарҳу таъбири синтаксисии ин навъ ҷумлаҳо баҳснок мебошад. Дар бештари сарчашмаҳои грамматикӣ қайд карда мешавад, ки аз сабаби якто будани мубтадо ин навъ ҷумлаҳо як гурӯҳи предикативиро ташкил мекунанд ва аз ин лиҳоз онҳо ба қатори ҷумлаҳои сода дохил мешаванд. Вале профессор М.Я Блох ҷумлаи “I took the child in my arms and held it”-ро мисол оварда қайд кардааст, ки ба вуҷуди як мубтадо доштанаш ин ҷумларо бояд ба зумраи ҷумлаҳои мураккаб дохил намуд, зеро он ду қатори предикативии гуногунро дорад. Он ду хабар дар ҷумла бо як мубтадо мустақилона алоқа зоҳир менамояд. Мазмуни ҷумла ду ҳодисаи ба ҳам марбутро, ки пайиҳам ба вуқуъ омадаанд, акс меноманд. Ҳодисаҳои якум “кӯдакро ба даст гирифтани ман” ва ҳодисаи дуюм “ӯро нигоҳ доштани ман” мебошад. М.Я. Блох ин навъ ҷумлаҳои мураккабро бо дигар намуди ҷумлаҳои мураккаб, ки дар онхо ҳар як хабар мубтадои вокеии якеро (I took the child in my arms and held it) ҷумлаи мураккаби сохташ мухтасар (composite sentence of consist composition) ва дигаре (Philip ignored the questions and he remained silent) ҷумлаи мураккаби сохташ мукаммал (composite sentence of

complete composition) номидааст.

Тафовути байни ҷумлаи мураккаби муқаррарӣ, ки дар мисоли сеюми боло оварда шудааст, аз ҷумлаи дуюми мо ва мисоли иқтибосии М.Блох (I took the child in my arm and held it) дар он аст, ки аз мубтадоҳои ҷумлаи навъи дуюм ихтисор мешавад. Бинобар ин, ин хел ҷумлаҳоро ҷумлаҳои мураккаби элиптикӣ (ноқис) меноманд.

Мисол:

1) She broke off and remained looking at him silenty (E. Voynich).

2) He looked up as I passed, recognized me and made as if to get up (W. Maugham).

Ҷумлаи якум мураккаб буда, дар баҳри кутоҳбаёнӣ пеш аз хабари “remained” мубтадоӣ “ She” партофта шудааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, “he” ду бор (пеш аз “recognized” ва “made”) ихтисор гардида аст. Вале дар ҷумлаҳои муракаби зерин мубтадо бевосита ширкат дорад.

The dew (шабнам) fell and the flower closed (J. Galsworthy).

Jude was absolutely indifferent to what she said (J. Hardy).

Ин хел ҷумлаҳоро бояд ҷумлаҳои мураккаби комил номид. Вале ҷумлаҳои навъи “ The Gadfly stood up and rolled the dirty rags (латтапорахо) together. (E.Voynish) - ро” метавон бо истилоҳи “ҷумлаҳои мураккаби ноқис (элиптикӣ)” номбар намуд.

Он мубтадои семантикӣ метавонад бо мақсадҳои услубӣ такрор ба такрор зикр шавад:

It raised my hair, it fanned (лесид) my cheek.

Like a meadow - gale (тундбори магзор) of spring.

It mingled (омехта шуд) strangly with my fears.

Yes, it felt like a welcoming (S.T. Coleredge).

Дар забони англисӣ ҷумлаи мураккабро бо истилоҳи “composite sentences” пайгирӣ менамоянд ва онҳоро аз лиҳози тариқати алоқаманд шудани ҷумлаҳои содаи таркибашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) Ҷумлаҳои мураккаби пайваст (compound sentences),

2) Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (Complex sentences).

Ба навъи якум ҷумлаҳои навъи зайл дохил мешаванд:

He was very tired; but it was too wet to sit down. (Ch. Dickens).

There traders wanted carriers badly. And our man was no good here (J. Conrad).

Ҷумлаҳои зерин бошад, навъи тобеъ маҳсуб мегарданд:

I hardly know how I got down (Ch. Dickens).

He loves to talk with mariners that come from far countries (S.Coleridge).

Дар байни ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаҳои мураккаби пайваст алоқаи координативӣ (пайваст) мавҷуд аст, ки онро бо забони англисӣ “Coordination” ё “parataxis” меноманд. Дар ин навъи алоқа гурӯҳҳои предикативӣ чун рукнҳои баробарҳуқуқ амал мекунанд, яъне яке дигареро шарҳ медиҳанд:

He stopped, and the Gadfly looked up with a slow, enquiring gaze (E.Voynich).

This is well enough, but neverthless I cannot, I confess incline towards them (Ch. Dickens).

Баръакс, дар алоқаи субординативӣ (тобеъ), ки онро “subordination” ё “hypotaxis” меноманд, як гурӯҳи предикативӣ дигар гурӯҳи предикативиро шарҳи эзоҳ медиҳанд ва бо он тобеъ аст:

Then one fine day I found out that someone I had trusted had trusted had deceived me (E. Voynich).

But who kisses joy as it flies. Lives in Etemite's (ҷовидӣ) sunrise (W. Blake).

Ҳамин тавр, ҷумлаҳои мураккаб аз ду ё зиёда гурӯҳҳои предикативӣ ташаккул ёфта, аз лиҳози тариқати алоқаи байни ин гурӯҳҳо ба гурӯҳҳои пайваст (coumpoun sentences) ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (complex sentences) ҷудо мешаванд. Дар алоқаи пайваст ҳар як бандчаи (clause) синтаксисӣ чун аъзои комилҳуқуқ ба як ҷумлаи мураккаб вайваст мешаванд, ҳол он ки дар алоқаи тобеъ яке аз бандачахо ба дигаре вобаста аст [8; 45].

Аз он сабаб ки ҷумлаҳои мураккаб дорои ду ё зиёда гурӯҳҳои прудикативӣ мебошад, онҳоро созмонҳои полипредикативӣ низ меноманд. Онҳо ду ё зиёда ҳодисоти олами моддиро акс менамоянд, ки дар ҳамбастагии мантиқию семантикӣ қарор доранд. Ҳар як ҳодисоти тасвиршавандаи таркиби ҷумлаи мураккаб бояд ҷумлаи сода (гурӯҳи

придикативӣ) ифода карда мешавад, ки онро дар забони англисӣ “clause” (бандчаи синтаксисӣ меноманд. Дар ҷумлаи “Tom said they'd find out when they got there (A. Thomson).” Се бандча “clause” мавҷуд аст, ҳол он ки дар ҷумлаи “He asked Ann if she could be ready by ten (A.Thomson)” ду бандча (clouse) ба назар мерасад.

Ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо ду воситаи пайвандакҳо ё бе пайвандак алоқаманд мегарданд:

The sun was bright, and a little breeze (насим) fluttered the leaves 'of the lime-trees (дарахти зерфун) beneath which he lay (J. Galsworthy).

I hope I shall be worthy of you, aunt (Ch. Dickens).

Swallows (фароштурукҳо) were flying high, the leaves above him glistened (J. Galsworty).

Ин ду воситаи алоқа ба паратаксис ва хам ба хипотаксис хосанд. Дар паратаксис пайвандакхои пайиҳам (copulative conjunctions) ва пайвандакхои хилофию ҷудоӣ (adversative conjunction) истифода мегарданд:

You going into danger, and you won't even say so honestly (E. Voynich).

The cloud which came on now was like an April cloud as if a bright shower of rain must follow (J. Galsworthy).

Well, what I was trying to get in was what had become of them (J. London).

Боиси зикр аст, ки пайвандакҳо гоҳҳо воситаи ягонаи тафриқа гузоштан дар байни паратаксис ва хипотаксис мебошад, зеро ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро метавон ду хел маънидод кард. Алалхусус, ҷумлаи “They've got something against him, you may depend upon it (E.Voynich)”-ро метавон ҳам ба паратаксис ва ҳам хипотаксис баргардонид: They've got something against him becouse you may depend upon it - Аз ҳамин сабаб профессор Б.А. Илиш махсус таъкид кардаст, ки набояд меъёрҳои граматикиро (воситахои алака) бо муҳолизоти семантакӣ омехт. Ин ақидаи Б.А. Илишро ба инобат гирифта, професор М.Я.Блох навиштааст, ки дар ҳолати эътироф намудани ихтисоршавии пайвандак дар ҷумлаҳои пайрав бояд ин принсипро нисбати ҷумлаҳои мураккаби пайваст низ маъқул донист.

Дар охир инро бояд зикр кард, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои содаи таркиби он аз лиҳози семантикӣ нисбатан мустақил аст, ки онро сарҷумла (Prinsiple clause) меноманд.Он ҷумларо метавонад як ё якчанд ҷумлаҳои сода шарҳ диҳад, ки онро (онҳоро) ҷумлаи пайрав (subordinate clouse) мегӯянд. Now what you need is plently of exercise and plenty of sun. (Gusack). “You don't mean to tell me you like that chap?” (Ibid). Ҷумлаи пайрав метавонад на ба сарҷумла, балки ба дигар ҷумлаи пайрав тобеъ шуда яке аз аъзоҳои онро шарҳ диҳад. I suppose you have no idea what our master is going to occupy us with? (Ch.Show).

### АДАБИЁТ


1. Адмони В.Г. Основы теории грамматики / В.Г Адмони. - Л.: Наука, -1964.
2. Апресян Ю.Д. Перформативы в грамматике и словаре. //Изв. Ан. ССОР Серия литературы и языка. -1986. - N3.
3. Афанасьева О.В., Реэвецова М,Д. и др. Практикум по орав-нительной типологии / О.В. Афанасьева, М.Д. Реэвецова. - М.: Просвещение. -1989.
4. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия, 1966.
5. Балли Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш.Балли. - М.: Изд-во иностр. лит., 1961.
6. Бархударов Л. С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархурдоров. - М.: Высшая школа, 1966.
7. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархурдаров, Д.А. Штелинг. - М.: Высшая школа, 1963.
8. Бабаханова С. Побудительные предложения в современном английском языке: Автореф. дис. на соиск. уч. степ, канд. филол. наук. -Тбилиси, 1983.
9. Бабайцева В.В. Русский язык. Синтаксис и пунктуация. - М.: Просвещение, 1979.
10. Белошапкова В.М. Современный русский язык / В.М. Белошапкова. - М.: Высшая школа, 1989.
11. Беляева Е.И. Функционально-семантичеокое поле модальности в английском и русском языках / Е.И. Беляева. - Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1986.


### ГУРӮҲБАНДИИ ҶУМЛА АЗ РӮЙИ АДАДИ ГУРӮҲҲОИ ПРЕДИКАТИВ


Дар мақолаи мазкур гурӯҳбандии ҷумла аз рӯйи адади гурӯҳҳои предикатив мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки таҳти ин истилоҳ якҷоягии мубтадо ва хабар фаҳмида мешавад, ки

ин маҳфумро такроран зикр мекунем: 1) предикативият се рукнро фаро мегирад; 2) муносибати амал ё мундариҷаи гуфтор ба вақт, ки он тавассути шакли замонии феъл ё ҳоли замон ифода мешавад; 3) муносибатҳои амали ё мундариҷаи гуфтор ба амри вуқуъ, ки он ба воситаи шакли сиғаи феъл, ё феълҳои модалӣ, ё худ калимаҳои модаливу оҳанги гуфтор ифода мегардад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** феъл, исм, гурӯҳ, мундариҷа, ҳоли замон.

**ГРУППИРОВКА ПРЕДЛОЖЕНИЙ ПО КОЛИЧЕСТВУ ПРЕДИКАТИВНЫХ ГРУПП**

В данной статье рассматривается группировка предложений по количеству предикативных групп. Автор отметил, что под этим термином понимается единство начала и вести, и мы будем упоминать это понятие неоднократно: 1) предикативность охватывает три столпа; 2) связь действия или содержания речи со временем, выражающаяся через временную форму глагола или настоящее время; 3) отношения действия или содержания речи к порядку события, который выражается через форму глагола, или модальные глаголы, или сами модальные слова и тон речи.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глагол, существительное, группа, содержания,.

**GROUPING SENTENCES BY THE NUMBER OF PREDICATIVE GROUPS**

In this article, the grouping of sentences according to the number of predicative groups is discussed. The author noted that the unity of the beginning and the news is understood under this term, and we will mention this concept repeatedly: 1) predicativity covers three pillars; 2) the relation of the action or the content of the speech to time, which is expressed through the tense form of the verb or the present tense; 3) relations between the action or the content of the speech to the order of the event, which is expressed through the form of the verb, or modal verbs, or the modal words themselves and the tone of the speech.
**KEYWORDS:** verb, noun, group, content, tense.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Узоқова Мавзуна Ҷамшедовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

**Сведения об авторе**: ***Узокова Мавзуна Джамшедовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

**Information about the author**: ***Uzoqova Mavzuna Jamshedovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992)770770280.** E-mail: **mavzuna_1609@mail.ru.**

# ШЕЪРИ ОБДОР ДАР ТАЗКИРАИ “РИЁЗ-УШ-ШУАРО”

***Ёрмухамедова Ш.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муаллифи тазкираи “Риёз-уш-шуаро” Волаи Доғистонӣ яке аз шоирони хушбаён ва тазкиранигорони машҳурест, ки нимаи аввали ҳаёташ дар замони салтанати шоҳони Сафавӣ дар шаҳри Исфаҳон ва нисфи дигари умри кӯтоҳаш дар сарзамини Ҳинд сипарӣ гаштааст. Вола тазкираи “Риёз-уш-шуаро”-ро дар соли 1748 таълиф намуда, соли 1749 ба он иловаҳо даровардааст.

Чунон ки маълум аст, ҳар давру замон фарогирандаи истилоҳоти балоғии хоси худ мебошад. Дар асри Сафавӣ низ тазкиранигон истилоҳоти хос ба ин давраро ба кор бурдаанд. Дар ин маврид донишмандони Эрон Муҳаммад Ризоӣ ва Орзу Нақизода дар мақолаашон бо унвони “Истилоҳоти балоғӣ дар тазкираҳои асри Сафавӣ” чунин нигоштаанд: “...Як матни адабӣ аз ҳайси доро будани вижагиҳои фасоҳату балоғат имкон дорад дар ҳар давра аз таърих ба навъе мутафовит баррасӣ шавад. Дар асри Сафавия низ бо даромехтагии шеъри порсӣ ва завқи шоирони ҳиндитабор арса барои ин қисм таҳаввулот бештар шуд. Дар ин давра тазкиранависон бо тағйири меъёрҳои фасоҳат ва балоғат истилоҳотеро низ ба кор бурдаанд [6, с.55].

Тазкиранигор чун дигар ҳамзамононаш дар тазкираи хеш аз истилоҳоти балоғии хоси давраи Сафавӣ ба таври фаровон истифода бурдааст. Баррасии ин истилоҳот нигоҳи тазкиранигорро нисбат ба балоғат равшан месозад.

Завқи адабии ҳар аср бо аъсори қабл ва баъди худ яксон нест ва гоҳ тазодҳои асосӣ ҳам пайдо мекунад. Хусусан, дар асри Сафавия авомили фасоҳат ва балоғат бисёр мутафовит менамояд ва ҳамон тавр ки дуктур Шамисо дар мавриди тазкираҳои асри Сафавия гуфтаанд: "Аз ин китобҳо рушду таҳаввули табиии улуми балоғӣ ва адабӣ (арузу бадеъ ва маониву баён) ба лиҳози истифодаи корбурде аз онҳо ба хубӣ ҳувайдост" (нақди адабӣ). Албатта, илова бар истифодаи корбурдӣ таҳаввули дидгоҳҳо ва таъвирҳо ҳам дар хусуси бархурд бо улум ва фунуни адабӣ дар тазкираҳо ба чашм меҳӯрд; ба таври мисол, дар ҳоле ки дар давраҳои қабл таъқид ва ғаробат дар матн аз уюби фасоҳат шумурда мешуд, дар ин давра аммо таъқидҳо боиси ҷаззобияти матн мешавад – албатта бо тағйири ном ва ё ҳавзаи корбурд; чун тарзи тазриқ ва бемаънигӯйӣ, ки пояи аслии он ҳамон таъқиди маънавӣ аст – ва ғаробатҳо роҳро барои шуҳрати як асар ва маҳбубияти он боз мекунад. Нақши тазкиранависон, ки ноқидони он даврон буданд, дар ин тағйир ва таҳаввулот чашмгир ва асосӣ аст.

Яке аз истилоҳоти маъмулу серистеъмоли асри Сафавӣ "шеъри обдор" мебошад. Вожаи "обдор" дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба 8 маънӣ омадааст. Ин вожа дар маънии сеюм чунин шарҳ ёфтааст: "фасеҳ, равон, пуртаъсир, маънидор: шеъри обдор, сухани обдор, садои обдор" [5, с.9]. Истилоҳи "шеъри обдор" аз ҳамин маънӣ сарчашма мегирад. Ин истилоҳ аз тарафи муаллифони мақолаи "Истилоҳоти балоғӣ дар тазкираҳои асри Сафавӣ" чунин таҳлил карда шудааст: "Ин калима (обдор) вақте нақши сифатро дошта бошад ва баъд аз калимоте чун "шеър" ва "сухан" қарор гирад, аз зумраи истилоҳоти нақди адабии ин аср маҳсуб мешавад. Луғати обдор дар маънии зоҳирӣ ва наздик ба маънии шодобӣ, ботароват будан ва пуробӣ ва маонии наздик ба ин аст, аммо маонии маҷозии ин калима тез ва буранда барои шамшеру корд ва мисли он, соҳиби сомон ва худованди мол барои мардум, дурахшишу шаффофият ва низ фасеҳу равон будан барои сухан аст. Бинобар ин, шеъри обдор ба маънии шеъри фасеҳу равон мебошад, ки дар он ҷанбаи лафзии калом мутаносиб бо иқтизои ҳоли мухотаб ва маънии шеър биёяд. Дар воқеъ, шоир бояд ҳам алфози зебову фасеҳ дар шеъри худ биёварад ва ҳам он алфозро қолабе барои маонии муносиби ҳолу вақти мухотаб ва замонаи худ баён кунад [6, с.57-58].

Муҳаммад Ризоӣ ва Орзу Нақизода пас аз баррасии матнҳои бадастовардаашон як қатор хусусиятҳои назарраси шеъри обдорро муайян кардаанд, ки онҳо лозим ба ёдовариanд:

1. Тамоми ашъори як фард вижагии обдор буданро доро нест ва ин хасиса дар бархе аз абёт ё ашъор дида мешавад;
2. Ашъори обдор ба навъе мутародиф бо ғарро будани онҳост;
3. Ашъоре, ки обдор бошад, шинохта хоҳад шуд ва дар инзиво намемонад. Гоҳе танҳо як вижагӣ аз фарде дар матни тазкира меояд ва он обдор будани ашъори ӯст.
4. Вижагии обдор будан дар мавриди як калима ба кор намеравад, балки марбут ба каломи шоир мешавад [6, с.58].

Волаи Доғистонӣ ҳамчун тазкиранигори асри Сафавӣ дар корбурди истилоҳи "шеъри обдор" маҳорати хуби касбӣ нишон додааст. Дар натиҷаи ҷустуҷӯ маълум гардид, ки Вола дар тазкирааш аз шеъри обдор доштани 12 тан шоир дарак додааст ва намунаҳое аз ашъори обдори эшонро манзур сохтааст. Аз ҷумла, муаллифи тазкира дар мавриди Саййид Муъиниддин Ҳасан Ашрафии Самарқандӣ чунин нигоштааст: "Ашъори обдори бисёр дорад [1, с.93]. Вола аз ашъори обдори ин шоир 13 байт овардааст. Ин ҷо ғазали обдори шоирро манзур месозем:

Ё Раб, сабабе соз, ки он сарви равонро
Орад бари мо чарх алорағми ҷаҳонро.
Ҳар шаб ба умеди рухаш аз оби ду дида
То кай гузаронем ҷаҳони гузаронро?
Гар ҳеч надидам ба муроди дили хешаш,
Маъзур бувад, з-он ки набинанд равонро.
Дар рехтани хуни дили аҳли замона
Чашми ту амон менадиҳад даври замонро [1, с.93-94].

Муаллифи тазкира аз шеъри обдори зиёд доштани шоирони дигаре ҳам чун Мавлоно Ҳалокии Ҳамадонӣ ва Мирзо Довуд ёд карда, аз Мавлоно Ҳалокии Ҳамадонӣ 23 байти обдор овардааст. Ин ҷо бо овардани ду байт аз ашъори ӯ иктифо менамоем:

Шуълаам аз дил чунон сар мекашад, к-аз хонаам
Ҳар нафас ҳамсояҳо оташ зи равзан мебаранд.
* * *
Дар ҳусн ду чиз аст балои дилу дида:
Чашми сияҳу абруи дунболакашида [4, с.613-614].

Дар мавриди дигар Волаи Доғистонӣ ба гӯш кардани шеъри обдор рағбат доштани шоиронро низ қайд намудааст. Вай дар бораи Оқои Набисухан чунин навиштааст: "Ҳар рӯз, билотахаллуф, баъд аз адои намози аср ба қаҳваи боғи Хулди барин, ки алҳақ, макони биҳиштойин аст, меравад, то намози шом ба суҳбати арбоби камол ва хондану дидани ашъори обдор ва шунидани қиссаи Мулло Муҳаммадшафеъи қиссахони машҳур, ки он низ ягонаи офоқ аст, табъро машғул ва аз кудурот маъзул медорад..." [2, с.405].

Дар тазкира нуктаи дигаре ба назар расид, ки бархе аз шоирон вақти худро махсус ба гуфтани шеъри обдор сарф мекардаанд. Ин маврид дар шарҳи ҳоли Мирзо Солеҳ ба назар афтод: "Аксар авқоти худро масруфи гуфтани шеъри обдор дошта. Чанд ғазал аз эшон ба назар расид. Ин байт, ки мунтахаби онҳо буд, сабт намуд:

Сарв хезад беди маҷнун, лола рӯяд сарнигун,
Дар гулистоне ки нахли бахти ман гул мекунад" [2, с.562].

Аз мутолиаи тазкира маълум гардид, ки шоироне ҳам будаанд, ки на ҳама вақт гуфтани шеъри обдор ба онҳо даст медодааст ва аз миёни ашъорашон танҳо чанд байтеро ба сифати шеъри обдор интихоб кардан мумкин будаасту бас. Шоири мавриди назари мо Шоҳ Аббоси Мозии Сафавӣ мебошад: "...гоҳе шеъри обдор аз забонаш метаровид" [3, с.123].

Шоироне ҳам будаанд, ки дар анвои гуногуни шеърӣ шеъри обдор ба ёдгор мондаанд. Қайди Волаи Доғистонӣ дар бораи Мирзо Маҳдии Кавкаб тасдиқи гуфтаҳои моро нишон медиҳад: "Ашъори баланди обдораш аз маснавию қасоиду ғазалу рубоию қитъа ва ғайра бисёр аст ва ҳангоми тастири ин сутур сивои ин чанд байт чизе дар назар набуд, ба ҳамин қадар иктифо намуд:

Зи сӯзи ишқ таскини дили бетоби худ кардам,
Зи оташ чораи бетобии симоби худ кардам.
Зи паҳлӯи дили равшан шудам ҳамчун садаф вайрон,
Намудам қатраеро тарбият, селоби худ кардам.
Ба оини шаҳодат худпарастам кард аз теғаш,
Ки ҳар захми намоёнро ба тан меҳроби худ кардам.
Шуда дар пардаи ҳар зарра пинҳон умрҳо, Кавкаб,
Ки таъсири фурӯғи меҳри оламтоби худ кардам [3, с.714].

Мавриде ҳам ба назар расид, ки Вола танҳо як хусусияти фардро дар тазкирааш ном бурдааст, ки ин ҳам обдор будани ашъори ӯст. Барои равшан сохтани ин нукта шарҳи ҳоли Мавлоно Сабурии Табрезиро овардан лозим аст: "Мавлоно Сабурии Табрезӣ валади Қаробеги Заргар аст. Ашъори обдор аз вай ба ёдгор монда. Дар аҳди шоҳ Таҳмосби мозии мағфур буда" [2, с.588].

Тазкиранигор ҳангоми баёни шарҳи ҳол ва хусусиятҳои ашъори Мавлоно Муҳаммадафзали Понипатӣ шеъри обдорро бо "маонии обдор" муродиф сохтааст: "Шеъри ҳиндию форсиро бағоят хуб мегуфт ва ароиси асрору маонии обдор дар либоси назму наср ба ҷилваи зуҳур меовард. [1, с.265-266].

Бино ба маълумоте, ки Волаи Доғистонӣ дар тазкираи “Риёз-уш-шуаро” зимни шарҳи ҳоли Робиа бинти Каъб ал-Қуздорӣ дарҷ кардааст, шоирон на танҳо ба забони форсӣ қодир будаанд, ки шеъри обдор гӯянд, балки онҳо дар гуфтани шеъри обдор ба забони арабӣ ҳам худро санҷидаанд: “...дар луғати тозию дарӣ ашъори обдор бисёр гуфтааст” [2, 152]. Ҳоло дар зер аз намунаи ашъори обдори Робиа ғазалеро меорем:

Ишқ бори дигар овардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Тавсанӣ кардам, надонистам, дареғ,
К-аз кашидан сахттар гардад каманд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд.
Ишқ дарёе каронанопадид,
Кай тавон кардан шино, эй мустаманд? [2, с.153].

Волаи Доғистонӣ аз ашъори обдор доштани шоирони дигаре ҳам, мисли Мирзо Толиб, Мавлоно Муҳташами Кошӣ ва Муҳаммадҳусайнбеги Маҳфуз ёд кардааст.

Хулоса, тазкиранигори аҳди Сафавӣ Волаи Доғистонӣ дар тазкирааш аз истилоҳи маъмули ин аср “шеъри обдор” ба таври фаровон истифода бурдааст ва намунаҳои чунин навъи шеърро дар тазкирааш ҷой додааст. Ба кор бурдани ин истилоҳ дар мавриди шоирон ва ҷудо кардани ашъори обдори онҳо аз мутолиаи дақиқ ва маҳорати шеършиносии тазкиранигор огоҳӣ медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум / Волаи Доғистонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот доктор Мисбоҳиддини Нарзиқул. Бо сарсухани профессор Саид Нуриддин Саид. – Душанбе: Офсет, 2018. – 728 саҳ.
2. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм / Волаи Доғистонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот доктор Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. Бо сарсухани профессор Саид Нуриддин Саид. – Душанбе: Полиграф групп, 2018. – 776 саҳ.
3. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди сеюм / Волаи Доғистонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот доктор Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. Бо сарсухани профессор Саид Нуриддин Саид. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 752 саҳ.
4. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди чаҳорум / Волаи Доғистонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту тавзеҳот доктор Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. Бо сарсухани профессор Саид Нуриддин Саид. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 752 саҳ.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 944 саҳ.
6. رضایی، محمد، نقی زاده، آرزو. اصطلاحات بلاغی در تذکره های عصر صفوی / محمد، رضایی، آرزو، rhetorical.semnan.ac.ir نقی زاده. (از صح. 55 تا 74). برگرفته از سیت انترنتی


## ШЕЪРИ ОБДОР ДАР ТАЗКИРАИ “РИЁЗ-УШ-ШУАРО”


Мақола ба баррасии яке аз истилоҳоти асри Сафавӣ – “шеъри обдор” дар тазкираи “Риёз-уш-шуаро” бахшида шудааст. Дар мавриди корбурди ин истилоҳ дар тазкираи “Риёз-уш-шуаро” таҳқиқе анҷом дода нашудааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар мақола мавридҳои истифодаи ин истилоҳро дар тазкира таҳқиқ намояд. Муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки истифода бурдани истилоҳи “шеъри обдор” дар мавриди шоирон ва овардани намунаҳои “шеъри обдор”-и онҳо аз мутолиаи дақиқи шоир дарак медиҳад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шеъри обдор, истилоҳ, тазкира, “Риёз-уш-шуаро”, Сафавӣ, муаллифи тазкира, Волаи Доғистонӣ.


## “ШЕЪРИ ОБДОР” В ТАЗКИРЕ “РИЯЗ-УШ-ШУАРО”


Статья посвящена обсуждению одного из терминов эпохи Сефевидов “шеъри обдор” в тазкире “Рияз-уш-шуаро”. Никаких исследований относительно использования этого термина в тазкире “Рияз-уш-шуаро” не проводилось. Автор попытался исследовать случаи использования этого термина на тазкире в статье. Исследователь пришел к выводу, что использование термина “шеъри обдор” в отношении поэтов и приведение примеров их “шеъри обдор” свидетельствует о точном чтении поэта.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** “шеъри обдор”, термин, тазкире, “Рияз-уш-шуаро”, Сефевиды, автор тазкире, Вола Дагестани.

**"SHE^RI OBDOR" IN THE TAZKIRA "RIAZ-USH-SHUARO"**

The article is devoted to the discussion of one of the terms of the Safavidera - "she^ri obdor" in the "Riyaz-ush-shuaro" painting. There has been no research on the use of this term in the "Riyaz-ush-shuaro" painting. The author tried to investigate the case so fusing this term in the picture in the article. The researcher came to the conclusion that the use of the term "she^ri obdor " in the case of poets and giving example softheir "she^ri obdor " indicates a precise reading of the poet.

**KEYWORDS:** “she^ri obdor”, the term, tazkira, "Riyaz-ush-shuaro", Safavi, author of tazkira, Dagestani Vola.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ёрмухамедова Шаҳло Зафаршоҳовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934166633.**

**Сведения об авторе:** ***Ёрмухамедова Шахло Зафаршоховна*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934166633.**

**Information about the autor:** ***Yormukhamedova ShahIo Zafarshohovna*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **(+992) 934166633**.

# ПРОГРЕССИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ ВА МАВҚЕИ НЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ

***Бегахмадова Ф.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши калимаҳои навбунёд ҷузъи ҷудонашавандаи лексикология мебошад. Неологизмхо кобилияти забонро дар инъикоси инкишофи динамикии ҷамъият ва дар айни замон доираи анъанавии калимасозиро васеъ менамоянд.

Барои намоиш, дубора тавлид ва муттаҳид кардани ғояҳо ва мафҳумҳои нав, нутқ ва лексикаи навро аз нав сохтан, бо ҷузъҳои нав пурра кардан мумкин аст. Инкишофи нутқ бештар ба инкишофи системаи калимасозии он, ташаккули моделхои нави калимасозӣ бо рохи тағйир додани моделхои мавчуда, зиёд ё кам шудани маҳсулнокии онхо ва бисёр омилхои дигари раванди калимасозӣ вобаста аст. Шумораи зиёди калимаҳои нав ва зарурати тавсифи онҳо боиси ба вуҷуд омадани як соҳаи нави лексикология – неология – илм дар бораи неологизмҳо гардид.

Воҳиди нави луғавӣ чанд марҳилаи иҷтимоишавӣ (қабулшавӣ дар ҷомеа) ва лексикализатсия (муқаррар кардани он дар забон) мегузарад. Пас аз пайдо шудан неологизм, чун қоида, аз ҷониби устодони донишгоҳҳо, муаллимони муассисаҳои таълимӣ ва кормандони ВАО паҳн карда мешавад. Он гоҳ вай дар нашриёт сабт карда мешавад. Марҳилаи навбатии ҷомеасозӣ қабули воҳиди нави лексикӣ аз ҷониби оммаи васеи забони модарӣ мебошад. Зинаи дигари иҷтимоишавӣ, қабул намудани малакаҳои истифодаи неологизмҳо аз тарафи ҷомеа, муайян кардани шароит ва зидди нишондодҳои истифодаи он дар заминаҳои гуногун. Дар натиҷа воҳиди луғавии типи алоҳидаи сохторӣ (сод, ҳосила, мураккаб, калима ё ибораи мураккаб) ба вуҷуд меояд, ки ба луғатҳои гуногуни неологизмҳо дохил мешаванд.

Яке аз проблемаҳои ҳалношудаи илми неология масъалаи муайян кардани истилоҳи «неологизм» мебошад. Ба ибораи нав, лексикологҳо ва лексикографҳо воҳидҳоеро, ки дар забон дертар аз як давраи муайян пайдо мешаванд, ҳамчун воҳиди аслӣ мепазиранд. Инак, баъзе муҳаққикон, аз ҷумла В.И. Заботкин, анҷоми ҷанги дуюми ҷахониро чунин сарҳад мешуморад. Дигарон ба вуҷуд омадани калимаҳои навро бо тадқиқи кайҳон алоқаманд карда, соли 1957 соли сар дода шудани аввалин спутникро ҳамчун сарҳади мазкур эътироф мекунанд. Ҳамин тавр, меъёри неологизм аз як тараф субъективӣ ва аз тарафи дигар объективӣ аст.

Бисёр вожаҳо аллакай раванди иҷтимоишавӣ ва қисман луғавишавиро (лексикализатсия) аз сар гузарондаанд. Тибқи таҳқиқот дар Англия ва ИМА, аксари калимаҳои дар луғатҳои неологизм сабтшуда аз ҷониби мардуми маҳаллӣ ҳамчун калимаҳои нав эътироф карда намешаванд. Онҳо нав буданашонро ҳангоми зиёда аз ду даҳсола аз ҷониби донандагони забон истифода шудан аз даст доданд. Аммо мо ин вожаро ба далели нав тасниф мекунем, зеро он дар давоми 20 соли охир дар забони англисӣ пайдо шудааст, ки ин аз нигоҳи рушди таърихӣ як давраи ниҳоят кӯтоҳ аст ва дар мафҳумҳои эпистемологӣ ин луғат то ҳол навгонии худро гум накардааст.

Дар мавриди истилоҳи «неологизм» бошад, он маънои калимаи нав (таркиби устувори калимаҳо), ки ё аз ҷиҳати шакл ва ё аз ҷиҳати мазмун нав аст. Дар асоси ин дар сохтори неологизмҳо инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

–воқеан неологизмҳо (навоварии шакл бо навоварии мазмун пайваста шудааст): biocomputer – «компютере, ки системаи асаби организмҳои зиндаро тақлид мекунад», thought-processor – «компютере, ки идеяҳои мантиқӣ сохта ва инкишоф медиҳад».

–трансноминатсия, ки навоварии шакли калимаро бо маъное, ки қаблан дар шакли дигар оварда шудааст, ба ҳам мепайвандад: sudser - "операи собунӣ (маҷозӣ)", калон С - "(мед.) рак".

–навовариҳои семантикӣ ё таҷдиди назар (маънои нав бо шакле, ки аллакай дар забон вуҷуд дошт, нишон дода мешавад): *bread* - пул, *drag* - дилтангӣ, *acid* - дору.

Дар забон чанд даҳсолаи охир воҳидҳои гурӯҳи якум бартарӣ доранд, ки ин бо эҳтиёҷоти афзояндаи ҷомеа ба номгузорӣ ба воқеиятҳои наве, ки дар робита бо пешрафти илмию техникӣ ба вуҷуд омадаанд, шарҳ дода мешавад. Навовариҳои семантикӣ ҳамчун маъноҳои нави калимаҳои аллакай мавҷудбуда фаҳмида мешаванд. Дар ин ҳолат, имконоти зерин имконпазиранд:

1. калимаҳои кӯҳна маънои пешакии худро (маънои қаблан мавҷударо) гум карда, комилан дигар мекунанд.
2. дар таркиби семантикии калима боз як варианти луғавию семантики (ВЛС) пайдо мешавад, ба шарте ки ҳамаи навъҳои анъанавӣ нигох дошта шаванд.

Дар байни навовариҳои семантикии даҳсолаҳои охир воҳидҳои навъи дуюм бартарӣ доранд. Ҳамин тариқ, калимаи *mafia* маънои худро васеътар карда, маънои «ҳар созмони махфӣ, доирае, клан»-ро пайдо кард.

Калимаи “box” якчанд маъноҳои навро гирифтааст. Дар версияи британиёгӣ ин маънои "телевизион"-ро дорад. Дар версияи америкоӣ ВЛС-и нав маънои «магнитофони сайёр»-ро дорад. Телевизионро дар ИМА дар заминаи муошırати ғайрирасмӣ *the tube* (дигар маънои иловагӣ дар сохтори семантикии калимаи най) ё *the boot tube* меноманд.

Сифати *heavy* дар маънои нави «ҷиддӣ» дар забони англисӣ ба таври васеъ истифода мешавад (хусусан дар ибораи *ТИ is a heavy question (problem)*. Умуман, дар байни навовариҳои семантикӣ тамоюли ташаккули калимаҳои абстрактии ВЛС дида мешавад, ки калимаҳои ВЛС-ро васеъ мекунанд. Махсусгардонии маъноҳо барои даҳсолаҳои охир камтар хос аст. Неологизмҳои семантикӣ нисбат ба дигар навъҳои неологизмҳо дар забони кучагӣ (жаргонӣ, сленг) бештар истифода мешаванд.

Вақте ки сухан дар бораи неологизмҳо меравад, зикр накардани ҷойгоҳи онҳо дар заминаи пешрафти илмию техникӣ дар забони англисии муосир ғайриимкон аст. Тавре ки аллакай зикр гардид, неологизмҳо қариб бо тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи муосири англисзабон алоқамананд. Миқдори махсусан зиёди воҳидҳои нави лексикӣ вобаста ба инкишофи техникаи ҳисоббарор пайдо шуданд. Чунин неологизмҳоро метавон ба чанд гурӯҳи семантикӣ ҷудо кард.

Воҳидҳои лексикӣ маънои мафҳумҳои марбут ба кор дар компютерро доранд, масалан, *trouble-shoot* - “нест кардани як қисми маълумот дар хотираи компютер” ва ғайра. Дар кишварҳои англисзабон компютеризатсия дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла ҳаёти ҳаррӯза паҳн мешавад. Миқдори зиёди неологизмҳое, ки бо истифодаи компютер дар ҳаёти ҳаррӯза алоқаманданд, тавассути ихтисораи *tele-* , масалан, *telepost* - «ҷой дар хона, ки компютер дар он ҷойгир аст» ба вуҷуд омадааст. Дигар навъҳои воҳидҳои луғавӣ низ истифода мешаванд, масалан:

*a-taxi*- «тавассути телефон фармоиш додани таксӣ»;

*a-meal*- «тавассути телефон фармоиш додани хӯроки нисфирӯзӣ» (дар ду ҳолат, мисли пеш аз ин вуҷуддошта, пайвасти компютер бо маркази мувофиқ пешбинӣ шудааст) ва ғайра.

Компютеризатсия дар соҳаҳои гуногуни илм ва техника истифода мешавад, ки боиси пайдоиши шумораи зиёди неологизмҳои истилоҳотӣ гардид. Масалан, дар соҳаи забоншиносӣ:

*machine translation* - "тарҷумаи мошинӣ";

i*nterlingual* - "забони сунъӣ барои тарҷумаи мошинӣ ба якчанд забон";

*beometric locks* - "қуфлҳои биометрӣ";

v*erification* - "дастгоҳи биометрӣ, ки овозро муайян мекунад."

Гурухи нисбатан нави семантикиро метавон неологизмхои марбут ба кайҳоннавардӣ, бо инкишофи авиация, ҳаёти театрӣ, дар сохаи кино ва телевизион, дар сохаи дигаргуниҳои ичтимоӣ, дар сохаи маориф, тандурустӣ ва ғайра эътироф кард.

Ҳамин тариқ, неологизмҳо ин истилоҳоти нав, калима ё ибораи муаллифӣ мебошад, ки дар марҳилаи муайян ба истеъмоли умумӣ даромада, то ҳол ба забони давлатӣ ва умумӣ дохил нашудааст. Категорияи неологизмҳо аз ҷиҳати таърихӣ тағйирёбанда аст. Сабабаи пайдоишашаон бошад, ин пайдо шудани объектҳо ва мафҳумҳои нав мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Антрушина Г. Б. Лексикология английского языка. English lexicjlogy: учебник и практикум для академического бакалавриата / Г. Б. Антрушина, О. В. Афанасьева, Н. Н. Морозова. -8-е изд., перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2016.
2. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка: учеб. пособие. – 2-е изд., перераб./ И.В. Арнольд. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2012.
3. Брагина А.А: «Неологизмы в русском языке» / А.А. Брагина. - М.: 2003.
4. Виноградов В.В. Об основном словарном фонде и его словообразующей роли в истории языка / В.В. Виноградов. - М.:1977
5. Виноградова Н. В. Компьютерный сленг и литературный язык: проблемы конкуренции // Исследования по славянским языкам. Корейская ассоциация славистов. М., 2006.
6. Гак В. Г. Сопоставительная лексикология: На материале французского и русского языков. – 2-е изд. – М.: УРСС, 2010.


## ПРОГРЕССИ ИЛМИЮ ТЕХНИКӢ ВА МАВҚЕИ НЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АНГЛИСӢ


Дар ин мақола масъалаи пешрафти илмию техникӣ ва мавқеи неологизмҳо дар забони муосири англисӣ баррасӣ карда мешавад. Тавре муаллиф қайд мекунад, ҳар як забон миқдори зиёди ибораҳои гуногунро дар бар мегирад, ки хусусияти сохтори грамматикӣ ва фонетикии забонро инъикос мекунанд. Чунин ибораҳо барои дар асоси маводҳои асосӣ бевосита омухтани хислатҳои миллии забон ва халқ шароит фароҳам меоваранд, ки ин ҳангоми аз як забон ба забони дигар тарҷума кардани асарҳои бадеӣ аҳаммияти калон дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** илмию техникӣ, пешрафт, мавқеъ, неологизм, англисии муосир**.**


## НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКИЙ ПРОГРЕСС И ПОЗИЦИЯ НЕОЛОГИЗМОВ В СОВРЕМЕННОМ АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ


В данной статье рассматривается вопрос о научно-техническом прогрессе и позиция неологизмов в современном английском языке. Как отмечает автор, в состав каждого языка входит большое количество различных фраз и выражений, отражающих особенности грамматической и фонетической структуры языка. Такие выражения создают условия для непосредственного изучения национального характера языка и народа на основе конкретных материалов, что имеет большое значение при переводе произведений искусства с одного языка на другой.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** научно-технический, прогресс, позиция, неологизм, современном английском языке.


## SCIENTIFIC AND TECHNICAL PROGRESS AND THE POSITION OF NEOLOGISMS IN THE MODERN ENGLISH LANGUAGE


This article discusses the issue of scientific and technological progress and the position of neologisms in modern English. As the author notes, each language includes a large number of different phrases and expressions that reflect the features of the grammatical and phonetic structure of the language. Such expressions create conditions for the direct study of the national character of the language and people on the basis of specific materials, which is of great importance when translating works of art from one language to another.



**KEYWORDS:** scientific and technical, progress, position, neologism, modern English.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бегахмадова Фотима Абдурахимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992). 980030380.**

**Сведения об авторе**: ***Бегахмадова Фотима Абдурахимовна***. - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **(+992). 980030380.**

**Information about the author**: ***Begahmadova Fotima Abdurahimovna***. - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992). 980030380.**

# ШИНОХТИ ЖАНР ДАР ТАҲҚИҚИ ОЛИМОН

***Комрони А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шинохти жанр дар гузашта чандон аҳаммият надоштааст, зеро мақсади асосии онҳо расонидани мақсад ба хонанда будааст, на ин ки шинохти қолаби муайяни жанрӣ. Имрӯз барои мо қобили таваҷҷуҳ ва ҷолиб аст, ки асрҳо пеш дар қолабҳои имрӯзаи ин ё он жанр матлабе эҷод шуда будааст.

Муҳаққиқ И.К.Усмонов ба он назаранд, ки ҳар соҳа жанри худро дорад ва онҳо бо як махсусияте аз ҳам фарқ мекунанд. Барои мисол, илм жанрҳои худро дорад-рисола, мақола, гузориш, тадқиқи комил ва тавре ки адабиёт аз жанрҳо иборат аст - ғазал, рубоӣ, роман, ҳикоя, ҳамин тавр публитсистика низ аз жанрҳои гуногун, аз ҷумла очерк, памфлет, репортаж, лавҳа ва амсоли ин иборат мешавад.

Зимни омӯзишу таҳлили мавзуъ ба навиштаи ҳеҷ муҳаққиқе рӯ ба рӯ нашудем, ки омӯзиш ва истифодаи жанрҳои журналистикаро дар фаъолияти амалии журналистон нолозим дониста бошад. Ҳамагӣ таъкид бар он кардаанд, ки бе корбурди жанр журналистика комил нест. Донишманд М.Муродов дар пайванд ба ҳамин масъала навиштаанд, ки: "Фаъолияти эҷодии рӯзноманигориро бе жанр тасаввур кардан ғариимкон аст. Зеро маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар ҷамъбаст мегардад" [8, с.4.] Бо мутолиаи навиштаи муҳаққиқ воқеан дар зеҳн фикрҳое пайдо мешаванд, ки бе донистани қоидаҳои пухтани сихкабоб, оё метавон онро болаззату хурданибоб омода сохт? Албатта не. Бинобар ҳамин зарурати шинохти жанрҳои журналистика ва истифодаи он дар фаъолияти амалӣ зарур аст.

Ба андешаи муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва С.Гулов "Жанрҳо факторро, воқеаро ҷолибу рангоранг тавзеҳ медиҳанд ва ҳамзамон ба иттилоъ завқи эстетикӣ мебахшанд" [10, с.4]. Агар ба таърихи таъсиси аввалин рӯзнома, радио ва телевизион назар кунем, шоҳиди он мегардем, ки дар онҳо матолиб дар жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва бадеӣ-публитсистӣ ҷой карда мешуданд. Маълум аст, ки масъулини редаксияҳо ин корро маҳз ба хотири рангоранги нашрия, ҷолибияти матолиби радио ва таваҷҷухбаренгезии барномаҳои телевизион анҷом медодаанд. Имрӯз низ маҳз бо ҳамин меъёр расонаҳо фаъолият карда истодаанд.

Олимону донишмандони дохилу хориҷ дар шинохти жанр андешаҳои чандон фарқкунанда надоранд. Бештари онҳо дар умум ба хулосаи ягона омадаанд. М. Черепахов ва В. Ученова жанрро хамчун «василаи тасвири воқеият», Ю.Д Бараневич «категорияи таърихӣ» шинохтаанд ва ҳамин назар дар таҳқиқи олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов, С. Гулов, Ҷ. Муқимов низ омадааст. Ҳамаи онҳо мисли В.Д. Пелт жанрро намуди аломатҳо ва хусусиятҳои устувордоштаи эҷод донистаанд. Баъзе муҳаққиқон, масалан Л.Е. Критчик ва М. Н. Ким ба он фикранд, ки матни публитсистиро бо назардошти се унсури зерин ба жанрҳо чудо кардан лозим аст:

а) иттилоъ дар бораи навгонӣ ё проблемаи воқеъшуда;

б) дарки лаҳзаӣ ё муфассали воқеият;

в) услуби таъсири эмотсионалӣ ба аудитория [3, с. 207].

Ба вуҷуд омадани назарҳо оид ба омезиши жанрҳо низ ба андешаи мо аз ҳаминҷо сарчашма мегирад. Баъзе журналистон дар натиҷаи надонистани қолабҳои жанрӣ мавод таҳия мекунанд, ки ба назари мо чун омезиши жанрҳо мерасад, вале дар асл чунин нест. Дар радиоҳои кишвар маҳз "хизмати" чунин журналистон аст, ки қолабҳои жанрӣ камаҳмият мегарданд. Ҳатто баъзе нафарон жанри суҳбатро аз мусоҳиба, ки яке таҳлилӣ ва дигаре хабарӣ мебошад аз ҳам фарқ карда наметавонанд. Барномаро суҳбат эълон карда, ба ҷуз чанд савол назари дигаре ироа намекунанд ва ё мусоҳиба гуфта, аз ягон омили хабарӣ ба шунаванда огоҳӣ намерасонанд.

Донишманди намоёни самти радиожурналистика В.Н.Ружников вобаста ба кори радио ва мақоми жанр менависад, ки: "шакли гуфторҳои радиоӣ дар фаъолияти барномасозии он ниҳон буда, жанр бошад бо раванди эҷодии офаридани асари мушаххас хизмат менамояд" [9, с.118]. Ба назари мо гуфтори радио он вақт касбӣ, ҷолиб ва сершунаванда мегардад, ки он дар қолаби дурусти жанрӣ ва шакли ҷолиби барномасозӣ офарида шавад.

Муҳаққиқони тоҷик Д.Давронов ва Ҷ.Раҳмонова ба он назаранд, ки "жанр категорияи эҷодӣ буда, вобаста ба вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ вазифаи хешро ба сомон мерасонад" [1, с.5].

Ба шинохти донишманди тоҷик М.Муродов "жанр дар умум шакли ташкил ва инъикоси воқеият буда, дар худ маҷмуи аломатҳои сохтӣ-композитсиониро фарогир аст...жанр, пеш аз ҳама восита ва шакли ба вуҷуд овардани маҳсули эҷод, хоса эҷоди рӯзноманигор аст" [8, с.4]. Аз ҳама тавсифҳое, ки оид ба шинохти жанр ишора намудем, чи аз муҳаққиқони ватанӣ ва чи хориҷӣ, ба якдигар монанд мебошанд. Маҳаки онро навъ, намуд, сохт ва қолаби осори эҷодӣ ташкил медиҳад. Ба таъкиди эшон жанр аз бахшҳои асосии журналистика ва эҷод ба ҳисоб меравад. Риояи он дар эҷоди матолиби журналистӣ ҳатмӣ мебошад, зеро он омили асосии муназзамӣ, рангорангӣ, ҷолибӣ, осонбаёнию осонфаҳмии матлаб ба ҳисоб меравад. Метавон хулоса намуд, ки жанрҳои журналистика дар сатҳи лозима аз тарафи муҳаққиқон таҳлилу омӯзиш ёфтаанд, яъне шинохта шудаанд.

Гурӯҳбандии жанрҳои журналистика имкони шинохти онҳоро осон намуда, тасниф ва омӯзишу истифодаи жанрро барои аҳли эҷод сода мегардонад. Ҳамин аст, ки аз замони шуравӣ ба масъалаи гурӯҳбандии жанрҳо таваҷҷуҳи махсус равона гардида, муҳаққиқон даҳҳо дастури таълимию илмӣ таълиф намуданд. Ҳарчанд аксарияти онҳо дар гурӯҳбандии жанрҳои журналистика ба ҳам мувофиқ наомадаанд, вале ҳар тадқиқот чизи наверо дар худ ҷо намудааст. Бояд таъкид намуд, ки ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудани жанрҳои журналистика алакай ҳалшуда ба назар мерасад, вале радду бадали андешаҳо вобаста ба бандҳои таркибии гурӯҳҳои жанрӣ ҳанӯз идома дорад. Баъзе муҳаққиқон жанрҳои журналистикаро аз рӯйи усулҳои инъикос ва бархе аз рӯйи усулҳои ҷамъоварии ахбор ба гурӯҳҳо ҷудо кардаанд. Дар ниҳоят муҳаққиқони рус жанрҳои журналистикаро асосан ба жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ ҷудо намуда, атрофи ҷузъои таркибии ин гурӯҳҳо баҳсҳоро идома додаанд.

Муҳаққиқи барҷаста А.А.Тертичный дар гурӯҳбандии жанрҳои журналистика мактаби хосе дошта, жанрҳои мухбирнома, ҳисобот ва мусоҳибаро ҳам ба жанрҳои ахборӣ ва ҳам ба гурӯҳи таҳлилии жанрҳо дохил мекунад. Аслан як силсила жанрҳои дигар ҳам, ки ӯ дар китоби «Жанры периодической печати»-и нашри соли 2006 овардааст, мисли «Саволу ҷавоб» ва «Некролог» (дар гурӯҳи жанрҳои хабарӣ), «Суҳбат», «Анкета», «Мониторинг», «Рейтинг», «Пешгӯйӣ», «Таҷриба», (гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ), «Афсона», «Эпиграф», «Латифа», «Бозиҳо» (дар гурӯҳи жанрҳои публитсистию бадеӣ) ва дигарҳо аз тарафи муҳаққиқон мавриди баҳсҳои ҷудогона қарор гирифтааст. Илм, ки дар натиҷаи баҳсҳо такмил меёбад, чунин назарияпардозии муҳаққиқони рус боис гардида, ки атрофи тақсимбандии жанрҳо мубоҳисаҳои созанда сурат бигиранд. Ҳоло мегузарем ба шакли гурӯҳбандии жанрҳо аз тарафи муҳаққиқони журналистикаи рус ва таснифи жанрҳои ҷудогона.

Ба тавзеҳи аксари муҳаққиқони рус мақсади асосӣ дар гурӯҳи жанрҳои хабарӣ — додани маълумот дар бораи воқеаи муайян ва нав мебошад. Тавассути жанрҳои хабарӣ

журналист бояд аз ҳодисаи рӯйдода зуд аудиторияро бохабар намояд. Шарти асосӣ дар ин гурӯҳи жанрҳо сареъият, ҳақиқатнигорӣ, дақиқназарӣ ва эътимоднокӣ мебошад. Матлаби журналист асосан ба саволҳои «Чӣ? Дар куҷо? Кай?" посух дода тавонад. Муҳаққиқ М.Н.Ким қайдҳо, репортаж, мусоҳиба, гузоришро ҳамчун жанрҳои иттилоотӣ гурӯҳбандӣ карда, онҳоро чунин шарҳ додааст:

1. **Қайд** – маънои асосии ҳодисаро ошкор мекунад, ҳаҷми хурд дорад. Муаллиф қайди муқаррарӣ ва хроникавиро фарқ мекунад.

2. **Репортаж** — маълумот дар бораи воқеаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок (маҷлис, конференсия, ҳамоиш) мебошад. Репортаж дар навбати худ жанри таҳлилӣ ҳам буда метавонад ва шакли иттилоотии он бо таҳлили набудани изҳороти иштирокчиёни чорабинӣ хос аст, журналист танҳо суханони онҳоро сабт мекунад.

3. **Мусоҳиба** ин суҳбат бо як ё якчанд шахс мебошад, ки ақидаи мусоҳибонро оид ба воқеаи муайян дар бар мегирад. Омили асосӣ дар мусоҳиба навигарӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон, инчунин, шаклҳои дигари мусоҳиба, аз ҷумла мусоҳиба - муколама, мусоҳибаи портретӣ, мусоҳиба -пурсиш, мусоҳиба - суҳбатро аз ҳамдигар фарқ кунонидаанд.

4. **Гузориш** инъикоси воқеа буда, аз ҷониби рӯзноманигор мушоҳидаи бевоситаи ҳодисаи рухдода бо ҳуҷҷатнокӣ, аҳаммиятнокӣ, таъсирнокӣ, аёният ва эътимоднокӣ омода мегардад. М.Н.Ким гузоришро аз нигоҳи сохту муҳтаво ба проблемавӣ (таҳлилӣ) ва маърифатӣ-мавзуӣ ҷудо намудааст [3, с.156-165].

А.А.Тертичный дар миёни жанрҳои хабарӣ қайд, мукотиба, репортаж, мусоҳиба, назарпурсӣ, саволу ҷавоб, гузориш, мухбирнома ва некрологро ҷудо ва илова мекунад. Баъзе аз жанрҳои хабариро аз тадқиқоти М.Н.Ким шарҳ додем, бинобар ҳамин аз тадқиқоти А.А.Тертичный ҳамон бахшҳоеро тафсир хоҳем кард, ки навигарӣ ба ҳисоб мераванд.

• **Назарпурсӣ** - гирифтани ҷавоб ба як ё якчанд савол аз шумораи зиёди одамон.

• **Савол-ҷавоб** - ин ҷо матни муаллифони гуногун мебошанд, ки доир ба як мавзуъ зери як рубрика пешниҳод мешавад. Дар қисми аввал савол, мушкилот ва дуюм - шарҳи ин масъала ҷой дода мешавад.

• **Некролог** - хабари кутоҳ оид ба марги ин ё он шахсият.

Е.В.Черникова қайд, репортаж, мусоҳибаи хабариро ҳамчун жанрҳои ахборӣ ҷудо намудааст.

Г.В.Лазутина ва С.С.Распопова жанри хабарии қайд (тезис), хабари кутоҳ, хабари васеъ, репортаж, ёддошти танқидиро жанри иттилоотӣ медонанд.

Аз таҳлили мавзуъ бармеояд, ки муҳаққиқони рус дар гурӯҳбандии жанрҳои журналистика, махсусан гурӯҳи жанрҳои хабарӣ якдигарро такмил додаанд. Ҳар яке дар такя ба маълумоти мавҷуда фикри худро бо асоснокии фактҳои нав оид ба ин ё он жанр баён доштаанд. Новобаста ба он, ки фарқияти фактӣ дар гурӯҳи жанрҳои хабарӣ ба мушоҳида мерасад, ба таври умум метавон аз ин гурӯҳи жанрҳо ошноии хуб пайдо намуд.

Бояд гуфт, ки журналистикаи рус дар масъалаи таҳқиқи жанрҳои журналистика, гурӯҳбандӣ ва шарҳи махсусиятҳои онҳо ба муҳаққиқони аврупоию амрикоӣ такя ва ё ишораҳо кардаанд. Махсусан, вобаста ба жанрҳои таҳлилии журналистика баҳсҳои гарме ҳанӯз миёни журналистикаи Ғарб ва Русия идома дорад. Мисоли равшан, ин сари масъалаи хулосабарории журналист ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли ин ё он мушкилии баррасинамудаи журналист мебошад. Як тараф ҳанӯз ба он назар аст, ки журналист баробар ба пешниҳоди камбудӣ, роҳи ҳалли онро низ бояд гуяд, гурӯҳи дигар бошад инро манъ мекунад. Фақат бозгӯйии проблемаро вазифаи журналист меҳисобад. Атрофи тақсимбандӣ ва таснифи жанрҳои таҳлилии журналистика муҳаққиқони рус андешаи гуногун ироа намудаанд, вале бояд таъкид намуд, ки ба таври умум ҳадафи аксарият ба як нукта рафта мерасад.

Жанрҳои таҳлилӣ ҳам мисли дигар жанрҳои журналистика бо ВАО ва воқеаҳои рӯз алоқаманд ҳастанд. Бо вуҷуди ин, дар равишҳо тафовути назаррас вуҷуд дорад: жанрҳои таҳлилӣ дар назди худ ҳадафи фаҳмидани чаро рӯй додани ҳодиса ё падида ва баъзан пешгӯии минбаъдаи чӣ рӯй медиҳадро гузоштаанд. Агар вазифаи жанрҳои иттилоотӣ танҳо хабар додан оид ба ин ё он воқеа бошад, пас масъулияти жанрҳои таҳлилӣ фарохтару

амиқтар фуру рафтан ба асли воқеа, сабабу омилҳо, пешгӯиву назарҳои фарқкунанда мебошад.

Муҳаққиқ А.А.Тертичный теъдоди жанрҳои таҳлилро нисбат ба дигар донишмандон зиёд, дақиқтараш 22 адад нишон додааст, ки илова ба жанрҳои маъмулии таҳлилӣ боз ҳисоботи таҳлилӣ, мусоҳибаи таҳлилӣ, пурсиши таҳлилӣ, суҳбат, тафсил, хулосаи сотсиологӣ, анкета, рейтинг, таҳқиқи журналистӣ, пешгӯи (прогноз), версия, таҷриба, исповед, тавсия ва пресс-релизи таҳлилиро ҳамчун жанри мустақил эътироф намудааст.

М.Н.Ким мухбирнома, мақола, тақриз, тафсир, шарҳи матбуот ва мактубро ҳамчун жанри таҳлилӣ фарқ мекунад.

• **Мухбирнома** матнест, ки дар он мисоли мушаххас, падида ё мушкилоти барои ҷомеа муҳимро ошкор мекунад.

• **Мақола** таҳқиқи маҷмуи вазъият барои расидан ба ҳалли як масъалаи бузургест, ки як кишвар ва ҳатто тамоми ҷаҳон бо он мувоҷеҳ аст. Аз рӯи мавзуъ мақолаҳои иҷтимоию сиёсӣ ҷудо карда мешаванд ба назариявӣ (маъмулгардонии назария ё муқаррарот), проблеманокӣ (муҳокимаи проблемаҳои муҳим, дарёфти роҳи раҳоӣ аз вазъиятҳои бухронӣ), полемикӣ (вокуниш ба суханронии мухолифон, барҳам додани нуқтаи назари онҳо ва баррасӣ, исбот кардани худ).

• **Тақриз** — баҳо додан ва таҳлили асоснок ба асари илмӣ ё бадеӣ мебошад. Муаллиф бо факту далел ҷанбаҳои мусбат ва манфии асари тақризшавандаро баён менамояд.

• **Шарҳи матбуот** — бозтоби маводи ҳафтаномаву рӯзномаҳои чопӣ, ки ба масъалаҳои муҳими рӯзи дохил ва хориҷ бахшида шудаанд. Журналист назари худро дар вақти таҳлили маводи чопии матбуот ҷой дода наметавонад, зеро ӯ назари дигаронро оид ба рӯйдоду воқеаҳо баён кардан мехоҳад.

• **Мактуб** — тавассути ин жанр, ки асосан баъд аз ворид шудан аз номи ин ё он шахс ба редаксия муҳтавои оммавӣ мегирад, метавонад дар мисоли як ва ё якчанд нафар, масоили муҳимми иҷтимоию фарҳангии як ҷомеаи бузург мавриди таҳлил қарор бигирад [3, с.156-165].

Е.В.Черникова гузориш, шарҳ, мактуб, тафсир, нигориш, мусоҳибаи таҳлилӣ (суҳбат, брифинг, пурсиши таҳлилӣ, мизи мудаввар)-ро жанрҳои таҳлилӣ медонад.

Муҳаққиқ В.Л.Свик ба жанрҳои таҳлилӣ мусоҳибаҳои таҳлилӣ (мусоҳибаи проблемавӣ, портретӣ), гузориши таҳлилӣ (проблемавӣ, мавзуӣ, махсус), шарҳу эзоҳ, суҳбат, ток-шоу, конфронси матбуотӣ, брифингро дохил намудааст.

• **Гузориши махсус** матолиби журналистиест, ки аз доираи гузориши иттилоотӣ берун рафта, аз нигоҳи умқи мавзуъ ба таҳқиқ наздик аст. Он ба таври назаррас сареъият, ҷиддият ва муҳиммиятии тадқиқоти журналистиро нишон медиҳад.

• **Ток-шоу** барномаи гуфтугӯӣ бо иштироки меҳмонони даъватшуда ва тамошобинон мебошад, ки дар он саволе баррасӣ мешавад, ки дар охири барнома ба он посух дода мешавад.

• **Конфронси матбуотӣ** – як намуди мусоҳибае, ки дар он шумораи зиёди мусоҳибон ба саволҳои мавзуъҳои шабеҳ посух медиҳанд.

• **Брифинг** – вохурии мухтасари мансабдорон бо намояндагони матбуот оид ба масъалаи мушаххас. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар таснифи жанрҳои таҳлилии журналистика низ муҳаққиқони рус назароти гуногун доранд. Ҳар яке аз онҳо бо мисолҳои мушаххас пешниҳод ва тақсимбандии жанрии худро асоснок тафсир намудаанд. Аз мисолҳои таҳлилкардаи онҳо бармеояд, ки дар журналистикаи рус аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилии журналистика ба таври васеъ истифода мегардад, махсусан аз мақола, суҳбат, гузориши таҳлилӣ, тадқиқоти журналистӣ ва шарҳ.

Ба ақидаи донишмандону муҳаққиқони соҳаи журналистикаи Россия жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар сарҳади журналистика ва адабиёт қарор доранд. Дар ин гурӯҳи жанрҳо воқеиятро аз публитсистика ва санъати тасвиру суханро аз адабиёт кучонидаанд.

М.Н.Ким очерк, эссе, тақриз, рисола, фелетонро ба гурӯҳи жанрҳои бадеӣ - публитсистӣ дохил намуда, онҳоро дар алоҳидагӣ тафсир намудааст.

Эссе асари хурдест, ки бо далелҳои исботшуда ва истифода аз унсурҳои жанрҳои гуногун навишта мешавад. Аз рӯйи шакл бадеӣ ва баёнӣ (таассурот аз ҳодиса), бадеӣ-

публитсистӣ (офариниши симои инсон ва тафсири сарнавишти ӯ), тадқиқотӣ (баррасии як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ), сафарӣ (тасвири сафар) мешавад.

А.А.Тертичный жанрҳои публитсистиро ба очерк (портрет, проблема, сафарнома), фелетон, памфлет, пародия, тафсири ҳаҷвӣ, таърихнома, ривоят, эпиграф, эпитафия, латифа, ҳазл тақсимбандӣ намудааст. Номбурда аз рӯйи таснифи худ гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ-бадеиро шарҳу тавзеҳ намудааст, ки барои истифода дар вақти таҳияи мавод дар доираи дилхоҳ жанр, ба осонӣ метавон аз колаби он истифода намуд.

• **Фелетон** матни публитсистиест, ки падидаҳои манфии иҷтимоиро тамасхур мекунад. Он имкони таъсиррасонии зуд ба мухотаб ва ҳаллӣ пробеламро доро мебошад.

• **Памфлет** асари ҳаҷвӣ аст, ки на танҳо падидаҳои манфиро тамасхур мекунад, балки ҳадафи он аз ҷиҳати ахлоқӣ шарманда кардани душман аст.

• **Пародия** тақлид ба амалу гуфтори ашхоси номдор, расму оин ва барои офаридани намунаи падида аст, на ҳамеша пародия барои тамасхур талош мекунад.

• **Тафсири ҳаҷвӣ** ин вокуниш ба падида, ҳодиса, масъалаест, ки бо истифода аз ҳаҷв ба амал омадааст.

• **Таърихнома** тасвири як эпизод аз ҳаёти шахс аст, то тамошобин, хонанда ва шунавандаро ба дунёи қаҳрамон ворид кунад.

• **Эпиграф** порчаи кутоҳест, ки пеш аз матнҳои жанрҳои дигар (аксар вақт ҳам публитсистика) ҷойгир шуда, қисми ниҳоят муҳимму асосии матлабро ифода мекунад.

• **Эпитафия** аз фазилатҳои шахси фавтида аз нигоҳи нақши ӯ дар ҷомеа ёдоварӣ мекунад.

• **Анекдот** — асари ҳаҷвии кутоҳ.

**Ҳазл** як ҳикояест, ки барои фароғати аудитория пешбинӣ шудааст.

Донишмандони дигари рус аз қабили Г.В.Лазутина, С.С.Распопова ва В.Л.Свик низ дар робита ба жанрҳои публитсистию бадеӣ бо дигар муҳаққиқон ҳамфикр ҳастанд. Онҳо дар навиштаҳояшон ба махсусияти жанрҳои публитсистӣ - бадеӣ дар матбуот, радио ва телевизион ишора намудаанд. Ба таъкиди онҳо дар қолаби ин гурӯҳи жанрҳо таҳияи матлаб кори ҳар журналист нест, зеро ҳадафро бо воситаҳои махсус ба аудитория расонидан лозим меояд. Маҳорати нависандагӣ дар ин кор нақши бағоят калон мегузорад. Махсусан дар жанрҳои фелетон, памфлет, ҳазл, лавҳа ва очерк пешниҳод намудани матлаб хеле заҳматталаб мебошад.

Аз таҳлили фасли аввали боби якум ба хулосае расидем, ки шинохт ва гурӯҳбандии жанрҳо аз тарафи муҳаққиқони рус силсилавӣ ва мудовим идома кардааст. Ҳам атрофи жанрҳои анъанавии воситаҳои ахбори омма ва ҳам дар мавриди жанрҳои муосири журналистика татқиқотҳо сурат гирифтаанд. Маълум мегардад, ки рушди технологии ВАО ва нақши калонеро соҳиб шудани интернету сомонаҳои иҷтимоӣ ба сохтори жанрҳои журналистика бетаъсир намондаанд. Дар баробари ин, жанрҳои наверо вобаста ба фаъолияти чандрасонаии ВАО ба миён овардаанд, ки мавриди таҳлили муҳаққиқон қарор мегирад. Лекин бояд гуфт, ки ҳамаи ин дигаргуниҳо дар заминаи ҳамон гурӯҳбандие анҷом мешаванд, ки то имрӯз муҳаққиқон кардаанд: жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ.

Агар муҳаққиқони рус дар гурӯҳбандӣ ва шарҳи корбурди жанрҳои журналистика ба донишмандони ғарбӣ такя карда бошанд, пас ҷойи баҳсу инкор нест, ки донишмандони тоҷик бо омӯзиши пажуҳишҳои анҷомдодаи олимони рус, аз жанрҳои журналистика шинохти бештар пайдо намудаанд. Барои мисол донишмандони бузурге аз зумраи А. Саъдуллоев, И.К.Усмонов, А. Нуралиев, П. Гулмуродов, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Муқим, С. Гулов, З. Муминҷонов, С. Ҳайдаров, А. Ализода, Д. Бобоев ва дигарон, дар нахустин китобу пажуҳишҳои илмӣ оид ба жанрҳои журналистика назароти худро бо гуфтаҳои муҳаққиқони журналистикаи рус, ба монанди С.Корконосенко, Авравом Д.С., Кузнетсов Г.В., Муратов С.А., Ким М.Н, Черепахов М., Учёнова В.В., Тертичный А.А., Пелт В.Д., Л.В.Свик ва ғайра, асоснок кардаанд. Хушбахтона, бисёре аз донишмандони тоҷик баробар ба муҳаққиқони дигар тавонистаанд, ки паҳлуҳои нави жанрҳои журналистикаро таҳқиқу асоснок намоянд. Ҳолатҳое низ ба чашм расиданд, ки муҳаққиқони тоҷик андешаҳои донишмандони русро вобаста ба шинохти жанрҳо инкор ва

бо факту далел онро асоснок намудаанд. Бо зикри ҳамин нуктаҳо вориди мавзуъ мешавем ва шинохти жанрҳоро аз нигоҳи донишмандони тоҷик таҳлил мекунем.

Дар портали интернетии vazhaju.tj маънии калимаи жанр чунин маънидод шудааст: жанр калимаи фаронсавӣ мебошад. Ин вожа дар забони форсӣ вуҷуд надорад. Он ба маънои гуна ё навъи хоссе аз асари адабӣ, ҳунарӣ ва монанди инҳо истифода мешавад. Ин навъу гунаро мутахассисони ҳар як соҳаи эҷод, адабиётшиносону публитсистон, рассомону журналистон ва дигар гурӯҳҳои эҷодӣ, дар соҳаи худ ҷустуҷу, сохторбандӣ ва пешниҳоду қабул менамоянд.

Муҳаққиқони тоҷик А.Саъдуллоев, А.Нуралиев, Д.Давронов, П.Гулмуродов, И.К.Усмонов ва А.Азимов аз аввалинҳо шуда жанрҳои журналистика ё худ публитсистикаро гурӯҳбандӣ намудаанд. Дар шинохти жанрҳо бо муҳаққиқони хориҷ гоҳ розӣ ва гоҳ норозӣ мебошанд, ки ин нишони мустақилияти илмӣ ва шинохти бештари жанр аз нигоҳи журналистикаи худӣ мебошад. Дар пайравӣ бо донишмандони зикршуда масъалаи шинохт ва гурӯҳбандии жанрҳои журналистикаро муҳаққиқони дигар, аз қабили М.Муродов, С.Гулов, Ҷ.Муқим, Д. Бобоев, З. Муминҷонов, С.Ҳайдаров, С. Хоҷазод, Х. Ализода, И. Ҳамидиён ва дигарон идома ёфтааст.

Донишманди тоҷик И.К.Усмонов аз жанрҳои журналистика, ки онро жанрҳои публитсистика низ ном мебарад, шинохи васеъ доранд. Инро бо мутолиаи асарҳои "Назарияи публитсистика" ва "Жанрҳои публитсистика" метавон хуб пай бурд. Мавсуф дар такя ба назарияи муҳаққиқони русу тоҷик жанрҳои журналистикаро гурӯҳбандӣ ва ҳар яки онро аз рӯйи мухтавою сохтор шарҳ додааст. И.К.Усмонов низ чун дигар пажуҳишгарон жанрҳои журналистикаро асосан ба се гурӯҳ тақсимбандӣ намудааст:

• **Гурӯҳи жанрҳои хабарӣ** - хабар (хроника, хабари кутоҳ, хабар), мухбирнома, репортаж, ҳисобот, мусоҳиба;

• **Гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ** - мақола, тақриз, хулосаи матбуот, нигориш, табсира, мактуб;

• **Гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ - бадеӣ** - лавҳа, очерк, фелетон, луқма, памфлет, пародия, эпиграмма, эссе ва латифа.

Ба андешаи муҳаққиқ "Хабар маълумоти тоза аст. Агар ҳамин аслро ба назар гирем, хабар гуфта, факт ва воқеаеро мешиносем, ки нав ба вуқуъ омадааст ё акнун ба амал омаданаш мумкин аст. Аз ин гуфта бар меояд, ки барои хабар чизи аз ҳама асосӣ навигарӣ аст" [14]. Мавсуф назари шахсии журналистро хоси жанрҳои хабарӣ намедонад ва маҳз ҳамин чиз, аз хабарӣ будани маводи журналистӣ дарак медиҳад.

Муҳаққиқ И.К.Усмонов ба он назар мебошад, ки дар жанрҳои таҳлилӣ баракси жанрҳои хабарӣ дар ҷойи аввал ақидаи муаллиф ва баъдан фактҳо меистанд. Бо ин меъёр муайян намудани гурӯҳи жанрии дилхоҳ барномаи телевизион, гуфтори радио ва маводи чопӣ осон мегардад. Махсусияти тадқиқоти донишманд андар шинохти жанрҳои журналистика ва гурӯҳбандии онҳо низ дар ҳамин аст.

Фарқияти назари муҳаққиқ аз баъзе донишмандони дигари хориҷию дохилӣ дар он аст, ки бо факту далел жанрҳоро дар гурӯҳҳои худ ҷо дода, пойбанд ба хулосае намешавад, ки репортаж, мухбирнома ва ё жанри дигареро ҳам ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ ва ҳам таҳлилӣ ворид созад. Қатъияти андешаи муҳаққиқ И.К.Усмонов эътимод дар гурӯҳбандӣ ва шинохти жанрҳоро барои хонанда комил мегардонад. Дар ҷараёни таҳқиқ ва шинохти жанрҳо муҳаққиқ ҳар яки онро аз рӯйи шакл, матн, сохт, мавзуъ, мутобиқати жанрӣ, намуд, унсур, табиати жанрӣ ва дигар самтҳои мавҷудият, ба риштаи таҳлил кашидааст, ки барои навқаламон ва онҳое, ки дар қолабҳои дурусти жанрӣ матлаб таҳия кардан мехоҳанд, ниҳоят муҳимму сода мебошад.

Муҳаққиқи дигари тоҷик А.Саъдуллоев, чуноне дар натиҷаи татқиқот ба мушоҳида расид, амалияи жанрҳои журналистикаро қабл аз назария медонистааст. Зеро номбурда муаллифи барномаҳои телевизионӣ, гуфторҳои радиоӣ ва маводи чопии рӯзномаҳо дар қолаби жанрҳои гуногуни журналистӣ будаанд. Махсусан, жанрҳои журналистикаи радиову телевизион ва жанрҳои публитсистию бадеӣ дар татқиқоти номбурда мақоми намоёне доранд. Дар китобҳои "Хосияти адабиёт", "Журналистикаи советии тоҷик" (ҳаммуаллифӣ), "Асосҳои журналистикаи телевизион", "Жанрҳои журналистикаи радио" ва

дигар навиштаҳояшон ба масоили сохтории жанрҳо, гурӯҳбандию хосияти онҳо ва дигар масоили журналистика равшании зиёд андохтаанд. А.Саъдуллоев низ жанрҳои журналистикаро ба се гурӯҳи асосӣ - хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ ҷудо намудааст, аммо дар масоили ҷудогона нисбат ба И.К.Усмонов андешаи фарқкунанда дорад. Барои мисол З.Исмоилзода дар мақолаи илмиашон бо номи "Жанр ва махсусиятҳои баён дар осори ёддоштии Асадулло Саъдуллоев" (Номаи Донишгоҳ №4(57) 2018) таъкид менамояд, ки донишманд ба фарқ аз дигар муҳаққиқони тоҷик жанри репортажи бадеиро пешниҳод кардаанд ва ин жанр дар журналистикаи Ғарб низ маъмул будааст. "Хусусияти репортажи бадеӣ он аст, ки дар он мавқеи фардӣ бештар ғолиб мебошад. Дар бобати масъалаи репортажҳои бадеӣ ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ин навъи жанр дар тақсимбандии анвои репортаж дида намешавад. Онро ба хонадони жанри очерк мутааллиқ медонанд. Бештар инъикоси бадеии ҳодисаву рухдод ин фаҳмишу навъи жанрро ба миён овардааст. Муҳим он аст, ки муҳаққиқ А.Саъдуллоев ин жанрро қабул намудаву эътироф кардааст. Ва намунаҳое, ки дар китоби сафарномамонанди ӯ ба назар мерасад, дар асоси назарияи илмии муҳаққиқ мавҷудияти худро собит менамояд. Репортажи бадеӣ дар осори адибони шинохтаи ғарбӣ Ҷон Рид, Эгон Эрвин, Юлиус Фучик ва дигарон ба таври васеъ ба назар мерасад. Ин навъи репортажи бадеиро муаллиф А. Саъдуллоев бо очерки бадеӣ дар қиёс мегузорад". Овардани иқтисоби боло далели он аст, ки муҳаққиқ А.Саъдуллоев дар шинохт ва гурӯҳбандию таснифи жанрҳои жерналистика, ба очерк аввлавият додааст. И.К.Усмонов дар китоби "Жанрҳои публитсистика" бахусус дар қисмати шарҳи жанрҳои публитсистию бадеӣ қабл аз ҳама ба муҳаққиқи очерк будани А.Саъдуллоев ишора намуда навиштаанд, ки: "Дар диссертатсияи доктории А.Саъдуллоев очерк ба сифати «насри хуҷҷатӣ» таҳқиқ шуда, дар он мавҷуд будани образи публитсистӣ ва фаъолияти иҷтимоии публисист зикр мегардад. Ӯ дар такя ба Н.Г. Чернышевский ду ҳадди эҷодро зикр карда-раванди эҷод ва неруи таъсири сухан, очеркро дар охирӣ мебинад ва таҳқиқ менамояд. Ӯ дарки бошууронаи зиндагиро ба фаҳми эстетикии воқеият баробар ҳисоб мекунад ва ин пайравии Саъдуллоевро ба зебоишиносии Юнони кадим ва адабиёти асри XIX рус нишон медиҳад. Он ақидааш самимӣ аст, ки дарк ва тасвири воқеият дар публитсистика ва адабиёти бадеӣ ба фаъолияти эҷодии нависанда, интихоби жанр ва усули эҷод иртибот дорад. Тадқиқоти анҷомдодаи А.Саъдуллоев оид ба жанрҳои журналистика аз сарчашмаҳои асосии соҳавӣ барои пажӯҳишгарони баъдӣ гардидааст. Мавсуф пойдевори устуворе андар шинохти кор ва жанрҳои журналистикаи телевизиону радио ва жанрҳои публитсистию бадеӣ гузоштаанд, ки барои тадқиқотҳои садсолаҳо баъд низ мавод хоҳад дод.

Муҳаққиқ А.Нуралиев низ аз жанрҳои журналистика ё худ публитсистика дар се гурӯҳ шинохт доранд. Мавсуф ба ин гурӯҳҳо жанрҳои хабарӣ, таҳқиқӣ ва публитсистию бадеиро шомил намудаанд. Дар гурӯҳбандии ҷузъҳои таркибии жанрҳо А.Нуралиев бо ду муҳаққиқи аввалӣ ҳамфикр мебошад, аммо ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ унвони таҳқиқиро мувофиқтар донистааст. Ба адешаи ӯ дар натиҷаи таҳқиқи дилхоҳ мавзуъ, таҳлил худ ба худ ба вуҷуд меояд. Дар тақсимбандии анвои хабар аз нигоҳи сохтор ва муҳтаво А.Нуралиев асосан ба донишмандони рус то андозае мувофиқ шудаанд. Масалан дар навиштаҳои муҳаққиқони дигари тоҷик хабари фактологӣ, хабари эҳтимолӣ, ахбори ба нақша гирифташуда, ахбори меъёрӣ, ахбори шарҳдиҳанда, ахбори барномавӣ, ки пажуҳишгарони рус пешниҳод кардаанд, ба мушоҳида нарасид, аммо А. Нуралиев ин гуна хабарҳоро қобили қабул медонад. Ба андешаи ӯ ҳамаи навъҳои гуфташуда ба хабари кутоҳ дохил шуда, хабари васеъ метавонад махсусиятҳои хоси худро дошта бошад.

Дар шинохти муҳаққиқ М. Муродов жанрҳои хабарӣ иборатанд аз хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба, назарпурсӣ, саволу ҷавоб ва некролог. Номбурда хабарро маълумоти нисбатан кутоҳ, мусоҳибаро маводи дар асоси суҳбати журналист бо ин ё он нафар дар хусуси мавзуи муайян бавуҷудомада, репортажро тасвири ҷараёни ин ё он воқеа, назарпурсиро андешаҳои ин ё он коршинос доир ба масъалаи муҳим ва некрологро маълумоти огоҳкунанда оид ба фавти шахси муайян, маънидод кардааст. Ба назар мерасад, ки дар ин таснифбандии жанрҳои хабарӣ назари муҳаққиқ ба навиштаҳои донишманди рус А.А.Тертичный як навъ монандӣ пайдо намудаанд. Барои мисол И.К.Усмонов назарпурсӣ

ва некрологро ба ягон гурӯҳи жанрҳо ҳатто ворид накардааст, ҳол он ки бисёре аз муҳаққиқони рус қабл аз онҳо чунин назарияро пешниҳод намуда буданд.

Мухбирнома, тафсил, тақриз, суҳбат, хулосаи ВАО, мақола, колонка, нигориш, мактуб ва тадқиқоти журналистиро М.Муродов жанрҳои таҳлилии журналистика донистаанд. Мавсуф аз рӯйи вазифа ва хислат инҳоро боз ба ду гурӯҳ:

а) жанрҳои таҳқиқӣ -ташреҳӣ

б) жанрҳои таҳқиқӣ-таҳлилӣ [8, с.10] ҷудо намудааст.

Дар ин гурӯҳи жанрҳо шарти асосӣ барои журналист ё худ муаллиф ин субъективӣ будан ба ҳисоб меравад. Назари холис, бетарафона, адолатхоҳона ва касбии журналист нисбат ба воқеа, таҳлили воқеиро ба миён меорад. Ҳунари журналистӣ дар омода намудани маводи таҳлилӣ нақши калон дорад. Қолабрезии устокорона мебояд, то мавод ҷолибу муассир таҳияву пешниҳод гардад.

М.Муродов дар шинохти гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ ба аксар муҳаққиқони тоҷик ва хориҷ ҳамфикр мебошанд. Ба гурӯҳ асосан очерк, лавҳа, фелетон, памфлет, пародия, луқма, эпиграмма, ҳазл ва эссеро ворид намуда, ба тарзи худ онҳоро тафсир намудаанд. Агар дар баҳс атрофи жанрҳои хабарию таҳлилӣ фарқияти назари муҳаққиқонро каму беш дида бошем ҳам, дар тақсимбандии жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ чандон бархурди андешаҳо мушоҳида намегардад. Маълум мегардад, ки сохтори жанрҳо ба ҳадди зарур барои журналистикаи амалӣ алакай аз тарафи донишмандон пешниҳод гардидааст.

Ҷовид Муқим дар пайравӣ бо донишмандони дигар, аз ҷумла Ю. А. Летунов, В. Миронченко, Ю. Д. Бараневич, А. Саъдуллоев, С. Гулов ва дигарон дар ин ё он китобашон атрофи жанрҳои журналистика назарашонро дарҷ кардаанд. Махсусан оид ба жанрҳои хабарӣ. Барои мисол дар китоби "Мақоми жанрҳо дар радиои "Озодӣ"" ба он фикр аст, ки "хабар маълумоти кутоҳест, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст ва моҳиятан барои ҳама ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб мебошад. Вай воқеаро, ки аҳаммияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба саволҳои чи руй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чи натиҷа дод, посух гуяд. Хабар жанри асосии кулли барномаҳои радиост" [5, с.11].

Зимни пажӯҳиш мо бештар ба гурӯҳбандию таснифи жанрҳои журналистика аз нигоҳи муҳаққиқони тоҷик, асосан дар заминаи қолабҳои анъанавии жанр таваҷҷуҳ кардем. Рушди технологӣ, пешрафти кори амалии ВАО, ба миён омадани шаклҳои муосири ҷамъоварию паҳн намудани иттилоъ, кор дар интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, зарурати таҳлилу омӯзиши мухтавои жанрии маводи муосири журналистиро боз ҳам зиёд намудааст. Нафароне, ки дар ин самт кор мекунанд, таҳлил мекунанд, ба қолаб медароранд, асоснок мекунанд, сохтори муайян пешниҳод мекунанд ва гапи навро мегӯянд, ки корест ниҳоят мушкил ва заҳматталаб. Ҷ. Муқим аз зумраи муҳаққиқонест, ки ба шакли муосири барномасозӣ дар нашрия, радиову телевизион ва сомонаҳои интернетӣ аз нигоҳи илмӣ баҳо додааст. Номбурда дар такя ба жанрҳои анъанавии журналистика талош намудааст, ки қолабҳои нави жанриро, ки дар заминаи рушди ВАО ба таври худкор ба миён омадаанд, гурӯҳбандӣ намоянд. Ҳарчанд дар ин гурӯҳбандӣ ба муҳаққиқони дигари журналистикаи хориҷу дохил ишора менамояд, аммо равшан аст, ки худи муҳаққиқ аз амалияи истифодаи жанрҳои муосир хуб огоҳ ҳаст.

Муҳаққиқ Ҷ.Муқим чун дигар пажӯҳишгарон жанрҳои журналистикаи чандрасонаиро ба се гурӯҳ: матнӣ, чандрасонаӣ ва синтетикӣ ҷудо намудааст."Ба жанрҳои матнӣ ҳамон жанрҳои урфии матбуот аз хабар сар карда, то очерк дохил мешаванд. Вале ба ин гурӯҳ жанрҳои нав - пахши матн, мақом дар шабакаҳои иҷтимоӣ шомиланд. Ба жанрҳои чандрасонаӣ жанрҳои тасвирӣ, аудиоӣ ва видеоӣ дохиланд. Зери мафҳуми жанрҳои синтетикӣ муттаҳид кардани ҷузъҳои гуногун -матн, тасвир, садо, интерактивиро мефаҳманд" [6, с.67]. Ҷ.Муқим дар тадқиқоташ тамоми навъҳои жанрии пешниҳодшударо ба тарзи ҳамафаҳм шарҳ дода, истифодаи онҳоро дар низоми таҳияи маводи чандрасонаӣ осон намудааст. Барои мисол ҷузъҳои таркибии жанрҳои тасвириро, ки иборат аз тасвири беҳаракат (акс), фотолента, фоторепортаж (гузориши аксӣ), слайд-шоу (ба таври худкор

иваз шудани аксҳо), графика/расм/карикатура ва инфографика (якҷоя кардани садою тасвир) мебошад, ба таври возеҳ маънидод мекунад.

Дар қолаби жанрҳои зикршуда маводи зиёде дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мешаванд, вале на ҳама махсусиятҳои назариявии онро дуруст дарк мекунанд. Бинобар ҳамин муҳаққиқ хостааст, ки огоҳии муаллифонро дар самти қолабҳои эҷод бештар намояд. Масалан, дар таркиби жанрҳои савтӣ бештари мо танҳо овозро мефаҳмем, аммо аз ҷузъиёти он хабардор нестем. Муҳаққиқ Ҷ.Муқим дар китоби "Журналистикаи чандрасонаӣ" ба гурӯҳи жанрҳои савтӣ подкаст, аудиоилюстратсия (ороиши савтӣ), қаринаи савтии матн ва аудиосюжет (сужаи савтӣ)-ро дохил намуда, шарҳ додааст.

Жанрҳои видеоии журналистика аз нигоҳи муҳаққиқ ороиши видеоӣ, сужаи видеоӣ, ҷараёни видеоӣ аз ҷойи ҳодиса ва иртиботи видеоиро ташкил менамоянд. Ӯ ишора мекунад, ки ин навор дар телевизион истифода мешавад, аммо дар журналистикаи чандрасонаӣ он махсусиятҳои худро мегирад.

Ҷ. Муқим жанрҳои маснӯӣ (синтетики)-ро аз слайд-шоуи савтӣ, ток-шоуи чандрасонаӣ, тасвири интерактивӣ, сужаи видеоии интерактивӣ ва харитаи интерактивӣ иборат медонад. Пажӯҳиши муҳаққиқ воқеан шакли муосиршавии жанрҳои журналистика аз ҷумла дар фазои чандрасонаи журналистикаро нишон медиҳад. Барои журналистоне, ки бо шакли чандрасонаӣ мавод таҳия мекунанд, дастури хубест, ки бояд истифода шавад.

Муҳаққиқону донишмандони дигари соҳаи журналистикаи тоҷик ба шинохти жанрҳои журналистика аз даричаи тадқиқоти анҷомдодаи донишмандони зикршуда назар карда, инчунин назарияи худро вобаста ба жанрҳо пешниҳод кардаанд. Бинобар талаботи фасли дуюми боби аввали кор наметавонем назари ҳамаи муҳаққиқони соҳаро инҷо биорем. Барои мисол донишмандони дигар аз ҷумлаи Д. Давронов, Д. Бобоев, А. Азимов, С. Гулов, Б. Қутбиддинов, С. Ҳайдаров, С. Хоҷазод, З. Муминҷонов, А. Ализода, Н. Бозоров, И. Ҳамидиён ва дигарон, дар шинохт ва гурӯҳбандии жанрҳои журналистика тадқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Чуноне шарҳ додем аксарият муҳаққиқон ба се гурӯҳи жанрҳо таъкид мекунанд, аммо сари махсусияти жанрҳои ҷудогона андешаи худро доранд. Маҳз гуногунандешӣ ва баҳсҳои соҳавӣ аст, ки шинохти жанрҳоро дақиқтару мавқеашонро устувор мегардонад.

Ҳамин тавр, жанр асоси фаъолияти журналистӣ ва низоми кори редаксионӣ мебошад. Барои шинохти жанр ва гурӯҳбандии он олимону донишмандони зиёди хориҷию дохилӣ тадқиқотҳои зиёди илмӣ, оммавӣ ва таълимӣ гузаронидаанд. Тавре маълум гардид шинохт аз жанр ҳамчун нав, намуди маҳсули кори эҷод аз тарафи олимони русу тоҷик хеле хуб сурат гирифтааст. Ҳамчунин, дар гурӯҳбандии жанрҳои журналистика ба таври умум ҳамагӣ ба як хулоса омадаанд. Барои мисол ба гурӯҳҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ ҷудо кардани жанрҳо баҳси кам дорад, нисбат ба тақсимбандии ҷузъҳои таркибии гурӯҳҳо. Ҳам олимони рус ва ҳам олимони тоҷик сари баъзе аз жанрҳо ҳанӯз ба як мувофиқа наомадаанд, ки онро танҳо дар гурӯҳи жанрҳои хабарӣ ҷо диҳанд ва ё таҳлилӣ. Асоси илмро, ки баҳсу бархурди андешаҳо ташкил медиҳад, барои дақиқияти масоили жанр, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

**АДАБИЁТ**


1 Давронов Д., Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д. Давронов, Ҷ. Раҳимова. - Душанбе, 2012.

2 Исмоилзода Б. Жанр ва махсусиятҳои баён дар осори ёддоштии Асадулло Саъдуллоев". Номаи Донишгоҳ – 2018.– №4 (57).

3 М.Н.Ким. Технология жанра. Вестник Санк-Петербургского университета. Сер. 9. 2005, пып.1. -С.156-165.

4 Муқимов Ҷ., Нуъмонов А. Дастур барои радиожурналистони ҷавон / Ҷ. Муқим, А. Нуъмонов. - Душанбе: Озар, 2008.

5 Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои "Озодӣ" / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2000.

6 Муқим Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ / Ҷ. Муқим. - Душанбе: Озар, 2019.

7 Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. Дастури таълимӣ / Ҷ. Муқим. - Душанбе: "Озар", 2013.

8 Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналистӣ. Қисми 2. / М. Муродов. - Душанбе: Эҷод, 2008.

9 Ружников В.Н. Так начиналось. Историко-теоретический очерк советского радиовешания / В.Н. Ружников. – Москва, 1987.

10 Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши аввал / А. Саъдуллоев, С. Гулов. - Душанбе, 1997.
11 Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. Бахши дуюм / А. Саъдуллоев, С. Гулов. - Душанбе: Эҷод, 2005.
12 Усмонов И.К, Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.К. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008.
13 Усмонов И.К. Журналистика. Қисми 1. / И.К. Усмонов. - Душанбе: "Империал-Групп", 2005.
14 Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009.
15 Хоҷазод С. Таърихи Радиои Тоҷикистон. Қисми 1. / С. Хоҷазод. - Душанбе: Деваштич, 2006.
16 Хоҷазод С., Ализода А. Махсусияти жанрҳои радиоӣ / С. Хоҷазод, А. Ализода. - Душанбе: Балоғат. 2017.

## ШИНОХТИ ЖАНР ДАР ТАҲҚИҚИ ОЛИМОН

Масъалаи жанр дар журналистикаи тоҷик аз мавзуъҳои муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад. Зеро маҳсули эҷоди журналистӣ маҳз дар қолаби жанр ташаккул ёфта, баъдан ба аудитория пешниҳод мегардад. Таҳаввулоти эҷодию техникие, ки давоми чанд соли охир дар фазои журналистика ба амал омад, ба раванди фаъолияти рӯзноманигорӣ ва қолабҳои жанрӣ бе таъсир намонд. Аз ҷумла, муносибат ба предмети инъикос ва истифодаи жанрҳо дар журналистика, хоса радио нисбатан ранги дигар пайдо кард. Омезиши жанрҳо ва як навъ мушкил гардидани шинохти онҳо ба амал омад. Ин омил то андозае боиси халалдор гардидани анъанаи жанрҳои журналистика гардид. Ҳамин таъсиррасониҳо боис мегарданд, ки мо ба масъалаи шинохт ва чигунагии жанрҳо таваҷҷуҳ кунем. Мутолиаи асарҳои илмию таълимии олимони тоҷик вобаста ба таърихи журналистикаи тоҷик, марҳилаҳои рушду инкишоф ва фарогирии мавзуии он нишон медиҳад, ки онҳо нахустин шуда жанрро дар адабиёти гузаштаи халқ ҷустуҷу намудаанд. Муҳаққиқон И.К.Усмонов, Д. Давронов, М. Муродӣ, Ҷ. Муқим, С. Гулов ва дигарон дар китобҳои илмию таълимиашон оид ба жанрҳои ВАО, хусусан радио мулоҳизаронӣ кардаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: масъала, жанр, журналистика, тоҷик, мавзуъ, муҳим, мубрам, таҳаввулот, эҷодӣ, техникӣ, мутолиа, асарҳо, илмӣ, олимон, тоҷик.

## ПОЗНАНИЕ ЖАНРА В ИССЛЕДОВАНИЯХ УЧЕНЫХ

Проблема жанра в таджикской журналистике является одной из самых важных и актуальных тем. Потому что продукт журналистского творчества формируется по образцу жанра и затем представляется зрителю. Творческие и технические разработки, происходившие в пространстве журналистики за последние несколько лет, не оставили без внимания процесс журналистской деятельности и жанровые закономерности. В частности, относительно иным стало отношение к предмету освещения и использованию жанров в журналистике, особенно на радио. Было смешение жанров и некая трудность их узнавания. Этот фактор в какой-то мере обусловил нарушение традиции жанров публицистики. Эти влияния заставляют обратить внимание на проблему узнавания и типов жанров. Чтение научных и учебных работ таджикских ученых, касающихся истории таджикской журналистики, ее этапов развития и тематического охвата, показывает, что они первыми занялись поиском жанра в литературе прошлого народа. Исследователи И. К. Усмонов, Д. Давронов, М. Муроди, Дж. Муким, С. Гулов и другие в своих научно-познавательных книгах обсуждали жанры СМИ, особенно радио.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: выпуск, жанр, публицистика, таджик, тема, важные, актуальные, разработки, творческие, технические, чтение, произведения, научные, ученые, таджик.

## KNOWLEDGE OF GENRE IN SCIENTISTS' RESEARCH

The problem of genre in Tajik journalism is one of the most important and relevant topics. Because the product of journalistic creativity is formed according to the model of the genre and then presented to the viewer. The creative and technical developments that have taken place in the journalism space over the past few years have not ignored the process of journalistic activity and genre patterns. In particular, the attitude towards the subject of coverage and the use of genres in journalism, especially on radio, has become relatively different. There was a mixture of genres and some difficulty in recognizing them. This factor to some extent determined the violation of the tradition of journalism genres. These influences force us to pay attention to the problem of recognizing genre types. Reading the scientific and educational works of Tajik scientists concerning the history of Tajik journalism, its stages of development and thematic coverage, shows that they were the first to search for a genre in the literature of the past people. Researchers I.K. Usmonov, D. Davronov, M. Murodi, J. Mukim, S. Gulov and others discussed media genres, especially radio, in their scientific and educational books.

**KEYWORDS:** issue, genre, journalism, Tajik, topic, important, relevant, developments, creative, technical, reading, works, scientific, scientists, Tajik.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Комрони Абдувалӣ***– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети рӯзноманигорӣ. ***Суроға:*** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 900-91-43-43. E-mail: **ulugovkomron@gmail.com**

**Сведения об авторе**: ***Комрони Абдували*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета журналистики**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-91-43-43**. E-mail: **ulugovkomron@gmail.com**

**Information about the author**: ***Komroni Abduvali*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. Phone**: (+992) 900-91-43-43.** E-mail: **ulugovkomron@gmail.com**

# ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР

***Чилаев Р.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба рӯйи кор омадани инқилоби Исломӣ дар Эрон, мутаносиби дурунмоя ва паёму омоҷҳои дуру наздики он, дар ҳамаи созмонҳои давлатӣ ва ниҳодҳои давлатӣ ва ниҳодҳои иҷтимоию фарҳангии кишвар, чи мусбат ва чи манфӣ, дигаргунаҳое ба вуҷуд овард.

Ҳунар низ ба унвони як ниҳоди фарҳангӣ ба таври ом ва шохаи қадимаву решадори он, ба номи шеър, ба гунаи хос аз ин таҳаввули бенасиб намонад ва дар ин раҳгузар ба хосту раҳнамуду ташвиқи мутаволиёни умури фарҳанг, суннатро ба таҷдиди бартаре дод ва вафодор ба роху расми шеъри классик, ҳаводорӣ ва таблиғи ҷараёни инқилоб ва тарвиҷи Ислому мазҳаби Ташайюъро уҳдадор шуд. Аз ин рӯ, гурӯҳи анбуҳе аз ҷавонон бо чунин дастмояҳои шоирӣ пеша карданд ва уҷоқро ба хомушии ғазал ва маснавиву рубоиву дубайтиро гарм барафрохтанд. Муҳтавову мазмуни аслии осори эшон умуман пирӯзии инқилоб буд бар низоми шоҳаншоҳӣ ва шуридагӣ дил супурданд ба раҳбари инқилоб ва пардохтан ба масоилу маросими оинӣ ва мадҳату мунқабату марсияти пешвоёни дин.

Илтиҳоб ва табу тозаи айёми инқилоб ва ба дунболи шиорҳои ҷангӣ, ки солҳо фазои сиёсиву иҷтимоъӣ ва фарҳангии сарзамини моро бо шуълаи сӯзони ишқу шиорҳо фаро гирифта буд, ба эҳсосот, дарк ва эҳсосот фурсат намедод. Сухан дар шуури шоир ба майи шеър табдил ёфта, масти меофарад. Чунон ки Ҳофиз мегӯяд:

> Ки эй сӯфӣ шароб он гаҳ шавад соф
> Ки дар шиша барорад арбаъине.

Аз ин рӯ, агар на ҳамаи ашъори пас аз инқилоб, ҳадди ақал як қисми бузурги онҳо дар он рӯзҳои оташин, дилчасп ва пурталотум, ки эҳсосот фаро гирифта шуда буд, ҳатман як шеъри эҳсосотӣ ва барҷастаи бо табъи тезу пурҷур, вале ноустувор ва зудгузар аст. Татбиқи дурусти бадеии он ба хотири пайвастан бо дарки шунаванда ва ғайб, гирифтани фармон ва дархостҳои иҷтимоӣ ва уҳдадорӣ ва вазоифро фаромуш кунанд.

Ба ҳадде, ки бо ҷалби ин омил ва таъсири сабабҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ва... агар имрӯз бихоҳем аз касе ном бибарем, ки дар паҳлӯи дигарон ҷой дода шавад, чун Нимо, Ихвон, Шомлӯ, Фурӯғ, Сипеҳрӣ, Шафеӣ Кадканӣ, Манучеҳри Оташӣ, Мафтун Аминӣ, Нодирпӯр ва роҳ ба ҷое намебарем.

Бо ин ҳама, агар аз талошҳои пайвастаи ҳунармандоне, ки бо риояи муътадилӣ, таносуб ва покии сухан дар марзи анъана ва навоварӣ ҳаракат карда, асарҳои шоистаи қиёс бо чанд осори барҷастаи шоирона эҷод кардаанд, нодида бигирем, беадолатӣ мебуд. Насли пеш аз онҳо, аз ҷумла: Қайсар Аминпур, Суҳайл Маҳмудӣ, Ҳасан Ҳусейнӣ, Соид Боқирӣ, Салмон Ҳиротӣ, Абдулҷаббор Кокоӣ, Муҳаммадризо Абдулмаликиён, Алиризо Қазва, Фотима Рокеӣ, Фаришат Сорӣ, Юсуф Алӣ Миршикок, Зиёуддин, Торобӣ, Ҳусейн Исрофилӣ, Муҳаммадризо Муҳаммадиникӯ, Аҳмад Азизӣ, Саид Биёбонакӣ, Заҳро Наранҷӣ, Марям Ҷаъфарӣ, Озармонӣ, Иброҳими Исмоъили Арозӣ ва... дар ин гурӯҳ ба фикрам Қайсар барҷастатар аст.

Бо як эътирози кутоҳ набояд нодида гирифт, ки дар насли навраси Қайсар ва Суҳайл Маҳмудӣ ва ғайра, бахусус дар миёни занону духтарон, дар арсаи сухан бо навкороне рӯ ба рӯ ҳастем, ки аз сабки Нимоӣ илҳом гирифта, аз шеваи Нимоӣ зери таъсири онҳост. Симин Баҳбаҳонӣ, Ҳусейни Манзавӣ ва Муҳаммад Алии Баҳманӣ ғазалро бо рангу бӯй, ақлу забони дигар оғоз кардаанд, ки мутаассифона аҳли матбуот ва аҳли қалам, нависандагӣ, интиқод ва афкор бадонон инояти шоистае надоштанд

Аминпур бо пуштибонии истеъдод ва неруи зарурии худ, завқи ғанӣ, ҳассосият ва зуд дарки ҳаводиси пай дар пайи ҷомеъаи парешону нооором дар атрофи худ тавонист шеърҳои пурмазмуну устуворе эҷод кунад, ки ба мунаққидон ва назм ошно ва маҳбуб аст. Ба олимон ва нависандагони сахтгиру дақиқ мақбул афтод ва ҳам мавриди писанди касоне қарор гирад ки чандон дар банди чанду чун ва бояд ва шоядҳои тароифи калом набуданд: милок ва меъёрашон дар шинохт бад-ӯ хуб шеър, нахустсодагӣ ва бе пироягӣ ва гармиву нармии сухан буд, пас аз он.

Таъсире ки бар дилу ҷотшон ба ҷо мегузашт:
Эй ҳусни Юсуф дукмаи пироҳани ту
Дил мешукуфад гул ба гул аз домани ту
Ҷуз дар ҳавои ту маро серу сафар нест
Гулгашти ман дидори сару сӯсани ту:
Оғози фравардини чашмат, Машҳади ман
Шерози ман урдибиҳишти домани ту
Ҳар Исфаҳони абрӯят нисфи ҷаҳонам
Хиромни Хузистони ман хандидани ту
Ман ҷуз барои ту намехоҳам худамро
Эй аз ҳама манҳои ман беҳтар, мани ту
Ҳар чизу ҳар кас рӯ ба сӯйи дар намозанд
Эй чашмҳои ман, намози дидани ту!
Ҳайрону саргардон чашмат то абад бод
Манзумаи дил бар мадори равшани ту.

Пеш аз баррасӣ вижагиҳо ва барҷастагиҳои шеъри Қайсар ба лиҳозӣ сӯрӣ ва муҳтавоӣ, ба устод пажӯҳишҳои ҷомеашиносии ҳунар бояд ба хотирот дошт ки ҳунар ниҳоде аст сад дар сад иҷтимоӣ ва меваву маҳсули дарахти кор ва талоши гурӯҳи ҷамоати инсонӣ, аз паси даҳон боз кардани ниёзҳои ҷамъӣ.

Шохае аз ин дарахти пурбаракати пурсамар, ки шеър ном дорад, аз ҷониби ҳунарманд барои вафодорӣ ба тааҳҳуд ва рисолати иҷтимоӣ ва таърихии худ истифода мешавад, то "вуҷуди воқеиро ба ҳастии эҳтимолӣ ва ё ба забони дигар, аз воқеият ба хаёл табдил диҳад". Ва қадам гузоштан аз имконпазир ба ғайриимкон".

Ҳоло аз рӯйи ин дидгоҳи ҷомеашиносӣ мо бояд аз худ бипурсем, ки оё ашъори пасазинқилобӣ, ки осори Қайсар Аминпур низ ҷузъи маҷмӯи он аст?

Оё дар амалӣ намудани чунин афкор муваффақ шудааст? Дигар ин ки барои донистани услуби гуфтори шоир, дидгоҳҳои мутафовите пеши рӯйи мост ҷомеашиносӣ, ки «эътироф намудани падидаҳои иҷтимоӣ ва кашфу баёни қонуниятҳои дигаргуншавӣ ва таҳаввулоти ҷомеаҳо ва омӯзишу баррасии институтҳои иҷтимоиро мавзуи кори худ» қарор додааст, назари гуногун дорем. Рисолатро пешгӯӣ мекунад, бар пояи шинохти воқеиятҳои дохиливу хориҷӣ ва бартарии онҳо дар самти пешбурди ҷомеа ба сӯйи ояндаи ободу озод, пур аз эътиқод ба адолату инсондӯстӣ, хубу бад як асар бо як метру меъёри андоза ва сабку услуби кори шоири уро чомеашиносии санъат беҳтар эътироф намуда, Амирҳусейни Ориёнпур бо ин дидгох таваҷҷуҳи услубшиносонро ба 18 нукта ҷалб мекунад, аз чумла:

1. Ҷомеашиносии шоир чӣ гуна аст, оё он ваҳдати кофӣ дорад ё омилҳои қавии мухолифро дар бар мегирад?

2. Асоси синфии шоир чист?

3.Шоир барои кадом гурӯҳ ё гурӯҳҳо, ашрофзодагон, тоҷирон, мардуми одӣ шеър менависад?

4. Шоир чиро аз сар мегузаронад?

5.Шоир дар бораи худ чӣ гуна фикр мекунад?

Ходиме шарофатманд ё фарде мустақил?

6. Биниши хусусии шоир дар чӣ поя аст? Басирати иҷтимоӣ дорад? Инсону табиат ва ҷомеаро чи гуна табйин мекунад?

Шоир анъанаҳои шоириро чӣ гуна баррасӣ мекунад? Асири онҳо мешавад ё аз он бо ташаббус истифода бурда, ба чуқурию фарохии он зам мекунад? Ва аз қаҳрамонон ва ҳаводорони шоир низ ёдовар мешавад: ашрофзодагон, руҳониён, тоҷирони мардуми одӣ; Ва ҳадафи ниҳоии ин асар, некбинӣ ва бадбинии асар, ба муносибатҳои иҷтимоъӣ чӣ гуна менигарад ва ғ.

Сабкшиносон ва шеършиносон ҳар кадом аз рӯи дониш ва фаҳмиши худ принсипҳои пешниҳодшуда доранд. Доктор Шамисо муносибати махсус, интихоби вожа ва тафсирҳои хос ва дуршавӣ аз меъёрро василаи шинохти услуб медонад.

Профессор Муҳаммадризо Шафеи Кадконӣ баҳодиҳии асар бо осори дигар сухангӯён ва такя ба инҳироф аз меъёр ва басомади баланди унсурҳои луғавиро меъёри нишондодҳои услубӣ медонад, зеро ба унсурҳои ин навъ ишора мекунад. Мазмуни осори Қайсар, ба услуби ашъори ӯ ба гунае пайравй кунем, ки хатти асосиро доктор Шамисо ва устод Шофеи Кадканӣ кашидаанд. Дониши ҷомеашиноси бар ин бовар аст, ки шахсияти одамон дар чомеа ва таъсири бевоситаи маълумоту таълимоти гуногун аз он шакл мегирад ва қавом меёбад.

## АДАБИЁТ


1. امین پور قیصر. آینه های ناگهان.چهارم. تهران. افق. 1381.
2. امینپور قیصر. تنفس صبح. سوم. تهران. سروش.1379.
3. امین پور قیصر. دستور زبان عشق. اول. تهران. مروارید. 1386
4. امین پور قیصر. گلها همه آفتابگردانند. دوم. تهران. مروارید. 1381


## ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР


Аминпур аз истеъдод ва ва неруи зарурии худ, завқи ғанӣ, ҳассосият ва дарки ҳаводиси пай дар пайи ҷомеаи парешону ноором дар атрофи худ тавонист, ки шеърҳои пурмазмуну устуворе эҷод кунад, ки он ба мунаққидон ва манзумшиносон ошно ва маҳбуб бошад. Ҳамин тариқ, шеъри ӯ ба аҳли адаб мақбул афтод ва ҳам писанди он нафаронге қарор гирифт, ки дар банду басти шеър лаёқати бояду шояд ро касб накарда буданд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Қайсари Аминпур, шеър, эҷодиёт, истеъдод, услуб.


## ХАРАКТЕРИСТИКА ПОЭЗИИ КАЙСАРА АМИНПУРА


Аминпур со своим творческим талантом и необходимой энергией, чуткостью и пониманием сменявших друг друга событий растерянного и беспокойного общества которое окружала его смог создать осмысленные и устойчивые стихотворения, знакомыми и любимыми критиками и поэтами. Таким образом, его поэзия была принята литераторами и любима теми людьми, которые не обладали необходимыми навыками в сочинении стихотворения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Кайсари Аминпур, поэзия, творчество, талант, стиль.


## CHARACTERISTICS OF THE POETRY OF KAISER AMINPOUR


Aminpour, with his creative talent and the necessary energy, sensitivity and understanding of the successive events of the confused and restless society that surrounded him, was able to create meaningful and sustainable poems, familiar and beloved by critics and poets. Thus, his poetry was accepted by literati and loved by those people who did not have the necessary skills in composing a poem.



**Keywords:** Kaiser Aminpour, poetry, creativity, talent, style



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Чилаев Раббони Абдуразоқович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **887219494.**

**Сведения об авторе**: ***Чилаев Раббони Абдуразокович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **887219494.**

**Information about the author**: ***Chilaev Rabboni Abdurazoqovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **887219494.**

# ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ҶОНИШИНҲОИ МУШТАРАК (EACH OTHER, ONE ANOTHER) ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ


***Набиева М.О.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар ҳамаи забонҳо категорияи махсуси морфологӣ вуҷуд дорад, ки бархе онро дар зимни исм ё дигар ҳиссаҳои номии нутқ ёд менамоянд, дар ҳоле, ки дар бештари забонҳо ба ҳайси як ҳиссаи мустақили нутқ шинохта мешавад. Мурод аз ин гуфтаҳо баёни ҳолати ҷонишинҳо мебошад, зеро ба таъкиди забоншиносон ҷонишин ба гурӯҳи ҳиссаҳои номии нутқ мансуб бошад ҳам, аз дигар калимаҳои ин гурӯҳ аз ҷиҳати маъно ва хусусияти грамматикӣ фарқ мекунад.

Дар забоншиносии муосир яке аз самтҳои хеле кам пажӯҳишёфта, таҳқиқи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ дар муқоиса бо ҷонишинҳои забони англисӣ мебошад, ки то ҳанӯз аз назари муқоисавӣ-типологӣ, сохт маъно ва вазифаҳои наҳвӣ дар ҷумла мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтаанд.

Системаи ҷонишинҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ аз чанд гурӯҳ иборат аст, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳои маъноӣ ва аз рӯйи вазифаҳои наҳвӣ дар ҷумла муттаҳид шудаанд.

Баъзе гурӯҳи ҷонишинҳои забони англисӣ шаклҳои мушаххаси грамматикӣ барои ифода кардани шахс, **шумора, ҷинс** ва **падеж** доранд. Аз ҷумла, ҷонишинҳои шахсии шахси 3-юм, шумораи танҳо **he, she, it** ба вазифаи нишондиҳандаи грамматикӣ барои ифода кардани ҷинси исмҳо, ки бо ҷонишинҳо иваз карда мешаванд ё ба маънои шахс ва ғайришахс истифода мешаванд, меоянд. Хусусияти фарқкунандаи забони тоҷикӣ, асосан, дар набудани падеж ва ҷинс зоҳир мешавад.

Дар грамматикаи забони англисӣ ба далели вижагиҳои хоса ба ҷонишинҳои муштарак ва хусусияти онҳо асарҳои зиёде бахшида шудааст. Ҷонишинҳо дар забони англисӣ метавонанд вазифаи зарф, сифат ва исмро ба уҳда гиранд. Ғайр аз ин, таҳқиқи ҷонишинҳои муштарак танҳо ба равиши синтаксисӣ асос наёфта, контекстҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо маънои ин ҷонишинҳо ифшо нашудаанд.

Аз сабаби сода набудани сохтори маъноӣ-функсионалии ҷонишинҳои муштарак ва мураккабии равишҳои гуногун нисбат ба ҷонишинҳо зарурати муфассал ошкор намудани мақоми онҳо аз нуқтаи назари лингвистика ба миён меояд.

Ногуфта намонад, ки ҳамчунин ҷонишинҳои муштараки: one, all, each (each one), none, both, either, neither, other, another, many, much, few, (a) little, enough (модули тоҷикиашон – як, ҳама, ҳар як, (ҳар яке), ҳеҷ, ҳарду, ҳаме, на, дигаре, бисёре, каме, кофӣ) то имрӯз аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ таҳқиқи пурра наёфтаанд.

Масъалаи таркиби номуайян дар ҷонишин боиси таваҷҷуҳи махсус аст. Муқоисаи ҷонишинҳои муштарак дар забони англисӣ ва тоҷикӣ, фарқияти назарраси шумораи онҳо воҳидҳо, вазифаи моҳиятӣ, сифатӣ ва феълиро ичро мекунад. Шумораи зиёди ҷонишинҳо дар забонҳои муқоисашаванда бо он алоқаманд аст, ки онҳо на танҳо аз ҷиҳати вазифаи синтаксисии иҷрокардаашон фарқ мекунанд, балки инчунин дар асоси истинод баъзе ҷонишинҳо танҳо ба таври истинод на дар ҷойи худашон, яъне ғайрирасмӣ истифода мешаванд.

Ҷонишинҳои муштарак предмет ва аломати онро ба таври умумӣ таъин менамоянд. Онҳо аслӣ ва ғайриаслӣ мешаванд. Бояд гуфт, ки дар асари беҳамто “ Ёдоштҳо”-и С. Айнӣ ҷонишинҳои муштаракро хеле зиёд вохӯрдан мумкин аст. Чи ҷонишинҳои муштараки аслӣ ва чи ҷонишинҳои муштараки ғайриаслӣ хеле зиёд мушоҳида карда мешаванд.

Ҷонишинҳои муштараки аслӣ дар замонҳои қадим тадриҷан аз калимаҳои ишоратӣ ҷудо шудаанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои **ҳама** ва **ҳар** дохил мешаванд. Мисол: Дар соктаре деҳқонон умуман каланди устодӯстбой кор мефармуданд, ки **ҳар** кадомаш 4 килограмм вазн дошт. – In Soktare the peasants were used Ustodustboy`s hoe that **every** of them was 4 killograms.

Ҷонишинҳои таъинии ғайриаслӣ, ки дертар ба вуҷуд омадаанд. Ҷонишинҳои **ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кадом, ҳар чанд, ҳар як** ва ибораҳои ҷонишинии **ҳар он чӣ, ҳар он кӣ, ҳар он кас, ҳар он чиз,ки** аз ҷиҳати маъно ба ҷонишинҳои **ҳар кӣ** ва **ҳар чӣ** наздиканд ба гурӯҳи ҷонишинҳои муштарак дохил мешаванд. Мисол: Боракалло, - гуфт Усто амак бо ханда, - **ҳар** чӣ худатон иқрор кардед. - Well-done said smiling Usto-amak, -at last you said what you want.

Ҷонишинҳои **ҳама.** Ин ҷонишин маънои ҷомеъ дошта, пурра фаро гирифтани чанд предметро ифода мекунад. Вай бандакҷонишин ва суффикси – **чӣ** қабул карда, дар шакли **ҳамааш, ҳамаамон, ҳамаатон, ҳамаашон, ҳамагӣ** низ меяод: Масалан: Ҳамаашонро дар як рӯз гирифта, ба дор меовезанд. – They all are taken away in a day and hang.

Ҷонишини **ҳар**. Ин ҷонишин пеш аз исмҳо омада, предметҳои алоҳидаро таъин менамояд. Маънои луғавии ҷонишини ҳар дар алоҳидагӣ равшан нест. Вай дар ҷумла ҳамеша ба таври адективӣ истеъмол шуда, ба калимаҳои маънидор - ба имсҳои танҳо вобаста мешавад. Ин аст, ки қобилияти гирифтани морфемаҳои грамматикӣ надорад. **...ҳар** ситорае ки акси худро дар ин об меандозад.... (Айнӣ) – every stars that shows itself on this water.

Ҷонишини таъинии **ҳар кӣ** аз ҷонишинҳои таъинӣ ва саволӣ сохта шуда, нисбат ба шахс истеъмол мешавад ва хусусияти субстантивӣ (исмӣ) дорад:

Ҷонишини **ҳар чӣ** низ аз ҷонишинҳои таъинӣ ва саволӣ сохта шуда, дар ҷумла нисбат ба ғайришахс истифода мешавад. Ин ҷонишин низ дорои хусусияти исм аст: … ва **ҳар чӣ** дорад, дар ин роҳ харҷ карда…(Айнӣ). …and everything that he has, spent on this road. …вагарна **ҳар чӣ** ба саратон ояд, аз ҷаноби олӣ гила накунед…(Айнӣ). ~ If **everything** happens to you, don't make moan of Janobi Oli (Amiri Bukhoro –Amir-Olimkhon).

Ҷонишини таркибии **ҳар як** одатан ба таври сифатӣ истеъмол шуда, аз хусуси маъною вазифа асосан ба ҷонишини **ҳама** наздик аст:

Ҳар як сокини ин деҳа дар фасли баҳор ба он ҷо сафар мекарданд (С. Айнӣ). ~ Every of the inhabitant of this village traveled in springtime.

Ҷонишинҳои таркибии **ҳархел, ҳаргуна** сифати предметҳои таъиншавандаро далолат мекунанд:

Дар ҷумлаи фавқи зерин ҷонишини таъинии **"ҳама"** ки дар забони англисӣ баёнгари **"all"**, мебошад, бо синоними маънои аслии худ тарҷума шудааст. **Ҳама** ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд. **~ All** the houses were covered with sand. Дар ҷумлаи мазкур ҷонишини таинии **ҳама-all** истифода шудааст, ки аз ҷиҳати наҳв дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадааст ки ин аз рӯйи маъно дар тарҷумаи ҷумлаи мазкур ба забони англисӣ мувофиқат мекунад, яъне дар забони англисӣ ҳам ҷонишини **all** ба вазифаи мубтадо – subject омадааст. **Ҳамаи** он касоне, ки дар сари дегҳо буданд дастҳошонро то оринҷ шуста пок карда .... ~ **All** the men working at the pots washed their hands up to the elbows.

Дар мисоли зерин ҷониши **"other"** дар забони тоҷикӣ маънои аслии худ **"дигар"-**ро баён карда, ифодагари предмети иловагӣ мебошад. Инчунин, дар ин ҷумла ҳам ҷонишин ба вазифаи мубтадо омадааст. Тарафи ёбон бо деворҳои дупохсагӣ ҷудо мешуд ва дар пеши **ҳар** қисми ин ҳавлиҳо ба тарафи ёбон роҳи баромад буд. ~ To the north the open fields, beyond a low mud brick wall which had opening for **each of** the adjacent ho uses.

Дар ҷумлаи зерин ҷонишини таъйинии англисӣ **each -** ки ба ҷонишини таъинии забони забони тоҷикӣ **ҳар** мувофиқи омада тарҷумон онро ба маънои аслии худ истифода намудааст ки аз нигоҳи наҳв дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадааст ва дар забони англисӣ низ ҳамн вазифаро иҷро мекунад. Номи аслии ӯро ман намедонам ва **ҳар кас** ,ки унвони пуртантанаро мешунид. **~** I did not know her real name and anyone hearing this glorious epithet.

Ман қарзҳоямро аз **ҳар кас** кам-кам гирифтам. **~** I took small loans from **everyone**.

Дар ҷумлаи зерин ҷонишини таъйинии ҳар кас - ***everyone*** омадааст ки дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро иҷро мекунад.

...**ҳар тараф** саросемавор давидани падарам ва дигарон ба нақоранавозии ман халал мерасонд. **~ ... all over** the place looking for my older brother and this commotion distracted me from my playing.

Дар ин ҷо ҷонишини таъйинии ҳар бо пешоянди номии тараф истифода шуда (ҳар тараф) ки чунин ҳодисаи грамматикӣ дар забони англисӣ низ рух додааст (all over) ки таъйиноти макон ва самтро ифода мекунанд ва дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадааст. **Ҳама** хандиданд ва Абдушукурхоҷа суп-сурх шуд. **Everybody** laughed and Abdushukurkhoja turned red. Дар ин ҷумла ҷонишини таинии ҳама - everybody аз рӯйи қоида тарҷума шудааст, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадааст.

Лутфулло ба хӯрдан даромад, аз болои **ҳар як** даҳон ҳалво як қулт об менӯшид. ~ Lutfullo set to after **each** mouthful of halvo he took a gulp of water.

Ин ҷо бошад ҷонишини таъйинии **ҳар як** омадааст, муодили он ба забони англисӣ **each** мебошад.

Ҷонишини таъйинии **ҳар як** дар ин ҷумла ба вазифаи пуркунанда омадааст. Ба **ҳамаи** ин корҳо модарам ёрмандии калон медод. My mother helped greatly with **all** these tasks. Дар ин ҷо ҷонишини таъйинии ҳама – all вазифаи пуркунандаро иҷро кардааст.

... ин қадар лӯндаи калон ба **ҳамаамон** мерасад. ~ A big piece like that will enough for **all of us**. Ҷонишини таъинии **ҳамаамон** дар ҷумлаи фавқ бо муодили аслии худ тарҷума шудааст.

…ин тавр бошад **ҳар чизе** ки бой муносиб бидонад ҳамон ҳаққи хизмати ту мешавад. ~ ... in that case whatever your employer considers fitting is what you will get for your service. Ин ҷо ҷонишини таъинии **ҳар чиз** оварда шудааст ки муодилаш ба забони англисӣ whatever мебошад ки дар ҷумла ба вазифаи пуркунанда омадааст.

…падарам ба модарам таъкид карда бу ки **ҳар чизе** ки пазад ба амакаш Абдуллохоҷа аз вай як коса диҳад. ~ ...my father had my mother set aside a bowl of whatever she cooked for his uncle Abdullo Khoja.

**АДАБИЁТ**


1. Грамматикаи забони адабии хозираи точик. К. 1. Душанбе: Дониш,1985.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Душанбе: Ирфон, 1973.
3. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. - Душанбе, 2003.
4. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони точикӣ / Б. Сиёев. - Душанбе-1972.
5. Шарофиддин Р. «Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм» / Р. Шарофиддин. - Душанбе, Ирфон-1972.


## ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ҶОНИШИНҲОИ МУШТАРАК (EACH OTHER, ONE ANOTHER) ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ


Дар мақола усулҳои истифодаи ҷонишинҳои муштараки забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз чумла, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи чонишинҳои муштарак аз ҷиҳати мавқеи ҷойгиршавӣ дар ҷумла ва роҳу усулҳои ифодаи онҳо дар забони англисӣ ва тоҷикӣ муайян карда шудааст. Аз таҳлили мисолҳо оид ба ҷонишинҳои муштарак бармеояд, ки дар забонҳои муқоисашаванда аксари онҳо хусусиятҳои якхела доранд. Аз ҷумла, аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ, инчунин, аз руйи вазифаашон дар ҷумла, ҳамтоанд. Хусусияти фарққунандаашон дар забонҳои муқоисашаванда мавқеи ҷойгиршавиашон дар ҷумла мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷонишин, муштарак вазифа, синтаксиси, морфология, семантика, маъно, сохт.


## СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОТИ СОВМЕСТНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ (EACH OTHER, ONE ANOTHER) В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ


В статье изучается способ употребления общих местоимений английского и таджикского языков. В частности, определены общие и отличительные черты общих местоимений с точки зрения их положения в предложении, а также способов и способов их выражения в английском и таджикском языках. Анализ примеров общих местоимений показывает, что большинство из них имеют одинаковые характеристики в сопоставимых языках. В частности, по смысловым признакам, а также по своей функции в предложении они схожи. Их отличительной особенностью в сопоставимых языках является положение в предложении.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: местоимение, общая функция, синтаксис, морфология, семантика, значение, структура.


## STRUCTURAL AND SEMANTIC FEATURES OF JOINT PRONOUNS (EACH OTHER, ONE ANOTHER) IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES


The article studies the way of using common pronouns in English and Tajik languages. In particular, the common and distinctive features of common pronouns are identified in terms of their position in a sentence, as well as the ways and means of their expression in English and Tajik. An analysis of examples of common pronouns shows that most of them have the

same characteristics in comparable languages. In particular, in terms of semantic features, as well as in their function in a sentence, they are similar. Their distinguishing feature in comparable languages is their position in the sentence.
**Keywords:** pronoun, definite, function, syntactical, morphology, semantic, structure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Набиева Мадина Одиловна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Набиева Мадина Одиловна*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Nabieva Madina Odilovna*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

# ИНЪИКОСИ ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРНОМАИ “ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН”-И ТЕЛЕВИЗИОНИ “ТОҶИКИСТОН”

***Тавакалов А. М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон”-и Телевизиони “Тоҷикистон” яке аз барномаҳои муассири ин шабакаи телевизионӣ ба шумор рафта, ҳудуди 11-сол (аз 7-уми феврали соли 2012 ин ҷониб) мешавад, ки бе танаффус ҳар ҳафта, рӯзҳои сешанбе соати 21:30 дар эфир пахш мешавад. Чунин барномаҳоро (яъне, барномаҳои телевизионие, ки умри дарозтар доранд ва бе танаффус пахш мешавад) телевизиони тоҷик кам дар ёд дорад. Минҷумла, ягона барнома дар телевизионҳои Тоҷикистон мебошад, ки аз хориҷи кишвар бо стендапи ровии барнома доир ба муносибати кишварҳои ҷудогона ва пешрафтаи дунё бо Ҷумҳурии Тоҷикистон матлаб омода менамояд. Бо сабаб ва баҳонаи набудани буҷет, муаллифони бисёре аз барномаҳои телевизионии кишвар аз маводҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд ва танҳо аз студияи марказии телевизион стендап медиҳанд.

Дар мавриди сабти барномаи мазкур дар берун аз кишвар муаллифи барнома чунин мегӯяд: “- Ба ҳар мамлакате, ки меравам, кӯшиш мекунам як-ду барнома сабт кунам. Мо дар шаҳрҳои Абу-Забии АМА, Токиои Ҷумҳурии Ҷопон, Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва давлатҳои Россия, Арабистони Саудӣ ва Қувайт барномаро сабт карда, нусхаҳои онро ба ҳамин кишварҳо фиристодаем. Ман дар сафаре, ки ба Ҷопон доштам, бо журналистони телевизионҳои “The Japan News” ва “Osaka TV” суҳбат доштам ва чанде аз бахшҳои барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон”-ро дар онҷо пахш кардему барнома аз тарафи онҳо хуш пазируфта шуд. Ҳатто журналистони Ҷопон изҳори боварӣ намуданд, ки «мо омода ҳастем бо журналистони Осиёи Марказӣ, хусусан Тоҷикистон ҳамкорӣ кунем».

Барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” дар муаллифии Фатҳиддин Замон аз идораи сиёсии телевизиони “Тоҷикистон” бо мақсади инъикоси рӯйдодҳои актуалӣ ва муҳимми ҷаҳонӣ ва шинос намудани имрӯзи Тоҷикистон ба ҷомеаи башарӣ ва баръакс, шинос намудани имрӯзи ҷаҳон ба мардуми Тоҷикистон пахш мегардад. Аз ин ҷост, ки барномаи мазкурро ташкилкунандагонаш “Тоҷикистон ва ҷаҳон” номгузорӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар ин бора муаллифи барнома чунин қайд намудааст:

“- Барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” вазъи феълии сайёраи Заминро дар қиёс ба сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешкаш мекунад. Дар баробари дигар давлатҳои абарқудрати ҷаҳон Тоҷикистон низ ҳамчун як узви ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳаллу баррасии мушкилоти ҷойдошта ҷойгоҳи худро нишон медиҳад. Дар ин радиф манфиатҳои Тоҷикистонро ҳамчун як давлати соҳибистиқлол аз нигоҳи манфиату нуфузи кишвари худ дар ҷойгоҳи ҷаҳонӣ ҳифз мекунем ва мақсади асосии барномаи мо низ ҳамин аст”.

Дар ҳар барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” новобаста аз мавзуъҳои дигар, як бахши барнома ба инъикоси ташаббусҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бахшида мешавад. Дар рафти мушоҳидаи барнома бароямон маълум гардид, ки дар он бисёртар дар масъалаҳои обу экологияи дохил ва хориҷи кишвар матлаб пахш мегардад. Аз хизматҳои

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барнома доим ёдовар шуда, сиёсати давлатӣ дар ҳама самтҳо пуштибонӣ мегардад.

Аз ҷумла, муаллиф яке аз барномаҳояшро бо чунин сарлавҳа шуруъ менамояд: - “Бо сипари гаштани умри ҷаҳон вазъият дар муҳити зист шикандатар мегардад. Тағйирёбии босуръати иқлим, олудагии обу ҳаво, норасоии оби тозаву ошомиданӣ, фақру бенавоӣ аз ҷумла масоили ҳалталаби саёраи замин боқӣ мондааст. Аммо фаротар аз ҳама давлатҳои зиёде ҳастанд, ки дар ҳалли буҳронҳои экологии ҷаҳон бетарафиро ихтиёр кардаанд. Дар ин раванд ҷаҳониён огоҳанд, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чи иқдомҳои некеро дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ барои саодати башар пешниҳод сохтааст.

Масъалаи рушди устувор мазмуни баланд дошта, он яке аз ҷанбаҳои муҳимми эълони даҳсолаи марбут ба об аст. Бояд гуфт, ки дар самти рушди устувори муҳити зисти Тоҷикистон пеш аз ҳама талошҳои Пешвои миллат худ баёнгари пешрафти босуботи экологияи сиёсӣ ва ояндабинии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ аст”.

Вобаста ба мавзуи об ва рушди устувор дар ин барнома ҳудуди 5 дақиқа бахше омода ва пахш гаридид, ки дар он вобаста ба нақшаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таъмини пурраи аҳолии мамлакат бо оби тозаи ошомиданӣ ва дар ин раванд иҷрои нақшаҳои бузурги дар пеш истодаи минтақавиву ҷаҳонии иқдоми пешгирифтаи Тоҷикистон, таҳти унвони “Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор. Солҳои 2018 - 2028” маълумот дода мешавад.

Бо мақсади ба равиши пахши барнома шинос шудан ва дар ин минвол баррасии бурду бохти он, тасмим гирефтем намунаи якчанд барномаро мавриди таҳлил қарор диҳем. Барнома ҳар рӯзи сешанбе соати 21:30 ба эфир меравад. Ҳар ҳафта барнома дар доираи 4-5 мавзуъ матлаб пахш менамояд, ки он аз 40 то 60 дақиқаи эфирро дар бар мегирад.

Барномаи навбатие, ки мо таҳлилу баррасӣ карда мебароем, дар ҳошияи барномаҳои Телевизиони “Тоҷикистон” бахшида ба 20-солагии “Ваҳдати миллӣ” омода ва дар эфир пахш карда шудааст. Давомнокии барномаи мазкур 48 дақиқа буда, аз панҷ бахш:

– Нақш ва аҳаммияти “Ваҳдати миллӣ” дар асри пур аз таҳаввулоти сиёсиву амниятӣ;

– Ҷавонон неруи пешбарандаи ҷомеа ва умеде барои ояндаи дурахшони Тоҷикистон;

– Ташаббусҳои бузург дар самти пешгирӣ аз тағйирёбии иқлим ва таъмини оби ошомиданӣ барои сокинони ҷаҳон;

– Интиқоди ҷомеаи байналмилалӣ аз вазъи мусалмонон дар кишвари Мянмар;

– Таҳдиди хушксолӣ ва коҳиши оби рудхонаҳо дар Ҷумҳурии Сомалӣ;

иборат мебошад, ки дар он онҳо вобаста ба зарурият ва қимату муҳиммияти “Ваҳдати миллӣ” дар кишварҳои дунё, ҷавонон – неруи ояндасози Тоҷикистон, ташаббусҳои пайвастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, аҳволи мусалмонони Мянмар ва ба хушксоливу беобӣ дучор шудани мардуми Ҷумҳурии Сомалӣ маълумотҳои ҷолиби диққат пахш мегардад.

Муаллифи барнома, Фатҳиддин Замон пайваста мекӯшад, то дар арафаи ҳар ҷашни умумимиллӣ, ба монанди “Истиқлолияти давлатӣ”(9-уми сентябр), “Рӯзи Конститутсия”(6-уми ноябр), “Ҷашни парчам ва нишони миллӣ”(24-уми ноябр), “Рӯзи таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон”(23-уми феврал), “Рӯзи иди модарон”(8-уми март), “Иди байналмилалии Наврӯз”( аз 21 то 25 март) ва ғайраҳо, вобаста ба он барнома ё як бахши барномаро омода намуда, дар бораи муҳиммият ва аҳаммияти он ба бинанда маълумоти нафъовар ва риққатангезеро пешниҳод намояд.

Тавре дар боло ишора намудем, дар ин барнома, муаллиф бахши аввалро ба 20-солагии “Ваҳдати миллӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида, дар он дар бораи чи қадар муҳим ва лозимӣ будани “Ваҳдати миллӣ” дар кишвари азизу маҳбубамон ва набудани сулҳу оромӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, ки он давлатҳоро ба коми ҷангу хунрезӣ ва мардумашонро сарсону саргардони кишварҳои бегона гардонидааст, сухан меронад.

Албатта дар замони муосир омода намудани матлаб доир ба мавзуъҳои “сулҳ”-у “амният” ва “саодатмандӣ”-ву “ваҳдат”-у “ягонагӣ” саривақтӣ буда, аудиторияи

телевизионро ба самти муайяни андешаронӣ даъват менамояд. Минҷумла барои ҷашнгирии 20-солагии “Ваҳдати миллӣ”-и кишвари азизамон дар баробари дигар васоитҳои ахбори омма ибрози андешаи солим ва таҳлили вазъ дар баробари ҳолати имрӯзаи ҷаҳонӣ ва бесару сомониҳои давлатҳои гуногуни олам пешниҳоди матлаб доир бар мавзуи номбурда саривақтӣ мебошад.

Қариб дар ҳама барномаҳои дар соли 2017 пахшшудаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” вобаста ба эълон гардидани соли 2017 “Соли Ҷавонон” аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мавқеи ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза мавод ва матлабҳо аз ҷараёни ҷорабиниҳову конфронсҳо ва ҳамоишҳои гуногуни дохиливу байналмилалӣ ва ё ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷавонон омода ва пахш гардида буд.

Аз ҷумла, дар барномаи мазкур бахши дуюми барнома ба “Соли Ҷавонон” бахшида шудааст, ки бо чунин суханҳо оғоз мегардад:

**“Ҷавонон – ояндаи ватан”. Эълон гардидани соли 2017 ба унвони “Соли Ҷавонон” аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам намуд, ки ҷавонон бори дигар оид ба ояндаи хеш, дар кишвари ободу озод бори дигар андеша намоянд. Ҷавонони имрӯз, падарони фардо ва неруи созандаву бунёдкор ва тавонои асри ҷаҳонишудан ҳастанд. Дастгирии ҷавонон метавонад, бори дигар онҳоро руҳбаланду қавиирода ва ба ояндаашон хушбин гардонад. Аз сӯйи дигар, эълони “Соли Ҷавонон” бори дигар ин бахши аҳолии кишварро ба сӯйи масъулиятшиносиву меҳанпарастӣ ва истифодаи лаҳзаҳои хуби ҷавонӣ даъват менамояд”.**

Бахши мазкури барнома ҳудуди 4-дақиқа давомнокӣ дорад, ки дар он вабаста ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаолияти ҷавонон, аз ҷумла илмомӯзӣ, азхудкунии техникаву технологияи навин дар асри ҷаҳонишавӣ, фаолият дар сохторҳову муассисаҳои гуногун, гаравидани онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни ифротӣ бо сабабҳои гуногун ва ғайра маълумоти мухтасар пешниҳод мегардад.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, махсусан, Созмони Милали Муттаҳид дар самти экологияи муҳити зист ва тозагии иқлими ҷаҳонӣ тамоми кишварҳои мушкилии экологӣ доштаро ба худ ҷалб намуда, ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳалли мушкилотҳои иқлимӣ водор намуда, ҳар дафъа барои рафъи ин гуна мушкилотҳо саҳми босазо ва қадамҳои устувор мегузорад.

Ин чунин Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатиаш, чандин маротиба дар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ ба монанди Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба мушкилиҳои гуногуни доғу рӯзмарраи ҷаҳон масъалагузориҳои амиқ намуда, пешниҳодҳои қобили қабул ҳам намуда буд ва ин ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун идома дорад. Аз ҷумла ташаббуси навбатӣ ва бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ, пешниҳоди нақшаи даҳсола вобаста ба ҳалли мушкилотҳои норасоии оби ошомиданӣ дар мамолики гуногуни олам ва бо оби аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намудани сокинони саёра таҳти унвонӣ “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор 2018 – 2028” ба шумор меравад, ки ин ташаббусро зиёда аз 140 давлати ҷаҳон эътироф намуд ва барои татбиқи ин нақша диққати тамоми саёра ҷалб гардид.

Ногуфта намонад, ки барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” чун барномаҳои дигари телевизиони “Тоҷикистон” дар худ тарғиби ғояҳои сиёсати давлатии Тоҷикистонро ҷой додааст ва ҳар дафъа дар як бахши барнома доир ба инъикоси ташаббусҳои пешгирифтаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавод пахш мекунад. Вобаста ба мавзуи мазкур дар барнома бахше бо давомнокии ҳудуди 13-дақиқа омода ва пахш гардидааст, ки дар он вобаста ба талошҳои Сарвари Давлат Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ дар мавриди мушкилотҳои обу экология матлаб пахш мегардад.

Пешгуфтори ин бахши барнома низ чун бахшҳои дигар аз дохили студияи телевизион намоиш дода мешавад ва сипас шарҳи омода гардида, ки дар он овози ровӣ бо кадрҳои ба мавзуи инъикосшаванда мувофиқ сабт шудаанд пахш мегардад. Журналист аллакай дар

пешгуфтор бинандаро бо муҳтавои асосии мавзуъ шинос мекунад ва диққати бинандаро ба тамошои он ҷалб месозад. Пешгуфтори бахши мазкур бо чунин суханҳо оғоз мегардад:

**“Тибқи омори байналмилалӣ то соли 2050 талаботи сокинони замин ба ғизо 70/100 афзуда ҳаҷми истифодаи обро то 19% боло мебарад. Тибқи маълумоти расмии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ аз истифодаи обҳои ифлос ҳамарӯза қариб 6-ҳазор нафар одамон ба ҳалокат мерасанд, ки бахши муъзами онҳоро кӯдакону наврасон ташкил медиҳанд. Беш аз нисфи сокинони сайёра аз норасоии оби ошомиданӣ маҳруманд ва дар ҳолати ғайри санитарӣ умр ба сар мебаранд. Ҳамин тариқ, ҳар сол беш аз панҷоҳ милион нафар дунёро падруд гуфта, зиёда аз 30 – миллион каси дигар ба касалиҳои гуногун гирифтор мешаванд. Аз ин рӯ, эълони “Даҳсолаи нави байналмилалии “Об барои рушди устувор 2018 – 2028.” Худ дастоварди беназири Тоҷикистон аст. Донишмандони минтақа президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо унвони асосгузори дипломатияи об дар заминаи ҳалли масъалаҳои обу экология дар ҷаҳон эътироф намудаанд”.**

Сипас дар экран наворҳои вобаста ба мавзуи об пайдо мешавад ва ровӣ факту далелҳои лозимаро ба таври мушаххас шарҳ медиҳад.

Журналист дар интихоби мавзуъ ба аҳаммияти он диққати ҷиддӣ дода, сараввал муҳиммият ва саривақтӣ будани омода намудани матлаб дар бораи мавзуъро ба назар мегирад. Яке аз муваффақиятҳои асосии барномаи мазкур низ дар он дида мешавад, ки вобаста ба мавзуи мавриди назар факту далелҳо ва маълумотҳои муътамаду ҷолиби диққатро гирд оварда, ҷо ба ҷо гузорӣ ва пайдарҳамии фактҳои интихобшударо бо кардҳои ба он мувофиқ дар омодасозии барнома истифода менамояд. Инчунин, дар рафти барнома аз мусиқиҳои гуногун истифода мегардад, ки ин восита низ барои ҷалби диққати бинанда ва ҳадафрас намудани таъсирнокии кадр ва манти ироашаванда равона карда шудааст.

Барномае, ки мо айни замон таҳлилу баррасӣ намуда мебароем, рӯзи 23-юми январ соли равон ба эфир рафтааст ва дар он пурра масъалаи матраҳшаванда мавзуи экология ба шумор меравад. Барномаи мазкур дар доираи жанри мусоҳиба ва шарҳ омода гардидааст ва дар он Убайдулло Акрамов, коршиноси масъалаҳои экологӣ ба барнома ҳамчун мусоҳиб даъват шудааст.

Дар барномаи мазкур, чун анъана журналист ба бинандагон салом дода, диққати онҳоро ба тамошои сарҳати мавзуъҳои баррасишаванда равона месозад. Дар ин нашри барнома чунин масъалаҳо пайгирӣ мегарданд:

1. Тағйирёбии босуръати иқлим хатарест, ки ба он ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ҷиддӣ муносибат намояд.
2. Нигоҳе ба таъсири тағйиёбии иқлим дар минтақа ва ҷаҳон.
3. Донишмандону коршиносон оид ба ин мушкилоти экологии аср фикру назарҳои гуногун доранд.

Сипас журналист ҳамсуҳбаташро ба бинандагон шиносонда ба баррасии мавзуъ шуруъ менамоянд.

Бояд гуфт, ки жанри мусоҳиба дар навбати худ ба навъҳои гуногун ҷудо мешавад. Аз ҷумла, муҳаққиқи соҳаи рӯноманигорӣ Нуралиев Абдусаттор дар ин маврид чунин гуфтаанд:

“Мусоҳиба низ чун дигар жанрҳои публитсистика шаклу намудҳои зиёд дорад. Дар илми журналистика чунин навъҳои мусоҳиба зикр мешаванд: мусоҳиба – нақл (монолог), мусоҳиба – муколама, мусоҳиба – лавҳа, конференсияи матбуот, мизи мудаввар, мусоҳиба – анкета, мусоҳиба ақида. Дар матбуоти муосири тоҷик қариб ҳамаи намудҳои мусоҳиба истифода мешаванд”.

Дар баробари ин намудҳои жанри мусоҳиба, муҳаққиқони соҳа Саъдулоев А. ва Шоев М. мусоҳибаи проблеммадорро низ ишора намудаанд, ки дар доираи чунин чаҳорчуба омода мегардад: - “Дар он оҳанги сухан (мавзуъ) ошкоро бидуни суҳбат ва мавҷудияти камераҳои телевизионӣ баръало эҳсос мегардад. Агар дар дигар намудҳои мусоҳиба ҳадафи асосӣ рӯёндани иттилоъ бошад. Дар мусоҳибаи проблемавӣ нуқтаи назари хешро ҳам иброз медорад. Бо ин роҳ мусоҳибон дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат, ҳаллу фасли муаммои муҳокимашаванда фаъол гардонида мешавад. Маълум аст, ки ҳеҷ гуна масъала бо як муҳокимаи телевизионӣ ҳаллу фасл намегардад, вале вазифаи журналист аз он иборат аст,

ки таваҷҷуҳи мардумро ба масъалаи мавриди назар ҷалб намояд, онҳоро ба ибрози ақидаашон доир ба мавзуъ ворид созанд". Визифаи асосии рӯзноманигор низ дар ҳамин аст. Бояд матлабро чунон омода сохт, ки бинанда аллакай дар хулосабарорӣ мушкилӣ накашад.

Инчунин, ба мусоҳибаи барномаҳои телевизионӣ танҳо шахсони ба масъалаи инъикосшаванда сарукордошта даъват карда мешаванд. "Мусоҳиба аз рӯйи мавқеъ, хислат ва чун сарчашмаи ахбор ба се гурӯҳи одамон сару кор дорад:

1. Ходимони сиёсӣ, давлатӣ, мутахассисоне, ки дар ягон соҳа дониши васеъ доранд.
2. Шахсиятҳои маъруф, ки донистани тарҷумаи ҳол ва фаолияташон барои бинанадагон муҳим аст.
3. Одамони муқаррарӣ, ки дар ҳама ҷо вомехӯранд. Бо онҳо барои он мусоҳиб мешаванд, ки афкори умумро муайян намоянд".

Дар ин аснод, мусоҳибаи проблемавӣ яке аз шаклҳои душвортарини мусоҳиба ба шумор меравад ва барои бо муваффақият анҷом додани он масъулони барнома ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Дар ин ҳолат низ зиракиву донишмандӣ ва ҷаҳонбинии рӯзноманигор роли асосӣ мебозад. "Мусоҳибаи проблемавӣ аз душвортарин намудҳои мусоҳибаи телевизионӣ аст. Барои он ки вай муваффақона гузарад худи журналист бояд шахси соҳибмаърифат, донишманд ва дорои ҷаҳонбинии васеъ бошад, мавзуъро хеле дақиқ ва ҳамаҷониба омӯзад. Маводи ба мавзуъ марбутро ҳамаҷониба хуб додан, мусоҳиб ва мубоҳиси ботамкин, хушахлоқ ва доно бошад". Дар баробари рӯзноманигор мусоҳиб низ бояд дониши кофии суханронӣ дошта бошад ва дар рӯ ба рӯйи камера суҳбат карда тавонад. Чун таҷриба нишон медиҳад, нафароне ҳастанд, ки дониши хуб ва доир ба воқеаҳои руҳдода ва проблемаҳои мавҷуда фактҳои аниқу дақикро медонанд, аммо замоне ки дар рӯ ба рӯйи камера ё назди диктафону мирофон менишинанд ҳама чи аз хотирашон дур мешаванд.

Муҳтавои барномаи мазкур чунин аст:

Аз мушоҳидаи барномаи мазкур дарк намудан мумкин, ки ҳам журналист ва ҳам мусоҳиб доир ба масъалаи мавриди назар дониши кофиро дар худ доранд ва дар рафти барнома ин чиз хубтар вонамуд мешавад. Замоне ки онҳо суҳбат мекунанд, бинандаро ба умқи масъала ворид мекунанд. Савол ва ҷавоб низ дар шакли як суҳбати одӣ сурат мегирад. Аммо дар бисёре аз барномаҳои телевизионӣ қолабӣ будани барнома бараъло намудор мешавад. Барои асоснок намудани фикр мо қисмати аввали барномаи мазкурро мисол меорем.

**"- Имрӯз ҷаҳон дар рӯ ба рӯйи тағйиёбии босуръати иқлим қарор дорад, яъне мушкилоте, ки бо иродаи башар дар ҷанг аст. Бисёре аз коршиносон бар он ақидаанд, ки зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ ва истихроҷкунандаи газҳои карбону газҳои гулхонаӣ сабабгори он шудааст, ки дар муҳити зисти ҷаҳон, яъне сайёраи Замин тағйирёбии иқлим сурат гирад ва ин мушкилот ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст. Оид ба ин масъала чи ибрози андеша доред?**

*-Охири асри XX инсоният мувофиқи тадққиқотҳои илмии худ огоҳонида шуда буд, ки раванди шиддатнок гардидани тағйирёбии иқлим ва гармшавии иқлим дар сайёра дар назар аст ва мутаассифона аз тарафи баъзе кишварҳо нодида гирифта шуд. Ва мувофиқи маълумоти олимон баъди солҳои 2000-ум дар саёраи замин, умуман дар биосфера тағйиротҳо ворид гардид, ки инсоният ин тағйиротҳоро бори аввал рӯ ба рӯ гардид ва ҳаминро қайд кардани ҳастам, ки вақте ки биосфера ташаккул ёфт, дар ташаккул ёфтани биосфера дараҷаи мавҷудияти гази карбон, ки дар ҳамон давра 0,03%-ро ташкил медод ва консентратсияи гази карбон зиёда аз 800-ҳазор сол дар як ҳолати муътадили тавозунӣ вуҷуд дошт. Аммо аз солҳои 1960 сар карда, инсоният бо истифода аз технологияи истеҳсолии худ ва истифода бурдани дигар равандҳои борои шароити худро фароҳам овардаро истифода бурд, ки дар натиҷа агар дар солҳои 1900 истифода ангиштсанг дар сайёра дар як рӯз ба даҳ ҳазор тонна рост меомад, ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2000-ум ба садҳо миллиард тонна расид. Ин раванди дигаргуншави биосфераро афзоиш дод...".*

Ва ё ҷойи дигар:

**"-Аз таърихи муносибатҳои байналхалқӣ маълум аст, дар соли 1997 конфронси байналмилалии "Копен Гаген", дар соли 2012 конфронси байналмилалии дар Бразиля бо**

**номи “Конфронси замин” ва дар соли 2015 конфронси байналмилалии Созмони милали муттаҳид дар шаҳри Парижи Фаронса бо иштироки беш аз 200 давлати ҷаҳон барои пешгирии тағйирёби иқлим баргузор шуд, ки натиҷаи ҳамаи ин конфронсҳо то имрӯз дар ҷомеаи байналмилалӣ беранг ба назар мерасанд. Яъне ташаббусҳои ҷомеаи ҷаҳон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ тағйирёби иқлим нокифоя боқӣ мондааст. Шумо дар ин бора чи ибрози андеша доред?**

*-Албатта, Шумо дуруст қайд кардед. Аз нуқтаи назари илмӣ гирем агар, баъди ин конфронс дар баъзе кишварҳои Аврупоӣ аллакай тағйиротҳои мусбат ба амал омад. Дар кишвари Олмон имрӯз истифода бурдани нури офтоб ҳамрун сарчашмаи истеҳсоли неруи барқ ва инчунин аз истифодаи ангишсанг ба БИО газ ба назар мерасад....”.*

Берун аз қолабҳои мавҷуда ва озодона суҳбат намудан хоҳ нохоҳ ҳар барномаи телевизиониро ҷолибу диданӣ менамояд. Дар замони муосир барои ҷалби аудитория ин низ яке аз шартҳои асосӣ ба шумор меравад.

Барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон” дар баробари инъикоси ташаббусҳои дохиву байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар тарғибу ташвиқи ғояҳои сиёсии мамлакат саҳми босазо дошта, барои худшиносии миллӣ ва ба раванди ҷаҳонишави тавъам намудани ҷомеаи кишвар то андозае таъсиргузор аст.

## АДАБИЁТ


1. Давронов Д., Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. - Душанбе, 2012.
2. Муъминҷонов З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе: “Вектор Принт”, 2011.
3. Саидмуроди Хоҷазод. Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон / Саидмуроди Хоҷазод. - Душанбе: «Шуҷоиён», 2010.
4. Саъдуллоев А. Давронов Д. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии Журналистикаи байналхалқӣ / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов. - Душанбе, 2008.
5. Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони “Тоҷикистон” / З. Эшматов. – Душанбе, 2016.
6. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳо ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоиён – 2011.
7. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот (Воситаи таълим) / А. Нуралиев. – Душанбе, 2004. –
8. Барномаи “Тоҷикистон ва ҷаҳон”-и телевизиони “Тоҷикистон”. Соли 2017.
9. Озодагон №06 (510)/7-уми феврали соли 2018, саҳ. 6.
10. Фараж №69 (584).
11. http://journalism.tnu.tj .


## ИНЪИКОСИ ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРНОМАИ “ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН”-И ТЕЛЕВИЗИОНИ “ТОҶИКИСТОН”


Дар ҳар барномаи “Точикистон ва чаҳон” новобаста аз мавзуъҳои дигар, як бахши барнома ба инъикоси ташаббусҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бахшида мешавад. Дар рафти мушоҳидаи барнома бароямон маълум гардид, ки дар он бисёртар дар масъалаҳои обу экологияи дохил ва хориҷи кишвар матлаб пахш мегардад. Аз хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барнома доим ёдовар шуда, сиёсати давлатӣ дар ҳама самтҳо пуштибонӣ мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Тоҷикистон, ҷаҳон, барнома, телевизион, ташаббус.


## ОТРАЖЕНИЕ ИНИЦИАТИВ ТАДЖИКИСТАНА В ПРОГРАММЕ «ТАДЖИКИСТАН И МИР» ТЕЛЕВИДЕНИЯ «ТАДЖИКИСТАН»


В каждой программе «Таджикистан и мир», независимо от других тем, раздел программы посвящен отражению инициатив Таджикистана на международной арене. В ходе просмотра программы нам стало ясно, что статей по проблемам воды и экологии в стране и за рубежом очень много. В программе всегда упоминаются заслуги основоположника национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, Достопочтенного Эмомали Рахмона, а государственная политика поддерживается по всем направлениям.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Таджикистан, мир, программа, телевидение, инициатива.


## REFLECTION OF TAJIKISTAN INITIATIVES IN THE “TAJIKISTAN AND THE WORLD” PROGRAM OF “TAJIKISTAN” TELEVISION


In each “Tajikistan and the World” program, regardless of other topics, a section of the program is devoted to reflecting Tajikistan’s initiatives in the international arena. While watching the program, it became clear to us that there are a lot of articles on water and environmental issues in the country and abroad. The program always mentions the merits of the founder

of national peace and unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon, and state policy is supported in all areas.

**KEYWORDS:** Tajikistan, world, program, television, initiative.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тавакалов Аҳмадшо Масъудович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988777885**. E-mail**: ahmad_4o@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Тавакалов Ахмадшо Масъудович*** – Таджикский национальный университет, магистр факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988777885**. E-mail: **ahmad_4o@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tavakalov Ahmadsho Masudovich*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988777885**. E-mail: **ahmad_4o@mail.ru**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ КАСБИЯТ ВА МАҲОРАТ ДАР БАРРАСИИ МАВЗУИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН

***Неккадамова О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мо дар мақолаи худ тасмим гирифтем, ки баъзе масъалаҳои касбият ва маҳорати инъикоси мавзуъро дар матбуоти тоҷик, хусусан рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дида бароем.

**а) Афзалиятҳои жанрӣ дар инъикоси буҳрону мушкилот**

Дар ду нашрияи таҳқиқкардаамон рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дарёфтем, ки маводҳои марбут ба мавзуи таҳлилнамудаамон бештар дар жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ таҳия ва манзури хонанда гаштаанд. Аксари хабарҳои рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар гӯшаи “Тоҷикистон”- и он дар шакли хабари кӯтоҳ ва гоҳе васеъ нашр шудаанд. Инчунин, силсилаи гузоришҳо ва мақолаҳо дар шумораҳои он ба табъ расидаанд. Дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” низ хабарҳои кӯтоҳ, ҳамзамон, хабари васеъ, гузоришҳо ва силсилаи мақолаҳои таҳлилӣ чоп шудаанд. Як вижагии рӯзномаи “Ҷумҳурият” рӯзмаррагии ӯст. Ба андешаи инҷониб, аксаран дар номгузории матлабҳо ҳафтаномаи Тоҷикистон каме муваффақтар ва “бепардатар” аст, манзур аз чунин ҳарфамон ин, ки сарлавҳа чун оҳанрабо хонандаро ба хондани матн ҷазб мекунад. Масалан сарлавҳаҳои “Куштор дар сарҳад ва бохт дар ҷанги иттилоотӣ”, “Ноороми дар марз. Як кушта, як захмӣ ва нигаронӣ аз вазъи муташанниҷ”, Дурӯғи навбатӣ аз минбари СММ. Чаро қавлу амали Содир Ҷабборов як нест? “Зиндагӣ дар тарс. Сокинони Исфара умед доранд, вале бовар не” ва ё “На меҳмон шуду на мизбон. Чаро Қирғизистон аз машқи СААД даст кашид?” аз зумраи онҳост. Рӯзномаи “Ҷумҳурият” ҳам дар инъикоси масъала ва ҳам дар номгузории маводҳо хеле пухтакору ором ва мулоҳизакор аст. Барои муқоиса ва хулоса бингаред: “Мунокишаи марзӣ. Аз хабарсозиҳои бардурӯғи ҷониби Қирғизистон то ҳақиқати нангин”, “Ҳамсоядорӣ. Аз иғвоангезии навбатии Қирғизистон кӣ суд мебардорад?!”, “Хуни шаҳидон бар гардани кист?!” ва “Қирғизистон шартҳои протоколро иҷро намекунад!”. Ногуфта намонад, ки рӯзномаи “Ҷумҳурият” нашрияи расмист ва ҳафтаномаи “Тоҷикистон” нашрияи хусусӣ, аз ин рӯ ҳар яке аз мавқеи худ масъалаи мунокишаи марзиро бо ҳимоя аз манфиатҳои миллӣ - давлатӣ ба риштаи таҳлил кашидаанд.

Мақолаи таҳлилии “Мунокишаҳои марзӣ Аз хабарсозиҳои бардурӯғи ҷониби Қирғизистон то ҳақиқати нангин”-и профессор Нуралӣ Нурзод дар рӯзномаи Ҷумҳурият нашр шудааст, ки ҳамаи қоидаҳои дурусти мақолаи таҳлилии комилро дар бар мегирад. “Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ҳарчанд ҳамеша ва ҳар бор ҷанг аз ҷониби Қирғизистон оғоз шуда, сабаби марги афроди бегуноҳ, харобии хонаву манзилҳои мардуми осоишта мегардад, вале воситаҳои ахбори умум ва, ҳатто, чандин нафар аз чеҳраҳои сиёсии ин кишвар Тоҷикистонро ба паймоншиканӣ айбдор карда, оғози ҷангу хунрезиро ба қушунҳои

сарҳадии мо нисбат медиҳанд. Вақте чанде аз расонаҳои хабарии Қирғизистон ин бор ҳам ҳамин шеваи муносибат бо рӯйдодҳои марзиро пеш гирифтанд, ростӣ беихтиёр ҳамон мақолаи маъруф ва дорои оҳанги дурушти тоҷикӣ ба хотирам омад: "Ҳам дуздӣ ва ҳам пешхезӣ". Аммо ба осонӣ чун шумори ҳисоби 2 зарби 2 аз ахбори шабакаҳои телевизионии Қирғизистон сохтакорӣ ва дурӯғпарокании онҳо равшан буд", менависад муаллиф. Муаллиф бо факту далел андешаи худро собит месозад ва барои исботи гуфтаҳояш аз факту сарчашмаҳои муҳим ёдоварӣ мекунад. Дар анҷоми мақола муаллиф бо методи суолгузорӣ хулосабарориро ба хонанда ҳавола менамояд.

Мақолаи таҳлилии Маҳмуд Мирзоён ва Меҳрангез Қодирова "Ҳамсоядорӣ. Аз иғвоангезии навбатии Қирғизистон кӣ суд мебарад?!" ва "Хуни шаҳидон бар гардани кист?!" низ дар ҳамин рӯзнома ба нашр расида, бо саволу хитобгузорӣ хонандаро ба андеша кардан водор месозанд ва таваҷҷуҳи хонандаро ба асли масъала ва ҷустани роҳи ҳалли он равона месозанд. Маҳмуд Мирзоён ҳамаи унсурҳои як мақолаи таҳлилиро риоя карда, дар охири матлаб андешаи худро бо P. S Postscript ё "пайнавишт", яъне фикри тамом ё фаромӯшшудаву қайднагашта, матлабҳои худро ҷамъбаст намудааст. Ӯ дар пайнавишт менависад, ки мунокишаҳои марзӣ дар ҳоле ба миён меоянд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 1993 бо Ҷумҳурии Қирғизистон муносибати дипломатиро барқарор намудааст. Пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвар беш аз 100 санадро, аз ҷумла Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон (12 июли соли 1996) ва Аҳднома байни Тоҷикистон оид ба муносибатҳои некуҳамсоягӣ ва ҳамшарикӣ (26 майи соли 2004) ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, кишварҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ, ИДМ, СҲШ, САҲА ва МҲТБО ҳамкорӣ доранд. Меҳрангез Қодирова дар мақолааш "Хуни шаҳидон бар гардани кист?!" бо зерсарлавҳаҳои саволӣ таваҷҷуҳи хонандаро ба асли матлаб ҷалб намуда, баъдан ҷамъбасти мавзуъ ва қазовати онро ба хонанда ҳавола мекунад. Муаллиф менависад, ки амиқан бингарем, онҳо худашон намедонанд чӣ мехоҳанд. Яке даъвои Ворух мекунанду яке ба Мурғоб мечаспанд ва боз номаълум ки чи афсонаеро дар сар мепарваранд. Вале пайдост, ки ҳамаи ин барномаҳо барои худашонро дар назди халқ "сафед" кардани роҳбарони имрӯза тарҳрезӣ мешаванд. Масалан, рафту мардум талаби аз вазифа рафтани Қамчибек Тошиевро пеш орад, даргириҳо дар марз оғоз мешаванд. Онҳо мехоҳанд бо ҳар роҳе таваҷҷуҳи аҳолиро ба ин масъала равона созанд.

Рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар ин давра 30 маводро дар жанрҳои гуногун таҳияи хонанда намудааст.

**б) Чеҳрасозиҳои мусбату манфӣ**

Матлабҳо дар ҳар ду нашрия беғаразона пешниҳоди хонанда гардидаанд. Масалан, дар шумораи 19 сентябри соли 2022 шарҳи журналист Бахтиёр Қутбиддин бо номи "Евронюс дар бораи Тоҷикистону Қирғизистон" чунин менависад: "Субҳи 18 сентябр ЕВРОНЮС дар бораи воқеаҳои Тоҷикистону Қирғизистон нисбатан беғаразона буд. Ҳарчанд талафоти қирғизҳо (кушташудагон) бештар нишон дода шуд".

Қирғизистон мегӯяд, ки ҷониби Тоҷикистон ба мо ҳуҷум карданд. Ҷониби Тоҷикистон мегӯяд, ки тирпаррониву кушторро онҳо оғоз карданд. Дар идомаи матлаб меояд, ки мақомоти қирғиз гуфтанд, ки неруҳои Тоҷикистон мавзеҳои ишғолшударо ба ҳоли худаш монда, ақиб баргаштанд. Дар вилояти Бодканд вазъи фавқулода эълон карда шудааст. Баъди ин ролики кӯтоҳе, ки чанд вақт боз дар бораи Тоҷикистон дар ин телевизион чарх мезанад, нишон дода шуд. Муаллиф бар он назар аст, ки баъди тамошову шунидани ин хабаргузорӣ шахс чунин мантиқ ҳосил мекунад:

Низоъ аз ҷониби Қирғизистон ангехта шудааст. Зеро, агар Тоҷикистон ҳадафи забт намуданро медошт, минтақаи ишғолшударо боз ба ихтиёри қирғизҳо намедод. Аз ролике, ки дар бораи Душанбешаҳр ва Тоҷикистон буд, оҳанги сулҳу осоиштагӣ тантана дошт. Яъне, Тоҷикистон дар пайи сулҳу созандагӣ аст.

Нуқтаи дигари чеҳраи манфии ҷониби Қирғизистон дар он аст, ки вақти оташбас ба ҷониби неруи Тоҷикистон тир андохтанд ва сабаби марги аҳолии осоишта шуданд. "Аз ахбори гуногун маълум мешавад, ки ҷониби Тоҷикистон аз ҳама лиҳоз (сулҳхоҳӣ ва неруи низомӣ) бартарӣ дорад. Бузургтарин роҳбари давлат ҳамонест, ки барои халқаш сулҳу

осоиштагӣ оварда тавонад. Эмомалӣ Раҳмонов ин рисолатро тавонистааст. Ҷониби Садир Ҷабборов талоши баръакс дорад". (Ҷумҳурият, 19.09.2022, № 180)

Ин гуфтаҳоро аҳдшикании ҷониби Қирғизистон ва қавонини оташбасро дағалона ва бо анҷоми ҷиноятҳои вазнини зиддиинсонӣ вайрон намудани онҳо собит месозад. Нахуст, ин ки ба масҷиде дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров тавассути ҳавопаймо ҳамла карданд, он ҳам замоне, ки мардум барои адои намоз мерафтанд. Ҳамзамон, ҳамла ба мактаб, ки макони муқаддаси маърифат ва такмили ақлу хиради инсонҳост, камтар аз ҷинояте нест, ки тариқи анҷоми таркиш дар масҷид сурат гирифтааст.

Қамчибек Тошиев яке аз чеҳраҳои манфии муноқишаи марзӣ ва маводҳои нашргаштаи ду нашрия шинохта шудааст. Хабари "Тошиев, Истеъфо!!!" дар шумораи № 39- и ҳафтаномаи Тоҷикистон нашр гашта, дар он омадааст, ки "як созмони мухолиф дар Қирғизистон истеъфои раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ин кишвар Қамчибек Ташиевро талаб кардааст. Масъулони "Ҷунбиши муттаҳидаи демократӣ" рӯзи 27-уми сентябр гуфтанд, ки аз қарори бардоштани чаҳор посгоҳ дар минтақаи сарҳадии Қирғизистон бо Тоҷикистон норозиянд. Дар эъломияи Ҷунбиш омадааст, ки дар 30-соли истиқлол кишвари мо ҳеҷ гоҳ ба чунин вазъи душвор дучор наомада буд, ки ҳоло рӯ ба рӯ шудааст. Қарорҳои қабулшуда ва санадҳои имзокардаи Тошиев бо мавқеи президент дар Созмони милал мухолифанд. Масъулони созмон дар баробари истеъфои Қамчибек Тошиев ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯро низ талаб кардаанд. Ё дар мақолаи "Дурӯғи навбатӣ аз минбари СММ. Чаро қавлу амали Содир Ҷабборов як нест?"-и ҳафтаномаи "Тоҷикистон" (Ҳафтаномаи Тоҷикистон/ 21.09.2022, № 38) муаллиф менависад, ки президенти Қирғизистон 20 – уми сентябри соли қабл дар иҷлосияи 77-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк қисмати муҳимми суханронииашро ба низои кишвараш бо Тоҷикистон бахшидааст. Ӯ Тоҷикистонро ба риоя накардани созишҳои қаблан имзошуда гунаҳкор карда, зарурати идомаи музокиротро таъкид кардааст.

Ин изҳороти Содир Ҷабборов дар ҳолест, ки ӯ дар Самарқанд бо Эмомалӣ Раҳмон дар шабу рӯзи низоъ дар марз (14-17 сентябр, 2022) мулоқот дошт ва ваъда дода буд, ки дигар муноқиша сурат нахоҳад гирифт. Вале Қирғизистон ба ваъдааш вафо накард ва бо тиру туфанг ва ҳавопаймоҳои бесарнишин ба марзҳои Тоҷикистон ҳуҷум кард.

Маводҳои нашрнамудаи ҳар ду нашрия ифодагари онанд, ки ҷониби Қирғизистон бо аҳдшиканиву риоя накардани шартҳои созишномаҳои миёни ду давлат имзошуда ва бо ҳар баҳона оғози ҷангу муноқиша ва нофаҳмиҳо дар хати марз чун чеҳраи манфӣ дар симои як давлат шинохта шудааст.

Рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Тоҷикистон" дар инъикоси масоили баҳси сарҳадӣ вобаста ба шакли фаъолияти худ тавонистаанд, матлабҳоро дар жанрҳои гуногун, бо таҳлили факту арқом сари вақт пешниҳоди хонандагон гардонанду рисолати касбиашонро анҷом диҳанд. Мо ҷонибдори онем, ки мушкилоти марзӣ дигарбора миёни ду давлати ҳамсарҳад сар назанад ва ҳар ду кишвари дӯст дар фазои сулҳу субот бо роҳи дипломатӣ ва даст кашидан аз низоъ ин масъалаи ҳассосро миёни ҳам ҳал намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?/ Абдуллоҳи Раҳнамо. - Душанбе, 2023
2. Анвари Сафарӣ. Масъалаҳои сарҳадӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Диссертатсия/ Анвари Сафарӣ. - Душанбе, 2020
3. Намоз Ҳотамов, Давлатхоҷа Довудӣ, Сайфулло Муллоҷонов.Таърихи халқи тоҷик / Намоз Ҳотамов, Давлатхоҷа Довудӣ, Сайфулло Муллоҷонов. – Душанбе, 2015
4. Раҳим Масов. Таърихи тоҷикон бо мӯҳри "комилан сиррӣ"/ Раҳим Масов. – Душанбе, 1996
5. Рӯзномаи "Ҷумҳурият";
6. Ҳафтаномаи "Тоҷикистон"
7. Википедия / Донишномаи озод


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ КАСБИЯТ ВА МАҲОРАТ ДАР БАРРАСИИ МАВЗУИ МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН

Низои марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки инак сад сол идома дорад, дар солҳои охир моҳияти боз ҳам мураккабу муташанниҷ гирифтааст. Баррасии мавқеъ ва изҳороти намояндагони ҷонибҳо ва

арзёбии равандҳои сиёсию иттилоотии атрофи масъала нишон медиҳанд, ки ин буҳрон на танҳо дар ҳоли ҳалшавӣ, балки дар ҳоли амиқи васеъшавӣ қарор дорад. Мо дар мақолаи худ тасмим гирифтем, ки баъзе масъалаҳои касбият ва маҳорати инъикоси масъалаи баҳси сарҳадиро дар матбуоти тоҷик, хусусан рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дида бароем.
**КАЛИДВОЖАҲО:** баҳс, сарҳад, муносибат, ҳамсоягӣ, жанр, чеҳрасозӣ, мунокиша, созиш, шартнома.

**НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРОФЕССИИ И НАВЫКОВ В ОБЗОРЕ ТАДЖИКИСТАНО-КЫРГЫЗСТАНСКИХ ОТНОШЕНИЙ**

Пограничный конфликт между Таджикистаном и Кыргызстаном, продолжающийся уже сто лет, в последние годы стал более сложным и напряженным. Обзор позиции и заявлений представителей сторон и оценка политических и информационных процессов вокруг вопроса показывают, что этот кризис находится не только в состоянии разрешения, но и в состоянии глубокого расширения. В нашей статье мы решили рассмотреть некоторые вопросы профессионализма и мастерства в освещении темы пограничного спора в таджикской прессе, особенно в газете «Джумхурият» и еженедельнике «Таджикистан».
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** спор, граница, отношения, соседство, жанр, композиция, конфликт, соглашение, договор.

**SOME PROFESSIONAL AND SKILL ISSUES IN THE REVIEW OF TAJIKISTAN-KYRGYZSTAN RELATIONS**

The border dispute between Tajikistan and Kyrgyzstan, which has been going on for a hundred years, has become more complex and tense in recent years. The review of the positions and statements of the representatives of the parties and the evaluation of the political and informational processes surrounding the issue show that this crisis is not only in a state of resolution, but in a state of deep expansion. In our article, we decided to consider some issues of professionalism and skill in covering the issue of the border dispute in the Tajik press, especially the newspaper "Jumhuriyat" and the weekly newspaper "Tajikistan".
**KEYWORDS:** dispute, boundary, relationship, neighborhood, genre, composition, conflict, agreement, contract.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неккадамова Оламбегим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Неккадамова Оламбегим*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nekqadamova Olambegim*** – Tajik National University, master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 501051299.** E-mail: **Olambegim_99@mail.ru**

# ВИЖАГИҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ҶАМЪИЯТӢ- СИЁСӢ

***Абдурахмоновна О.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши ин забонҳо ба нуктаи назари интихобшуда имкон медиҳад, ки дар ҳалли як қатор масъалаҳои лексикология, фразеология ва услуби онҳо саҳмгузор бошанд, ёфтани нуктаҳои махсуси тамос дар ин самт вазифаи муҳимтарини типологияи забонҳо мебошад.

Объектҳои таҳлили ин рисола ҷанбаҳои назариявию амалии махсусиятҳои луғавӣ - грамматикӣ ва услубии истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ дар ва забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқ гирифта шудааст. Пеш аз ҳама, гуфтан лозим аст, ки истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бештар дар матнҳои расмӣ - коргузорӣ мавриди истифода қарор доранд.

Матнҳои расмӣ - коргузорӣ хусусиятҳои хешро доро буда, дар навиштаҷотҳои иҷтимоию сиёсӣ, дар матбуот (рӯзнома ва маҷаллаҳо), гуфтори шифоҳии арбобони сиёсию давлатӣ, илму адаб дар назди омма истифода мешавад. Яке аз хусусиятҳои асосии услубии матнҳои расмӣ ин ифодаи саҳеҳу дақиқ ва возеҳу равшан мавод ба шумор меравад.

Хусусиятҳои услубии жанри иттилоотӣ-рӯзномавии забони тоҷикӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳоро ба таври зерин дида мебароем.

- Ба маводҳои рӯзномаҳои англисӣ ва амрикоӣ, ҳатто дар матнҳои дорои мавзуи ҷиддӣ истифодаи унсурҳои гуфтугӯйӣ хос аст. Мисол:

➢ *What is the meaning of the North Korean Foreign Ministry's strange statement on Thursday that it now had* ***«nukes»?*** *- Ба ҳар ҳол чӣ вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии халқӣ-демократии Кореяро водор намуд, ки рӯзи панҷшанбе* ***силоҳи ҳастаӣ*** *доштани кишварашро эълон кунад?*

Вожаи ***nuke*** (силоҳи ҳастаӣ) – услуби гуфтугӯйӣ буда, дар фарҳангҳои тафсирӣ чунин маънидод шудааст: *verb-smth. to attack a place with nuclear weapons.* Мутарҷим онро бо ибораи умумиистеъмоли махсусияти сиёсидоштаи ***силоҳи ҳастаӣ*** тарҷума намудааст. Чунин таркибу калимаҳои махсусияти услуби гуфтугӯйидошта, ба хонандаи англис як амри маъмулӣ гашта, барои ӯ ҳолати махсуси чашмрас ва ба вуҷудорандаи тасаввуроти хавфангез ва ё шухиомез маҳсуб намешаванд.

Агар онҳоро хонандаи забони бегона тавассути тарҷума мутолиа кунад, хеле мутаассир хоҳад гашт. Бар замми ин, ҳангоми тарҷума обуранги услубии матни асл коста гардида, барои хонандаи тоҷик низ ҳамчун як матни ғалат ва бениҳоят омиёна менамояд. Бинобар ин, дар чунин мавридҳо ба хотири тарҷумаи комил ва умуман ба хонанда расонидани иттилооти қобили қабул аз хусусиятҳои жанрии чунин мавод даст кашидан беҳтар аст.

Мисоли зерин намунаи гуфтаҳои болост:

➢ *He says his job as a Moscow gumshoe is right out of the movie… - Ӯ мегӯяд, ки кори ӯ ба ҳайси муфаттиши хусусӣ дар Москва ба мисли киност…*

Дар матни мазкур ***gum-shoe*** – (old-fashioned) *detective a person employed by sb to find out information about sb|sth*, калимаи гуфтугӯйии англисӣ буда, ба маънои ***ҷосус, гумошта, полис*** истифода мегардад. Азбаски дар услуби рӯзноманигории тоҷик калимаҳои шевагию гуфтугӯйӣ камтар истеъмол мешаванд, тарҷумон онро бо калимаи муътадилмаъно иваз намудааст.

*Дар манҳои иттилоотӣ-таҳлилии ВАО-и англисию амрикоӣ ҳамеша ишора кардани унвони ходими сиёсӣ маъмул аст:*

➢ *Chancellor Angela Merkel and the nation's biggest businesses have been mounting a vocal campaign to get migrants into jobs as a way of quickly integrating them into German society (INYT, Thur., Sept., 2015, p.1).~ Садри аъзам Ангела Меркел ва миллати корчалони Олмон ба кор ҷалб кардани муҳоҷиронро ҳамчун роҳи осони мутобиқшавии онҳо ба ҷомеаи Олмон шуморида, барои он чорабинии пурсарусадоеро ба роҳ мондаанд.*

*Вожаи* ***Chancellor - Садри аъзам*** *(болонишин раис, сардор, пешво, вазир, сарвазир; олитарин унвони илмӣ дар Бухоро хоси истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ буда, аз калимаи лотинии cancellarius сарчашма гирифта, дар фарҳангҳои энсиклопедию тафсирии забони англисӣ чунин маънидод шудаст:* ***Chancellor*** *(Latin: cancellarius) is a title of various official positions in the governments of many nations - унвони вазифаҳои гуногуни расмӣ дар ҳукуматҳои бисёр мамлакатҳо; the original chancellors were the cancellarii of Roman courts of justice - ushers, who sat at the canceller or lattice work screens of basilica or law court, which separated the judge and counsel from the audience - канслерҳо аслан канслерҳои судҳои адлияи Рум - иҷрочиёни судӣ буданд, ки дар паси экранҳои бекоркунанда ё манъшудаи базилика ё суд, ки судя ва адвокатро аз тамошобин ҷудо мекарданд; the word is now used in the titles of many various officers in various settings (government, education, religion) - ин вожа ҳоло дар унвонҳои зиёди афсарони соҳаҳои гуногун (ҳукумат, маориф, дин ва г.) истифода мешавад.*

Агар насаби ходими сиёсӣ беунвон ва ё вазифаи ишғолнамудааш зикршуда бошад, ҳамеша пеш аз он ихтисораи Mr. (Mister) ё Mrs. (Mistress) гузошта мешавад. Чунончи:

➢ *Ms. Merkel and many German companies say change is possible* (INYT, Thur., Sept., 2015, p.20).~ *Хонум Меркел ва бесёре аз ташкилотҳои Олмон иброз медоранд, ки тағйири авзоъ имконпазир аст.*

Ҳамаи унвонҳо дар забони англисӣ хусусияти расмӣ касб кардаанд ва эҳтироми хосаи муаллифи мақоларо нисбат ба шахси мавсуф ифода намекунанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷума ба истиснои матнҳои махсуси расмӣ ин унвонҳо сарфи назар шуда, Mr. ва Mrs. – *ҷаноб* ва *хонум* тарҷума мешаванд, на *мистер* ва *миссис*. Шакли охирӣ барои нигоҳ доштани обуранги миллӣ танҳо дар вақти тарҷумаи асарҳои бадеӣ истифода мегардад.

▪ Дар услуби публисистӣ бештар метафораҳо - калимаҳои дар асоси маҷоз сохташуда ва як қатор ибораҳои ифодакунандаи ҳолати воқеӣ, ки онҳоро бо маънои духӯра дар соҳаи дигар истифода мекунанд, ба кор бурда мешавад:

➢ Which of the two men is more likely to conduct a steady and steadfast foreign policy? And which of them has the asbestos backbone to stick it out in the four-year heat of the White House Kitchen? - Кадоме аз ҳарду қобилияти бештари ба роҳ мондани сиёсати хориҷии устувор ва муътадилро дорад? Ва кадоме аз онҳо барои таҳаммул кардани **вазъияти тезутунде,** ки тули чор соли президентӣ дар Қасри сафед бояд бубинад, ҷуръату матонати кофӣ дорад?

➢ **The president's aide takes** his place at the big table leaving the presidential counsel to preside, but the aide's presence spills beyond his chair. He is recognized as the ascendant power. - **Ёвари президент дар паси мизи калон** нишаста, роҳбарии ҷаласаро ба ихтиёри мушовири президент мегузорад. Аммо нуфузи аввалӣ аз чорчӯбаи мақоми ӯ дар ҷаласа берун баромада, ин нуфуз афзоиш ёфта истодааст.

Дар тарҷумаи мисоли якум тавассути ифодаи **вазъияти тезу тунд** қисман ҳифз шудани образ мумкин аст, зеро ибораҳои маҷозии дигар, аз қабили **ошхонаи қасри сафед** ва ё **хислати оташмиҷоз** ба мазмуни мақола мувофиқ нест (ошхона гоҳо ба маънои маҷозии **дасиса, найранг**, **корҳои нопок** истифода мешавад, ки муаллиф инро дар назар надорад).

Дар матни асл фикр тавассути ҷойивазкунии луғавӣ дар шакли муҷаз ифода ёфтааст **four-years heat of the White House Kitchen**, вале барои пурра ифода кардани он дар тарҷума иловасозии калимаҳо зарур лозим аст:

Дар мисоли дуюм истифодаи феъли **spill** – *пошидан*, *пош хӯрдан*, *парешон кардан* дар қолаби ибораи ғайриодӣ образнокиро нигоҳ доштааст. Ифодаи **the aide's presence spills beyond his chair** бояд бо унсурҳои дигари забонӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шавад.

Ба услуби рӯзноманигорӣ истилоҳоти сиёсӣ хос буда, ба мисли истилоҳоти илмӣ-техникӣ доираи истеъмоли махсус доранд. Бо вуҷуди ин дар истифодаи онҳо каме фарқият мушоҳида мегардид. Истилоҳоти сиёсӣ бештар дар мақолаҳои фарогири соҳаи сиёсию иҷтимоӣ корбаст гардида, вобаста ба консепсияҳои идеологӣ шарҳу маънидод мешаванд.

Дар маводҳои иттилоотии рӯзномаҳо истилоҳоти сермаъно, истилоҳоти синонимӣ, истилоҳоти ихтисоршуда ва унвонҳо бештар ба назар мерасанд. Истилоҳи state дар истилоҳгузинии сиёсии ИМА маънои ҳам **давлат** ва ҳам **иёлотро** ифода мекунад:

➢ *Both the state and Federal authority are bent on establishing a police state*.

Дар ҳолати аввал истилоҳи **state** бо муайянкунандаи **федералӣ** баробармаъно буда, на ҳукумати тамоми кишвар, балки ҳукумати иёлотҳоро ифода мекунад. Дар ҳолати дуввум **state** ба маънои давлат истифода шудааст.

Истилоҳи **Congressman** ба маънои васеи – аъзои конгресси Амрико ва ё ба маънои маҳдудтари – аъзои палатаи намояндагон (конгресси ИМА истифода мешавад: *Last year a number of American Senators and Congressmen visited Russia*. Дар баробари маънои маҳдуди Congressman муродифи он Representative низ истеъмол мегардад.

Дар забони англисӣ номи низомномаҳои ташкилотҳои гуногун бо калимаҳои Regulations, Rule Constitution, Statutes ва ё Charter ифода меёбад. Истилоҳоти маъруф дар матн бештар дар шакли ихтисоршуда меоянд:

➢ *Youth also virtually excluded from Congress, the average age of member of the Senate being 56 years and of the House 51 years*.

Дар мисоли мазкур шакли ихтисоршудаи House ба ҷойи истилоҳи пурраи House of Representatives корбаст гардидааст.

▪ Яке аз хусусиятҳои дигари услуби рӯзноманигорӣ истифодаи калимаву ибораҳои образнок мебошад. Онҳо воситаи таъсирбахш ба хонанда маҳсуб мегарданд. Дар шакли комил баргардонидани воситаҳои образноки матни асл ба забони тарҷума хело муҳим аст. Пурра ифода намудани мақсади муаллиф ва таъсирпазирии хонанда аз тарҷумаи комили онҳо вобастагӣ дорад.

Мувофиқи назарияи тарҷума барои баргардонидани унсурҳои образноки матни асл бояд ба қадри имкон аз воситаҳои образноки забони тарҷумашаванда ҳамгунаи онҳоро

пайдо кард. Агар дар забони тарҷума муодили онҳо бошад, бояд варианти беҳтарини он интихоб шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н. Комиссаров. - М.: Высшая школа, 1990.
2. Мирзо Ҳасани Султон. Истилохотшиносӣ ва истилоҳнигории тоҷикӣ / МИрзо Ҳасани Султон. – Душанбе. Эр - граф 2019.
3. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / Назарзода Сайфиддин. - Душанбе, 2014.
4. Суперанская А.В., Подольская Н.В, Василева Н.В. «Общая Терминология» / А.В. Суперанская, Н.В. Подольская, Н.В. Василева. - Москва. И-во. ЛКИ 2008.
5. Чанышева З.З. Особенности номинации аббревиатур в общественно-политическом тексте / З.З. Чанышева. - Москва, 1979.
6. Хаютин А.Д. Термин,терминология, номенклатура / А.Д. Хаютин. - Москва, 1979.
7. Шарофов Н. Калимаҳои русӣ – интернатсионалӣ дар забони адабии тоҷик / Н. Шарофов. – Душанбе. Эр - граф 2019.



**ВИЖАГИҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ҶАМЪИЯТӢ - СИЁСӢ**

Мақолаи мазкур ба вижагиҳои истилоҳоти сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.Дар забоншиносии тоҷик омӯзиши қиёсии истилоҳоти сиёсӣ таърихи тулонӣ ва махсус надорад. То ҳол касе ташаббус нишон надодааст, ки истилоҳоти ҷамъиятию сиёсиро дар як асари алоҳида таҳлил намояд. Мақола ба дараҷаи зарурӣ омода шудааст, ки ин аз истифодаи моҳиронаи муаллиф аз адабиёти илмӣ ва истилоҳоти ҷамъиятию сиёсии ҳар ду забон гувоҳӣ медиҳад. Хулоса, муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки чӣ гуна истилоҳоти нави ҷамъиятию сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, тадқиқоти муқоисавии типологӣ, ташаккул ва инкишофи истилоҳот, ҷиҳатҳои муҳимми истилоҳоти сиёсӣ.



**ХАРАКТЕРИСТИКА ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ**

Эта статья посвящена особенности политической терминологии в таджикском и английском языках.В таджикском языкознании сравнительное изучение политических терминов не имеет долгой и особенной истории. Пока никто не взял на себя инициативу изучить социально-политические термины в отдельной работе Статья подготовлена на необходимом уровне, что свидетельствует об умелом использовании автором научной литературы и общественно-политических терминов обоих языков. В заключение исследователи показывают, как формировались и развивались новые общественно-политические термины в таджикском и английском языках.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социально-политические термины, сравнительно-типологическое исследование, формирование и развитие терминов, важные аспекты политических терминов.



**CHARACTERISTICS OF SOCIAL AND POLITICAL TERMS**

This article is devoted to features of political terminology in Tajik and English languages. In Tajik linguistics, the comparative study of political terms does not have a long and blessed history. So far no one has taken the initiative to study socio-political terms in a separate work. This article has been prepared to the required level, which shows that the author has skillfully used the scientific literature and socio-political terms of both languages. In conclusion, researchers show, how new socio-political terms in the Tajik and English languages were formed and developed.



**KEYWORDS:** socio-political terms, comparative-typological research, formation and development of terms, important aspects of political terms.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдурахмоновна Омина Собирҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)905400034**. E-mail:**-bakhakhush@mail.ru.**

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмоновна Омина Собирджоновна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **(+992)933988045**. E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.**

**Information about the author:** ***Abdurahmonova Omina Sobirjonovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992)933988045.** E-mail: **-bakhakhush @ mail.ru.**

# ШОИРОНИ КОСИБУ ҲУНАРМАНД ДАР «МАҶОЛИС-УН-НАФОИС»-И НАВОӢ

***Ғаффорова Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Алишери Навоӣ (1441-1501) аз донишмандони дараҷаи аввали майдони сиёсат, ҷамъиятшиносӣ, фарҳанг ва адабиётшиносии Хуросони асри 15-уми мелодӣ мебошад. Ӯ шоири бузурги борикбин, нависандаи чирадасти башардӯст, дониманд, тазкиранигор ва мутафаккири бузург буд.

Доир ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Навоӣ дар Тоҷикистон корҳои зиёде омода шуда бошад ҳам, аммо масъалаи шоирони косибу ҳунарманди дар «Маҷолис-ун-нафоис» овардаи ӯро ягон муҳаққиқе ба таври алоҳида таҳқиқ накардааст. Аммо А.Афсаҳзод дар китобаш "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри 15"дар бораи шоирони ҳунарманди асри 15 сухан ба миён меорад, номи хеле шоирони пешавари ин давраро зикр мекунад ва он маводро аз "Маҷолис-ун-нафоис" гуфтааст.

Аз шоирони косибу ҳунарманд, ки Навоӣ овардааст, Мавлоно Саъдӣ, Мавлоно Мир Арғун, Мавлоно Садри Котиб, Мавлоно Мир Қаршӣ, Мавлоно Ховарӣ, Мавлоно Ҳоҷимуҳаммади Фӯтаӣ, Мавлоно Фазлӣ, Хоҷа Калони Баззоз, Мулло Дарвешалии Шаммоъ, Мавлоно Вофӣ, Мавлоно Наимӣ, Мавлоно Зайн, Абдулқаҳҳор, Мавлоно Юсуфшоҳ ва дигаронро ном бурдан мумкин аст, ки ҳар кадоме касбу пешае дошта, дар баробари ин, ба навиштани шеър ва суханварӣ низ сару кор доштаанд.

**Шоирони пешавар.**

Мавлоно Саъдӣ яке аз адибоне будааст, ки ба косагарӣ машғул будааст ва дар баробари ин, шеър низ эҷод мекардааст. Навоӣ менависад: «Аз Машҳад буд ва косагарӣ мекард ва ин матлаи зуқофиятайн аз ӯст, матлаъ:

Зи баҳри қатъи ҳастӣ ҳила аз сад ҷой ангезам,
Ки то як лаҳза бо он дилбари худрой омезам» [1, 80].

Дар хусуси шарҳи ҳоли шоирону адибони ҳунарманд сухани Навоӣ бисёр кӯтоҳ аст. Баъди он ки вазифа ва пешаи ин ё он адибро меорад, бо овардани намунае аз ашъори онҳо иктифо мекунад. Навоӣ шеъри Мавлоно Саъдиро сутуда гуфтааст: «Ва фақирро ин байти ӯ аз матлаъ хуштар меояд, байт:

Шабе биншину чандоне шароби беҳисобам деҳ,
Ки натвонам, ки то рӯзи ҳисоб аз ҷой бархезам.

Дар шаҳри Ҳирот вафот кардааст».

Мавлоно Мир Арғун яке аз шоирони косиб буда, ба хаймадузӣ машғул будааст ва аслан шоири муаммосаро будааст: «Ба санъати хаймадузӣ мансуб буд ва аз соири назмҳо ба муаммо бештар майл менамуд, ин муаммо ба исми «Маҳмуд» аз ӯст, муаммо:

Эй зи ҷоми ҳусн сархуш, сӯйи махмуре бубин,
З-он ки ашки хешро пайваста дорад бар ҷабин» [1, 80].

Мавлоно Садри Котиб ҳам яке аз косибон аст, ки ба шеър ва каломи бадеъ вобастагие доштааст. «Мавлоно Садри Котиб марде ошуфтарӯзгор буд ва бештари авқоти худро сарфи хидмати атрок мекард. Ва агар лавандие муяссар мешуд, на аз ҳаз(з) ва на аз шеър ёд меовард ва шароб ӯро чунон мағлуб сохта буд, ки ба ҳеҷ кор ихтиёр надошт". Ин матлаъ аз ӯст:

Ҳаргиз дили моро ба ғаме шод накардӣ,
Куштӣ дигаронрову маро ёд накардӣ.

Дар шаҳри Ҳирот вафот кардааст [1, 81].

Мавлоно Мир Қаршӣ аз шоирони ҳунарманди Самарқанд буда, ба саҳҳофӣ машғул будааст: «Дар Самарқанд мебуд ва дукони саҳҳофӣ дошт ва ҳамеша зурафо он ҷо ҷамъ меомаданд ва Мавлоно худро устоди он хайл медонист. Дар боби шикоят ин матлаъ аз ӯст, матлаъ:

Нест ойини муҳаббат кардан аз ёре гила,
Варна, мекардам аз он бадаҳд бисёре гила.

«Хатоӣ» тахаллус мекард, дар Самарқанд вафот кардааст» [1, 84].

Аз ин иттилои Навоӣ маълум мешавад, саҳҳофон дунёи махсусе доштанд ва он ҷо бо ҷилд шудани нусхаҳои хаттӣ машғул мешуданд.

Мавлоно Ховарӣ ҳам аз Самарқанд буда, хайёт ва порадӯз будааст ва ба адабиёт низ майл дошта, шеър менавиштааст: «Низ аз Самарқанд аст ва ба дарзигарӣ мансуб аст. Ва бадеҳаи равони хуб дорад ва басе шӯху хуштабъ аст. Ва ин байт аз тарҷеъбанди ӯст:

Мезанад гаҳ ба чӯбу гоҳ ба мушт,
Бозӣ-бозӣ маро бихоҳад кушт.

Ва ин матлаъ низ аз ӯст, матлаъ:

Ман, ки умре ба ҳавас пайравии дил кардам,
Умр бигзашту надонам, ки чӣ ҳосил кардам.

Қабри ӯ маълум нест» [1, 277].

Мулло Ҳоҷимуҳаммади Фӯтаӣ низ шоири ҳунарманд аст ва фӯтафурӯш будааст: «Дар Самарқанд марде буд фӯтафурӯш, табъи нек дошт. Аз ӯст ин матлаъ:

Аз шавқи наргиси ту, ки ҳастем маст аз ӯ,
Чандон гирист дида, ки шустем даст аз ӯ.

Қозӣ Нуруллоҳи Совaӣ ин мазмунро бисёр нек гуфта:

Аз мо машӯй даст, ки мо бе ту шустаем
Ҳам рӯ ба оби дидаву ҳам даст аз обрӯй» [1, 198-199].

Мавлоно Фазлӣ аз адибони пешавар аст ва наққошӣ мекардааст ва дар баробари ин, шеър низ мегуфтааст: «Аз шаҳри Ҳирот аст ва дар хурдӣ наққошӣ мекарду назмаке мегуфт. Охир худро шоир тасаввур карда, наққоширо бартараф карда, шоир шуд. Ин матлаъ аз ӯст:

Зоҳид, биёр хирқаву раҳни шароб кун,
Бунёди зуҳду хонаи тақво хароб кун» [1, 123].

Хоҷа Калони Баззоз. Аз мардуми шаҳри Ҳирот аст. Ин матлаъ аз ӯст:

Анҷум машумар, он ки дар ин гунбади хазрост,
К-аз баҳри тамошои рухат дида ҳаворост [1, 127].

Мулло Дарвешалии Шаммоъ яке аз адибоне будааст, ки падараш ба шуғли шаммоъӣ машғул буда, худ низ ин касбро ба ирс бурда ва шеър низ месурудааст: «Падараш шамърез буда, аммо ӯ ба табобат машғул аст ва атиббо, ки маҳорате доранд, ӯро бисёр таъриф мекунанд» [1, 134]. Ба гуфтаи Навоӣ Мулло Дарвешалии Шаммоъ дар эҷоди шеър табъу истеъдоди хуб дошта, бештар ба муаммо машҳур будааст: «Табъаш низ хуб аст, аммо аз назмҳо ба муаммо бештар таваҷҷуҳ дорад. Ин муаммо ба исми «Валӣ»аз ӯст, муаммо:

Ҳиндуи зулфи ӯ зи бадкешӣ
Гӯш бигрифту гуфт дарвешӣ.

Ин матлаъ аз ӯст:

Дардмандонро зи софи май набошад ҳосиле,
Мехурам лойи шаробу мешавам масти гиле» [1, 134].

Мавлоно Вофӣ. «Аттор аст ва фарзанди шаҳри Ҳирот аст ва дар беруни Дарб хуш мебошад ва ба мулозимати остони соҳибқирон мерасад, ин матлаъ аз ӯст. Матлаъ:

Он чашмаи ҳаёт, ки ёбанд ҷон аз ӯ,
Ҷуз оби ҳасратам набувад дар даҳон аз ӯ» [1, 130].

Ин шоироне, ки ғайр аз шеър боз ба ҳирфаву касбҳои гуногун робита доранд, шоирои соҳибдевон набуда, фақат аз сари завқ ва ҳавасу алоқамандӣ ба адабиёт шеър месуруданд.

Аз адибони дигар, ки Навоӣ танҳо дар бораи ӯ як ҷумла навиштааст ва як байти ӯро мисол овардааст, Мавлоно Зайн мебошад. Тибқи маълумоти овардаи муаллиф, Мавлоно Зайн аслан ба санъати кисадӯзӣ мансуб буда, шӯхтабъ ва зарофатгӯ низ будааст: «Мансуб ба санъати кисадӯзӣ буд ва яке аз шӯхтабъони замони худ буда. Ин мақтаъ аз ӯст:

Бо Зайн кӣ манъат кунад аз мардуми ноҷинс?
Бегона чунонӣ, ки ғами хеш надорӣ».

Мавлоно Абдулқаҳҳор низ аз шоирони ҳунарманд буда, аслан ба кимиёгарӣ машғул мешудааст. Тибқи маълумоти овардаи Навоӣ, ин шоир гарчанде, ки ба кимиёгарӣ машғул ҳам, ки бошад, аммо дар ин касб ба коми дил нарасидааст ва фақат умри худро зоеъ кардааст. Аммо Навоӣ назми ӯро сутуда зикр кардааст, ки ӯ байтҳои хуб дорад ва фақат аз ашъори ин шоири ҳунарманд як байт мисол меорад: «Аз хуштабъони шаҳри Ҳирот буд ва донишмандие дошт, аммо хаёли Мавлоно ба кимиёгарӣ кашида, дар он кор бисёр чиз зоеъ кард ва ҳеҷ кор насохт, аммо абёти хуб дорад. Дар татаббуи Амир Хусрав ин матлаъ аз ӯст, матлаъ:

Рашкам ояд, з-он чи бар дилҳо хаданги ёр кард,
Тири ӯ бар ғайр хӯрду бар дили ман кор кард».

Аз шоирони ҳунарманди дигар, ки бештар котибӣ мекардааст, Мавлоно Юсуфшоҳ ба шумор меравад. Ба қавли Навоӣ, Мавлоно Юсуфшоҳ котиби хуб ва чирадасте будааст, аммо хеле фақир будааст. Навоӣ аз ашъори ӯ як матлаъ мисол меорад: «Котиб тахаллус мекард ва дар фанни китобат марде мутаайян буд ва худро аз зумраи зурафо медонист, аммо марде фақиру хуб буд. Ин матлаъ аз ӯст:

Эй ҷудогашта, ки дурӣ зи бари ҳамнафасон,
Мо дар ин шаҳр бад - ин рӯзу ту дар шаҳри касон».

**Мусиқинавозони суханвар.**

Аз таҳили фаслу бобҳои «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ маълум шуд, ки дар он ғайр аз шоирони вобаста ба дигар ҳунару пешаҳо, шоироне низ оварда шудаанд, ки ба мусиқӣ сарукор доштанд. Мусиқинавозони суханваре, ки Навоӣ онҳоро овардааст, Мавлоно Соҳиби Балхӣ, Мавлоно Нурӣ, Хоҷа Юсуфи Бурҳон ва дигарон мебошанд, ки дар баробари мусиқидонӣ ва навохтани созҳои гуногуни мусиқӣ, ҳамчунин, алоқаи хоссе ба адабиёт доштанд ва ашъори хубе сурудаанд.

Яке аз мусиқинавозони суханвар, ки Навоӣ ба ихлос аз ӯ ёд мекунад, Мавлоно Соҳиби Балхӣ аст. Навоӣ дар хусуси шеър ва ҳунари мусиқидонии ӯ гуфтааст: «Дар фанни шеър моҳир буда ва дар илми адвору мусиқӣ комилу нодир ва дар амалҳои худ ашъори худ миёнхона сохтааст, то далолат бар фазли ӯ кунад ва аз он ҷумла амали «Чаҳоргоҳ» аст, ки дар миёни мардум шуҳрат дорад ва гӯянд Ҷӯкӣ Мирзо дар маҷлиси худ ғайр аз он намегузошт, ки қавволон чизи дигар гӯянд. Ва матлаи он ғазал, ки дар амали «Чаҳоргоҳ» дорад, ин аст, матлаъ:

Ҳамчу субҳ аз меҳри рӯят мезадам дамҳои сард,
То расам рӯзе ба кӯят, дил басе шабгир кард» [1, 50].

Тавре дар тазкира омадааст, гузашта аз он ки Мавлоно дар мусиқӣ назир надоштааст, шеъро ҳам дар сатҳи олӣ эҷод мекардааст ва ҳатто беҳтарин ашъори гузаштагон, махсусан Хоҷа Салмонро ҷавобҳо гуфтааст: «Ва қасидаи маснуи Салмонро ҷавоб гуфта ва он ҷо истеъдоди бисёр фаҳм мешавад ва дар ҷавоби қасидаи дигари Хоҷа Салмон ин матлаъ аз ӯст:

Зи қомати ту ба олам қиёмате бархост,
Қиёмат аст қадат, гар бувад қиёмат рост.

Ва дар ғазалиёти ӯ ин матлаъ ҳам машҳур аст:

Туӣ кони намак, мо - шӯрбахтон,
Худо ин дод morову туро он.

Махласи сухан он аст, ки Мавлоно аз мардуми разил тамаъ мекарда ва қуввати томеаи ӯ баръакси толеаш буда ва аз он ҷиҳат дар назари азизон хор менамуда. Мазораш дар навоҳии Балх аст».

Мавлоно Нурӣ яке дигар аз мусиқинавозони машҳур Мавлоно Нурӣ будааст: «Мавлоно Нурӣ бештари авқот дар Машҳад мебошад. Марде ошуфтарӯзгор ва лаванд аст. Ин матлаъ аз ӯст:

Дилам бенаво шуд, аз ин рӯ, ҳазин аст,
Бале, бенавоӣ ҳамеша чунин аст» [1, с.113].

Хоҷа Юсуфи Бурҳон низ яке аз мусиқидонон буд ва бештар шеърҳои худро оҳанг баста, месароидааст. Навоӣ дар хусуси ӯ овардааст: «Аз ақрабои наздики ҳазрати шайхулисломӣ Шайх Аҳмади Ҷомӣ, қуддиса сирраҳу буд ва дар тариқи фақру фано сулук мекард ва расми таҷарруду инқитоъро маслук медонист ва соҳиби тариқи ҷамеи аҳли тариқ буд, бештар ба шеъри худ мусиқӣ мебаст ва амали Исфаҳонро бад-ин матлаи худ баста:

Расид мавсими шодию завқу айшу тараб,
Агар гадо ба муроди диле расад, чӣ аҷаб» [1, 78].

Хоҷа Юсуфи Бурҳон дар фанни мусиқӣ чунон дасти қавӣ доштааст, ки ҳатто Навоӣ худро дар мусиқӣ шогирд ва пайраву мадюни ӯ донистааст: «Фақир дар фанни мусиқӣ шогирди ӯям. Дар Ҷом аз олам рафт ва мазораш дар ҳазираи шайх аст» [1, 78].

Яке аз донишмандон ва шоирони дигаре, ки Навоӣ овардааст, Мавлоно Наимӣ (Қадимӣ) ба шумор меравад. Мавлоно Наимӣ аслан нақоранавоз будааст ва гузашта аз ин шеър низ менавиштааст: «Ба нақорачигарӣ шуҳрат дошт, аммо табъаш дар назмҳо мулоим буд». Баъдан Навоӣ чанд байт аз ӯ мисол овардааст: Ин матлаъ аз ӯст:

Бе ҷамолаш дидаи равшан чӣ кор ояд маро,
Равшанӣ дар дида аз дидори ёр ояд маро.

Ҳамин тавр, шоирони мусиқидон дар тазкира нисбат ба дигар шоирони дигар касбу пеша камтар буда, Навоӣ дар шарҳи ҳоли онҳо ба овардани як-ду ҷумла иктифо кардааст.

Воқеан, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ яке аз муҳимтарин манобеъ дар муаррифӣ ва тавзеҳи мақом ва осори шоирони форсизабон дар садаи 15 аст. Дар асри 15 чанд тазкирае, аз қабили «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷолис-ул-ушшак»-и Ҳусейни Козургоҳӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ва равзаи ҳафтуми «Баҳористон» таълиф шудаанд, ки дар байни онҳо «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ ҷойгоҳи хосса дорад ва он, асосан, ба гурӯҳи тазкираҳои даврӣ мансуб аст. Ҳарчанд мутарҷим, бахусус Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ дар равзаи аввали биҳишти ҳаштум ба вазъи осори шоирони то садаи 15 таваҷҷуҳ дошта бошад ҳам, асли туркии тазкира, асосан, барои шоирони давраи Темуриён ихтисос ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар тазкира тавсифи муфассали кору фаъолият ва мақоми адибони ҳунарманд оварда нашудааст ва муаллиф дар аксари маврид шоирони косибро бо як-ду ҷумла муаррифӣ намуда, аз як то се байти ашъори онҳоро иқтибос меорад. Бо вуҷуди ин, маълумоти муаллиф аҳаммияти махсус дорад. Нахуст муаллиф аз ҳамаи онҳое, ки ба шеър майл доранд, зикр кардааст. Дуюм муаллиф аз шоирони ҳунарманд бештар котибонро зикр кардааст ва маълум мешавад, ки касби котибӣ дар он замон нуфузи зиёде доштааст. Сеюм, номи бархе аз адибони ҳунарманд, ки Навоӣ овардааст, то ҳол маълум нест ва шояд ин тазкира ибтидои ошноӣ ва омӯзиши рӯзгору эҷодиёти онҳо бошад. Ва ниҳоят, бархе аз маълумоти муаллиф арзиши баланди сарчашмавӣ доранд, зеро худи муаллиф шоҳиди ҳаёт ва фаъолияти бисёре аз шоирони косиби зикршуда будааст. Илова бар ин, ашъори шоирони ҳунарманд, ки Навоӣ овардааст, онҳо ҳеч як соҳибдевон набудаанд ва аз сари шавқ шеър сурудаанд. Аз ин абёт метавон як маҷмуаи мукаммали шоҳбайтҳои форсиро эҷод кард.

Аз мутолиа дар мавзуи мавриди назар маълум мешавад, ки дар асри Навоӣ пешоварони зиёде ба шоирӣ машғул буданд. Яъне, моҳияти эҷодиёти онҳо берун аз минбар аст. Аз ҷиҳати муҳтавои ғоявии ашъори онҳо низ инъикосшудаи завқи табақаи ҳунарманду пешоварон аст ва ин мавзуъ дар оянда бояд ба таври муфассал омӯхта шавад.

## АДАБИЁТ


1. Амир Низомуддин Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис / Амир Низомуддин Алишери Навоӣ – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2018.
2. Амир Низомиддин Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. - Бо кӯшиши Алиасғари Ҳикмат. - Теҳрон 1363.
3. Амир Низомиддин Алишери Навоӣ- «Фонӣ». Девон. / Бо сайъ ва эҳтимоми Рукнуддин Ҳумоюнфаррух Теҳрон, 1342.


## ШОИРОНИ КОСИБУ ҲУНАРМАНД ДАР «МАҶОЛИС-УН-НАФОИС»-И НАВОӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи шоирони косибу ҳунарманд дар «Маҷолис-ун-нафоис” – и Навоӣ маълумот додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар тазкира тавсифи муфассали кору фаъолият ва мақоми адибони ҳунарманд оварда нашудааст ва муаллиф дар аксари маврид шоирони косибро бо як-ду ҷумла муаррифӣ намуда, аз як то се байти ашъори онҳоро иқтибос меорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шоир, ашъор, тазкира, ҳунарманд, муҳтаво.


## ПОЭТЫ-МАСТЕРА В «МАЖОЛИС-УН-НАФАИС» НАВОИ


В данной статье автор предоставил информацию о поэтах-мастерах в «Мажолис-ун-нафаис» Навои. Автор отметил, что в описании не содержится подробного описания творчества и статуса писателей - мастеров, а в большинстве случаев автор знакомит с поэтами - мастерами одним-двумя предложениями и цитатами из одного - трех стихов их стихотворений.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: поэт, поэзия, картина, художник, содержание.


## MASTER POETS IN “MAZHOLIS-UN-NAFAIS” NAVOI

In this article, the author provided information about the master poets in Navoi's «Majolis-un-nafais». The author noted that the description doesn`t contain a detailed description of the creativity and status of master writers, and in most cases the author introduces master poets with one or two sentences and quotes from one to three verses of their poems.
**KEYWORDS**: poet, poetry, painting, artist, content.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ғаффорова Фараҳноз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Гаффорова Фарахноз*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Ghafforova Farahnoz*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ТАЛАБОТ БА НАШРИЯҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

***Алибахшова З.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ҳамеша ба воқеияти давраҳои муайяни таърихӣ аз замони пайдоиш то имрӯз ҳамқадам буд. Равандҳои иҷтимоӣ ва ташаккули маънавии инсоният ду омили аслие ҳастанд, ки ба принсипҳо, вазифаҳо ва рисолати журналистика ба таври ҳамешагӣ таъсир мерасонанд, ҳатто қонунҳои касбӣ вобаста ба дигаргуниҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ҳар замон дигар мешаванд. Ба миён омадани воситаҳои ҷадиди хабарпаҳнкунӣ, тағйирот дар системаи таълим ва аз нигоҳи сохторӣ дигар гаштани журналистика ин ҳамон пайванди ногусастанӣ доштан бо равандҳо дар ҷомеа аст. Журналистикаи интернетӣ ва рӯ овардан ба чандрасонаӣ аз падидаҳои охирин аст.

Асарҳои журналистикаи чандрасонаӣ метавонанд бо садо, видео, графикаҳои тасвирӣ ва аниматсионӣ, слайдшоу, расмҳои гардон ва дигар василаҳои дастрас дар платформаҳои интернетӣ пешкаш шаванд. Чунин имкони техникии тарзи пешниҳоди мавод, аввалан матлабро ҷолиб месозад, баъдан хислати конвергентсионии журналистикаи интернетиро маънидод мекунад.

Дар ВАО-и интернетӣ ба монанди ВАО - анъанавӣ касбӣ навиштан зарур аст. Аммо, илова бар ин, бояд қонунҳои муҳити интернетро ба назар гирифт.

Журналистикаи интернетӣ истилоҳоти тозаеро мавриди корбурд қарор дод. Нисбат ба таърифи илмӣ ва ҳатто тарзи навишти бисёре аз истилоҳоти ҷадид андешаҳои зидду нақиз мавҷуд аст. Худи интернет - журналистика бо истилоҳу мафҳумҳои зиёд ифода мешавад, ки дар бисёр маврид муродифи ҳамдигар мебошанд.

Мафҳумҳои интернет - журналистика, онлайн - журналистика, on-line журналистика, веб(web)-журналистика, массмедиа, веб-медиа, веб-редаксия, веб-саҳифа (страница), веб-расона (издания) бештар дар адабиёти русӣ вомехӯранд. Дар адабиёти англисӣ асосан online journalism (онлайн-журанлистика) ва Digital journalism (журналистикаи рақамӣ) истифода гардидааст.

Натиҷаи омӯзиши журналистикаи чандрасонаӣ маълум намуд, ки блогнависӣ ҳамчун анъана дар интернет-журналистикаи тоҷик марҳилаи хосеро аз сар гузаронидааст. Блог сайте мебошад, ки шахс дар он пайваста ақидаҳояшро доир ба масъалаҳои рӯзмарра менависад, сабтҳо ё маводҳои худро дар шаклҳои гуногун дастраси омма мегардонад. Блог калимаи англисӣ буда, аз “web log” чун «blog» падид омадааст. Дар Википедия - қомуси ҳамагонӣ блог ба маънои: «маҷаллаи интернетии рӯйдодҳо, рӯзномаи интернетӣ ва онлайн - рӯзнома» тавзеҳ шудааст.

Бояд гуфт, ки дар қатори дигар мафҳумҳое, ки бо пайдоиши журналистикаи интернетӣ ба илм ворид шуд, истилоҳи “чандрасонаӣ” яке аз онҳо мебошад, ки бахши муҳимми журналистикаи интернетиро ифода мекунад. Журналистикаи мултимедиявӣ аз рӯйи фаҳмиш, дар қатори журналистикаи радио, телевизион ва матбуот қарор мегирад.

Чандрасонаӣ амалан ба сифати як раванди рушдёбанда дар журналистикаи ватанӣ тадриҷан ворид шудааст, вале назариёти илмие, ки ҳолати воқеиродар фазои интернетӣ бозгӯ намояд, хеле кам гуфта шудаанд.

Гузаштан ба низоми чандрасонаӣ дар журналистика наздикшавӣ ба талабот, ниёз ва хоҳиши аудитория ба ҳисоб меравад. "Ба ақидаи мутахассисон суръати хондани матн аз монитор нисбат ба қаринаи коғазӣ 25 фоиз сусттар аст. Муҳаққиқони Донишгоҳи Оҳайои ИМА муайян кардаанд, ки матни расонаҳои онлайниро хонандаҳо нисбат ба матни коғазӣ бадтар қабул мекунанд. Бинобар ин, мултимедиявӣ кардани маводи расонаҳои интернетӣ имкон медиҳад, ки хонанда аз мутолиаи матн хаста нашавад ва иттилоъро зуддарк карда тавонад"- навиштааст профессор Ҷовид Муқим.

Нуфузу эътибори ҳар расона аз аудиторияи он вобаста буда, асосифаъолияти онро ташкил медиҳад. Дар сурати ҷавобгӯйии табъ ва ниёзҳоииҷтимоӣ набудан, хоҳу ноҳоҳ хостаҳои тиҷоратӣ ва идеологии соҳибрасона дар канор хоҳад монд. Усулҳои чандрасонаӣ ба маънии дигар моҳияти иҷтимошави ВАО-ро дар замони миқдоран зиёд шудани расонаҳо, ногузир гардидани рақобати расонаӣ ва ниҳоятан нозук гардидани табъи аудиторияи ҳамагонӣ маънидод мекунад. Ба ин мазмун, дар давоми андешаҳояш Ҷовид Муқим ба зарурат ва рушди журналистикаи интернетӣ таввачуҳ мекунад: "Аввалан, солҳои охир теъдоди расонаҳои интернетӣ афзуд, хонандаҳо ба мутолиаи ҳамаи онҳо вақт надоранд. Онҳо ба ҳамон расона таваҷҷуҳ мекунанд, ки маводро ҷолибу фаҳмо пешниҳод мекунад. Аз ҷониби дигар, аудиторияи расонаҳои интернетиро аксаран ҷавонон ва нафароне ташкил медиҳанд, ки камтар одати мутолиа ва дарки онро доранд. Барои онҳо пешниҳоди аудиовизуалии иттилоъ бештар муассир аст".

Дар маҷмуъ, имрӯз талабот ба нашрияҳои интернетӣ зиёд аст. Миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ сомона расонаи мавриди таваҷҷуҳ аст нисбат ба дигар навъи ВАО ва матни он ҳам, ки мутааллиқ ба навъи электронӣ аст, бештар истифода мешавад. Сомона дар шароити имрӯз аз рақибони муқтадири дигар воситаҳои ахбори омма дар бозори иттилоот аст, зеро дар дигар намуди ВАО унсурҳои муосир истифода шуда наметавонад ё дар шакли маҳдуд корбарӣ мешаванд, аз ҷумла матолиби чандрасонаӣ.

**АДАБИЁТ**


1 Гаймакова Б. Д., Макарова С. К., Новикова В.И. Мастерство эфирного выступления: Учеб. Пособие / Б.Д. Гаймакова, С.К. Макарова, В.И. Новикова. – М., 2004.

2 Муқимов М., Мушкилоти рушди журналистикаи чандрасонаӣ дар Тоҷикистон /Муқимов М. // 20.12.2016. Суроғаи электронӣӣ:https://jovidmuqim.wordpress.com/2015/12/16/мушкилоти-рушди-журналистикаи- чандр/#more-692

3 Муқим Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ / Ҷовид Муқим. –Душанбе, 2019.


## ТАЛАБОТ БА НАШРИЯҲОИ ИНТЕРНЕТӢ


Журналистика ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ҳамеша ба воқеияти давраҳои муайяни таърихӣ аз замони пайдоиш то имрӯз ҳамқадам буд. Равандҳои иҷтимоӣ ва ташаккули маънавии инсоният ду омили аслие ҳастанд, ки ба принсипҳо, вазифаҳо ва рисолати журналистика ба таври ҳамешагӣ таъсир мерасонанд, ҳатто қонунҳои касбӣ вобаста ба дигаргуниҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ҳар замон дигар мешаванд. Ба миён омадани воситаҳои ҷадиди хабарпаҳнкунӣ, тағйирот дар системаи таълим ва аз нигоҳи сохторӣ дигар гаштани журналистика ин ҳамон пайванди ногусастанӣ доштан бо равандҳо дар ҷомеа аст. Журналистикаи интернетӣ ва рӯ овардан ба чандрасонаӣ аз падидаҳои охирин аст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: ВАО, гиперматн, нашрияҳои интернетӣ, чандрасонаӣ, онлайн журналистика, блог.


## ТРЕБОВАНИЯ К ИНТЕРНЕТ-ПУБЛИКАЦИЯМ


Журналистика, как социальный институт, с момента своего зарождения и до настоящего времени всегда шла в ногу с реальностью тех или иных исторических периодов. Социальные процессы и духовное становление человечества являются двумя основными факторами, которые постоянно влияют на принципы, задачи и миссию журналистики, даже профессиональные законы постоянно меняются в связи с социальными и политическими изменениями. Появление новых медиа, изменения в системе образования, структурные изменения в журналистике неразрывно связаны с процессами в обществе. Интернет-журналистика и обращение к мультимедиа — одно из новейших явлений.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** СМИ, гипертекст, интернет-издания, мультимедиа, интернет-журналистика, блог.


## REQUIREMENTS FOR ONLINE PUBLICATIONS

Journalism, as a social institution, from the moment of its inception to the present, has always kept pace with the reality of certain historical periods. Social processes and the spiritual development of mankind are two main factors that constantly influence the principles, tasks and mission of journalism, even professional laws are constantly changing due to social and political changes. The emergence of new media, changes in the education system, structural changes in journalism are inextricably linked with the processes in society. Internet journalism and the appeal to multimedia is one of the newest phenomena.
**KEYWORDS:** media, hypertext, online publications, multimedia, online journalism, blog.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Алибахшова Заррина Умедовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934309888**. E-mail: **zara.ali.98@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Алибахшова Заррина Умедовна*** – Таджикский национальный университет, магистр факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934309888**. E-mail: **zara.ali.98@mail.ru**

**Information about the authors: *Alibakhshova Zarrina Umedovna*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 934309888**. E-mail: **zara.ali.98@mail.ru**

## ЛУҒАТҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ МУОСИРИ ТОҶИК

***Эгамова С.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мураттабсозии луғатҳои таълимӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми луғатнигории тоҷик ба шумор меравад. Тавре аз таҳқиқҳо маълум аст, дар луғатҳои таълимӣ ҷанбаҳои ҷудогонаи воҳидҳои луғавӣ, ки онҳо дар раванди омӯзиш маънидоди махсусро талаб мекунанд, тафсир карда мешаванд. Ба ин маънидоди маънои луғавии калима ба тавассути калимаҳои ҳаммаъно, наздикмаъно ва зидмаъно, шарҳи маънои истилоҳӣ ва соҳавии калима, ҳамчунин тафсири маъноҳо ва шаклу категорияҳои грамматикии калима, маънидоди қолабу воситаҳои калимасозии забон ва ниҳоят тасвири паҳлуҳои мухталифи қиёфаи овозии онҳо, хосатан, дар мавридҳои муайян бо ҳам ҳамовоз, наздиковоз ва ҳамоҳанг шудани онҳо, сохтори овозиву талаффуз ва имлои имрӯзаашон дохил мешаванд. Вобаста ба вазифаи ҳар яке аз ин навъҳои луғатҳо ҳаҷм, сохтор ва усулҳои шарҳи дар онҳо интихобшуда низ гуногун мешаванд. Профессор Ҳ. Маҷидов луғатҳои таълимии забони адабии муосири тоҷикро вобаста ба вазифаҳои амалиашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардааст: а) луғатҳои тафсирии таълимӣ; б) луғатҳои грамматикии таълимӣ; в) луғатҳои таълимии қиёфаи овозии калимаҳо ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи луғатҳои тафсирии таълимӣ луғати синонимҳо, антонимҳо, истилоҳот ва калимаҳои касбиву соҳавӣ дохил мешаванд. Дар чунин навъи луғатҳо низ чун дар луғатҳои бузурги тафсирии забон маъноҳои луғавии калимаҳо шарҳ дода мешаванд, аммо тафовут дар он аст, ки ҷиҳатҳои махсуси маъноии калимаҳо шарҳ дода мешавад [8, с.9],

Масалан, аз рӯйи робитаҳои синонимию антонимӣ ва маъноҳои истилоҳию касбиашон. То имрӯз хелҳои зайли луғатҳои тафсирии таълимии забони адабии муосири тоҷик тартиб дода шудаанд, ки ин ҷо баъзе аз онҳоро таҳлилу баррасӣ мекунем:

Яке аз луғатҳои таълимие, ки арзишаш дар забони адабии муосири тоҷик баланд аст ва ҷойгоҳ муҳим дорад луғати мураттабнамудаи забоншинос **Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1993. –272 с.** аст. Луғати мазкур маънидоди зиёда аз 380 силсилаи синонимии калимаҳои тоҷикиро дар бар гирифтааст. Дар луғат маънои асосии сарсилсила, ки одатан калимаи маъруфи умумиистеъмол аст, калимаҳои дигари ҳаммаъно ҷамъ оварда шуда, ҳар яке мустақиман шарҳ ёфта, бо мисолҳои аз адабиёти бадеӣ ба субут расонида шудаанд. Ин луғат бори аввали соли 1975 нашр шуда буд. Дар нашри охир он такмил дода шудааст. «Луғати синонимҳо», ки ба хонандагон, донишҷӯён пешкаш шудааст, то андозае ба луғатҳои тафсирӣ монанд аст. Дар луғатҳои тафсирӣ ва синонимӣ калимаҳо аз ҷиҳати маъно (чӣ маънои асосӣ ва чӣ маънои маҷозӣ)

шарҳу маънидод карда мешаванд ва онҳо якзабона мебошанд. Аз тарафи дигар, ин ҳар ду навъи луғат аз якдигар фарқи куллӣ ҳам доранд. Дар луғатҳои тафсирӣ ва луғатҳои ба он монанд калимаҳо ё ибораҳо бо калимаю ибораҳои ҳаммаъно ва аз ҷиҳати маъно наздики дигар эзоҳ дода мешаванд ва ё маънои асосӣ ва иловагии калима бо калимаҳои дигар баён карда мешавад [3, с.9].

Дар луғати мазкур гурӯҳи калимаҳо-синонимҳои аз ҷиҳати маъно наздик ва ё баробар оварда шуда, ба таври муқоиса умумият ва фарқи байни онҳо, андозаи истеъмолашон дар забон ва ба кадом услуби ифода хос будани онҳо нишон дода мешавад.

Калимаҳои синонимӣ як силсилаеро ташкил медиҳанд, ки яке аз онҳо сарсилсила (доминант) دониста мешавад. Умумият, фарқи маъно ва андозаи истеъмоли калимаҳои дигар дар муқоиса бо сарсилсила муайян карда мешавад. Масалан, калимаҳои **хуб, нағз, сара, беҳ, хуш, бартар, авло** дар луғат ин тавр тафсир мешавад: ин калимахо ба маънои умумикунандаи қайд намудани сифати мусбии предмет, шахс чи дар алоҳидагӣ ва чи дар муқоиса бо дигар ашё синоним мешаванд [9, с.4],

Калимаи хуб аз ҷиҳати маъно умумикунанда буда, нисбат ба синонимҳои дигар серистеъмол мебошад. Аммо дар забони умумии гуфтугӯйӣ калимаи нағз серистеъмол аст. Ин калима дар забони адабӣ низ (ба ғайр аз калимаи хуб) назар ба дигар синонимҳо серистеъмол мебошад. Калимаҳои авло, бартар, беҳ ва баъзан нағз чун воситаи муқоиса ба кор бурда мешаванд. «Авло», «беҳ» ва «хуш» тобишҳои услубӣ доранд, баъзан синонимҳои худро иваз карда наметавонанд: кори хуб (хуш, нағз), дуруст, аммо кори бартар гуфтан аз ҷиҳати тарзи баён нодуруст аст.

Калимаи сара бо «яккачин», «аълосифат» синоним аст, аммо вобаста ба ифодаи фикр ва матн бо калимаҳои боло синоним мешавад: одами сара (хуб, нағз).

Ҳамаи калимаҳо сарфи назар аз тобишҳои ҷузъии маъноӣ ва услубӣ ба воситаи калимаи хуб бо маънои ба ҳамаашон умумӣ ба як силсила гирд меоянд. Дар сурати ба ин калимаҳо ҳамроҳ кардани пасвандҳо (беҳтар, хубтар, нағзтар ё хубтарин, беҳтарин, нағзтарин) низ хусусияти синонимии калимаҳо боқӣ мемонад, вале калимаҳо як тобиши маъноии нав мегиранд.

Баъзан калимаи дуруст низ бо калимаҳои боло умумияти синонимӣ пайдо мекунад: кори дуруст (хуб, нағз) кардан. Дар забони муосири тоҷик баъзан калимаҳое, ки синоним нестанд, дар матн синоним шуда меоянд.

Баъзе калимаҳои забон хусусияти сермаъноӣ доранд, ки дар як ҳолат бо як калима, дар мавқеи дигар бо калимаҳои дигар синоним шуда меоянд. Масалан, калимаи **ҳалқа** бо як маънои худ синоними **гӯшвора** шуда меояд, бо маъноҳои дигараш (ҳалқаи дар, ҳалқаи занҷир, дар ҳалқаи дӯстон будан) бо калимаҳои дигар синоним мешавад. Ё худ калимаи зорӣ ба маънои тавалло ва талаби имдод бо калимаи гиря синоним нест. Аммо дар ҷумлаи «Бибиоиша: рафтани ту, мурдани ман аст, - гуфта таваллою зорӣ мекард» (Айнӣ) - калимаи «зорӣ» синоними «гиря» аст [9, с.5].

Таркиби луғавии забон вобаста ба пешрафти ҷомеа дар ҳолати доимии инкишоф ва пешравӣ мебошад. Бинобар ин ба як силсилаи синонимӣ мансуб будани калимаҳо доимӣ ва устувор нест. Онҳо ба тағйир ёфтани маъно ва ё бо маънои маҷозӣ бо калимаҳои дигар ҳаммаъно ва синоним шуда метавонанд. Синонимҳо ду ё зиёда калима - мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷихати маъно наздик ва баъзан баробар буда, бо маънои иловагӣ, тобишҳои услубӣ-маъноии худ, бо ҳудуд ва андозаи истеъмолашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд.

Синонимҳои лексикӣ танҳо ба ҷиҳати маъноии калимаҳо кордор буда, таркиби морфологии онҳоро сарфи назар мекунанд. Ғайр аз ин, чунонки дар таҳлили синонимҳо мебинем, истеъмоли синонимҳо танҳо барои иваз намудани калима набуда, балки барои муайян намудани фикр ва муносибати гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда мебошад.

Ба ҳамин тариқ, синонимҳо барои ба фикри асосии худ илова намудани хусусиятҳои эҳсосӣ, диққати хонанда (шунаванда)-ро ба ягон ҷиҳати мафҳуми ифодашаванда ҷалб намудан, барои илова намудани тобишҳои муайяни маъноӣ ва услубӣ, ниҳоят барои равшану саҳеҳ намудани фикр ба кор бурда мешаванд.

Чунонки мебинем, ҳар як калимаи синонимӣ, ба ғайр аз бо синоними худ умумияти маъноӣ доштан, хусусиятҳои ба худ хос низ доштааст. Бннобар ин синонимҳоро калимаҳои бо ҳама хусусиятҳояшон ба ҳамдигар баробар донистан нодуруст мебошад.

Ҳодисаи ба якдигар синоним-муродиф шудани калимаҳо як ҷузъи узвии таркиби луғавии забон аст. Аз ин рӯ, муваффақиятҳои дар соҳаи фарҳангнигорӣ ба даст овардашударо аз кори омӯхтани синонимҳои забон ва тартиб додани луғати синонимхо ҷудо кардан мумкин нест.

Луғати синонимҳо дар муомилаи ҳаррӯзаи хонанда, дар аниқ, равшан ва саҳеҳ баён намудани фикр ниҳоят манфиатовар аст. Ғайр аз ин, барои омӯхтан, муайян намудан ва нишон додани бойгарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳам аҳҳамияти калон дорад.

Донистани калимаҳои синонимӣ ба шахс имкон медиҳад, ки бе такрори калима тамоми нозукиҳои фикри худро ифода намояд, таркиби луғавии забонро беҳтар омӯзад, калимаҳои зиёди фаромӯшкардааш ва номаълуму номафҳумро ба хотир оварад ва аз худ кунад. Баъзан дар матн чида шуда омадани калимаҳои синонимӣ такрори маъно набуда, балки таъкиду равшан намудани маъно ва муайян намудани муҳокимаи гӯянда нисбат ба фикри ифодагардида мебошад.

Зиёда аз ин, донистани калима ва синонимҳои он тафаккур ва муҳокимаронии шахсро васеъ мекунад, зеро ҳар калима, маъно ва мафҳуми ба худ хосе дорад ва дар ҳеҷ мавқеи дигар чун луғати синонимҳо бойигарӣ ва нозукии забон бо ин гуна саҳеҳӣ акс намеёбад.

Маълум аст, ки маънои калима дар асари бадеӣ бо маънои предметии он маҳдуд намешавад. Калима дар матн метавонад маънои нав гирад. Бинобар ин дар луғат маъноҳои асосӣ ва тобишҳои маънoии синонимҳо ҳам ба ҳисоб гирифта мешаванд, зеро бисёр калимаҳои забони адабии тоҷик хусусияти серманоӣ доранд. Баъзе калимаҳо бо маъноҳои иловагӣ ва маҷозии худ ба ду ва зиёда силсилаҳои синонимӣ дохил шуда метавонанд [9, с.6].

**Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ** мувофиқи калимаҳои асосии (сарсилсилаи) синонимҳо аз рӯйи тартиби алифбо дода шудааст. Дар луғат баъзе силсилаи синонимҳо пурра оварда нашуда, бештар калимаҳои дар истеъмол буда оварда шудаанд. Калимаҳои куҳнашуда ва камистеъмол, ки ба архаизмҳо гузаштаанд, дар луғати таълимии мазкур кам оварда мешаванд. Ҳамин тариқ, луғати мазкур дар омӯзиши синонимҳои забони муосири тоҷик манбаи муҳимму дастрас аст.

**Капранов В. А., Николаев И.Л., Халилов А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо. –Душанбе: Маориф, 1985. –367** с.

Дар қисми аввали луғат силсилаҳои синонимии забони русӣ ба занҷирҳои муродифҳои забони тоҷикӣ ва дар қисми дуюми он силсилаҳои синонимии забони тоҷикӣ ба занҷирҳои синонимии забони русӣ баргардонида шудаанд. Дар мавридҳое, ки ин ё он ҳалқаи силсилаҳои синонимии русӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс муодил надошта бошанд, ё ки тарҷума нашаванд, ҷойи онҳо дар забони дуюм холӣ нигаҳ дошта шудааст. Мавқеи услубии аксари ҳалқаҳои чи силсилаҳои муродифоти русӣ ва чи тоҷикӣ бо ишораҳо нишон дода шуда, барои собит намудани маъно ва мавқеъҳои истеъмолии ҳалқаҳои ҷудогонаи синонимии ҳар ду забон мисолҳои тасдиқкунанда оварда мешаванд [5, с.8].

**Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2000. –101 с.**

Дар луғати мазкур 700 ҷуфти антонимҳои луғавии забони тоҷикӣ бидуни тафсири маъноҳои аъзоҳои ҷудогонаи онҳо ҷой дода шудаанд. Дар тасдиқи муносибати антонимии аъзоҳои ҷудогонаи чунин ҷуфтҳои калимаҳо аз адабиёти бадеии муосир ва осори классикон мисолҳои зиёде оварда мешаванд. Барои зуд пайдо карда тавонистани ин ё он ҷуфти зарурии антонимӣ аз рӯйи тартиби алифбоии ҷузъи асосии онҳо дар охири луғат мифтоҳи ҷуфтҳои антонимӣ дода шудааст.

**Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. –Душанбе: Маориф, 1983. –255 с.**

Ин луғат аввалин бор системаи истилоҳоти мавҷудаи забоншиносии тоҷикро муқаррар ва онро ба пуррагӣ маънидод намуда, дар мавридҳои зарурӣ таърихи пайдоишу этимологияи онҳоро низ шарҳ медиҳад. Муаллифон баробари ин дар мавридҳои зиёди дигар аз шарҳи энсиклопедии истилоҳ низ истифода бурдаанд. Дар луғат асосан ҳар як истилоҳ мустақиман шарҳу маънидод шудааст. Танҳо дар сурате ки ин ё он истилоҳи ҷузъӣ

бар эзоҳи паҳлуҳои ҷудогонаи мафҳуми ифодакунандаи истилоҳи асосӣ омада бошад, он дар доираи моддаи луғавии истилоҳи асосӣ оварда мешавад. Дар луғат барои муайян намудани моҳияти ҳаволаҳо, вариантҳо, ихтисорот ва монанди инҳо системаи муайяни ишораҳои шартӣ ба кор бурда шудаанд.

**Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе, 2016. - 428 с.**

Фарҳанги мазкур аз аввалин манобеи нисбатан мукаммали истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, вожагони соҳавии муҳимми забоншиносиро фаро мегирад, ки аз нигоҳи баромад ва ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ ба даврони гуногуни таърихӣ мансубанд. Ҳар як истилоҳи овардашуда бо назардошти мазмун ва хусусиятҳои корбурдиаш дар забоншиносии муосир ва бо такя ба манобеи илмиву амалӣ мавриди тавзеҳу тафсир қарор гирифтааст. Фарҳанги мазкур барои олимони риштаи забоншиносиву адабиётшиносӣ, омӯзгорон ва донишомӯзону ҳаводорони илми забон ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» истилоҳҳое, ки серистеъмол буда, зарурату шарҳу тафсири онҳо бештар эҳсос карда мешавад, тафсир ёфтаанд. Бештарини истилоҳҳои забоншиносӣ истилоҳҳое мебошанд, ки дар китобҳои дарсии мактабҳои миёнаю олӣ ва асарҳои илмӣ (монографияҳои ҷудогона), маҷмуаи мақолаҳо ва матбуоти даврӣ (дар рӯзномаю маҷаллаҳо) истифода шудаанд [2, с.6-7]. Дар луғати мазкур теъдоди муайяни истилоҳоти забоншиносӣ марбут ба забоншиносии умумӣ буда, масъалаҳои гуногун: равияҳо, мактабҳо, ҷараёнҳо ва усулҳои забоншиносии муосирро инъикос намудаанд.

Ҳамаи истилоҳҳо дар фарҳанг мувофиқи тартиби алифбои имрӯза оварда шудаанд. Истилоҳҳое, ки аз истилоҳи асосӣ дар қолаби ибора сохта шудаанд, дар қиёси истилоҳ маънои маҳдуду мушаххасро ифода мекунанд, зери истилоҳи асосӣ дода мешаванд.

Дар ин фарҳанг ҳамаи истилоҳҳои забоншиносӣ мувофиқи тартиби алифбо тафсиру шарҳ дода шудаанд. Истилоҳҳое, ки аз истилоҳҳои асосӣ дар қолаби ибора сохта шуда, назар ба истилоҳи асосӣ маънои маҳдудро ифода мекунанд, зери истилоҳи асосӣ оварда мешаванд:

Луғат…луғатҳои энсиклопедӣ, луғатҳои филологӣ, луғати тафсирӣ, луғати тарҷумавӣ, луғатҳои этимологӣ, луғати шева, луғати осори адибон, луғати калимасозӣ, луғати имло, луғати орфоэпӣ, луғати паронимҳо, луғати омонимҳо, луғати антонимҳо, луғати синонимҳо, луғатҳои соҳавӣ, луғати чаппа, луғати калимаҳои ихтисоршуда, луғати басомад (чандомад), луғати дузабона, луғати паремиологӣ, луғати меъёрӣ, луғати калимаҳои хориҷӣ.

Агар истилоҳҳо аз ҷиҳати баромад ба яке аз забонҳои хориҷӣ мансуб бошад, дар кавсайн бо ҳуруфоти хоси он забон (бештар бо ҳуруфоти забони лотинӣ) навишта шуда, маънои истилоҳ ба забони тоҷикӣ ифода карда мешавад ва тафсир берун аз қафс бо мисолҳо дарҷ меёбад. Масалан: Лаконизм (юн. lakonizmos) маҳорати мухтасар баён карда тавонистани фикр, (ғоя, амал); рехтагӯйӣ, муҷазбаёнӣ.

Реконструксия (аз лот. re - пешванд, бо маънои таҷдид ва constructio – сохтумон) - дар забоншиносии муқоисавию таърихӣ воҳидҳои ҷудогонаи забони ҷудогона, гурӯҳ ё оилаи забонҳо. Мафҳуми асосии муносибаҳои хешигарии забонҳо модарзабон аст [2, с.7-8].

**Калонтаров Я. К., Капранов В. А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – 95 с.**

Дар мақола масъалаҳои асосии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти марказҳои масъулият мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Маркази масъулият ҳамчун соҳа, самти фаъолият фаҳмида мешавад, ки ба он шахси масъул (роҳбар) роҳбарӣ мекунад, ки ҳуқуқ ва қобилияти қабули қарорҳоро дорад. Унсурҳои хароҷот дар ширкатҳои сохтмонӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, тартиби баҳисобгирии хароҷоти сохтмон бо истифода аз ду усул - усули муқоисаи хароҷот ва ҳосилнокӣ муайян карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: ширкатҳои сохтмонӣ; хароҷот; баҳисобгирии муҳосибӣ; арзишмуайянкунӣ; усулҳои баҳисобгирӣ; марказҳои масъулият.


## ОБЕСПЕЧЕНИЕ УЧЕТА-АНАЛИЗА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЦЕНТРОВ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В СТРОИТЕЛЬСТВЕ


В статье рассматриваются основные вопросы учетно-аналитического обеспечения деятельности центров ответственности - предмет исследования. Под центром ответственности понимается поле, направление деятельности, которым руководит ответственное лицо (руководитель), обладающее правом и способностью

принимать решения. Определены элементы затрат в строительных организациях Также определен порядок расчета себестоимости строительства двумя методами - методом сопоставления затрат и производительности.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: строительные компании; затраты; бухгалтерский учет; определение стоимости; методы учета; центры ответственности..

**PROVISION OF ACCOUNTING AND ANALYSIS OF ACTIVITIES OF RESPONSIBILITY CENTERS IN CONSTRUCTION**

The article deals with the main issues of accounting and analytical support for the activities of responsibility centers - the subject of research. Responsibility center is understood as a field, direction of activity, which is managed by a responsible person (manager), who has the right and ability to make decisions. The elements of costs in construction organizations are determined . Also, the procedure for calculating the cost of construction by two methods is determined - the method of comparing costs and productivity.
**KEYWORDS:** construction companies; expenses; Accounting; cost determination; accounting methods; responsibility centers.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Акрамова Ҳилола Акбаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Телефон: **93-555-25-17.**
***Каримов Абдулқосим Камолуддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **550-57-05-00.**

**Сведения об авторе**: ***Акрамова Хилола Акбаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Телефон**: 93-555-25-17.**
***Каримов Абдулкосим Камолуддинович*** – Таджикский национальный университет, магистрант. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 550-57-05-00.

**Information about the authors**: ***Akramova Hilola Akbarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hilola_1972@mail.ru**. Phone**: 93-555-25-17.**
***Karimov Abdulkosim Kamoluddinovich*** – Tajik National University, master's student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **550-57-05-00.**

# ҲУҚУҚ – ПРАВО

## УСУЛҲОИ СОДИР НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲО БО ЗАМИН


*Ҳукматуллоев М.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Рушди бозори замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйир ёфтани тарзҳои ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии замин таъсири бузург гузошт. Сарфи назар аз он, ки муносибатҳои заминистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан хусусияти бозорӣ гирифта истодаанд, бозори замин то ҳол суст инкишоф ёфта, ба таври пурра аз ҷониби қонунгузорӣ мустаҳкам нагардидааст. Вобаста ба ин вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ ва мувофиқан ҳуқуқи иштирокчиёни зиёди муносибатҳои бо замин алоқаманд, ҷой доранд. Дар шаҳракҳо ва марказҳои ноҳияҳо қитъаҳои замине боқӣ намондааст, ки ба ашхоси алоҳида – тоҷирон ва мансабдорон, ки аз номи дигар шахсон ҳуқуқи истифодабарӣ ба қитъаи заминро ба даст овардаанд, тааллуқ надошта бошад. Тибқи иттилооти Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар соли 2018 мақомоти идораи замин 5006 ҳолати вайрон намудани қонугузории заминро ошкор намуда, нисбати 4262 ҳолат протокол тартиб дода, барои татбиқи ҷазо дар шакли ҷарима ба андозаи 1593620 сомонӣ қарор қабул кардааст. Илова бар ин, 313 мавод барои додани баҳои ҳуқуқӣ ба прокуратура, 122 мавод барои ба таври иҷборӣ ситонидани ҷарима ба суд ирсол гардида, 3270 ҳолати вайрон намудани қонунгузории замин дар маҳал бартараф карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки чунин намудҳои истифодабарии замин ба монанди истифодаи бемуҳлат ва муҳлатноки қитъаи замин, истифодаи якумраи меросӣ ва иҷораи заминро қонунгузорӣ муқаррар намудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи қитъаи замине, ки муҳлаташ муқаррар нашудааст, бемуҳлат дониста мешавад. Мувофиқи моддаи 12 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодаи меросии якумра замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад. Дар баробари ин қитъаҳои замине, ки бо ҳуқуқи истифодаи меросии якумра дода шудаанд, ҳангоми маълум гаштани мерос бояд аз нав ба қайд гирифта шаванд. Ҳангоми гузаштани қитъаҳои замини наздиҳавлигии шаҳрвандон ба шахсони ҳуқуқӣ, ин қитъаи замин ба истифодабарии бемуҳлат дода мешавад.

Ба истифодаи муҳлатнок қитъаҳои замин ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба муҳлати муайян дода мешаванд. Қонунгузории замин ҳадди ақал ва ниҳоии муҳлати истифодаи қитъаи заминро муайян намудааст. Ҳамин тавр, мутобиқи моддаи 13-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи муҳлатноки замин метавонад кӯтоҳмуддат – то се сол ва дарозмуддат – аз се то бист сол ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Ба ғайр аз ин, заминистифодабарандагон метавонанд дар асоси шартнома қитъаҳои заминро ба иҷора диҳанд. Шартномаи иҷораи замин бе тағйир додани таъиноти қитъаи замин баста мешавад. Муҳлати иҷора то 20 сол аст. Муносибатҳои заминистифодабарандагон оид ба иҷораи қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин предмети фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо буда, инчунин метавонад бо тартиби мерос ё ҳуқуққабулкунии умумӣ ба шахси дигар гузарад. Дар асоси он, ки меъёри муқарраркунандаи тартиби бегона кардани қитъаи замин нодуруст тартиб дода шудааст, тафсири он аз ҷониби ҳуқуқтатбиққунанда норавшан

сурат мегирад, ки ин дар навбати худ барои бо тарзҳои гуногун содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин шароити мусоид фароҳам меорад.

Маълумот дар бораи усули содир кардани ҷиноят, ба ақидаи А.М. Кустов, дар бораи ҳодиса ва иштирокчиёни он мидори зиёди маълумотро дар бар мегирад ва дар низоми "фаъолияти ҷиноятӣ" зернизоми асосӣ мебошад. Бо назардошти равишҳои мавҷуда қисмҳои таркибии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин ҷудо менамоем:

- ➢ Алгоритми муттасили амалҳо;
- ➢ Маҷмуи амалҳои ба ҳам алоқаманд, ки аз марҳилаҳои омодагӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунии ҷиноят иборатанд;
- ➢ Барои амалисозии қасди (нияти) зиддиҳуқуқӣ равона шудааст.

Омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва маводи парвандаҳои ҷиноятӣ имкон дод, ки усулҳои содиркунии ҷиноят дар соҳаи муомилот бо замин ба низом дароварда шуда, суръати такроршавии онҳо муайян карда шавад.

1. Қаллобӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ (26% мавридҳо);
2. Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин, таҳрифи маълумоти бақайдгирии Кадастри давлатии замин бо мақсади ғаразнок ё дигар намуди манфиати шахсӣ (4% мавридҳо);
3. Суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (28% мавридҳо);
4. Гирифтани пора барои амал (беамалӣ) ба фоидаи порадеҳ (20% мавридҳо);
5. Ғайрионунӣ додани замин (22% мавридҳо).

Ҳамин тавр, масалан, шарти зарурӣ ҳангоми гирифтани пора барои ҷудо намудани қитъаи замин ин пешниҳод ва ваъдаи қаноатманднамоӣ аз ҷониби шахси мансабдор, бахусус Кумитаи заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон; вилоятҳо; шаҳрҳо ва ноҳияҳо; ҷамоатҳо ва заминистифодабарандаи минбаъда (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ) мебошад. Шахси мансабдор аз заминистифодабаранда барои анҷом додани амалҳои қонунӣ ё ғайриқонунии худ додани пораро талаб менамояд, масалан, барои анҷом додани амалҳое, ки бо ғайриқонунӣ додани қитъаи замин ба манфиати порадиҳанда ё ташкилоте алоқаманд аст, ки манфиаташро намояндагӣ мекунад.

Ҳамин тавр, раиси ҷамоати Муҷуни ноҳияи Деваштич ба ду шаҳрванд пешниҳоди қитъаи замин барои сохтмони манзилро ваъда дода, аз онҳо 10 ҳазор сомонӣ талаб менамояд. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ин маблағро дар ду марҳила пардохт менамоянд ва ҳангоми пешниҳоди қисми боқимонда ба маблағи 3 ҳазор сомонӣ шахси мансабдор боздошт шуда, нисбати ӯ бо моддаи 319 ("гирифтани пора") Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шуд.

Усули мазкури содир намудани ҷиноят дар созҳаи муносибатҳои заминистифодабарӣ чунин тавсифбандӣ мешавад:

- Гирифтан ё изҳори нияти гирифтани предмети пора;
- Амал (беамалии) шахси мансабдор ба манфиати порадеҳ ё шахсоне, ки ӯ намояндагӣ мекунад, агар чунин амал (беамалӣ) дар доираи салоҳияти хизматии шахси мансабдор бошад;
- Мусоидат намудан ба амали (беамалии) зикргардида ба манфиати худи ҳамон шахсон аз ҷониби шахси мансабдор, бинобар мавқеи хизматиаш;
- Аз ҷониби шахси мансабдор содир намудани кирдори ғайрионунӣ ё беамалии ғайриқонунии ӯ ба манфиати шахсони зикргардида.

Суиистифодаи ваколатҳои мансабӣ, ҳамчун усули содиркунии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин дар амалҳое ифода мешавад, ки ба вайрон кардани тартиби додани қитъаи замин нигаронида шудааст; баровардани фармону дастурҳое, ки хилофи қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, боиси оқибати ҳуқуқии муайян мегарданд ва диг.

Ҳамин тариқ, дар ҷамоати деҳоти Ватани ноҳияи Фархор фактҳои ғайриқонунӣ ҷудо намудани 36 гектар замини обӣ, ки дар рӯйхати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон набуданд,

ошкор карда шуданд. Нисбати шахси мансабдор – раиси ноҳия ва шахси масъули масъалаҳои замин парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид.

Оид ба додани ғайриқонунии қитъаи замин ва бақайдигирии аҳдҳои ғайриқонунӣ бо замин қайд кардан зарур аст, ки мо чунин кирдорҳоеро ҷудо намудем, ки аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ, ваколатҳои мансабиаш бо мақсади ба даст овардани натиҷаи ҷиноии ғаразнок ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир карда мешавад:

1. Бақайдгирии аҳдҳои ғайриқонунӣ бо замин бо роҳи:

а) истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (масалан, делои заминсозӣ; ҳуҷҷате, ки масоҳат, навъи замин ва мақсади истифодаи қитъаи заминро муайян мекунад). Ҳамзамон, асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии амволи ғақриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” пешбинӣ шудаанд.

б) Таҳриф кардани маълумоти ҳисоботи Кадастри давлатии замин, бо роҳи ба ин кадастр (ки низоми маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба реҷаи ҳуқуқии замин, тақсими онҳо ба заминистифодабарандагон ва иҷорагирон, категорияҳои замин ва ғайраро дар бар мегирад) ворид намудани сабтҳои бардурӯғ ё қисман қалбакӣ кардани маълумоти воқеии ҳисобот, ки дар ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷати электронӣ ифода ёфтааст, инчунин тозакунӣ, иловакунӣ ва диг. тарзҳои тағйир додани таркиби аслии ҳуҷҷат. Маълумоти таҳрифшуда метавонанд ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, категорияи қитъаи замин, арзиш ва андозаи он, таъинот, иҷорагирон, заминистифодабарандагон ва диг. дахл дошта бошад;

в) ғайриқонунӣ кам кардани андозаи пардохтҳо барои замин, аз ҷумла нисбати заминистифодабаранда ғайриқонунӣ татбиқ намудани имтиёзҳои андозӣ ё дигар намуди имтиёзҳо.

2. Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯйӣ аз ҷониби кормандони милитсия шаҳрванд А, зодаи шаҳри Душанбе боздошт шуд, ки дар аввали соли 2016 дар ҳудуди заминҳои деҳқонии ба номи “Рауф”, ҷамоати деҳоти Сарикишти ноҳияи Рӯдакӣ 0,04 гектар заминро ғайриқонунӣ барои сохтмони манзил ҷудо кардааст, сарфи назар аз он ки ин заминҳо ба категорияи заминҳои фонди давлатии ҷангал маҳсубанд.

Усули хоси содир кардани ин намуди ҷиноят қаллобӣ мебошад. Ба даст овардани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ сурат гирифта, бо ихтиёран анҷомдиҳии амалҳои ҷабрдида, ки ҳуқуқи истифодаи заминро ба даст овардан мехоҳад, тавсифбандӣ карда шуда, чунин ифода меёбад:

- Дар мавҷуд набудани таъсири ҷисмонӣ ба ҷабрдида. Чун қоида, худи ҷабрдида хоҳиши ба даст овардани қитъаи заминро изҳор мекунад, имкони тамос бо шахсони мансабдор ё миёнаравҳоро меҷӯяд, то ба ӯ дар иҷрои нақшааш кумак расонанд.

- Дар набудани маҷбуркунӣ барои интиқоли маблағ, ки гӯё барои гирифтани қитъаи замин равона шудааст. Чӣ хеле ки таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, дар 98% мавридҳо дар ҳалли масъалаи ба сифати мукофот барои хизматрасонии анҷомдодашуда гузаронидани маблағ худи ҷабрдида ташаббус нишон додааст;

- Дар мавҷудияти интихоби усули муайяни ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин аз ҷониби ҷабрдида. Тибқи пурсиши муфаттишоне, ки тафтиши қаллобӣ бо қитъаи заминро амалӣ менамоянд, дар 47% мавридҳо оиди ба даст овардани қитъаи замин тавассути ҷалб намудани миёнаравҳо барои кумак намудан ҷабрдида мустақилона қарор қабул мекунад; дар 38% мавридҳо бо маслиҳати хешовандон амал мекунад; дар 15% мавридҳо бо маслиҳати рафиқон, шиносҳое, ки ба гирифтани қитъаи замин манфиатдор нестанд.

- Илова бар ин, чуноне, ки натиҷаи пурсиши муфаттишон ва кормандони оперативӣ нишон дод, дар 27% ҳолатҳо қаллобӣ дар соҳаи муомилот бо замин аз ҷониби яке аз хешовандон ё дӯстони ҷабрдида содир мешавад. Дар робита бо ин, қисми зиёди ҷиноятҳо пинҳон (латентӣ) боқӣ мемонанд, зеро ҷабрдида, чун қоида, ба ошкор кардани ин маълумот манфиатдор нест ва ё зери таъсири хешовандон қарор дорад.

Ҳамин тавр, шаҳрванд А., собиқ раиси ҷамоати Шарора ва шаҳрванд Ш. ва шаҳрванд С., ки солҳои 2012 – 2014 кормандони идораи замини шаҳри Ҳисор буданд, ба боварии марди 40 – солаи сокини деҳаи Уртабузи Ҳисор ва сокини 53 – солаи ноҳияи Дарвоз даромада, ба онҳо ваъда додаанд, ки дар маҳалли Уртабуз барои онҳо қитъаҳои замин ҷудо мекунанд. Онҳо хидмати худро 22,6 ҳазор доллари амрикоӣ ва 21 ҳазор сомонӣ арзёбӣ карданд, ки ҷабрдидаҳо ба онҳо пардохт намуда, қитъаҳои замини ваъдашуда ва маблағи пардохтшударо бозпас гирифта натавонистанд. Нисбати гумонбаршудагон бо моддаи 247, қисми 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, тафтишот идома дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди он ки дар самти пешгирии ҷиноятҳо, тақсимнамоӣ ва истифодаи оқилонаи замин тадбирҳои зиёде андешида шудаанд, дар солҳои охир тамоюли афзоиши ҷиноятҳо аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар соҳаи мубодилоти замин мушоҳида мешавад. Дар алоқа бо ин баррасии чунин усули маъмулие, чун қаллобӣ дар соҳаи муомилот бо заминро зарур мешуморем. Бо мақсади ба ягонагӣ овардани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ муқаррар намуд, ки фиреб қасдан нодуруст инъикос намудани ҳолати воқеии ҳодисаҳо, дидаю дониста фиреб додани инсон (қурбонӣ), ба гумроҳӣ бурдани ӯ оид ба ҳодисаҳои муайян, ҳолатҳо бо мақсади бо иродаи худ додани моликият, аммо дар асоси маълумоти бардурӯғ ё қасдан тахриф намудани ҳақиқат, бо роҳи сохтакорӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки нисбати мафҳуми "фиреб" ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, дар адабиёти илмӣ нуқтаҳои назари зиёде мавҷуд ҳастанд. Ҳамин тавр, Е.В. Кузбагаров зери мафҳуми фиреб "қасдан истифода намудани боварӣ, бар хилофи ахлоқ ва қонун, ки бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда, ба ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон зарари калон мерасонад" – ро мефаҳмад.

Ҳамин тариқ, дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ, қаллобӣ дар соҳаи муомилот бо замин метавонад бо роҳҳои зерин сурат гирад:

1) Бо роҳи фиреб ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин;
2) Бо роҳи суиистифода аз боварӣ ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин.

Кирдори субъекти фаъолияти ҷиноятӣ метавонад дар дидаю дониста додани (пешниҳоди) маълумоти бардурӯғ, маълумоте, ки ба воқеият мувофиқат намекунад (масалан, маълумот додан дар бораи ваколати додани қитъаи замин ва диг.) ё сукут дар бораи фактҳои ҳақиқӣ (аз ҷумла, бегона нашудани қитъаҳои замин ба шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ), ё дар амалҳои қаснок (масалан, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тахрифшуда, истифодаи усулҳои гуногуни фиребдиҳӣ ҳангоми бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ва амсоли ин) ифода ёбанд, ки барои ба гумроҳӣ бурдани ҷабрдида равона гардидаанд.

Маълумоти бардурӯғе, ки ҳангоми қаллобӣ дода мешаванд (ё маълумоте, ки дар бораащ сукут мекунанд) метавонанд ба ҳама гуна ҳолатҳо, аз ҷумла, ба фактҳои ҳуқуқӣ ва ҳодисаҳо, сифат, арзиши қитъаи замин, шахсияти гунаҳкор, ваколатҳо ва қасди ӯ дахл дошта бошанд. Суиистифода аз боварӣ ҳангоми қаллобии баррасишаванда дар бо мақсади ғаразнок истифода намудани муносибатҳои эътимоднок бо ҷабрдида ифода меёбад. Боварӣ метавонад ба ҳолатҳои гуногун вобаста бошад, масалан, мавқеи хизматии шахс ё муносибати шахсии ӯ бо шахси мансабдоре, ки дорои ваколати ҷудо кардани қитъаҳои замин мебошад. Маълумот оид ба усули содиркунӣ дар пайҳои ҷиноят нишонаҳои хоси худро гузошта, сарчашмаи муҳимтарини иттилоот оид ба ҷиҳати сифатии кирдори ҷиноятӣ мебошад. Дар робита бо ин Р.С. Белкин чунин мешуморад, ки усули ҷиноят – мафҳуми ғункунандаест, ки унсурҳои он усулҳои омодагӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунии ҷиноят мебошанд.

Ҳамчун ҷамъбасти ҳамаи гуфтаҳои боло, чунин қисмҳои таркибии усули содиркунии ҷиноятро метавон ҷудо намуд:

- Хусусияти пайвастагии амалҳо;
- Пайдарҳамии як қатор амалҳои ба ҳам алоқаманд, ки дар маҷмуъ низоми амалҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар навбати худаз марҳилаҳои омодабинӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунӣ иборатанд;

- Тамаркузи низоми амалҳо ба натиҷаи ниҳоӣ, ки ба анҷоми бомуваффақонаи қасди зиддиҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки шумори асосии ҷиноятҳои тадқиқшаванда аз рӯйи схемаи зерин амалӣ мешаванд: омодагӣ – содиркунӣ – пинҳонкунии ҷиноят. Ҳангоми амалӣ намудан аз рӯйи схемаи мазкур, пеш аз содиркунии кирдори зиддиҳуқуқӣ, ҷинояткор нақшаи мушаххаси амалкунии худро дорад, ки бо қасди ягона муттаҳид гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: амалҳо ҷиҳати омодабинӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунии ҷиноят.

Д.В. Астафъев қайд менамояд, ки усули бевоситаи содиркунии ҷиноят муҳимтарин нуқтаи пайвасткунанда миёни субъекти қасди ҷиноӣ ва оқибатҳои объективии кирдори ҷиноӣ мебошад. Бинобар ин, дар натиҷаи амали таъсири “инъикоси дуҷониба” маҳз усули содиркунии ҷиноят асоси тамоми механизми пайбавуҷудоварандаи криминалистикӣ мебошад. Маълумот оид ба усули содиркунии ҷиноят миқдори зиёди иттилооти аз ҷиҳати криминалистикӣ муҳимро оид ба воситаҳое, ки барои ноил гардидан ба натиҷаи ҷиноӣ истифода намудаанд, механизми пайдошавии пайҳо, оид ба шахсияти ҷинояткор, шароит ва муҳите, ки дар он омодагӣ, бевосита содиркунӣ ва пинҳонкунии фиреб ё суиистифодаи боварӣ ҳангоми бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин дар бар мегирад.

Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои гуногуни содиркунии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин васеъ паҳн шудаанд. Бо мақсади ба низом даровардани маълумот дар методикаи намунавии тафтиши ҷиноятҳои баррасишаванда маҳаки таснифбандии усулҳои зикргардидаи содиркунии ҷиноятҳо дониста мешаванд:

- Таркиби субъективии шахсоне, ки фиреб ё суиистифода аз бовариро анҷом медиҳанд (миёнарав, шахсони масъули ҷамоатҳо, ҳукумати ноҳияҳо, мутахассисон, кормандон ва дигар шахсони мансабдоре, ки ваколати ҷудо кардани қитъаҳои замини идораи маҳаллии заминро надоранд ва диг.); бақайдгирии аҳдҳои баръало ғайриқонунӣ бо замин, бо роҳи тахриф кардани маълумоти кадастри давлатии замин бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ; суиистифода за ваколатҳои мансабӣ; гирифтани пора барои амал (беамалӣ) ба манфиати порадиҳанда; ғайриқонунӣ додани қитъаи замин;
- Категорияи қитъаи замин (таъиноти кишоварзӣ; заминҳои нуқтаҳои аҳолинишин ва таъиноташон дигар);
- Намудҳои заминистифодабарӣ бо ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок, якумраи меросии қитъаи замин ё иҷораи замин);
- Категорияи заминистифодабарандагон (аввалиндараҷа, дуввуминдараҷа).

Баъд аз содиркунии ҷиноят дар соҳаи муомилот бо замин низ пайҳо боқӣ мемонанд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин ин аст, ки шахси ҷинояткор дар раванди фаъолияти ҷиноии худ аз навъҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо истифода менамояд. Яъне бидуни мавҷудияти ҳуҷҷатҳои муайян фаъолияти ӯ ҳеҷ аҳамияте надорад. Дар ин ҳуҷҷатҳо пайҳои муҳиме боқӣ мемонанд, ки барои тафтишот ва ошкор намудани ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин аҳамияти калон доранд. М.В. Белова зери мафҳуми ҳуҷҷат ба маънои криминалистӣ санадеро мефаҳмад, ки тамоми иттилооти лозима барои ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳоро дар бар мегирад. З.Д. Ямоқова бошад қайд менамояд, ки ҳуҷҷат аҳаммияти зиёди ҳуқуқӣ дошта, иттилооти зеринро дар бар мегирад: а) матни чопшуда; б) тасвирҳои графикӣ; в) навиштаҷот; г) имзоҳо, нақши мухрҳо, штампҳо ва дигар рамзҳое, ки ҳатмӣ мебошанд.

Ҳангоми содиркунии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин ҳуҷҷатҳое ба монанди ариза оид ба талабот ба қитъаҳои замини иловагӣ; қарорҳои раиси ҷамоат ё ноҳия; шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин; нақшаи сохтмон ва диг. метавонанд тахриф шаванд. Пас аз содир шудани ҷиноятҳои баррасишаванда дар соҳаи муомилот бо замин пайҳое боқӣ мемонанд, ки онҳоро вобаста ба асосҳои гуногун метавон таснифбандӣ намуд. Пайҳои моддие, ки аз содиршавии ҷинояти мазкур боқӣ мемонанд, имкон медиҳанд, ки иттилооти зерин дастрас карда шаванд:

1. Иттилоот оид ба шахсияти субъекти фаъолияти ҷиноятӣ (масалан пайи дастҳо);

2. Иттилоот дар бораи ваколатҳои шахсе, ки барои ҷудо намудани қитъаи замин масъул аст (масалан, ҳусни хат, нақши муҳрҳо ва диг.);

3. Иттилоот дар бораи объектҳое, ки маълумоти мушаххасро сабт мекунад (барномаҳо – паёмнависҳо: viber, imo, whatsapp, facebook);

4. Иттилооте, ки аз ҷабрдида ба даст омадааст (ҳуҷҷатҳо, смс – паёмҳо, почтаи электронӣ ва диг.), ки дар ҷараёни амалисозии фаъолияти ҷиноӣ ба ӯ интиқол дода шудааст.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки дар натиҷаи афзоиши талабот ба замин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва камбудии ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони фаъолияти ҷиноятӣ усулҳои гуногуни содиркунӣ ва пинҳоннамоии ҷиноятҳоро дар соҳаи муомилот бо замин истифода менамояд, то талабот ба манзил, манфиатҳои шахсии худро қонеъ гардонанд ё сатҳи баланди зиндагии худро нигоҳ доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 (нашри амалкунанда аз 22.05.2016).
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 таҳти №327 (бо тағйиру иловаҳо аз 14.11.2016 сол).
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 таҳти №574 (бо тағйиру иловаҳо аз 2.01.2019 сол)
4. Давлатов Диловар Давлятович, Расследование преступлений в сфере земельных отношений (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис…. канд. юрид. наук, - Москва, 2020.
5. Маисянц, Сергей Михайлов, Особенности расследований преступлений в сфере земельных правоотношений: дис…. канд. юрид. наук, - Ростов – на – Дону, 2011.
6. Максимов Михаил Иванович, Совершенствование методики расследования преступлений корыстной направленности, связанных с нарушением земельного законодательства Российской Федерации: дис.... кандидат наук, - Ростов – на – Дону – 2019.


**УСУЛҲОИ СОДИР НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲО БО ЗАМИН**


Мубрамияти тадқиқоти мазкур дар афзоиши содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин дида мешавад. Дар баробари ин аксар вақт пешгирии содиршавии чунин ҷиноятҳо дар марҳилаҳои ибтидоии банақшагирии онҳо имконпазир аст. Дар мақола маъмултарин усулҳои вайрон кардани талаботи қонунгузории замини имрӯза муайян карда шудаанд. Нақши муфтаттиш дар ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои мазкур ошкор шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** усули содиркунии ҷиноят, ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин, қаллобӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо ба қитъаи замин, гирифтани пора аз ҷониби шахси мансабдор.


**СПОСОБЫ СОВЕРШЕНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СФЕРЕ ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ**


Актуальность настоящего исследования заключается в росте совершенных преступлений в сфере земельных правоотношений. При этом зачастую возможно предотвратить совершение данных деяний на ранних стадиях их планирования. В статье обозначены наиболее распространенные нарушения требований земельного законодательства на сегодняшний день. Раскрывается роль следователя при выявлении данных правонарушений и преступлений.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** способ совершения преступления, преступления в сфере сделок с землей, мошенничество, подделка документов на земельный участок, дача взятки должностным лицом.


**WAYS TO COMMIT CRIMES IN THE SPHERE OF LAND RELATIONS**


The relevance of this study lies in the growth of crimes committed in the field of land relations. It is often possible to prevent the commission of these acts in the early stages of their planning. The article identifies the most common violations of the requirements of land legislation to date. The role of the prosecutor's office is revealed in the identification of these offenses and crimes.



**KEYWORDS:** method of committing a crime, crimes in the field of land transactions, fraud, forgery of documents for a land plot, bribery by an official.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳукматуллоев Муҳаммад Абдуҳалимович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919035686**. E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Хукматуллоев Мухаммад Абдухалимович* –** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Information about the author:** ***Hukmatulloev Muhammad Abduhalimovich*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

# МАФҲУМИ ТЕРРОРИЗМ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БО ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исматов Р.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ибтидои қарни XXI инсоният бо хатари ҷиддие, ки ба бақои одаму олам таҳдид менамояд, рӯ ба рӯ гаштааст, ки номи он терроризм мебошад.

Калимаи “террор” аз калимаи лотинии “terror” гирифта шуда, маъноям “тарс, ваҳм” мебошад. Дар ҷаҳони муосир беш аз дусад мафҳуми террор ва терроризм вуҷуд дошта, аммо ягонтои он барои муайян кардани террор ё терроризм кифоягӣ намекунад. Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад.

Терроризм ҷинояти махсусан хавфнок буда, қасди ҷинояткоронаи он дар атрофиён ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима, фалаҷ сохтани фаъолияти фоиданоки иҷтимоии шаҳрвандон, кори муътадили мақомоти давлатию идоракунӣ ва бо ҳамин ноил шудан ба мақсадҳои зиддиҷамъиятии худ ташкил медиҳад

Аз рӯйи хусусияти терроризм метавон чунин таснифбандӣ намуд: иҷтимоӣ, ки мақсади пурра ё қисман тағйир додани сохтори сиёсӣ ё иқтисодии давлати худ пеша карда; миллатчигӣ, дар таҷрибаи ташкилотҳои сепаратистӣ ва ташкилотҳое, ки мақсади онҳо мубориза бар зидди ҳукмфармоии миллатҳои давлатҳои бегона мебошад, истифодашаванда; динӣ, ки ё бо муборизаи тарафдорони як дин бо тарафдорони дигар дин дар доираи давлат, ё бо кӯшиши сарнагун кардани ҳокимияти ғайридинӣ ва пойдор намудани ҳокимияти динӣ алоқаманд мебошад [1].

Терроризм яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнини замони муосир аст, ки дар бисёр мавридҳо на танҳо хусусияти миллӣ, балки хусусияти байналхалқӣ низ дорад Вақте ки терроризми давлатӣ ба ҳудуди давлати дигар мегузарад, он хусусияти байналмилалиро соҳиб мегардад. Дар вақтҳои охир ин намуди терроризм хусусияти умумиҷаҳониро ба даст овардааст. Терроризми байналмилалӣ пояи давлат ва сиёсатро ба ларза медарорад, ёдгориҳои фарҳангиро несту нобуд мекунад, муносибатҳои байналмилалиро вайрон месозад.

Вобаста ба ин падидаи номатлуб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рӯзмарраи байналмилалӣ – тақвияти мубориза ба муқобили зуҳуроти терроризм ва таъмини суботи минтақа аҳаммияти хоса дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки: «Дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, мо шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд.

Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашадӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад.

Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад. Хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна, бахусус, вазъи Афғонистони ҳамсоя моро водор месозанд, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем. Бахусус, дар қаламрави Афғонистон пайдо шудани террористони ба ном «Давлати исломӣ», ки баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба он шомиланд, вазъро боз ҳам ноором намуда, боиси ташвиши давлатҳои ҳамсоя гардидааст. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дорад, ба ин масъала бетафовут буда

наметавонад. Вазъи имрӯзаи сарҳад бо Афғонистон низ моро водор менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем».

Дар ин самт қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди терроризмро ба тасвиб расонидааст: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст даровардa ва маблағгузории терроризм», Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ шудааст, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, № 776 тасдиқ шудааст, ҳамзамон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба танзим медароранд.

Тибқи талаботи моддаи 179-и КҶ ҶТ зери мафҳуми терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин. таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, фаҳмида мешавад.

*Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ба намудҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористидошта* ҷиноятҳои дар моддаҳои *179, $179^{1}$, $179^{2}$, $179^{3}$, 181, 182, 184, $184^{1}$, $184^{2}$, $184^{3}$, $184^{4}$, 185, 187, 193, 194, $194^{1}$, $194^{2}$, $194^{3}$, $194^{4}$, $194^{5}$, 310 ва 402* Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дохил мешавад. Ба ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ мумкин аст, дигар ҷиноятҳое, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, дар ҳолати ба мақсади террористӣ содир намудани онҳо дохил карда шаванд. Зимнан ҷавобгарӣ барои содир намудани чунин ҷиноятҳо мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон *субъектҳои бевосита бар зидди терроризм муборизабаранда, аз ҷумла амнияти зиддитеррористии худро таъминкунанда дар доираи ваколатҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, мақомоти зерин мебошанд:*

*– Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*– Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*– Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*– Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*– Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди терроризмро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак дар ин самт баромад мекунад. Мубориза бар зидди терроризм ба ошкор намудан, пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ногузирии ҷазо барои ҳама гуна ҷиноят, ҳифзи ҳуқуқи инсон ба амнияти шахсӣ, сарфи назар аз миллат, шаҳрвандӣ, эътиқоди динӣ, ақида ва нуқтаи назар нигаронида шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Видяпина В.И. Бакалавр экономики / В.И. Видяпина. – М., 2002.
2. Холина Е.А. Формы и критерии признания государств / Е.А. Холина. - Москва, 2012.

3. Ибрагимо в А.М. Признание в международном праве: некоторые вопросы теории и практики и современность //Жизнь, отданная науке / Под ред. д.ю.н., проф. Железнова Б.Л., д. ю. н., проф. Курдюкова Г.И. Казань, 2004. С. 113-119.
4. Фельдман Д.И. Признание в современном международном праве / Д.И. Фельдман. - Казань, 1975.
5. Гасымов Ф.Р. Признание государств и правительств. Современная международно-правовая теория и практика. Автореф. дисс. … канд. юрид, наук. – Казань, 2005. – С. 15.
6. Концепция внешней политики Республики Таджикистан, которая утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332 // Электронный ресурс: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=124150

## МАФҲУМИ ТЕРРОРИЗМ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БО ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба баррасии мафҳуми терроризм ва роҳҳои мубориза ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ибтидои қарни XXI инсоният бо хатари ҷиддие, ки ба бақои одаму олам таҳдид менамояд рӯ ба рӯ гаштааст, ки номи он терроризм мебошад. Терроризм ҷинояти махсусан хавфнок буда, қасди ҷинояткоронаи он дар атрофиён ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима, фалаҷ сохтани фаъолияти фоиданоки иҷтимоии шаҳрвандон, кори муътадили мақомоти давлатию идоракунӣ ва бо ҳамин ноил шудан ба мақсадҳои зиддиҷамъиятии худ ташкил медиҳад. Терроризм яке аз ҷиноятҳои махсусан вазнини замони муосир аст, ки дар бисёр мавридҳо на танҳо хусусияти миллӣ, балки хусусияти байналхалқӣ низ дорад Вақте ки терроризми давлатӣ ба ҳудуди давлати дигар мегузарад, он хусусияти байналмилалиро соҳиб мегардад. Дар вақтҳои охир ин намуди терроризм хусусияти умумиҷаҳониро ба даст овардааст. Терроризми байналмилалӣ пояи давлат ва сиёсатро ба ларза медарорад, ёдгориҳои фарҳангиро несту нобуд мекунад, муносибатҳои байналмилалиро вайрон месозад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** мафҳуми терроризм, мубориза бо терроризм, хатари ҷиддӣ, мақомоти давлатию идоракунӣ, муносибатҳои байналмилалӣ.

## ПОНЯТИЕ ТЕРРОРИЗМА И СПОСОБЫ БОРЬБЫ С НИМ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена обсуждению понятия терроризма и способов борьбы с ним в Республике Таджикистан. В начале 21 века человечество столкнулось с серьезной угрозой, угрожающей выживанию людей и мира, и имя ей – терроризм. Терроризм является особо опасным преступлением, и его преступная цель состоит в том, чтобы вызвать у окружающих чувство страха и паники, парализовать полезную и общественную деятельность граждан, нормальную работу государственных и управленческих органов и тем самым добиться его противодействия социальные цели. Терроризм - одно из тягчайших преступлений современности, которое во многих случаях носит не только национальный, но и международный характер. При переходе государственного терроризма на территорию другого государства он приобретает международный характер. В последнее время этот вид терроризма приобрел глобальный характер. Международный терроризм расшатывает устои государства и политики, уничтожает памятники культуры, разрушает международные отношения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: понятие терроризма, борьба с терроризмом, серьезная опасность, органы государства и управления, международные отношения.

## THE CONCEPT OF TERRORISM AND WAYS TO FIGHT IT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the discussion of the concept of terrorism and ways to combat it in the Republic of Tajikistan. At the beginning of the 21st century, humanity is faced with a serious threat that threatens the survival of people and the world, and its name is terrorism. Terrorism is a particularly dangerous crime, and its criminal purpose is to arouse a feeling of fear and panic in others, paralyze the useful and social activities of citizens, the normal work of state and administrative bodies, and thereby achieve its counteraction to social goals. Terrorism is one of the gravest crimes of our time, which in many cases has not only a national but also an international character. When state terrorism passes to the territory of another state, it acquires an international character. Recently, this type of terrorism has acquired a global character. International terrorism shakes the foundations of the state and politics, destroys cultural monuments, destroys international relations.

**KEYWORDS**: the concept of terrorism, the fight against terrorism, a serious danger, state and government bodies, international relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Исматов Рустам Абдусаломович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳи Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведения об авторе:** ***Исматов Рустам Абдусаломович*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Ismatov Rustam Abdusalomovich*** **–** Tajik National University, second-year master` student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ВА ИСТИФОДАИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН, ҲАВОӢ, ОБӢ Ё АВТОМОБИЛӢ

***Қодиров Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 211 - и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Ин модда аз се қисм иборат аст.

Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ дар моддаи 83 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 ҳамчун ҷиноят пешбинӣ гардида буд.

Дар моддаи 83 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон номи ин модда каме дигар буд, яъне "вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифода бурдани нақлиёт" ном дошт ва аз ду қисм иборат буд. Моддаи 83 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон амал ҳамон вакт ҷиноят эътироф мешуд, ки агар қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодабарии нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти обӣ ё ҳавоиро вайрон кардани коркуни нақлиёт, ки ин боиси рӯй додани ҳодисаҳои бадбахтии одамон, чаппа, ғарқ ё дучори дигар ҳалокат шудани поезду киштӣ ё ки боиси рӯй додани дигар хел оқибатҳои вазнин гардида бошад, инчунин, бадсифат таъмир кардани воситаҳои нақлиёт, роҳҳо, воситаҳои сигналдиҳӣ ва алоқа, ки боиси рӯй додани ҳамон гуна оқибатҳо гардидааст.

Аммо, тибқи муқаррароти диспозитсияи моддаи 211 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ё истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ аз ҷониби шахсе ҷиноят эътироф мешавад, ки вобаста ба корҳои иҷронамуда ё вазифаҳои ишғолнамудааш уҳдадор шудааст ин қоидаҳоро риоя кунад, агар ин кирдор аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна расонидааст ё зарар ба миқдори калон ворид намудааст.

Дар моддаи 211 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти қонунгузор ду таркиби ҷинояти ба ҳам монанд, вале алоҳидаро пешбинӣ намудааст. Якум, вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракати нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ ва дуюм, иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба истифодаи нақлиёт аз ҷониби шахсе, ки тибқи қонун уҳдадор буд онро иҷро намояд.

Диспозитсияи моддаи тафсиршаванда бланкетӣ буда, дар он вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодабарии нақлиёт шарҳ дода нашудааст ва барои муайян кардани ин мафҳумҳо ба дигар санадҳое, ки бехатарии ҳаракат ва истифодабарии ин намудҳои нақлиётро таъмин менамояд, назар кардан даркор аст.

Ҳамин тариқ, мувофиқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ бехатарии ҳаракат дар роҳ - ҳолати раванди мазкур буда, инъикоскунандаи дараҷаи муҳофизати иштирокчиёни он аз ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва оқибатҳои онҳо аст.

Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ - фаъолияте мебошад, ки барои пешгирии сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, сабук гардонидани вазнинии оқибатҳои он нигаронида шудааст.

Нақлиёт - соҳаи истеҳсолоти моддиест, ки кашонидани борҳо, мусофирҳо ва бағоҷро амалӣ мегардонад.

Объекти хелии (гурӯҳии) ҷинояти мазкурро фаъолияти муътадили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёти роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ ташкил медиҳад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ объекти хелии (гурӯҳии) ин ҷиноят ба маъноҳои гуногун зикр гардидааст, ба монанди «муносибатҳои ҷамъиятие, ки бехатарии ҳаракат ва истифодабарии воситаи нақлиётро таъмин менамоянд».

Объекти асосии ин ҷиноят - ин муносибатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошад, ки бехатарии фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обиро таъмин менамояд, ки имконияти иҷрои интиқоли мусофирон ва бор бе таҳдид ба ҳаёт ва саломатии одамон, вайрон ё несту нобуд кардани амвол зоҳир мегардад.

Ба сифати объекти иловагии қисми 1 ин ҷиноят саломатии инсон ва шаҳрванд баромад мекунад.

Ба сифати объекти иловагии қисми 2 ва 3 ин ҷиноят ҳаёти инсон ва шаҳрванд баромад мекунад.

Объекти факултативии ин ҷиноят - моликият ва амволи ғайр мебошад.

Ба сифати предмети ҷинояти мазкур воситаҳои нақлиётие баромад карда метавонанд, ки дар диспозитсияи модда қайд шудаанд (ба монанди нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обӣ).

Дар зери мафҳуми «нақлиёти роҳи оҳан» ҳамаи воситаҳои наклиётие фаҳмида мешавад, ки дар релс ҳаракат мекунанд ва ҳамчунин ба ин намуди воситаҳои нақлиёт роҳҳои даромадгоҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ, роҳҳои оҳани камбари таъйиноташон махсус дохил мешаванд. Ба ин воситаҳои нақлиёт локомотив, тепловоз ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Нақлиёти ҳавоӣ - ин ҳамаи авиатсияи шаҳрвандӣ (гражданӣ) ва ҳамаи воситаҳои ҳавопаймоие мебошанд, ки таъиноти мусофиркашӣ ва ё боркашии шаҳрвандӣ доранд. Ба ин гурӯҳи воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ дохил мешаванд: самолётҳо, вертолётҳо, планеру дережаблҳо, аэростатҳо ва дигар нақлиёте, ки ба инҳо монанданд.

Тобеияти идоравии воситаҳои нақлиёти дар боло нншондодашуда аҳаммият надорад.

Ба нақлиёти обӣ - ҳамаи киштиҳои худгард, новобаста аз тобеъияташон ва бо бақайдгирии дар обанборҳо ва бандарҳои баҳрӣ-тиҷоратӣ дохил мешаванд. Воситаҳои нақлиёти обие, ки худгард нестанд, лекин ба воситаи санадҳои меъёрии идоравӣ ба нақлиёти обӣ дохил карда шудаанд, предмети ҷинояти мазкурро ташкил карда наметавонанд.

Киштиҳои ҳавоии ҳарбӣ предмети ин ҷиноятро ташкил намекунанд, аммо вайрон кардани бехатарии ҳаракат ва истифодаи чунин воситаҳои нақлиёт аз рӯйи моддаи 390 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода мешавад.

Бехатарии фаъолияти автомашина, трамвай, троллейбусҳо ва дигар воситаҳои механикӣ аз тарафи моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

Тарафи объктивии моддаи мазкур аз кирдорҳои зерин иборат мебошад:

• Кирдори ба ҷамъият хавфнок - дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ (вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракати наклиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ, вайрон кардани қоидаҳои бехатарии истифодаи воситаҳои нақлиёти номбаршуда);

• Оқибати ба ҷамъият хавфнок (расонидани зарари миёна ва вазнин ба саломатиии одам ё ба миқдори калон расонидани зарар ба амволи он ё боиси марг ё боиси дигар оқибатҳои вазнин);

• Алоқаи сабабӣ байни кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок.

Бехатарии ҳаракт дар роҳ ва истифодабарии воситаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ аз тарафи якчанд қонунҳо ба танзим дароварда мешавад, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» аз 23 апрели соли 2002, № 261; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт» аз 28.12.2013 с. № 1050; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 18.07.2017 с., № 1458; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз 03 июли соли 2012, № 847; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017 с., № 1466; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 июни соли 2017 № 323.

Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт дар моддаи мазкур чунин ифода ёфтааст:

• Дар нақлиёти роҳи оҳан - набудани мушоҳида доир ба холӣ будан ё набудани роҳ, худсарона ишғол кардани роҳ, надодани сигнал, баланд кардани суръат дар ҷойи манъшуда ва ғайра;

• Дар нақлиёти ҳавоӣ - иҷро накардани нақшаи парвоз, инкор кардани талаботе, ки ба парвоз ва экипаж пешбинӣ шудааст, риоя накардани техникаи ҳавонавардӣ;

• Вайрон кардани дарвозаи парвоз ва фурудоӣ, вайрон кардани хати парвоз ва ғайра.

Кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда ҳамон вақт таркиби ин ҷиноятро ташкил мекунад, ки он қоидаҳои дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойдоштаро вайрон кунанд. Вайрон кардани чораҳои эҳтиётии умумии қабулшуда таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳанд. Зеро ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи нақлиёт, мақомоти тафтишотӣ ва суд вуҷуд доштани ҷиноятро бо ибораҳои "чораҳои эҳтиётиро надидааст", "асосҳои чораҳои зарурирo наандешидааст" ва ғайра асоснок карда наметавонанд. Аз рӯйи ҳар як парванда бояд аниқ муайян карда шавад, ки кадом қоида вайрон карда шудааст ва шахси гунаҳгор вазифадор буд, ки ин қоидаҳоро риоя кунад.

Чунончӣ дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки диққати мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми санҷиши сабабҳои ба амал омадани ҳолати садамавӣ бояд муайян карда шавад, ки кадом бандҳои Қоидаҳо вайрон карда шудаанд ва кадом вайронкунӣ бо оқибатҳои дар моддаи 212-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда алоқаи сабабӣ доранд.

Дар зери мафҳуми "вайрон кардани қоидаҳо", ки дар моддаи мазкур гуфта шудааст, гунаҳгорона содир кардани ҳаракатҳое, ки ба танзими ҳуқуқии бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва нақлиёти обӣ зидбуда ё ки иҷро накардани қоидаҳои бехатарӣ фаҳмида мешавад. Бехатарии кори нақлиёт на фақат аз таҷҳизотҳои техникии ӯ вобаста аст, балки аз тарзи дуруст риоя кардани қоидаҳои ҳаракат ва истифодабарии воситаҳои нақлиёт низ вобаста аст. Вайрон кардани қоидаҳои дар қонун пешбинишуда бо роҳи ҳаракат ва ҳам бо роҳи беҳаракатӣ содир мешавад.

Аз рӯйи беҳаракатӣ вайрон кардани қоидаҳои номбаршуда фақат дар он ҳолат ҷовобгарии ҷиноятиро ба миён меорад, ки гунаҳгор вазифадор бошад, ки ҳаракат содир кунад. Ин уҳдадорӣ дар санадҳои меъёрӣ - идоравӣ муайян карда шудааст. Зеро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи беэҳтиётӣ ҷалб намудани субъекти ҷиноят ҳамчун як қисми таркибии низоми муносибатҳое, ки бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиётро таъмин намуда, барои он, ки фаъолияти вай барои таъмини бесадама дар нақлиёти роҳи оҳан, обӣ ва авиатсияи шаҳрвандӣ равона карда шудааст.

Дар қонун бо баробари вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат, инчунин, дар бораи вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нақлиёти номбаршуда сухан меравад. Дар зери мафҳуми вайрон кардани қоидаҳои истифодабарӣ, вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт ва ҳам вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии он олоту системаҳое, ки бехатарии фаъолияти нақлиётро таъмин мекунад, фаҳмида мешавад. Мафҳуми "истифодабарии нақлиёт" аз мафҳуми "ҳаракат" васеътар мебошад.

Агар раванди ҳаракати воситаи нақлиёт аз истифодабарии он ҷудонашаванда бошад, истифодабарии воситаи нақлиёт бе раванди ҳаракат ҳам вуҷуд дорад (масалан, ҳангоми истгоҳ, давраи тайёрии пеш аз парвоз ва ғайра). Вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нақлиёт, ки ба бехатарии он алоқаманд нест, таркиби ин ҷиноятро ташкил намекунад. Оқибати ба ҷамъият хавфнок дар қисми якуми моддаи мазкур дар намуди аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон расонидани зарари вазнин ё миёна ё зарар ба миқдори калон пешбинӣ шудааст. Дар робита ба ҳамин масъала тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нигарем, гуфта шудааст, ки зараре, ки ба саломатии инсон дар натиҷаи содир кардани ҷиноят мерасад, метавонад, ҳам ҷисмонӣ ва ҳам моддӣ шавад. Андозаи расонидани зарари миёна ва вазнин ба саломатӣ тибқи моддаҳои 110 ва 111 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Аммо зарар ба микдори калон ворид намуданро ҳамчун мафҳуми баҳодиҳӣ шарҳ додааст. Дар зери мафҳуми зарар ба миқдори калон расонидан ҳам зарари моддии расонидашуда ва ҳам зарар ба фаъолияти муътадили ҳаракати воситаҳои нақлиёти номбаршуда фаҳмида мешавад. Лекин зарар ба микдори калон то чӣ андоза аст ва кадом зарар ба ҳайси зарари калон баромад мекунад, муайян карда нашудааст.

Бо баробари оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки дар қонун пешбинишуда, дар ин таркиби ҷиноят оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки иловагӣ пайдо шуданаш мумкин аст. Дар ин ҷо сухан дар бораи оқибатҳое меравад, ки аз рӯйи характерашон ва ба ҷамъият хавфнокиашон аз он оқибатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, камтаранд. Масалан, расонидани зарари сабук ба саломатӣ ё ворид намудани зарар ба миқдори миёна ё хурд.

Дар ҳолати рух додани чунин оқибатҳо баҳодиҳии ҷиноят на аз рӯйи маҷмуи ҷиноят, балки бо ҳамин модда баҳо дода мешавад, зеро оқибатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, чунин оқибатҳои дар боло номбаршударо дар бар мегиранд.

Муайян кардани алоқаи сабабии байни кирдори шахсон қоидаи бехатарӣ ва истифодабарии воситаҳои нақлиётиро вайронкунанда ва оқибатҳои бавуҷудомада аҳаммияти муҳим дорад. Сар задани оқибатҳои дар қонун нишондодашуда дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи на танҳо як, балки якчанд вайронкунии қоидаи бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт мегардад. Вобаста ба ин, муайян намудан зарур аст, ки кадом омили вайронкунӣ (вайронкуниҳо) сабаби асосии расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ, ё боиси марги инсон гаштаанд. Агар қоидавайронкуниҳо якчанд намуд буда, аз ҷониби шахсони гуногун ба амал омада бошанд, пас масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани ҳар яки онҳоро бояд ба таври индувидуалӣ ҳал кард.

Таркиби ин ҷиноят моддӣ буда, аз лаҳзаи дар натиҷаи беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна расонидан ё зарар ба миқдори калон ворид намудан, хотимаёфта эътироф мешавад. Ба сифати аломати ҳатмии тарафи объективӣ дар ин ҷиноят ҷойи содиркунии ҷиноят баромад менамояд, яъне танҳо нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва обӣ. Тарафи субъективии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обиро гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ё бепарвоӣ ташкил медиҳад.

Ҷинояти моддаи мазкур ҳангоме аз худбоварӣ содир карда мешавад, ки шахс, қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи нақлиётро вайрон карда, пешбинӣ мекунад, ки ин кирдорҳо ба зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ё зарар ба миқдори калон оварда мерасонанд, лекин шахе бе асоси кофӣ худбоварона умед бар он мебандад, ки чунин оқибатҳо рух намедиҳанд ё ӯ чунин оқибатҳоро пешгирӣ карда метавонад.

Ҷинояти моддаи мазкур ҳангоме аз рӯйи бепарвоӣ содир карда мешавад, ки шахс оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки рух медодаро пешбинӣ карда наметавонад, лекин дар натиҷаи бодиққатӣ ё дурандешии зарурӣ, мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

### АДАБИЁТ


1 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон: То тағйироту иловаҳое, ки то 1 июни соли 1988 дохил карда шудаанд. Душанбе: Ирфон, 1989.

2 Қоидахои ҳаракат дар роҳ. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст.

3 Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть / под ред. К. В. Здравомыслова. М.. 1996. Уголовное право Российской Федерации / под ред. Л. В. Иногамовой-Хегай. А. И. Рирпга. А. И. Чучаева. М., 2011.

4 Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷккистон. Глобус. - Душанбе,2006.



### ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ВА ИСТИФОДАИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАН, ҲАВОИ, ОБӢ Ё АВТОМОБИЛӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавои, обӣ ё автомобилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ - фаъолияте мебошад, ки барои пешгирии сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, сабук гардонидани вазнинии оқибатҳои он нигаронида шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** роҳи нақлиёт, ҳодисаҳо, бехатарии ҳаракат, аломати ҳатмӣ.



### НАРУШЕНИЕ ПРАВИЛ БЕЗОПАСНОСТИ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЖЕЛЕЗНОДОРОЖНОГО, ВОЗДУШНОГО, ВОДНОГО ИЛИ АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА

В данной статье рассматривается тема нарушения правил безопасности дорожного движения и использования железнодорожного, воздушного, водного или автомобильного транспорта. Автором отмечено, что обеспечение безопасности движения на дороге – это деятельность, направленная на предупреждение причин дорожно-транспортных происшествий и смягчение тяжести их последствий.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: дорога, происшествия, безопасность движения, обязательный знак.



### VIOLATION OF TRAFFIC SAFETY AND USE OF RAIL, AIR, WATER OR ROAD TRANSPORT

This article discusses the topic of violation of traffic safety rules and the use of rail, air, water or road transport. The author noted that ensuring traffic safety on the road is an activity aimed at preventing the causes of road accidents and mitigating the severity of their consequences.

**KEYWORDS**: road, accidents, traffic safety, obligatory sign.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қодиров Равшан*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Кодиров Равшан*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Qodirov Ravshan*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# СИЁСАТИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАФҲУМ, НАМУД ВА ТАНОСУБИ ОН БО ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

***Қурбонова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳи «гумрук» пайдоишаш аз калимаи «тамға»-и туркӣ-муғулӣ аст. Зеро дар қарнҳои XIII-XVIII дар Руссия калимаи «тамға» шакли феълии «тамжит» (таможенная-гумрук)-ро гирифт, ки ифодасози маблағ ё пардохт нисбати молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаваду мақомоти махсус меситонданд фаҳмида мешуд. Воқеан истилоҳи «гумрук» ифодакунандаи мақомоти махсуси давлатӣ аст, ки дар нуқтаи муайяни хати сарҳад ҷойгир буда, аз моли интиқолшаванда аз сарҳади гумрукӣ пардохт меситонаду ба он тамға мегузорад. Вале рушди тиҷорати дохилию хориҷӣ ва таҳияву қабули санадҳои расмию ҳуқуқӣ ба пайдоиши мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» бо фарогирии маҷмуи муносибатҳои мураккабу комплексӣ вобаста ба сиёсату фаъолияти дохилию хориҷии давлат замина гузошт. Гарчӣ фаъолияти гумрукӣ таърихи қадима дорад ва пайдоишаш аз лаҳзаи мубодилаи мол оғоз мегардаду бо пайдоиши давлат вобастагии ногусастанӣ дорад, лекин мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули нахустин Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 1992 дар чунин шакл мавриди истифода қарор гирифта буд: «Фаъолияти гумрукӣ иборат аст аз тартиби аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани молҳо ва дигар ашё, андози гумрукӣ, ба сурати расмӣ даровардану назорат кардан ва дигар воситаҳои ба амал баровардани сиёсати гумрукӣ, фаъолияти гумрукӣ ба мақсади мутаносибу ҳамоҳангсозӣ бо меъёрҳою стандартҳои маъмули амалияи байналхалқӣ бо иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ пеш меравад». (Моддаи 1). Мазмуни фаъолияти гумрукӣ тибқи Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 бо муносибатҳои ҷомеа ва иқтисоди бозоргонӣ мувофиқ кунонда шуда буд, зеро фаъолияти гумрукиро чун воситаи амалкунии сиёсати гумрукӣ муаррифӣ кард ва фарогири тартиби интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва дигар воситаҳои татбиқнамоӣ дар ҳаёт сиёсати гумрукӣ буд. Вале дар мафҳуми фаъолияти гумрукӣ сиёсати гумрукӣ дохил карда нашуда буд ва танҳо чун воситаи татбиқи сиёсати гумрукӣ фаъолияти гумрукӣ муаррифӣ мегашт. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 мафҳуми фаъолияти гумрукиро васеъ намуд ва сиёсати гумрукро ҷузъи он баррасӣ кард. Воқеан мафҳуми фаъолияти гумрукӣ моҳиятан мукаммал гашту дар чунин шакл дар моддаи 1 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 баррасӣ гашт: «Фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, тартиб ва шартҳои аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани мол ва воситаҳои нақлиёт, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва воситаҳои дигари дар амал татбиқ намудани сиёсати гумрукӣ ташкил медиҳанд».

Дар ин ҷо мафҳуми фаъолияти гумрукӣ вобаста ба мазмуну сохтори Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1995 фарогири на ҳамаи унсурҳои муҳимми сохтори фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, чунки омори гумрукӣ, номгӯйи молҳои

фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва ғайра дар мафҳуми фаъолияти гумрукӣ ҷой дода нашуда буданд.

Дар банди 2 моддаи 1 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 мафҳуми фаъолияти гумрукӣ бо мазмуну моҳияти нав истифода шуд: «Фаъолияти гумрукӣ маҷмуи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбирҳои танзими гумрукию тарифӣ, мамнуият ва маҳдудиятҳоеро дарбар мегирад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст».

Фаъолияти гумрукӣ монополияи давлат аст, ки ҳуқуқи истисноии кишварро дар коркард ва амлигардонии сиёсати гумрукӣ ифода мегардонад. Монополияи давлат будани фаъолияти гумрукӣ дар ҳалли ду масоил ифода мегардад. Аввалло, истифодаи ҳамаҷонибаи робитаи иқтисоди хориҷӣ баҳри ҳалли масъалаи рушди иқтисоди кишвар, баъдан пешгирӣ аз таъсири ҳамагуна омилҳои носолим бо иқтисоди хориҷи кишвар мебошад. Воқеан, фаъолияти гумрукӣ аз нигоҳи ҳайат ва сохтор зуҳуроти мураккаб, гуногунпаҳлу ва дорои хусусияти комплексӣ мебошад, ки бевосита ба сиёсати дохилию хориҷӣ ва фаъолияти давлат вобастагии ногустанӣ дорад. Сохтори фаъолияти гумрукӣ фарогири унсурҳои амалиёти гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ, тарифи гумрукӣ ва омори гумрукӣ буд. Вале бояд иқрор шуд, ки сохтори фаъолияти гумрукӣ тағйирёбанда аст ва дар ин ҷода вазифаи асосии сиёсати гумрукӣ воситаҳои такмил додан, нав кардан, тағйирот ё иловагиҳо шомил кардан ба мазмуни сохтори фаъолияти гумрукӣ мутобиқ ба шароиту замон аст.

Самтҳои асосии инкишофи фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқаткунии меъёру таҷрибаи маъмули байналхалқӣ ва дар иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналхалқӣ дар инкишофу таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии байналхалқӣ ифода мегардад.

Фаъолияти гумрукӣ дар асоси принсипҳои ягонагии сиёсати гумрукӣ, қаламрави гумрукӣ, қонунгузории гумрукӣ ва танзими тарифӣ-гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Мақсади фаъолияти гумрукӣ дар иқтисодӣ, танзимӣ ва ҳифзи ҳуқуқи давлат ифода мегардад.

Мақсади иқтисодии фаъолияти гумрукӣ дар тарз ва воситаҳои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳои гумрукӣ аз мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбанд, ифода мегардад. Мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ дар муқаррар кардани мизони (ставкаи) пардохти гумрукӣ нисбати мол ва воситаҳои нақлиёти интиқолшаванда аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзҳои манъ ва маҳдуд сохтани вориду содир кардани молу воситаҳои нақлиёт, иҷозатдиҳӣ оид ба вориду содир кардани номгӯйи молҳои алоҳида, муқаррар кардани иҷозатдиҳию квотаи вориду содири молу воситаҳои нақлиёт ифода меёбад.

Мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ бо сиёсати иқтисодии давлатӣ ва уҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳифзи истиқлолияти иқтисодӣ, талаботи бозори дохилӣ ва андешидани чораи ҷавобӣ ба кишварҳое, ки нисбати шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар кардаанд, вобастагии ногусастанӣ дорад. Мақсади ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, ахлоқ ва арзишҳои фарҳангии ҷомеа, ҳифзи олами ҳайвонот, наботот ва муҳити зист, таъмини манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вориду содир кардани мол, татбиқи чораҳо нисбати интиқоли маводи нашъаовар, силоҳ, осорҳое, ки арзиши фарҳангӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ доранд ва дигар чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ шомил мебошанд.

Фаъолияти мақомоти гумрукӣ дар расидан ба мақсади ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ равона шудааст, ки он дар шаклҳои назорати гумрукию асъорӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, фаъолияти фаврию ҷустуҷӯйӣ, татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ифода мегардад.

Сиёсати гумрукӣ қисми сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро вазифаи асосии сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ ифода мегардад. Аз нигоҳи таърихӣ шакли аввалини танзими давлатии тиҷорати беруна сиёсати гумрукӣ ҳисоб мешавад. Бо чунин назардошт моҳияти сиёсати гумрукӣ мураккаб аст ва он дар коркарди ягонаи низоми чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ доир ба инкишофи робитаҳои иқтисоди берунаи давлат ифода мегардад. Мазмуни сиёсати гумрукӣ дар истифода намудани низоми тадбирҳо, ки давлат баҳри танзими мубодилаи тиҷорати беруна равона шудааст ифода мегардад.

Воситаҳои асосии амалӣ кардани сиёсати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муқаррар кардани низоми гумрукӣ ва татбиқи тарифи гумрукӣ, пардохти гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ нисбати мол ва воситаҳои нақлиётие, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол мегарданд ҳисоб мешавад.

Дар коркарду татбиқи сиёсати гумрукӣ бевосита мақомоти гумрукии кишвар иштирок менамояд. Сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон – низоми тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мебошад, ки барои татбиқ ва ҳимояи манфиати иқтисодии дохилию хориҷии кишвар нигаронида шудааст.

Сиёсати гумрукӣ асосан бо мақсади таъмини назорати гумрукӣ ва танзими мубодилаи мол дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ, мусоидат ва амалигардонидани сиёсати иқтисодии кишвар равона карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати гумрукӣ дар асоси принсипҳои зайл ба роҳ монда мешавад:

- ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат;
- баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ;
- ягонагии қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;
- интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнин набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдоии хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд;
- ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;
- истиснои дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

Ҳамин тариқ, дар муқаррару танзим кардани ҳаҷму миқдор ва шароити вориду содир кардани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи истиқлолияту амнияти иқтисодии кишвар, бозори дохилӣ ва рушди иқтисоди миллӣ нақши асосиро сиёсати гумрукии комил мебозад. Дар амалия ду навъи сиёсати гумрукӣ – ҳимоятгароӣ (протексионистӣ) ва тиҷорати озод (фритредерство) мавҷуд аст, ки ҳар як кишвар вобаста ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз онҳо истифода менамояд.

Сиёсати гумрукии ҳимоятгароӣ татбиқи тадбирҳое, ки бо роҳи маҳдудиятҳо ба субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ муқаррар кардан баҳри рушди иқтисоди миллӣ ифода мегардад. Мазмуни сиёсати гумрукии ҳимоятгароӣ дар ҳимояи бозори дохилӣ ва иқтисоди миллӣ бо роҳҳои манъ ё маҳдуд кардани воридоти моли хориҷӣ, баланд бардоштани пардохти гумрукӣ нисбати он ифода мегардад.

Сиёсати гумрукии тиҷорати озод дар монеа эҷод накардани воридоти моли хориҷӣ ба бозори дохилӣ ва бо он муқаррар кардани пардохти гумрукии муқаррарӣ ифода мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушодро пеша кардааст, вале ин мазмуни онро надорад, ки ҳамагуна мол ба бозори дохилии кишвар бемонеа ворид шаваду ба сиҳатии аҳолӣ, олами ҳайвоноту наботот ва муҳити зист, тартиботи давлатию ҷамъиятӣ, ахлоқу арзишҳои фарҳангии ҷомеа хатар эҷод намояд. Дар ин ҷода вориду содири ҳама мол дар ҷавобгӯ бо талаботу манфиати мардуму кишвари Тоҷикистон сурат мегирад. Асоси

ҳуқуқии сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад ва самтҳои онро муайян мекунад. Аз ин нигоҳ, қайд кардан зарур аст, ки Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 декабри соли 2004 қабул карда шуд, ки аз 1 январи соли 2005 ба қувваи амал даромадааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкили фаъолияти гумрукиро муайян намуда, ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ ва аз ҷониби онҳо риоя намудани уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст. Сохтори Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 7 фасл, 62 боб ва 508 модда иборат аст, ки танзимгари муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ба вуқуъ меоянд, мебошанд. Фаслҳои Кодекси гумрукӣ «муқаррароти умумӣ», «пардохти гумрукӣ» ва «хироҷи гумрукӣ», «назорати гумрукӣ», «назорати гумрукӣ дар соҳаи назорати асъорӣ ва содиротӣ», «ихтиёрдории молу воситаҳои нақлиёт», «мақомоти гумрук» номгузорӣ шудаанд. Таҳлили Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танзими давлатии фаъолияти гумрукӣ ба чор самти асосӣ ҷудо мешавад:

- тартиби интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ;
- механизми татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои гумрукӣ дар ҷараёни барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ;
- тартиби муқаррар кардан ва ситонидани пардохти гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ;
- тартиби шикоят кардан аз қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо.

Дар Кодекси гумрукӣ мазмуну муҳтавои низоми гумрукӣ, шаклҳои назорати гумрукӣ, навъҳои пардохти гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ, мақому нақши мақомоти гумрукӣ, самту мақсади фаъолияти гумрукӣ, намудҳои омори гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ бо таври мукаммал баррасӣ гашта ва он дар марҳилаи шомил гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони умумиҷаҳонии тиҷорат (ВТО) таҳия ва қабул шудааст, ки мақсадаш дар фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳон мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абдуназаров К.А. Некоторые вопросы таможенной деятельности (методические пособие и рекомендации) / К.А. Абдуназаров. - Душанбе, 1996.
2. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004.
3. Комментарий к Таможеному Кодексу Российской Федерации /Под ред. В.А.Максицев и Б.Н.Габричидзе. М.: НОРМА-ИНФРА, 2012.
4. Марков Л.Н. Очерки по истории таможенной службы / Л.Н. Марков. - Иркутск 1986.
5. Оймамадов М. Асосҳои фаъолияти гумруки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Оймамадов. - Душанбе, Ирфон, 1998.
6. Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ / М.Н. Раҷабов. - Душанбе, 2001.


## СИЁСАТИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАФҲУМ, НАМУД ВА ТАНОСУБИ ОН БО ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳум, намуд ва таносуби он бо фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки истилоҳи «гумрук» ифодакунандаи мақомоти махсуси давлатӣ аст, ки дар нуқтаи муайяни хати сарҳад ҷойгир буда, аз моли интиқолшаванда аз сарҳади гумрукӣ пардохт меситонаду ба он тамға мегузорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сарҳади гумрукӣ, сиёсат, шикоят, субъект, муқаррарот.


## ТАМОЖЕННАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЕЕ СУЩНОСТЬ, ВИД И СООТНОШЕНИЕ С ТАМОЖЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ


В данной статье рассмотрена тема таможенной политики Республики Таджикистан: ее определение, вид и соотношение с таможенной деятельностью. Автор отмечает, что под термином «таможня» понимается специальный государственный орган, который находится в определенной точке линии государственной границы, взимает плату с товаров, перемещаемых через таможенную границу, и ставит на ней печать.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** таможенная граница, политика, жалоба, предмет, правила.


## CUSTOMS POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ITS ESSENCE, TYPE AND CORRELATION WITH CUSTOMS ACTIVITIES

This article discusses the topic of the customs policy of the Republic of Tajikistan: its definition, type and correlation with customs activities. The author notes that the term "customs" means a special state body, which is located at a certain point of the state border line, collects a fee from goods transported across the customs border, and puts a seal on it.
**KEYWORDS:** customs border, policy, complaint, subject, rules.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонова Муниса*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Курбонова Муниса*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Qurbonova Munisa*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## СОХТОР ВА НИЗОМИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

***Раҷабов Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пеш аз он ки дар хусуси вазифаҳои прокуратура сухан ронем, бояд аввал калимаи «функсия»-ро бо мафҳум ифода кунем, чунки аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки яке аз талаботе, ки ба инъикоси мазмуни фаъолияти ҳама гуна мақомоти давлатӣ, аз ҷумла прокуратура имкон медиҳад, функсия мебошад. Ҳамин тариқ, М.С. Сулаймонов ишора мекунад, ки «дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ барои муайян намудани хусусияти миқёс ва мазмуни фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мафҳумҳои «ваколатҳо», «мавзуи фаъолият», «салоҳият» ва «функсияҳо»-ро истифода мебаранд. Мафҳуми охирин нақши муҳим дорад, чунки натиҷаи ниҳоии танзими давлатӣ маҳз ба тартиби амалисозии он вобаста аст. Талаботи «функсияҳо» нисбат ба талаботи дигари номбаршуда воқеӣ ва пурмазмун мебошад».

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ мафҳуми функсияҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ намуди ба таври меъёрӣ муқарраршудаи фаъолияти идоравиро мефаҳмонад, ки мақомоти мазкур онро дар соҳаи муайяни фаъолият доим амалӣ месозад. К. Шалкибоев таҳти мафҳуми функсия ба маънои том намуди берунаи хусусиятҳои ягон объектро дар низоми муносибатҳои махсус шарҳ медиҳад. Дар баробари ин муаллиф вобастагии функсияҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро бо моҳияти иҷтимоии он, мақсаду вазифаҳои дар назди он гузошташуда асоснок мекунад. Мақомоти прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ мақоми махсусеро ба худ касб намуд. Мувофиқи Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ мақомоти прокуратура дорои низом ва сохтори ягонаи ба таврӣ қатъӣ марказонидашуда мебошад, ки дар асоси он прокурорҳои зинаи поёнӣ ба прокурорҳои зинаи болоӣ ва ба Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд. Прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ дар асоси сохти маъмурӣ-давлатии мамлакат, ки Конститутсия ҶТ муқаррар кардааст, ташкил гардидааст. Ба сохтори мақомоти прокуратура бо ваколатҳои фақат ба худаш хос буда, ки Прокурори Генералии ҶТ роҳбарӣ мекунад, ки бо пешниҳоди Президенти ҶТ бо ризоияти Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ аз тарафи Президент ба ин мансаб таъин ва озод карда мешавад. Ваколатҳои он дар қонуни конститутсионӣ ва дигар қонунҳо оид ба ҳар соҳаҳои ҳуқуқ: қонунҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, оилавӣ, граждани, мурофиавӣ - граждани, меҳнатӣ ва ғайраҳо пешбинӣ шудаанд. Мухлати ваколати Прокурори Генералии ҶТ 5 сол муқарар шудааст. Прокурори Генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод менамояд. Муҳлати ваколати прокурорҳои поёнӣ ҳам 5 сол муқаррар шудааст. Прокурори Генералӣ муовини якум ва чор муовин дорад, ки онҳо низ ба таври Прокурори Генералӣ, бо пешниҳоди Президент, бо розигии Маҷлиси Милии Маҷлиси Олӣ, аз тарафи Президент таъин карда мешаванд, тақсими вазифаҳоро Прокурори Генералӣ дар байни онҳо бо фармони худ муайян мекунад.

Бо мақсади амалӣ намудани роҳбарии фаврӣ аз рӯйи фаъолияти мақомоти прокуратура Прокурори Генералии ҶТ дастгоҳи давлатии пурқувват буда, на танҳо салоҳияти пурраи баамалбарории роҳбарӣ аз болои мақомоти прокуратураи поёнӣ, балкӣ боз ба зиммаи худ риояи

иҷрои бевоситаи ваколатҳои махсусан муҳимро оид ба бурдани назорат аз болои иҷрои бевоситаи ваколатҳои махсусан муҳим, яъне аз болои иҷрои якхела ва риояи дақиқи қонунҳо дар давлат, инчунин ба ҷо овардани вазифаи ошкору тафтиши парвандаҳои ҷиноятии ҷиноятҳои махсусан вазнин ё моҳияти муҳимми ҷамъиятӣ дошта равона карда шудааст.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои низоми хоси худ мебошад, ки низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи ҶТ-ро Прокурори Генералӣ сарварӣ мекунад. Мувофиқи моддаи 13-и қонуни косититутсионӣ дар бораи мақомоти прокуратура ва Фармони Президенти ҶТ аз 2-июни соли 2004 таҳти №394 «Дар бораи прокуратураи ҶТ» сохтори Прокуратураи ҶТ-ро ташкил медиҳанд: Прокуратураи Генералии ҶТ, Сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ, Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Вилояти Суғд, Вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, нақлиёт, прокуратура оид ба назорат аз рӯйи иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳоти меҳнатӣ, прокуратураи ноҳияҳо, шаҳрҳо, ҳарбӣ, раёсатҳо ва шуъбаҳо.

Прокурори Генералии ҶТ дар доираи салоҳиятҳои худ ҳуқуқ дорад, ки дар доираи ҳадди маблағи фонди маош мақомоти нави прокуратураро ташкилу салоҳияташонро муқарар намояд, азнавташкилкунӣ гузаронад ё як қатор мақомоти прокуратураро барҳаму ихтисор созад.

Таркиби Прокуратураи Генералии ҶТ-ро президенти кишвар аз рӯйи пешниҳоди Прокурори Генералӣ тасдиқ мекунад. Шумораи штатии мақомоти Прокуратураи ҶТ-ро бошад, дар ҳаҷми фонди маош худи Прокурори Генералӣ тасдиқ мекунад.

Мувофиқи моддаи 21-и қонуни конститутсионии ҶТ дар Прокуратураи Генералӣ коллегия ташкил карда мешавад, ҳамчун мақомоти машваратӣ, дар ҳайати Прокурори Генералӣ (раиси мушовара), ҷонишини якуми ӯ, ҷонишинонаш (аз рӯйи вазифаҳои ишғолкардаашон), дигар аъзои мушовара аз ҳисоби дигар кормандони дастгоҳи прокуратураи Генералии Ҷумҳурӣ. Ба шумораи онҳо роҳбарони раёсатҳою шуъбаҳои муҳим дохил карда мешаванд. Ҳайати шахсии коллегияро Прокурори Генералии ҶТ бо фармони худ тасдиқ мекунад.

Сохтори дастгоҳи Прокуратураи Генералии ҶТ чунин ташкил карда шудааст: Раёсати кадрҳо, назорати умумӣ оид ба тафтиши корҳои ҷиноятии махсусан муҳим, назорат аз болои баррасии қонунҳо дар мақомоти гумрук ва нақлиёт, назорат аз болои тафтишоти пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ, назорат аз болои қонунӣ будани санадҳои судӣ: қарор, ҳукм ва таъинотҳо ки аз ҷониби судҳо қабул карда шудаанд, назорат аз болои қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба корҳои шаҳрвандӣ, назорат аз болои таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ дар ВКД ҶТ, назорат аз болои тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқи ибтидоӣ дар Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ, назорат аз болои иҷрои корҳо, фармонҳо, супоришҳои Прокурори Генералӣ, назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон, таъминоти ҳуқуқӣ, оморӣ, назорат аз болои ичроиши қонунҳои байналхалкӣ, иттилоот ва равобити ахбори умум, назорат аз болои иҷроиши қонунгузории андоз, назорат аз болои иҷроиши қонунҳо дар Агентии мубориза бар муқобили гардиши ғайриқонунии моводи нашъадор назди Президенти ҶТ, Агентии Назорати Давлатии Молиявӣ ва Мубориза бо Корупсияи назди Президенти ҶТ, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳотии Вазорати адлияи ҶТ.

Прокурорҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, Хатлон, прокуратураи шаҳри Душанбе ба фаъолияти прокуратураи шаҳрҳо ва ноҳияҳои зери итоаташон буда, дар асоси қонунҳо ва санадҳои Прокурори Генералӣ роҳбарӣ мекунанд, фармон, амр, супоришҳо мебароранд, ки барои ҳамаи кормандони дар итоаташон буда, иҷроишаш ҳатмӣ мебошад. Прокуратураи ноҳияҳо, шаҳрҳо ва прокуратураи ба онҳо баробар кардашударо прокуророни онҳо роҳбарӣ менамоянд, ки муовин, ёрдамчӣ ва муфаттишон доранд ва ҳамаи онҳоро Прокурори Генералии ҶТ ба ин вазифаҳо таъину озод менамояд. Прокуророни ноҳия, шаҳрҳо ва прокуророни дигари ба онҳо баробаркардашуда ҳуқуқ доранд, ки ба прокуророни болоӣ барои шумораи штатии дастгоҳи худро тағйиру илова кардан бо пешниҳоду дархост муроҷиат кунанд.

Чӣ тавре ки қайд намудем, мақомоти прокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураи Тоҷикистон оид ба назорат аз болои риоя ва иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳоти меҳнатӣ, ба шумораи прокуратураи махсусгардонидашуда дохил мешаванд. Ба Прокурори Генералии ҶТ ҳуқуқ дода шудааст, ки прокуратураи

махсусгардонидашуда ташкил ва ваколатҳояшонро ба прокурорҳои вилоятҳо, ноҳияҳо баробар намояд. Бо ин мақсад Прокурори Генералӣ ҳуқуқ дорад, ки аз резерви махсуси шумораи итоатӣ ва воситаҳои таъмини моддию техникии дар ихтиёраш буда истифода барад. Прокуратураи махсусгардонидашуда аз рӯйи принсипҳои барои мақомоти прокуратура умумӣ буда сохта мешавад:

—он ҳам он қонунҳоеро ба роҳбарӣ мегирад, ки аз рӯйи онҳо прокуратураҳои ҳудудӣ кору фаъолият доранд;

—он масъалаҳои муҳимме, ки дар назди дигар мақомоти прокуратура гузошта шудаанд, дар назди ин прокуратураҳо низ гузошта шудаанд;

—ин прокуратураҳо ҳам аз он воситаҳои таъсиррасонии прокурорӣ барои вайронкунии қонун муқарраркардашуда истифода мебаранд, вале дар сохту таркиби созандагии онҳо, инчунин, дар объектҳои баамалбарории назорат аз болои иҷрои қонунҳо аз ҷониби онҳо як қатор хусусиятҳои фарққунанда мавҷуд аст, ки дар ин бора сухан хоҳад рафт.

Прокуратураи ҳарбӣ - ин прокуратураи махсусгардонидашуда, ки дар давраҳои гуногун ташкил карда шудааст, дар ибтидо наметавонист, ки ваколату салоҳиятҳои худро аз ваколатҳои прокуратураи ҳудудӣ аниқ муқаррар намояд. Ин дар кори он якрангӣ, такрорёбӣ ба вуҷуд меовард. Ҳатто як қатор қитъаҳои фаъолияти прокурорҳо оид ба назорат аз болои иҷрои қонунҳо ба қавле «бесоҳиб» монда буданд: на прокуратураи махсусгардонидашуда ва на прокуратураи ҳудудӣ дар ин қитъаҳо назорат ба амал намебароварданд.

Таҳлили фаъолияти прокуратураи махсусгардонидашуда Прокурори Генералии ҶТ-ро ба хулосае овард, ки зарурати ба як тартиби муайян даровардани фаъолияти он дида шавад. Бояд, ки ваколатҳои онро дар таносуб бо ваколатҳои прокурорҳои прокуратураи ҳудудӣ аниқ кард. Ба ҳамин мақсад фармонҳои Прокурори Генералии ҶТ №20 ва №55 аз 1 сентябри соли 2000 ва аз 25.10.2000 сол «Дар бораи муайян намудани ваколатҳои прокуратураи ноҳиявӣ, шаҳрҳо ва вилоятҳо, прокуратураи махсусгардонидашуда нақлиёт ва ҳарбии ҶТ», «Дар бораи ҳамкории прокурорҳои ҳудудӣ бо прокурорҳои ҳарбӣ» бахшида шудааст.

Прокуратураи ҳарбӣ ҳамчун қисми таркибии Прокуратураи ҶТ аз болои дақиқ ва якхела иҷро кардани қонунҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ назорат мекунад. Пеш аз ҳама Прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 августи соли 1992 дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ таъсис дода шудааст. Баъдан, дар давоми солҳои 1993-1994 Прокуратураи ҳарбии гарнизонҳои Душанбе, Суғд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Хоруғ созмон дода шудаанд. Ба кори онҳо раёсати назорат аз болои иҷроиши қонунҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Прокуратураи ҶТ назорат менамуд. Баъд бо фармони Президенти ҶТ № 343 аз 10 октябри соли 1995 Сарпрокуратураи ҳарбӣ ташкил карда шуд. Фаъолияти онро қонуни конститутсионӣ, фармонҳои Президенти ҶТ № 1028 аз 24 июли соли 1998 «Дар бораи тадбирҳои таъхирнопазири таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани интизоми ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳ» ва № 46 аз 15 феврали соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои иловагии таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ» ва фармонҳои Прокурори Генералии ҶТ № 20 аз 01.09.2000 «Дар бораи муайян намудани ваколатҳои прокуратураи нохиявӣ, шаҳру вилоятҳо, прокуратураи махсусгардонидашудаи нақлиёт ва ҳарбии ҶТ», №55 аз 25.10.2000 «Дар бораи ҳамкории прокурорҳои ҳудудӣ бо прокурорҳои ҳарбӣ» ва дигар дастурҳою фармонҳо ва қонунҳо ба тартиб даровардааст. Дар сохтори он 5 шуъба фаъолият менамояд.

Таркиби Прокуратураи ҳарбиро ташкил медиҳанд: Сарпурокуратураи ҳарбӣ, Прокуратураҳои гарнизонҳо. Прокуратураи ҳарбиро сарпрокурори ҳарбӣ муовини прокурори генералӣ роҳбарӣ мекунад. Таркиб ва штатҳои Прокуратураи ҳарбиро Прокурори Генералии ҶТ бо ризогии Вазири Мудофиаи ҶТ муқаррар мекунад. Сарпрокурори ҳарбӣ ва прокуророни тобеи он дар доираи ваколатҳояшон, ки қонуни конститутсионӣ ва фармонҳои номбурдаи Президенти ҶТ ва Прокурори Генералӣ муқаррар кардааст, новобаста аз фармондеҳон ва мақомоти идоракунии ҳарбӣ, аз болои қонунҳо назорат ба амал мебарорад. Прокуророни ҳарбӣ, инчунин, ҳуқуқ доранд, ки:

—дар маҷлисҳои коллегияҳо, Шуроҳои ҳарбӣ, маҷлисҳои хизматӣ, мақомоти идоракунии ҳарбӣ иштирок намоянд;

—ревизияҳои ғайриидоравӣ ва санҷишҳо дар қисмҳои ҳарбӣ ва идоракунии онҳо таъин намуда гузаронанд;

—таъмини посбонӣ, нигоҳдорӣ ва қаровулиро дар гауптвахтаҳои қисмҳои харбӣ ва гарнизонӣ ва дигар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагону ба хабс гирифта шудагон, мувофиқан аз ҷониби қисмҳои ҳарбӣ, комендантҳо, посбонҳо барои бурдани асирони қувваҳои дохилӣ, мақомот ва идораҳои корҳои дохилӣ талаб намоянд;

—бетаъхир аз гауптвахтаҳо, дигар ҷойхои нигоҳдорӣ дасгиршудагон ва шахсони ба ҳабс гирифташударо, ки дар ин ҷойҳо беасосу ғайриқонунӣ нигоҳ дошта мешаванд, озод намоянд.

Ба мансаби прокуророни ҳарбӣ ва муфаттишон афсароне, ки аз рӯйи шартнома ё аз рӯйи даъват ба сафи артиш даъват шудаанд ва ба талаботҳое, ки дар моддаи 53-и Қонуни Конститутсионии ҶТ дар бораи мақомоти прокуратура муқаррар кардашуда ҷавобгӯянд, шаҳрванди ҷумҳурӣ бошанд, таҳсилоти олии ҳуқуқӣ ва сифатҳои хуби кордонию ахлоқӣ доранд, саломатиашон хуб буда, вазифаашонро ба ҷо оварда метавонанд, таъин карда мешаванд.

Дар вақти бурдани таҳқиқи ибтидоӣ, тафишоти пешакӣ ва мурофиаҳои судӣ фақат як қонун - қонуни мурофиавии ҷиноятӣ - ба роҳбарӣ гирифта мешавад ва статуси ҳуқуқии муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ ба монанди статуси муфаттишони прокуратураҳо, мақомоти милитсия, Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ, Агентии мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъадор мебошад. Қарори муфаттишон барои иҷро аз тарафи ҳамаи мақомоти идоракунии ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ аз ҷониби ҳамаи идораҳо, корхонаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошанд.

Таъмини молиявӣ, моддӣ - техникӣ, додани унвонҳои ҳарбӣ - ин ваколати истисноии Вазорати Мудофиаи ҶТ мебошад. Бо мақсади таъмини мустақилияти прокурорҳои ҳарбӣ дар ҳалли масъалаҳои оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати хизматчиёни ҳарбӣ, татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ: дастгиркунӣ, ба ҳабс гирифтан, кофтуков гузаронидан ва ғайра, инчунин, онҳоро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан дар сохтори прокуратураи Генералии ҶТ мансаби Сарпрокурори ҳарбӣ бо ҳамин мақсад ташкил карда шудааст. Ҳамчун Сарпрокурори ҳарбӣ ӯ дар фармонҳои худ ва супоришҳояш, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи прокурорҳои ҳарбию муфаттишон ҳатмист, сиёсати ҳуқуқии мустақилро ба амал мебарорад, ки онро прокурорҳои ҳарбӣ дар вақташ баамалбарории назорат аз болои иҷрои қонунҳоро дар Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ ба роҳбарӣ мегиранд.

Муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ аз рӯйи тобеияти тафтишотӣ ҳуқуқ доранд, ки оид ба парвандаҳои ҷиноятии зерин тафтишоти пешакӣ гузаронанд:

**а)** хизматчиёни ҳарбӣ ё уҳдадорони ҳарбии ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъватшуда;

**б)** сарбозон, сержантҳо, старшинаҳо, прапоршикҳо ва шахсони ҳайати афсарии Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ ва Қушунҳои Дохилии Раёсати Қушунҳои Дохилии ВКД ҶТ;

**в)** бинокорони ҳарбӣ ва шахсоне, ки нисбати онҳо дар қонунгузории ҶТ нишондоди махсус мавҷуд аст;

**г)** коргарон ва хизматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳ, вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар ҳудуди қисмҳои ҳарбӣ, корхона, таълимгоҳҳои ҳарбӣ, муассисаҳо ё ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳ.

**АДАБИЁТ**


1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2016.

2 Сулаймонов М.С. Понятие и классификация функций Президента Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социальноэкономических и общественных наук. – Душанбе: Сино. – 2017. – № 2/5. – С. 259-262.

3 Шалкыбаев К. Орган исполнительной власти: понятие, признаки и основные функции // Вестник КНУ им. Ж. Баласагына: Гуманитарные науки. Специальный выпуск: Материалы международной научно-практической конференции «Конституция Кыргызской Республики: роль и значение в современном обществе и ее основные ценности». 31 мая – 1 июня 2013 г.– Бишкек: КНУ, 2013. – С. 147- 153.

4 Фармони Прокурори Генералии ҶТ №26 аз 15 октябри с. 2000.

**СОХТОР ВА НИЗОМИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА**

Дар мақолаи мазкур мавзуи сохтор ва низоми мақомоти прокуратура мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки Прокуратура ҳамчун мақомоти давлатӣ дар асоси сохти маъмурӣ-давлатии мамлакат, ки Конститутсия ҶТ муқарар кардааст, ташкил гардидааст. Ба сохтори мақомоти прокуратура бо ваколатҳои фақат ба худаш хос буда, ки Прокурори Генералии ҶТ роҳбарӣ мекунад, ки бо пешниҳоди президенти ҶТ бо ризоияти Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ аз тарафи Президент ба ин мансаб таъин ва озод карда мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** пешниҳод, сохтори маъмурӣ, мақомоти давлатӣ, ваколат.

**СТРУКТУРА И СИСТЕМА ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ**

В данной статье была рассмотрена тема структуры и системы органов прокуратуры. Автор отмечает, что прокуратура как государственный орган организована на основе административно-государственного устройства страны, установленного Конституцией Республики Таджикистан. Структуру прокуратуры возглавляет Генеральный прокурор Республики Таджикистан, который назначается и освобождается от должности Президентом по представлению Президента Республики Таджикистан с согласия Национального собрания Республики Таджикистан.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: предложение, административное устройство, государственная власть, полномочия.

**STRUCTURE AND SYSTEM OF PROSECUTOR'S OFFICE**

In this article, the topic of the structure and system of the prosecutor's office was considered. The author notes that the prosecutor's office as a state body is organized on the basis of the administrative-state structure of the country, established by the Constitution of the Republic of Tajikistan. The structure of the Prosecutor's Office is headed by the Prosecutor General of the Republic of Tajikistan, who is appointed and dismissed by the President on the proposal of the President of the Republic of Tajikistan with the consent of the National Assembly of the Republic of Tajikistan.

**KEYWORDS:** proposal, administrative structure, state power, powers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Рамазон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Рамазон*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Rajabov Ramazon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАРТИБИ ИНТИХОБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қодиров Р.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асоси сиёсию ҳуқуқии таъсиси мансаби Президент дар Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон», изҳороти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 гардиданд. Дар онҳо эълон гардид, ки ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал баровarда мешавад. Кӯшиши татбиқи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба таъсиси мансаби Президент дар Тоҷикистон замина гузошт. Қонун «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» аз 29 ноябри соли 1990 муқаррар кард, ки ба мақсади таъмини вусъати минбаъдаи дигаргунсозиҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва амнияти шаҳрвандон вазифаи Президенти Тоҷикистон таъсис дода шавад. Мувофиқи ин қонун Президенти Тоҷикистон сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, синнаш аз 35 кам набошад, интихоб шуда метавонад. Муқаррар карда шуд, ки Президенти аввалини Тоҷикистонро на бо роҳи интихоби умумӣ, балки бо овоздиҳии пинҳонӣ Шурои Олии Тоҷикистон аз ҷумлаи вакилони халқ ба муҳлати салоҳияти худ интихоб менамояд. Бо қарори Шурои Олӣ, ки бо аксарияти камаш аз се ду ҳиссаи вакилони халқ қабул гардидааст Президент аз вазифа озод карда мешавад. Баробари ин, қонун аз 1 декабри соли 1990 «Дар бораи такмили сохти ҳокимияти иҷроия ва амрдиҳанда дар ҶШС Тоҷикистон ва дохил

кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶШС Тоҷикистон» ба таъсиси мансаби Президент асоси конститутсионӣ гузошт. Мувофиқи қонуни мазкур вазифаи ноиби Президент таъсис карда шуд, ки ӯро Президент таъин карда, Шурои Олии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Ноиби Президент бо супориши Президент ба Девони Вазирон роҳбарӣ ва кори онро ташкил мекунад, дар вақти набудани Президент ӯро муваққатан иваз мекунад. Бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1990 якумин Ноиби Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Бо мақсади самарабахш иҷро кардани ваколатҳои Президент, Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон 15 декабри соли 1990 "Дар бораи таъминоти хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти ҶШС Тоҷикистон" қарор қабул кард. Ба Президент дар вақти дар сари қудрат будани ӯ музди кор, таъминоти манзилию нақлиётӣ ва муҳофизати шахсӣ муқаррар карда шуда, таъминоти нафақавӣ ва нақлиётию манзилии ӯ дар мавриди қатъ гардидани ваколатҳои Президент умрбод муайян карда шуд. Бо мақсади пешгирии паст задани шаъну эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи шаъну эътибори Президенти ҶШС Тоҷикистон" аз 29 июни соли 1991 ҳар гуна таҳқири оммавии Президент ё туҳмат кардани ӯро чӣ аз тарафи шахс ва чӣ аз тарафи воситаи ахбори омма кирдори ҷиноятӣ шуморида, мувофиқан ҷазоҳои лозима муқаррар карда шуд. Шурои Олии Тоҷикистон 31 августи соли 1991 қарор кард, ки 27 октябри соли 1991 интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад. Дар асоси ин Комиссияи ҷумҳуриявии интихобот оид ба интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда, дар тамоми марзи Тоҷикистон ташкили 62 ҳавзаи интихобот ба мақсад мувофиқ дониста шуд. Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сентябри соли 1991 қонун "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул кард ва бо қарори худ аз лаҳзаи қабул шудани қонун онро ба амал даровард. Дар як вақт тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон дохил карда шуд, ки мувофиқи он шаҳрванди ҶТ, ки синнаш аз 35 боло асту дар ҷумҳурӣ 10 соли охир зиндагӣ мекунад ва ҳуқуқи интихоботӣ дорад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда метавонад. Ба моддаи 120 Конститутсия илова карда шуд, ки дар як вақт бо Президенти ҷумҳур Ноиби Президент интихоб мегардад. Номзади Ноиби Президенти ҷумҳурро номзад ба Президент пешниҳод мекунад. Мувофиқи Қонуни интихоботии номбаршуда 24 ноябри соли 1991 якумин интихоботи умумӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Шурои Олии ҶТ 27 ноябри соли 1992 қонун дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард, ки дар он меъёрҳои конститутсионӣ дар хусуси ҳокимияти Президент бекор карда шуданд. Боз ваколатҳои ба Президент вобасташуда ба Шурои Олӣ, Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони Тоҷикистон баргардонда шуданд. Баробари ҳамин амали қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии дар боло номбаршуда дар бораи вазъи ҳуқуқии Президент бекор гардиданд. Бо ҳамин давраи якуми таъсис ва фаъолияти Президент дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Давраи дуюми таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соли 1994 рост меояд. Моҳи марти соли 1994 гурӯҳи кории комиссияи конститутсионӣ ду лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистонро тайёр кард, ки яке "Сарқонуни ҶТ (парлумонӣ)", дигаре "Сарқонуни ҶТ (Президентӣ)" ном гирифтанд. Баробари кори комиссия оид ба муайян кардани шакли идораи мамлакат ин масоил дар матбуоти ҷумҳурӣ низ боиси гуфтугӯ қарор гирифт. Комиссияи конститутсионӣ ба муҳокимаи халқӣ фақат лоиҳаи идораи Президентиро тавсия кард. Моҳи июни соли 1994 ҷамъбасти муҳокимаи ҳамин лоиҳа аз тарафи Комиссияи конститутсионӣ дида баромада шуд. Комиссия ба муҳокимаи иҷлосияи Шурои Олӣ ҳамин лоиҳаро тавсия кард. Мувофиқи қонун "Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар ҶТ, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи ҶТ" аз 20 июли соли 1994, мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таъсис карда шуд. Вале Шурои Олӣ дар хусуси ба Конститутсияи он вақт амалкардаистода дар ин бора дохил кардани тағйироту илова андеша накард. Дар натиҷа мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бе асоси конститутсионӣ таъсис карда шуд. Шурои Олӣ 21 июли соли 1994 қонун "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул кард ва якҷоя бо раъйпурсӣ дар бораи қабули Конститутсия, интихоботи Президенти Ҷумҳурро таъин

кард. Дар асоси ин қонун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоботи умумӣ ва мустақим 6 ноябри соли 1994 интихоб гардид.

Мувофиқи Конститутсияи ҶТ соли 1994 Президентро шаҳрвандон дар интихоботи умумӣ ба муҳлати 5 сол интихоб карданд. Дар натиҷаи созиши байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик дар раъйпурсии 6 ноябри соли 1999 ба Конститутсия тағйироту иловаҳое дохил карда шуданд, ки дар натиҷаи он вазъи ҳуқуқӣ – конститутсионии Президенти ҶТ боз ҳам устувортар гардид. Аз ҷумла, муқаррар карда шуд, ки Президентро шаҳрвандон ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Азбаски раъйпурсӣ оид ба ислоҳоти конститутсия якҷоя бо интихоботи Президент гузашт, шаҳрвандон Президентро дафъаи дуюм ба муҳлати нав интихоб намуданд. Дар як вақт Конститутсия муқаррар кард, ки як шахс ба вазифаи Президент бештар аз як муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Дар натиҷаи пурзӯр шудани ҳокимияти президентӣ 22 июни соли 2003 боз раъйпурсӣ оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсия гузаронда шуд. Мувофиқи он боз муҳлати ваколати Президенти ҶТ тағйир ёфт. Муқаррар карда шуд, ки Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Бо ҳамин дар давраи фаъолияти як шахс оид ба дароз кардани муҳлати дар сари қудрат мондани ӯ ба Конститутсияи ҶТ се маротиба тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд, ки амсоли он дар таҷрибаи давлатҳои демократӣ кам вомехӯрад.

Қонуни конситутсионӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1994 бо тағйироту иловаҳо аз соли 2005, раванди тамоми маъракаи интихоботро мустаҳкам кардаанд. Субъекти ҳуқуқи интихобот донистани шаҳрвандон шарти ҳалкунандаи иштироки он дар интихобот мебошад. Ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардану интихоб шудан ба мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мансаби олии давлатӣ ба ҳуқуқ ногузир аст, зеро интихоб кардан ва интихоб шудан ба низоми ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд дохил мешаванд. Аз ин рӯ, дар интихобот танҳо шаҳрвандон иштирок мекунанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ дар бораи интихобот чунин шартҳои интихоботро муқаррар кардаанд;

1. Донистани забони давлатӣ;
2. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан;
3. Муҳлати муайян дар қаламрави Тоҷикистон истиқомат доштан;
4. Соҳиби таҳсилоти олӣ будан;
5. Расидан ба синну соли муайян;
6. Доғи судӣ надоштан;

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавад. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш аз 30 кам нест, забони давлатиро медонад, камаш 10 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, дорои ҳуқуқи интихоботӣ мебошад, Президент интихоб шуда метавонад. Вайрон кардани талаботи ин модда боиси беэътибор дониста шудани интихоботи Президент мегардад.

Дар интихоботи Президенти ҷумҳурӣ шахсоне хуқуқи иштирок карданро доранд, ки синнашон ба 18 расидааст. Дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне ҳуқуқ надоранд иштирок кунанд, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрум карда шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1 Констиутусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе, 6 ноябри 1994с.
2 Алиев З. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Давлат ва ҳуқуқ. 2003. № 1.
3 Бельский К.С. Разделение властей и ответственность в государственном управлении / К.С. Бельский. - М., 1990.
4 Зойиров Р., Хакимов Ш. Эволюция Конституции как Основного Закона (историко-теоретические и сравнительно-правовые исследования). / Р. Зойиров, Ш. Хакимов. – Душанбе, 2004.
5 Имомов А.И. Ҳуқуқи констиутусиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.И. Имомов. - Душанбе, 2012.

**ТАРТИБИ ИНТИХОБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба мавзуи тартиби интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуқуқи интихоботии умуми, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳони интихоб мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шаҳрванд, интихоботи умумӣ, овоздиҳӣ, забони давлатӣ.

**ПОРЯДОК ИЗБРАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена теме порядка избрания Президента Республики Таджикистан. Автор отмечает, что Президент Республики Таджикистан избирается гражданами Республики Таджикистан на основе всеобщего, равного и прямого избирательного права при тайном голосовании.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** гражданин, всеобщие выборы, голосование, государственный язык.

**PROCEDURE FOR ELECTION OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the topic of the procedure for electing the President of the Republic of Tajikistan. The author notes that the President of the Republic of Tajikistan is elected by the citizens of the Republic of Tajikistan on the basis of universal, equal and direct suffrage by secret ballot.

**KEYWORDS:** citizen, general elections, voting, state language.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Раҷабалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Раджабали*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Qodirov Rajabali*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ГУМРУКӢ

***Кодиров Н., Турдизода П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқи гумрукиро як соҳаи мураккаби ҳуқуқ, ки низоми меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мебошад, ки аз ҷониби давлат муқаррар ё тасдиқ карда шудаанд ва барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ пешбинӣ шудаанд, муайян кардан мумкин аст.

Вобаста ба нақтаи назари О.Ю. Бакаева, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ: конститутсионӣ, дар қисми бартаридошта – маъмурии гражданӣ, ҷиноятӣ, меҳнатӣ ва як қатор дигарҳо ва дар қисми муайян – бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешаванд. Ҳамаи ин муносибатҳои ҳуқуқие, ки хусусияти умумӣ доранд, ки онҳоро муттаҳид менамояд – онҳо ҳамеша вобаста ба тартиб ва шартҳои интиқоли мол ё воситаҳои наклиёт аз сарҳади гумрукӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз мавҷудияти ҳамин хусусияти муттаҳидкунанда имкон медиҳад, ки дар бораи як навъи мустақили муносибатҳои иҷтимоӣ – муносибатҳои гумрукӣ қайд намоем. Комплексӣ будани ин муносибатҳо мураккабии ҳуқуқи гумрукиро ҳамчун соҳа ифода менамояд.

М.Н. Раҷабов қайд менамояд, ки ҳуқуқи гумрукӣ ҳамчун маҷмуаи меъёрҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Он аз меъёрҳои ҳуқуқии мансубияти соҳаҳои ҳуқуқии гуногун иборат аст, ки бо як предмети умумии танзими ҳуқуқӣ бо доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар робита ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ба вуҷуд меоянд, муттаҳид шудаанд. Аз ин рӯ, хусусияти комплексии ҳуқуқи гумрукӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ дар меъёрҳои низомсозии он ифода меёбад. Бояд қайд кард, муносибатҳои гумрукӣ таввасути меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ танзим карда мешаванд. Бинобар ин, таҳлили ва таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳти мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ муроҷиат маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти гуногуни давлатӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқи гумрукиро дар бар мегиранд, фаҳмидан лозим аст. Ҳама санади меъёрии ҳуқуқӣ наметавонад ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи

гумрукӣ баромад кунад, танҳо ҳамон санади меъёрии ҳуқуқие, ки қоидаҳои умумиро оид ба фаъолияти гумрукӣ дар бар мегирад, ҳамчун сарчашмаи он бошад. Ҳамин тавр, сарчашмаи ҳуқуқи гумрукӣ бояд хусусияти меъёрӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, фармоишҳои гуногуни роҳбарони мақомоти гумрук дар бораи таъин кардан ба вазифа, гузаронидани маблағҳо, эълони ҷазои интизомӣ, бекор кардани санади ғайриқонунии мақомоти поёнӣ ва ғайра сарчашмаи ҳуқуқи гумрукӣ намебошанд, зеро дар онҳо қоидаю меъёрҳои умумӣ мавҷуд нестанд, яъне меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ низоми ягонаро ташкил медиҳанд, ки унсурҳои (қисматҳои) он мувофиқи мантиқи танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ дар муносибатҳои тобеият ва зинанизомӣ қарор доранд. Принсипи асосии ташаккули системаи сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ қонуният мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии давлати мо буда, хусусияти фаъолияти гумрукиро дар маҷмуъ муайян менамояд ва танзими гумрукиро ба салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мегузорад, яъне тавре ки зикр гардид, яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳамчунин, бояд қайд кард, дар Конститутсяи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти мушххас оид ба танзими гумрукӣ ё фаъолияти гумрукӣ мавҷуд нест. Муқаррароти ду моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бавосита ба фаъолияти гумрукӣ дахл дорад, ки ин моддаи 7 "ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад" ва моддаи 45 "вазифаи ҳар як шахс супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст" мебошад. Инчунин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротҳои умумӣ дар бахши фаъолияти гумрукӣ пешбинӣ шудааст:

- ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд (банди 2 моддаи 5);
- кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ (моддаи 12); таъмини баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд (моддаи 17);
- дахлнопазирии шахсро давлат кафолат додаст (моддаи 18);
- таъмини кафолати ҳифзи судӣ ба ҳар як шахс (моддаи 19);
- ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад (моддаи 21);
- шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад (моддаи 24);
- мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст (моддаи 25);
- ҳуқуқ ба хидмати давлатӣ (моддаи 27);
- шаҳрванд ҳақ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд (моддаи 31).

Ҳамин тариқ, бахши зиёди меъёрҳои Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими фаъолияти гумрукӣ бевоситаю бавосита ширкат менамояд.

Ба ақидаи И.В. Тимошенко, таснифоти сарчашмаҳои ҳуқуқ одатан аз рӯйи аломатхои хусусияти ҳуқуқии онҳо – аз рӯйи қувваи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукиро метавон бо пайдарпаии зерин ҷойгир кард:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои он хусусияти меъёрҳои амали бевосита дошта, принсипҳои ибтидоӣ ва асосии фаъолияти гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;
- шартномаҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ва дигар созишномаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки Ҷумҳурии Торҷикистон иштирокчии онҳо мебошад. Тибқи қисми сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд;
- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла кодексҳо), ки меъёрҳои онҳо барои муҳлати амали дароз муқаррар гардида, ин ё он тарз муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти

гумрукӣ танзим менамоянд (ба онҳо дохил мешаванд: Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ”, “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ва баъзе намудҳои фаъолият” ва ғайра мебошад);

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (онҳоро ҳамчун санадҳои меъёрии ҳуқуқиии ҷорӣ тавсиф кардан мумкин аст) оид ба масъалаҳои гумрукӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо қабул ва тасдиқ карда мешаванд. Санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузории гумрукӣ қабул карда мешаванд.

Доираи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар моддаи 38 Статути Суди байналмилалӣ муайян карда шудааст. Дар ин модда қайд мегардад, ки суд дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ҳалли баҳсҳо конвенсияҳо, урфу одатҳо, принсипҳои умумии ҳуқуқро, ки мардуми мутамаддин эътироф кардаанд, татбиқ менамояд. Дар муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ қарорҳои судӣ ва доктринаҳо ҳуқуқшиносони соҳибихтисосро ҳамчун кумак истифода бурдан мумкин аст. Ба онҳое, ки номбар шудаанд, ҳамчунин воситаи муҳимми ёрирасони аниқ кардани мавҷудият ва мазмуни меъёрҳоро ҳамчун санадҳои ташкилотҳои байналхалқӣ илова кардан лозим аст.

Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи гумруки байналмилалӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ инҳоянд:

- шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;
- одатҳои байналмилалии ҳуқуқии гумрукӣ;
- принсипҳом махсуси ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ.

Ба ақидаи А.Н.Козирин, шартнома ва одатҳо сарчашмаҳои муҳимтарин ва паҳншудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Шартномаи байналмилалӣ шакли хаттии баён дорад, дар ҳоле ки одат шакли нонавишта дорад. Шакли асосии ҳуқуқӣ, сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ шартномаи байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон, Н.Н.Косаренко қайд менамояд, ки шартномаи байналмилалӣ мафҳуми умумӣ барои ҳама санадҳои меъёрӣ дар шакли шартнома мебошад. Ин мафҳум тамоми шартномаҳои байналмилалиро дар бар мегирад, ки дар ном ва шаклҳои гуногун мавҷуданд: шартнома, созишнома, конвенсия, оиннома. Шартномаҳои байналмилалӣ метавонанд дар шакли ёддошт, созишнома, паймон бо роҳи мубодилаи мактубҳо ва нотаҳо баста шаванд.

Ҳамин тавр, шартномаи байналмилалӣ – ин созишномаи байни ду ё зиёда давлатҳо ё дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳоро дар соҳаи муайяни ҳамкории байналмилалӣ муқаррар мекунад. Бояд илова намуд, ки шартномаи байналмилалӣ на танҳо созишномае, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайнро муқаррар менамояд, балки созишномае мебошад, ки ба тағйир додан ва (ё) қатъ намудани онҳо нигаронида шудааст. Мафҳуми конвенсияҳои байналмилалии гумрукиро К.Г. Борисов пешниҳод намудааст, ки тибқи он, конвенсияҳои байналмилалии гумрукӣ – созишномаҳои байналмилалии дуҷониба ё бисёрҷониба мебошанд, ки масъалаҳои ҳамкории байналмилалии гумрукиро танзим менамоянд.

Ба ақидаи Н.Н. Косаренко, шартномаи байналмилалӣ на танҳо сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, балки усули асосии эҷоди меъёрҳои он низ мебошад. Раванди бастани шартномаи байналмилалӣ воситаи самаранок барои барқарор кардан ё тағйир додани муносибатҳои байни давлатҳо дар соҳаи мушаххаси ҳамкорӣ мебошад. Ҳамчунин, ӯ қайд менамояд, ки баръакси одатҳо, шартномаи байналмилалӣ шакли возеҳтар ва дақиқтари созиш аст, ки ба шарҳи худсаронаи меъёрҳо роҳ намедиҳад ва аз ин рӯ шакли афзалиятноки созишномаи байни давлатҳо мебошад. Ҳамин тариқ, аксарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ меъёрҳое мебошанд, ки давлатҳо дар шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар кардаанд. Агар ба сарчашмаи дигари ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ назар афканем, вобаста ба ин Н.А. Воронсова қайд менамояд, ки одатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ дуюмин манбаи муҳим ва паҳнгардидаи

ҳуқуқи байналмилалӣ дар умум ва бахусус мебошад. Моддаи 38 Статути Суди байналмилалии СММ ин мафҳумро ба таври зайл муайян кардааст: одати байналмилалӣ далели амалияи умумиест, ки ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ эътироф шудааст.

Ба ақидаи Н.А. Воронсова, одатҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ як қоидаи рафтори давлатҳо мебошад, ки татбиқ ва эътирофи онҳо аз ҷониби давлатҳо ҳамчун меъёри ҳатмӣ қабул карда мешавад. Ҳамчунин, ӯ ду унсури одатҳоро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ҷудо менамояд: 1) рафтори аз тарафи умум қабулшуда ва 2) эътирофи он ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ (opinio juris).

П.Н. Афонин ақидаи Н.А. Воронсоваро дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки дар ҳуқуқи байналмилалии муосир ду намуди меъёрҳои одатӣ мавҷуд мебошанд. Навъи якум – одатҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки қоидаҳои нонавиштае мебошанд, ки дар фаъолияти амал ташаккул ёфтаанд ва қувваи ҳуқуқӣ пайдо кардаанд. Навъи дуюм як намуди нисбатан нав аст, ки он чизҳоеро дар бар мегирад, ки на дар натиҷаи таҷрибаи тулонӣ, балки бо эътирофи чунин қоидаҳое, ки дар якчанд ва ҳатто дар як акт мавҷуданд, ташаккул шудаанд. Ҳамин тариқ, меъёрҳои ҳуқуқии навъи дуюм аввал дар шартномаҳо ва ё дар чунин санадҳои хусусияти ғайриҳуқуқии ба мисли қарорҳои маҷлису ташкилотҳои байналмилалӣ тартиб дода шуда, баъдтар ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқии умумии байналмилалӣ эътироф мегарданд. Ҳамин тавр, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ин меъёрҳо ҳамчун одат мавҷуд мебошанд ва санадҳои дахлдор ҳамчун далели мазмуни онҳо хизмат мекунанд. Инчунин, П.Н. Афонин қайд менамяод, ки ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ бояд сарчашмаҳои ҳуқуқии фаромиллие, ки дар соҳаи гумрук дар доираи чунин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, ба мисли иттиҳодияҳои гумрукӣ, бозорҳои умумӣ ва иттиҳодияҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, дохил шаванд.

Дар ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ П.М. Алексеева ду намуди конвенсияҳои гумрукиро муайян менамояд: универсалӣ ва махсус. Ба ақидаи ӯ, конвенсияҳои универсалии байналмилалии гумрукӣ шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба мебошанд, ки меъёрҳои умумии ҳуқуқии байналмилалии гумрукиро дар бар мегиранд, ки масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти гумрукиро танзим мекунанд. Онҳо ба танзими муносибатҳои байналмилалии гумрукие нигаронида шудаанд, ки ба манфиати ҳамаи давлатҳо ҷавобгӯ мебошанд. Илова бар ин, конвенсияҳои универсалии байналмилалии гумрукӣ аз рӯйи ҳайати давлатҳои аъзо намояндагии бештар доранд ва хусусияти бисёрҷониба доранд. Масалан, ба муҳимтарин конвенсияҳои байналмилалии гумруки бисёртарафа (универсалӣ) инҳо дохил мешаванд:

- Конвенсия Киото – конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ аз 18 майи соли 1973;

- Конвенсияи байналхалқӣ оид ба низоми ҳамоҳангшуда 14 июни соли 1983 (бо мақсади содагардонии расмиёти савдо ва табодули иттилоот тавассути ҳамоҳангсозии тавсиф, тасниф ва рамзгузории молҳо дар савдои хориҷӣ қабул шудааст);

- Конвенсия дар бораи карнети АТА барои воридоти муваққатии мол аз 6 декабри соли 1961;

- Конвенсияи гумрукӣ дар бораи ҳамлу нақли байналмилалии молҳо тибқи китоби TIR аз 1975;

- Конвенсияи гумрукӣ дар бораи контейнерҳо аз 2 декабри соли 1972;

- Конвенсия дар бораи ҳамоҳангсозии назорати сарҳадии мол аз 21 октябри соли 1982;

- Конвенсияи байналмилалӣ оид ба кумаки мутақобилаи маъмурӣ дар пешгирӣ, тафтиш ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ аз 9 июни соли 1977;

- Конвенсия дар бораи таъсиси Шурои ҳамкориҳои гумрукӣ аз 15 декабри соли 1950;

- Конвенсия дар бораи таъсиси Иттиҳоди байналмилалӣ оид ба нашри тарифҳои гумрукӣ 5 июли соли 1890.

Вобаста ба конвенсияҳои махсуси байналмилалии гумрукӣ Н.А. Воронсова қайд менамояд, ки ин шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, ки объект ва мақсади онҳо манфиатҳои доираи хурди давлатҳоро муқаррар менамоянд. Конвенсияҳои махсус метавонанд ҳам шартномаҳои байналмилалии бисёртарафа бошанд ва ҳам дутарафа.

В.С. Киченина ба конвенсияҳои байналмилалии махсус инҳоро дохил менамояд:

- созишномаҳо дар бораи ташкили минтақаҳои савдои озод, иттиҳодияҳои гумрукӣ;

- созишномаҳо дар бораи муайян намудани самтҳои умумии ҳамкории давлатҳо дар соҳаи гумрук (созишномаҳо дар бораи принсипҳои сиёсати гумрукӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ дар масъалаҳои гумрукӣ, ки дар онҳо шаклу тартиби ҳамкорӣ муқаррар карда шудааст ва механизми ташкилии татбиқи он муайян карда мешавад);

- созишномаҳо оид ба ҳамоҳангсозии қоидаҳои барасмиятдарории гумрукии мол, эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва муқаррароти гумрукӣ.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои гумрукӣ дар сатҳӣ ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тавассути меъёрҳои дохилидавлатӣ ва ҳуқуқии байналмилалӣ танзим карда мешаванд ва дорои хусусияти хоси худ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки асосҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ин Конститутсия, қонуну кодексҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дар сатҳи байналмилалӣ бошад шартнома ва одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. О.Ю., Матвиенко Г.В. Таможенное право России: Учебник/Отв.ред. Н.И.Химичева. – М.: Юристъ, 2003. – С.38.
2. Раджабов М.Н., Кодиркулов Х.Р., Саидов Х.Х. Таможенное право. Учебное пособие / М.Н. Раджабов, Х.Р. Кодиркулов, Х.Х. Саидов. – Душанбе, 2014.
3. Воронцова Н.А. Международное таможенное право: документы и Комментарии / Н.А. Воронцова. – М.: МГИМО-Университет, 2017.
4. Киченина В.С. Международные таможенные конвенции и соглашения: Практикум / В.С. Киченина. – Казань, 2019. – С. 42.
5. Афонин П. Н. Международное таможенное сотрудничество: учеб. Пособие / П.Н Афонин. – СПб.: 85 Интермедия, 2014.
6. Алексеева П.М. Тенденции и перспективы развития международного сотрудничества таможенных органов // Право и практика. 2019. – № 1. – С. 258–262.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ГУМРУКӢ


Мақсади танзими фаъолияти гумрукӣ бо сиёсати иқтисодии давлатӣ ва уҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳифзи истиқлолияти иқтисодӣ, талаботи бозори дохилӣ ва андешидани чораи ҷавобӣ ба кишварҳое, ки нисбати шахсони воқеию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар кардаанд, вобастагии ногусастанӣ дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** танзими фаъолияти гумруки, сиесати иктисоди, шахсони вокеи, талаботи бозори дохили.


## ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ


Цель регулирования таможенной деятельности неразрывно связана с государственной экономической политикой и международными обязательствами Республики Таджикистан в области защиты экономической независимости, требований внутреннего рынка, принятия ответных мер в отношении стран, введших ограничения естественно-правового характера лиц Республики Таджикистан.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: регулирование таможенной деятельности, экономическая политика, физические лица, потребности внутреннего рынка.


## THEORETICAL - LEGAL AND PRACTICAL LEGAL FOUNDATIONS FOR THE REGULATION OF CUSTOMS RELATIONS


The goal of regulating customs activities is inextricably linked with the state economic policy and international obligations of the Republic of Tajikistan in the field of protecting economic independence, the requirements of the domestic market, taking retaliatory measures against countries that have introduced restrictions of a natural legal nature to persons of the Republic of Tajikistan.



**KEYWORDS:** regulation of customs activities, economic policy, individuals, needs of the domestic market.



**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қодиров Некруз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Турдизода Парисо Ҷӯрабек*** – Донишгоҳи миллии Точикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **903205500.** E-mail: **turdizodapariso@gmail.com**

**Сведения об авторах**: ***Кодиров Некруз*** – Таджикский национальный университет, к.ю.н, доцент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

***Турдизода Парисо Джурабек*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **903205500.** E-mail: **turdizodapariso@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Kodirov Nekruz*** – Tajik National University, c.l.s., Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Turdizoda Pariso Jurabek*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **903205500.** E-mail: **turdizodapariso@gmail.com**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН

***Бобониёзов С.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳқиқи шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бидуни муайян сохтани вазъи ҳуқуқии тарафҳои ин шартнома аз имкон берун аст. Зеро яке аз унсурҳои асосии шартномаи мазкурро вазъи ҳуқуқии тарафҳо ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ ширкаткунандагони муносибатҳои ҳуқуқии мазкурро ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

1) заминистифодабарандагони якумдараҷа (иҷорадеҳ);
2) заминистифодабарандагони дуюмдараҷа (иҷорагир);
3) заминистифодабарандагони муштарак (иҷорадеҳ ё иҷорагир).

Субъектони зикргардида дар шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун тараф баромад карда метавонанд. Дар умум, ҳамаи ширкаткунандагони муносибатҳои иҷоравиро иҷорадеҳ ва иҷорагир меноманд. Иҷорадеҳ ҳангоми ба иҷора додани қитъаи замин пурра мустақил аст ва ҳуқуқи озодона истифода бурдан ва ба иҷора додани қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро дорад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад бо истифода аз қитъаи замини иҷорагирифта мустақилона хоҷагидорӣ намояд ва мувофиқи салоҳдиди худ маҳсулоти истеҳсолкардаашро ихтиёрдорӣ кунад. Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ тафовут дорад. Бинобар ҳамин, таҳлил намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи мазкур ногузир аст. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии тарафҳо» дар илм ба мазмуни васеъ ва маҳдуд истифода мешавад. Ба мазмуни васеъ вазъи ҳуқуқии тарафҳо фарогири ҳолатҳои гуногуни шахс, сифатҳои ҳуқуқӣ, соҳибҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ ва ғайра мебошад. Ба мазмуни маҳдуд вазъи ҳуқуқии тарафҳо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шахс иборат аст.

Тараф ин иштирокчии муносибати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян ба муқобили тарафи дигар баромад мекунад. О.А. Красавчиков ишора мекунад, ки «таркиби субъективии шартнома шахсоне мебошанд, ки дар бастан ва амалишавии шартномаи муайян иштирок мекунанд». Дар байни ин шахсон муаллиф инҳоро ҷудо месозад: 1) тарафҳое, ки дар асоси шартнома соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мегарданд; 2) шахсони сеюм (ҳам аз тарафи қарздор ва ҳам аз ҷониби кредитор).

Андешаи монандро С.В. Гузикова менависад: «Таркиби субъективии муносибатҳои ҳуқуқии шартномавиро дар баробари кредитор ва қарздор, ҳамчунин шахсони сеюм, яъне шахсоне, ки тарафи шартнома нестанд, вале иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии шартномавианд, ташкил мекунанд». Баъзе олимон субъектҳои муносибатҳои мазкурро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо карда, ба сифати субъекти асосӣ давлат ва мақомоти давлатиро қайд мекунанд. Чунончи, О.М. Оглоблина менависад: «Яке аз субъектони асосии иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад». Ин андеша ба шароити Тоҷикистон мувофиқ меояд. Зеро молики асосии замин дар кишвари мо давлат аст ва табиист, ки давлат субъекти марказӣ аст. Дигар иштирокчиёни муносибатҳои заминистифодабарии иҷоравӣ ба сифати субъекти иловагӣ баромад мекунанд.

Ба сифати тарафи шартнома, яъне субъекти шартномаи мазкур иҷорадиҳанда – соҳиби замин ё истифодабарандаи замин баромад мекунад, ки барои истифодаи муваққатӣ қитъаи

заминро медиҳад. Мувофиқи м. 687 КГ ҶТ ба сифати иҷорадиҳанда асосан мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроя баромад мекунад. Яъне, иҷорадиҳандаи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ давлат – соҳибмулки замин буда, дар симои он мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия заминро ба иҷора медиҳад. Дар баробари ин, ҳуқуқи ба иҷора додани қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ҳамчун заминистифодабарандагони аввалиндараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ доранд. Масалан, ташкилотҳои кишоварзӣ, ки дар истифодаи худ қитъаҳои замин доранд, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқиашон ҳамчун заминистифодабарандагони аввалиндараҷа қитъаҳои заминро ба заминистифодабарандагони дуюмдараҷа ба иҷора дода метавонанд. Тарафи дигари шартнома иҷорагиранда мебошад, ки барои гирифтани қитъаи замин ва истифодаи он манфиатдор аст. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, корхонаҳои муштарак, ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ иҷорагир буда метавонанд (м. 687 КГ ҶТ).

Яке аз унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқиро қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳо ташкил мекунад. Доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар муносибатҳои мазкур шарти зарурӣ аст. Дар қонунгузории замини ҶТ мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъектҳои муносибатҳои заминистифодабарии иҷоравӣ ва дигар масъалаҳои он пешбинӣ нашудааст. Бинобар ҳамин, ҳангоми ба миён омадани зарурат бобати муайян намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, тартиби ба даст овардани он ва дигар масъалаҳои марбут ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ ба қонунгузории граждании ҶТ бояд муроҷиат кард. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба сифати қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ эътироф карда шуда, он аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми марг қатъ мегардад. Қобилияти ҳуқуқдории субъектони шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҳолатҳои зерин вобаста аст:

1. Аз гурӯҳи иштирокчиён. Миёни иштирокчиёни шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ давлат қобилияти ҳуқуқдории мутлақро доро мебошад. Ин пеш аз ҳама бо он вобаста аст, ки давлат молики асосии замин аст. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд, дар асоси муқаррароти низомномаашон қобилияти ҳуқуқдории махсус доранд. Шахсони воқеӣ дар ин бахш қобилияти ҳуқуқдории умумиро соҳибанд, аммо баъзе истисноҳо вуҷуд дорад, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мутааллиқанд. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд нисбат ба қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ танҳо дар асоси қонун, шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

2. Аз рӯйи намуди фаъолият. Субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ фаъолияти худро мувофиқи қонун ба роҳ мемонанд. Барои баъзе намуди фаъолият қонун тартиб ва талаботи махсус пешбинӣ кардааст, ки ин талабот метавонад ба вазъи ҳуқуқии тарафҳо таъсир расонад. Масалан, бастани шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо мақсади ба роҳ мондани кишти маводе, ки дар муомилот манъ ё маҳдуд шудааст, иҷозат дода намешавад. Аммо ба ин намуди фаъолият танҳо субъектони махсусе, ки онҳоро давлат муайян намудааст, метавонанд машғул шаванд. Ё ин ки ба иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба субъектоне, ки фаъолияти тухмипарвариро амалӣ месозанд, танҳо дар асоси иҷозати мақомоти дахлдори давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Шаҳрванд барои анҷом додани аҳдҳо бо қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд қобилияти пурраи амалкунӣ дошта бошад. Аммо дар КЗ ҶТ маҳдудияти синну солӣ бобати ба иҷора додани қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешбинӣ нашудааст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо масъалаи мазкур тибқи қоидаҳои умумии КГ ҶТ бояд ҳалли худро ёбад. Яъне, шахсе тарафи шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ шуда метавонад, ки агар дорои қобилияти пурраи амалкунӣ бошад, яъне ба синни 18-солагӣ расида бошад. Чунин ҳолат аз мазмуни қонунгузории соҳа бармеояд. Чунончи, шахсе метавонад хоҷагии деҳқонӣ ташкил намояд, ки агар ба синни 18-солагӣ расида бошад. Асоси бунёдии хоҷагии деҳқонӣ қитъаи замин аст. Тавре маълум мегардад, нафаре метавонад аҳдҳо оид ба қитъаи замин, аз ҷумла иҷораро анҷом диҳад, ки агар ба синни 18-солагӣ расида бошад. Ҳамин тавр, тарафҳои шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ гуфта, иштирокчиёни муомилоти гражданиро меноманд, ки барандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ буда, дар

муносибатҳои иҷоравӣ иштирок мекунанд ва амали онҳо бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва замин ба танзим даровარда мешаванд.

Мафҳуми иҷорадеҳ дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» чунин омадааст: «Иҷорадеҳ – тарафи шартномаи иҷора, ки ба иҷорагир тавассути маблағ (пулакӣ) барои соҳибии муваққатӣ ва истифода ва ё истифодаи муваққатӣ молу мулкро пешниҳод мекунад». Аз рӯйи муқаррароти умумии м. 627 КГ ҶТ ҳуқуқи ба кироя (иҷора) додани амвол ба молики он тааллуқ дорад. Ҳамзамон тибқи қ. 2 моддаи мазкур «шахсоне, ки аз тарафи қонун ё молик барои ба кироя (иҷора) додани амвол ваколатдор карда шудаанд, метавонанд кироядеҳ бошанд». Меъёри мазкур метавонад дар масъалаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ пурра татбиқ карда шавад.

Мувофиқи қ. 1, м. 687 КГ ҶТ ба ҳайси иҷорадеҳ дар шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия баромад карда метавонад. Аммо тибқи м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990 «замин ва дигар захираҳои табииро Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ба иҷора медиҳанд, аз ҷумла дар асоси озмун», ки ин меъёр ба м. 687 КГ ҶТ ва м. 5, 7 ва 8[1] КЗ ҶТ пурра мухолифат дорад. Зеро имрӯз Маҷлиси вакилони халқ дигар ҳуқуқи ба иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзиро надоранд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки меъёри мазкур ба КГ ҶТ ва КЗ ҶТ мувофиқ карда шавад. Тибқи м. 10, 14, 19 КЗ ҶТ заминистифодабарандагони якумдараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва ё якумраи меросии заминро ба даст овардаанд, метавонанд иҷорадеҳ бошанд.

Мувофиқи м. 26[1] КЗ ҶТ, Ҳукумати ҶТ аз тамоми гурӯҳҳо ва намудҳои замин, қитъаҳои заминро ба истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва иҷора бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва мақомоти ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин, сарфи назар аз андозаашон медиҳад. Тибқи м. 26 КЗ ҶТ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо қитъаҳои заминро бо мувофиқаи мақомоти маҳаллии заминсозӣ ба истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок, якумраи меросӣ ва ба иҷора аз чунин гурӯҳи заминҳо медиҳанд: а) аз гурӯҳи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва аз гурӯҳи заминҳои захираи давлатӣ барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ, сарфи назар аз андозаи қитъаи замин ва барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ, ба ғайр аз намуди заминҳое, ки дар моддаи 29 КЗ ҶТ барои ҳамин гурӯҳҳо муайян шудааст, ба андозаи то 10 гектар; б) аз гурӯҳи заминҳои фонди давлатии ҷангал ва аз гурӯҳи заминҳои фонди давлатии об, ба ғайр аз заминҳои ҷангали гурӯҳи якум барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ ба андозаи то 10 гектар ва барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ бо дарназардошти муқаррароти моддаи 97 КЗ ҶТ, ба ғайр аз намуди заминҳое, ки дар моддаи 29 КЗ ҶТ барои ҳамин гурӯҳҳо муайян шудааст, то 5 гектар; в) аз гурӯҳи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот), ба ғайр аз намуди заминҳое, ки дар м. 29 КЗ ҶТ нисбати ҳамин гурӯҳ муайян шудааст, барои эҳтиёҷоти ҳамин гурӯҳ, то 10 гектар; г) аз гурӯҳи заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва дигар намуди ҳамин гурӯҳ барои эҳтиёҷоти ҳамин гурӯҳ, то 10 гектар; д) аз гурӯҳи заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию фарҳангӣ, бе иваз намудани мақсади муайяншудаи замини ҳар як намуди ин гурӯҳ, ба андозаи то 5 гектар.

Мафҳуми иҷорагир дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» чунин муайян шуда: «Иҷорагир – тарафи шартномаи иҷора (кирои молу мулк), ки аз иҷорадеҳ (кироядиҳанда) пулакӣ (ба воситаи маблағи муайян) молу мулкро барои ихтиёрдорӣ ва истифода ва ё истифодаи муваққатӣ мегирад». Дар воқеъ, иҷорагир шахсест, ки дар гирифтани молу мулк барои истифодабарӣ манфиатдор аст. Доираи иҷорагирони қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро қонунгузорӣ, ба ғайр аз баъзе истисноҳо маҳдуд накардааст. Қонунгузор ба иҷорагирон талаботи муайян, аз ҷумла таҳсилоти кишоварзӣ ё таҳсилоти махсус, кормандони махсус ва ғ.-ро пешбинӣ накардааст. Яъне, ҳар нафаре, ки ба синни 18-солагӣ расидааст, ҳуқуқ дорад заминҳои таъиноти кишоварзиро ба иҷора гирад. Дар ҶТ ба иҷорагир имконияти зиёде дода шудааст, ки заминро ба иҷора гирад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки надоштани маҳорату малакаи кишоварзӣ, донишҳои махсуси соҳавӣ боиси паст гардидани ҳосилнокии замин мегарданд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар бисёре аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ нисбат ба иҷорагирони заминҳои таъиноти кишоварзӣ

талаботи махсус, аз ҷумла, сатҳи баланди дониши соҳавӣ талаб карда мешавад. Чунончи фермерҳо, ки дорои малакаву маҳорат ва дониши баланди соҳавӣ мебошанд ҳангоми ба иҷора гирифтани заминҳои кишоварзӣ аз афзалият ва бартариятҳои муайяне бархӯрдоранд. Хуб мешуд, ки зимни бастани шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба субъектоне, ки таҳсилоти махсус, таҷриба, донишҳои соҳавӣ, кормандон ва технологияи коркарди заминро доранд, афазалият дода шавад.

Мувофиқи қ. 3, м. 687 КГ ҶТ ба ҳайси иҷорагир дар шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, корхонаҳои муштарак, ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ баромад карда метавонанд. Тибқи м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990 «шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони ҶТ, корхонаҳои муштарак, иттиҳодияву ташкилотҳои байналхалқӣ бо иштироки шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷорагир буда метавонанд».

Мувофиқи м. 10 КЗ ҶТ дар ҶТ заминистифодабарандагон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд заминистифодабарандагони якумдараҷа ва дуюмдараҷа (иҷорагир) бошанд. Заминистифодабарандагони якумдараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, мухлатнок ва ё якумраи меросии заминро доранд. Заминистифодабарандагони дуюмдараҷа (иҷорагир) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки қитъаҳои заминро дар асоси шартномаи иҷора истифода мебаранд. Тавре ишора гардид, мувофиқи қ. 3 м. 687 КГ ҶТ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ метавонанд, ки заминҳои таъиноти кишоварзиро ба иҷора гиранд. Аммо мувофиқи с. 2, м. 25 КЗ ҶТ «заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва заминхое, ки таҳти муҳофизати махсус мебошанд, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ дода намешаванд». Яъне, дар ин ҷо мухолифат миёни КГ ҶТ ва КЗ ҶТ дида мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки аз с. 2, м. 25 КЗ ҶТ ибораи «заминҳои таъиноти кишоварзӣ» ва калимаи «ва» хориҷ карда шавад. Зеро дар таҷриба ҳолатҳои зиёде ба мушоҳида мерасанд, ки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври мақсаднок ба ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Мардумии Чин ба иҷора дода шудаанд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ ба хориҷиён иҷора ва коркарди замин бо шарту талаботи махсус иҷозат дода шудааст.

Ҳангоми таҳлили тарафҳои шартномаи иҷора ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ диққати махсус бояд дод. Таҷриба нишон медиҳад, ки ба иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ ба давлатҳои хориҷӣ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Ба иҷора додани заминҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ ба кишварҳои хориҷӣ бисёр анъанаи нек буда, сабаби дӯстӣ ва равобити ду кишвар мешавад. Аммо ба субъектҳои хориҷӣ ба иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд талаботи махсус дошта бошад, махсусан муҳлати иҷора бояд маҳдуд бошад. Зеро ба муҳлати зиёд ба иҷора додани заминҳои кишоварзӣ ба хориҷиён метавонад, ки сабаби эрозияи замин гардад. Ҳамзамон, хавфи пурра монополия кардани бозори истеъмолӣ аз ҷониби хориҷиён низ вуҷуд дорад. Чун таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвари мо ба ҳисоб меравад, пас заминҳои кишоварзӣ бояд асосан ба шаҳрвандони ҶТ ва худи Тоҷикистон вобаста бошанд.

Мувофиқи м. 13 Конститутсияи ҶТ давлат истифодаи самараноки заминро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки сархати 3, м. 14 КЗ ҶТ дар таҳрири зайл муқаррар карда шавад: «Қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба муҳлати то 20 ва дигар гурӯҳи заминҳо ба муҳлати то 50 сол ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иҷора дода мешавад. Муносибатҳо оид ба иҷораи қитъаи замин тибқи қонунгузорӣ муқаррар мегардад». Илова бар ин, таклиф менамоем, ки сархати 1, м. 25 КЗ ҶТ дар таҳрири зайл пешбинӣ гардад: «Қитъаи замин ба шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ танҳо дар асоси иҷора ба муҳлати муқаррарнамудаи моддаи 14 ҳамин Кодекс дода мешавад».

**ҶТ дар ин самт таҷриба дорад. Аз ҷумла шумораи ширкатҳои кишоварзии Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар заминҳои Тоҷикистон кишт мекунанд, ба 5 адад расидааст.** Набудани заминҳои ҳосилхез дар ин кишвар ширкатҳои чиниро водор мекунад, ки берун аз қаламрави

он барои худ замин пайдо кунанд. Тибқи иттилои Вазорати кишоварзии ҶТ ширкатҳои «Синзян инхай» ва «Хай Ли»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҷануби Тоҷикистон беш аз 300 гектар заминро барои 49 сол ба иҷора гирифтаанд. Ҳамчунин, дар вилояти Хатлон ширкати муштараки «Рушди кишоварзии Тоҷикистон ва Чин» амал мекунад, ки вобаста ба нақшаи фаъолият ва талаботаш солона то 15 ҳазор гектар заминро аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ба иҷора гирифта, ба кишти пахтаву ҷуворимакка ва гандум машғул мешавад. Соли 2017 Вазорати кишоварзӣ нақшаи ба иҷора додани 500 гектар заминро ба кишоварзони чинӣ бо мақсади рушди соҳаи кишоварзӣ тасдиқ карда буд. Дар он замон тибқи иттилооти Вазорати кишоварзӣ ин заминҳо ба эрозия гирифтор шуда буданд ва кишти маҳсулот дар онҳо ғайриимкон буд. Кишоварзони чинӣ бо истифода аз технологияҳои зарурӣ тавонистанд ин заминҳоро барқарор кунанд ва дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақш гузоранд. Дар қисмати ҷануби кишвар – 150 гектар дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, 150 гектар дар ноҳияи Ёвон ва 185 гектар замин дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои истифодаи муваққатӣ ба кишоварзони чинӣ дода шуда буданд. Аз соли 2018 дар Тоҷикистон танҳо як ширкати чинӣ – ҶСК «Синян-Инхай» фаъолият мекунад, ки ба коркарди 280 гектар замини Тоҷикистон машғул аст. «Минбаъд низ кишоварзони чинӣ ният доранд майдони заминҳои иҷораро зиёд кунанд. Айни замон онҳо дар ду ноҳия кору фаъолият доранд – дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ дар 99 гектар замин ва дар ноҳияи Ёвон дар 181 гектар замин». Кишоварзони чинӣ бояд 2 млн. доллари ИМА-ро ба ин заминҳо сармоягузорӣ кунанд ва техникаву технологияи навро барои эҳёи ин заминҳо ворид созанд. Асосан кишоварзони чинӣ вазифадор шуда буданд, ки пахта ва шолиро парвариш кунанд. Дар иттилооти Вазорати кишоварзӣ омадааст, ки «иқтидори Тоҷикистон барои коркарди ҳамаи заминҳо кифоя нест. Қувваи корӣ ва имконияти молиявӣ низ беҳбудиро тақозо дорад. Бинобар ҳамин, Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки заминҳоро ба иҷора диҳад».

Масъалаи ба иҷора додани замин ба субъектҳои хориҷӣ, махсусан чиниҳо дар ибтидо баҳсҳои зиёдеро ба миён оварда буд. Тарафдорон ва муқобилон зиёд буданд. Тарафдорон андешаи худро бо он асоснок мекарданд, ки «шароити буҳрони молиявӣ ва мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ба хориҷиён ба иҷора додани заминҳои кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ аст. Чунки имконияти мустақилона барқарор кардани ин заминҳо айни замон вуҷуд надорад. Барои барқарор кардани онҳо маблағҳои бениҳоят зиёд лозим аст». Чунончи, яке аз тарафдори чунин қарор Ш. Шабдолов – чунин қайд карда буд: «Деҳқонони тоҷик маблағ надоранд, ки заминҳоро коркард кунанд. Агар кишоварзони тоҷик заминҳоро коркард карда, маҳсулот истеҳсол мекарданд ва онро дар бозори дохилӣ ба фурӯш мебаровmarданд, аввалан нархи маҳсулот паст мешуд ва баъдан ин заминҳо бекор намехобиданд. Ҳоло дар Тоҷикистон даҳҳо ҳазор гектар заминҳо бекор хобидаву ба эрозия ва беморӣ гирифтор шудаанд». Дигар асоси тарафдорони қарори мазкур муҳоҷирати меҳнатӣ буд. Ба андешаи онҳо «дар шароите, ки қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва дар минтақаҳои деҳот қувваи корӣ намерасад, ин қарор саривақтӣ ва зарурӣ аст».

Мухолифони ба иҷора додани заминҳои кишоварзӣ ба субъектони хориҷӣ низ кам нестанд. Яке аз онҳо Қ. Партоев мебошад. Ба андешаи ӯ «Тоҷикистон аз заминҳои корами обӣ чандон бой нест. 93 дарсади қаламрави кишварро кӯҳҳо ишғол кардаанд ва кишвар каме беш аз 700 ҳазор гектар заминҳои корами обиро дар ихтиёр дорад». Ба андешаи ӯ «ду омили аслӣ боис мешавад, ки деҳқонони тоҷик аз заминҳои худ мисли кишоварзони Чин ҳосил рӯёнда наметавонанд. Якум, деҳқони тоҷик аз дастрас набудани тухмиҳои аълосифат ва дуюм, надоштани технологияҳои нав танқисӣ мекашанд. Агар деҳқонони тоҷик бо тухмии аълосифат ва технология таъмин шаванд, боварии комил дорам, ҳосили онҳо аз иҷоракорони чинӣ кам нахоҳад буд». Аммо Қ. Партоев дар ҷойи дигар ба иҷора додани заминҳоро ба кишоварзони чинӣ дастгирӣ карда, қайд мекунад, ки «чиниҳо аз технологияҳои навтарини парвариши растаниҳо бархӯрдоранд, ки ин ба манфиати Тоҷикистон аст, чунки деҳқонони тоҷик метавонанд дар ҳамин ҷо аз таҷрибаи онҳо баҳра баранд. Дастовардҳои он кишвар дар арсаи деҳқонӣ хеле назаррас аст. Бинобар ин, ҳарчи бештар ҷалб кардани онҳо ба Тоҷикистон ба манфиат аст. Онҳо, албатта, бо худ техникаву технологияҳои навро меоранд ва ба манфиати деҳқонони тоҷик низ ҳаст».

Додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба хориҷиён, махсусан ба чиниҳо аз ҷониби дигар нафарон низ дастгирӣ мешавад. Чунончи, Н. Додобоев қарори ба иҷора додани заминҳоро ба чиниҳо ба манфиати Тоҷикистон ҳисобида, чунин ҳолатҳоро манфиатнок меҳисобад: 1) инҳо заминҳои бекорхобида ва ба эрозия гирифторшуда мебошанд. Онҳо мехоҳанд сармояи зиёдро барои барқароркунии заминҳо истифода кунанд, ки ин кор аз ду то панҷ солро дар бар мегирад. Маҳсулоти парваришшуда дар бозори ватанӣ фурӯхта хоҳад шуд; 2) кишоварзони чинӣ барои азхудкунии заминҳои ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ ва Ёвон ҳудуди ду миллион доллари ИМА сарф карданӣ ҳастанд. Бисёр мутахассисон бар он ақидаанд, ки бо ёрии кишоварзони чинӣ мумкин аст таркиби хокро барқарор кард. В. Воҳидов таҷрибаи кори кишоварзони кореягиро дар солҳои Шуравӣ дар заминҳои ҷумҳурӣ ёдовар шуда, қайд мекунад, ки «кишоварзони чинӣ метавонанд ба кишоварзони маҳаллӣ таҷрибаи худро омӯзанд. Онҳо мехоҳанд дилхоҳ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда, дар ин ҷо муқимӣ шаванд. Ба мо зарур аст, ки дар назди онҳо шартҳои худро гузорем, то онҳо бо кишоварзони тоҷик дар якҷоягӣ ва зери назорати ниҳодҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати кишоварзӣ кор кунанд».

Ворид намудани техника ва технологияҳои нав аз ҷониби чиниҳо кори хуб аст, аммо он ҷанбаҳои манфӣ низ дорад. Чунончи баъзе аз усулҳои коркарди замин аз ҷониби онҳо ба муҳити зист ва қабати ҳосилхези хок таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ҷиҳати манфии ба чиниҳо иҷора додани заминҳои кишоварзӣ мебошад. Тавре қайд мегардад, шиори чиниҳо «ҳосили бештар – бо ҳар роҳ» мебошад. Яъне, чиниҳо миқдори зиёди маводи кимиёвӣ ва нуриҳоро истифода мекунанд, ки дар натиҷа баъди ба охир расидани муҳлати иҷора замин қариб, ки аз гардиши кишоварзӣ боз мемонад. Ин ҳолат экологҳо ва кишоварзонро ба ташвиш овардааст. Илова бар ин, истифодаи аз ҳад зиёди маводи кимиёвӣ заминҳои дар ҳамсоягӣ қарордоштаро низ заҳролуд мекунад, ки дар натиҷа заминҳои дигар аз ҳосил бозмемонанд. Ба андешаи мо новобаста аз тарафҳои мусбати масъала ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ тарафҳои манфӣ низ дорад. Аз ин рӯ, пешниҳод мекунем, ки ҳангоми бастани шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо субъетҳои хориҷӣ ва ватанӣ чунин ҳолатҳо бояд ба назар гирифта шаванд:

1) Пеш аз ба иҷора додан ва пас аз анҷоми муҳлати иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври ҳатмӣ гузаронидани экспертизаи давлатии сифати хок ва ҳосилхезии он. Сабаб дар он аст, ки аксари хориҷиёне, ки заминро ба иҷора мегиранд, бо анҷоми муҳлати он масъулият зоҳир намекунанд. Ҳол он ки заминҳои ҳосилхез ва корами кишварро ба дараҷаи нокорамӣ оварда мерасонидаанд. Аз ин рӯ, гузаронидани экспертизаи сифати хок ва ҳосилнокии он метавонад, ки вазъи заминро то иҷора ва пас аз иҷора муайян созад. Илова бар ин, мавҷудияти экспертизаи мазкур барои бандубасти кирдор тибқи моддаи 228 КҶ ҶТ (хароб кардани замин) ва моддаи 147 КҲМ ҶТ (ифлос кардани замин) метавонад мусоидат намояд ва масъулияти заминистифодабарандагонро низ дучанд гардонад;

2) Хуб мешуд, ки дар қонунгузории замин пешниҳод намудани ҳисоботи ҳарсола ба мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ҳаҷм, намуд ва сифати маводи кимиёвие, ки дар замин истифода мегардад, ҳамчун ӯҳдадории иҷорагир муқаррар карда шавад. Мавҷудияти чунин ӯҳдадории иҷорагир яке аз роҳҳои самараноки пешгирии беҳосилӣ ва ҳифзи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад.

3) Яке аз роҳҳои ҳифзи заминҳои таъиноти кишоварзӣ киштгардон намудани он аст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки ҳангоми ба иҷораи дарозмуҳлат додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ масъалаи киштгардонии замин ҳамчун ӯҳдадории иҷорагир муқаррар карда мешуд. Ҳолатҳои зиёде ба мушоҳида мерасад, ки иҷорагирони заминҳо муддатҳои дуру дароз як навъ маҳсулотро кишт мекунанд, ки ин ба ҳосилхезии замин таъсири манфӣ дорад. Бинобар ҳамин, иҷорагир бояд, ки бо дарназардошти ҳолати замин, навъи маҳсулот ва хулосаи мақомоти дахлдор ҳар чорсола маҳсулоти киштшавандаро иваз кунад. Масалан, баъди чор соли кишти як навъ маҳсулот бояд дигар навъи маҳсулот кишт карда шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.
2. Кодекси граждании ҶТ қисми II аз 11 декабри соли 1999. – № 885.
3. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996. – № 23.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008. – № 375.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016. – № 1289.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990. – № 184.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин» аз 5 марти соли 1992. – № 595.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 28 апрели соли 2001. – № 168.
9. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор» аз 5 марти соли 2007. – № 240.
10. Азимзода, А.Ш., Ойев Х. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / А.Ш. Азимзода, Х. Ойев. – Душанбе, 2016.

**ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН**

Таҳқиқи шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бидуни муайян сохтани вазъи ҳуқуқии тарафҳои ин шартнома аз имкон берун аст. Зеро яке аз унсурҳои асосии шартномаи мазкурро вазъи ҳуқуқии тарафҳо ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шартномаи иҷораи қитъаи замин, таъиноти қитъаи замин, заминистифодабаранда, вазъи ҳуқуқии шартномаи иҷораи қитъаи замин, қонунгузории замин, тарафҳои шартномаи иҷораи қитъаи замин, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи замин.

**ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ СТОРОН ДОГОВОРА АРЕНДЫ ЗЕМЛИ**

Изучение договора аренды земли сельскохозяйственного назначения невозможно без определения правового положения сторон этого договора. Потому что одним из основных элементов этого договора является правовой статус сторон. Поэтому определение правового положения сторон в договоре аренды земли сельскохозяйственного назначения является одним из важнейших вопросов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** договор аренды земельного участка, назначение земельного участка, землепользователь, правовой статус договора аренды земельного участка, земельное законодательство, стороны договора аренды земельного участка, гражданские права, права на землю.

**LEGAL STATUS OF THE PARTIES TO THE LAND LEASE AGREEMENT**

The study of the lease agreement for agricultural land is impossible without determining the legal status of the parties to this agreement. Because one of the main elements of this agreement is the legal status of the parties. Therefore, determining the legal status of the parties in an agricultural land lease agreement is one of the most important issues.

**KEYWORDS:** land lease agreement, purpose of a land plot, land user, legal status of a land lease agreement, land legislation, parties to a land lease agreement, civil rights, rights to land.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобониёзов Сӯҳроб Рустамович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Бобониёзов Сухроб Рустамович*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

**Information about the author**: ***Boboniyozov Suhrob Rustamovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

# ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ НАВИ ДАВЛАТ

***Мазабшоева Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳоло назарияҳои сотсиологӣ, легистӣ ва либертарии давлат ҷудо карда мешаванд. Айни замон назарияҳои сотсиологӣ ва легистӣ аз нуқтаи назари фаҳмиши либертарии давлат таҳлил мегарданд. Чунончи, ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи сотсиологӣ

давлатро чун ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ, новобаста аз қонун, дар чорчӯбаи ақидаи ягонаги ҳуқуқ ва қонун таҳлил мекунад. Назарияҳои позитивистон (Ҷ. Остин, Г.Ф. Шершеневич, Л. Гумплович) ва назарияи марксистӣ-ленинӣ оид ба давлат - ҷузъи назарияи сотсиологӣ эътироф мешаванд. Тибқи назарияҳои позитивистон, давлат - аввалин ва ҳуқуқ - дуввумин аст, чунки давлат ҳуқуқро (қонунро) эҷод намуда, бо қонунҳои эҷодкардааш алоқаманд нест. Дар назарияи марксистӣ-ленинӣ бошад, давлат чун ташкилоти, аслиҳаи, «машинаи» ҳукмронии синфӣ, диктатураи (зӯроварии) синфӣ (новобаста аз қонун) арзёбӣ мегардад. В.А Четвернин камбудии назарияҳои сотсиологиро дар он мебинад, ки онҳо давлатҳои ҳам демокративу либералӣ ва ҳам истибдодиву тоталитариро чун давлат эътироф мекунанд (давлати истибдодӣ ҳам давлат аст). Аммо либертаристон давлати истибдодӣ ё тоталитариро чун давлат эътироф намекунанд.

Ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи сотсиологӣ ҳуқуқҳои фитрӣ ва давлати ҳуқуқиро эътироф карда наметавонад, чунки дар ин назария ҳар гуна давлат (истибдодӣ, тоталитарӣ ва м.и.) давлат аст. Ба ақидаи муаллиф, дар назарияи сотсиологӣ ба ҷойи ақидаи «давлати ҳуқуқбунёд» аслан ақидаи «давлати қонунбунёд» истифода мешавад, чунки ҷонибдорони назарияи сотсиологӣ волоияти на ҳуқуқ, балки қонунро эътироф мекунанд.

В.А. Четвернин аз С.С. Алексеев, ки пештар ҷонибдори назарияи шуравии давлат буд, дар хусуси муносибати шуравӣ ба назарияи давлати ҳуқуқӣ чунин иқтибос меорад: «Аз нигоҳи илмӣ ин назария беасос аст, чунки ҳуқуқ табиатан аз давлат боло буда наметавонад. Илова ба ин, он асосҳо ва принсипҳои ҳуқуқии мутлақ, ки бояд нисбат ба давлат афзалиятнок бошанд, нофаҳмо ва номуайянанд. Назарияи буржуазии «давлати ҳуқуқбунёд» - назарияи бардурӯғ ва сохта аст».

Аксари муаллифони собиқ шуравӣ дар шароити имрӯза аз андешаву назарияҳои пештараи мафкуравии хеш даст кашиданд. Масалан, ҳамон профессор С.С. Алексеев, ки ӯро В.А. Четвернин ҳомии назарияи марксистӣ (сотсиологӣ) ва ҳарифи назарияи давлати ҳуқуқбунёд меномад, ҳоло аз давлати ҳуқуқбунёд бештар пуштибонӣ мекунад. С.С. Алексеев аз ҷумла менависад: «акнун … сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ - қонунҳо, пеш аз ҳама Конситутсия - чун қуввае баромад мекунанд, ки ҳокимиятро ба низом меоранд, чун маҳаки имкону ҳадди фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор истифода мешаванд».

Тибқи ақидаи васеъ паҳнгашта (дар назарияҳои фитриву либертаристӣ), қонун метавонад зиддиҳуқуқӣ бошад ва аз ин хотир волоияти танҳо ҳуқуқ эътироф мешавад. Ба андешаи В.А. Четвернин сотсиологҳо ҳуқуқу қонунро ҷудо намекунанд. Барои мисол ӯ аз китоби В.М. Сирих иқтибос меорад: «камбудии асосии назарияи давлати ҳуқуқбунёди охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар иртибот бо ин ки кадом ҳуқуқ давлатро бояд маҳдуд кунад, ки манбаи ин ҳуқуқ аст, механизми вобастагии давлат аз ҳуқуқ чӣ гуна аст то ҳозир бартараф нашудааст».

Ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи легистӣ (намояндаи барҷастааш - Г. Келзен) давлатро дар иртибот бо қонун меомӯзад. Тафовути назарияи легистиро аз назарияҳои дигар ӯ дар он мебинад, ки агар сотсиологҳо ва сиёсатшиносон шуғли омӯзиши муносибатҳои ҳокимиятии воқеӣ бошанд, файласуфон атрофи давлати намунавӣ ҳарф зананд, пас легистҳо бо омӯзиши қонунҳо машғуланд, яъне давлатро чун муқаррароти қонунгузорӣ арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи муаллиф, дар назарияи легистӣ тафовути давлати демократӣ аз давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ гузаронида намешавад, дар ин назария ҳар гуна давлат новобаста аз моҳияташ давлат аст, зеро дар қонун пешбинӣ шудааст.

Муаллиф, хамчунин, имкони эътирофи ақидаи давлати ҳуқуқии аслиро дар назарияи легистӣ рад мекунад, чунки тибқи андешаҳои легистон, ҳар гуна давлат, модоме ки дар қонун пешбинӣ шудааст, ҳуқуқӣ аст (давлати ғайри ҳуқуқӣ имконнопазир аст). Ба ибораи дигар, давлат метавонад худсарона қонун муқаррар кунад ва дар ҳар маврид давлат дар робита бо қонун, новобаста аз моҳияташ маънидод мешавад.

Ба андешаи В.С. Нерсесянс, дар назарияи легистӣ ҳокимияти давлатӣ ҳамеша бо қонун вобаста аст, агар қонун набошад, пас ҳокимияти давлатӣ низ нест. Дар назарияи легистӣ, ба қавли В.С. Нерсесянс, «давлат гуфта, танҳо чунин ташкилоти ҳокимияти сиёсиро меноманд, ки онро ҳокимият худаш дар қонунҳои хеш муқаррар мекунад».

Назарияи либертарии давлатро ҷонибдоронаш (В.С. Нерсесянс, В.А. Четвернин ва диг.) назарияи ҳуқуқӣ меноманд. Ба андешаи онҳо, маҳз дар ҳамин назария фаҳмиш ва мафҳуми ҳуқуқии давлат пешкашу истифода мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқии давлат дар таърифи В.С. Нерсесянс ба давлат акс меёбад: «давлат - ин шакли ҳуқуқии (навъи ҳуқуқии) ташкил ва амали ҳокимияти сиёсии омма аст».

Ба андешаи В.С. Нерсесянс, давлат чун падидаи ҳуқуқӣ - ин «шакли ташкилӣ-ҳокимиятии ифода, мушаххасгардонӣ ва амалӣ гаштани баробарии шаклӣ аст». Давлатро ӯ дар робита бо ҳуқуқ меомӯзад. Ҳуқуқ - шакли меъёрии ифодаи озодӣ, давлат - шакли ҳокимиятии ифодаи озодии одамон мебошанд. Озодии одамон дар он ифода меёбад, ки одамон шаклан баробар буда, «чун субъектони ҳуқуқ ва субъектони давлат» баромад мекунанд. Дар ин замина В.С. Нерсесянс таърифи зерини давлатро пешкаш мекунад: «давлат - ин ташкилоти ҳуқуқии (яъне ба баробарии шаклӣ асосёфтаи) ҳокимияти оммаи (сиёсии) афроди озод аст».

Ба андешаи В.С. Нерсесянс, моҳияти ҳуқуқӣ ва манбаи ҳуқуқии давлат дар ҳамаи давлатҳои пеш ҷой дошта, ба шаклу андозаи гуногун ифода меёфтанд. Ӯ сатҳи баркамолии давлатро аз рӯйи ҳамин маҳак, яъне дар заминаи сатҳи ифодаи моҳияти ҳуқуқии давлат ва таъмини манбаи ҳуқуқии он муайян мекунад. Баробарии шаклии одамони озод, имкони иштироки онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ва давлат ҳар чи қадар хубтар таъмин бошад, пас ин нишонаи пешрафти давлат аст. Марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи давлат чун давраҳои болоравии давлат, торафт бештар таъмин гаштани баробарӣ, озодӣ ва адолат арзёбӣ мешаванд.

Либертаристон давлатро дар заминаи аз ҳам ҷудо намудани ҳуқуқ ва қонун меомӯзанд. Ба андешаи, масалан, В.А. Четвернин, агар қонунҳои ҳокимият озодии одамонро инкор намоянд, пас ин гуна қонунҳо - қонунҳои на давлат, балки истибдоданд (тавре таъкид гардид, ки либертаристон давлати истибдодӣ ё тоталитариро - давлат эътироф намекунанд). Либертаристон танҳо мафҳуми ҳуқуқии давлатро ҷонибдорӣ мекунанд. Ин фаҳмиш дар заминаи тафовути ҳуқуқ ва қонун, қонуни ҳуқуқӣ, озодии инсон имконпазир аст. Давлат ва озодии инсон аз ҳам ҷудонашаванда эътироф мешаванд. Таъиноти аслии давлат дар таъмини озодии одамон эҳсос мегардад. Ба ақидаи В.А. Четвернин, давлат - «ин шакли ҳастӣ ва амалӣ гаштани озодии одамон дар ҳаёти иҷтимоии онҳост».

Дар назарияи либертарӣ (мисли назарияҳои дигар) давлат - ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ аст. Аммо ин ташкилот бояд ҳуқуқӣ бошад. Илова бар ин, либертаристон аломатҳои давлатро низ аз нигоҳи ҳуқуқ таҳлил мекунанд. Чунончи, соҳибихтиёрии давлат маънои онро дорад, ки ҳокимияти давлатӣ воло буда, вале муқтадир (тавоно) нест, номаҳдуд нест, бо озодии шаҳрвандон маҳдуд мешавад, ҳадди ҳуқуқиро соҳиб мегардад.

Назарияи либертарӣ аз усули тамаддунӣ низ истифода мебарад. Айни замон истифодаи ин усул ба мақсадҳои назарияи номбурда пурра тобеъ аст. Аз нигоҳи либертаристон, ду навъи тамаддун аз ҳам фарқи куллӣ доранд: 1) тамаддуни фардӣ ва 2) тамаддуни низомӣ. Дар шароити тамадуни фардӣ озодии инсон таъмин аст, ин ҷо инсон озодона, новобаста аз низоми ҷамъиятиву давлатӣ ҳаёту фаъолият дорад. Дар тамаддуни низомӣ бошад, баръакс, инсон побанди низоми мавҷудаи ҷамъиятиву сиёсӣ аст, барои ҳамин низом хизмат мекунад, озодиаш таъмин нест. В.А. Четвернин ба ин ақида аст, ки дар манотиқи Шарқи Қадим тамаддуни низомӣ ташаккул меёбад, сипас халқҳои Юнону Рим рӯ ба тамаддуни фардӣ меоранд ва ҳоло дар минтақаи Европа тамаддуни фардӣ пурра инкишоф меёбад. Дар давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ, ба андешаи ӯ, тамаддуни низомӣ ҷой дорад.

Чунин хулосаҳо табиист ки қобили қабул нестанд. Онҳо барои воло гузоштани як тамуддун нисбати тамаддуни дигар, эътирофи арзиши тамаддуни ғарбӣ ва сарфи назар намудани арзиши тамаддуни шарқӣ мусоидат мекунанд. Ба тамаддунҳои «низомӣ» (хилофи озодии инсонӣ) нисбат додани тамаддуни умуман Шарқ, аз ҷумла тамаддунҳои замонҳои пеш, масалан, тамаддуни ориёӣ ва дар ин замина чун таҷрибаи давлатдории мутлақо мустабид арзёбӣ намудани таърихи давлатдории Шарқ хилофи таҷрибаи ҷамъиятиву давлатии мамолики минтақаи Шарқ аст.

В.А. Четвернин ва умуман либертаристҳо танҳо давлати хуқуқиро, давлатро чун шакли ҳуқуқии ташкилу фаъолияти ҳокимият, шакли таъмини озодии одамон эътироф мекунанд. Ба андешаи онҳо, давлати истибдодӣ ва тоталитарӣ, ки шакли ғайриҳуқуқии ҳокимият (давлати қонунӣ, ба қонун асосёфта, на ба ҳуқуқ) ва хилофи озодии одамон аст, дар асл давлат нест.

Ба андешаи В.А. Четвернин, ҳокимияти тоталитарӣ «хилофи ҳокимияти давлатист» ва аз ин нуқтаи назар «давлати тоталитарӣ ҷой дошта наметавонад». Қонунгузории давлати тоталитарӣ низ, ба фикри муаллиф, дар асл қонугузорӣ нест, чунки зидди ҳуқуқ аст, «қудратист». Ҳокимияти тоталитарӣ, ба гуфти В.А. Четвернин, «озодии зердастони ҳокимиятро нест мекунад».

Ҳамин тариқ, В.А. Четвернин давлатро чун ташкилоти ҳуқуқии ҳокимият маънидод намуда, ҳар гуна давлатҳои, ба гуфти ӯ, ғайриҳуқуқиро чун ташкилоти ҳокимиятии ғайриҳуқуқӣ инкор мекунад. Ба андешаи ӯ, давлат - ин ташкилоти ҳокимияти сиёсии навъи ҳуқуқист, ки ақаллан андозаи ками озодии ҳуқуқиро - ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, моликият, амниятро таъмин мекунад. Аз ин нуқтаи назар ӯ ба давлат шакли идораи истибдодро муқобил мегузорад ва онро чун ташкилоти ҳокимиятии навъи қудратӣ (аз истибдоди қадима то тоталитаризми муосир) арзёбӣ мекунад. Давлат, ба андешаи муаллиф, танҳо дар фарҳанги ҳуқуқӣ арзи вуҷуд дошта, ҳадди ками озодиро (барои қисми аҳолӣ бошад ҳам) таъмин мекунад.

Бар замми ин, В.А. Четвернин фарҳанги ғайриҳуқуқиро бо идораи истибдод алоқаманд мекунад, яъне дар кишварҳои, масалан, Шарқи Қадим, ки онҳоро муаллиф мутааллиқ ба шакли ҳаёти истибдодӣ медонад, давалат ҷой надорад. Ба гуфти муаллиф, ҳокимияти истибдодӣ дар тамаддунҳои бузурги қадим, дар шароити гузаронидани корҳои обёрикунӣ ташаккул ёфтааст.

В.А. Четвернин ду масъаларо аз ҳам ҷудо таҳлил мекунад: 1) пайдоиши ҳокимияти истибдодӣ ва 2) пайдоиши ҳуқуқу давлат. Ба андешаи ӯ, пайдоиши ҳокимияти истибдодӣ ва пайдоиши давлат - ду раванди гуногун буда, аз ҳам фарқи куллӣ доранд, яъне онҳоро бо ҳам набояд омехт. Илова ба ин, В.А. Четвернин ин ду раванди ҷамъиятиро боз бо тамаддун мепайвандад. Пайдоиши ҳокимияти истибдодӣ - хоси тамаддуни ғайриҳуқуқӣ ва пайдоиши давлат - мутааллиқ ба тамаддуни ҳуқуқӣ эътироф мешавад. Ба ақидаи В.А. Четвернин, агар истибдод дар тамуддуни ғайриҳуқуқӣ пайдо шуда бошад, пас давлат аввалин маротиба дар «тамаддуни юнониву римӣ», дар заминаи моликияти хусусӣ ва озодӣ пайдо шудааст.

Аммо воқеияти таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат бидуни моликияти хусусӣ низ пайдо мешавад. Инро муҳаққиқони муосир дар мисли ҳамон давлатҳои Шарқи Қадим исбот мекунанд, ки онҳоро В.А. Четвернин давлат неву, балки истибдод (идора дар заминаи зулму ситам) меномад. Гӯё зулм танҳо хоси мамолики Шарқи Қадим будаасту, тамаддуни юнониву римӣ аз зулм бехабаранд. Ҳаминро низ бояд таъкид кард, ки моликияти хусусӣ ҳам метавонад манбаи истисмори одам гардад. Г.В. Атаманчук дар ин хусус менависад: «Ҳокимияти соҳибмулк аз ҳокимияти давлат дида метавонад бештар диктаторӣ бошад».

Муҳаққиқони имрӯза аз ақидаи В.А. Четвернин дар хусуси ба ҳам муқобил гузоштани давлат ва истибдод пуштибонӣ намекунанд. Масалан, Н.Н. Деев истибдодро чун навъи махсуси давлат эътироф мекунад. Ӯ зидди ашдешаҳои В.А. Четвернин оид ба таносуби озодӣ ва давлат, набудани озодии фардӣ ва давлати аслӣ дар Шарқи Қадим баромад мекунад. Ба ақидаи Н.Н. Деев, агар озодӣ маънои вуҷуди андозаи хурди мухтории шахсро дошта бошад, пас давлат дар ҷамъиятҳои қадими шарқӣ низ арзи вуҷуд дошт. Ба андешаи Н.Н. Деев, дар ҳар сурат давлатҳои Шарқ тоталитарӣ набуданд.

Дар назарияи либертарии В.А. Четвернин давлатҳои тоиндустриалӣ, давлатҳои муосири ҳуқуқбунёд ва полисиявӣ (на ба маънои «полис» - шаҳр-давлати қадимаи юнонӣ, балки дар иртибот бо мақомоти полис) эътироф мешаванд. Илова бар ин, В.И. Четвернин давлатҳои либералӣ ва иҷтимоиро ҷудо мекунад: дар давлати либералӣ ҳокимият озодии бештари одамонро эълон намуда, ба ҳаёти хусусӣ дахолат намекунад, дар давлати иҷтимоӣ дахолати бештари давлат баҳри дастгирии аҳолии камбизоат ба мушоҳида мерасад. В.А. Четвернин аз давлатҳои полисиявӣ ва ҳуқуқӣ пуштибонӣ мекунад.

В.С. Нерсесянс ба он ақида аст, ки назарияи либертарӣ ба эътирофи аҳаммият ва арзиши ҳуқуқу давлат асос меёбад. Ӯ фарқи назарияи либертариро аз назарияҳои позитивӣ ва легистӣ маҳз дар ҳамин мебинад. В.С. Нерсесянс имкони истифодаи қувваро дар давлат инкор намекунад. «Зӯроварӣ, тибқи ин назария, - менависад ӯ, - танҳо дар шакли санксияи давлатии ҳуқуқи қонунигашта (қонуни ҳуқуқӣ) равост».

В.С. Нерсесянс ҳар гуна давлатро бо баробарии шаклӣ алоқаманд мекунад. Ба ақидаи ӯ, хуқуқ ва давлат бе ҳам арзи вуҷуд надоранд. Бино ба суханони муаллиф, «ҳуқуқ ва давлат шаклҳои ҳатмии умумии ифодаи меъёрӣ ва сохторӣ-ҳокимиятии озодии одамонанд». В.С. Нерсесянс давлатро чун ташкилоти ҳуқуқӣ-оммавии «ҳокимияти афроди озод» таъриф медиҳад.

Тибқи назарияи В.С. Нерсесянс, моҳияти давлат низ маҳз дар таъмини ҳамин баробарии шаклии ҳамаи одамон ифода меёбад. Илова бар ин, чунин моҳияти давлат (онро муаллиф «моҳияти ҳуқуқии давлат» меномад) хоси ҳамаи давлатҳост, «дар ин ё он шакл дар ҳамаи навъҳои таърихӣ ва шаклҳои давлат ифода меёбад».

Либертаристон (В.С. Нерсесянс, В.А. Четвернин ва диг.) бар он ақидаанд, ки арзишҳои давлат ва ҳуқуқ (баробарӣ, озодӣ, адолат) - арзишҳои танҳо ҳуқуқианд. Мухолифин андешаи муқобилро пешкаш мекунанд, аз ҷумла ҷонибдори ақидаанд, ки арзишҳо - танҳо ҳуқуқӣ буда наметавонанд (масалан, хислати ахлоқӣ низ доранд).

Як гурӯҳ муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки арзишҳои давлат ва ҳуқуқ - хислати ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ дошта, ҳамагонӣ мебошанд, зеро ахлоқ кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Аммо ҷонибдорони назарияи либертарӣ ин арзишҳоро - ҳуқуқӣ меҳисобанд. В.С. Нерсесянс, аз ҷумла менависад, ки адолат – «категорияи ҳуқуқӣ аст», на «ахлоқӣ, динӣ ва ғ.». Ӯ аз «баробарии шаклӣ» пуштибонӣ намуда, зидди «баробарии воқеӣ» баромад мекунад, онро чун падидаи зиддиҳуқуқӣ маънидод мекунад.

О.В. Мартишин зидди ин андешаҳои В.С. Нерсесянс аст. Ӯ менависад: «Адолат – категорияи ахлоқӣ аст, ки ба кулли соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ паҳн мешавад, аз он ҷумла ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ». Ба андешаи О.В. Мартишин, «адолат, некӣ ва бадӣ - категория ва арзишҳои ахлоқианд, на ҳуқуқӣ» ва илова ба ин, «ба назарияи ҳуқуқ ягон муносибат надоранд». Чунин ақидаро муҳаққиқони дигар низ ҷонибдоранд. Масалан, М.Н. Марченко менависад: «Ишора ба категорияҳои ахлоқии адолат, некӣ ва бадӣ барои тавсифи ахлоқ муҳиманд, на ҳуқуқ». Барои исботи дурустии ин андеша О.В. Мартишин ба асарҳои муҳаққиқони Ғарб (Ж. Дабэн - аз Фаронса, Д. Манэ - аз донишгоҳи Женева, Н. Боббио - аз Италия, Н. Неновски - аз Болгария ва диг.) ишора мекунад, ки андешаи фарқи адолат ва ҳуқукро ҷонибдорӣ мекунанд.

О.В. Мартошин назарияи либертариро зери танқид мегирад. Ба андешаи ӯ, агар либертаристон баробарии шаклӣ ва баробарии воқеиро хилофи ҳамдигар шуморанд, пас муҳаққиқони дигар (аз ҷумла худи ӯ) бар он ақидаанд, ки ин ду шакли баробарӣ ҳамдигарро пурра мекунанд, масалан, дар заминаи баробарии воқеӣ (баробар намудани шароити ҳаёт) баробарии шаклӣ низ пурра таъмин мегардад.

О.В. Мартишин аз назарияи адолати Ҷ. Ролс (муҳаққиқи муосири амрикоӣ) пуштибонӣ мекунад. Тибқи ин назария, адолат ба ду ғоя асос меёбад: 1) ҳамаи одамон дорои озодии баробаранд, ки баробарии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ номида мешавад ва 2) ғояе, ки ду нуқтаи асосиро дар бар мегирад: а) нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ танҳо ба фоидаи бенавоён; б) дастраси ҳама будани мансабҳо.

Тавре болотар зикр гашт, В.А. Четвернин аз озодии фардӣ пуштибонӣ мекунад. Хилофи ин андеша муҳаққиқони дигар баромад мекунанд. Масалан, ба андешаи Г.В. Малтсев, эълони озодии фардӣ ва ҳуқуқҳои инсон чун «арзиши олӣ» хоси фарҳанги ғарбӣ, либерализми ғарбӣ буда, хилофи «нуқтаҳои ахлоқии таълимоти динии насоронист».

О.В. Мартишин либертаризмро «қаноти рости либерализм» меномад. Либертаристон, ба қавли ӯ, аз ақидаҳои асосии либералистон пуштибонӣ намуданд, ки «маънои манъ намудани функсияҳои иҷтимоии давлат ва танзими давлатии иқтисодро доранд». Ҳамзамон, зарурати манъи фаъолияти иҷтимоиву иқтисодии давлат таҳти шиори «ҳифзи ҳуқуқҳои шахс» сурат мегирад. «Чунин аст тафсири маҳдуд, зиддиинсонӣ ва зиддиҷамъиятии озодӣ», - менависад О.В. Мартишин.

Тавре мушоҳида гардид, нуқтаи назари либертарӣ ва умуман назарияи либертарии давлат байни муҳаққиқони ҳам пасошуравӣ ва ҳам ғарбӣ мухолифони зиёд дорад. Чунончи, муҳаққиқи ғарбӣ Т.Оноре дар асараш «Алоқаи ҳатмӣ байни ҳуқуқ ва ахлоқ» (Оксфорд, 2002) назарияи позитивиро «маҳбас» меномад, ки дахолати ҳар гуна арзишҳои ахлоқиро ба ҳуқуқ инкор мекунад. Ба ақидаи ӯ, адолат, виҷдон, баробарӣ ва дигар арзишҳои ахлоқӣ дар ҳуқуқ нақши муҳим доранд, ҳатто агар дар сарчашмаҳои ҳуқуқ ифода нагашта бошанд ҳам.

Дар адабиёт ба назарияҳои дигари давлат низ ишора мешавад. Чунончи, А.Н. Головастикова назарияҳои зерини давлатро таҳлил мекунад:

- назарияи меъёрӣ (Г. Келзен), ки давлатро чун натиҷаи амали меъёрҳои ҳуқуқ эътироф мекунад;
- назарияи сотсиологии ҳамраъйӣ, ки нақши давлатро дар таъмини ҳамраъйии одамон мебинад;
- назарияи нажодпарастӣ (Ж.А. де Габино, ҷонибдорони мафкураи фашистӣ), ки заминаи мафкуравии давлати фашистии Олмон (дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон), Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ гашта, ба андешаи ҳукмронии «нажоди олӣ» дар ҷаҳон ва мутеъ будани «нажодҳои паст» такя мекунад;
- назарияи элитаҳо, ки зарурати идораи давлатро аз ҷониби маҳз элита (табақаи болои ҷомеа) ҳимоя мекунад, чунки халқ чунин қобилият надорад; элита дар заминаи нишонаҳои гуногун ташаккул меёбад (вазъи иҷтимоӣ, маълумот, таҷриба, истеъдод ва ғ.);
- назарияи технократӣ, ки пешрафти давлатро бо идоракунии технократҳо (мутахассисони дорои донишҳои технологӣ), истифодаи дастовардҳои техникӣ (компютерҳо, воситаҳои технологӣ ва ғ.) алоқаманд мекунад;
- назарияи демократияи плюралистӣ (гуногун), ки ҷомеаро иборат аз гурӯҳҳои гуногуни одамон (аз рӯйи синну сол, фаъолияти касбӣ ва ғ.) медонад; ҳар аъзои ҷомеа тавассути ташкилотҳои сиёсӣ дар идоракунии давлат иштирок мекунад;
- назарияи хайри умум, ки хислати ғайри синфии давлатро эътироф мекунад; ҳамзамон давлат вазифаи таъмини некуаҳволии ҷомеаро иҷро мекунад, ба ҳаёти одамон дахолат намекунад, манфиати ҳамаро ифода мекунад;
- назарияи давлати ҳуқуқбунёд, ки волоияти ҳуқуқро дар давлат эътироф мекунад;
- назарияи конвергенсия, ки дар давраи ба низоми сотсиалистӣ ва капиталистӣ ҷудо шудани ҷаҳон пайдо шуда, имкони бо ҳам наздик шудани ин ду сохти ҷамъиятиро пешгӯйӣ намуда буд.

Тибқи ақидаи В.Е. Чиркин, оид ба давлат панҷ нуқтаи назар ҷой доранд: илоҳӣ, арифметикӣ (классикӣ), ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва техникӣ-кибернетикӣ.

Нуқтаи назари илоҳӣ дар Шарқи Қадим (Миср, Бобулистон ва ғ.) ташаккул ёфта, ҳоло дар динҳои яҳудиён, динҳои насронӣ ва ислом истифода мешавад. Тибқи он, давлатро Худо офарида, инкишофи минбаъдаи давлат низ дар китобҳои муқаддаси динӣ пешакӣ муайян мешавад. Ин нуқтаи назар ҷузъи сиёсати давлатҳои имрӯзаи динӣ, аз ҷумла исломӣ буда, дар як қатор давлатҳо дар фаъолияти ҳизбҳо, масалан, ҳизби христианӣ-демократии Олмон истифода мешавад. Нуқтаи назари арифметикӣ давлатро ҳамчун василагари се унсур - ҳокимият, ҳудуд ва аҳолӣ дарк мекунад. Тибқи нуқтаи назари ҳуқуқӣ (Г. Еллинек, Г. Келзен, В.С. Нерсесянс, В.А. Четвернин ва диг.) давлат дар иртибот бо ҳуқуқ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, шакли ҳуқуқии ҳокимият дарк мегардад. Дар заминаи нуқтаи назари сотсиологӣ фаҳмиши фардӣ (Ж.-Ж. Руссо, Т. Гоббс) ва коллективӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс, В.И. Ленин) ташаккул меёбанд: яке озодии фардро, ҳуқуқҳои фитрии ӯро, аз давлат вобаста набудани фард ва ҳуқуқҳояшро ва дигаре - давлатро чун падидаи коллективӣ (синфӣ) эътироф мекунад. Тибқи нуқтаи назари техникӣ-кибернетикӣ давлат дар заминаи низоми муташаккилонаи иттилоот (ҷамъу таҳлил ва истифодаи он дар идоракунии давлат) фаъолият дорад.

**АДАБИЁТ**

1 С.С. Алексеев. Социальная ценность права в советском обществе. М., 1971.
2 Алексеев С.С. Философия права / С.С. Алексеев. - М., 1999.
3 Сырых В.М. Теория государства и права / В.М. Сырых. - М., 1998.
4 Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца.

5 Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства / В.С. Нерсесянц. - М., 1999.

**ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ НАВИ ДАВЛАТ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи инкишофи назарияҳои нави давлат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар он ақидаҳои бархе аз донишмандони ин соҳа, ба монанди С.С. Алексеев, Г. Еллинек, Г. Келзен, В.С. Нерсесянс, В.А. Четвернин ва дигаронро овардааст. Ҳамчунин, муаллиф оид ба назарияҳои сотсиологӣ, легистӣ ва либертарии давлат низ маълумот овардааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сотсиологӣ, ҳокимият, назарияи пайдоиши давлат, адолат.

**РАЗВИТИЕ НОВЫХ ТЕОРИЙ ГОСУДАРСТВА**

В данной статье говорится о развитии новых теорий государства. Автор комментирует мнения некоторых ученых в этой области, таких как С. Алексеев, Г. Еллинек, Г. Кельзен, В. Нерсесян, В. Четвернин и др. Автор также приводит сведения о социологической, правовой и либертарианской теориях государства.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социология, власть, теория возникновения государства, справедливость.

**DEVELOPMENT OF NEW THEORIES OF THE STATE**

This article talks about the development of new theories of the state. The author comments on the opinions of some scientists in this field, such as S. Alekseev, G. Jellinek, G. Kelzen, V. Nersesyan, V. Chetvernin and others. The author also provides information about the sociological, legal and libertarian theories of the state.

**KEYWORDS:** sociology, power, theory of the emergence of the state, justice.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мазабшоева Таҳмина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **902000474.**

**Сведения об авторе:** ***Мазабшоева Тахмина*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **902000474.**

**Information about the author:** ***Mazabshoeva Tahmina*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **902000474.**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ВА АНДЕШИДАНИ ЧОРАҲО ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

***Сафарзода А.Ю.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ бо ҳама шаклҳои мураккаби зоҳиршавӣ, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибати шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ ва ба арзишҳое, ки таҳти ҳимояи қонун қарор доранд, ҳама вақт зарари ҷиддӣ мерасонад.

Коррупсия ба рушди ҳаёти ҷомеа монеа гашта, ба низоми идоракунӣ, амнияти миллӣ хавфу хатар эҷод мекунад. Ғайр аз оқибатҳои ҳуқуқӣ коррупсия боиси иллатҳои дигари иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, психологӣ, ахлоқӣ, маданию фарҳангӣ ва байнишахсӣ мегардад, ки мувофиқан ба афзоиши содиршавии кирдорҳои дигари ба ҷамъият хавфнок мусоидат мекунад. Бинобар ин, барои андешидани чораҳои самаранок оид ба муқовимат, ошкор ва бартараф кардани кирдорҳои коррупсионӣ зарурияти таҳлил ва коркарди ҷамъи масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ ба миён меояд [1, с. 2].

Омӯзиш ва таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки коррупсия дар муносибатҳои ҷамъиятӣ аз замонҳои қадим пайдо шуда, то имрӯз вуҷуд дорад, ки зарурияти муқовимат ба ин падидаи хавфнок, паст кардани таъсири он ба ҳаёти осоишта ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва қувваҳои солими ҷомеаро пеш меорад [2, с. 35-39].

Лекин чи хеле, ки ба назар мерасад, имрӯзҳо аксарияти аҳолӣ ба хусусиятҳои манфӣ доштани коррупсия аҳаммияти ҷиддӣ намедиҳанд, онро маҳкум намекунанд, амалҳои коррупсиониро ҷузъи воқеияти замони муосир дониста, ҳама шакли сохтор ва воҳидҳои маъмурӣ кирдорҳои коррупсиониро аз нигоҳи «нуфузи идора ё роҳбар» нодида мегиранд, зоҳирпарастӣ ва манфиатдорӣ зоҳир мекунанд.

Табдил додани сохтор, воҳидҳои маъмурӣ (ҳатто аз дармонгоҳ то мактабу боғчаҳои кӯдакон) ба нуқтаҳои тиҷоративу даромади гуруҳӣ ҷорӣ кардан, пайваста ва беасос баланд кардани меъёри пардохтҳо новобаста аз даромади ҳадди ақали аҳолӣ, беэътиноӣ нисбати ниёзу мушкилоти мардум рӯ ба афзоиш ёфта истодааст, ки боиси коста гаштани эътимоди мардум ба низоми маъмуриву идоракунӣ ва арзишҳои маънавӣ мегардад.

Ба мушоҳида мерасад, ки дар амалия баъзе кормандони мақомот, идора ё сохтори маъмурӣ аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ баромада, ба баҳсҳои меҳнатӣ, оилавӣ, қарзӣ, дигар баҳсҳои молумулкии байни шаҳрвандон, муносибатҳои шартномавии байни соҳибкорон ва фаъолияти молиявию хоҷагии шахсони ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ дахолат мекунанд, арзу муроҷиатҳои баррасиашон ба тобеияти мақомоти судӣ ё мақомоти дигари давлатӣ мансуббударо ба пешбурди худ қабул ва баррасӣ менамоянд. Аз ваколатҳои мансабии худ истифода намуда, бо кирдорҳои хавфноки худ маблағҳои шаҳрвандонро тасарруф менамоянд.

Таҳлили амалия бо муроҷиати шаҳрвандон нишон медиҳанд, ки ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ вобаста ба истифодаи ваколатҳои мансабӣ ба шакли зайл сурат гирифта истодаанд: " барпо карда шудани монеаҳои сунъӣ ба арзу муроҷиати шаҳрвандон, талаб кардани ҳуҷҷатҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст, қасдан гузоштани шаҳрванд дар чунин шароите, ки ӯ барои пешгирӣ кардани вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандааш маҷбур аст "мукофот" диҳад;

- талаб кардани маблағ барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати шахс, барои пуштибонӣ, саҳланкорӣ, сарпарастӣ, амалӣ накардани санҷишҳои фаъолияти ягон сохтор ё субъектони хоҷагидор;

- дар рафти санҷишҳо гирифтани молумулки шаҳрвандон ва барои баргардонидани онҳо талаб кардани маблағи муайян;

- бо суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ соҳибкорон, ташкилот ё муассисаҳо, шаҳрвандонро маҷбур сохтан ба харидории амволи муайян, таҷҳизот барои фаъолият;

- бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ тасарруф намудани молу мулки соҳибкорон ва шаҳрвандон;

- аз шаҳрвандон, ҳатто хоҷагиҳои деҳқонӣ пайваста талаб кардани маблағ гӯё барои сохтумони ягон иншоот, чорабинӣ, сафарҳои хизматӣ ё корҳои таъмиру ободонӣ;

- бо вайрон кардани тобеият мавриди санҷиш қарор додани муроҷиатҳо ва дигар маводҳои санҷишӣ;

- мусоидат намудан ба шахсони алоҳида дар содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ғайраҳо.

Аз тарафи дигар, чунин муносибат ба падидаҳои хавфнок аз канораҷӯӣ, бемасъулиятӣ, сатҳи пасти мафкура, чораҳои тарбиявию ҳуқуқӣ ва тарғиботу ташвиқотӣ дарак медиҳад. Боиси таассуф аст, ки воситаҳои ахбори умум низ ҳоло имконияти пурраи бартараф кардани чунин муҳити тоқатпазириро надоранд ва муносибати аҳли ҷомеа дар муқовимат бо коррупсия беҳбудиро тақозо менамояд.

Чунки таъсири хабару мақолаҳои нашршуда ба барпо кардани муҳити оштинопазир нисбати кирдорҳои коррупсионӣ паст гардида, коҳиш ёфтааст, андешаронӣ ва муҳокимаи масъалаҳои бо коррупсия алоқамандро ба вуҷуд намеорад. Чунин аҳвол ба пайдо шудани ҳисси нобоварӣ ба қонун ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ, ба тоқатпазирии аҳли ҷомеа нисбати ин падидаи хавфнок оварда истодааст. Қисмате аз хабарҳои расмӣ дар бораи ошкор шудани ҷинояти хусусияти коррупсионидоштаро аҳолӣ ҳамчун ифодаи рақобати доираи гурӯҳи манфиатдор, натиҷаи «холгирӣ-худнамоишдиҳӣ», ҳисобот дар назди роҳбарият, натиҷаи талоши ишғоли вазифа ва ё чун намоиши зоҳирии чорабинӣ қабул мекунанд.

Шаҳрвандони ҷумҳурӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ бояд аз амалу кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта шахсан ё бо ҳамроҳии дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд [3, с. 25].

Лекин таҳлили ҳолати баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки дар ин самт дар баробари беҳбудиҳо як қатор камбудию норасогиҳо низ ҷой доранд.

Масъалаи қабул, бақайдгирӣ, баррасӣ ва ташкили назорат вобаста ба муроҷиатҳои шаҳрвандон на ҳама вақт мувофиқи талаботи қонун ба роҳ монда мешавад, талаботи қонун бо ҳар гуна истисно, аз рӯйи манфиати корхона ё идора сарфи назар карда мешавад, арзу шикоятҳо сари вақт ба мақомоти дахлдор ирсол намешаванд. Муроҷиатҳои шаҳрвандонро баъзе шахсони масъул воситаи навбатии тамаъҷӯйӣ дониста, мавзуи муроҷиат ё шикоятро аз болои амал ё санади воҳид ё сохтори маъмурӣ ба мавзуи «тиҷорат ё даромад» табдил медиҳанд. Чунки ариза ё шикоят барои баррасӣ ба мақомот ва шахсони мансабдоре, ки оид ба фаъолият ва қарорҳои қабулнамудаи онҳо шикоят ворид гардидааст, ирсол мешавад, ки дар натиҷа ҳуқуқи шахсони бо ариза муроҷиаткарда бо ҳар гуна роҳ маҳдуд ва ё зери таъқиб тахти фишороварӣ қарор дода мешаванд.

Ҳангоми баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ба кашолкориҳо роҳ дода, ваҷҳҳои овардаи онҳо пурраю ҳаматарафа мавриди санҷиш қарор нагирифта, дар баъзе ҳолатҳо қарорҳои ғайриқонунӣ қабул карда мешаванд, ки ин боиси норозигии шаҳрвандон ва такроран муроҷиат намудан ба мақомоти болоӣ мегардад.

Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии кормандони сохтору воҳидҳои маъмуриву идоракунӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратура дар баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ба таври дахлдор ба амал баровардани назорат оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» [4], мақомоти прокуратура пайваста ва дар маҷмуъ корбариро бо муроҷиати шаҳрвандон, шаклҳои назоратро аз болои риоя ва иҷрои қонунҳо такмил дода истодааст. Дар ин самт назорати умумӣ ҳамчун соҳаи мустақили назорати прокурорӣ, яке аз самтҳои муҳимми назорати прокурорӣ эътироф шуда, нақши он дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар андешидани чораҳои ошкор ва бартараф кардани омилҳои ба кирдорҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда назаррас аст [5, с. 436].

Самаранокии назорати умумӣ дар самти муқовимат ба кирдорҳои коррупсионӣ аз бисёр ҷиҳат аз такмили тарзу усулҳои ҳадафманд ва самараноки санҷишҳои прокурорӣ, аз воқеан дарк намудани мақсаду муҳтавои он, донистани хусусиятҳо ва нозукиҳои фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаю ташкилотҳо ва созмонҳо, дар ин хусус ҷамъ овардан ва таҳлили маълумоти зарурӣ вобаста аст.

Ба андешаи мо, дар вақти гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ вобаста ба назорати умумӣ, ҳам сифати ташкили фаъолият ва ҳам санадҳои соҳавӣ, ба монанди дастурамал оид ба тарзу усулҳои санҷиши ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории замин, дастурамал оид ба тарзу усулҳои санҷиши ҳолати риояву иҷрои қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, дастурамал оид ба тартиби санҷиши ҳолати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ" ва қонунгузории дигари амалкунанда дар ин соҳа, дастурамал "Оид ба тартиби санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузорӣ вобаста ба алоқаи барқӣ", дастурамал оид ба ташкили назорати прокурорӣ вобаста ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сохтмони худсарона ва эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин, дастурамал "Оид ба тарзу усулҳои гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ дар самти назорати умумӣ" ба роҳбарӣ гирифта шуда, бо назардошти талаботи санадҳои Прокурори генералӣ гузаронида шаванд.

Ба мақсади баланд бардоштани сифат ва самаранокии санҷишҳои назорати умумӣ, саривақт қабул кардани санадҳои прокурорӣ ва ба ин восита таъмини қонуният дар фаъолияти тамоми мақомот ва сохторҳо ҳамкорӣ пайваста ба роҳ монда шаванд. Яке аз шаклҳои паҳншудаи ҳамкорӣ гузаронидани санҷиши якҷояи прокурорӣ бо мақомоти назоратӣ, инчунин, якҷоя таҳия ва иҷро намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди вайронкунии қонунҳо, интизоми меҳнатию давлатӣ ва ғайра мебошад, ки бояд воқеан ва васеъ истифода бурда шавад.

Баҳри пешгирӣ ва огоҳонидани ҷиноятҳои марбут ба коррупсия такмил додани назорати прокурорӣ аз болои қонунӣ ва асоснокии фаъолияти баъзе аз мақомоти маъмурӣ ва сохторҳое, ки дар назди ин мақомот таъсис дода шуда, амал мекунанд, рӯзмарра ва муҳим аст. Таҳлилҳои амалия нишон медиҳанд, ки бинобар таъсис ёфтани як қатор мақомоти назоратбарандаи соҳавӣ - маъмурӣ зарурияти такмил додани назорати

прокурорӣ аз болои қонунӣ будани фаъолияти онҳо ба миён меояд. Чунки баъзе аз мақомоти назоратбарандаи соҳавӣ ва сохторҳои дар назди онҳо таъсисёфта бештар аз рӯйи манфиатҳои гурӯҳиву идоравӣ амал намуда, арзиши хизматрасониро ба аҳолӣ пайдарҳам то ба андозае баланд мебардоранд. Лекин пайваста бо асосҳои хаёлию тахминӣ, бо мақсади тиҷоратӣ ва фоидагирӣ ҷорӣ кардани шакли гуногуни ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (шахсӣ, техникӣ, рақамӣ ва ғ.), баланд бардоштани ҳаққи хизматрасонии онҳо ба аҳолӣ, ба даромади ҳадди ақали шаҳрвандон мувофиқат намекунад.

Барои гирифтани як маълумотнома ё ҳуҷҷати тасдиққунанда аз як мақомот аз шаҳрвандон ҳуҷҷати тасдиққунандаи даҳҳо мақомоти дигарро талаб мекунанд, ки музднок аст. Лекин дар аксари мавридҳо пешниҳоди теъдоди чунин ҳуҷҷатҳои "музднокро", ки аз аҳолӣ талаб карда мешавад, қонун пешбинӣ накардааст.

Ин боиси норозигии аҳли ҷомеа ва бештар содир шудани ҷиноятҳои марбут ба гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯйӣ гаштааст, ки ҳукми анъанаро гирифта истодааст. Тарафи дигари масъала, нодида гирифтани мушкилоти мардум, беэътиноӣ, наандешидани чораҳои аксуаламали назорати прокурорӣ, чунин шакли бесамари ташкили корбарӣ дар баъзе аз мақомоти маъмурӣ эътимоди мардумро ба мақомоти давлатӣ ва умуман ба қонун коҳиш дода, минбаъд боиси паст шудани сатҳи маънавиёт, норозигӣ, ноумедии мардум ва ниҳоят низои иҷтимоӣ мегардад.

Аз ин рӯ, дар ин самт зарурияти такмил додани назорати прокурориро мусоидати воқеан амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қатъиян риоя ва иҷро шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонун, таъмини ҳуқуқу имтиёзҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда (дасрас будани хизматрасониҳо, гирифтани иҷозатнома [6, с. 70-71], маълумотнома, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи расмӣ, қарзҳои имтиёзнок, таъмини манзили истиқоматӣ аз ҳисоби фонди давлатӣ, ҷудо шудани қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳое, ки аз буҷети давлат мақсаднок ҷудо мешаванд (манзили хизматӣ), хизматрасонии ройгони тиббӣ, роҳхатҳо ба осоишгоҳҳо, ҷойгир кардани кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, дастрас будани таҳсилот ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба миён меоранд.

## АДАБИЁТ


1. Рушанзода С. Коррупсия: ҳамоҳангӣ дар мубориза натиҷаовар аст. / Ҷумҳурият, № 244-245 (23848 ), аз 23 декабри соли 2019. - С.2.
2. Шарипов Т.Ш. Бахриддинов С.Э. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»: проблема ва мулоҳиза (Закон Республики Таджикистан «О борьбе с коррупцией»: проблемы и размышления). //Материалы республиканской научно-практической конференции «Борьбы с коррупцией- веление времени». - Душанбе. Таджикистан, 26 января 2007. - С. 35-39.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 1999, 2003, 2016. - Душанбе: Ганҷ, 2017. – 35с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурохиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ". // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №7, мод.617.
5. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7, аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи баланд бардоштани саҳми назорати умумӣ дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ».// Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 436с.
6. Салибаева Н.А. Проблемы лицензирования в Республике Таджикистан.//Давлат ва ҳуқуқ (Государство и право). //Научно-практический журнал ТГНУ, 2005. №4.-С.70-71.


## МАСЪАЛАҲОИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ВА АНДЕШИДАНИ ЧОРАҲО ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назорати прокурорӣ ва андешидани чораҳо дар самти муқовимат бо коррупсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Коррупсия ҳамчун зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ бо ҳама шаклҳои мураккаби зоҳиршавӣ, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибати шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ ва ба арзишҳое, ки таҳти ҳимояи қонун қарор доранд, ҳама вақт зарари ҷиддӣ мерасонад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** назорати прокурорӣ; коррупсия; соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; муносибатҳои ҳуқуқӣ; тартиботи ҳуқуқӣ; қонунгузории амалкунанда; мақомоти прокуратура.


## ПРОКУРОРСКИЙ НАДЗОР И МЕРЫ ПО БОРЬБЕ С КОРРУПЦИЕЙ

В данной статье анализируются вопросы прокурорского контроля и принятия мер по противодействию коррупции. Коррупция как опасное социальное явление во всех своих сложных проявлениях всегда наносит ущерб всем сферам общественной жизни, общественным отношениям, в том числе отношению граждан к органам государственной власти и ценностям, охраняемым законом.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** прокурорский надзор; коррупция; сферы общественной жизни; правоотношения; правопорядок; действующее законодательство; прокуратура.

**PROSECUTION VERIFICATION AND ANTI-CORRUPTION MEASURES**

This article analyzes the issues of prosecutorial control and the adoption of measures to combat corruption. Corruption as a dangerous social phenomenon in all its complex manifestations always damages all spheres of public life, public relations, including the attitude of citizens towards public authorities and values protected by law.
**KEYWORDS:** prosecutor's supervision; corruption; spheres of public life; legal relations; law and order; current legislature; prosecutor's office.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Анушервон Юсуф –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Анушервон Юсуф –*** Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Safarzoda Anushervon Yusuf –*** Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

***Абдуллоев И.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир вайрон кардани қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудудҳои нав ба навро касб менамояд. Инчунин, сол ба сол шумораи ҷиноятҳое, ки бо саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо алоқамананд, зиёд гардида, тарзҳои нав ба нави он ба вуҷуд меоянд. Аммо сатҳи баланди латентӣ (ошкор нагардидан) ва сатҳи пасти ошкоршавии онҳо ба он оварда мерасонанд, ки на ҳама шахсони ин ҷиноятҳоро содиркарда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд.

Зиёдшавӣ ва паҳншавии ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шуури ҳуқуқии аҳли ҷомеа вобастагӣ дошта, мақомоти қудратиро водор менамояд, ки баҳри ин зуҳуроти номатлуб мубоpизаи беамон барад.

Бинобар ин, ба як тартиби муайян даровардани ҷамъоварии андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз омилҳои зиёди хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва психологидошта, ки дар сатҳи тамоми ҷамъият амал мекунад, вобастагӣ дорад.

Ба ин раванд номукаммалии қонунгузории ҶТ, махсусан қонунгузории соҳаи андоз ва соҳаи ҷиноятӣ низ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, то ҳадди ниҳоӣ ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи тарафҳои муносибатҳои андозӣ – мақсади қонунгузории ҶТ дар замони имрӯза мебошад. Дар ин шароит, қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҳифзи боэътимод ва самараноки манфиатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи муносибатҳои андозӣ таъмин намояд.

Вайроншавии қонунгузории соҳаи андоз низ дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии худро доро мебошад. Аз байни давлатҳое, ки қонунгузории онҳоро дида баромадем, дар аксари онҳо барои вайрон шудани қонунгузории андозӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ дида мешавад. Аз ин бармеояд, ки суиқасд ба муносибатҳои андозӣ тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятро доро мебошад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мафҳум ва сохтори ҷиноятҳо дар соҳаи андоз тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии он, хусусиятҳо ва дигар паҳлуҳои он таҳқиқоти зиёди олимон ба назар мерасад, ки онҳоро минбаъд гуфта мегузарем. Вобаста ба мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз то ба имрӯз ягон ақидаи умумиэътирофгашта вуҷуд надорад. Вале баҳсу мунозираҳои гуногун миёни олимон дида мешавад.

Ногуфта намонад, ки ибораи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар адабиётҳои илмӣ бо номҳои гуногун, яъне ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, ҷиноятҳои андозӣ, ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, саркашӣ аз супоридани андозҳо, ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ дар соҳаи андоз, ҷинояткории андозӣ дида мешаванд.

Аз ҳолатҳои овардашуда дуруст ва пурратараш ин ҷиноятҳо дар соҳаи андоз мебошад, ки номгӯйи ҷиноятҳоро вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо, ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ва инчунин дигар кирдорҳое, ки ҳангоми содир шудани онҳо аз ҷониби андозсупорандагон дар баробари вайрон гардидани меъёрҳои дигар қонунҳо, меъёрҳои қонунгузории андоз низ вайрон мегардад.

Пурратараш ин гурӯҳи ҷиноятҳоро “Ҷиноятҳои бо соҳаи андоз ва сиёсати андоз алоқаманд» ном бурдан мумкин аст, ки ду гурӯҳи ҷиноятҳо дар назар дошта мешаванд. Яке ҷиноятҳои бо соҳаи андоз алоқаманд ва дигаре ҷиноятҳои бо сиёсати андоз алоқаманд. Зери мафҳуми ҷиноятҳои бо соҳаи андоз алоқаманд, саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин, соҳибкории ғайриқонунӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми ҷиноятҳои бо сиёсати андоз алоқаманд, ин тамоми кирдорҳои ҷиноятие фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сиёсати андоз бо мақсади ғаразӣ шахсӣ содир мекунанд, ки дар натиҷа ба андозсупорандагон ва ё давлат зарари молиявӣ мерасад. Ба ин дохил шуда метавонад, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м.259), қаллобӣ (м.247), гирифтани пора (м.319) ва инчунин дигар ҷиноятҳои ба соҳаи андоз алоқаманд, ки аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ дар самти андозбандию андозситонӣ бо мақсади ғаразӣ шахсӣ содир мешаванд. Ин ду гурӯҳи ҷиноятҳои номбаршуда вобаста ба субъект, тарафи субъективӣ ва тарафи объективиашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Масъалаи асосие, ки бояд мавриди баррасӣ қарор гирад ин мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз мебошад. Вобаста ба ин мафҳум миёни олимон ақидаҳои зиёди гуногун ҷой доранд.

Ба ақидаи М.И. Середа ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдорҳои дар доираи фаъолияти субъектони хоҷагидор содиршуда мебошад, ки ба манфиатҳои молиявии давлат дар қисми пардохти андоз аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ суиқасд мекунад. Ақидаи олим ба таври умумӣ оварда шудааст. Аввал ин ки фикри М.И. Середа тамоми намуди ҳуқуқвайронкунии андозро (ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии андозӣ ва ғ.)-ро дар бар мегиранд. Барои саркашӣ аз супоридани андозро ҷиноят эътироф кардан аломатҳои зиёди фарққунанда ба миён омаданаш зарур аст. Яъне, барои ҷамъият хавфнокӣ дошта бошад, миқдори муайян (яъне зарар ба миқдори калон ё махсусан калон расида бошад) ҷой дошта бошад, роҳҳои содир шуданаш муайян бошад, маълумоти таҳрифшуда бо роҳи ҷинояткорона ҷой дошта бошад ва ғ. Дуюм, кирдорҳои ғайриқонунии шахсони мансабдор дар доираи андозбандию андозситонӣ дар пешниҳоди олим тамоман оварда нашудааст. Ҳоло он ки шахсони мансабдори ваколатдор низ бо мақсади ғаразҳои шахсӣ ба содиршавии ҷиноятҳои соҳаи андозро шароит фароҳам меорад, ки дар натиҷа ҳам ба давлат ва ҳам ба андозсупорандагон зарари молиявӣ расонида мешавад. Аз ин лиҳоз мо ақидаи олимонро ҷонибдорӣ карда наметавонем.

Дар ҳамин асно як нуқтаи назари дигарро С.С. Белоусовро пешниҳод мекунад, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз кирдори барқасдонаи барои ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ ва таҳти татбиқи ҷазо қароргирифтаи андзсупоранда мебошад, ки барои кам кардани ухдадориҳои андозии худ бо роҳи гурехтан аз супоридани андозҳо ва ё бо дигар роҳҳо барқасдона аз супоридани андозҳо ба буҷети давлат саркашӣ мекунад. Ақидаи муаллиф танҳо саркашӣ аз супоридани андозро дар бар мегирад. Зеро ҳаракатҳои андозсупорандаро танҳо вобаста ба насупоридани андозҳо дар назар дорад. Аз ин рӯ, мафҳуми ҷиноятҳои соҳаи андозро пурра сохта наметавонад.

Як гурӯҳ олимони дигар (ба монанди В.Р. Верник, А.Н. Головкин, А.В. Бризгалина ва ғ.) чунин мешуморанд, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар шакли саркашӣ, яъне, як шакли камкунии андозҳо ва дигар пардохтҳо мебошад, ки андозсупоранда қасдан ё аз беэҳтиётӣ бо вайрон кардани қонунгузории андоз аз супоридани андоз ё кам кардани ухдадориҳои

андозии худ мегурезад. Ба фикри мо пешниҳоди олимон чандон дуруст нест. Зеро аввал ин ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ҳамеша дар шакли қасди бевосита содир мешаванд. Дуюм ин, ки дар ин ақидаи олимон истилоҳи “беэҳтиётӣ» ва ҳам “мегурезад»-ро истифода намудаанд (яъне аз беэҳтиётӣ гурехтан), ки аз рӯйи мантиқ рост намеояд. Гурехтан ҳамеша дар шакли қасд – шахс кирдорҳои худро пурра дарк карда дидаю диниста ба он роҳ медиҳад, мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили ақидаи олимон як нуктаро мушоҳида кардан зарур аст, ки онҳо дар ҷиноятҳои соҳаи андоз фақат кирдорҳои андозсупорандаро дар назар доранд. Тамоман дар бораи кирдорҳои шахсони мансабдори ваколатдор вобаста ба андозбандӣ ва андозситонӣ, ки аз тарафи онҳо дар алоқамандӣ бо андозбандию андозситонӣ содир мешаванд, сухан намеравад.

Бинобар ин, мафҳуми нави ҷиноятҳо дар соҳаи андозро бо чунин тарз муайян кардан мумкин аст.

Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешавад ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзан мавридҳо ба андозсупорандагон расонида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки ин ҷо бояд баррасӣ шавад ин аломатҳои ҷиноятҳо дар соҳаи андоз мебошад. Албатта ҳангоми эътироф шудани ин кирдор ҳамчун ҷиноят вай бояд ба тамоми аломатҳои ҷиноят ҷавобгӯ бошад. Яъне:

1. Барои ҷамъият хавфнокӣ дошта бошад;
2. Зидди ҳуқуқӣ бошад, яъне қонунгузор онро пурра манъ карда бошад;
3. Гунаҳкорона, яъне ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда бояд таҷовуз карда, оқибат ба онҳо зарар расонад;
4. Нисбати ин кирдор Кодекси ҷиноятӣ ин ё он намуди ҷазоро муқаррар кунад.

Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо кирдорест, ки тамоми ин аломатҳои овардашударо доро мебошад.

**Барои ҷамъият хавфнокии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо.** Пеш аз ҳама барои ҷамъият хавфнокии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо ин ба буҷаи давлат ворид нагаштани маблағҳои пулӣ мебошад. Маблағҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмие, ки ба буҷети ҶТ ворид мешаванд бештар дар бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайраҳо маблаггузорӣ карда мешаванд. Инчунин, заминаи асосии инкишофи хоҷагии манзилӣ, таъмини нафақа, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ворид нагардидани маблағҳои андозӣ ба буҷет давлат функсияҳои иқтисодию иҷтимоии худро амалӣ карда наметавонад. Зеро қисми зиёди буҷети давлат аслан аз маблағҳои андоз ва аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмӣ пурра мегардад.

Хусусияти дигари барои ҷамъият хавфнокии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо дар он аст, ки минбаъд ба содиршавии дигар намуди ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба монанди соҳибкории ғайриқонунӣ, истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили шахси ҳуқуқӣ, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, дидаю диниста додани рекламаи бардурӯғ, ришвадиҳии тиҷоратӣ ва инчунин ба ҷиноятҳои коррупсионӣ замина фароҳам меорад.

Хусусияти дигари барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятҳо дар он аст, ки меъёри конститутсионӣ вобаста ба уҳдадории конститутсионии инсон ва шаҳрвандон вайрон мегарданд. Яке аз хусусиятҳое, ки ҳатмӣ будани пардохти андозро таъмин мекунад, муқаррароти м. 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи он «Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист». Дар ҳоле ки меъёри конститутсионӣ супоридани андозҳоро ҳатмӣ эълон намудааст, пас ин муносибати ҷамъиятӣ зарурат ба ҳифз дорад.

И.Н.Соловев қайд менамояд, ки паҳншавии ин кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки уҳдадории конститутсионии шаҳрвандон мебошад, ба пайдо шудани муҳити бе ҷазо монондани

андозсупорандагоне, ки аз супоридани андоз саркашӣ намудаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шаҳрванд аз ҳисоб (буҷет)-и давлат мегардад.

Хусусияти дигари барои ҷамъият хавфнокии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо дар он аст, ки мунтазам саркашӣ кардан аз супоридани андоз аз як тараф зарари молиявӣ ба буҷети давлат расад, аз тарафи дигар падидаест, ки ба фарҳанги андозсупории дигар андозсупорандагон таъсири манфӣ мерасонад. Яъне, шахсоне, ки андозро сари вақт месупоранд, аз таъсири шахсоне, ки аз супоридани андоз саркашӣ мекунанд ва кирдорҳои ҷинояткоронаи онҳо латентӣ мемонад, мумкин аст аз одати бади онҳо истифода кунанд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ҳама гуна андозҳоро сари вақт дар шакли пурра месупоранд, бо соҳибкороне, ки аз супоридани андозҳо саркашӣ мекунанд, дар бозори фаъолияти озоди иқтисодӣ рақобати озод карда наметавонанд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо ба касиф шудани буҷаи давлат, рақобат намудани соҳибкорони андозсупоранда бо соҳибкороне, ки аз супоридани андозҳо саркашӣ мекунанд, яъне дар бозори ғайриозоди иқтисодӣ сурат гирифтани рақобат, пайдо шудани зуҳуроти номатлуб дар ҷамъият, паст шудани фарҳанги андозсупории аҳли ҷомеа, зиёд шудани содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дигар ҷиноятҳо оварда мерасонад. Яъне, асоси барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятҳоро зарари молиявӣ ба буҷет ташкил медиҳад. Аз ин бар меояд, ки агар зарар барқарор шавад барои ҷамъият хавфнокии м. 292 КҶ ҶТ аз байн меравад. Маҳз ҳаминро қонунгузории ҷиноятии ҶТ (хусусан м. 292 КҶ ҶТ) ба назар гирифта, дар эзоҳи ин модда асосҳои озод кардан аз ҷавобгариро ҳангоми пардохти пурраи зарари ба буҷаи давлат расонидашуда пешбинӣ кардааст.

**Зиддиҳуқуқӣ будани ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва ё пардохтҳо.** Зиддиҳуқуқӣ ин аломати асосии кирдоре мебошад, ки аз тарафи КҶ ҶТ манъ карда шудааст. Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо низ кирдоре мебошад, ки аз ҷониби КҶ ҶТ манъ шудааст. Манбаи он аз м. 45 Конститутсияи ҶТ асос мегирад. Конститутсияи ҶТ дар баробари дигар уҳдадориҳо ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандон пардохти андозҳо ва ё дигар пардохтҳое, ки қонун муқаррар кардааст, ҳатмӣ эълон кардааст.

Зиддиҳуқуқӣ будани ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва ё пардохтҳо ин ифодаи субъективии (яъне, дар сатҳи қонунгузорӣ) барои ҷамъият хавфнокии зиёд дорад, ки оид ба ин масъала мо дар боло гуфта гузаштем. Ҳар як кирдор аз лаҳзае, ки хавфнокии он барои ҷамъият пайдо мешавад, зарурати объективии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ манъ кардани он, яъне ҷиноят эътироф кардани он ба миён меояд. Тамоми кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо равона шудаанд, ба буҷети давлат зарари молиявиро ба миқдори калон ба вуҷуд меорад. Содир шудани он ба касиф шудани буҷети давлат оварда мерасонад. Ва баръакс, кирдоре, ки қонуни ҷиноятӣ манъ кардааст, дар марҳилаи муайяни рушди ҷамъият метавонад барои ҷамъият хавфнокии худро аз даст диҳад ва дар ин ҳол декриминализатсия мешавад, яъне аз КҶ ҶТ бардошта мешавад. Саркашӣ аз супоридани андозҳо низ бояд шартҳои ҳатмии муқаррарнамудаи КҶ ҶТ дошта бошад. (ба монанди саркашии ғайриқонунӣ, воситаҳои пулие, ки ба буҷети давлат пардохт бояд гарданд, миқдори калон ё махсусан калонро бояд ташкил диҳанд, ворид намудани маълумоти таҳрифшуда ба эъломияи андоз ва ё асноди муҳосибавӣ оид ба даромад ё хароҷотҳо, ки манбаи андозбандӣ шуда метавонанд ва ғ.)

б) ҳангоми содир кардани он шахс таҳти татбиқи ҷазо қарор мегирад.

Зиддиҳуқуқӣ будани ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ аз чунин сохтори таркибӣ иборат мебошад: пешбинӣ гардидани он дар қонунгузории ҷиноятӣ (м.292-293 КҶ ҶТ), манъи содир гардидани саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо ва ҳангоми содир шудани он таҳдиди ҷазо ҷой доштан нисбати шахсони воқеӣ.

Аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ зиддиҳуқуқӣ эътироф кардани саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо ду асосро доро мебошад:

– зиддиҳуқуқӣ эътироф шудани саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз барои ҷамъият хавфнок будани он сарчашма мегирад;

–ҳалли масъала оид ба мувофиқи мақсад будани таҳқиқи саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо ба воситаи қонунгузории ҷиноятӣ.

**Гунаҳкорона будани ҷиноятҳо дар соҳаи андоз.**

Қонунгузории ҷиноятӣ имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардан ва дар кирдори шахс мавҷуд будани тамоми аломатҳои ҷиноятро танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳ пешбинӣ мекунадМафҳуми гунаҳгорӣ дар қисми 1 м. 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: "Танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад". Аз рӯйи моҳияти худ гуноҳ муносибати руҳии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааш ва оқибати он мебошад.Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ҳамеша дар шакли қасд (аниқтараш қасди бевосита) содир мешавад. Имконияти содир шудани он дар шакли беэҳтиётӣ дар ягон ҳолат ҷой дошта наметавонад. Бинобар ин, дар содир кардани ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 292 КҶ ҶТ (Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ) мо бояд ба кирдор ва таркиби он назар афканем. Аммо гап сари он меравад, ки исботи гуноҳ дар кирдори шахси ҳуқуқӣ исбот карданаш дар амалия каме мушкил аст. Ҳоло он ки аз як тараф вай субъекти ҷиноят дар КҶ ҶТ эътироф шуда наметавонад ва аз тарафи дигар ба принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ мухолифат мекунад. Дар адабиёти илмӣ ва қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо шахси ҳуқуқӣ ба ҳайси субъекти ҷиноят эътироф мешавад. Ин ҳолат пурра исботи худро ёфтааст, яъне тамоман ягон мушкилот дар эътирофи он ҷой надорад. Вобаста ба ин масъала мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ бояд ба гуноҳ дар кирдори роҳбари ташкилот ва ё муҳосиб, инчунин, шарикони дигар дар саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо ошкор карда шавад, яъне тибқи он гунаҳгорӣ ҳамеша ба шахси воқеӣ тааллуқ дорад. Аз таҳлили м. 292 КҶ ҶТ бармеояд, ки ворид намудани маълумоти таҳрифҳуда ба эъломияи андоз ё дигар асноди муҳосибӣ, инчунин, пинҳон кардани дигар объектҳои андозбандишаванда аз ҷониби роҳбарон, сармуҳосиб ё муҳосибон содир мешавад. Бинобар ин, дар муайян кардани гунаҳкорӣ дар кирдори онҳо муқаррароти м. 7 КҶ ҶТ татбиқ шуда, ягон мушкилиро ба бор намеорад.

Дар охир инро қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ аз рӯйи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ таркиб ёфтааст. Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

**Сазовори ҷазо будан - аломати ҷиноятҳо дар соҳаи андоз.**

Ҷазо ҷораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ мегардад (м.46 КҶ ҶТ) Танҳо кирдоре ҷиноят эътироф карда мешавад, ки КҶ ҶТ барои онҳо ҷазоро ва дигар ҷораҳои маҷбуркунии хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муқаррар кардааст. Сазовори ҷазо бошад аз м. 9 КҶ ҶТ сарчашма мегирад, ки мутобиқи он ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин ҷораи дорои хусусияти ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ раво дида шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад. Дар КҶ ҶТ номгӯйи ҷазоҳо зиёданд. Аммо ҳангоми таъини он намуди кирдори содиршуда, барои ҷамъият хавфнокии он, шахсияти гумонбаршуда, вазъи молумулкии онҳо, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ва дигар критерияҳо ба назар гирифта мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ вобаста ба ҷазои ҷиноятҳои соҳаи андоз се намуди ҷазоро муқаррар карда шудааст:

1. ҷарима;
2. маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян;
3. маҳрум сохтан аз озодӣ;

Аз байни ин ҷазоҳо бештар ҷарима паҳнгашта мебошад. Ин анъана қариб нисбати тамоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мебошад. Маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян чун ҷазои иловагӣ дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар нисбати шахс ҷазои асосӣ дар намуди ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда шавад. Ин ҷо ду масъалаи дигар ба чашм мерасад. Яке маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян, дигаре бошад, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян мебошад. Дар ҷинояти пешбининамудаи м. 292 КҶ ҶТ ин

ҷазоҳо бояд муайян карда шаванд, ки нисбати кӣ кадомаш татбиқ карда мешавад. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян танҳо нисбати муассис ё роҳбари корхона татбиқ карданаш мумкин аст. Зеро идора ва пешбарии корхонаро ӯ ба уҳда дорад, кормандонро ба кор қабул мекунад, тамоми вазифаҳоро байни кормандон тақсим мекунад ва ғ. Аммо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян нисбати муассис, роҳбар, муҳосиб, мудирони бахши хоҷагӣ, машваратчиёни ҳуқуқӣ, мутахассисон-экспертон рост меояд.

Маҳрум сохтан аз озодӣ бошад, дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар имконияти пардохти ҷаримаро бо тамоми фоизҳояш надошта бошад ё қасдан аз супоридани ин маблағ саркашӣ кунад. Ин ҷо як муаммо аст, ки соҳибкор як қисми кучаки даромади худро ҳамчун маблағи андоз ба давлат месупорад. Пас чи тавр вай имконияти пардохти маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳояшро надорад.

Аз ин бармеояд, ки маҳрум сохтан аз озодӣ дар як ҳолат ба вуҷуд меояд. Агар андозсупоранда қасдан саркашӣ кунад.

Ба фикри мо ҷазои овардашудаи м.292 КҶ ҶТ дар амалия вобаста ба содиршавии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо мақсади ҷазо ва принсипи адолатро дар амал татбиқ карда наметавонанд. Зеро онҳо ба содиркунандагони ин ҷиноятҳо таъсир расонида наметавонад. Ягона ҷазое, ки ба андозсупоранда таъсир мерасонад, ин мусодираи молу мулк ва татбиқи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ мебошад. Барҳам додани шахси ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии мо пешбинӣ нашудааст. Аммо дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои пешрафта дида мешавад. Чунки мақсади асосии содир кардани ин ҷиноят аз ҷониби онҳо ин ба даст овардани фоидаи муфт мебошад. Ин ҳолат аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии мо агар танзим мешуд ба мақсад мувофиқ мебуд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифта мешавад ин муайян кардани номгӯйи ҷиноятҳое, ки ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дохил мешаванд, баромад мекунад. Оид ба ин масъала андешаҳои олимон зиёд ва гуногун ба назар мерасанд, ки онҳоро мо мавриди таҳлил қарор медиҳем. И.И. Кучеров ҷиноятҳои соҳаи андозро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Яке саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дигаре ҷиноятҳо ба муқобили андозситонӣ (соҳибкории ғайриқонунӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бақайдгирии аҳдиғайриқонунӣ бо замин ва ғ.). Дар умум олим ҳамаи ин ҷиноятҳоро дар якҷоягӣ «Ҷиноятҳо ба муқобили андоз ва андозситонӣ» ном мебарад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Кодекси андози ҶумҳурииТоҷикистоназ 23 декабрисоли 2021. – №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 23.02.2022).
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999. – № 803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 27.02.2022).
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. – № 575 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 19.03.2022).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011. – № 702 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 13.04.2022).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ бабуҷет» 28 июли соли 2006. – № 197 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. adlia. tj (санаи муроҷиат: 16.04.2022).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти 2008. – №374 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқииҶТ«Адлия». Шакли 7.0. [Захираиэлектронӣ]. Манбаидастрасӣ: URL: http: // www. adlia. tj (санаимуроҷиат: 18.03.2022).

8.Саркисов К.К. Налоговые преступления (уголовно-правовые икриминологические аспекты). Дис. канд. юрид. Наук я\ К.К. Саркисов. –М., 2005.

9.Ларичев В.Д. «Типология налоговых преступников». Вестник Академии налоговой полиции России. Вып. 1, –М., 2003. – С. 211-219

10.Калинина Л. А. Проблемы административной ответственности занарушения финансового и налогового законодательства. Законодательство. № 8, 1999.– С. 188-195.

**МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН**

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, роҳҳои содиршавии он, сабаб ва шароитҳои содиршавии ин ҷиноятҳо ва чораҳои пешгирӣ оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз бахшида шудааст. Муаллиф дар ин мақола тамоми роҳҳои асосии танзими ҳуқуқӣ ва чораҳои сифатан баланди пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи андозро мавриди баррасӣ қарор додааст. Самти дигаре, ки дар ин мақола баррасӣ ва таҳлил гардидааст, ин донишҳои амалиявӣ, таҷрибаи судӣ ва дигар мақомоти ваколатдор вобаста ба ин самт, беамалии мақомоти андоз, фарҳанги ҳуқуқии андозсупорандагон, аҳамияти назариявии чораҳои пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, таҳқиқоти олимон дар ин самт, бартарият ва муқоисаи онҳо ва дигар масъалаҳо мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, чораҳои пешгирӣ, сабаб ва шароити ҷинояткорӣ, андоз, чораҳо, андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ҷиноят, таҷрибаи қонунгузорӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳо, чораҳои огоҳонӣ, танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.

**МЕРЫ ПО ПРЕДУПРЕЖДЕНИЮ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В НАЛОГОВОЙ СФЕРЕ**

Данная статья посвящена вопросам уклонения от уплаты налогов и (или) платежей, способам его совершения, причинам и условиям совершения этих преступлений и мерам профилактики преступлений в налоговой сфере. В данной статье автор рассмотрел все основные способы правового регулирования и качественные меры профилактики преступлений в налоговой сфере. Еще одним направлением, обсуждаемым и анализируемым в данной статье, являются практические знания, опыт судов и иных уполномоченных органов, связанных с данной сферой, бездействие налоговых органов, правовая культура налогоплательщиков, теоретическое значение мер предупреждения преступлений в налоговой сфере, исследования ученых в этой области их преимущества и сравнения и другие вопросы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** преступления в налоговой сфере, меры профилактики, причины и условия совершения преступления, налог, меры, налоги и (или) платежи, преступление, законодательная практика, юридические лица, организации, меры предупреждения, уголовно-правовое регулирование.

**MEASURES TO PREVENT CRIMES IN THE TAX FIELD**

This article is devoted to issues of evasion of paying taxes and (or) payments, ways of committing it, causes and conditions of committing these crimes and measures to prevent crimes in the tax field. In this article, the author discussed all the main ways of legal regulation and high-quality measures to prevent crimes in the tax field. Another area discussed and analyzed in this article is practical knowledge, experience of courts and other authorized bodies related to this area, inaction of tax authorities, legal culture of taxpayers, theoretical importance of measures to prevent crimes in the tax field, research of scientists in this area their advantages and comparisons and other issues.

**KEYWORDS:** crimes in the tax field, prevention measures, causes and conditions of crime, tax, measures, taxes and (or) payments, crime, legislative experience, legal entities, organizations, warning measures, legal-criminal regulation.

**Маълумот дар бораи муллиф**: ***Абдуллоев Исфандиёр Нодирхонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933878786.** E – mail**: isfandiyor_1996@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Исфандиёр Нодирхонович*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933878786.** E – mail**: isfandiyor_1996@mail.ru**

**Information about the author**: ***Abdulloev Isfandiyor Nodirkhonovich*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **933878786.** E – mail**: isfandiyor_1996@mail.ru**

# ТАТБИҚИ ҲАБСИ ПЕШАКӢ НИСБАТИ СУБЪЕКТОНИ МАХСУС

***Ризоева Ш.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузории бештари кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони махсуси ҳабси пешакиро муқаррар кардаанд. Чунончи қонунгузорӣ ҳамчун субъектони махсуси татбиқи ҳабс айбдоршавандаи ноболиғ, гумонбаршудагон, инчунин шахсонеро, ки дар содир кардани ҷиноятҳои соҳибкорӣ ё иқтисодӣ муттаҳам мешаванд, ҷудо мекунад.

Ба ҳабс гирифтан нисбат ба категорияҳои алоҳидаи шахсоне, ки бевосита дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд, як қатор хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Пеш аз ҳама, боби 44-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои мурофиаи ҷиноятиро нисбати ноболиғон танзим мекунад. Аз ҷумла, моддаи 427-и Кодекси мазкур хусусиятҳои интихоби чораҳои пешгириро нисбати ноболиғон баррасӣ менамояд.

Татбиқи ба ҳабс гирифтан нисбати айбдоршаванда ё гумонбаршудаи ноболиғ ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии ӯ таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, ба кор бурдани ин тадбирҳои пешгирӣ нисбат ба ин тоифаи айбдоршавандагон ва гумонбаршудагон бояд асосҳои нисбатан вазнини мурофиавӣ дошта бошанд.

Моддаи 13.1-и Қоидаҳои Пекин қоидаеро муқаррар мекунад, ки ҳабси ноболиғон “танҳо ҳамчун чораи охирин ва дар муддати кӯтоҳтарин истифода мешавад”.

Мувофиқи талаботи моддаи 427-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии дархост дар бораи ҳабси гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ, суд бояд имконияти таҳти назорат қарор додани ӯро баррасӣ кунад. Ҳангоми татбиқи чораи пешгирӣ нисбат ба ноболиғ дар ҳар як ҳолат бояд имконияти интихоби чораи пешгирии дар моддаи 108-и Кодекси мазкур пешбинишуда муҳокима гардад. Дастгир намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳамчунин ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар моддаҳои 92,93,101,111-и Кодекси мазкур зикршуда танҳо дар ҳолатҳои истисно ҳангоми содир намудани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин татбиқ шуда метавонанд. Вобаста ба ибораи қонунии “ҳолати истисноӣ” миёни олимон ихтилофот ба миён омадааст. Ба чунин ҳолатҳо ҳолатҳое дохил мешаванд, ки ноболиғ такроран ҷиноят содир кардааст, ба ҷинояти дастаҷамъӣ роҳбарӣ мекунад, падару модар ё ҷойи истиқомати доимӣ надорад, гирифтори нашъамандӣ мебошад, хислатҳои ниҳоят зиёди манфӣ дорад. Дар умум, ҳангоми татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати ноболиғон ҳолатҳои асоснокии онро тафтиш кардан ва ин чораи пешгириро дар ҳолатҳои истисноӣ, вакте, ки имконияти татбиқи ягон чораи дигари пешгирӣ мавҷуд набошад, истифода бурдан зарур аст.

Муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандаи ноболиғ ҳамчун чораи пешгирӣ дар давраи тафтиши пешакӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 112-и Кодекси мазкур метавонад ба муддати то шаш моҳ дароз карда шавад. Дар бораи ба ҳабс гирифтан ё дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандаи ноболиғ ба намояндаи қонунии ӯ хабар дода мешавад.

Дар баробари ин, судя дар асоси ҳолатҳои мушаххаси парванда, вазнинии ҷиноят ва ба назар гирифтани маълумот дар бораи шахсияти ноболиғ, шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, инчунин дар бораи муносибат бо падару модар, бояд ҷиҳати имконияти истифода бурдани назорат аз тарафи падару модар ва парастори ноболиғ, чораандешӣ намояд.

Дар моддаи 108-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия қоидаи мазкур муқаррар карда шудааст: “Нисбат ба гумонбаршаванда ё айбдоршавандаи ноболиғ дар содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин гумонбар ё айбдор карда шуда бошад, ҳабс ҳамчун чораи пешгирӣ татбиқ карда шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ ин чораи пешгириро нисбати ноболиғе, ки дар содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна гумонбар ё айбдор карда мешавад, интихоб карадан мумкин аст. Аз ин қоида бармеояд, ки ҷазои ҳабсро нисбат ба ноболиғон, ки барои содир кардани ҷинояти начандон вазнин айбдор карда шудаанд, татбиқ кардан мумкин нест.

Дар бораи ҷиноятҳои дараҷаи миёна қонунгузор пешниҳод мекунад, ки ноболиғон муттаносибан дар ду гурӯҳ:

“аз 14 то 16 сола ва аз 16 то 18 сола” баррасӣ карда шаванд.

Нисбати гурӯҳи якуми ноболиғони аз 14 то 16 сола, ки дар содир кардани ҷиноятҳои дараҷаи миёна муттаҳам шудаанд, тибқи моддаи 88-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия ҳабс татбиқ карда намешавад. Бинобар ин, барои гурӯҳи дуюми ноболиғон ҳабс иҷозат аст. Ҳангоми қабули қарор дар бораи ба ҳабс гузоштани ноболиғ, судҳо бояд имконияти татбиқи чораи махсусро нисбати судшавандагони ноболиғ таҳти назорати намояндагони қонунӣ қарор диҳанд.

Мувофиқи талаботи қонун, дар асоси ҳолатҳои мушаххаси парванда, вазнинии ҷиноят ва ба инобат гирифтани маълумот дар бораи шихсияти ноболиғ, дар бораи шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дар бораи муносибат бо падару модараш суд дар асоси моддаи 105 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия татбиқи чунин чораи пешгирӣ, аз қабили назорати ноболиғ аз ҷониби волидайн, васиён, парасторон ва дигар шахсони боэътимод баррасӣ карда шавад.

Танзими ҳуқуқии татбиқи ҷазои ҳабс нисбати ноболиғон, ки дар содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна айбдор мешавад, диққати махсус дорад. На ҳама олимон бо муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи имкони боздошти ноболиғон, ки дар содир кардани ҷиноятҳои дараҷаи миёна муттаҳам мешаванд, розӣ ҳастанд. Бинобар ин, имкони татбиқи ҳабсро нисбати ноболиғон барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна бекор кардан лозим аст.

Ба ҳабс гирифтан нисбат ба категорияҳои алоҳидаи шахсоне, ки бевосита дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд, як қатор хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад.

Пеш аз ҳама, боби 44-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои мурофиаи ҷиноятиро нисбати ноболиғон танзим мекунад. Аз ҷумла, моддаи 427-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои интихоби чораҳои пешгириро нисбати ноболиғон баррасӣ мекунад.

Татбиқи ҳукми ба ҳабс гирифтан нисбати айбдоршаванда ё гумонбаршавандаи ноболиғ ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии ӯ таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, ба кор бурдани ин тадбирҳои пешгирӣ нисбат ба ин тоифаи айбдоршавандагон ва гумонбаршудагон бояд асосҳои вазнини мурофиавӣ дошта бошанд. Мувофиқи талаботи моддаи 427-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии дархост дар бораи ҳабси гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ, суд бояд имконияти таҳти назорат қарор додани ӯро баррасӣ кунад.

Субъекти махсуси дигар ин соҳибкор мебошад. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия дар моддаи 108 муқаррар кардааст: "Ҳабс ҳамчун чораи пешгирикунанда нисбат ба гумонбаршаванда ё айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноятҳои мутобиқи моддаи 159, 159*3, 159*5 татбиқ карда намешавад. Яъне моддаи 108-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия, чораи пешгириро дар шакли ҳабс нисбат ба соҳибкорон манъ кардааст. Зеро дар натиҷаи таҳти ҳабс қарор доштани соҳибкорон ва аз фаъолияти соҳибкорӣ дур мондани онҳо ба манфиати молиявии онҳо ва ҷамеа зарари манфӣ хоҳад расид. Аслан нисбати ин категорияи субъектон чораи дигари маҷбуркунии мурофиавӣ яъне ҳабси молу мулк бо мақсади таъмини даъвои гражданӣ ё ҷуброни зарари молиявӣ татбиқ карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 06.11.1994 бо тағйиру иловаҳои 26.09.1999 , 22.06.2003 ва 22.05.2016).
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3-юми декабри соли 2009 ва 01 апрели соли 2010).
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия (аз 25-уми апрели 2011с ) , №39 , 256-С
5. Қудратов Н.А. Китоби дарсӣ/ Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / Н.А. Қудратов. - Душанбе - 2016.
6. Соболев И.В. " Судебный порядок заключения под стражу подозреваемых и обвиняемых в УПК РФ и международно-правовые стандарты//Международное уголовное право и международная юстиция. 200. №1. С-30-34
7. Цоколова О.И. «О понятии и сущности заключения под стражу»// Российский следователь. 2005. №3. С-15-18.
8. Хапаев И.М. Понятие и значение меры пресечения в виде заключения под стражу в уголовном судопроизводстве// Северо- Кавказский юридический вестник.2014. №1. С-126-128
9. Марковичева Е.В. "Особенности избрания меры пресечения в отношении несовершеннолетного подозреваемого, обвиняемого"//

Российский следователь. 2007, №20. с-10-12.

10. Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии СММ марбут ба анҷомдиҳии адолати судӣ нисбати ноболиғон, аз 10.12.1985.


## ТАТБИҚИ ҲАБСИ ПЕШАКӢ НИСБАТИ СУБЪЕКТОНИ МАХСУС


Дар мақолаи матраҳшаванда масъалаҳои татбиқсозии ҳабси пешакӣ ҳамчун чораи пешгирии мурофиавии ҷиноятӣ нисбати субъектони махсус ва хусусият, тартибу асосҳои ҳуқуқии татбиқи ин чораи

пешгирии мурофиавӣ нисбати категорияи субъектони махсус ба монанди гумонбаршаванда ва айбдоршавандаи ноболиғ, соҳибкорон баррасӣ карда шудааст. Доир ба ин масъала як қатор қонунҳои миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои конститутсионии ин категорияи шахсон бо дарназардошти шахсият, хусусият ва хавфнокии кирдори содирнамудаашон ба тасвиб расонида шудааст. Дар мақола масоили имконпазирӣ ва ҳолатҳои истисноиву сабуксозии татбиқи ҳабси пешакӣ нисбати субъектони махсус мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст.
**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳабси пешакӣ, субъектони махсус, ноболиғ, соҳибкор, ҳолатҳои истисноӣ, шахсият.

**ПРИМЕНЕНИЕ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО ЗАКЛЮЧЕНИЯ К СПЕЦИАЛЬНЫМ СУБЪЕКТАМ**

В указанной статье рассматриваются вопросы применения меры пресечения в виде заключения под стражу как меры уголовно-процессуальной профилактики в отношении специальных лиц, а также характер, порядок и правовые основы применения данной меры процессуальной пресечения в отношении таких категорий специальных лиц, как подозреваемые и обвиняемых несовершеннолетних и предпринимателей, считаются. По данному вопросу принят ряд национальных законов и международных документов в целях зашиты конститутционных прав и интересов данной категории лиц с учетом личности, характера и опасности совершенного деяния. В статье рассмотрены и изучены вопроси возможности и исключения и смягчения меры пресечения в виде заключения под стражу для особых субъектов.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: предварительное заключение, специальные субъекты, несовершеннолетний, предприниматель, исключительные обстоятельства, личность.

**APPLICATION OF PRE-TRIAL DETENTION TO SPECIAL SUBJECTS**

In the mentioned article, the issues of implementation of pre-trial detention as a measure of criminal procedural prevention against special entities and the nature, procedures and legal bases of the application of this procedural preventive measure against categories of special entities, such as minor suspects and defendants, entrepreneurs are discussed. Regarding this issue, a number of national laws and international documents have been approved in order to protect the constitutional rights and interests of this category of persons, taking into account the personality, nature and danger of the committed act. In the article, the issues of possibility and exceptions and mitigation of pre-trial detention for special subjects were discussed and studied.
**KEYWORDS:** pre-trial, special subjects, minor, businessman, exceptional circumstances, personality.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ризоева Ш.С.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **939362425.**

**Сведения об авторе**: ***Ризоева Ш.С.*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **939362425.**

**Information about the author**: ***Rizoeva Sh.S.***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **939362425.**

## АСОСҲОИ ҚОНУНИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД БА МАНЗИЛ

***Давлатова Ш.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ медиҳад (моддаи 5). Дар асоси моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба манзил дорад. Ҳуқуқи мазкур бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба манзил ба шумораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дохил мешавад.

Ҳуқуқ ба манзил дар санадҳои байналмилалӣ дар ду тарз ифода меёбад: аввало, бевосита, яъне ба сифати ҳуқуқи асосии инсон, ки ба ҳар кас тааллуқ дорад ва сонияи, дар қатори дигар гурӯҳҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон. Ба ҳадди охир ҳуқуқ ба манзили кофӣ ҳуқуқи ҳар як кӯдак, ҳар як зан ва ҳар як мард сарфи назар аз ҷойи истиқомати онҳост. Ба ин сабаб дар банди 1 моддаи 25 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст: «Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои нигоҳдории сиҳатӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад». Дар айни замон мавҷудияти дастрасӣ ба манзили бехавф ба одамон имконияти истифодаи дигар

ҳуқуқҳоро низ медиҳад. Ба ин тариқ, таъмини ҳуқуқ ба манзил асоси боэътимоди истифодаи дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Ҳангоми баррасии масъалаи мазмун ва табиати ҳуқуқии шаҳрвандон ба манзил зарур аст, ки таносуби мафҳуми "ҳуқуқ ба манзил" ва "ҳуқуқи манзил" муайян карда шавад. Агарчанде ки ифодаҳои мазкур вобаста ба шакли зоҳиршавии берунаашон ба ҳамдигар монанд бошанд ҳам, вале онҳо дорои мазмуни гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд. Чунончӣ, таҳти ҳуқуқ ба манзил ба шаҳрванди мушаххас тааллуқ доштан ва бо тартиби муқарраркардашуда эътироф намудани имконияти ҳуқуқии (ҳуқуқи субъективӣ) ба даст овардан ва истифодаи бинои истиқоматӣ фаҳмида мешавад. Ҳуқуқи манзил бошад, ҳуқуқи объективӣ буда, аз низоми меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои манзилиро ба танзим медарорад. Ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ дорои таркиби дохилии худ буда, он мунтазам имконият медиҳад, ки моҳияти ҳуқуқии онро ошкор намоем.

Ба таркиби ҳуқуқ ба манзил хусусиятҳои зерини ҳуқуқӣ дохил мешавад:

-асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил ҳамчун кафолати эътироф ва амалӣ гардонидани он дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ;

-асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ба манзил;

-шартҳои амали гардонидани ҳуқуқ ба манзил ва дар он иштирок кардани мақомотҳои ҳокимияти оммавӣ;

-маҳдудиятҳо оид ба ҳуқуқ ба манзил бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои манзилӣ;

-ҳифзи ҳуқуқ ба манзил.

Бояд қайд намоем, ки ҳама гуна амал (беамалӣ), ки барои амалигардонии ҳуқуқ ба манзил монеъ мегардад, манъ аст. Дар моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии манзили шахсият (ҳуқуқи шахсӣ) таъкид шудааст. Мутобиқи қисми 2 моддаи мазкур даромадан ба манзил ва маҳрум кардани инсон аз манзил раво нест. Ҳамчун қоида дохил шудан ба манзил бо тартиби муқарраркардашуда танҳо дар асоси қарори суд анҷом дода мешавад.

Ҳуқуқ ба манзил танҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад маҳдуд карда шавад. Аз ин ҷо дар ҳолатҳои алоҳидаи пешбининамудаи қонунгузорӣ, бо дарназардошти вайрон накардани муқаррарот оид ба дахлнопазирии манзил дохил шудан бе иҷозати шаҳрвандоне, ки дар он зиндагӣ менамоянд, роҳ дода мешавад. Аз ҷумла, даромадан ба манзил бе розигии шаҳрвандоне, ки дар асоси қонунӣ дар он истиқомат мекунанд, дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ, танҳо бо мақсади наҷот додани ҳаёти шаҳрвандон ва (ё) молу мулки онҳо, таъмини амнияти шахсӣ ё ҷамъиятӣ, дар ҳолатҳои садамавӣ, офатҳои табиӣ, фалокатҳо, бетартибиҳои оммавӣ ва ё дигар ҳолатҳои хусусияти фавкулодадошта ва ё ҳодисаҳои рухдодшудаи нохуш мумкин аст. Ҳамзамон, ҳангоми мавҷуд будани хавфи воқеӣ, ки объекти ҷустуҷӯшаванда ва ё дарёфташаванда аз сабаби сари вақт ошкор накардан гум ё вайрон карда мешавад, ё ба мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мегардад ё шахси ҷустуҷӯшаванда пинҳон мешавад, муфатиш, ё тадқиққунанда дар асоси қарори худ метавонанд бе иҷозати суд, судя кофтуков гузаронад. Вале дар ин бора дар давоми 24 соат ба суд маълумоти хаттӣ пешниҳод бояд намояд (моддаи 192 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ).

Қонунгузорӣ мувофиқи тартиботи судӣ аз манзил берун карданро бо додан ё надодани манзили дигар пешбинӣ менамояд. Аз манзил берун кардани шаҳрванд бо надодани манзили дигар дар ҳолатҳои зерин мумкин аст:

1) агар соҳибхона ва аъзои оилаи ӯ ва дигар шахсони якҷоя бо онҳо зиндагикунанда ба таври доимӣ манзилро ноободсозанду вайрон кунанд (дағалии беасос, баланд кардани овози радио, телевизор ва магнитофон баъди соати 23-и шаб, ғоратгарӣ ва ғайра) ва чораҳои огоҳию таъсиррасонии ҷамъиятӣ (огоҳсозии ҳамсояҳо ва милитсия) ба онҳо асаре нарасонад;

2) агар вай манзилро мувофиқи таъинот истифода накунад ва чораҳои огоҳсозию таъсиррасонӣ натиҷаҳои мусбат надиҳанд, ҳамчунин истифодаи манзил чун анбор, мағоза, ҷойи хизматрасонии коммуналӣ – дар ин ҳолатҳо масъалаи аз манзил берун кардани шаҳрванд бе додани манзили дигар ба миён меояд;

3) агар онҳо бо вайронкунии доимии қоидаҳои хобгоҳ дар хона ё бино якҷоя зиндагӣ кардани дигар шаҳрвандонро имконнопазир гардонанд ва чораҳои огоҳсозию таъсиррасонии ҷамъиятӣ натиҷаҳои мусбат ба бор наоранд. Чун қоида, дар чунин ҳолатҳо соҳиби хона огоҳ карда мешавад, ки минбаъд қоидаҳои иқомати якҷояро вайрон накунад. Агар ин огоҳсозиҳо натиҷае набахшанд, соҳиби манзил ва аҳли оилаи ӯ мувофиқи тартиботи судӣ аз ин манзил бе додани манзили дигар берун карда мешаванд;

4) агар падару модарон аз ҳуқуқи волидайнӣ маҳрум гардида бошанд ва зиндагии якҷоя бо кӯдакон, ки нисбати онҳо ҳуқуқи волидайнӣ маҳрум карда шудааст, имконнопазир дониста шуда бошад. Он гоҳ ба манфиати кӯдакон одамони манфиатдор (мақомоти васоят ва парасторӣ ва дигарон) ҳуқуқ доранд, талаб намоянд, ки ин падару модарон бе додани манзили дигар аз ин манзил берун карда шаванд;

5) ба ҷуз ҳолатҳои зикркардашуда берун кардани шаҳрвандон аз манзил мувофиқи тартиботи зерин мумкин аст:

-агар соҳиби манзил худсарона бозсозӣ карда, тарҳи хонаро дигаргун сохта бошаду ин амали ӯ барои ҳаёти дигар бошандагони бино хавф орад ва ба шакли аввала баргардондани ҳолати хона имконнопазир бошад;

-дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ дониста шудани ҳуҷҷати (ордери) манзил, ки шахс онро бо роҳи ғайриқонунӣ гирифтааст;

-агар иҷоранишин баъди огоҳсозӣ хонаро озод накарда бошад;

-агар истиқоматкунандаи муваққатӣ озод кардани хонаро рад кунад.

Бояд қайд кард, ки қоидаҳои дар боло зикршуда ҳолатҳои истисноианд. Дар ҳолатҳои дигар истиқоматкунанда ва аъзои оила ӯ мувофиқи тартиботи судӣ бо додани манзили дигар аз ин манзил берун карда мешаванд. Чунин ҳолатҳо ҳангоми вайрон кардани бино, дигаргунсозии он, дар сурати қатъ гардидани қарордоди меҳнатӣ бо ташкилот ва корхонае, ки манзил додааст ва ғайра ба амал меоянд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи шаҳрванд ба манзил аз рӯйи мазмун ва андозаи амалинамоияш бемаҳдуд намебошад. Агар шаҳрванд бинои истиқоматиро аз рӯйи таъинот истифода набарад, мунтазам ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро вайрон намояд, ё ба манзили истиқоматӣ бесарусомона муносибат намояд, ки он боиси вайроншавии манзил гардад, соҳибмулки бинои истиқоматӣ ҳақ дорад ҳамаи чораҳои заруриро оид ба бартараф намудани вайронкунииии ин шаҳрванд, ҳатто кӯчонидани онро дар асоси қарори суд андешад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини муътадили ҳуқуқ ба манзилро тавассути чораҳои махсус, ки бо дахлнопазирии манзил, раво набудани маҳрум кардан аз манзил, шакли судии ҳифзи ҳуқуқҳои манзилӣ ифода мегардад, дар назар дорад. Зери мафҳуми дахлнопазирии манзил ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум карданро дар назар дорад (моддаи 2 КМ ҶТ). Қонунгузории амалкунанда ду ҳолати аз манзил маҳрум кардани соҳиби онро пешбинӣ менамояд: агар манзиле, ки дар он шаҳрванд зиндагӣ мекунад, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта бошад ва агар шахс онро бо вайрон кардани тартиботи муқарраршуда гирифта бошад.

Дар ҳолати якум манзил дар натиҷаи омилҳои гуногун ба ҳолати садамавӣ расида, ба ҳаёту саломатии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ хавф дорад. Бо мақсади бартарафсозии чунин хатар тадбирҳои саривақтӣ андешида шуда, аз ҷумла бо роҳи додани манзили дигар шаҳрванд аз манзили аввал маҳрум карда мешавад. Дар ҳолати дуюм агар шахс манзилро худсарона бо вайрон кардани тартиботи муқарраршуда соҳиб шуда бошад, вай аз ин манзил бе додани манзили дигар берун карда мешавад. Ба ҷуз ду ҳолати зикршуда шаҳрванд ҳамчунин мувофиқи тартиботи судӣ аз манзил маҳрум карда мешавад.

Ҳамзамон, бо мақсади таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба манзил қонунгузор кафолати ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзилро медиҳад. Ин бо роҳи ба шаҳрвандон додани бинои истиқоматӣ дар хонаҳои фонди давлатӣ ва маҳаллӣ бо шартҳои пешбининамудаи шартномаи киро дар доираи меъёрҳои майдони истиқоматӣ, инчунин бо дигар роҳҳо амалӣ карда мешавад.

Кафолати ҳуқуқ ба манзил, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст, характери иқтисодӣ дошта, ба ҳайси ҳамон уҳдадорие баромад менамояд, ки давлат ба зиммаи худ барои ба манзил таъмин намудани шаҳрвандон гирифтааст.

Ҳамзамон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ сохтмони манзилиро ҳавасманд гардонанда, барои амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил мусоидат менамоянд.

Дар қисми кафолати давлатии ҳуқуқ ба манзил ҳамзамон, муқаррар карда шудааст, ки ҳеҷ кас аз манзил кӯчонида намешавад ё ҳуқуқи истифодабарии манзилиаш, аз ҷумла аз ҳуқуқи гирифтани хизматҳои коммуналӣ маҳдуд карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст. Вале дар ҳолати қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматӣ тибқи асосҳои ҳуқуқии муқарраркарда ё дар асоси ҳалномаи асосноккардашудаи суд шаҳрванд уҳдадор аст бинои истиқоматиро дар муҳлати муайянкардаи соҳибмулк холӣ намояд. Ҳамагуна монеаи сунъӣ, ки аз тарафи шаҳрванд оид ба холӣ намудани бинои истиқоматии дахлдор карда мешавад, бо талаби соҳибмулк дар асоси қарори суд бартараф карда мешавад.

Дар навбати худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои манзилӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси манзил, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин аз амали иштирокчиёни муносибатҳои манзилӣ, новобаста аз оне, ки онро санадҳои мазкур пешбинӣ намудаанд, вале ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо тибқи асосҳои умумӣ ва аз моҳияти қонунгузории манзил ба миён ояд, ба вуҷуд меоянд.

Ҳамзамон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои манзилӣ тибқи асосоҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

1) сохтмони хонаи истиқоматӣ (қисми хона) ё бинои бисёрхонагӣ, аз ҷумла дар асоси иштироки ҳиссагӣ дар маблағгузории сохтмон;

2) анҷом додани аҳдҳои харидуфурӯш, иваз, ҳадя, аз рӯи шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ ва аҳдҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд;

3) ба мерос гирифтани манзили истиқоматӣ;

4) пардохти маблағи пурраи саҳм аз ҷониби узви кооперативи манзил;

5) дар асоси санади судӣ;

6) асосҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст (моддаи 18 КМ ҶТ).

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо).
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30 июни соли 1999 (бо тағйиру иловаҳо).
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2 аз 11 декабри соли 1999 (бо тағйиру иловаҳо).
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 3 аз 1 марти соли 2005 (бо тағйиру иловаҳо).
5. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997)
6. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022.
7. Толстой Ю.К. Жилищное право / Ю.К. Толстой. - М.: ПостФактум, 1996.
8. Толстой Ю.К. Жилищное право: учеб. / Ю.К. Толстой. – ТК Велби, изд-во Проспект, 2008.
9. Толстой Ю. К. Жилищное право: учеб. 2-е изд. / Ю.К. Толстой. - М., 2014.
10. Толстой Ю.К., Жилищное право: учебник. 2-е изд., перераб. и доп. / Ю.К. Толстой. - М., 2014.
11. Богданов Е.В. Природа и сущность права граждан на жилище // Журнал российского права. 2003. № 4.
12. Жилищное право: учебник / под общ. ред. Р.А. Курбанова, Е.В. Богданова. М.: Проспект, 2016.
13. Чигир В.Ф., Проблемы систематизации и кодификации жилищного законодательства // Проблемы совершенствования гражданского и уголовноправового законодательства. Вильнюс, 1979. С. 79.
14. Жилищное право: учебник / под общ. ред. Р.А. Курбанова, Е.В. Богданова. М.: Проспект, 2016.



**АСОСҲОИ ҚОНУНИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД БА МАНЗИЛ**

Дар мақола асосҳои конститутсионии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба манзил, масъалаҳои такмили қонунгузории манзил вобаста ба ҳуқуқ ба манзил, хусусиятҳои ҳуқуқии таркиби ҳуқуқ ба манзил, фикру андешаҳои олимон ва мавқеи қонунгузории ватанӣ дар ин самт ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқ ба манзил, қонунгузории манзил, ҳуқуқи граждани.



**ПРАВОВАЯ ОСНОВА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА НА ЖИЛИЩЕ**

В статье рассматриваются конституционные основы права человека и гражданина на жилище, вопросы совершенствования жилищного законодательства, связанные с правом на жилище, правовые особенности права на жилище, мнения ученых и позиция отечественного законодательства в этом направлении и другие вопросы.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** конституционные основы, жилищное права, право на жилище, жилищное законодательство, гражданские права.

**LEGAL BASIS FOR HUMAN AND CITIZEN RIGHTS TO HOUSING**

In the article the constitutional foundations of the human and citizen's right to housing, issues of improving housing legislation related to the right to housing, the legal features of the right to housing, the opinions of scientists and the position of domestic legislation in this direction, and other issues are discussed.

**KEYWORDS:** constitutional foundations, housing rights, right to housing, housing law, civil rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Давлатова Шаҳноза Музаффаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nozasweets00@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Давлатова Шаҳноза Музаффаровна*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nozasweets00@mail.ru**

**Information about the author**: ***Davlatova Shahnoza Muzaffarovna***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nozasweets00@mail.ru**

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СУВЕРЕНИТЕТ И ГРАЖДАНСКИЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Миралиева М. Р.***
**Таджикский национальный университет**

Под воздействием перемен и трансформации, суверенитет был объявлен в Таджикистане. Так, 24 августа 1990 года на второй сессии Верховного Совета Таджикской ССР была принята Декларация «О суверенитете Таджикской ССР» [2, стр. 47.]. Здесь лишь напоминаем, что изначально суверенитет Таджикистана был декларирован в составе Советского Союза. В дальнейшем Декларация для таджикского народа представлялась бесценным и судьбоносным документом, гарантировавшим действительность перехода Таджикистана к новым общественно-политическим переменам и реалиям.

В Декларации «О государственной независимости Таджикистана» от 24 августа 1990 г. в особом порядке был закреплен принцип уважения достоинства и прав человека. В преамбуле к ней отмечается, что «… подтверждая уважение достоинства и прав людей всех национальностей, проживающих в Республике Таджикистан, во имя обеспечения каждому человеку права на достойную жизнь, выражая волю народа, Республика Таджикистан торжественно провозглашает суверенитет Республики Таджикистан и заявляет о решимости создать демократическое правовое государство» [3, стр. 8.]. Декларация о суверенитете Республики Таджикистан стала основой для разработки новой Конституции страны (п.19) .

В этот исторический период Декларация была первым судьбоносным документом, а вторым важным документом явилось Заявление Верховного Совета Республики Таджикистан «О государственной независимости Республики Таджикистан», принятое на внеочередной сессии Верховного Совета Республики Таджикистан (12-го созыва) от 9 сентября 1991 года. В данном документе говорилось, что: «Принимая во внимание революционные преобразования в СССР, уважая стремление входивших в его состав суверенных республик о восстановлении взаимоотношений… в соответствии с Декларацией о независимости Республики Таджикистан, провозглашенной 24 августа 1990 года, Верховный Совет объявляет Государственную независимость Республики Таджикистан» [2, стр. 47.]. Отсюда принятие Верховным Советом Республики Таджикистан Постановления «О провозглашении государственной независимости Таджикистана», уточним дату провозглашения независимости 9 сентября 1991 г. Последовательно был принят Закон Республики Таджикистан «Об изменении названия Таджикской Советской Социалистической Республики и внесении изменений в Конституцию (Основной Закон) Таджикской ССР» от 31 августа 1991 года. Эти документы в корне изменили политические, экономические и социальные основы страны, что в дальнейшем создало благоприятные условия для проведения реформ, без которых невозможно было достичь

политико-правовых целей и задач, обеспечения формально-юридического характера строительства суверенного Таджикистана.

Реформирование институциональной стороны суверенитета как полноты законодательной, исполнительной и судебной власти в первые годы независимости Таджикистана было осуществлено с принятием отдельных законодательных актов. Стоит согласиться с мнением Ш. М. Менглиева, всесторонне оценивающего важность и необходимость проведения правовой реформы в первые годы после обретения независимости Таджикистана, который писал: «Правовая реформа началась с принятия отдельных законодательных актов, регулирующих общественные отношения в различных сферах общественной жизни. Однако было очевидно, что многообразные общественно-экономические отношения урегулировать отдельными правовыми актами невозможно, вследствие чего возникла острая необходимость разработки кодифицированных законодательных актов, обеспечивающих плавный переход к управлению экономикой в новых условиях» [5, стр. 4.]. Особенно это касалось области частного права, где был принят ряд важных законодательных актов, не только затрагивающих, но и содержащих новые конструкции института гражданско-правового договора. Более того, законодательные акты были приняты в соответствии и с учетом предъявляемых требований новых форм и методов регулирования экономики. По этой причине еще действовавший в этот период Гражданский кодекс Таджикской ССР (1965 г.) не способен был регулировать новые общественные отношения, основанные на переходе к экономике рыночного типа. Кроме того, за исключением некоторых законодательных актов периода «перестройки», сохранивших социалистический уклад экономики, отсутствие в бывшем Советском государстве и его пространстве, в частности в Таджикистане, отдельных законодательных актов, послуживших постулатом появления новых договорных отношений, стало фактором принятия ряда новых законодательных актов.

В целом законодательные акты были направлены на обеспечение и регулирование происходящих процессов, связанных с децентрализацией разгосударствления собственности, ликвидацией крупных промышленных монополий, созданием акционерных обществ, развитием мелких предприятий, развертыванием свободы хозяйственной деятельности и предпринимательства. Важность правового обеспечения этих отношений имела весьма существенное значение и для дальнейшего развития гражданского законодательства и его отдельных институтов, в частности института гражданско-правового договора. Так как по характеру эти законодательные акты были не только признаны прогрессивными и своё временными, но они были приняты с учетом накопленного опыта в сфере регулирования частноправовых отношений. На этом фоне подчеркивалась важность и масштабность законодательной политики суверенного Таджикистана в области модернизации частноправовых отношений, и это делало очевидной необходимость приведения его в соответствие с теми международными договорами и стандартами, участником которых в настоящее время является Таджикистан.

6 ноября 1994 года была принята Конституция Республики Таджикистан, на которой базируется осуществление национальной идеи и принципов в области не только публичного, но и частного права. В Конституции Таджикистан провозглашен суверенным, демократическим, правовым, светским и унитарным государством [1, стр. 44.]. Кроме того, отмечается, что Таджикистан, являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека» (ст.1), при этом его права и свободы объявлялись высшей ценностью.

По сравнению с ранее действовавшими конституциями, в Конституции Республики Таджикистан 1994 г. впервые закреплялось новое для конституционного законодательства положение об основах рыночной экономики. В этой связи в статье 12 Конституции Республики Таджикистан указывается, что: «Основу экономики Таджикистана составляют различные формы собственности. Государство гарантирует свободу экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной».

Отсюда, успешное осуществление и упорядочение экономических отношений, необходимость их ведения в новом русле были обусловлены разработкой и принятием

дополнительно новых законодательных актов. В этом спектре отношений доминирующее положение отдавалось принятию гражданского законодательства, так как без его учета и разработки невозможно было обеспечить правовые основы регулирования новых социально-экономических преобразований.

Поэтому систематизация законодательства первых лет суверенного Таджикистана была направлена на создание первичной и устойчивой правовой базы, сочетавшей обеспечение механизма перехода к рыночной экономике, и на этой основе – развития предпринимательства.

Распоряжением Президента Республики Таджикистан в 2013 году была создана рабочая группа по разработке нового Гражданского кодекса. 24 декабря 2022 года (законом за №1918) была принять новый Гражданский кодекс, что по содержанию (1351 статьи) устанавливает правовые основы гражданского оборота вещей, работ и услуг, совершенствует участия физических и юридических лиц, государства, местные органы государственной власти в гражданских правоотношения, защищает права и свободы человека от необоснованного воздействия или ограничения.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. - Душанбе, 2019. - С.44-45.
2. Декларация «О государственной независимости Таджикистана» // Ведомости Верховного Совета Тадж. ССР. - 1990. - №16. - С.47.
3. Декларация о суверенитете Республики Таджикистан // Свод Законов Республики Таджикистан. - Душанбе, 2002. - Т.1. - С.8-10.
4. Декларация о суверенитете Республики Таджикистан // Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. -1991. - №18. - Ст.238.
5. Менглиев Ш.М. Гражданскому кодексу Республики Таджикистан 10 лет // 10 лет Гражданскому кодексу Республики Таджикистан: сб. ст.- Душанбе: Ирфон, 2010. - С.3 - 12.


## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур робитаи байни истиқлолияти давлатӣ ва таҳия ва қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Муқаррароти асосии истиқлолияти давлатӣ сиёсати мустақили иҷтимоӣ – иқтисодиро пешбинӣ мекунад, ки барои ба вуҷуд овардани ҳаёти арзандаи инсон ва шаҳрвандон равона шудааст. Ин арзишҳои умумиинсонӣ ҳадафи асосии танзими ҳуқуқи гражданӣ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истиқлолият, эъломия, давлат, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқи инсон, сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ба низомдарории қонунгузорӣ, муомилоти маданӣ, ашё, кор, хизматрасонӣ, такмил, иштирок, шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ.


## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СУВЕРЕНИТЕТ И ГРАЖДАНСКИЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье анализируется связь между государственным суверенитетом и разработкой и принятия нового Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Основные положения о государственном суверенитете предусматривают независимую социально – экономическую политику, направленную на создание достойной жизни человека и гражданина. А эти общечеловеческие ценности являются главной целью гражданско – правового регулирования.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** суверенитет, заявление, государство, Гражданский кодекс Республики Таджикистан, человек, права человека, социально – экономическая политика, систематизация законодательства, гражданский оборот, вещи, работы, услуги, совершенствование, участия, физические лица, юридические лица.


## STATE SOVEREIGNTY AND THE CIVIL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article analyzes the relationship between state sovereignty and the development and adoption of a new Civil Code of the Republic of Tajikistan. The main provisions on state sovereignty provide for an independent socio-economic policy aimed at creating a decent life for a person and citizen. And these universal values are the main goal of civil - legal regulation.



**KEYWORDS:** sovereignty, statement, state, Civil Code of the Republic of Tajikistan, human, human rights, socio-economic policy, systematization of legislation, civil circulation, things, works, services, improvement, participation, individuals, legal entities.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мироалиева Меҳрона Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918965331.**

**Сведения об авторе:** ***Миралиева Мехрона Рустамовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918965331.**

**Information about the author:** ***Miralieva Mekhrona Rustamovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **918965331**

# МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГИИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТ

***Исомиддинзода Ҳ.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба ду гурӯҳ: мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти худ амал мекунанд, ҷудо кардаанд.

Мувофиқи ин мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мебошанд, ки аз тарафи интихобкунандагони ин воҳидҳои марзии маъмурӣ интихоб шуда, дар доираи салоҳияти худ масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллиро ҳал мекунанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоте мебошанд, ки дар ҳудуди воҳиди марзии маъмурии дахлдор иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд.

Усулу асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи соли 1994 бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016, қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 30 июли соли 2007 ва дигар қонунҳо, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд. Дар санадҳои зикргардида заминаю асосҳое нишон дода шудаанд, ки мувофиқи марҳилаи нави дигаргунсозиҳои ҷомеа ва давлат, тағйирёбии ҳадафу вазифаҳои он ва аз нав тахия кардани низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян гардидаанд.

Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкилу фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки аз Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бармеоянд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ягонагии низоми мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои марзию маъмурии ҷумҳурӣ;
2. Дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойи ба худ хосро ишғол кардани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
3. Дар доираи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ танзим ёфтани асосҳои конститутсионии ташкилу фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
4. Дар ташкилу фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷой доштани хислати мутамарказ ва мухторӣ, ки аз ягонагии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти маҳал мустақил будани онҳо бармеоянд;
5. Бевосита ба сарвари давлат вобастагӣ доштани таъйин ва озод кардани раиси мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
6. Аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ мондани таъмини иҷрои бечунучарои талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Дар қаламрави воҳиди дахлдори марзию маъмурӣ ҳатмӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул шудааст;

8. Дар сурати мунтазам аз тарафи Маҷлиси дахлдори маҳаллии вакилони халқ иҷро накардани талаботи Конститутсия ва қонунҳо аз тарафи Маҷлиси миллӣ пеш аз муҳлат пароканда кардани онҳо;

9. Бо роҳи судӣ ҳаллу фасл кардани санадҳои мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Раис, ки ба талаботи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ мувофиқ нестанд ва хилофи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

Баъзе самтҳои фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, танзим ёфтаанд ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти худ онҳоро ба асос мегирад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари ҳуҷҷатҳои асосии Созмони Милали Муттаҳидро оид ба ҳуқуқи инсон эътироф кардааст, ки дар онҳо уҳдадориҳо оид ба риоя кардани ҳуқуқи инсон муқаррар шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо хислати фарогир доранд ва таъмини иҷрои меъёрҳои онҳо барои ҳамаи низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, хусусан, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳатмӣ мебошанд.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ асосҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дорад, ки онҳо аз буҷа, моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва воҳиди дахлдори марзию маъмурӣ ва манбаъҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, иборат аст. Таъминоти иқтисодию молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба самаранок ба роҳ мондани кори онҳо дар роҳбарии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии қаламрави дахлдор мебошад. Сатҳи ташаббуснокӣ ва фаъолии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шарти асосии таъмини инкишофи иҷтимоӣ иқтисодии маҳал, беҳтар гардонидани некуаҳволии зиндагии аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар мебошад.

Дар асоси нишондодҳои Конститутсия, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва қонунҳои дигар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар марҳалаи ҳозира дар заминаи чунин усулҳо қарор мегирад:

- қонуният ва адолати иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- ба таври демократӣ, ошкоро ва бо назардошти гуногунандешии сиёсӣ баррасӣ ва ҳал намудани масъалаҳо;
- масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди аҳолӣ;
- изҳори иродаи аҳолӣ ба воситаи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор;
- мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои ваколати худ;
- ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи ваколаташон қабул шудаанд;
- дастаҷамъӣ будани фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- яккасардории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Дар асоси ин усулҳо қатъӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ омили мутобиқан амалӣ намудани манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ, иҷрои бечунучарои талаботи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, ба тарзи демократӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таъмин ва ҳифзи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии зиндагии мардуми маҳал мебошад. Татбиқу риояи ин усулҳо бештар ба фаъолияти Маҷлиси дахлдори маҳаллии вакилони халқ вобастагӣ дорад. Онҳо ҳамчун ифодакунандаи иродаи аҳолии қаламрав, бо мардум бештар наздик ва аз афкору эҳтиёҷи онҳо хабардор мебошанд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро дар алоқамандӣ бо низоми мақомоти худидораи маҳаллӣ, бо сохторҳои маҳаллии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо сарварони маҳалҳо, бо соҳибкорон, коркунони корхонаҳои истеҳсолӣ ва кормандони муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ ба роҳ мемонанд ва шаҳрвандонро барои иштирок дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳавасманд мегардонанд.

Қонуни конститутсионӣ таъмини фаъолияти ташкилӣ ва моддию техникии Маҷлиси вакилони халқро пешбинӣ кардааст, ки мувофиқи он хизматрасонии ташкилӣ, моддию техникӣ ва дигар намуди хизматрасонӣ ба фаъолияти Маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти он, мусоидат ба вакилони халқ дар иҷрои ваколатҳои худ аз ҷониби дастгоҳи раиси воҳиди марзии маъмурии дахлдор сурат мегирад. Хароҷот барои таъмини фаъолияти Маҷлиси вакилони халқ дар буҷаи маҳаллии дахлдор дар сатри алоҳида нишон дода мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. - № 5. – М.339.
2. Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005.
3. Имомов А. И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.И. Имомов. - Душанбе.- 2007.
4. Пайёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. www. Prezident.tj.
5. Имомов А. И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.И. Имомов. - Душанбе. – 2007.


### МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГИИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТ


Дар мақолаи мазкур мавзуи "Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ усулҳои асосии ташкил ва фаъолият" вобаста ба масъалаҳои усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иборат мебошад. Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иборат мебошанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мақомот, усулҳо, Қонуни коститутсионӣ, Конститутсия, Маҷлиси вакилони халқ.


### МЕСТНЫЙ ПРЕДСТАВИТЕЛЬНЫЙ ОРГАН ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ: ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В данной статье изучена и обсуждена тема «Местные представительные органы государственной власти, основные методы организации и деятельности», связанная с вопросами основных методов организации и деятельности этого органа. На основании Конституции Республики Таджикистан местные органы государственной власти состоят из местных представительных органов государственной власти и местных исполнительных органов государственной власти. Местными представительными органами государственной власти являются Маджлис народных депутатов Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: органы власти, методы, Конституционный закон, Конституция, Маджлис народных депутатов.


### LOCAL REPRESENTATIVE BODY OF STATE AUTHORITY: MAIN METHODS OF ORGANIZATION AND ACTIVITY


This article examines and discusses the topic "Local representative bodies of government, the main methods of organization and activity", related to the issues of the main methods of organization and activity of this body. Based on the Constitution of the Republic of Tajikistan, local government bodies consist of local representative government bodies and local executive government bodies. Local representative bodies of state power are the Majlis of People's Deputies of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region, region, city of Dushanbe, city and district.



**KEYWORDS:** authorities, methods, Constitutional Law, Constitution, Majlis of People's Deputies.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исомиддинзода Ҳабибулло Исомиддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **777-00-66-02.**

**Сведения об авторе**: ***Исомиддинзода Хабибулла Исомиддин*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **777-00-66-02.**

**Information about the author**: ***Isomiddinzoda Khabibulla Isomiddin*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **777-00-66-02.**

**РАЗВИТИЕ ЛИЗИНГА ПЕРСОНАЛА КАК ВИД УСЛУГ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ СФЕРЕ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ**

***Назирзода Н. Н.***
**Таджикский национальный университет**

Во Франции после Февральской революции 1848 года правительственным декретом было установлено, что «эксплуатация труда рабочих через посредников уничтожается». Считалось, что при таком посредничестве не только присваивалась значительная часть заработной платы работников, но и в целом создавались благоприятные условия для их эксплуатации [1, с. 86]. В иных странах, где такого запрета не было, с подставными работодателями боролись суды, которые, опираясь на общие положения гражданского права о притворных сделках или действиях, нарушающих добрые нравы, признавали посредничество ничтожным и давали работникам право предъявлять требования к использовавшим их предприятиям [1, с. 87]. Как отмечал Л.С. Таль, в 1900 году бельгийское законодательство впервые определило, что каковы бы ни были внутренние отношения между посредником и предпринимателем, именно последний считался ответственным перед работником [2, с. 107-111].

Возникновение агентств заемного труда и лизинга персонала в современном понимании можно проследить с 1920-х годов, когда американские организации в районе Чикаго предоставляли офисных работников фирмам для удовлетворения потребностей новой экономики, основанной на сфере услуг. Эти фирмы-пионеры увеличивали спрос на заемных работников, снабжая их для выполнения заданий электронным калькулятором, который по тем временам стоил достаточно дорого [3, с 12].

С конца второй мировой войны различные социальные, экономические и демографические изменения, включая увеличивающуюся международную конкуренцию, значительные колебания в спросе, увеличивающийся размер социальных выплат, снижение влияние профсоюзов и изменения в структуре рынка труда, привели к значительному росту количества агентств заемного труда и лизинга персонала. Такие компании как Manpower и Kelly Services стали одними из наиболее узнаваемых корпоративных брэндов в странах Западной Европы и США, а заемные работники стали неотъемлемым компонентом рынка труда [4, с. 33].

Лизинг персонала первоначально возник в секторах экономики с колеблющимся уровнем производства товаров или услуг, обусловленным сезонными или иными эффектами. Поэтому розничная торговля, гостиницы, рестораны, услуги по ремонту, а также транспортные организации интенсивно использовали услуги агентств по лизингу персоналаа и заемному труду.

К концу 1950-х годов лизинг персонала прочно укрепился в таких странах как Нидерланды, Швейцария и Великобритания, а вскоре после этого – в других западноевропейских странах, таких как Бельгия, Франция и ФРГ. Двумя основными видами агентств являются занимающиеся подбором персонала для работодателей (рекрутинговые) и агентства, которые сами предоставляют своих работников для временной работы в пользу третьих лиц (лизинга персонала). Агентства по подбору персонала не вступают в трудовые отношения со своими клиентами, поскольку они только подыскивают подходящую работу, а непосредственно трудовые отношения возникают между работником и работодателем. Зачастую кадровые агентства выполняют функции как по подбору персонала, так и по предоставлению лизинга персонала.

Работодатели и их объединения, которые являются основными пользователями услуг агентств по лизингу персонала, традиционно положительно относятся к лизингу персонала и заемному труду. Крупнейшим объединением агентств по лизингу персонала и заемного труда является Международная конфедерация агентств по лизингу персонала и заемного труда (CIETT), штаб-квартира которой находится в Брюсселе. Основанная в 1967 году в Париже, Конфедерация объединяет национальные федерации, в которые входят соответствующие

агентства из 30 стран мира и шесть крупнейших компаний мира. Основной целью конфедерации является обеспечение большего признания позитивного вклада, который агентства способны внести в развитие рынка труда, создание новых рабочих мест, а также интеграции безработных на рынок труда.

Профсоюзы исторически по-разному относились к лизингу персонала и заемному труду и занимали одну из следующих позиций. Во-первых, в некоторых странах профсоюзы до сих пор выступают против любых форм заемного труда, утверждая, что такая форма работы умаляет ценность непрерывности и долгосрочности трудовых отношений.

Во-вторых, профсоюзы могут признавать потребность в лизинге персонала и заемном труде, но, несмотря на это, выступать за запрещение деятельности агентств по лизингу персонала. Аргументы, которые ими выдвигаются, включают предполагаемое уменьшение постоянных работников, потенциальное использование заемных работников как штрейкбрехеров и слабые социально-экономические гарантии, которые предоставляются заемным работникам по сравнению с постоянными.

В-третьих, некоторые профсоюзы признают неспособность государственных служб занятости в полной мере удовлетворять потребность в заемных работниках, но поз- воляют агентствам по лизингу персонала выполнять функции по предоставлению заемных работников только в тех сферах, где государственная служба занятости не способна полностью обеспечить такие потребности (офисные работники и т.п.). При этом они готовы мириться с агентствами по лизингу персонала только до тех пор, пока государственные органы не приобретут необходимые навыки и не наймут соответствующий персонал для того, чтобы удовлетворять потребности в заемном труде [5, с. 17].

В настоящее время профсоюзы в большинстве стран Европы признают потребность в лизинге персонала и заемном труде и в принципе не возражают против деятельности агентств лизинга персонала. Однако в то же время они, как правило, выступают за большее регулирование деятельности таких фирм с помощью законодательства или коллективных трудовых договоров.

В Германии Объединение оплачиваемых работников, крупнейший профсоюз, который является стороной коллективного договора с конфедерацией агентств по лизингу персонала, справедливо полагает, что полный запрет лизинга персонала и заемного труда приведет к увеличению сегмента «черного» рынка труда. Профсоюз также обращает внимание на то, что во многих случаях квалифицированные работники доступны только у профессиональных поставщиков и значительно предпочтительнее обеспечить заемных работников соответствующими социальными гарантиями, включая право на достойную оплату труда, чем вытеснять их за пределы легального рынка труда [6, с. 89].

На сегодняшний день под заемным трудом в Западной Европе понимается работа, выполняемая работником, нанятым специализированной организацией (агентством по лизингу персонала и заемного труда), которая предоставляет работника в распоряжение третьей стороне, называемой организацией-пользователем, для выполнения временного труда в пользу и под руководством последней [7, с. 16].

Важным моментом является тот факт, что трудовое правоотношение существует только между заемным работником и агентством по лизингу персонала, при этом работник выполняет работу в пользу и следуя указаниям организации-пользователя.

По прогнозам Международной конфедерации агентств по лизингу персонала и заемного труда, частные агентства занятости могут создать в ближайшие годы рабочие места для 6,5 миллиона человек ежедневно [8, с. 8].

Несмотря на то, что универсального описания заемного работника не существует, на основе данных Европейского фонда улучшения условий жизни и труда можно обозначить основные характеристики, которые свойственны типичному заемному работнику в Европе [9, с. 133].

Во-первых, одной из наиболее отчетливых черт заемных работников в Западной Европе является то, что они, как правило, моложе, чем другие работники. В Германии средний возраст заемных работников составляет 37,5 года, что ниже, чем показатель 41,4 года среди общего количества работников. Данные из Испании также свидетельствуют о том, что, по крайней мере

84% всех заемных работников моложе 34 лет и 47,2% моложе 25 лет. Такая же ситуация прослеживается во Франции, Швеции и Дании.

Во-вторых, уровень образования заемных работников ниже, чем в среднем среди работников. Например, в Германии 5,7% от всех заемных работников не окончили даже школу по сравнению с показателем в 1,5% работников с таким уровнем образования в экономике страны вообще. Кроме того, только 13,2% заемных работников в Германии имеют высшее образование, тогда как в экономике в целом показатель 20,8 процентов. В Испании 38% всех работников окончили только школу или не достигли даже этого уровня и только 6,8% имеют высшее образование. Похожие тенденции наблюдаются в Финляндии, во Франции, в Нидерландах и Швеции. Данные из Нидерландов свидетельствуют о том, что значительная часть заемных работников часто получает образование одновременно с работой.

В-третьих, отчетливо прослеживается тенденция, что большие фирмы используют лизинг персонала и заемный труд чаще, чем маленькие фирмы. В Швеции 42,4% компаний с более чем 100 работниками используют лизинг персонала, тогда как этот процент составляет только 18,4% среди компаний, имеющих 20 – 99 работников. В Германии 1% от всех маленьких фирм (1 – 49 работников), 16,5% фирм с 40 – 499 работниками и 35,7% фирм с более чем 500 работниками используют лизинг персонала [8, с. 11].

Несмотря на общий рост лизинга персонала и заемного труда в ЕС, их распространение очень неравномерно. В соответствии с вышеупомянутым исследованием Европейского фонда улучшения условий жизни и труда в 2009 году около 80% заемных работников были заняты в четырех странах ЕС – Нидерландах, Франции, Германии и Великобритании. Значительные различия наблюдаются и в отраслевом распределении заемных работников. К примеру, если в Великобритании 80% деятельности агентств по лизингу персонала приходится на сферу услуг и публичный сектор, то во Франции 75% приходится на промышленность, строительство и общественные работы.

Отношение к заемному труду неоднозначно – у него имеются как сторонники, так и противники. Сторонники (главным образом работодатели) подчеркивают гибкость, которую приносит лизинг персонала, поскольку он позволяет организациям-пользователям быстро отреагировать на изменяющиеся потребности рынка труда [10, с. 113]. Высказывается мнение, что работникам выгоден лизинг персонала, поскольку он предоставляет краткосрочную занятость тем, кто по тем или иным причинам не заинтересован в полной занятости. Лизинг персонала удобен для организаций-пользователей, поскольку последние могут в самые короткие сроки избавиться от такого работника, расторгнув договор с агентством по лизингу персонала.

Какие позитивные экономические функции выполняют агентства по лизингу персонала? Наиболее важные из них – предоставление рабочей силы в периоды большого спроса; восполнение временно отсутствующих на работе (находящихся на больничном, в командировке, на учебе и т.п.); уменьшение стоимости рабочей силы для организации-пользователя; найм работников с редкими навыками, необходимыми только на короткие периоды времени. Германские, также, как и нидерландские работодатели, часто используют заемных работников для испытания перед тем, как нанять их на постоянную должность [11, с. 6].

Несмотря на общепринятое в Западной Европе мнение о том, что лизинг персонала выполняет важную социально-экономическую роль, высказываются и обоснованные опасения тех, кто выступает за больший уровень социальной защиты работников [12, с. 27]. Многие оппоненты заемного труда (в основном из рядов профсоюзов) утверждают, что преимущества лизинга персонала иллюзорны – заемные работники не имеют достаточных прав в сфере охраны труда, равно как прав на целый ряд выплат, получаемых их коллегами, работающим на постоянной основе [13, с. 23]. Нередко возникает ситуация, когда заемные работники получают лишь краткосрочные задания, сочетающиеся с периодами длительной незанятости. Этим работникам сложно интегрироваться в коллектив агентства или организаций-пользователей, куда они направляются выполнять краткосрочные задания.

С точки зрения организации-пользователя лизинг персонала может быть удобным по ряду причин, среди которых замещение временно отсутствующих работников, выполнение редких

работ, которые требуют специфических навыков, а также удовлетворение потребности в рабочей силе в сезонные пики производства [14, с. 28]. Возможен также вариант, когда организация-пользователь обращается к агентствам по лизингу персонала для выбора сотрудников для последующего постоянного трудоустройства. В этом случае агентства по лизингу персонала не столько занимаются предоставлением персонала, сколько оказывает услуги по отбору и рекрутингу.

С помощью лизинга персонала организации любой отрасли и любых размеров могут удовлетворять свои потребности в выполнении краткосрочных заданий. С одной стороны, использование такого труда помогает справляться с пиками производства, когда для этого недостаточно постоянных работников. С другой стороны, появляется возможность уменьшить постоянный штат работников при помощи лизинга персонала. Упрощенная процедура увольнения позволяет организации-пользователю избавляться от заемных работников по мере исполнения задания. Организация-пользователь может сконцентрироваться на своей профильной деятельности, сокращая расходы на сопутствующие виды работ.

Агентства по лизингу персонала помогают организациям-пользователям быстро и точно найти квалифицированных и мотивированных работников, которые, выполняя поставленные перед ними задачи, используют свой опыт в организации-пользователе. Лизинг персонала помогает своевременно выполнять срочные или целевые задания, избегая сверхурочных и чрезмерных нагрузок на постоянный персонал.

Организации-пользователи прибегают к лизингу персонала для замены отсутствующих работников на время болезни, отпусков и т.п., при увеличивающейся нагрузке во время сезонных или иных пиков работ, для выполнения специфических работ и проектов, а в некоторых странах для избегания уплаты ряда обязательных социальных платежей [15, с. 907-922]. Наконец, многие предприниматели используют лизинг персонала для поиска нового постоянного персонала. Организации-пользователи могут познакомиться на деле с потенциальным работником, его способностью исполнять возложенные функции и работать в команде. Это исключает необходимость оплаты стоимости агентств по поиску и подбору персонала. По статистике, в Германии около одной трети всех заемных работников остаются в организации-пользователе как постоянные работники.

Следует, однако, оговориться, что для организаций-ползователей обращение к услугам агентств лизинга персонала не всегда самый выгодный путь. Почасовая оплата услуг заемных работников для организации-пользователя, как правило, выше, чем оплата труда работников, нанятых непосредственно по срочному или несрочному трудовому договору, поскольку в дополнение к обычному вознаграждению работника организация-пользователь также должна выплачивать вознаграждение агентству, которое обычно составляет 10 – 30% от выставляемого счета. К тому же, из-за того, что работник привлекается лишь на временной основе, есть основания полагать, что мотивация заемного работника будет ниже, чем у постоянного, ведь работник не заинтересован в карьерном росте в организации-пользователе, и это может негативно сказаться на продуктивности и качестве труда [16, с. 38].

Поскольку даже высококвалифицированным работникам требуется время для освоения производственных процессов, фирмы могут не получать достаточного уровня производительности труда от заемного работника, чтобы полностью покрыть расходы, понесенные на его подготовку. Кроме того, производительность заемных работников ниже, чем у постоянных работников; заемные работники редко становятся инициаторами нововведений и усовершенствований, которые могли бы в дальнейшем внедряться в организациях-пользователях.

Профессор А.Ф. Нуртдинова дает отрицательную экономическую, нравственную и юридическую оценку лизинга персонала. Представляется, что тотальное неприятие лизинга персонала 50 не вполне оправданно. Рассмотрим аргументы «против» по порядку. Нельзя согласиться с тем, что такой труд ни в коей мере не способствует решению проблемы безработицы.

Опыт зарубежных стран свидетельствует, что агентства по лизингу персонала становятся непосредственными участниками рынка труда и позволяют эффективно решать задачи трудоустройства и перераспределения экономически активных лиц наряду с государственными службами занятости. Частные агентства занятости выигрывают в конкурентной борьбе с государственными структурами и нередко эффективно сотрудничают с ними в сфере консультирования безработных граждан, сбора и предоставления информации об ищущих работу и вакансиях.

В Нидерландах было проведено исследование причин, по которым работники выбирают лизинг персонала в качестве формы занятости. Более тысячи заемных работников были опрошены с целью выяснения причин, по которым они устроились на работу, предлагаемую агентствами заемного труда. Самым популярным вариантом ответа стало приобретение опыта работы (60,9%). Более половины заемных работников в качестве причины назвали отсутствие у них постоянной работы (54,8%), а также то, что агентства по лизингу персонала предоставляли им возможность сохранять свободу и независимость (53,3%). Для некоторых работа через агентства по лизингу персонала являлась возможностью получить дополнительный временный заработок (43,7%), в то время как примерно четверть работников выбрала агентства заемного труда потому, что это позволяло совмещать их семейные обязанности с трудовыми (27,2%). Более трех четвертей заемных работников признали, что выбрали заемный труд сознательно.

Помимо этого считается, что в агентствах по лизингу персонала сравнительно часто имеют место нарушения трудового права в части времени работы, оплаты неотработанных часов и расторжения трудовых договоров. Нередко на заемных работников не распространяется действие коллективных соглашений, которые бы гарантировали реализацию их коллективных трудовых прав.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Лушникова М., Лушников А. Заемный труд: исторический опыт и перспективы правового регулирования // Человек и труд. – № 7, 2004.
2. Таль Л.С. Очерки промышленного рабочего права. Очерки промышленного рабочего права. -2-е изд., доп. / Л.С. Таль. – М.: Моск. науч. изд-во, 1998.
3. Finney M., Dasch D. A Heritage of Service: The History of Temporary Help in America \ M. Finney, D. Dash. – Alexandria, VA: National Association of Temporary Services, 1991.
4. Cohany S. Workers in Alternative Employment Arrangements // Monthly Labour Review. – 119(10), 1996.
5. Temporary work in modern society: a comparative study of the International Institute for Temporary Work, on request of the Fondation Internationale pour la Promotion de l'Etude du Travail Temporaire / W. Albeda, R. Blanpain, G. M. J. Veldkamp. – De- venter: Kluwer, 1978-<1979>. – 240 с.
6. Waas B. Temporary Agency Work in Germany: Reflections on Recent Developments // International Journal of Comparative Labour Law and Industrial Relations. – №19 (3), 2003. – 389 p.
7. Blanpain R., Graham R. Temporary Agency Work and the Information Society. The Hague/London/New York: Kluwer Law International, 2004
8. Смирных Л.И. Заемный труд: экономическая теория, опыт стран ЕС и России / Л.И. Смирных. – М.: Российско-Европейский Центр Экономической Политики, 2018.
9. Paoli P., Merllie D. Third European survey on working conditions 2000. Luxembourg: European Foundation for the Improvement of Living and Working Conditions, 2017.
10. Sol E. Targeting on transitions: employment services in the Netherlands // Comparative Labor Law & Policy Journal. – Vol. 27. – No. 8, 2017. – P. 81–128
11. Dunnenwijk T. Temporary Work Agencies in the Netherlands: emergence and perspective // CJB Report 2011/18. – Amsterdam: Netherlands Bureau for Economic Policy Analysis, 2019. – P. 4-10
12. Нуртдинова А. Заемный труд: Особенности организации и возможности правового регулирования // Хозяйство и право. – № 9, 2004. – С. 22 – 30.
13. Neugart M., Storrie D. Temporary Agency Work and Equilibrium Unemployment / M. Neugart, D. Storrie – Goeteborg: Goeteborg University, 2019. – P. 20-29.
14. Rixen S. Personal-Service-Agenturen im Schnittfeld von Sozial-, Haushalts- und Vergaberecht // Neue Zeitschrift fuer Sozialrecht, 2014.
15. Pandya S. Retrofitting Unemployment Insurance to Cover Temporary Workers // Yale Law and Policy Review, 2009. – 1300 p.
16. Booth A., Francesconi M., Frank J. Labour as a Buffer: Do Temporary Workers Suffer? // Discussion Paper. – No. 633. – Bonn: Institute for the Study of Labor, 2020. – P. 35-42.
17. Miedema E.P., Hesselink K. Employed or excluded // TNO Work & Employment. – Hoofddorp, 2018. – P. 19-28

**РУШДИ ЛИЗИНГИ КАДРҲО ҲАМЧУН НАВЪИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР СОҲАИ СОҲИБКОРӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ**

Дар ин мақолаи илмӣ рушди лизинги кормандон ҳамчун як намуди хизматрасонӣ дар бахши тиҷорат бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, худи институти иҷораи кадрҳо, аз ҷумла нақши он ҳамчун хидматрасонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ дар асоси адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт таҳлил карда шуд. Дар охир муаллиф оид ба ин масъала хулосаҳои муайяне ба миён гузошта, таклифҳо пешниход менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** лизинг, лизинги кадрҳо, хизматрасонӣ, соҳибкорӣ, таҷрибаи хориҷӣ, қонунгузории хориҷӣ, кори агентӣ, корманди агентӣ, агентии лизингии кадрҳо.

**РАЗВИТИЕ ЛИЗИНГА ПЕРСОНАЛА КАК ВИД УСЛУГ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ СФЕРЕ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ**

В данной научной статье рассмотрены вопросы развития лизинга персоанала как вид услуг в предпринимателськой сфере с учетом зарубежного опыта. Также проанализирован сам институт лизинг персонала, в том числе, его роль как услуги в предпринимательской сфере на основе отечественной и зарубежной литературы в данной области. В итоге, автором выдвигаются опредленные выводы относительно данного вопроса и внесены конкретные предложения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** лизинг, лизинг персоанала, услуга, предпринимательство, зарубежный опыт, зарубежное законодательство, заемный труд, заемный работник, агентство по лизингу персонала.

**DEVELOPMENT OF STAFF LEASING AS A TYPE OF SERVICES IN BUSINESS SPHERE IN FOREIGN COUNTRIES**

This scientific article discusses the development of staff leasing as a type of service in the business sector, taking into account foreign experience. Also, the institution of personnel leasing itself was analyzed, including its role as a service in the business sector, based on domestic and foreign literature in this field. As a result, the author puts forward certain conclusions regarding this issue and makes specific proposals.

**KEYWORDS:** leasing, personnel leasing, service, entrepreneurship, foreign experience, foreign legislation, agency work, agency worker, personnel leasing agency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назирзода Нигора Назир –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-03-01-57**. E – mail: **nigora.nigora_1997@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Назирзода Нигора Назир –*** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-03-01-57**. E – mail: **nigora.nigora_1997@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nazirzoda Nigora Nazir –*** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-03-01-57**. E – mail: **nigora.nigora_1997@mail.ru**

# МАФҲУМ ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН

***Ҳусайнзода З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқи истифодабарии замин ба маъноҳои гуногун фаҳмида мешавад. Ба маънои объективӣ ҳуқуқи истифодабарии замин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вобаста ба истифодабарии объектҳои табиӣ барои қонеъ намудани талаботи иқтисодӣ, экологӣ ва дигари шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷомеа ва давлатро танзим менамояд. Ба маънои субъективӣ ҳуқуқи истифодабарии замин ин имконияти рафтори истифодабарандаи замин ҳангоми фаъолияти дар боло зикршуда мебошад.

Истифодабарии замин аз тарафи инсон барои қонеъ намудани талаботҳои иқтисодӣ, экологӣ, маънавӣ, рекреатсионӣ ва дигар талаботҳо анҷом дода мешавад. Низоми меъёрҳое, ки муносибатҳо вобаста ба истифодабарии сарватҳои табииро танзим менамоянд, ҳуқуқи истифодабарии замин номида мешавад.

Ин ҳуқуқ дар адабиёти илмии ватанӣ ба истилоҳи «заминистифодабарӣ» низ ифода карда мешавад, ки ҳам истилоҳи «заминистифодабарӣ» ва ҳам истилоҳи «истифодабарии

замин» маънои якхела доранд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқи истифодабарии заминро танзим менамоянд, дар қонунгузории истифодабарии замин – замин, об, ҷангал, олами наботот ва ҳайвонот инъикос карда мешаванд. Баъзе аз масъалаҳои истифодабарии замин дар қонунгузории ҳифзи муҳити зист низ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳуқуқи истифодабарии заминро ба маънои гуногун баҳо додан мумкин аст: ҳамчун падидаи (институти) ҳуқуқӣ, ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ, ҳамчун ваколатҳои муайяни истифодабарандаи замин. Маҷмуи меъёрҳое, ки муносибатҳо вобаста ба истифодабарии заминро ба танзим медарорад, падидаи комплексии ҳуқуқи истифобарии заминро ташкил медиҳад.

Ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ ҳуқуқи истифодабарии замин Маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои муносибатҳои мушаххасро вобаста ба истифодабарии замин, ҷангал, об ва ғайра муайян мекунад. Ҳамчун ваколат ҳуқуқи истифодабарии замин ба маънои ҳуқуқи субъективии шахс оид ба имконияти рафтори шахсро дар бар мегирад.

Ба андешаи О.Л. Дубовик ҳуқуқи истифодабарии замин – ин низоми меъёрҳои танзимкунандаи истифодабарии захираҳои табиӣ (ба маънои объективӣ); Маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар алоқамандӣ бо истифодабарии захираҳои табиӣ бавуҷудоянда (ба маънои субъективӣ) мебошад.

Ҳуқуқи истифодабарии замин Маҷмуи (низоми) меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориро барои ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон қоидаи рафтор ҳангоми таъсиррасонии бевосита ба муҳити зист новобаста аз он ки дар муносибат ба объекти табиие, ки ба рафтори (фаъолияти худ) он таъсир мерасонад, ҳамчун истифодабарандаи махсус эътироф гардидааст ё эътироф нагардидааст, муқаррар менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи замин таҳти ҳуқуқи истифодабарии замин самти фаъолияти инсон дар самти омӯзиш ва истифодаи оқилонаи замин, захираҳои табиии он, амалӣ намудани қобилияти ҷисмонӣ ва маънавии худ барои ба даст овардани неъматҳои модии муайян мебошад.

Ҳуқуқи заминистифодабарӣ гуфта, Маҷмуи меъёрҳое фаҳмида мешавад, ки шартҳо ва тартиби истифода бурдани хислатҳои фоидаовари заминро барои инсон ба манфиати иқтисодӣ, экологӣ, маъданӣ, солимгардонӣ муқаррар мекунад, фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти илмӣ баъзан бар ивази истилоҳи «истифодабарии замин», истилоҳи «истифодабарии экологӣ»-ро пешниҳод менамоянд ва асоснок мекунанд, ки истифодабарии экологӣ аз истифодабарии замин фарқ менамояд.

Ба андешаи Б.В. Ерофеев ҳуқуқи истифодабарии замин ин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ истифодабарии захираҳои табиӣ барои қонеъ гардонидани талаботи иқтисодии хоҷагии халқ ва шаҳрванд мебошад, ҳуқуқи истифодабарии экологӣ бошад, ҳамчун падидаи ҳуқуқи экологӣ, ки ваколатҳои истифодабарии экологиро тавассути муносибатҳои моликиятӣ вобаста аз намуд ва ҳолати объектҳои табиӣ, бо баҳисобгирии алоқамандии он ба низоми экологии давлат, алоқаи ҳамдигарии субъектҳои муносибатҳои экологӣ танзим менамояд.

Таҳти мафҳуми хуқуқи истифодабарии замин Маҷмуи меъёрҳое фаҳмида мешавад, ки шартҳо ва тартиби истифода бурдани хислатҳои фоидаовари заминро барои инсон ба манфиати иқтисодӣ, экологӣ, маданӣ, солимгардонӣ муқаррар мекунад.

Таърифи расмии истифодабарии замин дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» зикр гардидааст, ки тибқи он истифодаи захираҳои замин (истифодабарии замин) ин фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият (аз ҷумла низомӣ) бо истифодаи намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ, инчунин таъсири ин фаъолият ба муҳити зист мебошад.

Дар қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ шаклҳо, намудҳо ва зернамудҳои гуногуни истифодабарии замин пешниҳод карда шудааст. Вобаста ба объект истифодабарии замин ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

хуқуқи истифодабарии замин;

ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ;

ҳуқуқи истифодабарии об;

хуқуқи истифодабарии атмосфера;

ҳуқуқи истифодабарии олами наботот (ғайри ҷангал);
ҳуқуқи истифодабарии олами ҳайвонот.

Таснифи асосӣ ва ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи истифодабарии замин вобаста ба таъиноти мақсадноки онҳо ба роҳ монда мешавад. Намудҳои истифодабарии замин вобаста ба таъиноти мақсаднок бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани махсусияти захираи табиӣ ва аз он қонеъ гардидани талаботи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ин тибқи КЗ ҶТ ва қонунгузории граждании ҶТ ҳуқуқи бадастовардашавандаи (бадастовардашудаи) истифодабарии бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросӣ ё дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замин тибқи КЗ ҶТ додашуда ё ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан мебошад, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст. Дар қонунгузории замини ҶТ тамоми заминҳои кишвар вобаста ба таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд. Дар асоси КЗ ҶТ тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд:

– заминҳои таъиноти кишоварзӣ;
– заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот);
– заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар;
– заминҳои таъиноти ҳифзи замин, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ;
– заминҳои фонди давлатии ҷангал;
– заминҳои фонди давлатии об;
– заминҳои захираи давлатӣ.

Дар баробари ин, ҳар як категорияи замин мумкин аст, ки сохтори дохилии худро дошта бошад, ки таъиноти мақсадноки онро ифода менамоянд. Масалан, заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, заминҳое, ки дар онҳо роҳҳои дохилихоҷагӣ, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншоотҳои гидротехникӣ ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд, ҳамчунин дигар заминҳои ғайрикишоварзии дар дохили гурӯҳи мазкури заминҳо ҷойгиршуда, иборат мебошанд.

Дар моддаи 1(3) Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки заминистифодабарандагон фаъолияти худро дар асоси присипҳои муқаррар намудаи КЗ ҶТ амалӣ менамоянд.

Калимаи «принсип» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «асос» ё «таҳкурсӣ» мебошад. Принсипҳое, ки дар ин модда оварда шудааст, ҳамчун асосҳои ғоявии ҳуқуқӣ баҳисоб рафта, дар пояи онҳо қонунгузориҳо оид ба замин бунёд гаштааст. Принсипҳои соҳавии қонунгузории замин аз Конститутсияи ҶТ сарчашма гирифта, дар дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии оид ба замин, аз ҷумла дар Кодекси замин ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи заминсозӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин», Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин» ва дар дигар санадҳои меъёрии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фармонҳои Президенти ҶТ ва дар дигар қарорҳои Ҳукумати ҶТ ифодаи худро ёфтааст.

Тибқи сархати аввали моддаи қонуни мазкур принсипи аввалини қонунгузории замин ин принсипи нигоҳдории Фонди ягонаи давлатии замин, беҳтар намудани сифат ва ҳосилхез кардани замин ҳамчун захираи муҳимтарини табиӣ мебошад. Замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боигарии асосии мамлакат ба ҳисоб рафта, ояндаи Тоҷикистон ҳамчун давлати аграрӣ аз он вобастагии калон дорад. Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои камзамин дар ҷаҳон ба шумор рафта, масоҳати заминҳои корам ҳамагӣ 720,2 ҳазор гектарро ташкил менамояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳар як вачаби заминро пурра, оқилона ва самаранок бояд истифода баранд. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда, майдони заминҳои корам бошад, мутассифона, кам шуда истодааст. Дар соли 1970 ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ 0,17 га замини корам рост меомад, дар соли 2014 бошад, ин

нишондод ба 0,08 га расид. Ин нишондод дар дигар мамлакатҳои дунё: Австралия ба 3,19 га, Қазоқистон 0,96 га, Россия 0,87 га. баробар аст. Ин водор месозад, ки муносибатро ба ин боигарии асосӣ тамоман дигаргун созем. Оид ба ин масъала фармони Президенти ҶТ, аз 25 июли соли 2000, №335 «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ» ба имзо расид, ки ҷудо намудани қитъаҳои наздиҳавлигӣ, сохтмони манзил ва иншоотҳои ғайриистеҳсолиро дар заминҳои корами обӣ манъ намуд. Ин иқдоми нек барои кам нашудани майдони заминҳои корами обӣ дар ҷумҳурӣ пояи устувор гузошт.

Бояд тазаккур дод, ки Фонди ягонаи давлатии замин танҳо ба мақсади беҳтар, самаранок ва мувофиқи мақсаду таъинот истифода бурдани замин пешбинӣ шудааст. Принсипи мазкур имконият медиҳад, ки ҳар як ваҷаб замин самараноку сифат мавриди истифода қарор дода шавад.

Принсипи таъмини истифодабарии самараноки замин яке аз принсипҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро мақсади кабул гардидани ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ин таъмини самаранок истифода бурдани қитъаи замин мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ фармони 11 резидента Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2006, № 1775 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» ҳамчун асос қабул гардид, ки мувофиқи мақсад мебошад. Мақсади ислоҳот аз тағйир додан ва суръат бахшидан ба рушди муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи пурра ва оқилонаи замин, коркарди маҳсулот ва соҳаҳои ба он алоқаманд дар заминаи интихоби шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ иборат мебошад.

Принсипи дигари қонунгузории замин, ки дар сархати сеюми моддаи қонуни мазкур оварда шудааст, принсипи таъмини ҳифзи махсус васеъ намудан ва истифодабарии қитъаи максадноки заминҳои кишоварзӣ мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи махсуси объектҳои табииро бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва дигар мақсадҳо пешбинӣ кардааст. Дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки мақсади асосиашон ҳифз намудани объектҳои табиӣ мебошанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи хок», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ», фармони Президенти ҶТ «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ» (аз 25. 07. 2000, № 335), қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Низомномаи назорати давлатӣ ба истифода ва ҳифзи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 15. 07. 1997, № 294) қабул карда шудаанд.

Қонун ва қарорҳои мазкур припсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо мақсади оқилона ва эҳтиёткорона истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ, нигоҳ доштани сифат, ҳосилхезӣ ва ҳифзи онро муайян карда, муносибатҳои ба ҳифзи замин (хок) алоқамандро танзим менамоянд.

Принсипи ташкили бозори ҳукуки истифодабарии замин, фаъолияти самаранокни он ва роҳ надодан ба фаъолияти инҳисорӣ дар бозори ҳуқуқи истифодабарии замин дар сархати чаҳоруми моддаи қонуни мазкур ифода ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолияти давлатиро ба даст овардан, рӯ ба иқтисоди бозорӣ овард. Аз ин лиҳоз, давлат кӯшиш карда истодааст, ки қисми зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба ин сохти иқтисодӣ мутобиқ созад. Мувофиқи моддан 12-и Конститутсия асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Аз ин хотир, ҷорӣ намудани принсипи мазкур дар Кодекси мазкур барои ташкили истифодаи самараноки замин аҳамияти муҳим дорад.

Дар сархати панҷуми моддаи қонуни мазкур сухан дар бораи принсипи дастгирии давлатӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳосилхез кардани заминҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва ҳифзи замин меравад. Принсипи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» (аз 15 июли соли 2004, № 56) асос ёфта, асосҳои ҳуқуқии танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзиро муқаррар менамояд.

Дар Қонуни мазкур ҷиҳати якхела дарк намудани ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:

✓ заминистифодабарандагон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар истифодаашон қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ доранд;

✓ ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ қобилияти ба моддаҳои ғизоӣ, обу ҳаво, гармӣ, ба муҳити биологӣ ва физикию кимиёвӣ талабдоштаи зироатро қонеъ гардонидани хок ва таъмин намудани ҳосилнокии зироатҳо;

✓ ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нигоҳ доштан ва баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо роҳи мунтазам гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, зидди эрозиявӣ ва дигар чораҳо;

✓ деградатсияи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бадшавии хусусиятҳои заминҳои кишоварзӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва таъсири антропогенӣ;

✓ олуда шудани хок дар таркиби хок мавҷуд будани пайвастагиҳои кимиёвӣ, моддаҳои радиоактивӣ, организмҳои касалиовар ба микдоре, ки ба саломатии инсон, муҳити зист, ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад;

✓ чорабиниҳои агротехникӣ Маҷмуи тарзу усулҳои илман асосноки коркарди хок, киштгардон ва дигар амалҳо бо мақсади барқарор кардани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

✓ чорабиниҳои мелиоративӣ, тарҳрезӣ, сохтмон, истифода ва таҷдиди системаҳои мелиоративӣ ва иншоотҳои алоҳидаи гидротехникӣ, обшор кардани чарогоҳҳо, барпо намудани системаҳои дарахтзорҳои ҷангалӣ барои муҳофизати заминҳон таъиноти кишоварзӣ, беҳтар гардонидани хусусияти кимиёвӣ ва физикии хок, таъмини илмӣ ва истеҳсолию техники корҳои мазкур;

✓ чорабиниҳои фитосанитарӣ Маҷмуи тарзу усулҳои фитосанитарӣ Маҷмуи тарзу усулҳои илман асосноки ошкор кардан ва аз алафҳои бегона тоза намудани хок, заҳролудшавии хок аз касаливу ҳашароти зараррасони зироатҳо;

✓ чорабиниҳои зидди эрозиявӣ Маҷмуи тарзу усулҳои илман асосноки ҳифз намудани замин аз эрозияҳои обшӯӣ, бодлесшавӣ ва механикӣ;

✓ мониторинги замин мушоҳидаи мунтазами ҳолати замин, муайян кардани тағйироти вокеъшаванда ва арзёбии онҳо;

Дар сархати шашуми моддаи қонуни мазкур ба принсипи дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати ба даст овардан, истифода бурдан ва бегона кардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин ҷой дода шудааст. Тибқи принсипи мазкур мақомоте, ки фаъолияти асосиашон ба истифода додани қитъаи замин, бегона намудани он алоқаманд аст, дахолат намудан ба фаъолияти заминистифодабарандагон манъ аст. Ба истиснои мавридҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон пешбинӣ кардааст. Ба сифати чунин истисноҳо сари вақт ва пурра насупоридани андозҳо ва боҷҳое, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар намудааст, мисол шуда метавонад. Дар ин маврид мақомоти андоз ба фаъолияти онҳо дахолат менамояд.

Мазмуни ин принсип дар чанде аз моддаҳои Кодекси замин дарҷ шудааст. Аз ҷумла, банди «б»-и м.46 мудохила кардан ба фаъолияти заминистифодабарандагон аз тарафи давлат ва заминистифодабарандагони дигар, ба ғайр аз мавридҳои вайрон кардани қонуни замин аз тарафи заминистифодабарандагон манъ намудааст, инчунин банди 1-и м.9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ» низ дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ, ба ғайр аз мавридҳои дар қонун пешбиншуда, манъ намудааст.

Принсипи пешгирии зараррасонӣ ба замин, муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ бо мақсади пешгирии зараррасоние, ки аз ҷониби заминистифодабарандагон ё дигар шахсон ба миён меояд, нигаронида шудааст. Принсипи мазкур, пеш аз ҳама, сарчашма мегирад аз моддаи 44 Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи экспертизаи экологӣ», «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ», «Дар бораи иттилоотӣ экологӣ» ва фармони Президенти ҶТ «Дар бораи

ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи манъи истифодаи ҳарбӣ ё ҳама гуна истифодаи душманонаи иоситаҳои таъсир ба муҳити табиат аз 10 декабри соли 1976», аз 16 сентябри соли 1999, № 1348, қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиби пешбурди кадастри давлатии худудҳои табиии махсусмуҳофизатшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2012, № 773 ва ғайра.

Тибқи м. 17 Конститутсияи ҶТ ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Аз ин ҷо таъмин намудани баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои вобаста ба замин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо ҳамчун принсип дар қонунгузории замин эътироф карда шудааст. Ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллат, нажод, мазҳаб, дин, ҳолати молумулкӣ, вазъи иҷтимоӣ, дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар мебошанд. Аз ин лиҳоз, имконияти қонунии татбиқи принсипи мазкурро барои ҳар як заминистифодабаранда пешбинӣ кардааст.

Принсипи даҳуми моддаи қонуни мазкур музднок будани истифодабарии замин мебошад. Тибқи м. 32 Кодекси мазкур истифодаи замин дар Тоҷикистон пулакӣ мебошад. Пули замин ҳар сол дар шакли андози замин, иҷорапулӣ дар муддатҳои муқарраргардида ситонида мешавад. Музди андози замин аз рӯйи намуди заминҳо, масоҳати қитъаи замин тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Маблағи иҷораи замин тибқи м. 633 Кодекси гражданин ҶТ ва м.8 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора дар Тоҷикистон» аз рӯи шартҳои пешбининамудаи шартнома муқаррар карда мешавад.

Принсипи дастрас будани иттилоот оид ба қитъаҳои замин, пеш аз ҳама бо мақсади пешниҳод намудани иттилооти пурраву дақиқ бо аҳолӣ нигаронида шудааст. Тибқи талаботи принсипи мазкур бояд ҳар як заминистифодабаранда дар бораи қитъаи замине, ки оянда азхудкунии бо мақсади истифодабарии онро дорад, ҳуқуқ дорад аз мақомоти дахлдори давлатӣ маълумоти пурраву дақиқро талаб намояд. Дар навбати худ тибқи принсипи мазкур мақомоти давлатӣ уҳдадор мегарданд, ки дар бораи қитъаи замини мазкур, оид ба сифат, миқдор, ҳолати мелиоративӣ (шӯрнокӣ, гаҷнокӣ, сангнокӣ, дараҷаи шусташавӣ ва ҳоказоҳо), қабати ҳосилхезии хок пурра маълумот пешниҳод намояд.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 (нашри амалкунанда аз 22.05.2016).
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 таҳти №327 (бо тағйиру иловаҳо аз 14.11.2016 сол).
3. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархуддинов Ҷ.И. Тафсири кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.З. Раҳимзода, А.Қ. Каримов, Ҷ.И. Фархуддинов. - Душанбе «Андалеб-Р», 2015.
4. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Соҳибов. – Душанбе: "Андалеб Р", 2015.
5. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Точикистон [Матн] / Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. - Душанбе: Шарқи озод, 2009. - 520 с.
6. Исмоилов Ш.М., Арапова Ч.Б., Тоҷибоев Ш.А. Асосҳои ҳуқуқи замин / Ш.М. Исмоилов, Ч.Б. Арапова, Ш.А. Тоҷибоев. – Душанбе: «Ирфон», 2015.
7. Ҳуқуқи гражданӣ. қисми I. - Муҳаррири масъул – узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Ходими шоистаи илм ва техникаи ҶТ О.У. Усмонов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2001. – С. 292.


## МАФҲУМ ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН


Дар мақолаи мазкур мазмун, мафҳум, принсипҳо ва аҳаммияти он дар соҳаи замининистифодабарӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Принсипҳои заминистифодабарӣ ва табиатистифодабарӣ таҳлил мегарданд. Мавқеъҳои гуногуни муаллифон оид ба намудҳои принсипҳои заминистифодабарӣ ва талаботи онҳо дар қонунгузорӣ таҳлил гардида, бартариҳо ва камбудиҳои онҳо баррасӣ мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мафҳуми ҳуқуқи заминистифодабарӣ, принсипҳои заминистифодабарӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, фонди замин, ислоҳоти соҳаи замин, ҳимояи муносибатҳои заминистифодабарӣ.


## ПОНЯТИЕ И ПРИНСИПЫ ПРАВА ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ


В данной статье исследуются содержание, понятие, принципы и его значение в сфере землепользования. Анализируются принципы землепользования и природопользования. Анализируются различные позиции авторов по видам принципов землепользования и их требований в законодательстве, обсуждаются их преимущества и недостатки.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** понятие права землепользования, принципы землепользования, правоотношения, земельный фонд, реформы земельного хозяйства, охрана земельных отношений.

**CONCEPT AND PRINCIPLES OF LAND USE RIGHTS**

This article explores the content, concept, principles and its significance in the field of land use. The principles of land use and nature management are analyzed. Different positions of the authors on the types of land use principles and their requirements in the legislation are analyzed, their advantages and disadvantages are discussed.

**KEYWORDS:** concept of land use right, principles of land use, legal relations, land fund, reforms of land economy, protection of land relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳусайнзода Зиёратшоҳ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **992 00556226.** E – mail: **bachaiwazir@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Хусайнзаде Зияратшах*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **992 00556226.** E – mail: **bachaiwazir@gmail.com**

**Information about the author:** ***Husaynzoda Ziyoratshoh*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **992 00556226.** E – mail: **bachaiwazir@gmail.com**

# ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Оева М.Б***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Созмони байналмилалии меҳнат соли 1919 дар заминаи Шартномаи Версал ба ҳайси муассисаи мустақил дар партави Лигаи Миллатҳо таъсис ёфтааст.

Зарурати таъсиси ин созмон дар ташкили ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад. Адолати иҷтимоӣ унсурҳои зерин, аз қабили эҳтироми ҳуқуқи инсон, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ, шароити мусоиди меҳнат, беҳтар сохтани имконияти шуғл, баланд бардоштани иқтисодиёт ва ғайраро дар бар мегирад.

Созишнома дар бораи барқарор кардани робита байни Созмони байналхалқии меҳнат бо СММ 14 декабри соли 1946 ба имзо расидааст. Созмони байналмилалии меҳнат аввалин муассисаи махсусгардонидашудаи СММ мебошад. Ба шарафи 50- солагии фаъолияташ Созмони байналмилалии меҳнат дар соли 1969 ба Ҷоизаи ҷаҳонии Нобел мушарраф гашт. Дар соли 1919 ба Созмони байналмилалии меҳнат 45 давлат аъзо буд, дар айни ҳол зиёда аз 182 давлат ба он шомил мебошад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли 1993 ба ин ташкилоти бонуфуз ворид шуд. Аз соли 1919 то соли 1993 Созмони байналмилалии меҳнат дар фаъолияти хеш 171 Конвенсия ва 181 тавсияҳо доир ба масъалаи меҳнатро қабул намудааст. Дар назди Созмони байналмилалии меҳнат марказҳои омӯзишию тадқиқотӣ фаъолият мекунанд. Масалан, Маркази омӯзиши байналхалқии Созмони байналмилалии меҳнат дар Турин (Италия), ки ин марказ соли 1965 таъсис дода шудааст ва то имрӯз он зиёда аз 50 ҳазор мутахассисро аз 170 давлати ҷаҳон тайёр намудааст. Дар маркази омӯзиши байналхалқии Созмони байналмилалии меҳнат мутахассисони дараҷаи олӣ ва дараҷаи миёнаи менеҷерии корхонаҳои хусусию давлатӣ, директорони омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, роҳбарони корхонаҳои гуногун, хизматчиёни давлатӣ ва ғайра омода карда мешавад.

Ғайр аз ин, боз Институти байналхалқии тадқиқоти иҷтимоию меҳнатӣ дар Женева фаъолият мекунад, ки он маркази илмӣ дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ ва меҳнат мебошад. Институти мазкур аз соли 1960 инҷониб фаъолият мекунад.

Сохтори мақомоти Созмони байналмилалии меҳнат чунин мебошад. Мақоми Олӣ - Конфронси байналхалқии меҳнат мебошад, ки соле як маротаба даъват мешавад. Функсияи

асосии ин мақом коркарди меъёрҳои иҷтимоии байналхалқӣ дар шакли конвенсия, тавсия ва резолютсия аст.

Конфронси байналхалқии меҳнат баъди ҳар ду сол барномаи кории дусолаи Созмони байналмилалии меҳнат ва буҷетро муқаррар месозад. Давлатҳои аъзо ба Созмони байналмилалии меҳнат аъзоҳаққӣ месупоранд. Буҷаи Созмони байналмилалии меҳнат дар солҳои 1994 ва 1995 466,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил медод.

Ҳар як давлати аъзо ба Конфронси байналхалқии меҳнат чор намоянда дорад, 2 нафар аз ҳукумат, 1 нафар аз соҳибкорон ва 1 нафар аз меҳнаткашон. Ин ҷиҳати махсуси Созмони байналмилалии меҳнат буда, онро аз дигар созмонҳои байналхалқӣ фарқ мекунонад.

Чор намоянда ва ҳар яке аз онҳо хуқуқи овоздиҳии алоҳидаро дорад. Дар давраи байни кори Конфронси байналхалқии меҳнат кори Созмони байналмилалии меҳнат роҳбарии Созмон ба зиммаи Шурои маъмурӣ гузошта шудааст, ки ҳайаташ иборат аз 56 намоянда 28 намояндаи давлат, 14 соҳибкорон ва 14 нафарашон меҳнаткашон мебошанд ва ба муҳлати 3 сол интихоб мешаванд.

Котиботи Созмони байналмилалии меҳнат - Бюрои байналхалқии меҳнат ном дорад, ки ҳайати кориаш 2700 нафарро дар бар мегирад, ки онҳо шаҳрвандони 150 кишвари ҷаҳон мебошанд, ситод-қароргоҳи Бюро дар Женева ҷойгир аст. Бюро шуъба ва филиалҳои хешро дар 40 давлат дорад. Вазифаи Бюро ҷамъ ва паҳн кардани ахбор, расонидани ёрӣ ба давлатҳои аъзо, роҳбарӣ кардани барномаи ҳамкориҳои техникии Созмони байналмилалии меҳнат, гузаронидани тадқиқотҳои махсус мебошад. Аз соли 1919 то имрӯз беш аз 9 нафар Бюрои байналхалқии меҳнатро роҳбарӣ кардааст, ки Директори Генералӣ номида мешавад. Инҳо Алберт Тома (Франсия, солҳои 1919-1932); Горолд Батлер (Британияи Кабир, солҳои 1932-1938), Ҷон Уайнант (ИМА, солҳои 1939-1941), Эдвард Филен (Ирландия, солҳои 1941-1948), Дэвид Морс (ИМА, солҳои 1948-1970), Уилфред Дженкс (Британияи Кабир, солҳои 1970-1971), Франсис Бланшар (Франсия, солҳои 1973-1989), Мишел Хансенн (Белгия, солҳои 1989-1999), Хуан Сомовия (Чили, аз марти соли 1999 то имрӯз) ба ҳайси Директори генералии Созмони байналмилалии меҳнат аз лаҳзаи таъсис то имрӯз фаъолият кардаанд.

Директори Генералиро дар Бюро Шурои Маъмурӣ таъин менамояд.

Мақсади стратегӣ ва марказии Созмони байналмилалии меҳнат иборат аз инҳо мебошанд:

- рушд ва татбиқи меъёрҳо, принсипҳо ва ҳуқуқҳои бунёдӣ дар соҳаи меҳнат;
- ба вуҷуд овардани имкониятҳои васеъ барои занон ва мардон дар таъмини шуғл ба меҳнат;
- фарогирии васеъ ва баланд бардоштани ҳимояи иҷтимоӣ барои ҳама;
- таҳкими сохтори сетарафа ва дастгирии муколамаи иҷтимоӣ.

Вазифаҳои Созмони байналмилалии меҳнатӣ баҳри иҷро кардани мақсадҳои он бо роҳҳои зайл амалӣ карда мешаванд:

- коркарди тадбирҳо ва барномаҳои байналмилалӣ барои мусоидати татбиқи ҳуқуқҳои асосии инсон, беҳбудӣ бахшидан ба шароити меҳнат ва васеъ кардани имкониятҳо барои шуғл ба меҳнат;
- коркарди меъёрҳои байналмилалии меҳнатӣ, ки ҳамчун принсипҳои роҳбарикунанда барои мақомоти миллии татбиқи ин тадбирҳо хизмат мекунанд, ки онҳо аз тариқи низоми мислаш диданашудаи назорат ба иҷрои онҳо таҳким бахшида мешавад;
- барномаи ҳаматарафаи байналмилалии ҳамкории техникӣ, ки аз тариқи шарикӣ бо муассисон, баҳри ёрӣ ба мақомотҳо дар мавриди татбиқи ин тадбирҳо коркард ва амалӣ карда мешавад;
- фаъолияти тайёрӣ, таълимӣ ва табъу нашр, ки ба татбиқи ин кушишҳо мусоидат менамоянд.

Дар замони муосир доираи фаъолияти Созмони байналмилалии меҳнат васеъ гашта, асосан дар қабули стандартҳои байналмилалии меҳнат, коркарди сиёсат ва барномаҳои байналмилалие машғул аст, ки таъмини ҳуқуқҳои асосии инсон, беҳбудӣ бахшидан ба шароити меҳнат ва манзил, баланд бардоштани сатҳи шуғли меҳнат, масъалаҳои бехатарии

касбӣ, ҳимояи коргарони муҳоҷир ва муқаррар кардани ҳадди ақали музди меҳнат равона карда шудаанд.

Инчунин, дар ёрии техникӣ рӯ ба тараққӣ, таҳия намудани барномаҳои байналмилалии шуғл, бунёди меъёрҳо ва таъмини ҳамкории техникӣ дар асоси барномаҳои тадқиқотии иҷроияшон бошиддат, тайёрӣ, таълим ва табъу нашр иборат мебошад.

Дар таваҷҷуҳи асосии Созмони байналмилалии меҳнат асосан масъалаҳои ташкили ҷойи кор, шароити меҳнат, бартараф кардани меҳнати кӯдакон, баробарии гендерӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият, амнияти меҳнат, таҳкими сохтори сетарафа ва муколимаи иҷтимоӣ, таҳкими меъёрҳое, ки принсип ва ҳуқуқро дар бахши меҳнат ташкил ва амалӣ менамояд, қарор дорад.

Саҳми Созмонҳои байналмилалии меҳнат дар бахши муқовимат бо савдои одамон, хусусан меҳнати иҷборӣ ва меҳнати иҷбории кӯдакон назаррас аст, зеро асоси рушди ғуломӣ истифодаи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ мебошад, аз ин нигоҳ доираи ин созмон беш аз 188 конвенсия ва 199 тавсияҳо дар бахши шуғл ва ҳифзи ҳуқуқи меҳнатӣ қабул карда шуд. Аз ҷумла, Конвенсия «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» (соли 1930), «Дар бораи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ» (соли 1957), «Дар бораи барҳам додани табъиз дар бахши меҳнат ва шуғл» (соли 1958), «Дар бораи мусоидат ба шуғл ва ҳифз аз бекорӣ» (соли 1988), «Дар бораи сиёсат дар соҳаи шуғли аҳолӣ» (соли 1964) ва ғайра, ки ин санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар бахши муқовимат бо савдои одамон, аз ҷумла ғуломӣ, меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, меҳнати маҷбурии кӯдакон нақши муассирро доранд.

Айни ҳол беш аз 180 миллион кӯдакон тибқи маълумоти Созмони байналмилалии меҳнат аз синни 5 то 17 сола дар ҷаҳон дар шаклҳои гуногуни меҳнати маҷбурӣ, аз қабили ғуломдорӣ, фоҳашигарӣ, фаъолияти меҳнати ғайриқонунии зараровар ва ҳатарнок, фаъолиятҳое, ки ба инкишофи ахлоқии он ҳатар дорад, қарор доранд.

Аз ин беш аз 2/3 кӯдакҳои то синни 15 сола корҳои ҳатарнокро анҷом медиҳанд, инчунин ҳудуди 111 миллион кӯдаки аз синни 5 то 14 сола дар шароити ғайриарзанда фаъолият мекунанд, ки беш аз 70%-и ин кӯдакон дар хоҷагии қишлоқ ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мебошанд.

Воқеан меҳнати кӯдакон яке шаклҳои паҳншудаи ғуломӣ дар ҷаҳон мебошад. тибқи иттиллои пешниҳоднамудаи муаллифи китоби дарсии «Ҳуқуқи байналмилалии меҳнатӣ» дотсент Д.К.Бекяшев дар саросари олам беш аз 250 миллион кӯдак ба меҳнат ҷалб карда шудааст, ки онҳо ба таҳсил фаро нагирифташуда, саломатӣ ва озодиҳои асосии хешро аз даст доданд.

Созмонҳои байналмилалии меҳнат баҳри бартараф кардани ҷалби меҳнати кӯдакон Конвенсия «Дар бораи синни минималӣ оид ба қабул ба кор» (соли 1973, №138) ва «Дар бораи шаклҳои манъ ва тадбирҳои фаврӣ оид ба рафъи меҳнати кӯдакон»-ро (соли 1999, №182) қабул намуд.

Ин санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар муқовимат бо савдои одамон, хусусан ғуломӣ, меҳнати маҷбури кудакон фазои ҳуқуқиро фароҳам овардаанд ва кишварҳои аъзоро ӯҳдадор сохтанд, ки тамоми тадбирҳои самаранокро роҳандозӣ созанд то меҳнати кӯдакон дар ҳама бахшҳо маҳдуд ё бартараф карда шавад, то омили савдои одамон нагардад. Зеро аз ҳама қишрҳои ҷомеа, осебпазир, кудакон ва занон мебошанд, ки пайваста мавриди хариду фурӯш қарор мегиранд.

Конвенсия №182 ба истиллоҳи «шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон» чунин масъалаҳоро шомил кардааст: 1) тамоми шаклҳои ғуломӣ ё амали ба ғуломӣ монанд, масалан, ба мисли фурӯши кӯдакон ва савдои онҳо, гарави қарз ва вобастагии крепостной, инчунин меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, аз ҷумла ҷалби маҷбурии ҳатмии кӯдакон барои истифодаи онҳо дар низоъҳои мусаллаҳона; 2) истифода, ҷалб ё пешниҳод намудани кӯдак барои машғул шудан ба фоҳишагарӣ, барои истеҳсоли маҳсулоти парнографӣ ё барои намоишҳои порнографӣ;

3) истифода, ҷалб ё пешниҳод намудани кӯдак барои машғул шудан ба фаъолияти ғайриқонунӣ, аз ҷумла барои истеҳсол ва фурӯши маводи нашъа, тавре, ки онҳо дар шартномаҳои дахлдори байнимилалӣ муайян гардидаанд;

4) коре, ки аз рӯйи хислати худ ё шароитҳои иҷро гардиданаш, метавонад ба саломатӣ, бехатарӣ ё ахлоқи кӯдакон зарар расонад.

Тибқи талаботи Конвенсияи №189 ҳар як давлати аъзои Созмони байналмилалии меҳнат барномаҳоро оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кудакон таҳия ва татбиқ менамояд.

Дар доираи МОТ соли 1992 Барномаи байналмилалии кам кардани меҳнати кӯдакон (ИПЕК) қабул шуд, ки вазифаи он кам кардани меҳнати кӯдакон дар ҷаҳон мебошад. Айни ҳол ин барнома дар 75 кишвари аъзои МОТ амалӣ карда шуда истодааст. Воқеан меҳнати маҷбурӣ яке аз намудҳои истисмор дар қонунгузории миллӣ муайян карда шудааст ва дар баробари ин мақсади савдои одамон баҳогузорӣ мешавад. Зеро ҳамасола тибқи ҳисоботи Созмони Милали Муттаҳид беш аз 4 миллион одамон дар ҷаҳон барои иҷрои корҳои маҷбурӣ ҷалб мешаванд ва аз ин кор 7 то 9,5 миллиард доллари америкоӣ гурӯҳҳои ҷиноятпеша даромади ғайриқонунӣ ба даст меоранд. Тибқи иттиллои Директори Генералии Созмонҳои байналмилалии меҳнат Хуан Сомавия «дар саросари ҷаҳон бештари мардум бо намудҳои гуногуни меҳнати маҷбурӣ машғул мебошанд, чунончӣ тақрибан 9,5 миллион дар Осиё, 1,3 миллион дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ, 660000 нафар дар кишварҳои ҷануби Саҳрои Кабир, 260000 нафар дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, 360000 нафар дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ ва 210000 нафар дар кишварҳои дар ҳолли рушд қарор дошта мебошанд».

Меҳнати маҷбурӣ асосан нисбати гурӯҳи шахсоне татбиқ мешавад, ки дар ҳолати муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва баҳри қонеъ намудани манфиатҳои иқтисодӣ маҷбур мебошанд бо ҳама гуна намудҳои меҳнати тоқатфарсо ва маҷбурӣ то худ ва аҳлу оилаи хешро аз нигоҳи иқтисоди таъмин созанд. Сабабҳои асосии гирифтори меҳнати маҷбурӣ гаштани муҳоҷирони меҳнатӣ ин асосан дар надоштани тахассуси мушаххас ва фаъолияти ғайрирасмии меҳнатӣ машғул шуданро дар хориҷи кишвар мебошад.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмонҳои байналмилалии меҳнат дар чунин самтҳо амалӣ карда мешавад: рушди ҳамкориҳои техникӣ-машваратӣ; ширкат дар ҷаласаҳои асосии Шурои маъмурӣ ва Конференсияи байналмилалии меҳнат; такмили низоми қонунгузорӣ дар бахши масъалаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ; таъмини сохтори сетарафа ва муколамаи иҷтимоӣ; рушди шуғл, кам кардани камбизоатӣ, ҳифзи меҳнат; ҳал кардани проблемаҳои иҷтимоӣ бо коркарди сиёсат ва кумаки техникӣ дар намуди машварат, тавсияҳо, таълимӣ, барнома ва дигар тадбирҳо ифода мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кулли санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Созмони байналмилалии меҳнат ҳамроҳ шудааст ва уҳдадор мебошад, ки дар бахши муқовимат бо савдои одамон, аз чумла бартараф кардани меҳнати маҷбурӣ ва ҷалби меҳнати кудакон тадбирҳо андешад то ҳуқуқи инсон дар қаламрави кишвар поймол нагардад. Дар ин бахш ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони байналмилалии меҳнат дар асоси Барнома оид ба ҳамкории дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии меҳнат роҳандозӣ мешавад, ки ба ҳайси самти ояндадори ҳамкорӣ бахшҳои зерин пазируфта шудааст: имконияти рушди баробар барои зан ва мард; рушди принсип ва ҳуқуқ дар бахши меҳнат; рушди ҳимояи иҷтимоӣ; кам кардани сатҳи камбизоатӣ; бехатар ва ҳифзи меҳнат, шароити меҳнат; муҳоҷирати меҳнатӣ; рушди муколамаи иҷтимоӣ ва ғайра.

Созмони байналмилалии меҳнат пайваста дар Нақшаҳои миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси шарики иҷтимоӣ эътироф шудааст ва дар ин раванд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар анҷом дода истодааст.

Аз ҷумла, Созмони байналмилалии меҳнат дар чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба огоҳонии шаҳрвандон, ноболиғон бо падидаи савдои одамон ва оқибати он, ширкат дар гурӯҳҳои кори Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат бо савдои одамон, баланд бардоштани маърифати хуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар муқовимат бо савдои одамон, кумак расондан ба қурбониёни савдои одамон, такмилу ташвиқи донишҳо дар муқовимат бо савдои одамон ва ғайраро дар Ҷумхурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Лютов Н.Л., Морозов Г.Е. Международное трудовое право: учебное пособие/ Н.Л. Лютов, П.Е.Морозов. - М.: Проспект, 2011.

2. Бекяшев Д.К. Международное трудовое право (публично-правовое аспекты): учебник. / Д.К. Бекяшев. - М.: Проспект, 2013.
3. Комилзода А. Мубориза бар зидди одамфурӯшӣ // Рӯзномаи «Қонун ва ҷомеа», №1 (01) аз 6 феврали соли 2008. –С.12.
4. Мансуров У.А. Сотрудничество Республики Таджикистан с межправительственными организациями универсального характера (международно-правовой аспект) / У.А. Мансуров. – Душанбе.: РТСУ, 2010.
5. Бронули Я. Международное право (в двух книгах). Книга вторая / Я. Броунли. – М.: Пргоресс, 1977.
6. Броунли Я. Международное право (в двух книгах). Книга первая / Я. Броунли. – М.: Пргоресс, 1977.
7. Волошин А.В. Ответственность за торговлю людьми и проблемы её совершенствования / Преступность и уголовное законодательство: реалии, тенденции, взаимовлияние: сборник научных трудов / Под ред. д.ю.н. Н.А. Лопашенко. Саратов, Саратовский центр по исследованию проблем организованной преступности и коррупции. Сателлит. 2001.
8. Гардоровский А.С. Имплементация норм международного права / А.С. Гардоровский. - Киев: Вища школа, 1980.
9. Глебов И.Н. Международное право: Учебник. –М.: Дрофа, 2006. – 367 с.
10. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. -Душанбе: Ирфон, 2009.

**ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур нақши Созмони байналмилалии меҳнат дар самти муқовимат бо савдои одамон махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақола кушиш намудааст, ки танзими ҳуқуқии ҳимояи меҳнати иҷбори ва хосатн ҷалби ноболиғонро ба меҳнати маҷбурӣ нишон диҳад. Воқеан истисмори иқтисодии одамон, имрӯз яке аз проблемаҳои асосии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ҳамкории дастаҷамьиро дар доираи Ташкилотҳои байналмилалӣ тақозо менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** созмони байналмилалӣ, созмони байналмилалии меҳнат, муқовимат, савдои одамон.

**ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МЕЖДУНАРОДНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ТРУДА В НАПРАВЛЕНИИ БОРЬБЫ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье рассматривается роль международной Организации труда в направлении борьбы с торговлей людьми, особенно в Республике Таджикистан. Автор попытался показать вовлечение несовершеннолетних в принудительный труд. На самом деле экономическая эксплуатация людей считается сегодня одной из главных проблем мирового сообщества, и требует коллективного сотрудничества в рамках международных организаций.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** международная организация, международная организация труда, сопротивление, торговля людьми.

**ACTIVITIES OF THE INTERNATIONAL LABOR ORGANIZATION TO COMBAT HUMAN TRAFFICKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses the role of the international labor Organization in the direction of combating human trafficking, especially in the Republic of Tajikistan. The author tried to show the involvement of minors in forced labor. In fact, the economic exploitation of people is considered today one of the main problems of the world community, and requires collective cooperation within the framework of international organizations.

**KEYWORDS:** international organization, international labor organization, resistance, human trafficking.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Оева М.Б.*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Оева М.Б.*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Oeva M.B.*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## УЧАСТИЯ ПРОКУРОРА НА СТАДИИ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

*Акрамзода К.*
**Таджикский национальный университет**

Прокурор является государственным должностным лицом, в пределах своей компетенции осуществляющим обвинение от имени государства и обеспечивающим осуществление

уголовного преследования на всех стадиях уголовного процесса в соответствии с уголовно - процессуальным Кодексом Республики Таджикистан [3].

В науке уголовного процесса стадии возбуждения уголовного дела посвящено немало фундаментальных научных трудов, которые впоследствии стали основными ориентирами при регламентации и совершенствовании данного института в нормах уголовно-процессуальных законодательств, как России, так и Таджикистана. Сравнительно-правовой анализ в научных исследованиях и при изучении данного института уголовно-процессуального права играет немаловажную роль. Следует отметить утверждение профессора А. Г. Халиулина, что наиболее дискуссионными в науке уголовного процесса проблемами являются существование стадии возбуждения уголовного дела и его соотношение с уголовным преследованием [5].

Об актуальности и сложности решения в законодательстве, теории и практике уголовного процесса комплекса частично обозначенные проблемы в заглавии, свидетельствует значительное количество публикаций по данной тематике. В свое время еще в советских юридических изданиях господствовало мнение, согласно которому уголовное преследование начинается с возбуждением уголовного дела, и процессуальное решение о начатии данной стадии именовалось возбуждением уголовного преследования.

Прокурор, участвующий в рассмотрении уголовного дела судом, именуется государственным обвинителем. При поддержании государственного обвинения прокурор излагает свою позицию по вопросам применения уголовного закона и назначения меры наказания в отношении подсудимого в соответствии с требованиями закона и своим внутренним убеждением, основанным на результатах исследования всех обстоятельств дела.

В науке уголовного процесса существуют различные мнения относительно определения начального момента осуществления уголовно - процессуальной деятельности. Профессор В.П. Божьев начало осуществления уголовно-процессуальной деятельности считает моментом поступления в компетентные государственные органы официальной информации, указывающей на признаки преступления [1]. Эта точка зрения наиболее полно отражает правовую природу поводов и основания к инициированию возбуждения уголовного дела и выполнения отдельных процессуальных действий, предусмотренных УПК. Отсюда вытекает вывод, что любые действия, выполняемые дознавателем, следователем и прокурором в связи с проверкой информации о совершенном преступлении и принятием решения, в соответствии со статьей 144 УПК Российской Федерации и статьей 145 УПК Республики Таджикистан, представляют собой уголовно-процессуальную деятельность.

Возбуждение уголовного дела в настоящее время выделяется в самостоятельную стадию уголовного судопроизводства, с которой начинается уголовный процесс. Одно из ранних упоминаний о возбуждении уголовного дела встречается в Положении о военных следователях от 30 сентября 1919 г. [1]. Первые советские УПК РСФСР 1922 и 1923 гг. предусматривали процедуру возбуждения уголовного дела, но не выделяли возбуждение уголовного дела в самостоятельную стадию досудебного производства. С принятием Основ уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик в 1958 г. порядок возбуждения уголовного дела был достаточно подробно регламентирован в принятых УПК союзных республик, и определялся как отдельная стадия, предшествующая стадии предварительного расследования. После приобретение национальной независимости в Республике Таджикистан был принят «Уголовный процессуальный кодекс Республики Таджикистан» от 3 декабря 2009 года.

Соответствие с этой УПК РТ, прокурор осуществляет надзор за точным, единообразным исполнением законов органами дознания, предварительного следствия. В пределах своей компетенции, установленной настоящим Кодексом, прокурор вправе принести в вышестоящий суд протест по отмене и изменении принятого на судебные решения (ЗРТ от 23.07.2016 г., №1333).

По основаниям и в порядке, предусмотренном настоящим Кодексом, прокурор вправе отказаться от уголовного преследования и обвинения вплоть до удаления суда в совещательную комнату для постановления приговора.

Прокурор вправе осуществлять надзор за законностью возбуждения уголовного дела, а также:

- продлить срок разрешения заявления или сообщения в порядке, предусмотренном частью 5 статьи 145 настоящего Кодекса;

- отменить постановление органа дознания, дознавателя, следователя или нижестоящего прокурора об отказе в возбуждении уголовного дела и направить материалы для проведения дополнительной проверки;

- отменить постановление органа дознания, следователя или нижестоящего прокурора о возбуждении уголовного дела и отказать в возбуждении уголовного дела;

- отменить постановление органа дознания, дознавателя, следователя или нижестоящего прокурора об отказе в возбуждении уголовного дела и возбудить уголовное дело;

- отменить постановление органа дознания, дознавателя, следователя или нижестоящего прокурора о возбуждении уголовного дела и прекратить уголовное дело, если по нему произведены следственные действия [3].

Соответствия со статьей 158 УПК РТ, прокурор, вправе осуществляя надзор за исполнением законов при производстве дознания, следующие полномочии:

- истребовать от органа дознания материалы дознания, возбудить уголовное дело;

- направить его для производства предварительного следствия;

- осуществлять другие полномочия, предусмотренные настоящим Кодексом [3].

Так же необходимо отметить, что полномочия прокурора на досудебном производстве, и в том числе в стадии возбуждения уголовного дела, достаточно ограниченны:

1) Прокурор лишен права давать согласие следователю, дознавателю, органу дознания на возбуждение уголовного дела.

2) Прокурор, его заместитель и помощники обязаны проверять исполнение требований закона РТ, при приеме, регистрации и разрешении сообщений о преступлении, однако, сами рассматривать сообщения о преступлениях они не вправе.

3) Прокурор продолжает осуществлять полномочия по продлению срока проверки дознавателем сообщений о преступлениях, в то время как от продления сроков проверки, осуществляемой следователем, отстранен.

4) Копия постановления органа дознания, дознавателя, следователя о возбуждении уголовного дела незамедлительно направляется прокурору, который уполномочен в течение 24 часов с момента получения материалов, отменить незаконное или необоснованное решение. Прокурор имеет право отменить постановление о возбуждении уголовного дела, вынесенное как дознавателем, так и следователем, что является исключением из общих правил, поскольку у прокурора остается право отменять незаконные и необоснованные решения дознавателя, а в отношении решений следователя - соответствующие полномочия прокурора переданы руководителю следственного органа.

5) Прокурор лишен права возбуждать уголовные дела. Существует мнение, что это вызвано необходимостью отделить надзор за исполнением законов при расследовании преступлений от самого расследования.

6) Прокурору предоставлено право выносить мотивированное постановление о направлении соответствующих материалов в следственный орган или орган дознания для решения вопроса об уголовном преследовании по фактам выявленных прокурором нарушений уголовного законодательства. Этим полномочием прокурор пользуется как при выявлении признаков преступления в ходе проверки законности рассмотрения органами дознания и органами предварительного следствия сообщений о преступлениях [3].

Соответствие со статьей 168, осуществляя надзор за исполнением законов при дознании и расследовании уголовных дел, прокурор в пределах своей компетенции:

– проверяет исполнение требований закона при приеме, регистрации и разрешении заявлений и сообщений о преступлениях;

– проверяет исполнение требований закона при производстве дознания и предварительного следствия, имея при этом право требовать от органов предварительного следствия и дознания

уголовные дела, документы, материалы и иные сведения о совершенных преступлениях, ходе дознания и следствия, проведении оперативно - розыскных мероприятий; (ЗРТ от 23.03.11 г., № 692)

– даёт согласие дознавателю, следователю на представление ходатайства в суд для применения меры пресечения в виде заключения под стражу, домашнего ареста, в том числе изменения и отмены этих мер;

– даёт согласие дознавателю и следователю на представление в суд ходатайства на арест почтовых отправлений, телеграфных и других сообщений, передаваемых по сети электрической и почтовой связи, их осмотр, выемку из учреждений почтовой связи или сети электрической связи на прослушивание и запись телефонных и других переговоров; (ЗРТ от 2.08.11 г., № 755)

– участвует в производстве предварительного следствия и в необходимых случаях лично производит следственные действия и проводит предварительное следствие в полном объеме по любому делу;

– в предусмотренных настоящим Кодексом случаях санкционирует решения или действия следователя и дознавателя;

– продлевает срок дознания и предварительного следствия;

– рассматривает заявление об отводе дознавателя и следователя, а также нижестоящего прокурора;

– разрешает жалобы на действия и решения дознавателя и следователя, а также нижестоящего прокурора; – дает письменные указания о выполнении требований закона и расследовании уголовных дел;

– возбуждает уголовные дела, или отказывает в их возбуждении; – прекращает либо приостанавливает производство по уголовному делу;

– дает согласие на прекращение уголовного дела следователем или органом дознания в случаях, предусмотренных настоящим Кодексом; – отменяет незаконные постановления дознавателя, органа дознания, следователя и нижестоящего прокурора;

– поручает органам дознания проведение следственных действий;

– дает указания о проведении оперативно-розыскных мероприятий для раскрытия преступлений и обнаружения лиц, их совершивших, по делам, находящимся в производстве прокурора или следователя; (ЗРТ от 23.03.11 г., № 692)

– возвращает уголовные дела следователю или органам дознания со своими указаниями о производстве дополнительного следствия;

– изымает дела от органов дознания и передает следователю; – передает дело от одного следователя другому, от одного органа расследования другому с обязательным указанием оснований в соответствии с порядком, предусмотренным статьей 161 настоящего Кодекса; (ЗРТ от 22.07.13 г., № 983)

– отстраняет дознавателя или следователя от дальнейшего ведения следствия, если им допущено нарушение закона при расследовании дел;

– утверждает обвинительное заключение; – направляет дело в суд;

– осуществляет иные полномочия, предусмотренные настоящим Кодексом [3].

Материальным выражением полномочий прокурора на стадии возбуждения уголовного дела являются исходящие от прокурора требования и принятые им решения, предусмотренные УПК РТ, оформленные, как правило, в письменной форме. Особенность таких актов в том то, что они во всех случаях порождают правоотношения с адресатом и всегда влекут определенные юридические последствия: в установленный срок акт должен быть рассмотрен адресатом, для исполнения требований прокурора, пресечения и предупреждения нарушений закона в дальнейшем приняты исчерпывающие меры.

В соответствии со статьями 72, 73, 74 и 75 Уголовного Кодекса Республики Таджикистан суд, судья, прокурор, а также следователь и дознаватель с применением указанных статей и с согласия прокурора вправе отказать в возбуждении уголовного дела или прекратить уголовное дело с освобождением лица от уголовной ответственности в связи с:

– раскаянием от совершенного;

– примирением с потерпевшим и возмещением причиненного вреда;
– изменением обстановки;
– истечением сроков давности привлечения к уголовной ответственности [4].

2. Прекращение уголовного дела по основаниям, предусмотренным в части 1 настоящей статьи, невозможно, если подозреваемый, обвиняемый не согласны с этим. В таких случаях производство по уголовного делу продолжается.

3. Об отказе в возбуждении уголовного дела или прекращении уголовного дела сообщается потерпевшему и разъясняется, что он в течение пяти суток вправе заявить об определении суда или постановлении прокурора, следователя, дознавателя в отношении указанного вопроса соответственно в вышестоящий суд или вышестоящему прокурору.

Исходя из предписаний УПК РТ и Конституционный закон РТ «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан», в стадии возбуждения уголовного дела основными актами прокурорского реагирования являются: постановление об отмене постановления органа дознания, дознавателя об отказе в возбуждении уголовного дела; постановление о направлении материалов в следственный орган или орган дознания для решения вопроса об уголовном преследовании по фактам выявленных нарушений уголовного законодательства; требование об устранении выявленных нарушений законодательства; предостережение о недопустимости нарушения закона.

Вышеизложенное позволяет сделать вывод о том, что полномочия прокурора на стадии возбуждения уголовного дела в УПК РТ обозначены не в одной норме, а сосредоточены в ст.158, 168, а также упоминаются в других УПК РТ. Прокурор не обладает достаточными полномочиями на стадии возбуждения уголовного дела, следовательно, в отечественном уголовном процессе права прокурора в досудебном производстве целесообразно расширить.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Божьев В.П. Уголовно-процессуальные правоотношения / В.П. Божьев. - М.: Юридическая литература, 1975.
2. История законодательства СССР и РСФСР по уголовному процессу и организации суда и прокуратуры. Сборник документов // под.ред. Голунского С. А. М., 1955.
3. Уголовно – процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года №564, г. Душанбе – 275 с. [Электронный ресурс].
4. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.12.2020 г.)
5. Халиулин, А. Г. Уголовное преследование как функция прокуратуры Российской Федерации: проблемы осуществления в условиях правовой реформы: дис. … д-ра юрид.наук. М., 1997. - 480 с.


**ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР МАРҲАЛАИ ОҒОЗИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ**


Мақола ба таҳлили самтҳои алоҳидаи марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин иштироки прокурор дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ дар заминаи вижагиҳои таърихии ташаккул ва инкишоф, ҳамчунин, фаъолияти ин ниҳод дар воқеияти муосири мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таҳлил ба муқаррароти муайяни илми мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба тамоюли аз байн бурдани институти оғози парвандаи ҷиноятӣ ва иштироки прокурор дар ин раванд асос ёфтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурор, мақомоти додситонӣ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, оғози парвандаи ҷиноятӣ.


**УЧАСТИЯ ПРОКУРОРА НА СТАДИИ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА**


Статья посвящена анализу совершенствования отдельных направлений стадии возбуждения уголовного дела, а также участия прокурора на стадии возбуждения уголовного дела в контексте исторических особенностей становления и развития, а также функционирования данного института в современных реалиях уголовного судопроизводства Республика Таджикистан. Анализ опирается на определенные положения науки уголовного процесса, связанные с тенденцией ликвидации института возбуждения уголовного дела и участия прокурора в данном процессе.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Республика Таджикистан, прокурор, органы прокуратуры, Генеральная прокуратура Республики Таджикистан, Уголовно-процессуальный кодекс, возбуждение уголовного дела.


**PARTICIPATION OF THE PROSECUTOR AT THE STAGE OF INSTITUTION OF A CRIMINAL CASE**


The article is devoted to the analysis of the improvement of certain areas of the stage of initiation of a criminal case, as well as the participation of the prosecutor at the stage of initiation of a criminal case in the context of the historical features of the formation and development, as well as the functioning of this institution in the modern realities of criminal justice in

the Republic of Tajikistan. The analysis is based on certain provisions of the science of criminal procedure associated with the tendency to liquidate the institution of initiating a criminal case and the participation of the prosecutor in this process.

**KEYWORDS:** Republic of Tajikistan, prosecutor, prosecutor's office, General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan, Code of Criminal Procedure, initiation of a criminal case.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Акрамзода Комрон*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907702329**. E – mail: **Akramzoda_1998@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Акрамзода Комрон*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907702329.** E – mail**: Akramzoda_1998@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akramzoda Komron*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907702329**. E – mail: **Akramzoda_1998@mail.ru**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуллоев С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи мустақилонаи минбаъдаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд овард. Бахусус дар марҳилаҳои аввали ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар баробари иҷрои вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, тағйири вазъи инсон дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ба таври куллӣ ногузир мегардад. Дар навбати аввал ин ба оила, чун рукни табиӣ ва асосии ҷомеа дахл дорад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид месозад, ки оила асоси ҷомеа буда, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Ин муқаррарот дар моддаи 10 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии соли 1966 низ пешбинӣ шудааст: “Ба оила, ки рукни табиӣ ва асосии ҷомеа мебошад, бояд ёрии ҳадалимкон расонида шавад, махсусан ҳангоми пайдоиши он ва то замоне, ки масъулияти ғамхорӣ дар бораи фарзандони ноболиғ ва тарбияи онҳо бар дӯши он мебошад” [1].

Алҳол мо бештар оид ба мустаҳкам намудани оила ҳарф мезанем, чунки дар ин намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ то ҳол ҷой доштани як қатор падидаҳои манфӣ ба назар мерасад. Махсусан, беш аз пеш вайроншавии оилаҳо, ки оқибаташ расонидани зарар ба ҷомеа, таъсири манфӣ ба тарбияи кӯдакон, ҳолати руҳии марду зан ва фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии онҳост, боиси ташвиш аст.

Маълумоти омории солҳои охир дар Тоҷикистон оид ба қатъ гардидани ақди никоҳ гувоҳи он аст. Бо вуҷуди чорабиниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баҳри ҳифз ва таҳкими оила қатъи ақди никоҳ ҳанӯз ҳам дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст.

Бояд зикр кард, ки дар ин давраи сарнавиштсоз масъалаи аз рӯйи принсипҳои ахлоқи ҷамъиятӣ ташкил ёфтану устувор гаштани ақди никоҳ, оила ва муносибатҳои оилавӣ, дар руҳи садоқат ба Ватан, халқ, муносибати бошуурона ба заҳмати муфиди ҷамъиятӣ тарбия кардани насли наврас эътибори махсусро тақозо менамояд, зеро пешрафти иҷтимоии ҷомеа, таркиби сифатии аҳолӣ ба устувории оила вобастагӣ дорад.

Тақдири никоҳшавандагон, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ҳамеша дар маркази диққат ва ғамхории давлат қарор дорад. Бо ин мақсад давлат қайди давлатии ақди никоҳро муқаррар намудааст. “Ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар аз лаҳзаи дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифтани ақди никоҳ, ба миён меояд”, – пешбинӣ дар кисми дуюми моддаи 10 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2].

Қайди ақди никоҳ бо мақсадҳои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ, муҳофизати ҳуқуқҳои шахсию молумулкӣ, манфиатҳои зану шавҳар ва фарзандон муқаррар карда мешавад. Ақди никоҳ дар макомоти САҲШ-и ҷойи истиқомати яке аз тарафҳои ба ақди никоҳ

дохилшаванда дар ҳузури ҳарду тараф ё ҷойи истиқомати падару модарони онҳо ба қайд гирифта мешавад.

Сабти ақди никоҳ имконият медиҳад, ки муносибати ҳамсариро аз дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо хусусияти фарққунандааш ҷудо созем.

Зарурати сабти давлатии ақди никоҳро бо мазмуни васеътар дарк намудан зарур аст, зеро он муносибати ҳамсариро ба низом даровaрда, бар зидди ҳар гуна сабукандешиҳо ва каҷравиҳо дар ташкили оила ҳамчун монеаи ҳуқуқӣ хизмат менамояд. Ақди никоҳ дар шуъбаҳои ноҳиявии (шаҳрии) мақомоти САҲШ, дар шаҳрак ва деҳа бошад, аз ҷониби ҷамоатҳои шаҳрак ё деҳа сурат мегирад. Ақди никоҳҳое, ки аз ҷониби дигар мақомот ба қайд гирифта шудаанд, қувваи қонунӣ надоранд.

Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои зерин ба амал бароварда мешавад [3, с. 56]:

1) баробарҳуқуқии зану мард дар ҳалли ҳама масъалаҳои оилавӣ. Ин баробарҳуқуқӣ на танҳо ҳангоми аз ақди никоҳ гузаштан, балки баъд аз ин ҳам нигоҳ дошта мешавад. Онҳо ҳуқуқи баробарии шахсӣ ва молумулкӣ пайдо мекунанд;

2) баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ сарфи назар аз миллат, нажод ва муносибаташон ба дин. Дар ҷумҳуриямон дар вақти ақди никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ аз рӯйи аслу насаб, мавқеи иҷтимоӣ ва молу мулкдорӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, маълумот, забон, муносибат ба дин, навъ ва характери касбу кор, ҷойи истиқомат ва дигар ҳолатҳо ба ягон тарз бевосита ё бавосита маҳдудкунии ҳуқуқ, муқаррар намудани афзалиятҳои бевоситаю бавосита роҳ дода намешавад;

3) муҳофизат ва ҳавасманд кардани модарӣ;

4) ғамхорӣ дар бораи тарбияи фарзандон ва таъмини манфиати онҳо. Падару модарон вазифадоранд фарзандонашонро тарбия намоянд, дар бораи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқ, дар бораи таълими онҳо ғамхорӣ кунанд, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр намуда, ҳамчун узви сазовори ҷамъият ба камол расонанд;

5) якканикоҳӣ (моногамӣ). Моҳияти ин принсип дар он зоҳир мешавад, ки ҳар кас дар як ақди никоҳ буда метавонад, агар ин принсип ҳангоми бастани ақди никоҳ риоя нашуда бошад, ақди никоҳ беътибор эътироф карда мешавад ва шахси ин қоидаро вайронкарда мумкин ҳатто сазовори ҷазои ҷиноӣ гардад;

6) озодона ва ихтиёрӣ бастани ақди никоҳ;

7) аз ҳалли масъалаҳои ақди никоҳ ва оила ҷудо будани дин;

8) дар зери назорати давлат озодона бекор кардани ақди никох;

9) аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ масъули ҳамдигар будан, ғамхории ҳамдигарии аъзои оила. “Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд”, қайд карда мешавад дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4].

Ба ақидаи М.А. Маҳмудов, одатан ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар оила маҳдуд карда намешаванд. Аммо дар баъзе ҳолатҳои ҷудогона ҳуқуқҳои шаҳрвандон тибқи қонунгузорӣ дар ҳадде, ки бо мақсади муҳофизати ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ, саломатии дигар аъзои оила ва шаҳрвандон лозим мебошад, маҳдуд карда мешавад [5, с. 27]. Бо ин мақсад дар Кодекси оила баъзе маҳдудиятхо муқаррар карда шудаанд. Чунончи, тибқи моддаи 17 Кодекси оила “шавхар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оид ба бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд” [2]. Ин меъёри ҳуқуқӣ пеш аз ҳама барои ҳимояи манфиатҳои занон ва таъмини саломатии кӯдакони навзод равона карда шудааст.

Мисоли дигар, тибқи моддаи 73 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад бо назардошти манфиати кӯдак дар бораи гифтани кӯдак аз падару модар (яке аз онҳо) бе маҳрум кардани онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ (маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ) ҳалнома қабул намояд.

Чун Б.Т. Ҳудоёров қайд намудаанд, мувофиқи қонунгузории оилавӣ падару модаре, ки ҳуқуқи падару модариашон маҳдуд шудааст, ҳуқуқи шахсан тарбия кардани кӯдак, инчунин имтиёзу ёрдампулии давлатӣ барои шаҳрвандони кӯдакдор муқарраргардидаро

аз даст медиҳанд. Инчунин, онҳо барои муошират бо кӯдак ба шарте иҷозат дода мешаванд, ки агар он ба кӯдак таъсири зарарнок надошта, ба ҳаёту саломатии кӯдак хатарнок набошад [6, с. 28].

Маҳдуд кардан ё бекор кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар оила доимӣ нест. Масалан, дар асоси моддаи 26 Кодекси оила дар сурати ҳозиршавии зан ё шавҳаре, ки суд фавтида эълоншуда ё бедарак ғоибшуда эътироф кардааст ва бекор кардани ҳалномаҳои дахлдори судӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад дар асоси аризаи якҷояи зану шавҳар ақди никоҳро барқарор намояд [2].

Маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон марбут ба оила дар дигар соҳаи қонунгузорӣ низ ба чашм мерасад. Чунончи, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, пешгирии хароҷотҳои зиёдатӣ ва нигоҳ доштани тозагии анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳангоми гузаронидани расму оинҳои миллӣ баъзе маҳдудиятҳо муқаррар карда шудааст. Масалан, мувофиқи талаботи Қонун болозикр дар маросимҳои дафну азодорӣ ташкили “оши сари тахта”, “душанбегӣ”, “ҷумъагӣ”, “ҳафт”, “бист”, “шашмоҳагӣ”, инчунин додани пули нақд ва дигар ашё, ба истиснои ҳакки хизмати қабркан ва мурдашӯй манъ аст [7]. Қонуни мазкур бо мақсади гирифтани пеши роҳи беҳурматӣ нисбат ба пули миллӣ, пошидан ва часпонидани пулро дар ҷашну маросимҳо манъ кардааст. Амали ин Қонун дар ҳаёт собит сохт, ки маҳдудиятҳои муқарраршуда барои манфиати мардум равона карда шудааст.

Вобаста ба ҳуқуқи оилавӣ олими ватанӣ М.Ҷ. Бурҳонова қайд менамояд, ки ҳуқуқи оилавӣ маҷмуи (низоми) меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкие, ки бо сабаби ақди никоҳ, таваллуди кӯдак, фарзандхонӣ, хешу таборӣ, ба тарбия гирифтани кӯдак байни шаҳрвандон, шаҳрвандону шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандону давлат пайдо мешаванд, танзим менамояд [8, с. 12].

Вазифаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ аз ҳалли масъалаҳои зерин иборат мебошанд: боз ҳам мустаҳкам кардани оила, ки ба принсипҳои ахлоқии ҷамъият асос ёфтааст; дар асоси иттифоқи ихтиёрии ақди никоҳи зану мард, ҳиссиёти аз ғаразҳои моддӣ озоди муҳаббати якдигар, дӯстӣ ва эҳтироми тарафайни ҳамаи аъзоёни оила; ҳамаҷониба муҳофизат намудани манфиати модару кӯдак ва таъмини ҳаёти хушбахтонаи ҳар як кӯдак; дар муносибатҳои оилавӣ қатъиян барҳам додани урфу одат ва расму оинҳои зарарноки замони гузашта; парваридани эҳсосоти баланди масъулият дар назди оила. Моҳияти ин вазифаҳои ҳуқуқи оилавӣ мақсади сиёсати давлатро оид ба ғамхорӣ дар ҳаққи инсон, дар бораи саодатмандӣ ва хушбахтии ӯ ифода менамояд [8, с. 22].

Ҳуқуқи оилавӣ, мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ предмети худро дорад. Предмети ҳуқуқи оилавӣ – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар натиҷаи бастан ё бекор кардани ақди никоҳ, таваллуди кӯдак, хешӣ, фарзандхонӣ, парасторӣ, васоят пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд [3, с. 93].

И.Б. Буриев андеша менамояд, ки ин муносибатҳо ҳислати хоси худро доранд ва онҳо имконият медиҳанд, ки муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ аз дигар намудҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ фарқ кунанд, аз ҷумла аз муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ [9, с. 47]. Масалан, субъекти ҳуқуқи оилавӣ танҳо шаҳрвандоне, ки доираи онҳоро қонун муайян кардааст (ҳамсарон, падару модарон, фарзандон, фарзандхондагон, парасторону васиён ва ғ.), шуда метавонанд. Ба ақидаи И.Ф. Александров, субъектони муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ доимо хусусияти ҷиддии индивидуалӣ, ивазшаванда доранд [10, с. 37]. Ғайр аз ин, муносибати байни субъектони ҳуқуқи оилавӣ бардавом ва эътимоднок мебошанд.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи оилавӣ танзим менамояд, мисли предмети ҳуқуқи гражданӣ хусусияти молумулкӣ ё шахсӣ (ғайримолумулкӣ) доштанаш мумкин аст. Аммо вазифаи асосии ҳуқуқи оилавӣ – танзим намудани муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ мебошад. Он муносибатҳои молумулкие, ки ҳуқуқи оилавӣ танзим менамояд, пурра аз ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ вобастагӣ дорад. Вазифаи асосии ҳуқуқи гражданӣ бошад, танзими муносибатҳои молумулкист. Муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро ба шарте танзим менамоянд, ки агар ба муносибатҳои молумулкӣ вобаста бошад ё махсус бо қонун пешбинӣ шуда бошад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи оилавӣ предмети махсуси танзимкунии худро дорад. Барои он ки ҳуқуқи оилавӣ чун соҳаи мустақили ҳуқуқ шинохта шавад, вай бояд методи худро, яъне усулу равиши махсуси танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятиро низ дошта бошад. Методи танзими муносибатҳои ҳуқуқиро худи хислатҳои предмети танзимкунӣ муайян менамояд. Вобаста аз мазмуни амалиёти ба муносибати танзимкунӣ таъсир расонидан методи ҳуқуқи оилавӣ характери рухсатӣ ва вобаста аз шакли амрия – императивӣ (қатъӣ) дорад.

Ҳамзамон, муносибатҳои оилавӣ бо қонунҳои оилавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии оилавӣ танзим карда мешаванд, яъне онҳо асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳои оилавиро ташкил медиҳанд.

Муносибатҳои никоҳию оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳавӣ ба танзим даровarda мешавад. Қонунгузории оилавӣ, қабл аз ҳама, бинобар зарурати таҳкими оила, ташкили муносибатҳои оилавӣ дар заминаи эҳсоси муҳаббати пок, эҳтиром ва гиромидошти мутақобилаи ҳамсарон, кумаки байниҳамдигарӣ ва масъулияти аъзои оила дар назди якдигар, роҳ надодан ба дахолати худсаронаи ашхоси беруна ба ҳаёти оилавӣ, таъмини бемамониати татбиқи ҳуқуқҳои аъзои оила ва билохира муҳофизати судии онҳо бунёд ёфтааст.

Моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки дар муносибатҳои оилавӣ зану шавҳар баробарҳуқуқанд [4], яъне онҳо дорои ҳуқуқҳои баробари шахсӣ ва амволӣ мебошанд.

Қабул шудани Кодекси нави оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои воқеияти нави иҷтимоӣ буда, дар он дигаргуниҳои муҳимме ки дар муносибатҳои оилавӣ ба вуҷуд омадаанд, инъикос карда шудаанд. Ин ҳуҷҷати муҳим 13 ноябри соли 1998 дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ қабул шуда, аз 8 фаслу 22 боб ва 178 модда иборат мебошад. Дар Кодекси оила зикр шудааст, ки ин санади ҳуқуқӣ бо мақсади устувории оилаҳо, танзими муносибатҳои оилавӣ дар пояи эҳтирому муҳаббат, ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти тамоми аъзои оила дар ҳаёти якҷояи оилавӣ, озод будани муҳити оила аз дахолати ашхоси беруна ба корҳои дохилии оила, иҷрои ҳатмии ҳуқуқу уҳдадорихои ҳар яке аз аъзои оила дар назди ҳамдигар ва инчунин имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад [2]. Бо назардошти ислоҳоти ҳуқуқие, ки дар ҷумҳурӣ сурат мегирад, дар Кодекси оила меъёрҳои сифатан нави ҳуқуқӣ ғунҷоиш ёфтаанд, ки устуворӣ ва пешрафти оилаҳоро дар шароити нави иҷтимоии ҷумҳурӣ таъмин менамоянд.

Арзиши баланди ин ҳуҷҷат дар он аст, ки қабл аз ҳама дар Кодекси оила таҷрибаи ислоҳоти қонунгузории оилавии кишварҳои дуру наздики хориҷӣ, равияҳои ҳозиразамони ҳалли мушкилиҳои оила, роҳҳои нигоҳдорӣ ва устувории он бо назардошти шароити нави иқтисодиву иҷтимоии даврони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва рушди ҷумҳурӣ бо роҳи демократия ва бунёди давлати ҳуқуқиву дунявӣ инъикос ёфтааст. Мақсади асосии Кодекси нави оила дар муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқие зоҳир мешавад, ки ба қаноатмандии пурраву ҳамаҷонибаи манфиати шахсиятҳо, муҳайё кардани шароит барои таъмини ҳаёти бошарафона ва инкишофи озодонаи ҳар узви оила, тарбияи кӯдакон мусоидат мекунанд [3, с. 96]. Принсипҳои танзими муносибатҳои оилавӣ, аз қабили эътирофи ақди никоҳе, ки танҳо дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ баста шудааст, ихтиёрӣ будани ақди никоҳ, озодии талоқ, баробарии ҳамсарон дар оила, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ оид ба некуаҳволӣ ва инкишофи ҳаматарафаи онҳо, таъмини ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу манфиатҳои аъзои корношоями оила ба он принсипҳое мувофиқат мекунанд, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марбут ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дарҷ ёфтаанд [3, с. 99].

Бори аввал дар Кодекси нави оила меъёрҳо ва институтҳои нав – аҳдномаи никоҳ, ҳуқуқи кӯдакон дар оила, созишнома оид ба пардохти алимент ворид карда шудаанд. Новобаста аз мавқеи баъзе гурӯҳҳои динӣ, ки бисёрникоҳиро қонунӣ дидан мехостанд ва ин зуҳуротро тақозои шароити нави иҷтимоӣ ва воситаи ба эътидол овардани ҷомеа маънидод менамуданд, дар Кодекси нав якканикоҳӣ муқаррар гардида, принсипи

конститутсионии баробарии иттифоқи зану мард дар асоси якканикоҳӣ ба ҳукми тасдик дароварда шуд [4].

Бори нахуст дар Кодекси оила анъанаи миллии мардуми муқимӣ вобаста ба доштани насаб (м. 58) ба эътибор гирифта шуда, бо назардошти хусусиятҳои миллӣ синни никоҳӣ – 18-солагӣ муқаррар гардид [2]. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад, ки синни никоҳиро ба муҳлати на бештар аз як сол кам кунад (қ. 2 ва 3 м. 13) [2]. Дар моддаи 14 панҷ ҳолате номбар мешавад, ки монеаи ақди никоҳ мегарданд: байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар ақди никоҳи дигари бақайдгирифташуда қарор дошта бошад; байни бародарону хоҳарони айнӣ ва угай, байни фарзандқабулкунандагон ва фарзандхондшудагон; байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш ғайри қобили амал эътироф кардааст; байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст [2]. Бори аввал дар қонунгузории оила институти муоинаи тиббии шахсони издивоҷкунанда (м. 15) ҷорӣ мегардад. Принсипи таъмини ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, яъне кӯшиши эътирофи кӯдак ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ (боби 14) аҳаммияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак ӯ метавонад барои дифои ҳуқуқҳояш ба мақомоти васояту парасторӣ ва ё суд баробари расидан ба синни 14-солагӣ муроҷиат намояд (м. 57) [2].

Меъёрҳое пурқувват шудаанд, ки ба масъалаи маҳрум кардани ҳуқуқҳои падариву модарӣ дахл доранд (м. 69-70). Созишнома оид ба пардохти алимент (м. 100-105) ва индексатсияи андозаи алимент (м. 106), инчунин ҳуқуқи фарзандони болиғи таҳсилкунанда ба алимент (м. 86) меъёрҳои ҳуқуқии тамоман нав маҳсуб мешаванд.

Кодекси нави оила ду низоми фарққунанда – қонунӣ ва шартномавӣ барои амволи ҳамсарон муаиян карда, ба ҳамсарон имкон муҳайё мекунад, ки худашон яке аз ин низомҳоро интихоб карда, муносибатҳои амволиашонро муқаррар намоянд. Моҳиятан меъёри нави ҳуқуқӣ – аҳдномаи никоҳ пешбинӣ шудааст, ки мавзуи хос – амволи ҳамсаронро дар бар мегирад (м. 40-45). Ба ин навгонии ҳуқуқӣ боби алоҳида (боби 8) бахшида шудааст ва он мушкилиҳои ҳалталаби муносибатҳои амволии ҳамсаронро дар шароити кунунӣ инъикос мекунад.

Бо назардошти рушди қонунгузории оилавӣ, Қонун аз 29 апрели соли 2006, №183 ва Қонун аз 20 марти соли 2008, №382 ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, ки онҳо барои пойдорӣ ва устувории оилаҳо равона карда шудаанд.

Қисми 2 моддаи 3 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии оилавие, ки дар дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд, бояд ба Конститутсия ва Кодекси оила мутобиқ бошад [2]. Ин чунин маъноро дорад, ки ҳамаи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ки марбут ба оила қабул мешаванд, ба талаботи Конститутсия ва Кодекси оила мухолиф набошанд. Чунин муқаррарот аз он шаҳодат медихад, ки Конститутсия ва Кодекси оила сарчашмаҳои асосии танзими муносибатҳои оилавӣ ба ҳисоб мераванд.

Қисми дуюми моддаи 3 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” ба роҳ монда мешавад. Қонуни мазкур 29 апрели соли 2006 қабул гардида, аз 12 боб ва 87 модда иборат мебошад [11].

Қисми 4 моддаи 3 Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ барои иҷрои талаботи ҳамин Кодекс ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои оилавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст. Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардани масъалаҳои дар моддаҳои 82 (Навъҳои музди меҳнат ва дигар даромаде, ки аз онҳо барои кӯдакони ноболиғ алимент ситонида мешавад), 145 (Номгӯйи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) қарор диҳад), 149 (Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ), 155

қ. 6 (Андоза ва тартиби ба васӣ (парастор) барои таъминоти кӯдаки тахти парасторӣ қарордошта додани маблағи ҳар моҳа) дохил карда шудааст.

Аз рӯйи талаботи қисми 2 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадхои меъёрии хукукӣ" санади меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли "Қарор" қабул карда мешавад [12]. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри иҷрои талаботи моддаи 149 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои худ аз 11 марти соли 2000 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, аз 1 октябри соли 2004 "Навъҳои музди меҳнат ва дигар даромадҳое, ки аз онҳо барои таъминоти кӯдакони ноболиғ алимент рӯёнида мешавад" ва "Номгӯйи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будан шахс наметавонад кудакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, тахти васоят (парасторӣ) гирад" тасдиқ кард.

Ҳамин тавр, санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ мебошанд ва Конститутсия ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин нақши махсус доранд, дигар тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ аз онҳо сарчашма мегиранд, инчунин ба онҳо бояд мутобиқ бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аз соли 1966 // Маҳзани муттамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 01. 2023).
2. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Маҳзани муттамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 01. 2023).
3. Тагаева С.Н. Теоретические проблемы семейно-правовой ответственности в Республике Таджикистан: диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.03. – Душанбе, 2015. 4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 20.02.2023).
5. Махмудов М.А. Правовые проблемы сохранения и укрепления семьи в Таджикистане: диссертация ... доктора юридических наук в форме науч. докл.: 12.00.03. – Москва, 1998.
6. Худояров Б.Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан [Текст] / Б. Т. Худояров. – Душанбе, 2000.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8 июни соли 2007, №272 // Маҳзани муттамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22. 02. 2023).
8. Бурҳонова М.Ҷ. Ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ / М.Ҷ. Бурҳонова. – Душанбе: Эр-граф, 2013.
9. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2007.
10. Александров И.Ф. Правовое регулирование семейных отношений: соотношение семейного и гражданского права // дисс. канд. юрид. наук. – Самара, 2004.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" аз 29 апрели соли 2006, №188 // Маҳзани муттамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 03. 2022).
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017, №1414 // Маҳзани муттамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: – URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03. 03. 2022).


## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур асосҳои танзими муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти қонунгузории дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин адабиёти ватанию хориҷӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои оилавӣ асоси рушди ҷомеаи муосир ба ҳисоб мераванд, танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур ба дуруст ба амалигардонии онҳо, инчунин ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои падару модар, зану шавҳар ва кӯдак мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлилҳо аз ҷониби муаллиф якчанд пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** оила, муносибатҳои оилавӣ, танзими ҳуқуқӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, падару модар, зану шавҳар, кӯдак.


## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье проанализированы и рассмотрены основы правового регулирования семейных отношений в Республике Таджикистан с учетом внутреннего и зарубежного законодательства, а также отечественной и

зарубежной литературы. Стоит отметить, что семейные отношений являются основой развития современного общества, правовое регулирование данных отношений содействует их правильному осуществлению, а также защите интересов и прав родителей, супруг и ребенка. На основе анализа автором представлены несколько конкретных предложений.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** семья, семейные отношения, правовое регулирование, нормативный правовой акт, права и обязанности, родители, супруги, ребенок.

**LEGAL REGULATION FOR REGULATION OF FAMILY RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
This article analyzes and discusses the basics of legal regulation of family relations in the Republic of Tajikistan, taking into account domestic and foreign legislation, as well as domestic and foreign literature. It should be noted that family relations are the basis for the development of modern society, the legal regulation of these relations contributes to their proper implementation, as well as the protection of the interests and rights of parents, spouses and children. Based on the analysis, the author presents several specific proposals.
**KEYWORDS:** family, family relations, legal regulation, normative legal act, rights and obligations, parents, spouses, child.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Саидҳоҷӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Саидходжи*** **–** Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Abdulloev Saidhoji*** – Tajik National University, master`s student of faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# КОНСТИТУТСИЯ – КАФОЛАТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ КӮДАКОНИ ЯТИМ ВА БЕПАРАСТОР

***Ҳайдарзода М.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Моддаи 1-уми Конститутсия бо ибораи «Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз мeёбад, дебочаи Конститутсия бошад бо ибораи «мо, халқи Тоҷикистон» шуруъ мешавад, ки онҳо ба ҳамдигар иртиботи ногусастанӣ дошта, дорои мазмуни амиқи иҷтимоию сиёсӣ ва маънавӣ мебошанд. Бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон Конститутсия на аз номи халқ, балки бевосита аз ҷониби халқ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд ва худи халқ муаллифи ормонҳои ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз гардида, масъулияти амалӣ намудани меъёрҳои онро ба уҳда гирифтааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли конститутсияҳои давлатҳои дигари дунё бо пешрафти ҷомеа, дигаргуниҳои сифатии ҳаёти ҷомеа дар раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарангӣ ва ҳуқуқӣ, табиист, ки тағйир мeёбад, ба он меъёрҳои ҷавобгӯйи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ илова карда мешаванд. Тағйиру иловаҳои Конститутсия дар таҷрибаи давлатдории ҳамаи кишварҳои ҷаҳони мутамаддин ҷой дорад. Ба зимми ҳамаи ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли конститутсияҳои давлатҳои дигари баъди даврони шуравӣ дар давраи гузариши ҷомеа аз сохти сотсиалистӣ ба давлати ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, иқтисодӣ бозорӣ ва шаклҳои гуногуни моликият қабул шудааст [7, с. 11].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи аввалро ишғол менамояд. Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои Конститутсия нисбат ба дигар меъёрҳои санадҳои миллӣ бартарият доранд. Агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ба конститутсия мутобиқат накунад, он гоҳ онҳо аз лаҳзаи қабул шуданашон эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Аз ин лиҳоз низ меъёрҳои Конститутсия эътибори олии ҳуқуқиро доро мебошанд. Ин меъёрҳо дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: “Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқии

байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд." [1, с. 7-8]. Дар асоси меъёри мазкури Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда бевосита дар моддаҳои алоҳидаи хеш оид ба тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтани санади меъёрии ҳуқуқии қабулшударо дарҷ менамоянд. Масалан, дар моддаи 3-юми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: "Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавие, ки дар санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мазкур мутобиқ бошанд." [2, с.12]. Инчунин, дар моддаи 2-юми Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ки қонунгузории соҳавӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ба ҳисоб меравад чунин оварда шудааст: "Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад." [3, с. 17].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати амалишавии тамоми соҳаҳои ҳуҳуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, амалишавии ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарасторро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон хусусан кӯдакони ятим ва бепарастор сиёсатеро пеша кардааст, ки дар рушду ба камолот расидан, таъмини моддӣ ва иҷтимоии кӯдакони ятим умуман истифода бурдан аз имтиёзҳои давлат, ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ки ба манфиати кӯдакони ятим ва бепарастор мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки асоси ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта ва аз якчанд санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ иборат аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқии тамоми соҳаҳои ҳуқуқи кӯдакро фаро мегирад. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикршуда маълум мешавад, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаконро ҳифз менамояд, бевосита Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар қисми 3 моддаи 34-уми он чунин оварда шудааст: "Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд." [1, с. 19]. Ин меъёри конститутсионӣ маънои онро дорад, ки тибқи он кӯдакони ятим ва маъюбон таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд ва ба уҳдаи давлат масъулияти азими рушди соҳаи иҷтимоиро вомегузорад. Ба уҳдаи худ гирифтани масъулияти ҳифзи иҷтимоии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор маънои онро дорад, ки давлат сиёсати инсонпарварона ва тамаддунӣ дошта, афзалияти арзишҳои умумиинсониро дар риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф менамояд. Давлат дар асоси уҳдадорие, ки дар сархати 3 моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи худ гирифтааст, маълум менамояд, ки ӯ ҳамчун субъекти асосӣ ғамхори кӯдакони ятиму бепарастор ва кафолатдиҳандаи таълиму тарбияи онҳост [6, с. 46]. Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ин муқарраротӣ конститутсионӣ санадҳои ҳуқуқие амал намуда истодаанд, ки бевосита роҳу воситаҳо, усулҳо шарту шароитҳои расонидани кумаки иҷтимоиро ба кӯдакони ятим ва маъюбу бепарастор муайян мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дебочаи Конститутсияи хеш қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор якчанд санадҳои байналмилалиро ба тасвиб расонида, уҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи худ гирифтааст. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдакро эътироф намудааст. Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор дар санадҳои ҳуқуқии

байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, чунин оварда шудааст: “Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некуаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад. Модарону кӯдакон ба васоят ва кумаки махсус ҳақ доранд. Ҳамаи кӯдаконе, ки дар ақди никоҳ ва берун аз он таваллуд шудаанд, бояд аз ҳимояи иҷтимоии баробар истифода намоянд (моддаи 25 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар)” [4, с. 10-11]; “Кӯдаке, ки муваққатан ё доимӣ аз муҳити оилавии худ маҳрум карда шудааст ё кӯдаке, ки ба манфиати шахсии худаш наметавонад дар чунин муҳит бимонад, ба ҳимоя ва кумаки махсусе, ки давлат пешкаш менамояд, ҳуқуқ дорад. Давлатҳои аъзо мутобиқи қонунгузории миллии худ тарзи дигари нигоҳубини чунин кӯдакро таъмин менамоянд... ( моддаи 20 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак).” [4, с. 74].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки барои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор ба танзим даровардани муносибатҳое, ки вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ, дастгирии давлатӣ, кафолати иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор инчунин ашхосе, ки дар давоми таҳсил падару модар ва ё падару модари танҳояш вафот кардааст ва барои муайян намудани кафолати амалишавии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. Аз чумла, Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси тандуристии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адабиёти таълимӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон”; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” ва дар дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки муносибатҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарсаторро ба танзим медарорад. Бояд қайд кард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакро, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарасторро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон” ташкил медиҳад.

Аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бармеояд, ки оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои комплексии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ андешида шудаанд, аммо ба ҳамаи ин чораҳои андешидашуда нигоҳ накарда, дар ин самт то ба имрӯз камбудиҳои ҷиддӣ, махсусан, дар ҳифзи ҳуқуқи кӯдаконе, ки падар ё модар надоранд ба назар мерасанд, ки барои ислоҳи онҳо ҷораҳои иловагии таъхирнопазир андешидан зарур мебошад. Масалан, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон” зери мафҳуми кӯдаки ятим, ҳам ятими кул ва ҳам нимятим фаҳмида мешавад, вале аксари кафолатҳои давлатии ятимон ба ятимони кул тааллуқ дорад. Ба ибораи дигар кӯдакони нимятим таҳти амали ин қонун қарор надоранд; давлат ба нимятимон нафақаи барои маҳрум шудан аз саробон медиҳад, ки аз се ва зиёда аз он кӯдак мавҷуд бошад нафари чорум ва панҷумро ба инобат намегирад. Инчунин, хусусияти фасили

6 Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки танҳо кӯдаконеро зери ҳимоя қарор медиҳад, ки бе парастор мондани кӯдакро аз ҳар ду волидайн (ҳам падар ва ҳам модар) танзим мекунад. Вале масъалаи ҳимояи кӯдаконе, ки бе парастории яке аз онҳо-падар ё модар мондаанд, дар Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пароканда ба назар мерасад [5, с. 168]. Дар қатори ин даҳҳо масъала ва мисолҳоро оид ба камбудиҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии кӯдакони ятим ва бепарастор овардан мумкин аст. Ғайр аз ин, ҳарчанд боби чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор бахшида шудааст, вале он фарогирандаи ҳамаи масъалаҳои вобаста ба кӯдакони ятим ва бепарастор намебошад [8, с. 174]. Барои ҳалли мушкилиҳои дар боло зикршуда вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор" зарур аст. Инчунин, шароити кунунӣ ва тараққиёти инкишофи қонунгузории дохилӣ ва хориҷӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа хусусан, давлатҳои ИДМ қабул кардани қонуни навро "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамоянд. Нуқтаҳои дар боло зикргардида шаҳодати муҳиммияти тадқиқоти маҷмуии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса, аз таҳлилҳои дар боло овардашуда маълум мешавад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор ба ҳисоб меравад. Инчунин, асоси ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад, ки ин бевосита дар моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" аз 18.03.2015 чунин оварда шудааст: "Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад." Дар ин ҷода пешниҳод менамоям, ки ба моддаи дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" чунин меъёр илова карда шавад: "агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ғайр аз меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" меъёрҳои дигар муқаррар карда шуда бошад, пас меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд". Асоси ин пешниҳод аз қисми сеюми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, чунин дарҷ гардидааст: "Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд" .

Умедворам, ки тавсияҳои пешниҳоднамудаи ман қобили қабул гардида, дар раванди ташаккуллёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор ба инобат гирифта мешаванд. Пешниҳодҳои зикргардида барои ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор ва кафолатҳои амалишавии онҳо мусоидат менамояд. Тавсияҳои номбаршуда ҳарчанд бисёр ҳам баҳснок бошанд, вале боварии комил дорем, ки таваҷҷуҳи олимон ва коршиносонро ба худ ҷалб менамоянд. Зеро масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии кӯдакони ятим ва бепарастор аз замонҳои пеш то ба имрӯз ва дар оянда низ мубрам ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с
2. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 №682 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 с., №1395.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015 "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак"//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2018 с., №1489.

4. Ализода З., Сафаров Б., Саъдизода Ҷ., Қодирӣ С., Солиев А. Маҷмуи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода ва д. – Нашри дуюм / – Душанбе, 2018.- 378 с.
5. Ғаффорзода, И.Ғ. Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ //дис. ... док. илмҳои ҳуқуқ.– Душанбе,2020. – 369 с.
6. Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ/таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М.-Хуҷанд: Дабир, 2023. - 410 с.
7. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон //Зери таҳрири Маҳмудов М.А. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.
8. Ҳайдарзода М. Зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор”//Маҷаллаи илмии “Муҳаққиқи ҷавон”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. №2. С. 173-178

## КОНСТИТУТСИЯ – КАФОЛАТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ КӮДАКОНИ ЯТИМ ВА БЕПАРАСТОР

Дар мақола масъалаҳои танзими муносибатҳо вобаста ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дастгирии давлатӣ, таъминоти иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, инчунин ашхосе, ки дар давоми таҳсил падару модар ва ё яке аз онҳо вафот кардаанд ва кафолатҳои амалишавии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Таъкид шудааст, ки Конститутсия кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор буда, шароити кунунӣ ва тараққиёти инкишофи қонунгузории дохилӣ ва хориҷӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷа, хусусан, давлатҳои ИДМ қабул кардани қонуни навро “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамоянд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Конститутсия, кафолат, ҳифз, нимятим, ятим, ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор, ятими кул, дастгирии давлатӣ, қонун.

## КОНСТИТУЦИЯ – ГАРАНТИЯ ЗАЩИТЫ ПРАВ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА СИРОТ И ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ ПОПЕЧЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ

В статье анализируются вопросы регулирования отношений, связанных с правоохранительной деятельностью, государственной поддержкой, социальным обеспечением детей-сирот, а также лиц, родители которых умерли или один из них умер во время обучения, и гарантии их реализации в Республике Таджикистан. Подчеркивается, что Конститутция это гарантия защиты прав и госдарственной поддержки сирот и детей, оставшихся без попечения родителей, что современные условия и развитие отечественного и зарубежного законодательства и опыт зарубежных стран, особенно стран СНГ, требуют принятия нового закона «О защите прав и государственной поддержке детей-сирот » в Республике Таджикистан.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Конститутция, гарантия, защита, полусирота, сирота, права детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей, круглый сирота, государственная поддержка, закон.

## CONSTITUTION – GUARANTEE OF PROTECTION OF RIGHTS AND STATE SUPPORT OF ORPHANS AND CHILDREN LEFT WITHOUT PARENT`S CARE

The article analyzes the issues of regulating relations related to law enforcement, state support, social security for orphans, as well as persons whose parents or one of them died during training, and guarantees for their implementation in the Republic of Tajikistan. It is emphasized that the Constitution is guarantee of rights and state support of orphans and children left without parent`s care, current conditions and the development of domestic and foreign legislation and the experience of foreign countries, especially the CIS countries, require the adoption of a new law "On the protection of the rights and state support of orphans " in the Republic of Tajikistan.

**KEYWORDS:** Constitution, guarantee, protection, semi-orphan, orphan, rights of children-orphans and children left without parental care, parentless orphan, state support, law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳайдарзода Муҳаммад Ҳайдар*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(93)1941111.** E - mail: **haidarzoda.muhammad@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хайдарзода Мухаммад Хайдар*** - Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(93)1941111.** E - mail: **haidarzoda.muhammad@mail.ru**

**Information about the author:** ***Haydarzoda Muhammad Haydar*** - Tajik National University, 2-nd -year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(93)1941111.** E - mail: **haidarzoda.muhammad@mail.ru**

# МАВЗУИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН

*Бобониёзов С.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Хусусиятҳои қитъаи заминро баён карда, қайд намудан лозим аст, ки ҳолати ҳуқуқии онҳо аз аҳаммияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва арзишнокии махсус вобаста аст. Қисми қитъаи замин объекти махсуси муносибатҳо ба замин мебошад, ки дар м. $2^2$ КЗ ҶТ бевосита ба он ишора карда мешавад. Ибораи «қисми қитъаи замин» дар қонунгузории замин ва гражданӣ истифода шудааст, аммо мафҳум ва моҳияти он норавшан боқӣ мондааст. Қитъаи замине, ки чун қитъаи ягона ба китоби қайди заминҳо дохил карда шудааст, ашёи алоҳида эътироф мегардад, гарчанде ки он аз як қатор қисмҳои аз ҳамдигар дур иборат бошад». Ҳамин тавр, қисми қитъаи замин ҳудуди муайяни қитъаи замини дахлдор аст, ки метавонад дар ҷояш ҳудудгузорӣ шуда, ба объекти мустақили муносибатҳои вобаста ба замин ва иҷора табдил дода шавад ва дар он саҳми замин низ ҷой дошта метавонад. Чунин таърифи қисми қитъаи заминро пешкаш месозем: «Қисми қитъаи замин гуфта, қисмати муайяни болоии замин фаҳмида мешавад, ки бо тартиби муқарраркардашуда ба расмият даровარда шудааст». Дар баробари ин, агар қисми муайяни қитъаи заминро ҷудо намуда, ба он рақами кадастрии алоҳида диҳем, он гоҳ ин объекти ҷудошуда хосиятҳои қитъаи замини мукаммалро соҳиб мегардад.

Қисми қитъаи замин ҳамон вақт объекти мустақил шуда метавонад, ки агар аз таркиби ҳамон як қитъаи замин, ки рақами ягонаи кадастрӣ дорад, қисмҳои таркибии он (майдонҳо) ҷудо карда шаванд. Аз нуқтаи назари заминсозӣ, агар қитъаи замин ягона бошаду қисмҳои он режими махсуси ҳуқуқӣ дошта бошанд, он гоҳ қисмҳои қитъаи мазкур низ объекти мустақил шуда метавонанд. Чунин андешаро А.Л. Корнев дастгирӣ мекунад. Саволе ба миён меояд, ки оё қисми қитъаи замин объекти мустақили шартномаи иҷора шуда метавонад? Ба андешаи мо қисми қитъаи замин метавонад, ки ба сифати объекти мустақили иҷора баромад намояд.

Қисми қитъаи заминро дар ҳолате ба иҷора додан мумкин аст, ки агар худи қитъаи замин тақсимшаванда бошад. Ҳангоми ба иҷора додани қисми қитъаи замин он бояд ба таври лозимаву зарурӣ ба расмият даровარда шавад. Аз ҷумла, бо ёрии мақомоти дахлдори давлатии кадастри замин қитъаи замин ба ду қисми мустақил тақсим шуда, ба ҳар яке онҳо рақами кадастрии алоҳида дода мешавад. Ин дар навбати худ ба пайдошавии ду объекти нави гражданӣ оварда мерасонад. Аммо як ҳолати истисноӣ аст, ки мувофиқи он қисми ҷудошудаи замин дар тафовут аз қисми боқимондаи замин чун ҷузъи комил ба ҳисоб намеравад, балки режими ҳуқуқии инфиродии худро ба даст меорад. Ҳамзамон, қисми қитъаи замин метавонад предмети баъзе аҳдҳое бошад, ки боиси пайдошавии ҳуқуқи уҳдадорӣ мегарданд. Масалан, аз моҳияти қ. 3, м. 61 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо бо он» бармеояд, ки қисми қитъаи замин метавонад объекти иҷора бошад. Мувофиқан, тибқи қисми 3 моддаи зикрёфта, агар қитъаи замин ё қисми он ба иҷора дода шавад, пас ба шартномаи иҷора, ки барои қайди давлатии ҳуқуқ пешниҳод мешавад, нақшаи кадастрии қитъаи замин бо ишора ба қисми ба иҷора додашаванда замима карда мешавад. Ҳамин тариқ, қонун ба имконияти бастани шартномаи иҷораи қисми қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дақиқ ишора менамояд.

Ҳамзамон, мувофиқи қонунгузорӣ як қисми замин, дар ҳолате ки агар онро ҳамчун қитъаи замини алоҳида мувофиқи таъиноти мақсаднок истифода кардан имконнопазир бошад, ба иҷора гузошта намешавад. Гузашта аз ин, таҳлили мазмуни қоидаҳои барасмиятдарории нақшаи кадастрии қитъаи замин аз он шаҳодат медиҳанд, ки қисми қитъаи замин аз нуқтаи назари баҳисобгирии кадастрӣ метавонад бо роҳи дар нақшаи кадастрӣ қайд намудани тамоми қитъаи замин бо ишора ба сарҳад ва рақами бақайдгирифташудаи он баён гардад. Илова бар ин, сифатҳои фардикунонии қисми қитъаи замин чунин ишораҳо буда метавонанд: дар матни шартномаи қисми қитъаи замини ба иҷора гирифташаванда ишораҳо оид ба қитъаи замини дар қитъаи умумии замин ҷойгирбуда, ишораҳо оид ба макони ҷойгиршавии тамоми қитъаи замин ва таъиноти мақсадноки он, рақами кадастрӣ ва масоҳати умумӣ.

Саҳми қитъаи замин метавонад предмети баъзе аз аҳдҳои ҳуқуқи граждании бошад, ки ба таври мушаххас қонунгузорӣ муқаррар намудааст. Мувофиқи м. 7, 9 ва 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 хоҷагии деҳқонӣ метавонад қитъаи замин, қисми он ё саҳми қитъаи замини таъиноти кишоварзии худро ба иҷора диҳад. Инчунин. м. $2^1$ КЗ ҶТ саҳми заминро ҳамчун объекти мустақили муносибатҳо вобаста ба замин муқаррар намудааст. Ҳамзамон, тибқи м. $1^1$ ва $2^2$ КЗ ҶТ яке аз муносибатҳои вобаста ба заминро падидаи иҷора оид ба қитъаи замин ташкил медиҳад. Пас аз муқарраროти қонунгузорӣ бармеояд, ки саҳми замин бе баҳс ҳамчун объекти иҷора баромад мекунад. Имрӯз масъалаи муайян намудани ҳолати ҳуқуқии «саҳми қитъаи замин» ва «саҳмдор» яке аз проблемаҳои баҳсноктарини амалияи судӣ ва танзими қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Саҳми қитъаи замин асосан баъди азнавтаъсисдиҳии колхозҳову совхозҳо ва ташкил ёфтани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба вуҷуд омадаст. Гуфтан мумкин аст, ки падидаи «саҳми замин» категорияи нав дар қонунгузории замин буда, асосан баъди барҳам хӯрдани ИҶШС ва колхозу совхозҳои аз замони шуравӣ боқимонда ба вуҷуд омадааст. Саҳми замин сабаби ба вуҷуд омадани хоҷагиҳои деҳқонӣ гардид. Ба ибораи дигар, дар ибтидо нафаре метавонист хоҷагии деҳқонӣ ташкил кунад, ки агар дар колхозу совхозҳои барҳамхӯрда аъзо буд ва саҳм дошт.

Истилоҳи саҳми қитъаи замин дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шудааст. Аз ҷумла, дар моддаҳои $2^1$, 10 ва 17 КЗ ҶТ, моддаҳои 11, 14, 15, 16, 17, 21, 23 ва 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, моддаҳои 1 ва 10-и Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» (м. 8), Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» аз 30 июни соли 2006, № 1775 ва қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиби содакардашудаи муайян кардани саҳми замин ва бақайдгирии он» аз 4 феврали соли 1999, № 30 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Аммо дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми «саҳми қитъаи замин» ва «саҳмдор» дода нашудааст, ки раванди амалисозӣ ва тарзи дурусти ҷудо намудани саҳми мазкурро мушкил сохтааст. Ҳамзамон набудани таърифи расмии «саҳми қитъаи замин» ва «саҳмдор» татбиқи муносибатҳои иҷоравиро дар ин самт мушкил месозад.

Қабл аз он ки ба таҳлили мафҳуми «саҳми замин» ва «саҳмдор» шуруъ намоем, аввал зарур аст, ки мазмуни худи калимаи «саҳм» ё «ҳисса» муайян карда шавад. Масалан, В.В. Дал саҳмро ҳамчун қисм, каср, қитъа, ҷудокунӣ муайян менамояд. С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова саҳмро ҳамчун қисми ягон чиз маънидод месозанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» саҳм ҳисса, баҳра, саҳм гузоштан (ба коре, чизе) ҳисса ҳамроҳ кардан маънидод шудааст. Ҳамин тавр, саҳм ин ҳамеша қисми ягон чиз аст, бинобар ҳамин, саҳми қитъаи замин ба маънои аслияш (таҳтуллафзиаш) қисми қитъаи замин мебошад. Дар соҳаи илм низ гуногунфаҳмии табиати ҳуқуқии саҳми қитъаи замин ба мушоҳида мерасад, зеро саҳми замин яке аз проблемаҳои мубрам ва ниҳоят баҳсноки назарияи ҳуқуқи кишоварзӣ ва замин мебошад. Масалан, Б.В. Ерофеев ба табиати саҳми замин ҳеҷ гуна шарҳи мушаххасе намедиҳад, гарчанде ба ҷумлаи объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи замин, саҳми заминро дохил менамояд. Дар ин замина бояд гуфт, ки м. $2^1$ КЗ ҶТ ба объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи замин, саҳми заминро низ дохил намудааст. Ғайр аз ин, муаллиф иброз медорад, ки «саҳми замин дар қитъаи замин, ки дар моликияти умумии ҳиссагӣ қарор дорад, объекти мустақили ҳуқуқи замин мебошад».

Чунин таърифи саҳми заминро пешкаш месозем: Саҳми замин гуфта, андозаи ҳиссаи замини аъзои ташкилот ё хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро меноманд, ки ҳангоми азнавташкилдиҳии ташкилоти кишоварзӣ ё хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҷониби комиссияи хоҷагӣ якҷоя бо мақомоти маҳаллии заминсозӣ муайян карда шудааст. С.А. Боголюбов саҳми заминро «ҳуқуқ ба гирифтани … заминҳо…» меномад. Ба андешаи мо чунин баррасии масъала васеъ буда, ҳуқуқ ба гирифтани қитъаи заминро танҳо ба категорияи саҳми замин вобаста донистан чандон ҷоиз нест. И.А. Иконитская дар хусуси саҳми замин қайд менамояд, ки ин «… қисми замини ба ташкилоти хоҷагии қишлоқ муқарраркардашуда мебошад. Ин ҳисса танҳо ифодаи миқдорӣ дорад ва дар намуди асл

(натура) муқаррар нашудааст». Андешаи муаллиф қобили дастгирӣ аст, зеро чунин мушкилот дар қонунгузории ҶТ ҷой дорад ва аз ҳамин сабаб ҳангоми ба иҷора додани саҳми замин баъзе проблемаҳо ба миён меоянд. В.Х. Улюкаев тахти саҳми замин «қисми заминҳои ҳосилноки корхонаи кишоварзӣ»-ро мефаҳмад, ки «ба коргари он ва ё ба дигар шахси ба он ҳуқуқдошта дар ҷараёни азнавтаъсисдиҳии ин корхона бемузд ба моликият дода мешавад». Н.О. Ведишева саҳми заминро ҳамчун «воҳиди шартии миқдори майдони замин» маънидод менамояд, ки «бо гектар ва балл–гектар ҳисоб карда шуда, ба аъзои (иштирокчии) ташкилоти (корхонаи) кишоварзӣ, рост меояд».

Яке аз сабабҳои зиёд будани баҳсҳои замин ва рушд наёфтани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пеш аз ҳама номукаммал будани падидаи саҳми замин мебошад. Тавре қайд гардид, падидаи саҳми замин дар натиҷаи азнавташкилёбии собиқ колхозу совхозҳо ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст. Он вақт бояд қитъаҳои замини ба аъзои колхозу совхозҳо тааллуқдошта ба шаҳрвандон – аъзоёни колхоз ва совхозҳо барои истифодабарии коллективӣ – саҳмӣ дода мешуд. Асосан шахсони гирандаи қитъаҳои замин (одатан, ба истифодабарии коллективӣ дода мешуд) аъзо ва коргарони колхозу совхозҳои азнавташкилшуда буданд, ки дар натиҷа соҳиби саҳми замин мешуданд. Таҳиягарони ислоҳот мақсад доштанд, ки заминро аз фонди колхозу совхозҳо гирифта, ба аъзои онҳо диҳанд ва бо ин роҳ истифодаи коллективии заминро бо нигоҳ доштани саҳм рушд диҳанд. Ҳамзамон дастандаркорони ислоҳот мақсади рушди шакли хусусии хоҷагидориро низ дар назар доштанд.

Азбаски дар аксари давлатҳои пасошуравӣ моликияти хусусӣ ба замин эътироф шуда буд, ислоҳот дар бахши саҳми замин зуд ва бомуваффақият анҷом ёфт. Он асосан бо роҳи харида шудани саҳми замин аз ҷониби аъзои пештараи колхозу совхозҳо амалӣ гардид. Аммо дар ҶТ ин масъала бо тарзи дигар ҳалли худро ёфт. Дар кишвари мо замин моликияти истисноии давлат буда, харидани саҳми замин ва минбаъд анҷом додани аҳдҳои гражданӣ бо он ғайриимкон буд. Қонунгузории ҶТ дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) масъалаи мазкурро мутлақо ба дигар роҳ ҳаллу фасл кард. Қонунҳо дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чи соли 2002 ва чи соли 2009 ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро аз тарафи гурӯҳи шахсон дар шакли хоҷагиҳои деҳқонии шарикӣ пешбинӣ карданд. Аз ин рӯ, колхозу совхозҳо, ки аъзои сершумор доштанд ба хоҷагии деҳқонии шарикӣ табдил дода шуданд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» соли 2009 қитъаи замин ба хоҷагии деҳқонӣ яклухт ҷудо карда мешавад ва танҳо ҳангоми аз хоҷагии деҳқонӣ ҷудо шудани узви хоҷагии деҳқонӣ саҳми ӯ ба шакли натуралӣ аз як тарафи тарҳи замин, дар заминҳои обёришаванда бошад, аз қисми поёнии тарҳи замин ҷудо карда мешавад. Гарчанде аъзо дар қитъаи замин саҳм дошта бошад ҳам, аммо ҷудо намудани саҳми замини ӯ бениҳоят мушкил аст. Зеро дар бештари ҳолатҳо ҳудудҳои мушаххаси қитъаи замин, ки ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ бояд мансуб бошад, муайян карда намешавад. Ин сабаби асосии ба вуҷуд омадани баҳсҳои бешумор ҳангоми тақсими саҳми замин мегардад. Ҳамзамон ин ҳолат боис мегардад, ки соҳиби саҳми замин наметавонад, ки саҳми худро ба иҷора диҳад. Ҳол он ки тибқи м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз соли 2016 аъзои хоҷагии деҳқонӣ ҳуқуқ дорад, ки саҳми худро ба иҷора диҳад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳуҷҷатҳои хоҷагии деҳқонӣ, аз ҷумла шаҳодатномаи бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва шаҳодатнома ба саҳми замин ин масъала ҳалли худро ёбад. Яъне сарҳад ё ҳудуди ҳар як саҳмдор дақиқ муайян карда шавад. Дар сурати аниқ муайян шудани андоза, ҳудуд ва сарҳади замини ҳар як саҳмдор баҳсҳои бешумори судӣ дар ин самт аз байн меравад ва саҳмдор метавонад, ки саҳми худро бидуни мушкилӣ ба иҷора диҳад. Яъне, ҳангоми ҳалли дурусти мушкилоти мазкур муносибатҳои иҷоравӣ низ рушд хоҳад кард.

Яке аз масъалаҳое, ки то андозае монеаи рушди муносибатҳои иҷоравӣ гардидааст, ин мухолифати қонунгузории соҳа мебошад. Чунончи м. 19 КЗ ҶТ истифодабарандагони якумдараҷаи заминро ҳуқуқ додааст, ки қитъаи замини худро ба иҷора диҳанд, аммо Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ба иҷора додани саҳми заминро аз тарафи узви хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ наменамояд. Яъне, аз мазмуни қонуни мазкур бармеояд, ки агар ҳудуди замине, ки ба саҳмдор тааллуқ дорад, муайяну дақиқ нашуда

бошад, пас онро ба иҷора додан мумкин нест. Ин ҳолат низ дуруст аст. Зеро метавонад, ки ба манфиати саҳмдорони дигар зарар расонад. Бинобар ҳамин, дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи замин аниқ ва дақиқ намудани ҳудуд, андоза ва сарҳади замини ҳар як саҳмдор ногузир аст. Агар ин монеагӣ бартараф карда нашавад, рушди муносибатҳои иҷоравӣ дар бахши замин дар гумон аст.

Дар ин қисмат ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст: якум, саҳми замин ҳамчун миқдори бо гектар ва ё балл-гектар ҳисобшавандаи масоҳати замин фаҳмида мешавад, ки ба саҳмдор рост меояд; дуюм, саҳми замин гуфта, баъзан вақт қитъаи замини мушаххасе фаҳмида мешавад, ки сарҳаду ҳудудаш аниқ ва дақиқ аст ва дар шакли том ҷудо карда шудааст; сеюм, саҳми замин ҳамчун ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд фаҳмида шавад; чорум, дар м. 1 КЗ ҶТ ё дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» чунин мафҳуми саҳми замин ва саҳмдор пешниҳод карда шавад: «Саҳми замин қитъаи замини таъиноти кишоварзиест, ки ба шаҳрванд дар майдони умумии заминҳо бо андоза, ҳудуд ва сарҳади дақиқ тақсим карда мешавад. Саҳмдор шахсест, ки дар майдони умумии замин, қитъаи ҷудогонаи замини таъиноти кишоварзиро бо андоза, ҳудуд ва сарҳади дақиқ доро мебошад».

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016.
2. Кодекси граждании ҶТ қисми II аз 11 декабри соли 1999. – № 885.
3. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996. – № 23.
4. Кодекси андози ҶТ аз 17 сентябри соли 2012. – № 901.
5. Кодекси шаҳрсозии ҶТ аз 28 декабри соли 2012. – № 933.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008. – № 375.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016. – № 1289.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» аз 6 декабри соли 1990. – № 184.
9. Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин» аз 5 марти соли 1992. – № 595.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 28 апрели соли 2001. – № 168.
11. Азимзода, А.Ш., Ойев Х. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / А.Ш. Азимзода, Х. Ойев. – Душанбе, 2016.
12. Антосевич, Г.С. Земельное право: учебное пособие [Текст] / Г.С. Антосевич. 5-е изд., перераб.и доп. – М.: Окей-книга, 2012.


## МАВЗУИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН


Яке аз масъалаҳое, ки то андозае монеаи рушди муносибатҳои иҷоравӣ гардидааст, ин мухолифати қонунгузории соҳа мебошад. Чунончи м. 19 КЗ ҶТ истифодабарандагони якумдараҷаи заминро ҳуқуқ додааст, ки қитъаи замини худро ба иҷора диҳанд, аммо Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ба иҷора додани саҳми заминро аз тарафи узви хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ наменамояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шартномаи иҷораи қитъаи замин, таъиноти қитъаи замин, заминистифодабаранда, мазмуни шартномаи иҷораи қитъаи замин, қонунгузории замин, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи замин.


## СОДЕРЖАНИЕ ДОГОВОРА АРЕНДЫ ЗЕМЕЛЬНОГО УЧАСТКА


Одним из вопросов, ставших препятствием для развития арендных отношений, является противоречие законодательства отрасли. Как м. 19 Закона РТ дает право первичным землепользователям сдавать в аренду принадлежащие им земельные участки, однако Законом РТ «О фермерском хозяйстве (фермерстве)» не предусмотрена аренда доли земли участником фермы.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** договор аренды земельного участка, назначение земельного участка, землепользователь, содержание договора аренды земельного участка, земельное законодательство, гражданские права, права на землю.


## CONTENT OF THE LAND LEASE AGREEMENT


One of the issues that have become an obstacle to the development of rental relations is a contradiction in the legislation of the industry. As paragraph 19 of the Law of the Republic of Tajikistan gives the right to primary land users to lease their land plots, however, the Law of the Republic of Tajikistan “On Farming (Farming)” does not provide for the lease of a share of land by a farm participant.



**KEYWORDS:** land lease agreement, purpose of the land plot, land user, content of the land lease agreement, land legislation, civil rights, land rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобониёзов Сӯҳроб Рустамович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Бобониёзов Сухроб Рустамович*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

**Information about the author**: ***Boboniyozov Suhrob Rustamovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **boboniyozov.suhrob@mail.ru**

# ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

***Бобоев И.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар марҳилаи муосири тараққиёти ҷамъият оила ва фарзандон ҳанӯз ҳам хеле осебпазиранд. Ҷиноятҳо, аз қабили таҷовуз ба номус, махсусан таҷовуз ба номуси ноболиғон то ҳол ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Тоҷикистон паҳн шуда, барои шаҳрвандони оддӣ ва ҳамчунин барои шахсони то 18-сола хатари бузург доранд.

Дар ҶТ ба ҳифзи кӯдакони ноболиғон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Ҳуқуқҳои кӯдаконро Конститутсияи ҶТ, санадҳои зиёди ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд ва барои ҳифзи модару кӯдак пешбинӣ шудаанд, ҳифз мекунанд.

Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд карда шудааст: «Ҳар як кӯдак бидуни ҳеҷ гуна табъиз новобаста ба нажод, ранг, ҷинс, забон, дин, пайдоиши миллӣ ё иҷтимоӣ, молу мулк ва таваллуд ҳуқуқ дорад ба чунин чораҳои ҳимояе, ки дар мавқеи ноболиғ аз тарафи оила, ҷамъият ва давлат талаб карда мешавад».

Хатар дар ин ҷо маҳз аз он иборат аст, ки ин ҷиноят боиси оқибатҳо мегардад, ба ҳолати психофизиологӣ ва саломатии ҷабрдидаи ноболиғ таъсири манфӣ мерасонад, ба имконияти наслгирӣ таъсири манфӣ мерасонад, ба қафомонии равонӣ сабаб мешавад, ба паҳн шудани нафс ва фасод, ба таври сунъӣ паст кардани дараҷаи мадании ҷамъият мусоидат мекунад.

Аксари ҷабрдидагони таҷовузи ҷиноятӣ ва шахсоне, ки дар бораи таҷовуз ба номуси содиршуда маълумот доранд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд, ин ба он оварда мерасонад, ки ин ҷиноятҳо дараҷаи баланди латентӣ пайдо мекунанд ва ин маънои онро дорад, ки ин ба ҷинояткор имкони ҷораи ҳуқуқӣ расонда наметавонад.

Сабабҳои латентии ин ҷиноятҳо тарси интиқом аз ҷониби ҷинояткор бинобар пешниҳоди ариза ба мақомот ё таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ ва марг аз ҷониби таҷовузкор мебошад ва аз он иборат аст, ки ноболиғон наметавонанд ба ҷиноят фаҳманд, ки бо онҳо чӣ ҳодиса рӯй дод, ё шояд аз рӯйи синну солашон дар бораи ҷиноят тамоман нақл карда наметавонанд

Дар ҳолатҳои дигар таҷовуз ба номус дар хона рух медиҳад ва хешу табор ё хешовандон худашон таҷовузгар мешаванд.

Ҳамин тариқ, ин ҷиноятҳо ҳамеша ба оқибатҳои ногузири вазнини ҷисмонӣ, руҳӣ ва бераҳмӣ, ки аксар вақт ба таҷовуз ба номус ҳамроҳӣ мекунанд, хос мебошанд. Ҳамаи инро ҳолате, ки ҷомеа ҳоло дар он қарор дорад, рушди он ва мавҷудияти арзишҳо муайян мекунад.

Дар тафтиши таҷовуз кори бевосита бо ноболиғон ва ноболиғоне, ки қурбонии ин ҷиноят шудаанд, аҳаммияти калон дорад. Вазъияти равонии онҳо, дараҷаи дарк кардани манзараи воқеаи рӯйдода ва таҷовузкорро умуман ҳамчун шахсе фаҳмидан лозим аст.

Ноболиғон метавонанд ҳиссиёти тарс, ноумедӣ, афсурдагӣ, ошуфтагиро эҳсос кунанд. Аз ин рӯ, дар кори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ноболиғон ҳатман бо фаҳмиш

бояд муносибат кардан лозим аст, ки барои он ақаллан дар сохаҳои педагогика ва равоншиносӣ (психология) дониши ибтидоӣ доштан лозим аст.

Дар амалия ҳолатхое мушоҳида мешаванд, ки таҷовуз ба номус пас аз чанд вақт маълум мешавад, ки ин аз он сабаб аст, ки ҷабрдида, волидайн ва ё намояндагони қонунӣ дар ҳолати эҳсосотӣ қарор дошта, дар зери таъсири ин ҳолат аз тарси шарм ва ошкорбаёнӣ ва ё барои сабабҳои дигар ба мақомот муроҷиат накард.

Инчунин, таъхир дар баррасии шикоят метавонад бедарак гум шудани ҷабрдида ё гирифтани ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта бошад, ки бинобар ин, ӯ натавонистааст ба кумак муроҷиат кунад ва ё умуман дар ҳолати ноболиғ будани ҷабрдида ва аз сабаби синну сол фаҳмида ва баён кардани воқеаро надорад.

Ҷойи содирнамоии таҷовуз ба номус бо як қатор хусусиятҳо тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла:

1. ҷойҳои аз одамон пурра ё қисман холӣ буда, ки ҷинояткор бо онҳо вохурданаш ғайриимкон аст;

2. мавҷуд будани роҳҳое, ки ҷинояткор номаълум ба ҷойи ҳодиса ҳозир мешавад ва аз он ҷой баромада меравад;

3. ҷойҳое, ки ҷинояткор имконияти ногаҳон ҳуҷум кардан ба ҷабрдидаро дорад.

Ба ғайр аз ҷойҳое, ки таҷовуз ба номус содир шуданаш мумкин аст ва онҳо дар боло қайд шудаанд, боз шароитҳое мавҷуданд, ки ҷойи содир намудани таҷовуз ба номусро тавсиф менамоянд: мавсим, вақти шаб, рӯзҳои корӣ ё ғайрикорӣ, мавсими истироҳат (курортное время), идҳо ё ҷашнвораҳои оммавӣ, ҷораҳое, ки ҷинояткор махсус барои содир намудан ва пинҳон намудани пайҳои ҷиноят андешидааст ва ғайра.

Баррасии вақти содир намудани ҷиноят имконият медиҳад, ки аз рӯйи як қатор нишондодҳо ин элементи тавсифи криминалистии ҷиноятро аз дигар элементҳои он ҷудо намоем: мавсими сол, рӯзҳои ҳафта, вақти шаб, таносуби вақти содир кардани ҷиноят бо ҷадвали кории ҷинояткор ва ғайра. Маълум аст, ки ҷинояти таҷовуз ба номус бештар дар фасли баҳор ва тобистон содир мешавад, яъне аломатҳои асосии ин ҷиноят дар чунин мавсимҳои сол ба вуҷуд меояд. Дар шароити муосир чунин фарқиятгузорӣ хеле камаҳаммият мебошад, чунки қисмати зиёди чунин ҷиноятҳо дар биноҳо содир мешаванд.

Ҳолат ва рафтори ҷабрдида ҳам гуногун мебошад, ки қисми ҷудонашавандаи тарзи содир шудани таҷовуз ба номусро ташкил мекунад. Албатта дар ҷойе, ки зӯроварӣ ҳаст, дар он ҷо муқобилият нишон дода мешавад. Аз ин лиҳоз, қайд кардан бамаврид аст, ки дар аксари ҳолатҳои таҷовуз, ҷабрдида то ба қадри имкон ба таҷовузкор муқобилият нишон медиҳад: наздик омадан намемонад, кӯшиш мекунад дастони ҷинояткорро аз худ дур созад, лагат мезанад, рӯй, бадан ва дастони ҷинояткорро мехарошад, ҷойи рост омадаро мегазад, фарёд мезанад, ба дастҳояш асбоби рост омадаро гирифта, таҷовузкунандаро мезанад ва ғайра. Лекин баъзе ҳолатҳо дучор мешаванд, ки ҳоҷати муқобилият нишон додан намемонанд, яъне муқобилият нишон додан фоида намебахшад. Масалан, шаҳрванд Т., истиқоматкунандаи маркази ноҳияи Ғозималик, духтари ҳамсоя Ч – ро ба автомашинаи худ савор карда ба «Дараи морон», ки аз маҳалли аҳолинишин дуртар воқеъ аст, мебарад. Дар он ҳо ба номуси Ч., таҷовуз мекунад, ки худи муҳит барои муқобилият нишон додан, аз рӯйи психология, имконият намедиҳад. Чунин ҳолатҳо (муқобилият нишон надодан) на танҳо дар чунин мавридҳо, балки дар ҳолати оҷизона қарор доштани ҷабрдида ё ҷабрдида баръало ба синни 14 сола нарасидааст, ки моҳияти воқеаи рухдодаистодаро сарфаҳм намеравад ва барои ҳамин муқобилият нишон намедиҳад.

Албатта яке аз элементҳои асосии тавсифи криминалистии таҷовуз ба номус, ин тарзи содир намудани ҷиноят ба шумор меравад. Тарзҳое, ки ҷинояткор нисбати ҷабрдида истифода мебарад, бо якчанд хусусиятҳо фарққунанда мебошанд: хусусиятҳои хоси ҷинояткор, дараҷаи шиносоии ҷинояткор бо ҷабрдида, характери муносибати байни онҳо, хусусиятҳои хоси ҳолати бавуҷудомада ё шароите, ки содир намудани ҷиноятро фароҳам овардааст.

**АДАБИЁТ**

1 Международный пакт о гражданских и политических правах (Принят 16.12.1966 Резолюцией 2200 (XXI) на 1496-ом пленарном заседании Генеральной Ассамблеи ООН) // КонсультантПлюс: справ. правовая система. – Версия Проф. – Электрон. дан. – М., 2018.
2 Кузнецова С.В., Кобцова Т.С. Тактика допроса несовершеннолетних / С.В. Кузнецова, Т.С. Кобцова. - М., 2004.
3 Санақулов Ғ.М. Криминалисика. Курси мухтасари лексияҳо. Нашри дуюм / Ғ.М. Санақулов. – Душанбе «Маориф ва фарҳанг», 2011.
4 Ҳ. Салимов. Криминалистика. Китоби дарсӣ / Ҳ. Салимов. – Душанбе «Матбуот», 2007.

**ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТИ ТАҶОВУЗ БА НОМУС НИСБАТИ НОБОЛИҒОН**

Дар мақолаи мазкур мавзуи тавсифи криминалистии ҷинояти таҷовуз ба номус нисбати ноболиғон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар марҳилаи муосири тараққиёти ҷамъият оила ва фарзандон ҳанӯз ҳам хеле осебпазиранд. Ҷиноятҳо, аз қабили таҷовуз ба номус, махсусан таҷовуз ба номуси ноболиғон то ҳол ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Тоҷикистон паҳн шуда, барои шаҳрвандони оддӣ ва ҳамчунин барои шахсони то 18-сола хатари бузург доранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: шаҳрванд, таҷовуз, тавсифи криминалистӣ, ноболиғ.

**КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ПРЕСТУПЛЕНИЯ НАСИЛИЯ ПРОТИВ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ**

В данной статье рассматривается тема криминалистической характеристики преступления изнасилования несовершеннолетней. На современном этапе развития общества семья и дети по-прежнему очень уязвимы. Такие преступления, как изнасилование, особенно изнасилование несовершеннолетних, до сих пор широко распространены как в мире, так и в Таджикистане и представляют большую опасность для простых граждан, а также для лиц, не достигших 18-летнего возраста.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: гражданин, насилие, криминальная характеристика, несовершеннолетний.

**CRIMINALISTIC CHARACTERISTIC OF THE CRIME OF VIOLENCE AGAINST MINORS**

This article discusses the topic of forensic characteristics of the crime of rape of a minor. At the present stage of development of society, the family and children are still very vulnerable. Crimes such as rape, especially rape of minors, are still widespread both in the world and in Tajikistan and pose a great danger to ordinary citizens, as well as to those under 18 years of age.

**KEYWORDS:** citizen, violence, criminal characteristics, minor.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобоев И.Э.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Бобоев И.Э.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Boboev I.E.*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАКТИКАИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО МУҚОБИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВАЛАТӢ ВА МАНФИАТҲОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

***Нигорбии М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тарзҳои тактикии тайёрӣ, коркард, бақайдгирӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ дар маҷмуъ тактикаи онро ташкил медиҳанд. Тактикаи амалҳои тафтишӣ самарабахшии онро ҳангоми риояи қатъии қонун кафолат медиҳад. Расидан ба ин мақсад сохтори тактикаи амали тафтишӣ, таркиби унсурҳои онро, ки ҳар яки он давраи муайяни амали тафтишии мазкурро дар бар мегирад, муайян мекунад.

Умуман пайдарҳамии ин давраҳо бо чунин тарз муайян карда мешавад:

а) тайёрӣ барои гузаронидани амали тафтишӣ;

б) давраи кории амали тафтишӣ;

в) бақайдгирии раванд ва натиҷаи амали тафтишӣ;

г) баҳодиҳӣ ба маълумотҳои бадастомада, муайян кардани аҳаммият ва мақоми он дар низоми далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятии таҳти тафтишот қарордошта.

*Тайёрӣ барои гузаронидани амали тафтишӣ.* Дар давраи мазкур вазифаҳои амали тафтишии дарпешистода муайян ва тавсия дода мешаванд, масъалаҳои муайян кардани замони гузаронидан ва шумораи иштирокчиёни он, истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ, аниқ кардани шакл ва ҳудуди истифодаи имкониятҳои ёрии мутахассисон дида баромада мешаванд.

Яке аз шартҳои ҳатмии амали тафтишӣ сохтани намунаи динамикии зеҳнии он мебошад. Ин намуна ба муфаттиш барои муаррифӣ кардани шароити истеҳсолоти он, амалу ҳаракати иштирокчиён, тарҳзои эҳтимолии рафтори онҳо бояд кумак расонад. Пуррагии ин намунаи дурнамо (перспективӣ) ва шумораи тарзҳои он ба ҳаҷми маълумот дар бораи ҳодисаи ҷиноятӣ, иштирокчиёни амали тафтишии дарпешистода, дараҷаи касбии муфаттиш вобаста аст. Ҳар қадаре ки маълумот бисёр бошад, ҳамон қадар тарзҳои зеҳнии ками намунаро дар раванди омодагии амали тафтишӣ бунёд кардан лозим меояд ва ё баръакс.

Ҳаҷми маълумоти ибтидоӣ аз макони амали тафтишии дарпешистода ба низоми ҳамаи амали парвандаи таҳти тафтишот қарордошта вобаста аст. Агар амали тафтишӣ нахустин бошад, он гоҳ ҳаҷми ин маълумот калон нест ва хабар дар бораи рӯйдоди худи ҳодиса ба шумор меравад. Хусусан чунин тарз барои омодагии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба сифати амали тафтишии аввалиндараҷа, ки то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, хос аст. Он гоҳ барои сохтани намунаи зеҳнӣ нуқтаи назари одӣ асосро ташкил медиҳад, яъне тахмини умумӣ дар бораи моҳият ва механизми ҳодиса, ки ақаллан дар намуди умумӣ барои донистани хислати ҳодисаи баамаломада имкон медиҳад.

Вазифаҳои муайяншудаи амали тафтишӣ дар нақшаи истеҳсолоти он инъикоси худро меёбанд. Макон ва замони гузаронидани амали тафтишӣ нақшаи дарбаргирандаи чунин маълумотҳо мебошад:

а) маълумот дар бораи шахсон ё объекте, ки нисбати онҳо тафтиши ҷиноят гузаронида мешавад;

б) ишора ба далелҳои ҷамъоварикардашуда, ниёз доштан барои истифода ё санҷиши он метавонад ҳангоми амали тафтишӣ ба амал ояд;

в) рӯйхати усулҳои истифодаи ин далелҳо, инчунин маълумоти оперативӣ, агар он дар ихтиёри муфаттиш бошад;

г) нишондод ба усулҳои зарурии воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ва тарзҳои тактикӣ, пайдарҳамии истифодаи онҳо бо назардошти инкишофи тахминии вазъият дар рафти истеҳсолоти он, яъне бо пешгӯйии рафтори иштирокчиёни амали тафтишӣ.

Унсури муҳимми тайёрӣ ба амали тафтишӣ муайян кардани доираи иштирокчиёни он ба шумор меравад. Бо назардошти талаботи қонун нақши асосиро салоҳдиди муфаттиш мебозад. Дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ иштирокчиёни ҳатмӣ ва ихтиёрии амали тафтишӣ вуҷуд доранд. Ба ғайр аз муфаттиш, ба номгӯйи аввалинҳо дар чунин ҳолатҳо мутахассис, омӯзгор ё хешованди пурсишшавандаи ноболиғ, корманди тиббии судӣ ё дигар духтур дохил мешаванд. Вале дар амал доираи иштирокчиён метавонад баъзан аз ҳисоби ҷабрдидагон, гумонбаршавандагон, айбдоршавандагон, шоҳидон, ҳимоятгар, намояндагони ҳокимият ва ғайраҳо васеъ гардад.

*Гузаронидани амали тафтишӣ.* Дар давраи мазкур нақшаҳо тарҳрезӣ карда шуда, он вазифаҳое иҷро ва амалӣ карда мешаванд, ки муфаттиш дар назди худ гузоштааст. Ин давраи тарзҳои тактикӣ ва санҷиши тахминҳо бо тасдиқ ё инкор кардани хулосаҳои бадастомада ба шумор меравад.

Ба тактикаи амалӣ кардани амали тафтишӣ мақоми он дар низоми амали мурофиавӣ ба парванда таъсири зиёд мерасонадДар ҷараёни тафтиши ҷиноят вобаста ба нақшаашон амалҳои тафтиширо ба аввалиндараҷа ва минбаъда тақсим мекунанд. Амали тафтишии аввалиндараҷа, ки дар давраи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва давраи авали тафтиши ҷиноят гузаронида мешаванд, аз тамоюлҳои зерин иборат аст:

а) иродаи муфаттиш дар вазъият ва таркиби ҳодисаи ҷиноятӣ;

б) тасаввурот дар бораи механизм ва оқибатҳои бад;

в) ошкор кардани ҷиноят бо "пайҳои нав", ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ барои муқаррар ва ҷустуҷӯйи ҷинояткор;

г) нигоҳ доштани он далелҳое, ки зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ метавонанд гум шаванд;

д) ба даст гирифтани маълумот барои бунёд кардани тахминҳои тафтишии асоснок, ки ҳамаи таркиби далелҳоро фаро мегирад.

Амали тафтишӣ, ки дар раванди тафтиши минбаъда гузаронида мешавад, ба омӯзиш, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳои дар давраи аввал ҷамъоварикардашуда, санҷиши ҷузъии тахминҳо, исбот кардани унсурҳои таркиби ҷиноят, инчунин ошкор кардани сабаб ва шароитҳо, ки ба содир кардан ва ошкор кардани он мусоидат мекунанд, равона карда шудааст.

Агар барои тактикаи амали тафтишии аввалиндараҷа яке аз омилҳои муайянкунандаи он омили замон, унсури ногаҳонӣ бошад, он гоҳ амали тафтишии минбаъда бо комбинатсионӣ буданаш фарқ мекунад, яъне якчанд амал дар маҷмуъ муттаҳид карда мешаванд, ки мақсади ягона доранд. Дар ин ҳолат яке аз амалҳои тафтишӣ метавонад нақши омодагиро дар муносибат бо дигар амал иҷро намояд. Масалан, пурсиши пешакии ҷабрдида дар бораи нишонаҳои субъекти боздоштшуда, ки бояд шиносоӣ шавад, унсури омодагии онро ташкил медиҳад.

*Қайд кардани ҷараён ва натиҷаҳои амали тафтишӣ.* Ин давра инъикоси пурра ва дурусти равиши он ва натиҷаҳои бадастомадаро таъмин мекунад. Тарзҳои тактикии бақайдгирӣ ба интихоб ё барои ба вуҷуд овардани шароитҳое, ки истифодаи воситаҳои мувофиқи техникӣ-криминалистикӣ ва тарзҳои таҷассуми маълумоти далелнок дар шаклҳои бо қонун муқарраршударо таъмин мекунанд, равона карда шудаанд.

Ин давра нақши бузургро мебозад, чунки бе ба расмияти мурофиавӣ даровардани маълумоти бадастомада амали тафтишӣ аҳаммияти далелноки зарурӣро надорад, худи амал бошад, наметавонад натиҷаҳои даркории мурофиавиро ба вуҷуд дорад. Натиҷаҳои давраи мазкур ҳуҷҷатҳои мурофиавии сарчашмаи далелҳо, ки ба замимаҳои мувофиқ мувофиқ карда шудаанд, инчунин дохил кардан ба низоми объектҳои барасмиятдаровардашуда (далелҳои шайъӣ) ё ба даст овардани маводҳои муқоисашаванда (намунаҳо) барои мақсади экспертизаи судӣ ба шумор мераванд.

Баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои бадастомада, муайян кардани аҳаммиятнокии онҳо барои тафтиши ҷиноят давраи хотимавии амали тафтишӣ ба шумор мераванд. Таҳлили амале, ки ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ иҷро шудааст ва натиҷаҳои бадастомада ҳам барои санҷиши саҳеҳии маълумоти гирифташуда, ҳам барои ҳалли масъалаи аҳаммиятнокии он барои исботи гуноҳи гумонбаршаванда ва роҳҳои истифодаи минбаъда зарур мебошанд. Дар ин давра хатоиҳое, ки ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ ба вуҷуд омадаанд, ошкор мешаванд, натиҷаҳои имконпазири онҳо арзёбӣ мегарданд, масъалаи мақсаднок будани такроран гузаронидани амали мазкур ҳал карда мешавад.

Инчунин, он ҳуҷҷати мурофиавие бояд баҳогузорӣ карда шавад, ки дар он раванд ва натиҷаҳои амали тафтишии гузаронидашуда, протоколи объективӣ будани он, пуррагӣ, мантиқӣ ва пайдарҳамии баён, мунтазамӣ, возеҳӣ ва барҷастагии тавсияҳо, мавҷудияти реквизитҳои зарурии мурофиавӣ, инчунин замимаҳо ба он: нақшаҳо, лоиҳаҳо, тасвирҳо, лавҳаҳо, суратҳо ва сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ (моддаи 172 КМҶ ҶТ) инъикос гардидаанд. Мутаассифона, на ҳама вақт натиҷаҳои ноилгардида ҷиҳати муқаррар кардани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятии таҳти тафтишот қарордошта шароити номусоид ба шумор мераванд.

Баёни ҳолат бо муносибати низомнокию сохтории муайян кардани таркиб ва тактикаи амали тафтишии алоҳида асоснок карда шудааст, ки унсурҳои раванди зеҳнӣ ва қарори бо иродаи онҳоро ташкил медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1 Могилатов В.В. Криминологический анализ детерминантов взяточничества / В.В. Могилатов // Научно-практический электронный журнал Аллея Науки. - 2019. - №6 (33).

2 Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР: дис. ... д-ра юрид. наук. Душанбе, 1968.

3 Назаров А.К. Уголовно-правовая характеристика коммерческого подкупа / А.К. Назаров // Материалы Международной научно-теоретической конференции «Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности». - Душанбе, 2016. - С. 240-245;

4 Назаров А.К. Сущность преступления против интересов службы в коммерческих организациях, а также некоммерческих организациях/ А.К. Назаров // Материалы международной научно-теоретической конференции «Актуальные вопросы реформы процессуального законодательства и правоохранительной деятельности». - Душанбе, 2016. - С. 305-310.
5 Наумов Ю.Г. Коррупция и общество: теоретико-экономическое и прикладное исследование: учеб. Пособие / Ю.Г. Наумов. - М., 2015.
6Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. -
7 Прозументов Л.М., Шеслер А.В. Общесоциальные детерминанты преступности / Л.М. Прозументов, А.В. Шеслер // Всероссийский криминологический журнал. - 2018. - Т. 12. - №1.
8 Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода. - Душанбе, 2019.
9 Румянцева Ю.Н., Середа И.М. К вопросу противодействия должностным злоупотреблениям в России и Франции: основные результаты / Ю.Н. Румянцева, И.М. Середа // Сибирский юридический вестник. - 2017. - №4.



**ТАКТИКАИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО МУҚОБИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВАЛАТӢ ВА МАНФИАТҲОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи тактикаи амалҳои тафтишӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тарзҳои тактикии тайёрӣ, коркард, бақайдгирӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ дар маҷмуъ тактикаи онро ташкил медиҳанд. Тактикаи амалҳои тафтишӣ самарабахшии онро ҳангоми риояи қатъии қонун кафолат медиҳад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** бақайдгирӣ, амалҳои тафтишӣ, хизмати давлатӣ, тафтиши ҷиноятҳо.



**ТАКТИКА РАССЛЕДОВАНИЯ ПО ДЕЛАМ О ПРЕСТУПЛЕНИЯХ ПРОТИВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И ДОХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ**

В данной статье рассматривается предмет следственной тактики при расследовании преступлений против государственной власти и интересов государственной службы. Тактические приемы подготовки, обработки, оформления и оценки результатов инспекционных действий составляют ее тактику в целом. Тактика следственных действий гарантирует их эффективность при строгом соблюдении закона.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: регистрация, следственные действия, государственная служба, уголовное преследование.



**TACTICS OF INVESTIGATION IN CASES OF CRIMES AGAINST STATE AUTHORITY AND PUBLIC SERVICE REVENUE**

This article discusses the subject of investigative tactics in the investigation of crimes against state power and the interests of the public service. Tactical methods of preparing, processing, formalizing and evaluating the results of inspection actions constitute its tactics as a whole. The tactics of investigative actions guarantee their effectiveness with strict observance of the law.



**KEYWORDS:** registration, investigative actions, public service, criminal prosecution.



**Маълумот дар бораи муллиф**: ***Нигорбии Муҳаммад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ. Телефон: **555521398.** E – mail: **nigorbiimuhammad@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Нигорбии Мухаммад*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса, кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. Телефон: **555521398.** E – mail: **nigorbiimuhammad@gmail.com**

**Information about the author**: ***Nigorbii Muhammad*** - Tajik National University, second-year year master`s student of the Department of Criminalistics and Forensic Activity. Phone: **555521398.** E – mail: **nigorbiimuhammad@gmail.com**


# САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Ширинбекова М.А.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Соли 2023 аз қабули Конститутсияи кишвар бисту нуҳ сол сипарӣ гардид. Воқеияту рӯйдодҳои бузургу созанда ва дастовардҳои дар соҳаҳои мухталиф бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки дар зарфи амали чорякасраи ин ҳуҷҷати бунёдӣ дар ҳаёти ҳуқуқӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ рӯйи кор омаданд. Таъмини волоияту

қонуну адолати иҷтимоӣ, инчунин эҳтирому риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меҳвари асосии фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ қарор гирифтаанд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки Конститутсия волотарин дастовард, асоси суботи рушди муътадили давлат ва маҳаки асосии ифодакунандаи ормонҳои ҳуқуқи ҷомеаи муосир буда, самти равиши дурусту ояндадори низоми ҳуқуқии кишварро бо дарназардошти риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва арзишҳои эътирофнамудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Волоияти Конститутсия дар ягонагии табиии принсипи умумипазируфташудаи волоияти ҳуқуқ ифода меёбад, ки аҳаммияти арзишнокӣ ва меъёрӣ – доктриналии он асоси мазмуни тамоми Конститутсияро ташкил мекунад.

Ҳамзамон, фаҳмиши ин хусусияти Конститутсия маҳаки асосии назорати судии конститутсиониро ташкил мекунад, зеро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ набояд ба Конститутсия мухолифат намоянд.

Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти махсуси ҳокимияти судӣ буда, дорои салоҳияти хоси назоратӣ дар соҳаи санҷиш ва назорат оид ба мувофиқати тамоми намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ қабул гардидаанд, инчунин баҳсҳоро оид ба салоҳият дар байни мақомотҳои ҳокимияти давлатиро ҳаллу фасл мекунанд. Ин хусусияти Суди конститутсионӣ мақоми хоси онро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва судӣ муайян менамояд.

Аз ин рӯ, пеш аз он ки бевосита ба масъалаи мафҳум, моҳият ва намудҳои санадҳои Суди конститутсионӣ гузарем, мо мафҳуми “санади меъёрии ҳуқуқӣ” – ро баррасӣ менамоем.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад”.

Аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ низ мафҳуми “санади меъёрии ҳуқуқӣ” шарҳ дода мешавад. Аз ҷумла, В.М. Сирих шарҳи васеи ин мафҳумро чунин пешниҳод кардааст: “Ин санади ҳуқуқэҷодкуниест, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқ мавҷуданд”. Ю.А. Тихомиров санади меъёрии ҳуқуқиро ҳамчун ҳуҷҷати расмии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул мегардад, муайян мекунад.

Суди конститутсионии Федератсияи Россия низ мавқеи худро оид ба ин мафҳум иброз кардааст, ки чунин аст:

**“Санади меъёрии ҳуқуқӣ як навъи санади ҳуқуқиест, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор қабул гардида, меъёрҳои ҳуқуқӣ, амру дастурҳои хусусияти умумӣ ва амали доимидоштаеро, ки барои истифодаи муқаррарӣ пешбинӣ шудааст, дар бар мегирад”.**

Дар байни олимони ватанӣ низ нуқтаи назари худ оид ба ин масъала вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Сотиволдиев Р.Ш. санади меъёрии ҳуқуқиро ҳамчун “санад – ҳуҷҷати расмии субъекти ваколатдори ҳуқуқ (мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон дар раъйпурсӣ), ки дорои меъёри ҳуқуқӣ мебошад” мешуморад. Вай, ҳамчунин, ба он ишора менамояд, ки “санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, санадҳои меъёрӣ мебошанд, чунки ҳам меъёри ҳуқуқ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд, дар асоси ҳуқуқ интишор мешаванд ва шакли ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд. Санад – ҳуҷҷатҳо метавонанд ҳуқуқӣ (ҳукми суд, қарори муфаттиш ва ғайра), вале ғайримеъёрӣ (меъёрҳои ҳуқукро муқаррар накунанд) бошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ конститутсия, қонун, фармони роҳбарони давлатҳо, қарорҳои ҳукуматҳо, санадҳои вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокиямити давлатӣ ва ғайра мебошанд”.

Дар луғати истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ зери назари А.М. Диноршоев ва А.И. Имомова зери мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ хуҷҷати расмии шакли тасдиқгардидаи хусусияти ҳатмӣ дошта, ки дар раъйпурсӣ ё аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қабул мегардад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар, тағйир ва қатъ менамояд, мебошад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қисми таркибии низоми ягонаи меъёрҳои ҳуқуқии давлат мебошанд. Ҳамин тариқ, бо ин роҳ сохти низоми санадҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам мегардад.

Мураттабӣ маънои онро дорад, ки ҳар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба қисми таркибии низоми қонунгузорӣ дохил шуда, уҳдадор аст ба дигар ҷузъҳои он мухолифат накунад. Қонунгузорӣ дар маҷмуъ уҳдадор аст, ки низоми ягонае бошад, ки дар он ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳамдигар вобастаанд ва мухолифат намекунанд. Вале дар таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ онҳо чунин як низомро ташкил намедиҳанд ва ҳамчун маҷмуи ҳуҷҷатҳои ба якдигар мухолифанд. Вале новобаста аз ин норасоии қонунгузорӣ, мураттабӣ хеле муҳим аст, чунки ба туфайли он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вазифаҳои вогузоршударо иҷро менамоянд.

Ба ақидаи Н.М. Марченка, "иерархияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ҳар як кишвар муқарраршуда ва ҳифзгардида ҷиҳати ба танзим даровардани раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, барои ташаккул ва дастгирии низоми қонуният ва конститутсионӣ будан, аҳаммияти ниҳоят муҳим дорад".

Иерархият ақидаи татбиқи қувваи ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқиро ба амал меорад, зеро бе он тамоми низом аз иҷрои вазифаҳои худ мемонад. Низоми қонунгузорӣ бояд қатъиян мураттаб бошад, яъне санадҳои меъёрии ҳуқуқии пайдарҳам бошанд. Ҳамзамон, дар асоси амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин низом бояд аз вайронкунӣ ҳифз гардад.

Дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки намуд ва иерархияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муайян менамояд, санадҳои Суди конститутсионӣ ба ҳайси чунин санадҳо дарҷ нагардидаанд.

Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол миёни қонунгузорону таҷрибадорон оид ба ин масъала аз консепсияе, ки ҳанӯз дар даврони шуравӣ вуҷуд дошт, бартарӣ дорад, ки он аз чунин ақидае иборат буд: «таҷрибаи судӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ дониста намешавад, зеро дар ин ҳолат обрӯ ва эътибори қонуният ва риояи бечунучарои қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ халалдор мегардад. Чунин муқаррарот метавонад таъсири худсариро вобаста ба иҷро намудан аз ҷониби суд вазифаҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқэҷодкуниро дар як вакт ба бор биёрад»

Аз ҷумла, С.Л. Зивс ишора ба он мекунад, ки «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии судҳо ба принсипи волоияти қонун ва принсипи зерқонун будани фаъолияти судӣ мухолифат мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии судҳо ногузирона аҳаммияти қонунро коҳиш медиҳад»

Дар адабиёти муосир далели ҷавобӣ оид ба ҳуқуқэҷодкунии мақомоти судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ, низоми таҷзияи ҳокимият ба шумор меравад, ки тибқи он мақомоти ягонаи ҳуқуқэҷодкунӣ парламент буда, адолати конститутсионӣ бошад, барои эҷоди меъёрҳои хуқуқӣ пешбинӣ нашудааст.

Бо гуфтаҳои болозикр мо розӣ шуда наметавонем, зеро таҷзияи ҳокимият, ки дар қисми зиёди давлатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ мебошад, ба нигоҳ доштани тавозун дар муносибати тарафайни ҳокимият, ки тариқи низоми нигоҳдории мувозинат ва таҳаммул амалӣ мешавад, нигаронида шудааст. Ба Суди конститутсионӣ додани ваколат оид ба гузаронидани санҷиши мувофиқат доштани санадҳои меъёрӣ ба Конститутсия худ яке аз ҷузъҳои асосии низоми нигоҳ доштани мувозинат ва таҳаммул мебошад. Ҳамчунин, Суди конститутсионӣ ҳангоми қабули ин ва ё он санад қоидаи нави амалро мустақим ё ғайримустақим пешниҳод менамояд, ки он, аз ҷумла барои ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия хусусияти умумиҳатмӣ дорад.

Ба ақидаи мо масъалаи санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нуқтаи назари ваколатҳои Суди конститутсионӣ, ки дар Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудаанд, баррасӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, оид ба ин масъала мавқеи Н.С. Бондар қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки чунин қайд менамояд: «фаъолияти Суди конститутсионӣ танҳо бо ҳуқуқтатбиқкунӣ маҳдуд набуда, хосияти хеле душвор дошта, бештар ба таҷрибаи ҳуқуқии меъёрӣ - муқарраргардида ва ҳуқуқэҷодкунӣ наздик мешавад».

М.А. Маҳмудзода масъалаи мазкурро дар Тоҷикистон таҳқиқ карда, қайд менамояд, ки Суди конститутсионӣ қарорҳое қабул мекунад, ки истеҳсолоти Суди конститутсиониро хотима мебахшанд ва дар онҳо мавқеъҳои ҳуқуқии барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муҳим, аз ҷумла ҷиҳати бартараф намудани норасиҳои раванди ба танзим даровардани ҳуқуқӣ вуҷуд доранд.

Аз таҷрибаи фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ғайримустақим бо қарорҳои худ чандин маротиба қонунгузории амалкунандаро тағйир додаст. Барои мисол дархости шаҳрванд Саидова Н.А.-ро «Дар бораи муайян намудани қ. 2 м. 363 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи номумкин будани шикоят ва эътироз аз таъйиноте (қароре), ки дар рафти муҳокимаи судӣ дар бораи интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ қабул шудааст, ба моддаҳои 5, 14, 18 ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавон ёдовар шуд. Дар қарори худ Суди конститутсионӣ муқаррар намуд, ки қисми 2 моддаи 363 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 5, 14, 18 ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номутобиқ мебошад. Ба Ҳукумат ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора карда шуд, ки қисми 2 моддаи 363 Кодекси зикршуда ба муқаррароти моддаҳои 5, 14, 18 ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки Суди конститутсионӣ бо қарори худ на танҳо қонунҳо, балки санадҳои меъёрии зерқонунро низ тағйир медиҳад. Барои мисол метавон қарори Суди конститутсиониро аз 26.09.2016 дар бораи дархости директори генералии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наҷот»-и шаҳри Исфара Исомадинова Н. «Дар хусуси муайян намудани мувофиқати сархатҳои чорум, чордаҳум ва ҳабдуҳуми банди 2.4, банди 4.1, сархатҳои якум, дуюм ва ҳафтуми банди 4.4-и Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ», ки бо фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2013, №32 тасдиқ карда шудааст, ба моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионӣ бо қароре эътироф намуд, ки «сархатҳои чорум, чордаҳум ва ҳабдуҳуми банди 2.4, банди 4.1, сархатҳои якум, дуюм ва ҳафтуми банди 4.4-и Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ», ки бо фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2013, №32 тасдиқ карда шудааст, ба моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ намебошанд.

Пас аз таҳлили таҷрибаи фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Б. Мирзоев ба хулосае меояд, ки «қарорҳои Суди конститутсионӣ хусусияти амсолӣ доранд, зеро онҳо на танҳо барои ҳамаи тарафҳои аз рӯйи парвандаи баррасишаванда, балки барои тамоми мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқ татбиқкунанда, дигар субъектони ҳуқуқ, инчунин ба санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии мазмунан монанд ҳатмӣ мебошанд».

Дар ин маврид метавон бо М.А. Александрова розӣ шуд, ки чунин ишора кардааст: «далели эътирофи меъёри ғайриконститутсионӣ на аз ҷониби Суди конститутсионӣ, балки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ё шахси мансабдоре, ки онро қабул кардааст, бекор карда мешавад ва барои эътироф накардани ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунии Суди конститутсионӣ асос шуда наметавонад». Вай, ҳамчунин, қайд менамояд, ки оид ба масъалаи мазкур «бояд дар асоси далелҳои ҳуқуқӣ амал намуд, бахусус дар мавриди аз ҷониби Суди конститутсионӣ қабул намудани қарор оид ба номувофиқ будани санади меъёрӣ ё қисми он ба Конститутсия, ки дар мӯҳлатҳои дахлдор онро аз фазои ҳуқуқии давлат «мебарорад». Новобаста аз расман бекор кардани меъёр, он набояд бар асоси қарори мазкур татбиқ карда шавад».

Бар асоси гуфтаҳои боло, метавон ба хулосае омад, ки асос барои эътироф намудани санадҳои Суди конститутсионӣ ба ҳайси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин мебошад, ки онҳо аз нуқтаи назари қувваи қонунӣ аз қонун ва дигар санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ мақоми баландтар доранд, зеро охирин дар мавриди аз ҷониби Суди конститутсионӣ ғайриконститутсионӣ эътироф гардиданашон, метавонанд қувваи қонунии худро гум намоянд. Ин мавқеъро С. Э. Несмеянова ва Т.Я. Хабриева ҷонибдорӣ карда, қарорҳои Суди

конститутсиониро бинобар қувваи қонуниашон ба меъёрҳои конститутсионӣ баробар медонанд.


**АДАБИЁТ**

1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 (нашри амалкунанда аз 22.05.2016).
2 Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: Шарқи озод 2009.
3 Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, зери таҳрири, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.х.профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: - «ЭР-граф», 2012.
4 Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Имомов Ашурбой – Душанбе: «ЭР-граф», 2012.
5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон». аз 26 июл соли 2014.
6 Қонуни констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» аз 23- декабри соли 2021.
7 Конституционный суд в системе органов государственной власти в РТ [Текст]: посвящается 20-ой годовщине образования Конституционного Суда Республики Таджикистан / Диноршоев А. М., Сафаров Д. С. – Душанбе : [б. и.], 2015 (Голд-принт).



**САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимми санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси фикру мулоҳизаҳои гуногуни олимон моҳияти мафҳуми «Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва инчунин хусусиятҳои онро ошкор кардааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайян намудани мувофиқати қонунҳо, адолати судӣ, қонунгузорӣ, санадҳои суди конститутсионӣ, волояти қонун.



**АКТЫ КОНСТИТУТЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье анализируются и обсуждаются важные вопросы документов Конституционного Суда Республики Таджикистан. Автор раскрыл сущность понятия «Акты Конституционного суда Республики Таджикистан» и его характеристики, основываясь на мнениях различных ученых.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: права и свободы человека и гражданина, определение соответствия законов, судебная юстиция, законодательство, акты конституционного суда, верховенство права.



**ACTS OF THE CONSTITUTSHONA COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article analyzes and discusses important issues in the documents of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan. The author revealed the essence of the concept “Acts of the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan” and its characteristics, based on the opinions of various scientists.



**KEYWORDS**: rights and freedoms of man and citizen, determination of compliance of laws, judicial justice, legislation, acts of the constitutional court, the rule of law.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ширинбекова Маърифат Амоёншоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **904002679.**

**Сведения об авторе:** ***Ширинбекова Маърифат Амоёншоевна*** **–** Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **904002679.**

**Information about the author:** ***Shirinbekova Marifat Amoyonshoevna*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **904002679.**


# МАФҲУМИ МУНОСИБАТҲОИ АУТСОРСИНГӢ


***Чаманорои И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар шароити муосири иқтисодӣ ҳар як соҳибкор дар шароити хеле амиқ махсусгардонии истеҳсолот, ки дар асоси тақсимоти меҳнат ба вуҷуд омадааст, амал мекунад. Агар раванди истеҳсолиро таҳлил кунем, он гӯё аз порчаҳои зиёде иборат аст, ки ҳар яки онҳо дар фаъолияти мушаххаси соҳибкор инъикос меёбанд. Ҳар як соҳибкор ба шарикии муассир ниёз дорад: танҳо дар ин ҳолат ӯ метавонад дар доираи ин ё он порчаи

раванди истеҳсолии ҳамаҷониба самаранок фаъолият кунад. Вазъияти идеалӣ он аст, ки ҳамаи соҳибкороне, ки дар марҳилаҳои гуногуни истеҳсоли як маҳсулот иштирок мекунанд, як занҷири пайвандҳоеро ташкил медиҳанд, ки аз раванди умумии иқтисодӣ нисбатан ҷудо шудаанд.

Ҳанӯз 80 сол пеш аз ин Генри Форд гуфта буд: «Агар коре ҳаст, ки мо онро аз рақибони худ беҳтар ва арзонтар карда наметавонем, пас ин корро кардан ҳеҷ маъное надорад. Мо бояд чунин корро ба онҳое супорем, ки бо натиҷаи беҳтарин корро иҷро хоҳанд кард» [1]. Имрӯзҳо, чандин ҳазор соҳибкорон ва менеҷерони дараҷаи олӣ ба ин вазифа пайравӣ мекунанд. Аутсорсинг дар ҳама соҳаҳои тиҷорати муосир васеъ паҳн шудааст.

Аутсорсинг ҳамчун падидаи тафаккури иқтисодӣ ба хотири ҳалли ягон масъалаи иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст. Сабаби асосии ташаккули он талаботи бозор, ташаккули талаботи устувор буд.

Мафҳуми аутсорсинг ҳамчун принсипи стратегияи нави идоракунӣ дар ИМА соли 1963 аз ҷониби ширкати Electronic Data System (EDS), ки ба аутсорсинги технологияҳои иттилоотӣ ё аутсорсинги IT тахассус дорад, таъсис дода шудааст.

Асоси илмии ин самт принсипҳое буданд, ки А.Смит дар асари классикии «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои сарвати халқҳо», ки бори аввал соли 1776 интишор ёфтааст, таҳия кардааст. Ҳамин тавр, Смит таклиф кард, ки ташкили мехнат ба корҳои оддӣ ҷудо карда шавад, то ки ҳар кадоми онҳоро як коргари алоҳида иҷро кунад. Барои ин аз ӯ тахассуси баланд талаб намекард. Ин идея баъдан дар истеҳсоли оммавии маҳсулоти стандартӣ ба амал бароварда шуд. Ҳамин тариқ, идеяҳои Смит дар системаи Ф.Тейлор татбиқи худро ёфтанд, ки ҳар як амалиёти меҳнатиро дар истеҳсолот ба соддатарин амалҳо тақсим карда, вақти иҷрои онҳоро аз ҷониби беҳтарин коргарон қайд намуда, сипас роҳи сарфакоронаи иҷрои ҳар як амал ва тамоми амалиёт назорат карда мешавад [2].

Аз нуқтаи назари забоншиносӣ, истилоҳи инглисии "аутсорсинг" маънои муроҷиат ба захираҳои берун аз ширкат (фирма) ҷойгиршударо дорад. Он дар Ғарб танҳо дар ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта пайдо шуд. Маҳз аз ҳамин лаҳза аутсорсинг объекти тадқиқоти илмӣ гардид, ки дар пайдоиши нашрияҳои илмӣ зоҳир гардид, ки дар онҳо бо истифода аз сохтани моделҳои гуногун иқтисоддонҳо ва таҷрибаомӯзон кӯшиш мекарданд, ки стратегияи оптималии татбиқи аутсорсинг, инчунин нашрияҳоро пайдо кунанд. Аммо амалияи истифодаи он хеле пештар инкишоф ёфтааст. Таърихан, аввалин аутсорсингҳо ширкатҳои ҳуқуқшиносӣ дар кишварҳое буданд, ки қонунгузории онҳо ба қонуни судӣ асос ёфтааст. Бузургии мавзуъ, маъруфияти усули судии ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, зарурати тахассуси баланд, хоҳиши ҷалби мутахассисоне, ки қаблан дар парвандаҳои дахлдор ғолиб омадаанд, дар Британияи Кабир ва моҳвораҳои он замина фароҳам овардаанд, инчунин дар ИМА вазифаи дастгирии ҳуқуқии фаъолияти ширкатро ба аутсорсинг гузаронад.

Дар воқеияти Тоҷикистон истилоҳи «аутсорсинг» нисбатан ба наздикӣ пайдо шуд. Муносибатҳои аутсорсинг дар Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 1990-ум ба вуҷуд омадаанд, вақте ки ширкатҳо ба истифода аз хидматҳои ширкатҳои хусусии амниятӣ шуруъ карданд, ки нисбат ба чанд посбонони пурравақт барои тиҷорат муҳофизати беҳтар ва касбиро таъмин мекарданд.

Дар баробари ин, нарасидани мутахассисони соҳаи таблиғот ба вуқуъ пайваст ва ин барои ташаккули агентиҳои махсуси таблиғотӣ, ки қодиранд лоиҳаҳои мураккабро барои корхонаҳо иҷро кунанд, заминаи мусоид фароҳам овард. Агентиҳои таблиғотӣ аз ҷониби агентиҳои PR ва ширкатҳои тадқиқотӣ пайравӣ карданд. Дар охири солҳои 1990-ум авҷи сегменти тоҷикии Интернет оғоз ёфт, ки боиси пайдоиши на танҳо ҳазорҳо сайтҳо, балки як бозори бузурги хидматҳо барои эҷод, дастгирӣ ва пешбурди онҳо гардид. Дар натиҷа ширкатҳои хостингӣ пайдо шуданд - илова бар ин, ҳамкорӣ бо онҳо он қадар фоидаовар шуд, ки ҳатто ширкатҳои дар бозори технологияҳои иттилоотӣ фаъолияткунанда аз он истифода мекарданд.

Аз ибтидои солҳои 2000-ум, марҳилаи нави рушди аутсорсинг дар Тоҷикистон оғоз ёфт, бештари ширкатҳо онро дар кори худ истифода бурданд. Сабаби асосии ин падида дар он аст, ки аз байн бурдани фаъолиятҳои ғайримуқаррарӣ барои ширкат кумак мекунад, ки кӯшишҳоро ба он равона созад, ки ин ширкат метавонад беҳтар кор кунад. Дар бозори

аутсорсинг хидматҳои нав пайдо шуданд. Имрӯзҳо намудҳои асосии онҳо инҳоянд: аутсорсинги IT, аутсорсинги кадрҳо ва аутсорсинги баҳисобгирӣ.

Аввалин вазифаҳои аутсорсинги IT дар бозор хидматрасонии таҷҳизоти офис ва маъмурияти система буданд. Баъдан, ин рӯйхат тавассути аутсорсинги инфрасохтори IT, идоракунии барномаҳо ва аутсорсинги мутахассисони IT пурра карда шуд. Аутсорсинги HR - аутстаффинг имрӯз маъруфияти бештар пайдо мекунад. Ва агар қаблан бо он дар Тоҷикистон асосан агентиҳои ғарбӣ машғул буданд, имрӯз ширкатҳои кадрии ватанӣ низ ин хидматро пешниҳод мекунанд. Корхонахо ба аутстаффинг на танхо барои дар муддати нисбатан кутоҳ сохтани гурӯҳи лоиҳавӣ роҳ медиҳанд, бисёриҳо баъди таҳлили ҳаматарафаи вазъият тамоми шуъбаҳоро ба чунин система мегузаранд.

Дар айни замон, истифодаи аутсорсинг дар Тоҷикистон амалан ягон сарҳад надорад: ин истеҳсолот, бахши хидматрасонӣ, молия, технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳо, стратегияҳои рушд, захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамзамон, ба рушди муносибатҳои аутсорсинг дар Тоҷикистон чунин омилҳо, аз қабили тағйироти аз ҳад густурда дар равандҳои тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ, тарс аз «ифшои иттилоот», мушкилоти интихоби шарикон, набудани мутахассисони соҳибихтисос монеа мешавад.

Дар назария ва амалияи ҷаҳонии менеҷмент микдори зиёди таърифҳои мафҳуми «аутсорсинг» таҳия шудааст. Қариб дар ҳама сарчашмаҳо пайдоиши истилоҳи «аутсорсинг» маънои «дар паҳлӯ», яъне берун аз ширкатро дорад [3]. Бояд гуфт, ки истифодаи мафҳуми «аутсорсинг» то ҳол ба таври қатъӣ муқаррар карда нашудааст. Дар айни замон он ҳамчун чатр барои ифодаи фаъолиятҳои гуногуни тиҷоратӣ истифода мешавад [4].

Аутсорсинг ин интиқоли вазифаҳои дарозмуддати идоракунӣ ва дар ҳолати зарурӣ захираҳои мувофиқ ба иҷрокунандагони беруна мебошад, ки метавонанд ин вазифаҳоро самараноктар иҷро кунанд. Дар айни замон таърифе, ки хусусияти ёрирасони вазифаҳои аутсорсингро таъкид мекунад, ба назар мерасад.

Яке аз мафҳумҳои маъмултарини аутсорсинг ин "интиқоли воҳиди (ё воҳидҳои) дохилии корхона ва тамоми дороиҳои ба он алоқаманд ба ташкилоти провайдери хидматрасон мебошад, ки ният дорад барои муддати муайян бо нархи мувофиқа хидмат расонад". Аз ин рӯ, як хусусияти муҳимми аутсорсинг хориҷ кардани ёрирасон ё ҳатто баъзе равандҳои асосии бизнес берун аз ширкат мебошад.

Ба маънои умумӣ, аутсорсингро метавон ба пудратчии тарафи сеюм интиқол додани баъзе вазифаҳои тиҷоратӣ ё қисмҳои раванди тиҷоратии ширкат номид. Ин маънои онро дорад, ки пудратчӣ асбобҳо ва донишҳои универсалии худро ба ниёзҳои тиҷорати мушаххаси муштарӣ мутобиқ мекунад ва онҳоро ба манфиати фармоишгар ба маблағи пардохте, ки бо арзиши бартарии хизматрасонӣ муайян карда мешавад, истифода мебарад, на аз рӯйи ҳисса дар фоида [5].

Аутсорсинг додани ҳуқуқҳо барои расонидани хидматҳои ғайриасосӣ ба шахсони сеюм мебошад. Маънои тахассуси амиқ дар дохили ширкатҳои дӯстона барои баланд бардоштани самаранокии ҳар яки онҳо [6].

Аутсорсинг ҳамчун як шакли идоракунии тиҷорат низ фаҳмида мешавад, ки моҳияти он муносибатест, ки ҳангоми додани ширкати фармоишгар намудҳои муайяни фаъолият ба фирмаҳои махсусгардонидашуда дар асоси шартномаҳои дарозмуддат ба вуҷуд меояд [7].

Аутсорсинг ин интиқоли ягон марҳилаи иҷрои фармоиш аз як филиал ба филиали дигар нест, ҳатто агар онҳо дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҷойгир бошанд. Аутсорсинг шарикии ду ташкилоти комилан мустақилро дар бар мегирад [8].

Аутсорсинг як шакли муосири муносибатҳои тиҷоратӣ буда, бо хусусияти стратегии қабули қарорҳо, давомнокии ҳамкории шарикон, эътимоднокии созишномаҳои имзошуда ва сатҳи баланди эътимод байни шарикон, мавҷудияти имкониятҳо барои интихоби шарикон хос аст.

Аутсорсинг як роҳи оптимизатсияи фаъолияти ташкилот тавассути тамаркузи фаъолият ба самти асосӣ ва додани вазифаҳои ғайриасоси ба ташкилотҳои махсуси беруна дар асоси шартнома мебошад [9].

Аутсорсинг, инчунин, яке аз муваффақтарин моделҳои тиҷорат номида мешавад, ки ба истифодаи захираҳои берунии моддӣ, меҳнатӣ ва зеҳнӣ асос ёфтааст.

Илова бар ин, аутсорсинг ҳамеша маънои ҷалби захираҳои ташкилотҳои махсусгардонидашуда ба ҷойи рушди салоҳиятҳои худ дар намудҳо ва самтҳои мушаххаси фаъолият, баровардани ҳама гуна равандҳои ёрирасон ва ҳатто асосии бизнесро аз ҳудуди ташкилӣ ва ҷисмонии ширкат дорад. Тавассути ин тақсимоти самараноки захираҳо ва маблағҳои дохилию берунии ширкат барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди бизнеси муосир истодаанд, сурат мегирад.

Бар асоси таърифҳои зиёди мавҷуда, маънои интиқол ё додани ваколат ба як ширкати аутсорсерӣ иҷрои кор ё хидматрасонӣ аз номи муштарӣ мебошад.

Модели аутсорсинг дар фаъолияти соҳибкорӣ айни замон муосиртарин эътироф шудааст. Он бартариҳои иловагии рақобатро фароҳам меорад. Сарчашмаи асосии ин афзалиятҳо истифодаи захираҳои (моддӣ ва ғайримоддӣ) ширкатҳои дигар барои ноил шудан ба муваффақияти бозор мебошад.

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо мазмуни мафҳуми аутсорсингро бо нишон додани хусусиятхои асосии он ошкор мекунем.

Аутсорсинг (муносибатҳои ҳуқуқии аутсорсинг)-ро метавон ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии байни субъектҳои хоҷагидор оид ба додани ваколатҳои худ аз ҷониби фармоишгар ба фирмаҳои махсуси беруна (аутсорсинг) барои амалӣ намудани фаъолияти дохилӣ ва берунии фармоишгар тавсиф кард.

Нуқтаи асосии аутсорсинг дар он аст, ки корхонае, ки мехоҳад рақобатпазирии худро баланд бардорад, бо дигар корхонаи шарик дар бораи додани он бо захираҳои барои фаъолияташ зарурӣ ё пешниҳоди хидматҳои (функсияҳои) муайяне, ки барои татбиқи самараноки равандҳои истеҳсолӣ заруранд, шартнома мебандад. Тамоми уҳдадориҳои аз рӯйи шартномаи тартибдодашуда ба зиммаи корхонаи шарик мебошад.

Ширкат вазифаҳои асосиро нигоҳ медорад. Аксар вақт, вазифаҳои иловагӣ ва дастгирии истеҳсолот ба аутсорсинг гузаронида мешаванд. Инҳо технологияҳои иттилоотӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, истеҳсоли ҷузъҳо, маркетинг, логистика, ҷалб, тозакунии офис, сафарҳои тиҷоратӣ, маъракаҳои таблиғотӣ, хӯрокворӣ, хадамоти амниятро дар бар мегиранд.

Аз нуқтаи назари мо, таърифи мувофиқтарини аутсорсинг бояд ҳамчун низоми муносибатҳое эътироф карда шавад, ки ҳангоми муроҷиати ширкати муштарӣ барои хидматрасонии аутсорсинг ба вуҷуд омадааст.

**АДАБИЁТ**


1. Гембл П., Вудкок Н. Маркетинг взаимодействий с потребителями / П. Гембл, Н. Вудкок. - М.: Фаир-Пресс, 2012.
2. Голембиевский С.А. История развития теории управления (предпосылки и общественно-политическое окружение) / С.А. Голембиевский. - М., 2002.
3. Юткина Ю. Управление: как использовать аутсорсинг // www.donskih.ru
4. Аникин Б.А. Первый учебник в России по аутсорсингу // Актуальные проблемы управления – 2003: Материалы международной научно-практической конференции. М., 2003. Вып. 3 С. 180
5. Chapman R.B., Andrade K. Insourcing and IT for Enterprise / R.B. Warton, K. Andrade. - February 2003.
6. Аникин Б.А. Указ. соч. С. 181-182
7. Лотфулин Р.М. Аутсорсинг в управлении инновациями организации: Дисс… канд. экон. наук. М., 2006.
8. Авдокушин Е. Ф. Маркетинг в международном бизнесе: Учебное пособие. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К$^0$» / Е.Ф. Авдокушин. - 2002.С. 225.
9. Хейвуд Дж. Б. Аутсорсинг: В поисках конкурентных преимуществ / Б. Дж. Хейвуд. - М.: Вильямс, 2002. С. 40.
10. Михайлов Д.М. Аутсорсинг. Новая система организации бизнеса: Учеб. Пособие / Д.М. Михайлов. - М.: КНОРУС, 2016.
11. Ермошина Е.Л. Аутсорсинг // Актуальные вопросы бухгалтерского учета и налогообложения. 2015. № 7. С. 33; Рогоцкая С. Аутсорсинг или кадровик напрокат // Кадровое дело. 2006. № 6. С.
12. Михайлов Д.М. Аутсорсинг. Новая система организации бизнеса: Учебное пособие / Д.М. Михайлов. - М.: КНОРУС, 2016.
13. Календжян С.О. Аутсорсинг: делегирование управления в стратегии развития предприятия / С.О. Календжян. - М.: Каталог, 2001.
14. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - 4-е изд.,

перераб. и доп. / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. - М.: ИНФРА-М, 2015.
15. Плетнева Н.П. Аутсорсинг – не средство уменьшения ответственности // Все о качестве. Зарубежный опыт. Потребители, поставщики, аутсорсеры. 2004. № 4. С. 67.

**МАФҲУМИ МУНОСИБАТҲОИ АУТСОРСИНГӢ**

Аутсорсинг як шакли муосири муносибатҳои тиҷоратӣ буда, бо хусусияти стратегии қабули қарорҳо, давомнокии ҳамкории шарикон, эътимоднокии созишномаҳои имзошуда ва сатҳи баланди эътимод байни шарикон, мавҷудияти имкониятҳо барои интихоби шарикон хос аст. Дар мақолаи мазкур мафҳуми аутсорсинг дар фаъолияти соҳибкорӣ аз нуктаҳои назари гуногун таҳлил карда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** аутсорсинг, соҳибкор, фаъолияти соҳибкорӣ, ширкати беруна.

**ПОНЯТИЯ АУТСОРСИНГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ**

Аутсорсинг – это современная форма деловых отношений, характеризующаяся стратегическим характером принятия решений, продолжительностью сотрудничества партнеров, надежностью заключенных договоров и высоким уровнем доверия между партнерами, наличием возможностей выбора партнеров. В данной статье анализируется понятие аутсорсинга в предпринимательской деятельности с разных точек зрения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** аутсорсинг, предприниматель, предпринимательская деятельность, внешняя компания.

**CONCEPTS OF OUTSOURCING RELATIONSHIPS**

Outsourcing is a modern form of business relations, characterized by the strategic nature of decision-making, the duration of cooperation between partners, the reliability of concluded contracts and a high level of trust between partners, and the availability of opportunities to choose partners. This article analyzes the concept of outsourcing in business from different points of view.

**KEYWORDS:** outsourcing, entrepreneur, entrepreneurial activity, external company.

**Маълумот дар бораи муаллиф: *Чаманорои Илҳом –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985759805.**

**Сведения об авторе:** ***Чаманори Илхом –*** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985759805.**

**Information about the author**: ***Chamanoroi Ilhom*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **985759805.**

# УСУЛҲОИ КРИМИНАЛИСТИКӢ ДАР САМТИ ҶУСТУҶӮЙИ ШАХСОНИ БЕ ДАРАК ҒОИБГАШТА

***Алимшоева Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯхтани қонуниятҳои содиршавии ҷиноят дар самти одамрабоӣ, инъикоси он дар сарчашмаҳои ахбор воситаҳои нави ошкор намудани ҷиноят ва дар баробари ҳамин роҳи пешгирии он мебошад. Барои дарёфти шахсони бе ному нишон гумшуда мебоист пеш аз ҳама тарзи содир шудани ҷиноят, механизми ҷиноят, фаъолияти бозёфт, тадқиқи сарчашмаҳои ахборотӣ дар фаъолияти ошкорсозӣ нақши калидӣ дорад. Дар ин самт инсон бевосита ҳамчун сарчашмаи маълумоти ҷустуҷӯйӣ ва муайянсозӣ дониста мешавад ва бо роҳи функсияи дарккунӣ, конструктивӣ-истеҳсолӣ ва функсияи коммуникативӣ қонуниятҳои фаъолияти криминалӣ ва криминалистӣ бо истифода аз усулу воситаҳои навтарини бозёфт, корҳои ҷустуҷӯйи фаврии ҷиноятӣ, ҷойи шахси гумшуда таҳқиқ карда мешавад. Терзиев Н.В. қайд мекунад, ки шахсони бе ному нишон гумшуда гуфта, онҳоеро дар назар доранд, ки дар ҷойи зисти охирон ҳозир нашуданд ва ин боиси ҳолатҳое мешавад, ки нисбати ин шахсон шояд ҷиноят содир шудааст ё онҳо худкушӣ кардаанд, ё ба ҳолати хавфнок дучор гардиданд. Дар таҳқиқи ин ҳолатҳо, таъмин намудани қонуният, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, муҳофизати манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аммо дар таҳқиқи ҷиноятҳо хусусиятҳои ҷисмонӣ ва иҷтимоии инсонро низ бояд ба назар гирифт. Колдин В.Я. хусусиятҳои ҷисмонии инсонро ба майдони

ахборот тақсим мекунад, ки он аз майдони аломатҳои берунӣ (трасеологӣ), функсионалӣ-динамикӣ (овоз, ҳусни хат), майдони субстансионалӣ (таркиби хун, мӯйи сар ва дигар таркибҳои биологӣ) иборат мебошад. [3, с.26] Аммо тақсимбандии мазкур барои тамоми ҷиноятҳо яксон шуда наметавонад, балки роҳи тафтишотро муайян месозад. Ташхис бо ёрии омилҳои биологӣ (генотип) масалан дараҷаи қавмӣ ва хешутабориро муайян месозад. [10, с.45] Дар ин миён омилҳои ду равия-криминалистика ва ҳуқуқи ҷиноятӣ бевосита алоқаманд мегарданд. Таҳлили таркиби ҷиноят, бандубасти он ва таъин кардани ҷазои ҷиноятӣ бо донишҳо оид ба усулҳои тафтиши онҳо бо ҳамдигар пайвастагӣ доранд. Инро дар мисоли тарафи объективии одамрабоӣ дидан мумкин аст. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии одамрабоӣ бо оқибат бе ному нишон гум шудани шахс мазмуни аз ҳаёт маҳрум сохтан дорад. Аммо бо кадом роҳу восита ин кирдор амалӣ шудааст, ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ворид намешавад. Омӯзиши тарзи содир кардани одамрабоӣ ба илми криминалистика тааллуқ дорад. Дар тафтиши муайянсозии инсони бе ном ва нишон гумшуда, ахбори шоҳидон, гумонбаршудагон, ҷабрдидагон, айбдоршавандагон ва дигар далелҳо истифода бурда мешаванд. Аз он ҷумла, тарзҳои тактикӣ гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, эксперименти тафтишӣ, санҷидани баёнот дар ҷояш, кофтуков ва гирифта баровардан, истинтоқ, нишон додан барои шинохтан, гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва дигар корҳои тафтишотӣ намудҳои нави амалиётҳои тафтишотиро рӯйи кор меоранд. Тибқи Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиноятҳое, ки бо бе ному нишон гум шудани инсон равобит доранд, ба гурӯҳи ҷиноятҳои давомдор дохил мешаванд, ки аз як қатор кирдорҳои (беамалии) ҷиноятии якхела иборат буда, мақсади умумӣ, бо як ният фаро гирифта шудаанд ва дар маҷмуъ як ҷиноятро ташкил медиҳанд. Дар аксари мавридҳо гурӯҳи муташаккил ҳамчун шакли шарикӣ бо сатҳи хеле баландтари иштирок дар содир кардани чунин ҷиноят айбдор ё гумонбар дониста мешавад, зеро шахсон бо маслиҳати пешакӣ ин амалро содир мекунанд. [11, с.56]

Ҳамчун аломати шахсият, дар давоми тафтиши ҷиноятҳо хусусиятҳои анатомӣ, системаи асаб, хислати вай ва дигар хусусиятҳои психофизикӣ низ ба назар гирифта мешаванд. Моҳияти аломатҳои физикиро таҳлил намуда, В.Е. Корноухов зиёда аз 20 ҳазор изи ангуштонро аз назар гузаронид ва ба хулоса омад, ки онҳо вобаста ба сохти даст ва ангуштҳо фарқ мекунанд. [5, с.126] Инчунин, вобаста ба сохти даст ва ангуштҳо ҳусни хат низ гуногун мешавад ва ин нуқтаи назарро В.Ф. Орлова ва А.И. Мансветова нишон додаанд. [7, с.17] Олимон исбот карданд, ки дар давоми зиндагии инсон дар организм тайғиротҳои бисёр ба вуҷуд меоянд ва танҳо хати папилярҳо бетайғир мемонад. Ин аломат афзоиш меёбад, аммо расми умумии худро нигоҳ медорад. Бинобар ҳамин аломатҳо, криминалистҳо хеле зуд ҷасади номаълум, гумонбарон, шахсони бе ном ва нишон гумшуда ва дигар ашхосро аниқ месозанд. Дар чунин мавридҳо, инчунин, аниқ кардани фарқияти ҷинсӣ низ муҳим аст, ки онро тавассути ташхиси оби даҳон, хун, дигар аломатҳои биологӣ, нишонаҳои X ва У – хроматин муайян менамоянд. [1, с.50] Дар рафти ҷустуҷӯйи шахсони бе ном ва нишон гумшуда, аломатҳои патологӣ ба монанди бемориҳои меросӣ, таркиби хун, мавҷудияти барзиёди магний ва аминокислотаҳо дар организми инсон, хати папилярҳо дар кафи даст ҳамчун аломати далел хизмат мекунад. [8, с.154]

Дар давоми 11 соли охир (аз соли 2008-2019) беш аз 700 шаҳрванди Тоҷикистон гирифтори ҷинояти одамрабоӣ гардиданд, ки характери пинҳонӣ доштанд. [9, с.190]

Ҷиноятҳо дар самти бе ному нишон гум шудани одамон одатан бо олатҳои зерин алокаманд мебошанд:

- дар самти ҷиноятҳои дорои характери шаҳвонӣ;
- одамрабоӣ;
- истифодаи занон барои модарӣ;
- одамрабоӣ барои трансплантатсияи узви бадан;
- истифодаи одамон дар мавзеи ҷангҳо.

Таъин кардани экспертизаи криминалистӣ, ки бо мақсади пешбурди муайянсозии ҷиноят ба миён меояд, дониши махсуси биологӣ ва тиббиро тақозо мекунад. Ҳамчунин, ташхисгар бояд дар соҳаи илму техника, нозироти соҳавӣ, эътимоднокии пурра дошта

бошад. Экспертизаи криминалистӣ мувофиқи моддаи 209 КМҶ барои муайянсозии ҳолатҳои зерин пешбинӣ мешавад:

- сабаби марги шахс;
- хусусиятхо ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ;
- синну соли гумонбаршуда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳаммият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол шубҳаовар ё мавҷуд набошанд;
- ҳолати руҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд;
- ҳолати руҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо тахти шубҳа қарор мегирад.

Иловатан барои муайянсозии айнияти шахси бе ном ва нишон гумшула ташхис дар самти хатшиносӣ, пайшиносӣ, баллистикӣ, овозшиносӣ, техникӣ, тиббии судӣ, судии-муҳосибӣ, биологӣ, химиявӣ ва ғайраҳо таъин карда мешавад. [12, с.243] Ташхиси чунин ҷиноятҳо дар шакли васеъ бо истифода аз намудҳои экспертиза бо назардошти меъёрҳои КМҶ дар шаклҳои экспертизаи ибтидоӣ, экспертизаи такрорӣ, экспертизаи иловагӣ, комплексӣ, экспертизаи комиссионӣ амалӣ мегардад. [4, с.12]

Бояд дар назар дошт, ки далелҳои сохтакоришуда ба барқарор намудани ҳақиқати воқеӣ нисбати корҳо монеа буда, адолати судӣ коҳиш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, бо мақсади огоҳ ва пешгирӣ намудан амали сохтакории далелҳо дараҷаи тахассусии ташхисгари криминалистӣ хеле нақши калон дорад. Танҳо баъд аз санҷидани маълумотҳои пешниҳодшуда онҳо ба сифати далели кори ҷиноятӣ қабул карда мешаванд. Дар бробари далелҳои биологӣ ва генетикӣ, дар муайянсозии шахсияти бе ном ва нишон гумшуда, инчунин, маълумотномаи тиббӣ, гузориши корманди мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, маълумот дар бораи муоинаи тиббию судӣ, чиптаи ҳавопаймо, тавсифномаи шахс, шаҳодатномаи шахс, баёноти шахсони пеш аз оғоз намудани кори ҷиноятӣ пурсидашуда ва дигар ҳуччатҳо ҳамчун далел дониста мешаванд [13, с.249].

Хулосаи коршинос (эксперт) низ яке аз сарчашмаҳои боэътимоди далелҳо ба шумор меравад ва бо мақсади ҷамъ оварда шудани маълумотҳои аниқи воқеӣ, қонун нисбати экспертиза ва хулосаи эксперт қоидаҳои махсус ва нисбатан мураккабро пешбинӣ мекунад. Маҳз хулосаи хаттии коршиносон ва нишондоди эксперт (коршинос) аксар вақт, омили ҳалкунанда дар ошкор кардани парвандаи ҷиноятӣ дар самти муайянсозии шахсияти бе ному нишон гумшуда дониста мешавад. [2, с.255]

Ҳамин тавр мо ба хулоса омадем, ки дар рафти муайянсозии шахсияти бе ном ва нишон гумшуда ё ҷустуҷӯ кардани шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, инчунин, ҷустуҷӯйи шаҳрвандони бедарак ғоибшуда, дар назди мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ вазифаи ҷамъоварӣ иттилоот дар бораи аломатҳои амалиёти содиршаванда ё содиршуда, дар бораи шахси бе ному нишон гумшуда ва ёфт шудани ҷасадҳои шинохтанашуда гузошта мешавад. Мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйиро анҷом медиҳанд, маълумот ҷамъоварӣ менамоянд ва бо дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқии ҳифзи ҳуқуқ дар асоси шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои тайёр ва иҷро кардани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, ошкор намудан ва ҳамчунин барои ҷустуҷӯйи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз иҷрои ҷазои саркашикарда ва бедарак ғоибшудагон истифода мегардад. [6, с.8] Вобаста ба тамомии ин раванд, дар ниҳоди кор танҳо дараҷаи коршиносии криминалистӣ метавонад дар муайянсозии шахсияти бе ном ва нишон гумшуда дар асоси ташхисҳои криминалистӣ ҷавоби аниқ в далелнокро баррасӣ намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Гладкова Т.Д. Коясные узоры кисти и стопы обезьян и человека / Т.Д. Гладкова. - М: 1966.
2. Дунё Мансурӣ, Нишондоди эксперт хамун сарчашмаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ- Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» , 29-30 ноябри соли 2018.- Хуҷанд: Ношир, 2019.

3. Колдин В.Я. Идентификация при расследовании преступлений. - М.: 1978. С.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 // http://base.mmk.tj / view
5. Корноухов В.Е. Комплексное судебно-экспертное исследование свойств человека. Изд-во Красноярского университета. - Красноярск: 1982. С. 128-134.
6. Қонуни ЧТ Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, №10, мод.146; соли 1999, №11, мод.278; соли 2003, №8, мод.453; соли 2005, №12, мод. 642; соли 2006, №3, мод.147; соли 2006, №7, мод. 339; соли 2007, №5, мод. 361
7. Манцветова А.И., Орлова В.Ф. Предмет судебного почерковедения и задачи экспертизы. // Судебно-почерковедческая экспертиза. - М.: 1968.
8. Микельсаар Р.В. Особенности дерматоглифики при шизофрении. // Сб. Вопросы медицинской генетики и генетики человека. - Минск: 1971. С.141-142; Ниль Дж., Шелл У. Наследственность человека (пер. с англ.). - М.: 1958. С. 194.
9. Мулладжанова Н.А. Криминалистическая характеристика торговли людьми.- Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия», 29-30 ноябри соли 2018.- Хуҷанд: Ношир, 2019.
10. Стегнова Т.В. и др. Экспертная оценка и математическая обработка результатов исследования объектов, содержащих ДНК двух и более лиц. // Методические рекомендации. - М.: ЭКЦ МВД РФ. 1997.
11. Саидасанов Ю., Алиназарова К., Ҳуқуқи ҷиноятӣ / Ю. Саидасанов, К. Алиназарова. - Душанбе 2022
12. Холмухамедова М.Д. Такмили қоидаҳои таъини экспертизаи судӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ.- Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» , 29-30 ноябри соли 2018.- Хуҷанд: Ношир, 2019. - 394 саҳ.- С. 243
13. Ҳомидова М.Ф.,Юнусова Н.А., Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтакории далелҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия», 29-30 ноябри соли 2018.- Хуҷанд: Ношир, 2019.
14. Терзиев Н.В., Настольная книга следователя: Розыск: учебник, Г.Н. Александров, А.И. Апурин, Т.М. Арзуманян, Б.Я. Арсеньев и др.; под общ. Г.Н. Сафонова (ред.), Юриздат 1949.

## УСУЛҲОИ КРИМИНАЛИСТИКӢ ДАР САМТИ ҶУСТУҶӮЙИ ШАХСОНИ БЕ ДАРАК ҒОИБШУДА

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи дарёфти шахсони бе ному нишон гумшуда, муайянсозии шахсияти онҳо ва корҳои ҷустуҷӯйи фаврии ҷиноятӣ, ҷойи шахси гумшуда таҳқиқ карда мешавад. Дар ин масир дар мақола муаллиф алоқаи криминалистика ва ҳуқуқи ҷиноятиро ёдрас шуда, муҳимияти гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва дигар корҳои тафтишотӣ ва намудҳои нави амалиётҳои тафтишотиро қайд мекунад. Муаллиф махсусан ба аломати шахсият, дар давоми тафтиши ҷиноятҳо хусусиятҳои анатомӣ, системаи асаб, хислати вай ва дигар хусусиятҳои психофизикиро ба назар гирифта, истифодаи онро дар муайянсозии ҷасади номаълум, гумонбарон, шахсони бе ном ва нишон гумшуда ва дигар ашхосро аниқ месозад. Ҳамчунин дар мақола барои муайянсозии айнияти шахси бе ном ва нишон гумшуда ташхис дар самти хатшиносӣ, пайшиносӣ, баллистикӣ, овозшиносӣ, техникӣ, тиббии судӣ, судӣ-муҳосибӣ, биологӣ, химиявӣ ва ғайраҳо низ ёдрас мешаванд, ки ташхиси онҳо дар чунин ҷиноятҳо дар шакли васеъ бо истифода аз намудҳои экспертиза дар шаклҳои экспертизаи ибтидоӣ, экспертизаи такрорӣ, экспертизаи иловагӣ, комплексӣ, экспертизаи комиссионӣ амалӣ мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ташхис, қарор, криминалистӣ, ҷустуҷӯйӣ, гумшуда, шахс, номаълум, ғайбзада.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ МЕТОДОВ В ПОИСКАХ ПРОПАВШИХ БЕЗ ВЕСТИ

В данной статье автор рассматривает вопрос правовых основ использования методов криминалистики в определение личности без вести пропавших лиц. Автор указывает на то, что в расследование этих преступлений криминалистика и уголовное право действуют вместе с дополнительными отраслевыми направлениями, исследующими результаты экспертизы. Автор обращает внимание особенностям назначения криминалистических экспертиз при расследовании преступлений, связанных с без вести пропавшими лицами. В частности, указывается на биологические и генетические формы экспертизы а также на важность экспертизы почерка, следов, баллистики, судебно-медицинской экспертизы, химической и других форм расследования.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: экспертиза, решение, криминалистика, розыск, без вести, лица, неизвестный, пропавший.

## USE OF FORENSIC METHODS IN THE SEARCH OF MISSING PERSONS

In this article, the author examines the issue of the legal basis for the use of forensic methods in determining the identity of missing persons. The author points out that in the investigation of these crimes, criminology and criminal law act together with additional industry areas that study the results of the examination. The author draws attention to the peculiarities of prescribing forensic examinations in the investigation of crimes related to missing persons. In particular, biological and genetic forms of examination are pointed out, as well as the importance of handwriting examination, traces, ballistics, forensic examination, chemical and other forms of investigation.

**KEYWORDS:** expertise, resolution, criminal, investigations, search, missing, persons, unknown disappearances.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: *Алимшоева Нурафзун Меҳроваршоевна* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: *Алимшоева Нурафзун Мехроваршоевна* – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: *Alimshoeva Nurafzun Mehrovarshoevna* – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ШИРКАТҲОИ БОНУФУЗИ ПАНҶГОНАИ ҲЕДҲАНТИНГ (ШИРКАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҲУҚУҚӢ)

***Абдуллоева Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар айни ҳол панҷ ширкати бузурги ҳедҳантинг (Ширкати хизматрасонии ҳуқуқӣ) пешбарандаи бозор мавҷуд аст:

| **ширкат** | **даромад** | **Шумораи коргарон** |
|---|---|---|
| Korn Ferry | 1,926 млрд долл. США | 8678 нафар |
| Spencer Stuart | 0,454 млрд долл. США | Маълумот нест |
| Heidrick & Struggles | 0,736 млрд долл. США | 1611 нафар |
| Egon Zehnder | 0,750 млрд долл США | 2600 нафар |
| Russell Reynolds Associates | Маълумот нест | Маълумот нест |

### 2.1.1. Korn Ferry

**Korn Ferry** — як ширкати машваратӣ аст, ки қароргоҳаш дар Лос-Анҷелес, Калифорния ҷойгир аст. Он соли 1969 таъсис ёфтааст ва то соли 2019 дар 52 кишвари ҷаҳон 104 дафтар дошт ва дар саросари ҷаҳон 8678 нафарро бо кор таъмин мекунад. Korn Ferry тавассути се сегменти тиҷорат, тиҷораташро пеш мебарад:

— Ҷустуҷӯйи иҷроияи Korn Ferry
— Advisory Korn Ferry
— Korn Ferry RPO ва Ҷустуҷӯйи касбӣ.

Корн Ферри соли 1969 аз ҷониби Лестер Корн ва Ричард Ферри таъсис дода шудааст. Онҳо бори аввал соли 1962 ҳангоми кор дар як ширкати муҳосибии Лос-Анҷелес Peat, Marwick, Mitchell мулоқот карданд.

Дар соли 1969, ширкат бо пешниҳоди аввалини оммавӣ (IPO) ба омма баромад, аммо дар соли 1974 тамоми саҳмияҳои барҷастаро барои дубора хусусӣ шудан харид. Соли 1973 Корн Ферри Токиои Ҷопонро (Korn Ferry International Japan) таъсис дод. Бо кушода шудани Korn Ferry International Singapore дар соли 1975, ширкат дар 20 кишвари ҷаҳон 41 дафтар дошт. Дар соли 1977 онҳо ширкати Мехикои Hazzard Associados-ро ба даст оварданд. Соли 1978 онҳо дар Малайзия ва Ҳонконг намояндагиҳо кушоданд ва ширкати

бритониёии Ҷон Сторкро ба даст овarданд. Соли 1979 онҳо ширкати австралиягии Guy Pease Associates-ро ба даст оварданд.

Дар соли 1981, ширкат бузургтарин ширкати рекрутинги иҷроияи ҷаҳон гардид, ки Лестер Корн ҳамчун раис ва директори иҷроия буд. Соли 1987 ширкат дар Бангкок, Таиланд дафтари худро кушод. Сипас, онҳо дар понздаҳ кишвар 37 офис кушоданд, ки тақрибан ба 1250 корпоратсия ва созмонҳои муштарӣ хизмат мерасонанд. Дар соли 1989 даромади фирма бори аввал аз 100 миллион доллар гузашт.

Дар моҳи майи соли 1991, Лестер Корн аз вазифаи раис истеъфо дод ва Ричард Ферри, президент ва директори генералӣ, нақши иловагии раисро ба уҳда гирифт. Пас аз ин ширкат ба бастани якчанд офисҳо шуруъ кард. Дар соли 1992, Korn Ferry системаи видеоконфронсро барои интихоби довталабони кор ҷорӣ кард. Соли 1993 ширкат Carre Orban and Partners-ро ба даст овард ва амалиёти аврупоии худро ба як ширкати маъруф дар Аврупо бо номи Korn/Ferry Carre/Orban International муттаҳид кард. Дар панҷ соли оянда, ширкат аввалин офисҳои худро дар Ҳиндустон (1994), Чин (1995), Индонезия (1996) ва Кореяи Ҷанубӣ (1998) кушод.

Дар моҳи августи соли 1998, Korn Ferry бо The Wall Street Journal ҳамкорӣ кард, то Futurestep.com-ро оғоз кунад, ки ба идоракунии миёна тамаркуз кардааст. То соли 2001, Futurestep дар 22 кишвар ҷорӣ карда шуд; то 31 январи соли 2001 дар саросари ҷаҳон 60 миллион доллар зарар дид.

Дар соли 1999 Корн Ферри ширкати олмонии Ҳофман Ҳерболд ва ширкати австралиягии Amrop Internationalpo ба даст овард. Дар соли 2000 он PA Consulting Group-ро дар Лондон ба маблағи тақрибан 35 миллион доллар ба даст овард. Дар соли 2000, он як ширкати ҷустуҷӯйии хадамоти молиявии дар Бостон будаи Westgate Group ва ширкати канадагии Pratzer Partners Inc.

Дар соли 2001 Корн Ферри Леви Керсон, Ҳелстром Тернер Ассошиэйтс ва Пирсон, Колдуэлл ва Фарнвортро харид. Дар соли 2005, ширкат маркази минтақавии худро ба Шанхайи Чин кӯчонид, ки дар маҷмуъ 73 офис дар 40 кишвар дорад. Дар соли 2006, Korn Ferry як ширкати пешрафтаи водии Golden Valley-ро ба маблағи 24 миллион доллар ба даст овард.

Дар соли 2006 ширкат Lominger International-ро ба даст овард ва дар соли 2007 Гари Бернисон директори нави ширкат шуд. Дар ҳамон сол, ширкат LeaderSource-ро ба даст овард. Дар соли 2008 онҳо Донишкадаи байналмилалии Lore ва дар моҳи июни соли 2009 дар Лондон Whitehead Mann-ро ба даст оварданд. Дар соли 2010 онҳо Sensa Solutions-ро ба даст оварданд, дар соли 2013 Korn Ferry хариди PDI Ninth House дар Миннеаполисро ба маблағи 80 миллион доллар анҷом дод; дар соли 2015 онҳо Pivot Leadership ва Hay Group-ро ба даст оварданд.

Дар соли 2018, Korn Ferry зарари беқурбшавии ғайринақдиро ба маблағи 106 миллион доллари ИМА ё 79 миллион доллари ИМА пас аз андоз аз байн бурд, то ребрендинги тамоми тиҷорати худро танҳо ҳамчун "Korn Ferry" ва қатъи тамоми ширкатҳои ширкат ҳисоб кунад. зербрендҳо, аз ҷумла Futurestep, Hay Group ва Lominger.

**Вайтхед Манн.**

Whitehead Mann як ширкати ҷустуҷӯйии иҷроияи Лондон буд, ки аз ҷониби Korn/Ferry International дар моҳи июни соли 2009 харидорӣ шудааст.

Whitehead Engineering аз ҷониби Клайв Уайтхед таъсис дода шудааст, ки пас аз издивоҷаш ширкати худро бо ширкати ҳамсари худ муттаҳид кард. Ширкат дар бахши AIM- и FTSE дар соли 1997 ба қайд гирифта шудааст.

**Мурофиа:**

Дар соли 2005, Корн Ферри яке аз рекрутерҳои собиқи машҳури худ Дэвид Носалро дар дуздидани маълумоти махфии муштарӣ бо мақсади таъсиси ширкати рақиби худ муттаҳам кард. Дар соли 2008, Носал тибқи Санади қаллобӣ ва суиистифодаи компютер (CFAA) айбдор карда шуд. Дар соли 2016, Додгоҳи 9-уми таҷдиди назар дар Иёлоти Муттаҳида бар зидди Носал ҳукм баровард, ки Носал тибқи CFAA ҷинояткор аст. «Дар соли 2018 Носал ба зиндон маҳкум шуд.

**Сарпарастӣ:**

19 июни соли 2019, PGA Tour ва Korn Ferry имзои созишномаи 10-соларо эълон карданд, ки тибқи он Korn Ferry сарпарасти чатр аз Korn Ferry Tour, як сафари эволютсионии PGA хоҳад буд. Бо иваз кардани Web.com, сарпарастии Korn Ferry то соли 2028 идома хоҳад кард. Корн Ферри Tour узвиятҳои PGA Tourро ба 50 бозигари беҳтарини Тур, аз ҷумла 25 бозигари мавсими муқаррарӣ пешниҳод мекунад.


**АДАБИЁТ**

1. https://w ww.wsj.com/articles/SB1249519843429 09683. online.wsj.com. Dow Jones & Company . 22 июни года 2012 получено.
2. Оккель С. А. Хедхантинг как направление инвестиционной деятельности компании // Российское предпринимательство. - 2011. - № 3. – С. 11-14.
3. Фуколова Ю. Искусство требовать жертв//Деньги. – 204. -- № 12. -С.12-19.
4. Хохлова Т., Машкетова А. Хедхантинг: эксклюзивная технология подбора суперкадров // Управление персоналом.- 2014. - № 17. - С. 35-41.
5. Хуранова Ю. Кадровые войны, или За кем идет охота // Бизнес- CREDO. - 2013. - № 9. - С. 68-71.



**ШИРКАТҲОИ БОНУФУЗИ ПАНҶГОНАИ ҲЕДҲАНТИНГ (ШИРКАТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҲУҚУҚӢ)**

Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзуи ширкатҳои бонуфузи панҷгонаи ҳедҳантингро баррасӣ кардааст. Ӯ доир ба таърихи пайдоиш, рушд ва инкишофи иқтисодии ин ширкатҳо маълумоти аниқ овардааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ширкати ҳуқуқӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, (ҳелдҳантинг), ширкат, корхона, аутсорсинг, танзимнамоӣ.



**ТОП-ПЯТЬ ХЕДХАНТИЧЕСКИХ ФИРМ (КОМПАНИЯ ЮРИДИЧЕСКИХ УСЛУГ)**

В этой статье автор рассмотрел тему пятерки лучших хедхантинговых компаний. Автор предоставил подробную информацию об истории возникновения, развития и экономического развития этих компаний.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** юридическая фирма, юридические услуги, (хэндхантинг), компания, предприятие, аутсорсинг, регулирование.



**TOP FIVE HEADHUNTING FIRMS (LEGAL SERVICES COMPANY)**

In this article, the author discussed the topic of the top five headhunting companies. The author provided detailed information about the history, development and economic development of these companies.



**KEYWORDS:** law firm, legal services, (handhunting), company, enterprise, outsourcing, regulation.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Фарангис*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **559889888.**

**Сведения об авторе**: ***Абдуллоева Фарангис*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **559889888.**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Farangis*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **559889888.**

# СИЁСАТ – ПОЛИТИКА

## ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В ПРОЦЕССАХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ИНТЕГРАЦИИ


*Саидова Ф.*
**Таджикский национальный университет**


Политические процессы, связанные с окончанием холодной войны в последнее десятилетие XX века, привели феномен «глобализации» не только к экономическому, но и к политическому, историческому, географическому и культурному характеру. Интеграция общественной жизни в Центральной Азии, интернационализация и объединение являются новым направлением в системе международных отношений, вытекающим из необходимости укрепления государствами национальной и государственной безопасности.

Многие исследователи современной науки рассматривают глобализацию как часть модернизации как таковой. Возрождение этого процесса происходит под влиянием Запада, и его культура связана с распространением по всему миру. Новые промышленные информационные технологии в мире коммуникации между различными частями лежат в основе новой основы неравномерной фрагментации и ротации. В современную эпоху глобализации разрыв между богатыми и бедными становится все больше. Сегодня, поскольку глобализация является ориентиром для многих стран, многие находятся в условиях, которые стали своеобразной системой ценностных ориентаций. Эта система в основном западная, основанная на ценностных системах стран. Например, в политической системе - демократия, гражданское общество, горизонтальные связи, рыночная экономика, частные институты, конкуренция, занятость и доход, сущность культурной системы, индивидуализм, прагматизм. Поэтому сегодня речь идет не только о создании иной системы международных отношений, но и о формировании нового мирового порядка. [1, с.110]

Сегодня процессы мировой политики и глобальных отношений постоянно меняются. Каждое государство стремится занять свое место в этой системе. Общее развитие человечества создает общие закономерности и тенденции развития, которые невольно просчитывают все государства. Мировая политика - многогранное явление. Потому что его деятельность зависит от глобальных изменений и зарождения новых явлений. Целью мировой политики является организация государств для коллективного решения общепланетарных проблем, сохранение мира и гармонии между ними. Анализ действий приоритетных держав и транснациональных компаний, направленных на решение глобальных проблем в общем направлении. Конечной, неотложной задачей мировой политики является обеспечение существования человечества путем создания условий для его существования. На современном этапе политические элиты доминирующих мировых держав понимают, что ни у одного государства нет будущего без решения проблем мировой политики. После обретения независимости государства Центральноазиатского региона сосредоточили свою внешнюю политику на глобальных отношениях с целью установления эффективных равноправных отношений [2].

В то же время государства Центральной Азии стремились к интеграции и, очевидно, что он воспринимается как сторонник международной стабильности и мира. Основные цели центральноазиатских государств с многовековой историей дипломатия, представляющая собой защиту интересов, в целом сложна и многоуровневое явление.

Однако в течение всего периода независимости отношения между республиками региона остаются очень сложными и развиваются непоследовательно при одновременном действии двух противоположных тенденций: интеграции и дезинтеграции.

Межрегиональные и межотраслевые противоречия некогда единого народнохозяйственного комплекса, ранее компенсировавшиеся из союзного бюджета, автоматически трансформировались в межгосударственные. Пограничные споры и конфликты

возникли на участках узбекско - кыргызской, узбекско - таджикской и узбекско - казахской границ, где они не демаркированы и не носят характера международно признанных. В конечном счете, ближайших соседей разделяло разнообразие моделей экономических и политических реформ, конкуренция за иностранные инвестиции и лидерство в регионе, несовместимые региональные и международные амбиции их лидеров, иногда разные позиции по отношению к СНГ и России. Эти противоречия порождены геополитическими особенностями Центральной Азии.

Интернационализация и укрупнение общественной жизни в Центральной Азии - это новое направление в системе международных отношений, вытекающее из необходимости государств укреплять национальную и государственную безопасность. Этот вопрос также касается обеспечения стабильности и безопасности в интеграционных процессах в Центральной Азии или создания условий для развития каждого государства [3].

Одной из особенностей интеграционных процессов в Центральной Азии является отсутствие доступа стран к морским транспортным коммуникациям. Такое присутствие определенных сил в регионах может негативно сказаться на национальной безопасности, может привести к дисбалансу, а интеграционные процессы в любом случае могут привести к дисбалансу - требуется равенство, то есть баланс геостратегических интересов участвующих групп.

Для стран Центральной Азии интеграционное сотрудничество является экономической необходимостью, а также стимулом к развитию, стабильности в будущем.

Основные направления государств Центральной Азии в процессах глобализации являются:

1. Основные субъекты международных отношений и государства Центральной Азии рассматривают и уважают свой выбор в соответствии с национальными интересами.

2. Сохранение мира и стабильности не только отвечает интересам стран региона, а также способствует мирному развитию международной обстановки.

3. Стабильность и безопасность региона могут быть обеспечены только совместными усилиями государств Центральной Азии на основе взаимной поддержки и сотрудничества.

4. Государства Центральной Азии готовы к дальнейшему укреплению сотрудничества на двусторонней основе и в рамках международных организаций в целях совместного обеспечения безопасности, стабильности и развития в регионе [2].

В условиях современной глобализации отношения между государствами Центральной Азии вышли на новый уровень. Отношения между ними можно охарактеризовать следующим образом: отношения характеризуются взаимным доверием; общие интересы безопасности; при этом поставлена задача борьбы с терроризмом, экстремизмом и сепаратизмом; дальнейшее развитие событий в мире обусловлено необходимостью противодействия общим международным угрозам, таким как, в частности, сирийский кризис и международный терроризм; многомерная торгово-экономическая устойчивое развитие сотрудничества [4].

Укрепление интеграции в Центральноазиатском регионе также находится в центре внимания таких стран, как Россия и США. США, стремящиеся к дальнейшему развитию трансатлантического сотрудничества с Россией и ее экономическим и военным участием, которые защищают советскую историческую судьбу со своими странами в регионе, с большим доверием и подозрением относятся к модели развития Запада [5].

Таким образом, в целом связь между интеграционными возможностями и ожиданиями центральноазиатских государств поднялась на исторически значимый и качественный уровень.

В современных условиях углубления глобализации для государств Центральной Азии ускорение экономического развития в условиях глобального финансового кризиса тесно связано с укреплением национальной и региональной безопасности. Поэтому можно с уверенностью сказать, что отношения, начинающиеся с общей силы и общих интересов, возлагают большие надежды.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Романов М.И. Глобализация как феномен мирового развития. Российский экономический университет имени Г.В. Плеханова, Москва, Россия. Международный научно-исследовательский журнал. № 07 (73) 2018 Июль. – С. 110.

2. Gundogdu A. ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В ПЕРИОД ГЛОБАЛИЗАЦИИ И РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ. Вестник Атырауского университета имени Халела Досмухамедова. 2021;63(4):6-14. https://doi.org/10.47649/vau.2021.v63.i4.01
3. Nazarbaev N.Ä. Qazaqstan - 2030: Qazaqstan halqyna el Prezidentınıñ Joldauy. - Almaty: İuris, 2003. 230 b.
4. Manfred B. Steger. Globalization. Audiobook (5) A Very Short Introduction. Tantor Media, Inc. Release 27 July 2021.
5. Shahid H. Raja. Globalisation: Challenges & Response. Mar 16, 2018. https://shahidhraja.medium.com/globalisation-challenges-response-477b80ed91ab (Дата обращения: 15.03.2023)
6. Arnett, J. J. The Psychology of Globalization. http://search.proquest.com/socialsciences/docview/614375322/9BB999FBD07F 4417PQ/11?accountid=14496
7. Измайлова Н. С. Феномен глобализации. (на английском языке). МГИМО (У) МИД России. 2017. https://mgimo.ru/upload/iblock/288/izmailova.pdf (Дата обращения: 15.03.2023)
8. Crane A., Matten D. Business ethics: Managing corporate citizenship and sustainability in the age of globalization. Oxford University Press, 2016. Pages 18- 23.
9. Manfred B. Steger and Paul James. Ideologies of Globalism. // Paul James and Manfred B. Steger, eds, Globalization and Culture: Vol. 4, Ideologies of Globalism, Sage Publications, London, 2010.

## ОСИЁ МАРКАЗӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ҲАМГИРОӢ

Дар мақолаи мазкур раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Рушди умумии инсон иборат аст, аз фароҳам овардани қонуниятҳо ва тамоилҳои муштарак, ки онҳо ба ҳамаи давлатҳо дахл доранд. Баъди ба истиқлол расидан давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо мақсади ба роҳ мондани равобити босамару баробар дар сатҳи ҷаҳонишавӣ мекӯшанд. Ба анҷом расидани ҷанги сард, паёмадҳои экологӣ, афзоиши тобеияти иқтисодӣ боиси тавсиаи масоили дар боло зикргардида мегарданд. Масъалаи ҷаҳонишавӣ тадриҷан барои ин кишварҳо на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки сиёсӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ касб мекунад. Муштараксозӣ ва равандҳои ҳамгироии ҳаёти иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ тамоили нав дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки он дар натиҷаи пеш омадани зарурати мустаҳкам намудани бехатарии давлатӣ ва миллии кишварҳо ба миён омадааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, умумимиллӣ, Осиёи Марказӣ, ҷаҳони муосир, бехатарӣ, истиқлол.

## ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В ПРОЦЕССАХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ИНТЕГРАЦИИ

В данная статье обсуждается процесс глобализации и интеграции в Центральной Азии. Общее развитие человечества создает общие закономерности и тенденции развития, которые невольно просчитывают все государства. После обретения независимости государства Центральноазиатского региона сосредоточили свою внешнюю политику на глобальных отношениях с целью установления эффективных равноправных отношений. С окончанием холодной войны, огромные экологические риски, усилили экономическую зависимость и привели к ее максимальному расширению, придав феномену «глобализации» не только экономический, но и политический, исторический, географический и культурный характер. Интернационализация и интеграция интеграционных процессов, общественной жизни в Центральной Азии - это новая тенденция в системе международных отношений, рожденная в результате необходимости укрепления национальной и государственной безопасности государств.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глобализация, интеграция, интернационализация, Центральная Азия, современный мир, безопасность, независимость.

## THE PROCESSES OF GLOBALIZATION AND INTEGRATION IN CENTRAL ASIA

This article is devoted to the processes of globalization and integration in Central Asia. The general development of mankind creates common patterns and development trends that all states unwittingly calculate. After gaining independence, the States of the Central Asian region focused their foreign policy on global relations in order to establish effective equal relations. With the end of the cold war, huge environmental risks increased economic dependence and led to its maximum expansion, giving the phenomenon of "globalization" not only economic, but also political, historical, geographical and cultural character. Internationalization and integration of integration processes and public life in Central Asia is a new trend in the system of international relations, born as a result of the need to strengthen the national and state security of states.

**KEYWORDS:** globalization, integration, internationalization, Central Asia, modern world, security, independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидова Фарзона*** **-** Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)882155555**. E-mail: **farzonanuriddin@icloud.com**

**Сведения об авторе:** ***Саидова Фарзона*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон:** (+992)882155555. **E-mail:** farzonanuriddin@icloud.com

**Information about the author:** ***Saidova Farzona*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992)882155555.** E-mail: **farzonanuriddin@icloud.com**

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА МУШКИЛОТ ВА ПЕШОМАДИ ИНКИШОФИ СИСТЕМАҲОИ ҲИЗБӢ ДАР АФҒОНИСТОНИ МУОСИР

***Абдулманон Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунҳои Афғонистон дар робита бо ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки онҳо дар интихобот комилан дорои тазод аст. Қонуни интихобот махсусан ҳаққеро, ки Қонуни асосӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам овардааст, бо ислоҳ накардан онро бекор мекунад. Ин амр бо як нигариши густурдаи мардумӣ, ки он ҷо сароҳатан иҷоза дода нашавад, мамнуъ аст, тақвият мешавад. Ин амр ҳамчунон дар мамнунияти амали гурӯҳҳои парламентӣ, ки дар ростои ҷараёнҳои ҳизбӣ созмондеҳӣ шудааст, дар ҳеч як аз қонунҳо ва муқаррарот қарор нагирифтааст [4]. Аммо ба ҳар ҳол дар натиҷаи норозигиҳои Раиси ҷумҳурии пешин Ҳамид Карзай аз ҳизбҳои сиёсӣ қобили иҷро аст. Норозигиҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ, парламентро бидуни ҳизбҳои сиёсӣ порча-порча ва мустаиди дасткорӣ нигоҳ медорад.

Илова бар ин, системаи раъйи инфиродии ғайриқобили интиқол, ки дар интихоботи парламентӣ истифода мешавад низ алайҳи ҳизбҳои сиёсӣ табъиз қоил мешавад, зеро зуҳури онҳоро ба варақаи возеҳ ва тафовут аз номзадҳои ҳизбӣ маҳрум месозад. Ин, ҳамчунин, боиси заифии робитаҳои ҳизби аъзои парламент мешавад. Ин муқаррарот нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот раёсати ҷумҳуриро камтар мутаассир месозад. Гарчи эҷоди эътилоф ба сабки қадимро, ҷойе ки ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ба таври муваққат ба далели тактикҷ тақсим шаванд ва танҳо рӯйи роҳбаронашон ҳисоб мешавад дар ҳоле, ки аъзои он хориҷ аз раванди тасмимгирӣ қарор мегиранд, ташвиқ менамояд.

Дар ҳоле, ки давлат аз қонунҳои Афғонистон дар мавриди ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобот аз ҳайси абзор барои ҷилавгирҷ аз фаъолияти ҳизби сиёсӣ истифода кардааст, қонунҳои мавҷударо, ки метавонад ба демократӣ шудани бештари ҳизбҳои сиёсӣ кумак кунад, татбиқ накардааст. Ҳукумат муддаӣ аст, ки мушкил дар зиёдии ҳизбҳои сиёсӣ буда, дар набуди амалкарди демократии дохилии онҳост. Дар натиҷа сайъ шудааст, ки теъдоди онҳоро аз тариқи абзорҳои идорӣ монанди маъракаҳои сабт ва сабти муҷаддаду бекор кардани он, коҳиш диҳад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ин талошҳо ҳамеша қабл аз интихоботи парламентӣ мисли як ҳаракати қасдӣ дар ҷиҳати монеи фаъолиятҳои ҳизб дақиқан замоне, ки онҳо бояд рӯйи баёни фаъолиятҳои сиёсии интихоботияшон ба райъдиҳандагон диққат кунанд, иттифоқ афтодааст.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифҳо ва хусусиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ бояд гуфт, ки мушкили умдаи ҳизбҳои сиёсии Афғонистон надоштани шуъбаҳо дар саросари кишвар ва вобаста будани ҳизбҳои сиёсӣ ба афрод ва муассисони он намебошад. Вобаста будани ҳизбҳои сиёсӣ ба фард ё аъзои муассисон боис мешавад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳеч вақт дорои созмон нашаванд, ки баъд аз фавти муассис он битавонад ба фаъолияти худ идома диҳад. Яъне, ҳизбҳои сиёсӣ бо поён ёфтани умри муассиси ҳизб хотима меёбанд.

Набудани созмон, ҳамчунин, боис мешавад, ки аз лиҳози молӣ низ ҳизбҳои сиёсӣ вобаста ба муассисони худ бошанд. Бинобар ин, ҳизбҳои сиёсӣ беш аз оне, ки дар ростои ҳадафи муштарак кор намоянд, бештар бар садади дастёбӣ ба аҳдофи як фард мебошанд. Вобастагии молии ҳизбҳои сиёсӣ ба афрод, надоштани ҳадафи муштарак, набудани як созмон ва надоштани шуъбаҳо дар саросари кишвар нишонгари ин масъала аст, ки мо ҳизбҳои сиёсии ба маънии таърифшуда камтар дорем.

Дар таърихи сиёсӣ ва инкишофи Афғонистон маврид ва намунае мушоҳида намешавад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ бо ҳам ба хотири касби қудрати сиёсӣ эътилоф ташкил дода бошад. Шакл нагирифтани эътилофи сиёсӣ ба чанд далел аст. Аввал; эътилофи сиёсӣ замоне шакл мегирад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсии гуногун ба вуҷуд омада бошанд. Шаклгирии ҳизбҳои сиёсӣ ба замони ҳукумати Зоҳиршоҳ бармегарад. Дар замони Садриаъзам Шоҳи Маҳмуд фазои сиёсӣ ва иҷтимоӣ боз шуд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва

гурӯҳҳои зиёди мухталиф шакл гирифт. Аммо ин давра ба лиҳози замони бисёр кам буд. Шоҳ Маҳмуд фақат ба муддати ду сол фазои бози сиёсӣ ва фаъолияти озодро ба вуҷуд овард, ки гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Аммо бо шаклгирии ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои мухталиф ва ворид кардани фишор ба давлат, худи Шоҳ Маҳмуд ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои мухталифро ҳал кард. Баъд аз давари Шоҳ Маҳмуд дар даҳаи демократия бо Садри Аъзами чаҳор нафара фазои нисбатан хубе барои шаклгирии ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам шуд. Гуфта метавонем, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки акнун вуҷуд дорад реша дар даҳаи демократия дорад. Решаҳои Ҳизби исломҷ ва Ҷамъияти исломҷ, бархе ҳизбҳои сиёсӣ бо гароиши марксистӣ ва либераварақаӣ аз ҳамон давра аст. Аммо як даҳа барои демократиясозӣ фурсати каме аст. Бинобар ин, дар ин давра низ эътилофҳои сиёсӣ шакл нагифт. Бо табаддулоти Довудхон ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ низ аз байн рафтанд. Довудхон як ҳизб ба вуҷуд овард ва дар раъси он низ худаш буд. Ба ҳизбҳои сиёсии дигар фурсат ва иҷозаи фаъолият намедод.

Дуюм; далели дигар барои шакл нагирифтани эътилофи сиёсӣ миёни ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ ин аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ вобаста ба афрод буд. Ҳаёт ва марги ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ дар таърихи сиёсии Афғонистон вобаста ба ҳаёт ва марги муассиси он ҳизбу гурӯҳҳи сиёсӣ будааст. Фарди муассис дар бисёре мавридҳо фарди инҳисорталаб ва қавмпараст будааст. Иниҳисорталабии онҳо на танҳо монеаи шаклгирии эътилоф мешуд, балки боиси ба вуҷуд омадани ҷангу даргирӣ низ шудааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ҳам инҳисорталабии афроди муассиси ҳизб ва ҳам шакл нагирифтани як ҳизби демократӣ ва дорои як ниҳоди қудратманд боиси шакл нагирифтани эътилофи сиёсӣ шудааст.

**Сведения об авторе:** ***Лафизова Фарахноз Фуркатовна*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: (+992) 908000050.** E–mail: **farahnoz.lafizova@gmail.com.**

**Information about the author:** ***Lafizova Farahnoz Furkatovna*** **–** Tajik National University, master `s student. **Address:** 17, Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan. Phone **(+992) 908000050.**E–mail: **farahnoz.lafizova@gmail.com.**

# КОНСЕПСИЯ, ПРИНСИПҲО ВА ВАЗИФАҲОИ КУМИТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЛИБИ СУРХ

***Саиданоева Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди бомуваффақият анҷом ёфтани конференсияи Женеваи соли 1863 Совети федералии Швейтсария бо ташаббуси комитети Женева ҳукуматҳои ҳамаи давлатҳои Европа ва Америкаро ба конфренсияи дипломатӣ таклиф намуд, ки конвенсия оид ба вазъияти ярадоршудагон да ҷанг ва бехтар намудани муносибатҳои байни давлатҳо қабул карда шавад.

Аз тарафи Кумита даъват карда шудани Конференсияи дипломатӣ воқеаи дорои аҳаммияти бузург гардид, ки он аз 8 то 22 августи соли 1864 давом кард дар 16 давлат иштирок доштанд, " Конвенсияи якуми Женева дар бораи беҳтар кардани азоби ҷанговарони захмбардошта ва касалмандон ҳангоми ҷангҳо дар хушкӣ" қабул карда шуд.

Принсипҳо таҷассуми ҳадафҳо ва методҳои фаъолияти ҳаракат мебошад, ки барои муваффақшавӣ ба ҳадафҳои башардӯстонаи пешгирӣ ва сабук кардани азиятҳои одамӣ асос ёфтаанд, ба мухолифатҳои характери нажодӣ, динӣ ё идеологӣ дошта, дахолат намекунанд ва ҳангоми амалиётҳои ҷангӣ ба ягон ҷониб бартарӣ намедиҳанд. Ҳаракат мустақилу ихтиёрӣ ва умумиҷаҳонист (универсалист).

Принсипҳои асосие, ки дар Конвенсия ифода ёфтаанд, инҳо мебошанд:

-ёрӣ ба ярадоршудагон, сарфи назар аз миллат;

- бетарафии (масунияти) кормандони тиб ва муассисаю воҳидҳои тиббӣ;

-нишонаи фарққунанда - салиби сурх дар заминаи сафед.

1. Касалхонаҳо ( лазератҳо) ва госпиталҳои ҳарбии сайёр бетараф, дахлнопазир эътироф карда мешаванд, то ҳамон лаҳзае, ки дар онҳо захмбардоштагон ва касалмандон ҳастанд.

2. Бо ҳуқуқи бетарафӣ ҳайати шахсии госпитал ва касалхонаҳо (лазаретҳо), инчунин, ашхоси хизматии ёрирасон фаро гирифта мешаванд.

3. Ба ашхоси дар боло номбурда иҷозат дода мешавад, ки вазифаҳои худро то ҳамон вақте иҷро намоянд, ки ҷойи мустақиршавии онҳо аз тарафи муқобил ишғол карда шудааст ё то ҳамон вақте, ки ба онҳо барои ба ҷузъу томҳои артиши худ пайвастан иҷозат дода мешавад.

4. Сокинони маҳаллӣ, ки ба захмбардоштагон ёрӣ мерасонанд, аз дахлнопазирӣ истифода мебаранд ва озоданд, биноҳои истиқоматии онҳо посбонӣ карда мешавад, аз постгоҳҳои ҳарбӣ ва баъзе намудҳои товони ҷанг озод мебошанд.

5. Барои госпитал ва касалхонаҳои (лазаретҳои) сайёр парчами якхела қабул карда шуда, он ҳамеша дар якҷоягӣ бо парчами миллӣ гузошта мешавад. Барои ашхосе, ки бетарафӣ истифода мебаранд, иҷозат дода мешавад, ки дар остонаашон аз нишонаи махсусе бо тасвири Салиби Сурх истифода баранд.

Баъди қабули Конвенсияи Женеваи соли 1864 вазифаҳои Кумита бо назардошти талаботи амалӣ муайян карда шуданд, ки онҳо дар айни замон моҳияти маҳдуд доштанд.

1) Тартиботи ғояҳо ва дастгирии принсипҳои Салиби Сурх;

2) Маркази ҳаракати байналмилалӣ будан, ба таъсиси созмонҳои нави миллӣ мусоидат намудан ва дар байни созмонҳо ҷузъи пайвасткунанда гардидан.

3) Ҷиҳати иҷрои нишондодҳои Конвенсияи Женева назорат кардан, бо ҳукуматҳо ҳамкорӣ намудан.

4) Таъсиси Агенти иттилоотии махсус ва Агентӣ доир ба ҷустуҷӯ.

5) Танзими фаъолият доир ба расонидани ёрӣ.

Мохи октябри соли 1868 дар Женева конфренсияи дуюми дипломатӣ даъват карда шуд, ки барои аниқ кардани баъзе қоидаҳои конвенсияи соли 1864 ва махсусан барои дар корҳои ҳарбӣ дар баҳр татбиқ намудани принсипҳои конвесия. Моддаҳои иловагӣ, ки 20 октябри соли 1868 қабул шуда буданд, тасдиқ намуданд ва эътибор пайдо накарданд.

Конвесияи соли 1864 бо конвенсияҳои Женеваи солҳои 1906, 1920 ва 1949 аз рӯйи ҳамин масъала иваз карда шуд.Аммо фаъолияти он танҳо дар соли 1966, вақте, ки охирин давлати иштироккунандаи Конвенсияҳои соли 1949, ки ҳануз ба Конвенсияи баъдӣ ҳамроҳ нашуда буд (Ҷумҳурии Корея) фаъолияти худро қатъ кард [1,14].

Ҳамин тариқ, КБСС ба зимаи худ вазифаи асосогузори созмонҳои миллиро гирифт, вале дар баробари ин КБСС кӯшиш ба табдилёбии мақомоти роҳбарикунандаро надошт. Таъсир ва нуфуз ба созмонҳои миллӣ аз тариқи обрӯйи маънавию аҳлоқии он муйаян мегардид.

Дар баробари ин КБСС ҳаракати муташаккиле мебошад, ки он дар зери ном ва парчами ягона баромад мекунад. Чунин ягонагӣ аз ягонагии принсипҳо ва мақсади умумии расонидани ёрӣ ба ҳама одамон, бе истисноi ягон фарқияти одамоне, ки дар майдони ҷанг захм бардоштаанд ва баъд асири ҳарбӣ шудаанд ва аҳолии шаҳрвандӣ, ки қурбонии

низоъҳо шудаанд, муайян гардидаанд. Минбаъд созмонҳои миллии Салиби Сурх ба аҳолӣ дар замони осоишта ҳам ёрӣ мерасондагӣ мешаванд, аз он ҷумла, ба касалмандони аҳолии шаҳрвандӣ, дар мавриди ҳодисаҳои табиат, барои тайёр кардани ҳамшираҳои шавқат омӯзишгоҳҳо мекушоданд. Ташкил намудани Салиби ба ислоҳоти ҳамагонии хадамоти ҳарбию тиббӣ мусоидат намуд [5].

Имрӯз фаъолияти КБСС, ғайр аз масъалаҳои дар боло зикрёфта, чунин соҳаҳоро низ дар бар мегирад: расонидани ёрӣ ба гурезаҳо ва категорияҳои дигари аҳолӣ, ки ба ёрӣ эҳтиёҷ доранд, миёнаравӣ ҳангоми низоъҳои мусаллаҳонаи дорои моҳияти ғайрибайналмилалӣ, фаъолият ба фоидаи маҳбусон ва ғайра. Бо назардошти ин гуфтаҳо вазифаҳои асосии КБСС чунин тағйир ёфтаанд:

- Дастгирии принсипҳои асосии бунёди Салиби Сурх.
- Эътирофи созмонҳои нави миллии Салиби Сурх.
- Паҳн намудани донишҳо доир ба Конвенсияҳои Женева.
- Татбиқи фаъолият дар асоси мақоми бетараф ва мустақилона.
- Фаъолият ба сифати миёнрави бетераф дар мавриди ба вуқуъ омадани низоъҳои ҳарбӣ ва бетартибиҳо.

Ҳамин тариқ, аз лаҳзаи таъсиси худ КБСС асосан баҳри ба амал баровардани некукорӣ фаъолият дошта, ба одамон ҳарҷониба кумак мерасонад ва дастгирӣ менамояд, ки ба он эҳтиёҷ доранд. КБСС фаъолияти худро дар шароите ба амал мебарорад, ки ҳуқуқҳои инсон аз ҳад зиёд поймол карда мешаванд [3,59].

Ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва шаъну шарафи инсон, махсусан ҳангоми офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода ва мусоидат намудан ба беҳтар шудани некуаҳволии иҷтимоӣ, ихтиёран муттаҳид намудани саъю кӯшиши фардӣ ва ҷамъиятӣ барои расондани ёрии рафоқат, хайрхоҳӣ ва дигар кумакҳои башардӯстона ба ҳамаи ниёзмандон мақсади асосии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ба шумор рафта, барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд принсипҳои муайян риоя карда шаванд, ки принсипҳои Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх инҳо мебошанд [2,63].

**Башардӯстӣ**. Муҳофизат намудани ҳаёт ва саломатӣ, инчунин.ю таъмин кардани эҳтироми ҳар як фарди ҷомеа. Ҳаракат намудан ба инкишофи хамфикрӣ, дӯстӣ ва хамкорӣ, ки барои мустаҳкам шудани сулҳи байни халқҳо мусоидат менамояд;

**Беғаразӣ**. Вуҷуд надоштани фарқиятҳои миллӣ, нажодӣ, синфӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ дар байни одамон. Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх кӯшиш мекунад, ки дарду ранҷи одамонро сабук кунад, танҳо ниёзҳои онҳоро ба роҳ монда, дар навбати аввал ба онҳое, ки ба кӯмак бештар ниёз доранд, ёрӣ расонад;

**Бетарафӣ**. Боварии умумӣ, бетарафӣ ҳангоми даргириҳои мусаллаҳона, дар баҳсҳои дорои хусусияти сиёсӣ, динӣ, нажодӣ ё идеологӣ;

**Соҳибистиқлолӣ**. Ҷамъиятҳои миллӣ дар баробари кумак ба хукуматҳои худ дар фаъолиятҳои башардӯстона ва эҳтиром ба қонунҳои кишварҳояшон, бояд ҳамеша истиқлолияти худро нигоҳ доранд, то мувофиқи принсипҳои бунёдӣ амал кунанд;

**Ихтиёрӣ**. Дар фаъолияти худ оид ба расонидани кумак Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ба даст овардани фоидаи моддӣ роҳнамоӣ намекунад;

**Ягонагӣ**. Дар ҳар як кишвар танҳо як Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмар вуҷуд дошта метавонад. Он бояд барои ҳама шаҳрвандон боз буда, дар саросари кишвар фаъолиятҳои башардӯстонаи худро амалӣ намояд;

**Гуногунҷанбавӣ**. Салиби Сурхи байналмиллалӣ дар саросари ҷаҳон фаъолият намуда, ҳама ҷамъиятҳои ба он дохилшуда баробаранд ва уҳдадориҳои баробар доранд, ки ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд.

Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ҳадафи худро, ки вазифаи аосии он аст, барои таъмини ҳимоя ва расонидани кумак ба зарардидагон дар низоъҳои мусаллаҳона ва муқовимати дохилӣ мебинад. Принсипҳое, ки асоси фаъолияти кумита мебошад, аз он иборат аст, ки ҳатто рафти <u>ҷанг</u> бояд дар доираи муайяни маҳдудиятҳо дар усул ва воситаҳои пешбурди амалиёти низомӣ ва рафтори солими тарафҳои даргири муқобил бояд риоя карда шаванд. Маҷмуи асосии он, дар ҳуқуқҳои байналмилалии башардӯстона акс ёфтааст, ки асоси он <u>Конвенсияи Женева</u> мебошад. Конвенсияи Женева аз ҷониби ҳамаи

давлатҳои ҷаҳон ба имзо расид ва ин амал нишон медиҳад, ки он бештар хислати умумӣ нисбат ба ҳамаи дигар созишномаҳои байналмилалӣ дорад.

Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх — ташкилоти мустақил ва бетараф аст. Тибқи мандати ба Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх супоридаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкилот мувофиқи принсипи беғаразӣ, ба шахсони таҳти ҳабс ҷойдошта, беморон, захмдоштагон ва шаҳрвандон, инчунин ба шахсоне дар натиҷаи муқовимати мусаллаҳона зарар дидаанд, кумак мерасонад [4].

### АДАБИЁТ


1. Бирюков П. Н. Международное право / П.Н. Бирюков. - М:«Юрист», 2001 г.
2. Женевские конвенции и дополнительные протоколы к ним. // Международный Комитет Красного Креста, - М.: «Инфра-М».- 1997.-162с.
3. Коваленко И. И. Международные неправительственные организации. -М.: Междунар. отношения, 1976. 166 с
4. Кодекс поведения международного движения красного креста и красного полумесяца и неправительственных организаций (НПО) при осуществлении операций помощи в случае стихийных бедствий и катастроф. // http://library.cjes.ru/online/
5. Международный Комитет Красного Креста/ Майкл Игнатьефф. //Сборник «Военные преступления»,М.: «Текст»,2002.-270с.


### КОНСЕПСИЯ, ПРИНСИПҲО ВА ВАЗИФАҲОИ КУМИТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЛИБИ СУРХ


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба консепсия, принсипҳо ва вазифаҳои Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх маълумот дода, онро ташкилоти мустақил ва бетараф шуморидааст. Инчунин, муаллиф дар мақола оид ба ҳадафи Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх, ки барои таъмини ҳимоя ва расонидани кумак ба зарардидагон дар низоъҳои мусаллаҳона ва муқовимати дохилӣ мебинад, қайд намудааст. Қайд карда шудааст, ки барои ноил шудан ба ин ҳадаф принсипҳои муайян риоя карда мешаванд, ки онҳо беғаразӣ, бетарафӣ, соҳибистиқлолӣ, ихтиёрӣ, ягонагӣ ва гуногунҷанбавӣ мебошанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх, ташкилот, ташкилоти ғайриҳукуматӣ, сохтори КБСС.


### КОНЦЕПЦИЯ, ПРИНЦИПЫ И ЗАДАЧИ МЕЖДУНАРОДНОГО КОМИТЕТА КРАСНОГО КРЕСТА


В данной статье автор предоставляет информацию о концепции, принципах и задачах Международного Комитета Красного Креста, считая его независимой и нейтральной организацией. Также автор отметил в статье о цели Международного Комитета Красного Креста, которая заключается в обеспечении защиты и помощи жертвам вооруженных конфликтов и внутреннего сопротивления. Отмечается, что для достижения этой цели соблюдаются определенные принципы, а именно беспристрастность, нейтральность, независимость, добровольность, единство и многообразие.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Международный комитет Красного Креста, организация, неправительственная организация, структура МККК.


### CONCEPT, PRINCIPLES AND TASKS OF THE INTERNATIONAL COMMITTEE OF THE RED CROSS.


In this article, the author provides information about the concept, principles and tasks of the International Committee of the Red Cross, considering it an independent and neutral organization. The author also noted in the article about the goal of the International Committee of the Red Cross, which is to provide protection and assistance to victims of armed conflicts and internal resistance. It is noted that in order to achieve this goal, certain principles are observed, namely impartiality, neutrality, independence, voluntariness, unity and diversity.



**KEYWORDS:** International Committee of the Red Cross, organization, non-governmental organization, ICRC structure.



**Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Саиданоева Гулчеҳра*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 004-400-141.**

**Сведения об автор*е:* *Саиданоева Гулчехра*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 004-400-141.**

**Information about the author**: ***Saidanoeva Gulchehra*** – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 004-400-141.**

# РЕЙТИНГОВАЯ СИЛА И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ

*Шакирова Ф.*
**Таджикский национальный университет**

В современном мире стремительного развития информационных технологий и международных отношений рейтинговая сила приобретает все большее значение в контексте политического и экономического влияния. Рейтинговые агентства, такие как Standard & Poor's, Moody's и Fitch Ratings, играют важную роль в определении кредитоспособности стран, компаний и финансовых инструментов. Эти рейтинги не только влияют на финансовые рынки, но и оказывают значительное воздействие на политическую и экономическую сферы. В данной статье мы рассмотрим, как рейтинговая сила может стать инструментом политического и экономического влияния.

1. Рейтинговая сила и политическое влияние:

Рейтинговые агентства могут оказывать влияние на политические решения государств, поскольку оценка кредитоспособности страны может повлиять на ее доступ к международным финансовым рынкам. Снижение рейтинга может привести к повышению затрат на заем, ограничениям в получении финансирования и даже финансовому кризису. Поэтому, чтобы поддерживать или улучшать свою рейтинговую оценку, государства могут быть вынуждены принимать определенные политические решения, включая экономические реформы и сокращение бюджетных дефицитов.

2. Рейтинговая сила и экономическое влияние:

Рейтинги компаний и финансовых инструментов также играют важную роль в экономической сфере. Высокий рейтинг может привлечь инвесторов, обеспечить доступ к капиталу и способствовать развитию бизнеса. Однако низкий рейтинг может оттолкнуть инвесторов и создать финансовые проблемы для компаний. Таким образом, рейтинговая сила может стать инструментом экономического влияния, поскольку она может повлиять на решения инвесторов, решения по выделению кредитов и развитию бизнеса.

3. Политическое использование рейтинговой силы:

Политические лидеры и правительства могут использовать рейтинговую силу в своих интересах. Например, они могут стремиться улучшить рейтинг своей страны, чтобы привлечь больше инвестиций и обеспечить экономический рост. Для этого они могут предпринимать меры по снижению бюджетного дефицита, внедрению экономических реформ и повышению прозрачности финансовой системы. Такие действия помогут улучшить оценку кредитоспособности страны и повысить ее привлекательность для инвесторов.

4. Экономическое влияние рейтинговой силы:

Рейтинговые агентства имеют значительное влияние на финансовые рынки и решения инвесторов. Высокие рейтинги компаний и финансовых инструментов способствуют притоку капитала и развитию бизнеса. В то же время, низкие рейтинги могут вызвать панику среди инвесторов и привести к снижению цен акций и облигаций. Таким образом, рейтинговая сила может использоваться компаниями и правительствами для привлечения инвестиций, а также для повышения своего статуса на международной арене.

5. Критика и вызовы рейтинговой силе:

Тем не менее, рейтинговая сила также сталкивается с критикой и вызовами. Ее оценки иногда могут быть непредсказуемыми или недостаточно объективными. Кроме того, возникают вопросы о независимости рейтинговых агентств и их потенциальном конфликте интересов. Некоторые страны и компании также высказывают обвинения в политическом манипулировании через рейтинговую силу.

Рейтинговая сила является мощным инструментом политического и экономического влияния. Оценки, выставленные рейтинговыми агентствами, могут иметь значительное

воздействие на политические решения государств и экономическое развитие компаний. Высокие рейтинги способствуют привлечению инвестиций, облегчают доступ к финансированию и повышают привлекательность субъекта для международных партнеров. Однако, необходимо учитывать критику, связанную с возможным конфликтом интересов и недостаточной объективностью рейтинговых агентств.

Рейтинговая сила является двуединойным инструментом. С одной стороны, она может способствовать прогрессу и стимулировать страны и компании к принятию положительных политических и экономических мер. С другой стороны, она может быть использована для манипуляций и создания зависимости от международных финансовых институтов.

Важно обеспечить более прозрачный процесс оценки рейтинговыми агентствами, снизить возможность конфликта интересов и улучшить независимость оценок. Кроме того, государства и компании должны развивать свои внутренние ресурсы и возможности для оценки своей кредитоспособности и привлечения инвестиций, не полностью полагаясь на рейтинговые агентства.

Рейтинговая сила будет продолжать играть важную роль в политическом и экономическом контексте, однако она должна быть использована с осторожностью и прозрачностью, чтобы минимизировать возможность негативных последствий и обеспечить справедливость и эффективность ее применения.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Рейтинговая дипломатия: роль рейтинговых агентств в мировой политике / М. С. Калюжный // Вестник Московского государственного областного университета. – 2017. – № 3 (26). – С. 176-182.

2. Рейтинговые агентства: международные стандарты и вызовы современности / А. С. Марченко // Научный вестник МГИМО-Университета. – 2019. – Т. 11. – № 3. – С. 68-79.

3. Рейтинговая дипломатия: эффективный инструмент международного сотрудничества / А. А. Шереметьева // Известия Южного федерального университета. Политические науки. – 2018. – Т. 18. – № 4. – С. 59-69.

4. Рейтинговые агентства и мировая экономика: анализ взаимодействия / И. Н. Багрянцев // Экономические исследования. – 2016. – Т. 16. – № 1. – С. 139-148.

5. Рейтинговые агентства: возможности и проблемы использования / Н. А. Чеснокова // Вестник УГТУ-УПИ. Серия: Экономика и управление. – 2018. – Т. 22. – № 4. – С. 23-33.

6. Рейтинговые агентства: принципы работы и влияние на финансовые рынки / С. А. Беляева, А. В. Макаров // Финансы и кредит. – 2019. – Т. 25. – № 4. – С. 758-768.

## ҚУВВАИ РЕЙТИНГӢ ВА ТАЪСИРИ ИҚТИСОДӢ

Қувваи рейтингӣ воситаи тавонои таъсири сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Рейтингҳои аз ҷониби агентиҳои рейтингӣ додашуда метавонанд ба тасмимҳои сиёсии давлатҳо ва рушди иқтисодии ширкатҳо таъсири ҷиддӣ расонанд. Рейтингҳои баланд барои ҷалби сармоягузорӣ, осон кардани дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти мавзуъ барои шарикони байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, бояд танқиди марбут ба бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо ва нокифояи объективии агентиҳои рейтингиро ба назар гирифт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** қувваи рейтингӣ, таъсири иқтисодӣ, қувваи нарм, сиёсати ҷаҳонӣ.

## РЕЙТИНГОВАЯ СИЛА И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ

Рейтинговая сила является мощным инструментом политического и экономического влияния. Оценки, выставленные рейтинговыми агентствами, могут иметь значительное воздействие на политические решения государств и экономическое развитие компаний. Высокие рейтинги способствуют привлечению инвестиций, облегчают доступ к финансированию и повышают привлекательность субъекта для международных партнеров. Однако, необходимо учитывать критику, связанную с возможным конфликтом интересов и недостаточной объективностью рейтинговых агентств.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** рейтинговая сила, экономического влияния, мягкая сила, мировая политика.

## RATING POWER AND ECONOMIC IMPACT

Rating power is a powerful instrument of political and economic influence. The ratings issued by rating agencies can have a significant impact on the political decisions of states and the economic development of companies. High ratings help to attract investments, facilitate access to financing and increase the attractiveness of the subject for international partners. However, it is necessary to take into account criticism related to a possible conflict of interest and insufficient objectivity of rating agencies.

**KEYWORDS:** rating power, economic influence, soft power, world politics.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шакирова Фируза*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904466060.**

**Сведения об авторе:** ***Шакирова Фируза*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904466060.**

**Information about the author**: ***Shakirova Firuza*** – Tajik National University, master`s student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **904466060.**

# АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

***Нуров М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ буда, таҳлилу таҳқиқи он аҳаммияти назариявию амалӣ дорад. Аз ин рӯ, то ҳол роҷеъ ба мафҳумҳои калидии консепсияи амнияти миллӣ мафҳумҳои ягонаи илман асоснокшуда ва аз ҷониби ҳамагон эътирофшуда вуҷуд надорад ва барои ифодаи он мафҳумҳои «таҳдид», «омилҳои таҳдидомез», «омилҳои таҳдидзо», «хатар», «хавф» ва монанди инҳо ба кор бурда мешаванд.

Дар алоқамандӣ бо ин, барои шарҳу эзоҳи моҳияти падидаи мазкур, пеш аз ҳама, ба этимологияи мафҳумҳои дар боло зикргардида таваҷҷуҳ кардан зарур аст. С.И.Ожегов мафҳуми «таҳдид»-ро ҳамчун муошират муаррифӣ менамояд, ки ба воситаи он зарар ва хисорот расонида мешавад.

Ба ақидаи В.И.Дал мафҳуми «таҳдид» маъноҳои зеринро ифода менамояд: «таҳдид кардан, дар зери хавф қарор додан, тарсонидан, ба вуҷуд овардани хатар, тарсонида истодан».

Дар луғатномаҳои илмии замони муосир низ мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои манфӣ шарҳ дода мешавад. Чунончи, «тарсонидан, ваъдаи ба касе зарар ва хисорот расонидан» «ба касе нохушӣ ва бадбахтӣ овардан», «нияти расонидани зарари молию ҷонӣ ва дигар навъи зарар нисбат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин зери хатар қарор додани манфиатҳои шахсони алоҳида».

Ҳамин тариқ, зери мафҳуми «таҳдид» нияти ба касе ва ё чизе расонидани навъҳои мухталифи зарар фаҳмида мешавад. Дар заминаи ин, шарҳи мафҳуми «зарар» низ хеле муҳим аст. Зарар бошад, ба маъноҳои «талафот, аз даст додан, зиён» ва зиён бошад, дар маъноҳои «зарар, вайрон кардан ва харобӣ овардан» фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти илмии муосир бошад имрӯз мафҳуми амният ”миллӣ, минтақавӣ, байналхалқӣ” ба сифати синтези натиҷаҳои муттаҳидшавӣ, ҳамкориҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳар як кишвар ва ҳамаи онҳо дар маҷмуъ бо тамоми гуногуннавъии ҳаёти байналхалқӣ пешниҳод мешавад. Гоҳе ки сухан аз амнияти миллӣ меравад, пеш аз ҳама, амнияти давлат на ҳамчун низоми сохторҳои ҳукуматӣ ва идоравӣ, балки тарзи таърихан шаклгирифтаи мавҷудияти миллатҳо ё гурӯҳи миллатҳо ва қавмҳо дар назар дошта мешавад, ки инъикоси худро дар ниҳодҳои мувофиқи сиёсӣ ёфтаанд ва ин ниҳодҳо вижагии ҳамкориҳои ҷомеа ва давлат ва вазъи ҳуқуқи инсонро нишон медиҳанд. Масъалаи амният имрӯз дар ҷомеаи башар хислат ва нишонаҳои нав гирифта, гуногунрӯ, мутаҳаррик ва пур аз тазодҳост. Метавон гуфт, ки омилҳои зерин омӯзиши масъалаи амниятро мубрам гардонидаанд:

- *вазъи фалокатбори муҳити атроф;*
- *инкишофи равандҳои демографӣ, ки вазъиятро дар ҷаҳон ноустувор гардондаанд;*
- *фаъолияти амалан назоратнашавандаи антропогенӣ ва таъсири харобиовари он ба табиат;*
- *торафт косташавии захираҳои табиӣ дар ҳолати ба қадри кофӣ набудани таваҷҷуҳ ба инкишофи технологияи сарфкунандаи захираҳо;*

- *мавҷудияти василаҳои харобиовари пешбурди ҷанг ва афзудани теъдоди кишварҳои ҳавасманд (бахусус кишварҳои дар ҳоли рушд) ба мусаллаҳшавии бошитоб;*

- *афзудани низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо дар манотиқи гуногуни сайёра.*

Донишманди рус Ирина Прохоренко бар он андеша аст, ки амнияти миллӣ чунин мутобиқати шароити дохиливу хориҷист, ки ба ҳаёти давлат таъсир мерасонад ва дар ин ҳол таҳдидҳои ҷиддӣ вуҷуд надошта, давлат қобилияти вокунишро ба таҳдидҳои эҳтимолӣ гум накардааст». Дар ҳарду ҳолат амният ҳамчун вазъият ва сиёсат аз ду мабдаъ" манфиатҳои миллӣ ва қудрати кишвар бармеоянд. Дар идораи ягонаи фаъолияти давлатҳо набудани мақомоти роҳбарикунандаи олии ҷаҳонӣ кишварҳоро уҳдадор мекунад, ки дар ҳифзи манфиатҳои хеш фақат ба қувваи худ такя кунанд. Реализми нав бошад, мафҳуми «беназмии баркамол» -ро дохил мекунад, ки мувофиқи он институтҳои байналхалқӣ ва меъёрҳову қоидаҳои рафтори қабулшуда оқибати бархӯрди манфиатҳои давлатҳоро тасҳил мекунанд ва инчунин то андозае равобити байни кишварҳоро аз «сояи ҷанг» берун мекунанд. Воқеъгароёни нав исбот мекунанд, ки манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ бевосита бо сохтори низоми байналхалқӣ алоқаманданд. Аммо василаи асосии ба даст овардан ва ҳифзи амнияти миллӣ ҳам дар реализм ва ҳам дар реализми нав қудрат (пеш аз ҳама, ҷанбаи ҳарбиву сиёсии он) эътироф шудааст ва василаи асосии таъмингари амнияти байналмилалӣ бошад, тавозуни қувва аст. Боз як хусусияти муҳимми фаҳмиши реалистии мафҳуми амният он аст, ки пеш аз ҳама, хислати муҳофизатӣ дорад: амният ҳамчун ҳолати ғайри таҳдидангез фаҳмида мешавад. Чунин фаҳмиши амният нақши онро чун маҷмуи воситаҳо дар таъмини ҳолати осоиштагӣ ноаён мегузорад. Тавре ки донишманди рус Н.А. Косолапов менависад, бетаваҷҷуҳӣ ба чунин ҷанбаи амният чун қобилияти рақобатнокии давлат дар мубориза барои ҳифзи мавҷудият ва пешравии хеш метавонад оқибатҳои ҷиддӣ ба бор орад. Иттиҳоди Шуравӣ бештар ба таҳкими иқтидори ҳарбии худ, мақомоти махсуси дохилӣ таваҷҷуҳ мекард, вале на аз чизе, ки худро ҷиддӣ ҳифз мекард, яъне на аз ҳуҷуми душмани хориҷӣ ва на аз иғвои дохилӣ, балки аз ҳисоби ғайрифаъол будани система барҳам хӯрд.

Аз нуқтаи назари реализми сиёсӣ бозингари асосии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ кишвар аст. Маҳз кишварҳо сабабу натиҷа, айбдори асосӣ (сарчашмаи таҳдидҳо) дар таҳдид ба амният мебошанд.

Аз таҳқиқоти аксари муҳаққиқон бармеояд, ки «манфиатҳои миллӣ», «бақои кишвар» (survival), «ҳифзи мавҷудияти кишвар» ва «амнияти миллӣ» мафҳумҳои мухталифе ҳастанд, ки мутаваҷҷеҳи як маънӣ ва падида мебошанд ва он ҳам «ҳифзи вуҷуди худ» аст. Амният падидаи собит ва мушаххас нест, омили забон, идеологӣ ва авзоъ ва аҳволи байналмилалӣ ва ҳамчунин мавқеияти кишвар ва диду назари роҳбарон дар чигунагии амният ва роҳи бадасторӣ ва ҳифзи он таъсири босазое дорад.

Маъмулан, амнияти мамлакатро баробар бо қудрат ва амнияти низомӣ медонанд. Аъмоли қудрати низомӣ, яъне наздикшавӣ ба ҷанг барои ҳифзи амният ва касби манфиатҳои миллӣ яке аз равишҳои маъмул дар равобити байналмилал будааст. Вале ин ба он маънӣ нест, ки амният фақат аз тариқи аслиҳа, технологияи ҷангӣ ва доктринаҳои низомӣ ба даст меояд, балки ҷанг ва такя ба қудрати низомӣ маъмулан ба унвони охирин роҳи ҳал ё васила ба кор гирифта шуда ва мешавад.

Кишварҳо дар гузашта ва то ба ҳол барои ҳифз ва касби амният дар саҳнаи сиёсати хориҷӣ тактика ва роҳҳои дигареро низ мавриди истифода қарор додаанд, ки баъзе аз онҳо бар асари шикаст дур шудаанд, вале теъдоде ҳанӯз ҳам мавриди қабул ва роиҷ мебошанд. Баъзе дигар аз роҳҳое, ки барои ҳифзу касби амният дар равобити байналмилал ба кор рафтааст, ба қарори зер аст:

*а) канораҷӯӣ;*

*б) адами таахҳуд ё адами вобастагӣ ба паймони мухталиф (бетарафӣ);*

*в) тавозуни қувва;*

*г) амнияти дастаҷамъӣ ва эҷоди созмонҳои байналмилалӣ;*

*ғ) эҷоди иттиҳодҳои мудофиавӣ ва қарордодҳои низомӣ;*

*д) дипломатия.*

Амнияти миллӣ категорияи сиёсат аст, ки усул, восита ва роҳҳои таъмини манфиатҳои миллии давлатро ҳам дар дохили давлат ва ҳам дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ифода мекунад. Амнияти байналхалқӣ бошад, чунин ҳолати муносибатҳои байналхалқиро устувор мекунад, ки дар он манфиатҳои миллии ҳамаи субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ амалӣ мешаванд. Амниятро ҳамеша вобаста аз қудрати низомӣ донистаанд, аммо амниятро наметавон фақат аз тариқи қудрати низомии кишвар ба даст овард. Амнияти мамлакат мумкин аст ҳатто дар сурати доро будани қудрати низомии қобили мулоҳиза аз ҷиҳати мутааддид ба хатар афтад. Метавон гуфт, ки омилҳо ва падидаҳои зерин амнияти кишварро ба хатар меандозанд:

1. Зуҳур ва тавсеаи идеологияе, ки мухолифи идеологияи ҳокими кишвари дигар бошад;
2. Афзуншавии аҳолии кишвари ҳамсоя (бахусус ҳамсояи душман);
3. Пешрафти иқтисодии кишвари ҳамсоя (бахусус ҳамсояи душман);
4. Такяи иқтисодӣ, илмӣ, низомии зиёд ба кишвари хосе;
5. Адами суботи иҷтимоӣ;
6. Заифӣ ва кӯчакӣ (аз назари қудрат);
7. Мавқеияти номусоиди ҷуғрофӣ;
8. Афзоиши қудрати низомии кишвари душман.

Аз дигар ҷиҳат, дар роҳи пиёда кардани ҳадафҳои худ, давлат бо дигар давлатҳо муносибат дорад, ки дар амалишавии онҳо ё мусоидат мекунанд ё муқобилият мекунанд. Барои ҳамин консепсияи амнияти миллии ҳар як кишвар бояд бо назардошти таҳдидоти хориҷию дохилӣ бунёд карда шавад.

Таърихан се воситаи асосии таъмини амнияти миллӣ маълум аст. Воситаи аввал ба худпарастии иҷтимоӣ ва имконияти ҳар худсарӣ дар амалисозии он такя мекунад. Моҳиятан ин бо зӯрӣ бор кардани ниёзҳои худ ба дигарон мебошад, ки барои он бартарии худ зарур аст (воситаи ҳифзкунанда).

Воситаи дуюм низ ба қувва, ба имконияти муқовимат ба таҷовузгари эҳтимолк такя мекунад. Бо вуҷуди ин номатлубӣ ё ҳатто дастнорас будани зӯрии ҳукмфармо ба онҳое, ки ҳозир на таҷовузгари воқеӣ ва на эҳтимолӣ мебошанд, эътироф мешавад (воситаи рақобатӣ). Моҳияти воситаи сеюм бо кӯшиши ба даст овардани амният тавассути умуман даст кашидан аз зӯрӣ, тавассути раванди халъи силоҳи умумӣ алоқаманд аст. Дар замони муосир ғайривоқеӣ будани ин восита аён аст. Барои ҳамин дар амалияи сиёсӣ ҳангоми эҷоди низоми амнияти миллӣ ду консепсияи аввал истифода мешавад.

Тайи асрҳои зиёд қувва ва афзалияти ҳарбӣ ба давлат барои ҳифзи худ ва ҳуҷум хизмат кардааст. Ҳар қадаре ки давлат аз лиҳози ҳарбӣ неруманд мебуд, ҳамон қадар эҳтимоли ба ҳуҷуми давлати дигар гирифтор шуданаш кам мешуд. Қувва ё неру ба давлат имконият медод, ки ҳудудҳои ҳамсояро ғасб карда, бо ҳамин хавфи ҳуҷумро аз хориҷ коҳиш диҳад. Ҳамзамон, истифодаи қувва чун воситаи асосӣ алайҳи душман ба давлат имкони ба ҳадаф расиданро медод. Дар шароите, ки манфиатҳои миллӣ дар асоси ҳифзи ҳудуди давлатӣ, аҳолӣ ва манбаъҳои табиӣ шакл мегирифт, қувваи ҳарбӣ ҳамчун сифати асосии ҳокимият ва қудрати давлат баромад мекард. Дар ин замина метавон гуфт, ки консепсияи амнияти миллӣ муддати мадид самти хориҷӣ дошт. Ва дар ин бобат ҷузъи таркибии он стратегияи сиёсати хориҷӣ, таҷрибаи дипломатӣ, барномаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва таъминоти низомӣ буд. Таъмини амнияти миллӣ, бешак, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати хориҷии ҳар кишвар дар ҳар давру замон ба шумор меравад. Зарурияти дифоъ аз кишвар дар баробари таҷовузи эҳтимолӣ маъмулан аз авлавияти хосе бархӯрдор аст. Фақат замоне ин омили аҳаммият метавонад коста шавад, ки мақоми ҳуқуқи байналмилалончунон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди эҳтиром қарор гирад, ки дигар ҳеҷ кишваре хаёли таҷовуз ба дигареро дар сар напарваронад ва ё созмонҳои байналмилалӣ аз чунон неруи фавқдавлатӣ бархӯрдор шаванд, ки битавонанд аз ҳар таҷовуз дар ҳар ҷо ва ба ҳар сурат ҷилавгарӣ кунанд. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, таъриф ва тариқаҳои таъмини амнияти миллӣ аз замони Ҷанги дуюми ҷаҳон то кунун таҳаввули зиёде ёфтааст ва таъмини он ба назари соҳибназарони имрӯза лоақал се навъи омодагиро дар бар мегиранд: омодагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ. Омодагии сиёсиро метавон бо роҳҳои зер таъмин кард:

1. Акди паймонҳои дифоӣ ба хотири муқовимат ба таҷовуз ва дар инзиво қарор додани душман.

2. Анҷоми музокира ба манзури ҷилавгарӣ аз иқдомоте, ки мумкин аст ба ҷанг бианҷомад.

3. Истифода аз системаи амнияти байналмилалии мавҷуд барои дифои дастаҷамъона.

4. Таъйин ва иҷрои ҳадафҳои сиёсӣ, ки такя ба пуштибонии мардум дорад.

5. Истифода аз бухронҳои байналмилалӣ барои иҷрои ҳадафҳои сиёсӣ.

Омодагии иқтисодӣ иборат аст аз:

1. Доро будани манбаъҳои табиии муҳим ва маводи ғизоии лозим ва низ дигар маводи хом ва ё ақаллан имкони дастрасӣ ба маводи мазкур.

2. Доштани истеъдод ва маҳорати техникӣ барои истеҳсоли силоҳҳои муҳим барои амалиёти низомӣ.

3. Доштани моли кофӣ барои пардохти харҷҳои мазкур бе он, ки ба буҳрони иқтисодӣ гирифтор шавад. Омодагии низомӣ омилҳои зеринро дар назар дорад:

1.Доштани як тарҳи дарозмуддати стратегӣ ё дифоӣ ба хотири муқовимат ба душман.

2. Доштани як неруи низомии корозмуда, ки битавонад бо хубӣ аз силоҳҳои муосир истифода кунад.

3.Доштани тарҳҳои лозим барои таъмини ҳамоҳангӣ байни ғайринизомиён ва неруҳои низомӣ дар ҳолати буҳронӣ ва ҷанг.

4. Доштани имкони тайёркунии озуқа ва воситаҳои ҳамлу накл барои неруҳои низомӣ.

5. Доштани омодагии руҳӣ аз тарафи мардум (хоҳ ба таври табиӣ, хоҳ аз роҳи таблиғот эҷод шуда бошад).

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон таҳти рақами №721 аз 28 июни соли 2011 қабул шудааст, чунин муқаррароти усулӣ дар бораи амният инъикос гардидаанд:

– **амнияти миллӣ** - ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ;

– **манфиатҳои миллӣ** - маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад;

– **объектҳои амният** - инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо, ҷамъият ва арзишҳои моддию маънавии он, давлат, сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он;

– **субъектҳои амният** - давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон;

– **таҳдидҳо ба амният** - маҷмуи шароит, раванд ва омилҳое, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд;

– **таъмини амният** - татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯйи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд;

– **амнияти иқтисодӣ** – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд;

– **амнияти озуқаворӣ** – вазъи иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад;

– **амнияти ҷамъиятӣ** – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд;

– **амнияти ҳарбӣ** – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии мамлакат;

**- амнияти экологӣ** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд;

**– амнияти иттилоотӣ** – ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот;

**– амнияти берунӣ** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳое, ки аз ҷониби давлатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ бармеоянд;

– мақомоти ваколатдори давлатии таъмини амният – мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тибқи қонуни амният субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- заифшавии адолати иҷтимоӣ ва судӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла афзоиши ҷиноятгорӣ, ҷиноятҳои муташаккил, коррупсия, гардиши ғайриқонунии яроқ ва маводи нашъаовар, ки ба пастшавии сатҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои умумибашарӣ мусоидат менамоянд;
- фаъолияте, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ равона карда шудааст, аз ҷумла амалҳое, ки ба тамомияти арзӣ, дахлнопазирӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷовуз мекунанд;
- заифшавии иқтидори мудофиавии мамлакат, таҳдид ба дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, истифодаи қувва ва таҷовуз нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фаъолияти ҷосусӣ, террористӣ, тахрибкорӣ (диверсионӣ) ва фаъолияти дигари хадамоти махсус, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида, ки барои расонидани зарар ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд;
- номураттаб сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ, вайрон кардани муназзамии фаъолияти онҳо, паст гардидани сатҳи идоракунӣ дар кишвар;
- фаъолияте, ки ба амнияти иттилоотии кишвар таҷовуз мекунад;
- ифротгароии (экстремизми) сиёсӣ дар ҳама гуна шакли он, аз ҷумла барангехтани бадбинӣ ё хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ё гурӯҳӣ;
- мураккабшавии вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар низоъҳои байни миллатҳо ва мазҳабҳо, бетартибиҳои оммавӣ, маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои беиҷозат ва корпартоиҳои ғайриқонунӣ ифода мегардад;
- ташкили воҳидҳои ҳарбие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд; ” якбора вайроншавии вазъи экологӣ, офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, эпидемия (паҳншавии умумии бемориҳои сироятӣ) ва эпизоотия (фавти саросари ҳайвонот);
- расонидани зарар ба амнияти иқтисодии давлат;
- паст шудани сифати таҳсилот ва неруҳои зеҳнӣ дар мамлакат.

**АДАБИЁТ**


1 Панов М.Е. К вопросу о методологических основах оценки безопасности / М.Е. Панов // Геополитика и безопасность. - 1995. - №3.
2 Концепция национальной безопасности России в 1995 году. - М.: Обозреватель, 1995.
3 Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. - М: Русский язык,1990.
4 Словарь синонимов русского языка. - Л.: Наука, 1975.
5 Энциклопедическийсловарьправовыхзнаний. -М.: Советская энциклопедия, 1965. -
6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амният. 28 Июн 2011. https://parlament.tj/news/301--onuni-um-uriito-ikiston-dar-borai-amniyat


**АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур мавзуи амнияти миллӣ ва роҳҳои таъмини он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар адабиёти илмии муосир бошад имрӯз мафҳуми амният ”миллӣ, минтақавӣ, байналхалқӣ” ба сифати синтези натиҷаҳои муттаҳидшавӣ, ҳамкориҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳар як кишвар ва ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ бо тамоми гуногуннавъии ҳаёти байналхалқӣ пешниҳод мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳамкорӣ, байналхалқӣ, муттаҳидшавӣ, сиёсати дохилӣ.

**НАЦИОНАЛЬНАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ И ПУТИ ЕЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА**

В данной статье рассматривается тема национальной безопасности и пути ее обеспечения во внешней политике Таджикистана. Автор отмечает, что в современной научной литературе сегодня понятие «национальная, региональная, международная» безопасность представляется как синтез результатов объединения, взаимодействия внутренней и внешней политики каждой страны и всех их вместе при всем многообразии международной жизни.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** сотрудничество, международное, объединение, внутренняя политика.

**NATIONAL SECURITY AND WAYS TO ENSURE IT IN THE FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN**

This article discusses the topic of national security and ways to ensure it in the foreign policy of Tajikistan. The author notes that in modern scientific literature today the concept of "national, regional, international" security is presented as a synthesis of the results of unification, the interaction of the domestic and foreign policies of each country and all of them together with all the diversity of international life.
**KEYWORDS:** cooperation, international, association, domestic policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Нуров Мурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900060505.**

**Сведения об авторе:** ***Нуров Мурод*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 900060505.

**Information about the author:** ***Nurov Murod*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phpne: **900060505.**

# МАВҚЕИ ШИРКАТҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Маҳбубаи Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бояд қайд кард, ки арзи вуҷуд кардани созмоҳои ғайриҳукуматӣ дар ибтидо бисёр бо душворӣ сурат мегирифт, зеро барои хам таъсис ёфтанашон ва ҳам барои озодона фаъолият кардани онҳо ҳукуматҳо монеаҳои зиёди сунъӣ эҷод мекарданд, аммо бо мурури замон, ки демократикунонии ҷомеа босуръат иккишоф меёфт, кишварҳои мутамаддини Аврупо ба таъмини ҳуқуқи табиии инсон таваҷҷуҳи калон зоҳир мекардагӣ шуданд, инсон ҳамчун арзиши волотарин маънидод мешуд ва таъмини ҳукуқи он аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳукуматҳои кишварҳои мутамаддин маҳсуб меёфтагӣ гардид, созмонҳои ғайриҳукуматӣ яке аз хусусияти тақозоии чунин кишварҳо ба шумор мерафтагӣ шуданд [2, с.34].

Ҷомеаҳои шаҳрвандиро дар замони муосир бе иштироки фаъолияти чунин созмонҳо тасаввур карда намешавад. Бинобар ин, теъдоди чунин созмонҳо пайваста афзуда истодааст ва онҳо кӯшиш мекунанд, ки бештар дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа фаъолият карда, норасоиҳои ҷомеаро ошкор кунанд ва ҳукуматҳоро огоҳ намоянд, то камбудиҳои дар ҷомеа вуҷуддошта бартараф карда шаванд.

Бояд гуфт, ки дар кишварҳои демократӣ созмонҳои ғайриҳукуматӣ воқеияти муқаррарӣ эътироф карда мешаванд ва ҳукуматҳо якҷоя бо онҳо дар ҳамкориҳои зич ва судманд ҷомеаро идора мекунанд, зеро фаъолияти чунин созмонҳо ҷавобгӯйи ҳадафҳои идораи оқилонаи ҷомеа, таъмини ҳарчи хубтари зиндагии мардум ва дар вазъи истиқрору сулҳ қарор гирифтани кишварҳо мебошад [3, с.50].

Агар ба моҳияти фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ки дар доираи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ амал мекунанд, вазифаҳои ҳақиқатан зарурии баислоҳи камбудиҳои ҷомеа равонагардидаро иҷро мекунанд, диққат диҳед, ба хулосае меоед, ки он ҳаргиз фаъолияти ба муқобили ҳукумат равонашуда намебошад, балки фаъолияти ба ҳукуматҳо дар оқилона идора кардани умури ҷомеа мусоидаткунанда маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, ҳар он ҳукумате, ки барои мардумаш, шаҳрвандонаш хидмат кардан мехоҳад, чунин созмонҳоро ҳамчун ёвари худ, ки ифодакунандаи ҳадафҳои асосии мардум мебошанд, мепазирад.

Кормандони муассисаҳои дипломатӣ бояд чигунагии хусусиятҳои давлатҳоро хуб донанд ва вобаста ба он роҳу усулҳои фаъолият бо онҳоро истифода намоянд. Амалияи фаъолияти дипломатӣ дар арсаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барои кормандони муассисаҳои дипломатии давлатҳои худкома ва томраво ҳимоя кардани манфиатҳои чунин тартиботи сиёсӣ кори саҳл нест ва дипломатияи бисёр кишварҳои мутамаддин бо дипломатҳо ва намояндагиҳои давлатҳои тартиботи сиёсии мазкур муносибати чандон гарме ҳам намекунанд.

Дар иртибот ба ин мавзуъ бояд қайд кард, ки фаъолияти диииломатӣ моҳиятан муносибатҳои субъективиро намепазирад. Чаҳони башарият якранг шуда наметавонад. Сатҳи инкишофи кишварҳои гуногуни ҷаҳон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар ҷаҳон тартиботи мухталифи сиёсӣ амри воқеӣ гардидааст. Чунин воқеият аз соҳаи дипломатия ва дипломатҳо тақозо мекунад, ки муносибатҳои байни давлатҳои тартиботи гуногуни сиёсидошта ба воқеияти мавҷуда такя кунад ва дар чаҳорчӯбаи имконпазир равобити гуногунсоҳаи ҳамкориҳоро ба роҳ монад, аз сиёсати ҷанговарона даст кашад, усули мудохила накардан ба корҳои дохилиро ба роҳ монад.

Ҳама гуна фаъолияти байналмилалӣ бояд дар доираи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ анҷом дода шавад.

Чунон ки маълум аст, тамоми давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар зери оиннома ва асноди дигари он, ки ҳамчун асоси ҳуқуқи байналмилалӣ пазируфта шудаанд, имзо гузоштаанд ва уҳдадор шудаанд, ки дар умури идораи кишварҳояшои ба онҳо такя кунанд.

Бинобар ин, ҳама гуна вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии пазируфташуда аз ҷониби ин ва ё он давлат ва қабул кардани қарори ислоҳи он танҳо ба Созмони Милали Муттаҳид вобастагӣ дорад. Тамоми давлатҳо бояд дар асоси ҳамин усул дар муносибатҳои байналмилалиашон амал намоянд, то сулҳу истиқрор ва амният дар ҷаҳон таъмин карда шавад.

Бояд дар назар дошта шавад, ки дипломатҳое, ки дар намояндагиҳои дипломатии давлатҳои тартиботи сиёсии худкома ва томраво фаъолият мекунанд, на танҳо тартиботи сиёсӣ, балки мардум ва кишварашонро низ намояндагӣ мекунанд. Муносибатҳо низ ҳамчунин на бо тартиботи сиёсӣ, балки бо кишвар ва мардумони онҳо барқарор карда мешаванд.

Бинобар ин. истифода аз усулҳои муносиб ва барқарору татбиқ кардани ҳамкориҳо бо чунин давлатҳо низ аз камоли соҳаи дипломатия шаҳодат медиҳад.

Он чӣ дар дохили ин ва ё он давлат ҳукмфармост дар зери таъсири тамоюли умумии омили муосири ҷаҳонишавии башарият, дар натиҷаи мубориҳаҳои мардуми сокини он баҳри нест кардани ҳама гуна тартиботи номақбули замони муосир, бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои гуногуни дигари ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки мавзуи меҳварии ҳамаи онҳо ба меъёрҳои хуқуқи байналмилалӣ иртибот доранд, бартараф карда мешаванд [4].

Ба таври хотима ҳаминро метавон зикр намуд, ки созмонҳои байналхалқӣ чӣ минтақавӣ ва чӣ байналмиллалӣ новобаста аз зуҳуроти нав ба ҳисоб рафтанашон дар саҳнаи равобити байналмилалӣ нақши арзандаву босазо доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Военные и политические организации на постсоветском пространстве. Электронный ресурс. Усули дастрасӣ: http://russia-diplom.ru/hist/58- voennye-i-politicheskie-organizacii-na-postsovetskom-prostranstve.html. (санаи муроҷиат: 01.04.2021)
2. Загладин Н.В. Всеобщая история. Конец XIX – начало XXI в./ Н.В. Загладин. – С.56
3. Транзитный характер угроз национальной безопасности: факторы и меры противодействия // Саясат. - 2006. - № 12. - С. 48-50.
4. Уткин А.И. Мировой порядок XXI века / А.И. Уткин. - Эксмо, Алгоритм: 2002.


## МАВҚЕИ ШИРКАТҲОИ ҒАЙРИҲУКУМАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба мавқеи ширкатҳои ғайриҳукуматӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ маълумот додааст. Муаллиф гуфтааст, ки ҷомеаҳои шаҳрвандиро дар замони муосир бе иштироки фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ тасаввур карда намешавад. Бинобар ин, теъдоди чунин созмонҳо пайваста афзуда истодааст ва онҳо кӯшиш мекунанд, ки бештар дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа фаъолият карда, норасоиҳои ҷомеаро ошкор кунанд ва ҳукуматҳоро огоҳ намоянд, то камбудиҳои дар ҷомеа вуҷуддошта бартараф карда шаванд.
**КАЛИДВОЖАҲО:** муносибатҳои байналхалқӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, муносибатҳои дуҷониба, ташкилотҳо.

## ПОЗИЦИЯ НЕПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

В данной статье автор предоставляет информацию о позиции неправительственных организаций в международных отношениях. Автор говорит о том, что гражданское общество в современную эпоху невозможно укрепить без участия неправительственных организаций. Поэтому количество таких организаций постоянно увеличивается, и они стараются быть более активными в разных слоях общества, выявлять проблемы общества и информировать правительства, чтобы устранялись недостатки в обществе.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** международные отношения, неправительственные организации, двусторонние отношения, организации.

## POSITION OF NON-GOVERNMENTAL ORGANIZATIONS IN INTERNATIONAL RELATIONS

In this article, the author provides information about the position of non-governmental organizations in international relations. The author says that civil society in the modern era cannot be strengthened without the participation of non-governmental organizations. Therefore, the number of such organizations is constantly increasing, and they are trying to be more active in different sectors of society, identify the problems of society and inform governments so that shortcomings in society are eliminated.
**KEYWORDS:** international relations, non-governmental organizations, bilateral relations, organizations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳбубаи Наҳтулло* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,** магистранти курси 2-юми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: +992006606099.**

**Сведения об авторе:** ***Махбубаи Нахтулло*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +**992006606099.**

**Information about the author:** ***Makhbubai Nakhtullo*** – Tajik National University, 2-nd year master`s student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 00 660 6099.**

# БИОЛОГИЯ ВА ЭКОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ И ЭКОЛОГИЯ

## СОХТ, ТАРКИБ ВА ХОСИЯТҲОИ ФИЗИКИЮ ХИМИЯВИИ РАВҒАНҲОИ ТАРКИБИ AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS)

*Шоева Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Равғани растанӣ аз нуқтаи назарияи химиявӣ моддаи холис набуда, онҳо дар таркиби худ компонентҳои зиёдеро доро мебошанд. Дар адабиёт равғанҳо бо истилоҳи химиявии «триглитсеридҳо» шинохта мешаванд. Сабаби глитсеридҳо номгузорӣ гардидан дар он мебошад, ки ҳиссаи асосии таркиби равғанҳоро эфирҳои мураккаби глитсерин бо кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ ташкил медиҳад, ки онҳо чунин сохтро доро мебошанд:

$$CH_2 - O - CO - R_1$$
$$| \; CH - O - CO - R_2$$
$$| \; CH_2 - O - CO - R_3$$

$R_1$, $R_2$, $R_3$ – боқимондаҳои кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ.

Триглитсеридҳои таркиби равғанҳо аз ҳамдигар аз рӯйи боқимондаҳои кислотагиашон фарқ менамоянд. Муайян гардидааст, ки таркиби онҳо аз боқимондаҳои кислотаҳои ҳадноки формулаи умумиашон $C_n H_{2n} O_2$ ва беҳадди формулаҳои умумиашон: $C_n H_{2n-2}O_2$, $C_n H_{2n-4}O_2$, $C_n H_{2n-6}O_2$ ва $C_n H_{2n-8}O_2$ иборат аст. Чӣ тавре ки аз формулаҳои умумии кислотаҳои калонмолекулаи органикӣ бармеояд, ин кислотаҳо метавонанд дар молекулаи худ аз як, ду, се ва чор банди дучандаро метавонанд дошта бошанд.

Тадқиқотҳои муҳаққиқон то солҳои 70 оид ба идентификатсияи кислотаҳои органикӣ нишон медиҳад, ки онҳо бештар глитсеридҳои дар таркиби худ аз 15 то 19 атоми кабондоштаро муайян намудаанд. Тадқиқотҳои гузаронидаи олимони соҳа дар сӣ соли охир нишон дод, ки дар таркиби глитсеридҳо, инчунин, кислотаҳои органикии аз 6 то 25 атоми карбондошта низ мавҷуд мебошанд. Аз рӯйи ҳиссаи масса дар равғанҳо бештар кислотаҳои $C_{15}$ то $C_{18}$ паҳн гардидаанд.

Аз рӯйи хосиятҳои физикӣ равғанҳо аз якдигар фарқ наменамоянд. Ҳамаи равғанҳо дар об ниҳоят камҳалшаванда буда, дар ҳалкунандаҳои органикӣ ба осонӣ ҳал мешаванд. Ҳамаи равғанҳо аз об сабук мебошанд. Равғанҳои коркарди технологикардашуда (рафинironидашуда) зичии 900-980кг\м$^3$ -ро дар ҳарорати 20$^o$С дорад.

Равғанҳои хом (липидҳо) зичиашон нисбатан қимати пасттарро дошта, ҳудуди 700 – 920кг\м$^3$ -ро фаро мегиранд. Сабаби коҳиш ёфтани қимати зичии равғанҳои хоми растанӣ дар он мебошад, ки дар таркиби чунин равғанҳо дар баробари глитсеридҳо пайвастагиҳои дигари органикӣ, аз қабили моддаҳои дабоғӣ, фенолҳо, кислотаҳои калонмолекулаи карбонӣ, витаминҳо ва ғайра доранд. Зичии бештари ин гурӯҳи моддаҳо ҳудуди 0,6 – 0,8г\см$^3$-ро ташкил медиҳад. Мавҷудияти ин моддаҳо дар таркиби равғани хом боиси он мегардад, ки ҳиссаи массаи триглитсеридҳо дар таркиби равған нисбатан кам гардад. Ин камшавӣ боиси коҳишёбии зичӣ дар равғанҳои хом мегардад.

Чуноне ки маълум аст, ҳарорат ба қимати зичӣ вобаста мебошад. Чун дигар моддаҳо зиёдшавии ҳарорат метавонад боиси камшавии қимати зичӣ дар равғанҳо гардад.

Яке аз хосиятҳои дигари равғанҳо ин часпакии равған мебошад, ки қимати часпакӣ низ чун зичӣ бо ҳарорат дар мутаносибии чаппа қарор дорад. Ҳангоми зиёдшавии ҳарорат часпакии равғанҳо кам мегардад.

Равғанҳо моддаҳои сӯзанда мебошанд ва аз гармии 300$^o$С аланга мегиранд. Равғанҳо ба электродҳои қабилаи дуюм шомил нестанд, яъне онҳо ғайриэлектролит буда, ҷараёни электрикиро намегузаронанд. Равғанҳо гармигузаронии суст доранд.

Равғанҳо дар об амалан ҳалшаванда намебошанд. Бо об дар иштироки эмулгаторҳо метавонанд системаҳои дисперсии эмулсиониро ҳосил намоянд. Равғанҳо дар ҳалкунанадаҳои органикӣ аз қабили ҳексан, бензин, эфир, бензол, дихлорэтан ба осонӣ ҳал мешаванд.

Яке аз хосиятҳои муҳимми дигари равғанҳо, ки онро солҳои 80-уми асри гузашта мутахассисон ошкор намуданд, ин дар худ қобилияти фурӯбарии моддаҳои зудбухоршаванда мебошад. Чунин хосият доштани равғанҳо метавонад боиси он гардад, ки ҳангоми дар зарфҳои даҳонкушод нигоҳ доштани онҳо аз муҳити беруна чунин гурӯҳи моддаҳоро ба худ сорбсия намуда, хосиятҳои органолиптикии худро тағйир диҳад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми нигоҳдории равғанҳо дар лабораторияҳои илмӣ дар рафти пажӯҳишу тадқиқотҳо аҳаммияти махсус мебояд дод. Дар истеҳсолот низ ин хосияти равғанҳо бояд ба инобат гирифта шавад.

Мувофиқи маълумотҳои адабиёт равғани растанӣ нисбат ба ғизоҳое, ки онро инсон истеъмол менамояд, ғизонокии хело зиёд дорад. Ғизонокии равған ду маротиба аз сафедаҳо ва ангиштобҳо бештар мебошад. Ҳангоми муттаҳид сохтани як зумра натиҷаҳои тадқиқотҳо мо ба хулосае омадем, ки равған набояд зиёда аз 20%-и хӯроки истифодашавандаи одамонро ташкил диҳад.

Мувофиқи маълумотҳои омории Донишкадаи ғизои назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ба иқлими Тоҷикистон мувофиқа гардонида шудааст, меъёри истифодаи шабонарӯзии равған ба г ба одамони синнашон аз 16 то 50- сола 90 грамро ташкил медиҳад. Ин меъёр барои одамони синнашон аз 50-сола калон ба 80-50г дар як шабонарӯз баробар аст. Таҳлили адабиёт дар ин ҷода нишон дод, ки меъёри муқарраргардидаи истифодаи равған барои инсон дар ҷаҳон якхела нест. Минтақаҳое, ки дар мавқеи географии нисбатан сард ҷой гирифтаанд, меъёри истифодашавии равғанҳо зиёдтар мебошад. Дар минтақаи гармтар, баръакс истифодаи равған нисбатан камтар тавсия дода шудааст. Масалан, мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар давлатҳои аморати Араб истифодаи равған ба ҳар як одам 13кг дар як солро ташкил медиҳад, ки ин миқдор ба 35-40г дар як шабонарӯз рост меояд. Дар давлати Руссия бошад истифодаи солонаи равған барои як фард ба 52 кг баробар аст.

Дар ғизои инсон се гурӯҳи моддаҳои органикӣ аҳаммияти хело калон доранд. Ба ин гурӯҳи моддаҳо сафедаҳо, ангиштобҳо ва чарбу равғанҳо дохил мешаванд. Ин се гурӯҳи моддаҳо ба ҳам алоқамандии хосса доранд ва дар ғизо мавҷуд набудани яке аз онҳо боиси ба тавri зарурӣ фаъолият накардани организми инсон мегардад.

Мутахассисони соҳаи биохимияи тиббӣ дар мақолаҳои худ таъкид намудаанд, ки ҳангоми аз синни миёнасолӣ ба синни калонсолӣ гузаштан одамон бояд ҳар чӣ камтар чарбҳои ҳайвонотро истеъмол намоянд.

Ин пешниҳод аз нигоҳи тиббӣ асоснок гардидааст, вале аз нуқтаи назарияи биохимиявӣ, яъне механизми таъсир ба организм, то ҳанӯз ҳам баҳсталаб мебошад. Агар сохт ва таркиби равғани ҳайвонот ва растаниро таҳлил намоем, он гоҳ аён мегардад, ки ҳар ду номгӯйи чарбҳо низ эфирҳои мураккаби глитсерин бо кислотаҳои карбонӣ мебошанд. Кислотаҳое, ки дар таркиби растаниҳо муайян гардидаанд, дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1 - Кислотаҳои таркиби равғанҳои растанӣ

| Шумораи атомҳои карбон дар кислотаҳо | Формула ва номи кислотаҳо аз рӯйи номенклатураи систематикӣ |
|---|---|
| 1.Кислотаҳои ҳадноки калонмолекулаи карбонӣ | |
| $C_6$ | $CH_3(CH_2)_4COOH$ Капронат |
| $C_8$ | $CH_3(CH_2)_6COOH$ Каприлат |
| $C_{10}$ | $CH_3(CH_2)_8COOH$ Капринат |
| $C_{12}$ | $CH_3(CH_2)_{10}COOH$ Лауринат |
| $C_{14}$ | $CH_3(CH2)_{12}COOH$ Меристинат |

| | |
|---|---|
| $C_{16}$ | $CH_3(CH_2)_{14}COOH$ Палмитинат |
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_{16}COOH$ Стеаринат |
| $C_{20}$ | $CH_3(CH_2)_{18}COOH$ Арахинат |
| $C_{22}$ | $CH_3(CH_2)_{20}COOH$ Бегенат |
| $C_{24}$ | $CH_3(CH_2)_{22}COOH$ Лигнотсиринат |

2.Кислотаҳои калонмолекулаи карбонии беҳад, ки дорои як банди дучанда мебошанд

| | |
|---|---|
| $C_{10}$ | $CH_2=CH\text{-}(CH_2)_7COOH$ Каприноолеинат |
| $C_{12}$ | $CH_3CH_2CH=CH_3(CH_2)_7COOH$ Лауроолеинат |
| $C_{14}$ | $CH_3(CH_2)_3CH=CH(CH_2)_7COOH$ Миристоолеинат |
| $C_{16}$ | $CH_3(CH_2)_5CH=CH(CH_2)_7COOH$ Палмитолеинат |
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_7CH= CH(CH_2)_7COOH$ Олеинат |
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_{10}CH= CH(CH_2)_4COOH$ Петрозелинат |
| $C_{22}$ | $CH_3(CH_2)_7CH= CH(CH_2)_{11}COOH$ Эрукат |

3.Кислотаҳои беҳадди калонмолекулаи карбонӣ, ки дар молекулаи худ ду ва зиёда банди дучанда доранд

| | |
|---|---|
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_4CH=CHCH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Линолеат |
| $C_{18}$ | $CH_3CH_2CH=CHCH_2CH=CHCH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Линоленоат |
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_3\text{-}CH=CH\text{-}CH=CH\text{-}CH=CH(CH_2)_7COOH$ Элестеаринат |

4.Ҳидроокси кислотаҳо

| | |
|---|---|
| $C_{18}$ | $CH_3(CH_2)_5CH_2(OH)CH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Ритсинолат |

Таҳлили адабиёт дар ҷодаи аҳаммияти биологии равғанҳо дар организми ҳайвонот нишон дод, ки барои ҳайвон чарбҳо аҳамияти бағоят муҳимро доранд. Ҳайвоноти дар биёбонҳои камоб зиндагидошта баъзан вобаста ба шароити номусоид моҳҳо обро дарёфт карда наметавонанд. Чуноне ки маълум аст, дар ҳолати аз меъёри муайян кам гардидани миқдори об дар ҳуҷайра он ба таври автоматӣ дар атрофи худ систа (пардаи рӯйпушкунанда)-ро ҳосил менамояд. Шояд ин инстинкти худнигоҳдории ҳуҷайра бошад, вале чунин ҳолат метавонад боиси он гардад, ки оби истифодашударо дигар организм қабул нанамояд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ дарҷ гардидааст, ки организми ҳайвоноте, ки дар чунин шароитҳо зиндагӣ менамоянд, дар онҳо мутобиқат бештар дида мешавад. Ин гурӯҳи ҳайвонот дар чунин шароитҳо ба ҳайси манбаи захиравии об чарбҳои организми худро истифода менамоянд. Дар баъзе ҳайвонот узвҳои махсуси захиракунандаи чарб дида мешавад. Инро дар уштур мушоҳида намудан мумкин аст. Мутахассисони соҳа исбот намудаанд, ки чарбу равған на танҳо манбаи энергия, инчунин, манбаи об низ ба ҳисоб меравand. Ин гуфтаҳоро бо истифода аз реаксияи биохимиявии оксидшавии равғанҳо асоснок намудан мумкин аст.

1000г $X_2$

$CH_2 - O - CO - R_1$

2 $CH - O - CO - R_2 + 197[O]$ in Vivo $\longrightarrow 80CO_2 + 37H_2O$ + энергия

$CH_2 - O - CO - R_3$

$2\cdot(12\cdot 40 + 16\cdot 6 + 1\cdot 74) = 650\ 666$

1000г $X_2$

650г 666г $X = \frac{666\cdot 1000}{650} = 1024,615$

Чӣ тавре ки аз муодилаи баррасишуда бармеояд, бо ҳисоби миёна ҳангоми таҷзияи метоболитикии 1кг равған дар организм дар баробари энергия 1024, 615г $H_2O$ ҳосил гардад. Чунин раванд дар организм метавонад боиси он гардад, ки чарбҳо дар шароитҳои лозима организмро бо об таъмин намоянд.

Равғанҳои растанӣ дар таркиби худ метавонад дар баробари пайвастагиҳои дигар витаминҳоро низ дошта бошанд. Аз номгӯи витаминҳои дар равған ҳалшаванда, витаминҳои E,K ва провитаминҳои A,B ва D бештар дар таркиби равғанҳо паҳн гардидаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2 - Миқдори токоферолҳо (витаминҳо ва провитаминҳои Е) дар равғани растаниҳо

| Компонентҳо | Намунаи равғани растаниҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | равғани офтобпараст | равғани рапс | равғани лӯбиё | равғани GhL | равғани ҷуворимакка | Равғани какос |
| Миқдори умумии токоферолҳо (мг/100г) | 40.0-70.0 | 40.0-55.0 | 90.0-280.0 | 90.0-280 | 80-100.0 | 3.0-9.0 |
| Дар ин ҷо ҳиссаи массаи компонентҳои токоферолӣ дар нисбат ба массаи умумии токоферолҳо муайян карда шудааст | | | | | | |
| α-токоферол | 92.0 | 27.0 | 13.5 | 58.0 | 11.0 | - |
| β-токоферол | - | 73.0 | 59.0 | 42.0 | 89.0 | - |
| γ-токоферол | 8.0 | - | 27.5 | - | - | - |

Ҳамзамон, бо ин витаминҳо фосфолипидҳо ва летситинҳо дар таркиби равғанҳо мавҷуд мебошанд, ки онҳо низ ба гурӯҳи моддаҳои фаъоли биологӣ шомил мебошанд. Муайян шудааст, ки фосфолипидҳо ва летситинҳо дар организми инсон барои ба танзим даровардани кори муътадили рӯдаҳо мусоидат менамоянд.

Дар таркиби равғанҳои лӯбиё, офтобпараст, ҷуворимакка, кунҷид ва зағери навъи тоҷикӣ фосфолипидҳо ошкор шудаанд. Тадқиқотҳои солҳои охири муҳаққиқон ва олимони соҳа муайян намудааст, ки кислотаҳои полибеҳадди карбонӣ низ дорои як зумра хосиятҳои фаъолияти биологӣ мебошад. Муқаррар шудааст, ки онҳо радикалҳои озоди дар организм ҳосилшударо, ки онҳо заҳрнок мебошанд дар худ химосорбсия намуда, аз организм берун менамояд. Чунин хосиятҳои биологиро кислотаҳои линолен ва линоленат бештар зоҳир менамояд. Дар истеҳсолоти муосир чунин намгӯйи кислотаҳо аз равғанҳо ҳосил карда мешавад. Дар асоси консентрати онҳо иловаҳои фаъоли биологӣ ва доруворихоро истеҳсол менамоянд. Яке аз чунин номгӯйи доруворихо «Эссенсиал» ва аналогҳои он ба ҳисоб меравад, ки дар муолиҷаи як қатор касалиҳои ҷигар истифода шуда истодааст.

Таҳлили таркиб ва хосиятҳои биохимиявии равғанҳо нишон дод, ки маҳз аз рӯйи чунин хосиятҳо самти саноати равғанҳои истеҳсолшаванда муайян карда мешавад. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки баъзе равғанҳо дар истеҳсолоти химиявӣ ҳамчун ашёи хоми ниҳоӣ истифода карда мешавад. Бештар ба ин гурӯҳи равғанҳо, равғанҳои доруворӣ ва техникӣ дохил мешавад. Масалан, равғани тухми мушхор аз антиоксидантҳои қатори пирокатехинӣ хело бой мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, барои истеҳсоли пирокатехин ин равғанро истифода намуданд мумкин аст.

Ба гурӯҳи равғанҳои техникӣ на танҳо равғанҳои нафтӣ, инчунин, як гурӯҳ равғанҳои растанӣ низ дохил мешаванд. Равғанҳои нафтӣ аз ҷиҳати таркиб аз равғани растанӣ ва чарбуи ҳайвон ба куллӣ фарқ доранд. Чӣ тавре ки дар боло қайд намуда будем, асоси равғани растанӣ ва чарби ҳайвониро глитсеридҳо ташкил медиҳанд. Таркиби равғанҳои нафтиро бошад карбоҳидрогенҳои калонмолекула ташкил медиҳад.

Ба гурӯҳи равғанҳои растанигии техникӣ ҳамон равғанҳое шомиланд, ки онҳо дар таркиби худ моддаҳои зараровар ё моддаҳоеро доранд ва он сабаби ғайристандартӣ гардидани нишондиҳандаҳои органолиптикии онҳо гардидааст. Масалан, амигдалин сабаби талхшавии равғанҳои бодомӣ ва миндов гардидааст. Истеъмоли он нохуш ва зарарнок мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, ин номгӯйи равғанҳо марбут ба равғанҳои техникӣ мебошанд.

Чунин номгӯйи равғанҳо дар истеҳсолоти муосир барои истеҳсоли дигар номгӯйи мавод ва маҳсулот истифода мегардад. Баъзеи чунин номгӯйи равғанҳо коркарди махсус карда мешаванд ва сипас аз онҳо собунҳои сахт ва моеъро истеҳсол менамоянд.

Солҳои охир камшавии нафтро дар сайёраи замин ба инобат гирифта, аз ҷониби мутахассисони соҳаи нафтохимия, сӯзишвории алтернативии биодизелро коркард карда шудааст. Биодизел маҳсули реаксияи этерефикатсияи байни кислотаҳои калонмолекулаи

карбонии равғанҳо бо спиртҳои хурдмолекула мебошанд. Дар ин технология ба ҳайси ашёи хоми ниҳоӣ ба сифати спирти истифодашаванда $CH_3$-OH ё $C_2H_5$-OH тавсия дода шудааст.

Самти саноати истифодашавии равғанҳоро аз рӯйи як қатор стандартҳои хусусӣ муайян менамоянд. Дар саноати истеҳсолоти чарбу равғанҳо ҳамон намунаи равған баландсифат ҳисобида мешавад, ки дар таркиби он ҳиссаи массаи триглитсеридҳо зиёда аз 80%-ро ташкил диҳанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо ва тавсифи адабиёти илмӣ бармеояд, ки таркиби равғанҳо гуногун буда, вобаста ба он самти истифодашавии саноатии он муайян карда мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Азонов А.Д., Денисенко П.П., Лосев Н.А., Холназаров Б.М. Лечебные свойства фенхелевого и лавандового эфирных масел. Монография. – Душанбе: «Эҷод», 2006.
2. Акаева Т.К. Основы химии и технологии получения и переработки жиров. Ч. 1: Технология получения растительных масел: учеб. пособие / Т.К. Акаева, С.Н. Петрова. – Иваново: ГОУ ВПО Иван. гос. хим.-технол. ун-т, 2007. –
3. Бажакова И.В., Т.Г.Маслова и др. Пигменты пластид зеленых растений и методика их исследования. – М. – Л. «Наука», 1964. – 113 с.
4. Бардышев И.И., Кулинков В.И. Анализ смесей терпеновых углеводородов методом ГЖХ /Международный конгрес по эфирным маслам том 1. –Тибилиси, 1968. – 24-31с.
5. Белобородов, В.В. Основные процессы производства растительных масел / В.В. Белобородов. – М.: Пищевая промышленность, 1966.


### СОХТ, ТАРКИБ ВА ХОСИЯТҲОИ ФИЗИКИЮ ХИМИЯВИИ РАВҒАНҲОИ ТАРКИБИ AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS)


Дар мақолаи мазкур мавзуи сохт, таркиб ва хосиятҳои физикию химиявии равғанҳои таркиби Ampelopsis vitifolia (Boiss) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар ғизои инсон се гурӯҳи моддаҳои органикӣ аҳамияти хело калон доранд. Ба ин гурӯҳи моддаҳо сафедаҳо, ангиштобҳо ва чарбу равғанҳо дохил мешаванд. Ин се гурӯҳи моддаҳо ба ҳам алоқамандии хосса доранд ва дар ғизо мавҷуд набудани яке аз онҳо боиси ба таври зарурӣ фаъолият накардани организми инсон мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** модда, чарб, ғизо, кислота, нафт, сафедаҳо.


### СТРУКТУРА, СОСТАВ И ФИЗИКО-ХИМИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА МАСЕЛ ИЗ AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS)


В статье рассмотрены строение, состав и физико-химические свойства масел Ampelopsis vitifolia (Boiss). Автор отметил, что в питании человека большое значение имеют три группы органических веществ. В эту группу веществ входят белки, углеводы и жиры. Эти три группы веществ тесно связаны, и отсутствие одного из них в пище приводит к тому, что организм человека не функционирует должным образом.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: вещество, жир, пища, кислота, масло, белки.


### STRUCTURE, COMPOSITION AND PHYSICO-CHEMICAL PROPERTIES OF OILS FROM AMPELOPSIS VITIFOLIA (BOISS)


The article deals with the structure, composition and physicochemical properties of Ampelopsis vitifolia (Boiss) oils. The author noted that three groups of organic substances are of great importance in human nutrition. This group of substances includes proteins, carbohydrates and fats. These three groups of substances are closely related, and the absence of one of them in food leads to the fact that the human body does not function properly.



**KEYWORDS**: substance, fat, food, acid, oil, proteins.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шоева Дилноз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **881888554.**

**Сведения об авторе:** ***Шоева Дилноз*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **881888554.**

**Information about the author:** ***Shoeva Dilnoz*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **881888554.**

УДК 633. 88:582.824:581. 20

# СОДЕРЖЕНИЕ БИОЛОГИЧЕСКИ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ В СОСТАВЕ НЕКОТОРЫХ ЛЕКАРСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

***Мирзоева Л.М.***
**Таджикский национальный университет**

Лекарственные растения содержат биологически активные вещества (БАВ) с широким спектром фармакологического действия. Эти вещества участвуют в окислительно-восстановительных реакциях, входят в состав ферментов, благотворно влияют на обменные процессы, происходящие в организме. Они способны усиливать неспецифические защитные реакции, т.е. играть роль биологических стимуляторов, повышающих уровень жизнедеятельности всего организма [1].

В последнее время в медицинской практике интенсивно развивается направление, связанное с применением БАВ и их комплексов в биологически активных добавках (БАД) к пище или для обогащения пищевых продуктов, используемых в лечебном и профилактическом питании. Такими БАВ с выраженным гепатотропным действием (см. рисунок) являются аминокислоты и их производные (лейцин, изолейцин, валин, аргинин и др.); пептиды; витамины (аскорбиновая кислота, α-токоферол, α-липоевая кислота и др.); гликозиды и другие антиоксиданты; фосфолипиды; олигосахариды; нуклеиновые кислоты; макро- и микроэлементы (селен, цинк и др.); цитамины; органические кислоты; БАВ растительного происхождения (силимарин, кверцитин, глицирризин); лектины; пищевые волокна и др. [2,3].

Одной из ведущих тенденций развития современной медицины является обращение к фитотрапии как средству борьбы с различными заболеваниями, в частности заболеваниями желудочно - кишечного тракта. Ценность лекарственных растений заключается в том, что они малотоксичны, мягко воздействуют на организм человека, применять их можно длительное время.

Количество БАВ в растении зависит от его вида, условий произрастания, времени сбора, способа сушки и т.д. При использовании лекарственных растений в лечении ряда заболеваний (пищеварительного тракта и пр.), важно знать растворимость БАВ в таких растворителях, как холодная, (горячая) вода и разведенные спирты, которые чаще всего используются для приготовления настоев, отваров, настоек, экстрактов, соков и др. знание растворимости помогает врачу приготовить лекарственную форму из того или иного растения.

**Ромашка аптечная** – растение высотой до 60 см, принадлежит к семейству сложноцветных. Произрастает на лугах, по обочинам дорог, на склонах и цветет с мая по июнь. Действующие вещества – эфирные масла, ароматические карбоновые кислоты, кумарины и флавоноиды [4]. Экстракт оказывает противовоспалительное, антибактериальное, спазмолитическое и ранозаживляющее действие в желудке и кишечнике.

**Плоды тмина обыкновенного.** Тмин обыкновенный – дувухлетнее растение высотой 30 – 100 см, принадлежит к семейству зонтичных. Тмин – одно из самых часто встречаюњихся дикорастущих растений действующие вещества – эфирные масла, кумарины, флавонолгликозиды и флавоноиды [5]. Экстракт оказывает бактерицидное и спазмолитическое действие. Улучшает переносимость пищи, провоцирующей вздутие.

**Листья мелиссы -** Мелисса лекарственная – растение высотой 50 – 80 см, относится к семейству губоцветных и источает сильный аромат лимона [6]. Изначально происходит из Малой Азии и восточного Средиземноморья, возделывается в садах. Действующие вещества – эфирные масла, дубильные вещества, тритерпеновые кислоты, горечи и флавоноиды. Экстракт обладает успокаивающим действием, устраняет вздутие живота особенно ценны ее спазмолитические свойства. Она культивировалась с глубокой древности во многих странах мира. Последние годы мелиссу культивируют на Памире и Гиссарском районе Республики Таджикистан. О лечебном

свойстве этого растения Абуали ибн Сино [7], пишет: «Бодрит и укрепляет сердце, прекращает перебои, способствует пищеварению и помогает от икоты. Помогает при закупорках мозга и устраняет дурной запах из-за рта». В народной медицине Средней Азии настой и отвар мелиссы применяются при малокровии, нарушении пищеварения, гастрите и язве желудка, для укрепления нервной системы и улучшения работоспособности сердца, а также как мочегонное, потогонное и противосудорожное средство [8].

**Листья мяты перечной -** Мята перечная – растение высотой 40 – 70 см, принадлежит к семейству губоцветных, впервые описана в 1696 году в Англии. Появилась как результат скрещивания двух различных дико произрастающих видов растений и размножается только побегами [9]. Действующие вещества – эфирные масла, дубильные вещества.

Экстракт устраняет вздутие живота, действует спазмолитически и стимулирует выработку желчи, подтверждено противоспалительное действие на желудок.

**Трава чистотеля -** Чистотел большой – растение высотой 30 – 70 см, принадлежит к семейству маковых. Произрастает в зарослях кустарников или вблизи жилья человека. Действующие вещества – алкалоиды и органические кислоты. Экстракт обладает спазмолитическим действием на желчевыводящие пути и желудочно – кишечный тракт, стимулирует моторику желудка.

**Объекты и методы исследования**

Для анализа использовалось сырье, высушенное и измельченное до размера частиц, проходящих сквозь сито с диаметром отверстий 5 мм, собранное в 2020-2022гг. в различных регионах РТ

В стеклянную посуду на 1000 мл помешают сухой, измельченный ингредиент до размера 2 – 3 мм, в соотношение сырья 1 и растворителя 30%- ного водно-спиртового смеси 10 и настаивают при комнатной температуре 20-250С в течение 10 суток, временами 2-3 раза в день взбалтывают. После 10 суток настой отфильтровывают через 3 слойную марлю.

**Методы качественного анализа биологически активных веществ** Исследование проведено известными методами определения качественного анализа биологически активных веществ согласно литературе [10].

**Цель настоящей работы:** определение биологически активных веществ в составе некоторых лекарственных растений произрастающей в Таджикистане.

**Результаты исследования**

Были изучены некоторые физико-химические свойства мелисса лекарственного, ромашка, тмин, мята и чистотел майского, которые произрастают в Таджикистане и могут обладать гастропротекторное и профилактики системы заболевания желудочной секреции (табл. 1.)

Как видно из представленной таблицы 1 неодинаковое процентное содержание сухого остатка, и pH в-пятых исследованных растений указывает на разное содержание биологически активных соединений и воды в тканях этих растений. Наиболее высокое содержание сухого остатка было выявлено в тканях растений мелисса, затем у ромашка, тмин, мята и чистотел майского.

Были изучены физико-химический состав некоторых лекарственных растений (таблица 1).

**Таблица 1**

**Физико-химические показатели изученных лекарственных растений**

| Наименование растений | Сухой остаток из 100 мл (%) | pH ($25^0$C) |
|---|---|---|
| Ромашка | 4.0 | 5.78 |
| Тмин | 4.0 | 5.90 |
| Мелисса | 4.5 | 6.17 |
| Мята | 4.0 | 6.29 |
| Чистотел | 3.5 | 5.94 |

В результате исследований было выявлено, что сухой остаток биологически активных веществ лекарственных растений примерно одинаковый, за исключением мелиссы лекарственной у которой данный показатель составил 4,5 %.

Известно, что Ромашка, Тмин, Мята, мелисса, и Чистотел отличаются содержанием большого набора биологически активных веществ. В связи с этим, представлялось интересным изучить их количественное содержание с помощью качественной цветной реакции.

В результате проведения реакций было выявлено содержание алкалоидов, флавоноидов, сапонинов, гликозидов, полисахаридов, дубильных веществ и эфирных масел в составе настоек, приготовленных из изученных растений (табл.2)

Таблица 2

Качественный анализ лекарственных растений

| Наименование растения | Качественный анализ БАВ | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | алкалоиды | сапонины | флавоноиды | гликозиды | кумарины | аминокислоты | эфирные масла | минералы | дубильные вещ-ва | витамины |
| Ромашка | следы | следы | + | | ++ | + | ++ | + | | + |
| Тмин | следы | + | + | | ++ | + | ++ | + | | + |
| Мелисса | + | ++ | + | | ++ | + | ++ | + | | + |
| Мята | + | + | + | | следы | + | ++ | + | | + |
| Чистотел | +++ | ++ | + | | следы | + | ++ | + | | + |

Качественный анализ изученных растений показал, что данные растения богаты содержанием биологически активных веществ.

Таким образом, можно заключить, что в некоторых лекарственных растений произрастающей в Таджикистане обнаружены практически все биологически активные соединения, действие которых влияет на повышение иммунного статуса.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Фоменко М.Г., Фоменко Г.Ф. Фитотерапия хронических заболеваний / М.Г. Фоменко, Г.Ф. Фоменко. - Ростов-на-Дону, 2000.
2. Шендеров Б.А. Состояние и перспективы концепции «Функциональное питание» в России: общие и избранные разделы проблемы // Фарматека - 2006 - №1(116) - С. 20-23.
3. Kidd P.M. Phosphatidylcholine: a superior protectant against liver damage // J. Alt. Med. Rev. – 1996 - Vol. 7 - №4 - P. 258-274.
4. Флора Таджикской ССР. - Л.: Наука,1988, т. 9, с. 358.
5. Флора Таджикской ССР. - Л.: Наука,1988, т. 97, с. 97-98.
6. Абу Али ибн Сина В кн.: Канон врачебной науки. кн. 2. – Тошкент, 1982. – С. 140-141.
7. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана /М. Ходжиматов. – Душанбе: Гл. научн. ред. Тадж.энциклопедии, 1989. – 368
8. Флора Таджикской ССР. - Л.: Наука,1988, т. 8, с. 272.
9. Флора Таджикской ССР. - Л.: Наука,1988, т. 8, с. 288.
10. Гринкевич Н.И., Сафронич Л.Н. Химический анализ лекарственных растений / Н.И. Гринкевич, Л.Н. Сафронич. - М., 1984. 162 с.

**МИҚДОРИ МОДДАҲОИ ФАЪОЛИ БИОЛОГӢ ДАР ТАРКИБИ БАЪЗЕ РАСТАНИҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОН**

Дар ин мақола шарҳи моддаҳои фаъоли биологӣ (BAS), ки ба бадан ҳангоми бемориҳои рӯдаю меъда таъсири мусбӣ мерасонанд, оварда шудааст. Таъсири чунин синфҳои моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, монанди аминокислотаҳо ва ҳосилаҳои онҳо, алкалоидҳо, флавоноидҳо, сапонинҳо, гликозидҳо, кумаринҳо, витаминҳо, макро- ва микроэлементҳо, моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли пайдоиши растанӣ тавсиф карда шудаанд. Ин моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъолро дар истеҳсоли иловаҳои биологии фаъол ё маҳсулоти хӯрокворӣ барои ғизои табобатӣ ва профилактикӣ истифода бурдан мумкин аст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** растаниҳои шифобахш, моддаҳои фаъоли биологӣ, пайвастагиҳои фенолӣ, равғанҳои эфирӣ, сапонинҳо, алкалоидҳо.

**СОДЕРЖЕНИЕ БИОЛОГИЧЕСКИ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ В СОСТАВЕ НЕКОТОРЫХ ЛЕКАРСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА**

В данной статье приводится обзор биологически активных веществ (БАВ), оказывающих положительное влияние на организм при заболеваниях желудочно-кишечного тракта. Описано действие таких классов БАВ, как аминокислоты и их производные, алкалоиды, флавоноиды, сапонины, гликозиды, кумарины, витамины, макро - и микроэлементы, БАВ растительного происхождения. Данные БАВ могут использоваться в производстве биологически активных добавок к пище или пищевых продуктов для лечебного и профилактического питания.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** лекарственные растения, биологически активные вещества, фенольные соединения, эфирные масла, сапонины, алкалоиды.

**CONTENT OF BIOLOGICALLY ACTIVE SUBSTANCES IN THE COMPOSITION OF SOME MEDICINAL PLANTS TAJIKISTAN**

This article provides an overview of biologically active substances (BAS) that have a positive effect on the body in diseases of the gastrointestinal tract. The action of such classes of biologically active substances as amino acids and their derivatives, alkaloids, flavonoids, saponins, glycosides, coumarins, vitamins, macro- and microelements, biologically active substances of plant origin is described. These biologically active substances can be used in the production of biologically active food supplements or food products for therapeutic and preventive nutrition.

**KEYWORDS:** medicinal plants, biologically active substances, phenolic compounds, essential oils, saponins, alkaloids.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Лайло Мардоновна –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюм. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **984210101.**

**Сведения об авторе:** ***Мирзоева Лайло Мардоновна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **984210101.**

**Information about the author:** ***Mirzoeva Laylo Mardonovna*** - Tajik National University, second-year master`s student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **984210101.**

# ТАЪСИРИ КИСЛОТАҲОИ САЛИСИЛАТ ДАР ОКСИДШАВИИ ПЕРЕОКСИДИИ РАСТАНИИ КАРТОШКА ДАР ШАРОИТИ СТРЕССИИ IN VITRO

***Азимов М.Л., Холматов Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи устувории растаниҳо ба таъсири омилҳои номусоид яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи физиология ва биохимияи растаниҳо ба шумор меравад ва аз ин лиҳоз пайвастагиҳое, ки устувории растаниҳоро дар омилҳои номусоид зиёд мекунанд, таҳти таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор доранд. Яке аз ин пайвастагиҳо кислотаи салитсилат (КС) мебошад, ки ба моддаи фаъоли физиологӣ мансуб аст.

Дар таҷрибаҳо таъсири экзогении КС ба сатҳи оксидшавии пероксидии чарҳои растаниҳои картошка зери таъсири стресс омӯхта шуд.

КС фитогормонест, ки дар рушди системаи устувор ва реаксияҳои ҳассосияташ баланд иштирок мекунад [1].

Дар баробари ин, иштироки КС дар танзими афзоиш ва инкишофи растанӣ, инчунин, устувории онҳо ба таъсироти омилҳои гуногуни биотикӣ ва абиотикӣ маълумотҳои зиёде мавҷуданд [2].

Ба сифати маводи тадқиқотӣ растанӣ-регенерантҳои картошкаи (*Solanum tuberosum* L.) навъи Пикассо, ки дар шароити *in vitro* парвариш карда мешуданд, истифода шуд. Сипас растаниҳо дар давоми 5 рӯз ба маҳлули обӣ гузаронида шуда, дар ҳуҷраи рӯшноидиҳанда ва ҳарорати 23-25°C ва фотопериоди 16-соата парвариш карда шуданд. Пас аз он растаниҳо ба зарфҳои дорои маҳлули 1% NaCl интиқол дода шуда, бо консентратсияҳои гуногуни КС (30-450 мкМ) коркард карда шуданд. Пас аз 24 соати дучоршавӣ ба стресс дар баргҳои растаниҳои картошка сатҳи окисдшавии пероксидии чарбҳо (ОПЧ) аз рӯйи миқдори диалдегиди малонӣ (ДМА) мувофиқи [5], муайян карда шуд. Ба сифати маводи назоратӣ растаниҳое истифода бурда шуданд, ки бо КС коркард карда нашуда буданд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки ҳангоми коркарди растаниҳо бо консентратсияҳои аз 30 то 150 мкМ КС кам ҳосилшавии миқдори ДМА мушоҳида карда мешавад.

Бо зиёд шудани консентратсияи КС аз 200 то 300 мкМ зиёдшавии миқдори ДМА (12,0-18,4 нмол/г вазни тар) мушоҳида гардид, вале миқдори ДМА назар ба варианти назоратӣ кам буд (23,5 нмол/г вазни тар).

Афзоиши консентратсияи КС аз 300 мкМ зиёд буда, якбора ба фаъолшавии ОПЧ (миқдори ДМА 25,1-45,1 нмол / г вазни тар) оварда расонид.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки консентратсияи пасти КС метавонад таъсири зараровари намакро коҳиш диҳад, ки дар ин вақт камшавии миқдори ДМА мушоҳида мегардад ва консентратсияи баланди он бошад, таъсири манфии худро ба растанӣ расонида ба зиёшавии миқдори ДМА оварда мерасонад. Эҳтимол, яке аз чунин сабабҳои таъсири норавшани КС ба растаниҳои картошка ин фаъолшавии ферментҳои антиоксидантӣ буда метавонад.

Ҳамин тариқ, дар асоси маълумоти бадастомада тахмин кардан мумкин аст, ки КС генҳои ба стрессҳо ҷаввобгӯро тезонида, ба ҷамъшавии ферментҳои системаи антиоксидантӣ оварда мерасонад ва яке аз танзимгарони дохилиҳуҷайравии дорои хусусияти фенолӣ буда, метавонад таъсири заҳрнокии намак ва дигар стрессҳоро коҳиш диҳад.

Шӯршавии хок боиси баландшавии фишори осмотикии растаниҳо, инчунин таъсири заҳролудшавии бо миқдори зиёдатии ионҳои ғайриорганикӣ, пеш аз ҳама ионҳои натрий ва хлор, номутаносибии ионҳо ва фишори оксидшавӣ мегардад, ки дар натиҷа мубодилаи моддаҳо дар ҳуҷайра вайрон гардида, паст шудани ҳосилнокии растаниҳои зироатҳои кишоварзӣ мушоҳида карда мешавад. Рӯз то рӯз сатҳи минтақаҳое, ки ба шӯршавӣ дучор шудаанд, меафзоянд.

Мувофиқи маълумотҳои Pitman ва Lauchli [2002], 20% тамоми заминҳои обёришаванда (ва ба гуфтаи Б.П.Строгонов 25%) дар ҷаҳон шӯр аст.

Дар миёнаҳои асри 21, тибқи маълумоти Mahajan ва Tuteja [2005], дар натиҷаи шӯршавии шадид то 50% заминҳои корами кишоварзӣ аз даст хоҳанд рафт. Шӯрӣ асосан бо зиёд шудани миқдори натрий дар хок алоқаманд аст.

Вобаста аз ҷамъшавии намакҳои бартаридоштаи алоҳида, шӯршавии хокро ба шӯрии сулфат, хлорид, сода ё омехта тақсим мекунанд. Ба растаниҳо бештар ионҳои $Na^{+}$ ва $Cl^{-}$ таъсири манфӣ доранд. Шӯршавӣ якуминдараҷа, физикӣ ва шӯршавии дуюмдараҷа мешавад.

Шӯршавии якуминдараҷа дар натиҷаи дар хок ё обҳои рӯйизаминӣ муддати тулонӣ ҷамъ шудани намакҳо ба амал меояд. Ин як раванди табиӣ мебошад, ки асосан дар натиҷаи обшавии намакҳои ҳалшаванда Cl, $Na^{+}$, $Ca^{2+}$ ва $Mg^{2+}$ ва баъзан $SO_4^{2-}$ ва $CO_3^{2-}$ ба вуҷуд меоянд.

Ғайр аз ин, намакҳои ҷамъшудаи баҳрҳо дар натиҷаи шамолу борон паҳн мешаванд, ки ин ҳам боисӣ шӯршавӣ мегардад, ки ин ба навъи хок вобастагӣ низ дорад.

Шӯршавии дуюмдараҷа тавассути фаъолияти антропогенӣ ба амал меояд, ки мувозинати гидрологии хокро байни обе, ки барои обёрӣ истифода мешавад ва оби хоке, ки растаниҳо барои транспиратсия истифода мебаранд, вайрон мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Шакирова Ф.М. Неспецифическая устойчивость растений к стрессовым факторам и ее регуляция. - Уфа: Гилем, 2001.
2. Колупаев Ю.Е., Ястреб Т.О., Швиденко Н.В., Карпец Ю.В. Индукция теплоустойчивости колеоптилей пшеницы салициловой и янтарной кислотами: связь эффектов с образованием и обезвреживанием активных форм кислорода // Прикл. биохимия и микробиология. - 2012. - 48, № 5. - С. 550-556.
3. Норкулов Н.Х., Давлятназарова З.Б., Азимов М.Л., Алиев У.К., Файзиева С.А., Киёмова З., Алиев К. Роль антиоксидантных ферментов в развитии устойчивости растений к стрессорному воздействию / Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2014. - № 1-2 (130). – С. 167-173.
4. Hayat Q., Hayat S., Irfan M., Ahmad A. Effect of exogenous salicylic acid under changing environment: A review // Environ. Exp. Bot. - 2010. - 68. - P. 14-25.
5. Nakano Y., Asada K. Hydrogen peroxide is scavenged by ascorbate – peroxidase in spinach chloroplasts / Plant all physil. – 1981. Vol. 22. – P. 867 – 880.

## ТАЪСИРИ КИСЛОТАҲОИ САЛИСИЛАТ ДАР ОКСИДШАВИИ ПЕРЕОКСИДИИ РАСТАНИИ КАРТОШКА ДАР ШАРОИТИ СТРЕССИИ IN VITRO

Таъсири экзогении кислотаи салисилат (КС) ба сатҳи оксидшавии пероксидии чарбҳо дар растаниҳои картошка дар зери таъсири намак in vitro омӯхта шуд. Нишон дода шуд, ки коркарди растаниҳо бо КС аз 30 то 150 мкм ба пастшавии сатҳи ОПЧ дар шароити стресси намак оварда мерасонад. Дар баробари ин, афзоиши консентратсияи КС (аз 300 мкМ зиёд) ба рушди реаксияҳои муҳофизатии растанӣ ва сатҳи ОПЧ дар баргҳои растаниҳои картошка таъсири манфӣ расонд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** КС, растании регенерант, фотопериодизм, диалдегиди малонӣ.

## ВЛИЯНИЕ САЛИЦИЛОВОЙ КИСЛОТЫ НА ПЕРЕКИСНОЕ ОКИСЛЕНИЕ ЛИПИДОВ РАСТЕНИЯ КАРТОФЕЛЯ В УСЛОВИЯХ СТРЕССА IN VITRO

Изучено влияние экзогенной салициловой кислоты (СК) на уровень перекисного окисления липидов растений картофеля в условиях солевого стресса in vitro. Показано, что обработка растений СК от 30 до 150 мкМ приводит к уменьшению уровня ПОЛ в условиях солевого. В тоже время повышение концентрации СК (выше 300 мкМ) отрицательно повлияло на развитие защитных реакций растений и уровня ПОЛ в листьях растений картофеля.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** СК, регенерантные растении, фотопериодизм, диалдегии малони.

## EFFECT OF SALICYLIC ACID ON OXIDATION OF POTATO PERIOXIDE UNDER STRESS IN VITRO

The effect of exogenous salicylic acid (SA) on the level of lipid peroxidation in potato plants under salt stress in vitro was studied. It has been shown that the treatment of plants with SA from 30 to 150 μM leads to a decrease in the LPO level under saline conditions. At the same time, an increase in SA concentration (above 300 μM) negatively affected the development of plant defense reactions and the LPO level in the leaves of potato plants.

**KEYWORDS:** salicylic acid, plant-regenerate, photoperiodism, dialdehyte melanin.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азимов М.Л.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи экология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Холматов Б.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси экология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **003221515.**

**Сведения об авторах:** ***Азимов М.Л.*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры экологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Холматов Б.* –** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности экологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **003221515.**

**Information about the authors: Azimov M.L. –** Tajik National University, Associate Professor of the Department of Ecology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Kholmatov B.*** – Tajik National University, second-year master`s student in Ecology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **003221515.**

УДК 519.683.

# ТАҲЛИЛ ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ БИНОИ СЕЧЕНАКА

*Шораҳимов Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Графикаи сеченака як шохаи графикаи компютерист, ки маҷмуи усулҳо ва воситаҳо (ҳам нармафзор ва ҳам сахтафзор) мебошад, ки барои таъмини давомнокии фазо-вазъии тасвирҳои ҳосилшуда таъин шудаанд. Бештар аз ҳама, он барои эҷоди тасвирҳо дар визуализатсияи меъморӣ, кинематография, телевизион, бозиҳои компютерӣ, маводи чопӣ ва инчунин дар илм истифода мешавад [1, с. 7].

Барои ба даст овардани тасвири се андоза, шумо бояд ду марҳиларо тай кунед:

- марҳилаи моделсозӣ;
- марҳила Рендеркунӣ (намоиш додан).

Моделсозӣ раванди эҷоди модели математикии саҳна ва объектҳои дар он



ҷойгиршуда мебошад. Намунае дар расми 1 нишон дода шудааст.

Расми 1 - Модели 3D-и Танка (машинаи зиреҳпуш)

Рендеринг (ки аз инглисӣ ҳамчун “визуализатсия” тарҷума мешавад) дар графикаи компютерӣ тартиби ба даст овардани тасвири моделест, ки бо истифода аз барномаи компютерӣ ҳосил карда мешавад. Дар ин замина, модел тавсифи ҳама гуна объектҳо ё падидаҳо дар яке аз забонҳои барномасозӣ ё дар шакли сохтори додаҳо мебошад. Дар бораи тавсиф сухан ронда, маълумоти геометрӣ, мавқеи нуқтаи мушоҳида, маълумот дар бораи равшанӣ ва ғайраро дар назар дорем [5, с. 17].

Дар расми 2 дар зер модели танк нишон дода шудааст, ки дар раванди рендер ба даст оварда шудааст.



Тасвири 2 - Модели танки намоишшуда

Саҳна як фазои симулятсияи виртуалӣ аст, ки дар он объектҳо ҷойгиранд. Дар барномаҳои графикаи 3D саҳнаҳо метавонанд миқёси гуногун дошта бошанд. Масалан, агар ин модели як объект бошад, пас саҳна хурд хоҳад буд. Агар он модели калон бошад, объектҳои зиёде мавҷуданд, пас андозаи саҳна метавонад хеле бузург бошад.

Дар расми 3 саҳна нишон дода шудааст: он пеш аз намоиш чӣ гуна ба назар мерасад (аз чап) ва пас аз он чӣ гуна ба назар мерасад (аз рост).

Моделсозӣ ба чанд намуд тақсим мешавад ва дар оянда таснифоти моделсозӣ пешниҳод карда мешавад ва тасниф бо усулҳои маъмултарин оғоз меёбад.



Тасвири 3 - Фарқи байни саҳнаи лоиҳа ва саҳнаи намоишшуда

*Моделсозии бисёркунҷа.*

Моделсозии бисёркунҷа вақте пайдо шуд, ки барои муайян кардани ҷойгиршавии нуқта координатҳои он дар се меҳвари XYZ дастӣ ворид карда шуданд. Агар ҳар се нуқтаи координата ҳамчун қуллаҳо гузошта шуда, бо кунҷҳо пайваст карда шаванд, он гоҳ секунҷа ба даст меояд, ки онро дар моделсозии 3D бисёркунҷа меноманд. Ҳар як объекти 3D дорои торест, ки аз қуллаҳо, кунҷҳо ва чеҳраҳо иборат аст. Худи бисёркунҷа аз чеҳраҳо иборат аст, аммо дар системаҳое, ки чеҳраҳои бисёрҷонибаро дастгирӣ мекунанд, бисёркунҷаҳо ва чеҳраҳо баробаранд. Намунаи моделсозии бисёркунҷа дар расми 4 нишон дода шудааст.

Моделсозӣ бо бисёркунҷаҳо имкон медиҳад, ки бо торҳои объекти 3D амалҳои гуногун анҷом дода шавад. Ин усул аввалин ва дар айни замон намуди асосии моделсозӣ мебошад - шумо метавонед ҳама гуна объекти мураккабро тавассути пайваст кардани гурӯҳҳои полигонҳо эҷод кунед.

Ин усул маъмултарин усули моделсозӣ мебошад.



Расми 4 - Моделсозии сари инсон бо усули полигон

Моделсозии бисёркунҷа ба се навъ тақсим мешавад:

1. Моделсозии пасти полигонӣ ё Low-Poly барои сохтани объектҳо бо шумораи ками бисёркунҷаҳо пешбинӣ шудааст. Ин одатан захираҳоро сарфа мекунад, агар зарурати баланд вуҷуд надоштани тафсилот бошад.
2. Моделсозии мобайнӣ ё Mid-Poly, ба натиҷаи дилхоҳ ҳангоми намоиш равона карда шудааст; фикрию бисёркунҷа аст, optimized ё тағйир нест, ҳадди ақал.
3. Моделсозии баланд-поли ё High-Poly ба шумо имкон медиҳад, ки объекти дорои шумораи зиёди полигонҳо эҷод кунед, ки кори компютерро ба таври назаррас афзоиш медиҳад [3].

*Моделсозии сплайн.*

Моделсозии сплайн ин сохтани объектҳои 3D бо истифода аз сплайнҳо - хатҳои каҷ мебошад. Сплайнҳо хатҳои шаклҳои гуногун мебошанд: росткунҷаҳо, доираҳо, камонҳо, матн ва ғайра. Объектҳо дар ин ҳолат метавонанд ҳам ноҳамвор ва ҳамвор бошанд, ки ба шумо имкон медиҳад моделҳои органикӣ, аз қабили растаниҳо ё мавҷудоти зинда эҷод кунед. Бартарии асосии моделсозии сплайн чандирии тағйир додани шакли сплайн мебошад. Ин аз расми 5 равшан дида мешавад.




Тасвири 5 - Модели муҳр бо моделсозии сплайн

Ин намуди моделсозӣ аксар вақт бо полигоналӣ, ба монанди графикаи векторӣ бо растр муқоиса карда мешавад. Дар графикаи векторӣ ҳангоми калон кардани объект, дар муқоиса бо графикаи растрӣ, ки пикселҳо намоён мешаванд, сифати он тағйир намеёбад. Ба ҳамин монанд, вақте ки объекте, ки бо сплайнҳо сохта шудааст, калон карда мешавад, сифати он бетағйир мемонад ва полигонҳо дар моделсозии бисёркунҷа аллакай намоён мешаванд.

Аз ин ҷо бартариҳои зерини моделсозии сплайнро пайгирӣ кунед

- Имконияти ягон лаҳза тағйир додан шакл бетон пайванд - бар, яъне ҳатто объекти тайёрро таҳрир кардан осон аст;
- нигоҳ доштани сифат ҳангоми миқёс ва аз ин сабаб аст, ки моделсозии сплайн бештар бартарӣ дода мешавад, махсусан ҳангоми таҳияи сеченакаи бозиҳо.

Маълум мешавад, ки агар ба шумо лозим аст, ки объектеро созед, ки хангоми калон кардан сифаташро нигох дорад, шумо бояд ин усули мушаххасро интихоб кунед.

Моделсозии сплайн бинобар хусусияти худ барои сохтани бозиҳои компютерӣ маъмул

аст [17, с. 20].

Симулятсияи NURBS Non-Uniform Rational B-Spline (NURBS) як усули сохтани объектҳои 3D бо истифода аз каҷҳои махсус бо номи B-splines мебошад. Баъзе коршиносон ин намуди моделсозиро ҳамчун як модели алоҳида ва баъзеҳо ҳамчун зернамудҳои моделсозии сплайн фарқ мекунанд.

Принсипи моделсозӣ чунин аст: бо ёрии B-сплайнҳои амудӣ ва уфуқӣ ҷойгиршуда шакли дилхоҳи объект сохта мешавад ва пас аз он ҳамаи ин бо истифода аз бисёркунҷаҳо пайваст карда мешавад.

Ду варианти ин моделсозӣ мавҷуданд, ки дар расми 6 нишон дода шудаанд:

• бо истифода аз P-каҷҳо (Point), ки шакли онҳо метавонад бо истифода аз қуллаҳои, ки бевосита дар тани хатҳо ҷойгир шудааст;

• бо истифода аз CV-каҷҳо (Control Vertex), ки шакли онҳоро бо истифода аз қуллаҳое, ки дар беруни хатҳо ҷойгиранд, тағйир додан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки принсипи сохтани чунин хатҳо дар истифодаи формулаҳои муайяни математикӣ мебошад.




Расми 6 - Навъҳои моделсозӣ бо B-splines

Non-Uniform Rational B-Splines ҳамчун "ғайриякхелаи ратсионали B-spline" тарҷума шудааст ва бартарии асосии ин технология дар он аст, ки вай барои ба вуҷуд овардани шаклу нақшаҳои органикии ҳамвор, дар асоси аппарати мураккаби математикӣ пешбинӣ шудааст.

Аз сабаби табиати NURBS, сатҳҳо ҳамеша ҳамворанд (онҳо кунҷҳои тезе, ки полигонҳо доранд, надоранд), бинобар ин онҳо дар моделсозии органикӣ (ба монанди сохтани шаклҳои растанӣ), ҳайвонот, одамон, мошинҳо ва ғайра васеъ истифода мешаванд. Сатҳи NURBS аз шабакаи росткунҷаҳо иборат нест, тақсимоти сатҳҳо ба бисёркунҷаҳо танҳо дар марҳилаи намоишӣ сурат мегирад ва истифодаи алгоритми оптималиро барои нигоҳ доштани ҳамворӣ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар ҳама гуна тахмин ҳамвории сатҳ мушоҳида мешавад.

*3D ҳайкалтарошӣ.*

Муҷассамаи 3D, ки бо номи "муҷассамаи рақамӣ" низ маъруф аст, ки дар расми 7 нишон дода шудааст, тақлид ба раванди "муҷассамасозӣ"-и модели 3D, яъне деформатсияи торҳои бисёркунҷаи он бо сими махсус мебошад.

— кист(хасу). Шумо метавонед бо дастони худ аз пластилин ё гил бо рақамҳои ҳайкалтарошӣ аналогия кашед. Танҳо дар барномаҳои моделсозии 3D, ангуштон бо асбобҳои «чутка» ва «пластилин» — торчаи бисёркунҷа иваз карда мешаванд.




Расми 7 - Ҳайкалчаи 3D

Муҷассамаи 3D ба самтҳои асосии моделсозии 3D таъсири калон расонд:

1. Худи симулятсия. Ҳайкалтарошӣ бисёр чизҳоро сода кард ва инчунин ба раванди эҷоди сохторҳои мураккаби шаклхо қулайӣ овард.

2. Текстуризатсия. Акнун шумо метавонед бевосита дар рӯйи замин харитаҳои матниро кашед ва таҳрир кунед.

3. Моделсозии поли паст. Акнун як торчаи камполиполияро сохтан мумкин аст, ки бевосита дар сатҳи объектҳои баланд-полия — ретопология ба вуҷуд оварда мешавад. Ё барномаҳои ҳайкалтарошӣ, ҳангоми содирот ба бастаҳои дигар, ба таври худкор hi-poly -ро ба ҳалли пасттар табдил диҳед - ретопологияи автоматӣ.

*Саноати моделсозӣ.*

Саноат соҳаест, ки дар он моделсозии 3D-и объектҳо, воҳидҳо ва функсияҳои онҳо бештар мувофиқ аст. Хатогиҳои тарҳрезӣ, ки ҳангоме ки механизм аз рӯйи расм ё диаграмма амалӣ карда мешавад, ногузир ба амал меоянд, дар монитор равшан нишон дода мешаванд. Бо ворид кардани ислоҳот ба модели рақамӣ, шумо метавонед фавран натиҷаҳои ин ислоҳҳоро бубинед, ки ба ҳадди аксар иҷроиш ва эстетика ноил шавед. Барои тиҷорат ин технологияҳо сарфаи калон мебошанд. Ҳамин пешгӯиро метавон барои сохтани нусхаи дақиқи намуна истифода бурд, то онро пурратар арзёбӣ кунад ё ба сармоягузорони эҳтимолӣ нишон диҳад. Намудҳои меҳмонхонаҳои саноат комилан ба истеҳсоли оммавии маҳсулот аз модели электронӣ гузаштанд: инҳо на танҳо сувенирҳо, бозичаҳо ё лавозимоти ороишӣ, балки сегментҳои механизмҳо ва таҷҳизоти баландтехнологӣ мебошанд [13].

Истифодаи моделсозии 3D барои ҳалли мушкилоти корхонаи саноатӣ баъзе бартариҳоро фароҳам меорад:

- кам кардани хароҷоти маҳсулоти истеҳсолот;
- хеле босуръат инкишоф додани маҳсулоти нав;

• осонии истифода маҳсулоти тайёр.

Барои сохтани моделҳои 3D барои истифодаи саноатӣ, системаҳои тарҳрезии компютерӣ (CAD) ё тарҳрезии компютерӣ (CAD) истифода мешаванд, ки дар расми 8 нишон дода шудаанд. Онҳо барои сохтани нусхаҳои дақиқи объектҳои воқеӣ пешбинӣ шудаанд.

Бо ин намуди моделсозӣ на танҳо камбудиҳои хурдтарин, балки хосиятҳои маводи объекти моделшуда низ ба назар гирифта мешаванд. Вобаста ба ин, ин намуди моделсозӣ дар муҳандисӣ татбиқи васеъ пайдо кардааст. Хусусияти ин моделсозӣ дар он аст, ки барои сохтани модел на полигонҳо, балки шаклҳои сахт истифода мешаванд.



Расми 8 - Модели саноатии 3D

*Моделсозии параметрӣ.*

Моделсозии параметрӣ дар расми 9 бо роҳи ҷорӣ намудани параметрҳои зарурии элементҳои модел, инчунин, муносибати байни онҳо амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, модели математикӣ бо параметрҳои зарурӣ сохта мешавад, ки бо тағйир додани он шумо метавонед комбинатсияҳои гуногуни моделро эҷод кунед ва ба ин васила тавассути ворид кардани ислоҳи зарурӣ аз хатогиҳо пешгирӣ кунед.

Ин хеле кухна ва оддитарини тартиб додани қисмҳо ва механизмҳои саноатӣ мебошад.



Расми 9 - Моделсозии параметрӣ дар системаи OnShape.

Параметрии 3D ё онро моделсозии 2D низ меноманд, аз тарҳрезии муқаррарӣ ё моделсозии 3D ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар мавриди моделсозии параметрӣ модели математикӣ бо параметрҳое сохта мешавад, ки тағйир додани он боиси тағйирёбии тамоми конфигуратсияи қисм, ҳаракати қисмҳо дар васлшавӣ ва дигар дигаргуниҳои шабеҳ мегардад.

Идеяи сохтани моделсозии параметрӣ кайҳо пеш пайдо шуда буд, аммо, мутаассифона, татбиқи он аз сабаби нокифоя будани кори компютер имконнопазир буд. Соли 1989 санаи таваллуди моделсозии параметрӣ буд, зеро маҳз дар ҳамин сол аввалин системаҳои CAD бо функсияҳои параметризатсия бароварда шуданд.

Ташаккул, ворид кардан ва идора кардани вобастагӣ аслан як раванди тарроҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, тавре ки зикр гардид, моделсозии параметрӣ соддатарин ва қулайтарин роҳи тарҳрезии объектҳост, зеро маҳз ҳамин технология ба мутахассис дастрасии пурра ба назорати вобастагӣ медиҳад. Параметризатсия ҳамчун усули тарҳрезии объектҳо барои мутахассисон мисли таҳрири матн дар MS Word осон аст [12, с. 19].

*Моделсозии сахт.*

Агар ҳангоми моделсозии бисёркунҷа, кубро ним буранд, пас дар дохили он холигӣ пайдо мешавад. Бо моделсозии сахт, чунон ки дар расм, агар шумо як мукаабро буред, он гоҳ холӣ нахоҳад буд, гӯё шумо ашёи воқеии сахтро буридаед.

Ҳангоми сохтани модел, онҳо якбора бо тамоми қабат кор мекунанд, на бо рӯи инфиродӣ. Аввалан, шакли оддии қаҳваранг, масалан, кура сохта мешавад ва баъд ба он амалҳои гуногун татбиқ карда мешаванд: буридан, якҷоя кардан бо дигар ҷисмҳо, амалҳои булӣ, мисли расми 10 ва ғайра.




Расми 10 - Намунаи амалиётҳои булӣ дар моделсозии сахт

Моделсозии сахт барои сохтани моделҳои сахти 3D-и шаклҳои одӣ беҳтарин аст: фишангҳо, муҳаррикҳо ва ғайра, аммо барои эҷоди моделҳои нарм мувофиқ нест: либосҳои чинӣ, ҳайвонот ва ғайра.

Манфиатҳои моделсозии сахт:

1. Визуализатсия беҳтар ва дарки модели офаридашуда. Модели сеченака бо истифода аз технологияҳои муосир бештар аз воқеӣ ба назар мерасад.

2. Насли автоматии расмҳо яке аз бартариҳои асосии ин технология мебошад. Сохтани модел ва тавлиди расмҳо аз он бо истифода аз моделсозии сахт як чанд сония аст.

3. Зуд ва осон дар раванди ворид кардани тағйирот ва ислоҳ ба модел - зарурати аз нав сохтани расм нест, танҳо ҷузъҳои заруриро тағйир диҳед ва барномаро навсозӣ кунед. Шумо, инчунин, метавонед қолибҳоро истифода баред, ки вақти иҷрои корро хеле кам мекунад.

4. Интегратсия бо барномаҳои гуногуни иловагӣ - ҳамгирой ба шумо имкон медиҳад, ки вақтро бо истифода аз натиҷаҳои фавран ба даст овардашуда дар марҳилаҳои корро минбаъда кам кунед.

5. Суръат дар тарҳрезӣ - моделсозии сахт вақти тарроҳии объектро коҳиш медиҳад. Суръати моделсозӣ ба суръати сармоягузорӣ таъсири мусбат мерасонад.

Эҷоди моделҳои сахт имрӯз аз ҳарвақта бештар муҳим аст. Муҳим аст, ки на танҳо объектро зуд созед, балки онро ҳамон қадар зуд таҳрир кунед. Моделсозии сахт дорои чунин сифатҳо мебошад, бинобар ин он технологияи пешрафта ҳисобида мешавад. Усулҳои муаррифӣ, яъне сарҳадӣ ва конструктивӣ, моделҳои воқеии бештарро пешкаш мекунанд.

Бо чунин бартариҳои назаррас моделсозии сахт ҳамчун усули зудтарин, баландтарин ва самараноктарин барои тарҳрезии объектҳои мураккаб эътироф карда мешавад.

*Моделсозии рӯйизаминӣ.*

Моделсозии рӯйизаминӣ одатан барои сохтани сатҳи шаклҳои мураккаб истифода мешавад: мошинҳо, ҳавопаймоҳо ва ғайра. Мисол дар расми 11 нишон дода шудааст.



Расми 11 - Моделсозии рӯйизаминӣ дар барномаи SolidWorks

Модел аз сатҳҳои гуногун сохта шудааст, ки ба онҳо шакли дилхоҳ дода мешавад ва сипас бо ҳамдигар пайваст карда мешавад, масалан, тавассути гузаришҳои ҳамвор ва зиёда аз он бурида. Ҳамин тариқ, шакли қабати дилхоҳи ашё аз якчанд сатҳ ҷамъ карда мешавад.

Афзалиятҳои моделсозии рӯйизаминӣ:

- намояндагии боэътимоди ҳама гуна объекти мураккаб;
- назорати қисмҳои ба ҳамдигар ҷойгиршуда;
- тайёр кардани программаҳои назорат барои дастгоҳ.

Намунаҳои барномаҳо барои моделсозии саноатӣ инҳоянд:
"Compas-3D", "SolidWorks", "Solid Edge" ва ғайраҳо.

*Моделсозӣ бо метасфераҳо.*

Мо, инчунин, бояд чунин моделсозиро, аз қабили «Метабол», яъне моделсозӣ аз рӯйи метасфераҳо зикр кунем.

Дар расми 12 раванди моделсозии метасфера нишон дода шудааст.




Расми 12 - Усули моделсозии метасфера.

Монанди моделсозии сплайн ё NURBS, ин намуд ба шумо имкон медиҳад, ки моделҳои дорои шакли ҳамвор эҷод кунед. Хусусияти он дар он аст, ки модел аз объектҳои 3D-и шакли пӯшидаи ҳамвор (метасфера) сохта шудааст, ки ҳангоми тамос бо ҳамдигар ба таври худкор ба қисмҳо сатҳи дар тамос муттаҳид мешаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки метасфераҳо мисли қатраҳои об ё симоб ба ҳамдигар ҷалб мешаванд.

Бо Metaball, эҷод кардан осон аст, масалан, қатраҳои шабнам дар баргҳои дарахт, доғҳои гуногун ё доғҳо дар пӯсти қаҳрамон.

Blender як мисоли барномаест, ки дар он моделсозӣ аз рӯйи метасфераҳо имконпазир аст.

**АДАБИЁТ**


1. Автомати H&K G36C [Манбаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https: // 3Ddd.ru/3Dmodels/show/avtomat_h_k_g36c_1 (санаи дастрасӣ: 15.04.2019).
2. Пойгоҳи дониши Warface. Автомати H&K G36C [Манбаи электронӣ].-Ҳолати дастрасӣ: https:// wf.mail.ru/wiki/index. php/H%26K (дастрасшуда: 15.04.2019).
3. Намудҳои моделсозии 3D [Манбаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https: // 3D-modeli.net/uroki-3D/6175-vidy-3D-modelirovaniya. html (дастрасшу-да: 03/05/2019).
4. Намудҳои моделсозии 3D: моделсозии полигоналӣ, сплайн ва NURBS. [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://koloro.ua/blog/3D-tekhnologii/vidy-3D-modelirovaniya-poligonalnoe-splajnovoe-i-nurbs-odelirovanie.html (дастрасшуда: 09.03.2019).
5. Визуализатсия - чӣ гуна иҷро шудааст [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: http://mariasolovyova.com/portfolio/70/ (санаи дастрасӣ: 27 феврали 2019).
6. Голованов Н. Н. Моделсозии геометрӣ [Матн]: дастур / Н. Н. Голованов. - Москва, Инфра-М, Курс, 2016.
7. Курси интернетии "3D-графика" [Манбаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: http: // www.e-biblio.ru/book/bib/desig. (санаи дастрасӣ: 12 феврали 2019).
8. Шарҳи мухтасари Autodesk Maya [Манбаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://3Ddevice.com.ua/blog/3D-printer-obzor/autodesk-maya-obzor/ (санаи дастрасӣ: 05/02/2019).
9. Маслов БА. Ю. 3D моделсозӣ В саноатӣ сфера [Матн]: Шумораи махсус / К.Ю.Маслов, М.Ю.Похорукова // Олими ҷавон. - 2016. - № 11.3.
10. Milovskaya O. 3Ds Max 2017. Тарҳрезии дохилӣ ва меъморӣ [Матн]: Дастур / O. Milovskaya. - Санкт-Петербург: Петр, 2017. - 416 Бо.
11. Чаро Cinema 4D? [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: https://www.maxon.net/ru/produkty/cinema-

4d/obzor/ ( санаи дастрасӣ: 05.07.2019).
12. Муаррифии моделсозии параметрӣ 2.0 [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: http://isicad.ru/ru/articles.php?article_num=19650 (санаи дастрасӣ: 03/10/2019).
13. Моделсозии саноатӣ [Захираҳои электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://itvm3D.ru/3D-modelirovanie/promyshlennoe/ (санаи дастрасӣ: 03/10/2019).
14. Моделсозии оддии сплайн дар 3Ds Max. Мо бо нақши худамон мӯхр (штамп) месозем. [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://3Dtoday.ru/blogs/notjes/simple-spline-modeling-in-3Ds-max-create-a-stamp-stamp-with-his-design/ (санаи дастрасӣ: 09.03.2019).
15. Психологияи зард [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://junona.pro/modules.php?name=Content&pa=showpage&pid=1460 (санаи дастрасӣ: 20 майи соли 2019).
16. Психологияи ранг. Ранги сафед [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://junona.pro/modules.php?name Content&pa=showpage (санаи дастрасӣ: 20 майи соли 2019).
17. Психологияи ранг: ранги хокистарӣ [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: https://junona.pro/modules.php? name=Content& pa=showpage&pid=1466 (санаи дастрасӣ: 20 майи соли 2019).

**ТАҲЛИЛ ВА ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ БИНОИ СЕЧЕНАКА**

Мақсад аз кор ба вуҷуд овардани манзараи сеченакаи лабораторияи зеризаминӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф эскизҳо кашида шуда, нармафзори мувофиқро интихобкарда, моделро офаридем. Натиҷа як модели анҷомёфтаи 3D дар форматҳои *.max ва *.fbx мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** модели сеченака, рендер, графикаи сеченака, нармафзор, сахтафзор.

**АНАЛИЗ И ОБЩИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ТРЕХМЕРНОГО ЗДАНИЯ**

Цель работы – создать трехмерный вид подземной лаборатории. Для достижения этой цели были нарисованы эскизы, выбрано соответствующее программное обеспечение и создана модель. В результате получается готовая 3D-модель в форматах *.max и *.fbx.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛАВА:** трехмерная модель, рендеринг, трехмерная графика, программное обеспечение, оборудование.

**ANALYSIS AND GENERAL CHARACTERISTICS OF A THREE-DIMENSIONAL BUILDING**

The purpose of the work is to create a three-dimensional view of the underground laboratory. To achieve this goal, sketches were drawn, we selected the appropriate software and created the model. The result is a finished 3D model in *.max and *.fbx formats.

**KEYWORDS:** Three-dimensional model, rendering, three-dimensional graphics, software, hardware.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Шораҳимов Шарифҷон** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 939034959.**

**Сведения об авторе: Шорахимов Шарифжан** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры вычислительной математики и механики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 939034959.**

**Information about the author:** ***Shorahimov Sharifjan*** – Tajik National University, second-year master`s student in Applied Mathematics of the Department of Computational Mathematics and Mechanics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 939034959.**

**УДК 519.85**

# ТАФТИШИ ФОРМУЛАИ ЭМПИРИКӢ

***Фахриддинов З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Азбаски формулаи эмпирикӣ аз интерполятсияи нуқтагӣ фарқаш дар он ки аниқ қимати функсияи ҷадвалиро ифода намекунад, он гоҳ тарзи табиии тафтиши якумин дар ҳисобкунӣ аз рӯйи формулаи баровардашудаи қиматҳои функсия, ҳангоми қиматҳои ҷадвалии аргументҳо ва муқоисаи натиҷаҳо бо қиматҳои мушоҳидашудаи функсия мебошад.

Бо дигар сухан, хатогии боқимондаи муодилаҳои шартӣ ҳисоб карда мешаванд. Ана ҳамин ҷадвали монанд барои тафтиши коршоям будани формулаи эмпирикӣ хизмат карда метавонад.

Агар ҳама боқимондаҳо бо модул, аз хатогии ҳудудии ченкунии функсия калон набошад, он гоҳ формулаи эмпирикии баровардашударо хуб ҳисоб кардан мумкин аст. Агар ҳамаи боқимондаҳо ошкоро калонтар аз хатогии ҳудудӣ бо модул, он гоҳ формула баръало корношоям мебошад.

Аксар вақт ҳолати фосилавӣ, яъне ҳам боқимондаҳои калон ва ҳам хурд шуданаш мумкин. Он гоҳ, боз аломатҳои боқимондаҳоро истифода кардан мумкин аст. Агар аломатҳо навбат ба навбат бошанд, он гоҳ формуларо қабул кардан мумкин; агар боқимондаҳои мусбат ва манфӣ гуруҳӣ бошанд, он гоҳ формула шубҳа дорад, чунки тамоили системавӣ мавҷуд аст.

Дар охир, барои баҳои коршоям будани формула тамоили миёнаи квадратии як муодиларо истифода бурдан мумкин мебошад.

Агар ин бузургӣ тартиби атрофи нисфи хатогии ҳудудии ченкунии функсияро дошта бошад, он гоҳ формула корношоям аст.

Агар баъди ташхис, формула тамоман корношоям бошад ё шубҳае бошад, он гоҳ тавсия дода мешавад, ки корро бо якчанд формулаи тағйирдода такрор карда шавад.

Аз якчанд формулаҳои ҳосил кардашуда, беҳтаринашро ҳамон ҳисоб карда шавад, ки хатогии миёнаи квадратиаш ба як воҳид вазн хурд аст.

Интихоби беҳтарин аз байни формулаҳоро аз сохтани графики формулаи эмпирикӣ сар кардан қулай мебошад ва онро бо графики қиматҳои ҷадвалӣ муқоиса карда шавад.

Ҳангоми баҳои коршоямии формула, баъзан маълумотҳои физикиро оид ба функсияи муайян кунанда истифода бурдан мумкин аст.

Мисоли баровардани формулаи эмпирикӣ.

Натиҷаи мушоҳидаҳои гузаронидашуда дар ҷадвали зерин оварда мешавад:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $t$ | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,3 | 0,4 | 0,5 |
| $x$ | 1,3 | 1,0 | 0,8 | 0,6 | 0,4 | 0,1 |

Сохтани график дар масштаби хурд тақрибан хати ростро медиҳад.




Бинобар ин, формулаи намудаш хаттии

$$x = a + bt$$

-ро созем, ки ин ҷо $a$ ва $b$ - коэффитсиентҳои номаълум мебошанд.

Азбаски нуқтаҳои $(t_i, x_i)$ камшуморанд, он гоҳ методи нуқтаҳои интихобшударо истифода мебарем. Барои ин, нуқтаҳои ибтидоӣ (0,0 ; 1,3) ва нуқтаҳои (0,5 ; 0,1) ба муодилаи болоӣ мегузарем:

$$\begin{cases} a = 1{,}3\,, \\ 0{,}1 = a + 0{,}5b\,. \end{cases}$$

Қимати $a$ –ро ба муодилаи дуюми система гузошта, $b$ –ро меёбем:

$$0{,}5b = 0{,}1 - 1{,}3$$

Ё

$$0{,}5b = -1{,}2$$

ва

$b = -2{,}4.$

Ҳамин тавр, чунин формулаи вобастагии $x$ –ро аз $t$ ҳосил намудем:

$x = 1.3 - 2{,}4t.$


**АДАБИЁТ**

1. Амонуллоев А., Шерматов Н. Омори математикӣ / А. Амонуллоев, Н. Шерматов. – Душанбе: Сино, 2014.
2. Демиденко Е.З. Линейная и нелинейная регрессия / Е.З. Демиденко. – М.: Финансы и статистика, 1981.
3. Линник Ю.В. Метод неименьших квадратов и основы теории обработки наблюдений / Ю.В. Линник. - М.: Физматгиз, 1962.
4. Шерматов Н., Азизов Р.Э., Саъдуллоев Р.И. Маҷмуи мисол ва масъалаҳо аз назарияи эҳтимолият ва статистикаи математикӣ / Н. Шерматов, Р.Э. Азизов, Р.И. Саъдуллоев. – Душанбе: Сино, 2011.
5. Шерматов Н. Қонунҳои тақсимот ва тавсифҳои онҳо (Законы распределения и их характеристики) / Н. Шерматов. - Душанбе: Эр-граф, 2020.
6. Смирнов Н.В., Дунин -Барковский И.В. Курс теории вероятностей и математический статистики. - М.: Наука - 511с.



**ТАФТИШИ ФОРМУЛАИ ЭМПИРИКӢ**

Дар мақолаи мазкур оид ба тафтиши коршоям будани формулаи эмпирикӣ маълумот дода шудааст. Инчунин, мисол дар бораи баровардани формулаи эмпирикӣ оварда шудааст. Қайд гардида аст, ки натиҷаи мушоҳидаҳои гузаронидашуда дар намуди ҷадвалӣ дода шуда, мувофиқи ҷадвал графики он сохта шуда, аз рӯйи график муодилаи намудаш хатии $x = a + bt$ бароварда шуд. Барои муайян намудани параметрҳои номаълуми $a$ ва $b$ -и ин муодила аз усули нуқтаҳои интихобшуда истифода бурда шудааст.



**КАЛИДВОЖҲО:** параметр, баҳо, метод, эмпирикӣ.



**ПРОВЕРКА ЭМПИРИЧЕСКОЙ ФОРМУЛЫ**

В данной статье представлена информация о проверке достоверности эмпирической формулы. Также приведен пример вывода эмпирической формулы. В табличной форме поиводится результаты наблюдений, и его график . Получено линейное уравнение вида $x = a + bt$ . При этом использовано метод выбранных точек, с помощью которого оценены неизвестные параметры $a$ и $b$ .



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** параметр, оценка, метод эмпирический.



**TESTING THE EMPIRICAL FORMULA**

This article provides information on the verification of the validity of the empirical formula. An example of the derivation of an empirical formula is also given. In tabular form, the results of observations and its graph ara displayed. A linear equation of the form $x = a + bt$ is obtained. In this case, the method of selected points was used, with the help of which the unknown parameters a and b were estimated.



**KEYWORDS:** parameter, estimate, method, empirical.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Фахриддинов Зайниддин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети механикаю математика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 938-18-27-67.**

**Сведение об авторе:** ***Фахриддинов Зайниддин*** – Таджикский национальный университет, магистр механико-математического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 938-18-27-67.**

**Information about author**: ***Fakhriddinov Zainiddin*** - Tajik National University, master`s student of the Faculty of Mechanics and Mathematics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 938-18-27-67.**

**УДК 517.545, 517.546**

# ОИД БА САТҲҲОИ БИСЁРҚАБАТАИ РИМАН

***Зарифзода С.Қ., Ишонқулов Я.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ дар баробари функсияҳои яққимата, функсияҳои бисёрқимата низ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Ба функсияҳои бисёрқимата яке аз мафҳумҳои дигари назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ, яъне мафҳуми «сатҳи Риман» алоқамандии зич дорад. Идеяи сохтани сатҳҳои Риман аввалин бор аз тарафи худи Риман дар солҳои 50-уми асри XIX пешниҳод карда шуда буд ва асоси он дар рисолаи доктории ӯ бо номи «Асосҳои назарияи умумии функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ» гузошта шуда буд [1]. Баъдтар ин идея ба таври васеътар дар корҳои Ф. Клейн [2] – [3], А. Пуанкаре [4], П.Кёбе [5] ва дигарон тадқиқ карда шуд. Мафҳуми сатҳи Риман, новобаста аз ягон функсияи аналитикӣ аввалин бор ба таври дақиқ аз тарафи Г. Вейл [6] муайян карда шуда буд. Ин пас аз инкишоф ёфтани назарияи фазоҳои абстрактӣ ва басёршаклаҳои топологӣ имконпазир гардид. Оид ба хосиятҳои ин гуна сатҳҳо садҳо китоб ва мақолаҳо навишта шудааст. Ин мафҳум қариб ба ҳамаи китобҳо оид ба назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплекӣ дохил гардидааст [7]- [12].

Аз тарафи дигар дар тарзи сохтани сатҳи бисёрқабатаи Риман, дар тамоми ин давраи тулонӣ, сар карда аз соли 1851 то замони муосир, кадом як нофаҳмоӣ ё муаммое хобидааст, ки нобоварӣ ё ноқаноатмандиро дар тахайюлоти ҳар касе, ки аввалин бор ба ин мафҳум шинос мешавад, ба вуҷуд меорад. Ин ҳиссиёти нобоварӣ дар он вақте ба вуҷуд меояд, агар мо дар бораи часпонидани тарафҳои гуногуни буриш дар сатҳҳои алоҳидаи Риман сухан намоем. Олимони зиёд дар он ақида мебошанд, ки дар он хате, ки тарафҳои гуногуни бо ҳам ширешшаванда якдигарро мебуранд, ба ченаки чорум гузаштан лозим меояд.

Барои равшанӣ андохтан ба ин гуфтаҳо аз сарчашмаҳои таърихӣ маълумотҳои зеринро хотирнишон менамоем.

Тақрибан 170 сол пеш олими бузурги немис Бернхард Риман дар таҳқиқотҳои илмии худ оид ба функсияҳои тағйирёбандаашон комплексӣ мафҳумеро кор карда баровард, ки баъдтар ин мафҳум бо номи «Сатҳи бисёрқабатаи Риман» машҳур гардид. Дар тадқиқотҳои худ Риман муайян намуд, ки ҳангоми дар ҳамвории комплексӣ дохил намудани мафҳуми функсияи тағйирёбандааш комплексӣ ба мушкилии ҷиддие дучор шудан мумкин аст. Ин мушкили дар он зоҳир мегардид, ки дар муқоиса ба функсияҳои тағйирёбандаашон ҳақиқӣ, функсияҳои тағйирёбандаашон комплексӣ на ҳамеша яққимата муайян карда мешаванд. Яъне, дар ҳамвории комплексӣ функсияҳое вуҷуд доранд, ки дуқимата, сеқимата, $n$ – қимата ва ҳатто беохирқимата мебошанд. Мушкилӣ дар он буд, ки ҳангоми дучор шудан ба функсияи бисёрқиматаи

$$w = f(z)$$

ба ҳар як қимати аргументи $z$ якчанд қиматҳои функсияи $w: w_1, w_2, \dots$ мувофиқ меомад ва асоснокии интихоби яке аз қиматҳои $w_1, w_2, \dots$ номуайян боқӣ мемонд. Аз ин рӯ барои омӯзиши дурусти ин гуна функсияҳо зарурати аз дидгоҳи нав ба ин гуна функсияҳо нигаристан ба вуҷуд омад.

Худи Риман барои раҳоӣ ёфтан аз ин гуна мушкилӣ идеяеро кор карда баровард, ки баъдан ин идея ба номи ӯ марбут гашт. Риман идеяи сатҳҳои бисёрқабатаро дохил намуд,

ки баъдан дар адабиётҳо ин мафҳум бо номи «Сатҳи бисёрқабатаи Риман» истифода бурда мешуд.

Ҳарчанд ин идеяи пешниҳоднамудаи Риман дар оянда таҳқиқотҳои тамоми математикҳои дунёро хело осон гардонида бошад ҳам, вале ин мафҳум ҳамеша дар худ ким кадом чунон як норавшаниеро фаро мегирифт, ки ин дар таҳқиқотчӣ ҳисси шубҳаро ба вуҷуд меовард. Ҳарчанд ин гуна шубҳа дар тасавуроти ҳар як муҳаққиқ пайдо шавад ҳам, вале бузургии Риман, намегузошт ки нисбат ба идеяю таҳқиқотҳои ӯ дар тасавуротҳои муҳаққиқони алоҳида шубҳа ба вуҷуд биояд. Ин буд ки аксарият муҳаққиқони минбаъда хомушона ба ин норавшанӣ чашм мепушиданд ва мушкилотро ба сӯйи ченаки чорум ҳавола медоданд.

Барои каме равшанӣ андохтан ба суханҳои худ сатҳҳои зерини дуқабатаи Риманро дида мебароем, ки онҳо аз саҳифаҳои интернетӣ гирифта шудаанд.






Вот такая поверхность (https://ic.pics.livejournal.com/zorgeo/4984494/4008/4008_original.jpg) Только надо понимать, что на разрезе пересечения нет, и риманова поверхность в трехмерное пространство не помещается. С голубой ветви справа внизу переход на желтую слева вверху, а с зеленоватой слева внизу - на ту, что справа вверху.

Норавшанӣ дар он хате ниҳон аст, ки тарафҳои гуногуни сатҳи Риман якдигарро мебуранд. Ба суханони дар зери расми охир овардашуда, диққат дода, мебинем, ки дар он чунин гуфта мешавад: «Ба хотир доштан лозим аст, ки дар хате ки ин сатҳ худашро мебурад дар ҳақиқат буриш вуҷуд надорад ва сатҳи Риман дар фазои сеченака намеғунҷад».

Сарчашмаи пайдошавии чунин тасаввурот шояд навиштаҳои зерини худи Риман бошад, ки мо инро аз «Таълифот» (Сочинения) - и худи Риман саҳифаи 90 гирифтем:

«Около какой-нибудь точки ветвления один лист поверхности, будучи продолжаем, переходит в другой, так что в окрестности такой точки поверхность представляет собой нечто вроде винтовой поверхности с осью, стоящей в этой точке перпендикулярно к плоскости (x,y) и. с бесконечно малым шагом. Если функция после нескольких обходов переменной z вокруг точки ветвления возвращается к своему прежнему значению (как, например, $(z-a)^{\frac{m}{n}}$, где m, n - взаимно простые числа, после n обходов), то тогда, конечно, нужно себе представить, что самый верхний лист поверхности продолжается сквозь все остальные в самый нижний».

Қисмати охирини ин ҷумла нишон медиҳад, ки худи Риман ҳам сатҳҳои бисёрқабатаро бе худбурандагӣ тасаввур карда наметавонист. Аз ин рӯ, дар оянда вақте ки назарияи сатҳҳои бисёрқиматаи Риман инкишоф ёфт, ҳамеша пас аз сохтанҳои муайян суханони зерин оварда мешуд: «муттаасифона ин гуна объектҳоро дар фазои сеченакае ки мо дар он зиндагонӣ мекунем, бе худбуриш амалӣ карда наметавонем, зеро он объекти чорченака буда, дар фазои сеченакаи мо намеғунҷад». Фикри чорченака ё бисёрченака будани сатҳҳои бисёрқабатаи Риман шояд аз он сарчашма мегирифт, ки тақрибан дар ҳамон давраҳо соли 1882 дар илм аз тарафи олими дигари бузурги немис Феликс Клейн мафҳуми «Шишаи Клейн» (Бутылка Клейн) ворид карда шуда буд, ки онро дар фазои оддии сеченакаи евклидӣ бе худбуриш ҷойгир кунонидан мумкин набуд. Эътироф гардида буд, ки шишаи Клейн объекти чорченака мебошад ва бинобар ин онро дар фазое сеченака бе худбуриш ҷойгир кунонидан мумкин нест. Нигаред ба расми дар зер овардашуда, ки аз саҳифаҳои интернетӣ гирифта шудааст.




Дар поён нишон медиҳем, ки он хатогии аввалин дар тарзи сохтани сатҳи бисёрқабатаи Риман, ки аз тарафи худи Риман содир карда шуда буд, ба инсоният то имрӯз имконият надодааст, ки ба тарзи дуруст сатҳҳои бисёрқабатаи Риманро дарк намоянд.

Чизи муҳимтар аз ҳама он аст, ки ин хатогӣ аз тарафи математикони бузургтарини асри XIX ба мисли Феликс Клейн, Паул Кёбе, Герман Вейль ва ғ. низ даркношуда боқӣ мемонад. Ҳарчанд ки ин олимон назарияи ин гуна сатҳҳоро аз ҷиҳати математикӣ хело

тараққӣ дода, натиҷаҳои бузургтарини илмиро дар ин самт ба даст оварда бошанд ҳам, вале дар ибтидои ин гуна назарияҳо чизе меистод, ки ҳамеша хонандаро ба нобоварӣ ё мушкилии тарзи даркнамоӣ таҳрик менамуд.

Дар ин лаҳза мо дақиқ гуфта наметавонем, ки кӣ аввалин бор шуда фикр дар бораи бе худбуриш амалинашаванда будани ин объектҳо дар дунёи моро пешниҳод намуда буд. Ҷумлаи дар боло қайдшудаи худи Риман тасдиқ наменамояд ки бо тарзи дигар ин гуна сатҳҳоро бе худбуриш амалӣ кардан мумкин нест. Риман танҳо барои сохтанҳои пешниҳоднамудаи худаш тасдиқ менамояд, ки қабати аз ҳама болоии сатҳи сохташавандаро бе худбуриш ба қабати аз ҳама поёнӣ ширеш кунонидан мумкин нест.

Ҳарчанд Риман фикри «бе худбуриш амалинашаванда будани сатҳҳои бисёрқабата дар дунёи моро» пешниҳод накарда бошад ҳам, вале мо имрӯз хатогӣ дар тарзи сохтан ё даркнамоии ин гуна сатҳҳоро бо ҳукми зарурат ба худи Риман мансуб мешуморем. Зеро танҳо ӯ дар саргаҳи ин идея қарор дошт ва ҳама муҳаққиқони минбаъда дар тарзи сохтани сатҳҳои бисёрқабатаи Риман ҳамеша он роҳеро интихоб менамуданд, ки дар ибтидо худи Риман интихоб намуда буд.

Ҳарчанд чунин бошад ҳам, вале қайд намудан лозим аст, ки ин гуфтаҳо заррае бузургӣ ва азамати Риманро дар назди инсоният кам намегардонад. Танҳо ин мисоли равшани он аст, ки инсоният метавонад сари ҷумлаи хатое давоми асрҳо мулоҳиза ронад, вале он дуруст даркношуда боқи бимонад.

Аз тарафи дигар мутолиаи даҳҳо асарҳои ба сатҳҳои бисёрқабатаи Риман бахшидашуда, моро ба хулосае овард, ки дар ҳамаи онҳо ҳамин мушкилӣ ҷой дорад. Айни ҳол дар тамоми дунё чунин фикре ҳукмфармо аст, ки сатҳҳои бисёрқабатаи Риманро дар фазои сеченака бе худбуриш ҷойгир кунонидан мумкин нест. Имрӯз ҳатто ба саҳифаҳои интеренетӣ нигариста мебинем, ки дар он ҷо даҳҳо лексияҳо дар мавзуи сатҳҳои Риман ҷойгир кунонида шудаанд, ки дар ҳамаи онҳо мушкилии дар боло баёншударо дучор шудан мумкин аст. Масалан, дар онҷо ба лексияҳои хондаи профессор аз МГУ Савчук Артем Маркович, олими ҳиндустонӣ Самудра Рой (Samudra Roy) аз институти технологии Хорогпури Ҳиндустон, олими амрикои Ҷейсон Росс (Jason Ross) аз LPAC TV, олими дигари рус Родионов Ярослав Игоревич аз университети миллии таҳқиқотии Мактаби олии Иқтисодии Федератсияи Россия шинос шудан мумкин аст, ки дар ҳамаи онҳо ҳамон мушкилӣ мушоҳида мегардад. Ҳарчанд ин лексияҳо дар сатҳи хело баланд хонда шуда бошанд ҳам, вале ба таври ноошкор дар ҳар кадоми онҳо ба ҳамон хатогӣ роҳ дода шудааст.

Ғайр аз ин, дар донишгоҳи Гётингени Германия коллексияи гётингении модел ва дастгоҳҳои математикӣ маҳфуз аст. Дар байни ин коллексияҳо дар саҳнаҳои иморати 15 - ум таҳти рақамҳои 257, 258, 259, 264, 407, 863, 924, ва 1028 моделҳои гуногуни сатҳҳои Риман маҳфуз мебошад. Муттаассифона ҳамаи ин моделҳо дар асоси модели нодурусти сатҳи Риман сохта шуда, худашонро бурида мегузаранд. Нигаред ба расми дар поён овардашуда.




Дар замони муосир ба сохтани сатҳҳои Риман барои функсияҳои гуногун бо ёрии компютерҳои муосири пурқувват институтҳо ва компанияҳои алоҳида махсус гардонида шудаанд. Масалан, компанияи Волфрам. Ба корҳои Михаил Тротт (Michael Trott) иқтибос меоварем, ки он бо ёрии барномаи Mathematics вариантҳои гуногуни сатҳҳои Риманро месозад. Расмҳои монанд дар корҳои Симо Кивела (Simo Civelä) аз университети технологии Хелсенки, инчунин дар корҳои Корлес (Corless) ва Ҷефрей (Jeffrey) аз Университети шарқии Онтарио (University of Western Ontario) вомехуранд. Мутаассифона дар ҳамаи моделҳои сохтаи ин олимон сатҳҳои Риман бо худбуриш сохта шудаанд.

Қайд намудан лозим аст, ки тарзи нави сохтани сатҳҳои бисёрқабатаи Риман ки мушкилии худбуришро дар бар намегирад, аввалин бор аз тарафи Зарифзода С.Қ. аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Ин натиҷаҳо дар мақолаи ӯ [13] соли 2022 рӯйи чоп оварда шудааст. Инчунин, сабти видеоии тарзи сохтани сатҳҳои бисёрқабатаи Риман бе худбуриш аз тарафи Зарифзода С.Қ. дар саҳифаҳои интернетӣ дар шабакаи илмии «Математика в XXI веке: возраждение старых идей» бо номи «Срочно, Эврика. Новые взгляды на старые вещи» ҷойгир кунонида шудааст.

**АДАБИЁТ**

1. Риман, Б. Сочинения / Б. Риман. – М., ГИТТЛ, 1948.
2. Клейн, Ф. Лекции о развитии математики в XIX столетии / Ф. Клейн. – М., 1937.
3. Klein, F. On Riemann's Theory of Algebraic Functions and there Integrals / F. Klein. – Macmillon and Bowes, – Cambridge. – 1983.
4. Пуанкаре, А. Избранные труды /А. Пуанкаре. – М., «Наука», – Т. I, II, III. – 1974.
5. Koebe, P. Über die Uniformisierung beliebigen analitischer Kurven / P. Koebe. – J. Für reineu. angev. Math., 1910, – Helf. 3, – 138, – Pp. 192-253.
6. Weyl, H. Die Idee der Riemannnschen Flächen / H. Weyl. – 2. Aufl., Teubner, – Leipzig, – 1923.
7. Спрингер, Дж. Введение в теорию Римановых поверхностей / Дж. Спрингер. – М., 1960.
8. Фукс Б.А. Функции комплексного переменного / Б.А. Фукс, Б.В. Шабат. – М., ГИТТЛ, 1949..
9. Голубев В.В. Лекции по аналитической теории дифференциальных уравнений / В.В. Голубев. – М., ГИТТЛ, 195.
10. Лаврентьев М.А., Шабат Б.В. Методы теории функций комплексного переменного / М.А. Лаврентьев, Б.В. Шабат. – М.: Наука, 1965.
11. Гурвиц А., Курант Р. Теория функций / А. Гурвиц, Р. Курант. – М.: Наука, 1968.
12. Привалов И.И. Введение в теорию функций комплексного переменного / И.И. Привалов. – М.: Наука, 1984.

13. Зарифзода С.К. О некоторых неясностях классического способа построения многолистных поверхностей Римана [Текст] / С.К. Зарифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – № 2. – С. 124-140.

**ОИД БА САТҲҲОИ БИСЁРҚАБАТАИ РИМАН**

Дар ин мақола оид ба сатҳҳои бисёрқабатаи Риман, тарзи сохтани онҳо маълумотҳои таърихӣ гирд оварда шудааст. Нишон дода шудааст, ки дар ҳамаи ин сохтанҳо сатҳҳои бисёрқабатаи Риман хатти худбурандагиро дар бар мегиранд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сатҳи дуқабатаи Риман, функсияҳои бисёрқимата,функсияҳои яккимата, хати худбуриш.

**О МНОГОЛИСТНЫЕ ПОВЕРХНОСТИ РИМАНА**

В этой статье приведены общирные исторические сведения о многолистные поверхности Римана, методы построения таких поверхностей. Показано, что в каждой из таких построений многолистные поверхности Римана содержат в себя линия самопересечения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Двухлистной поверхности Римана, многозначные функции, однозначные функции, линия самопересечения.

**ABOUT MULTISHEET RIEMANN SURFACES**

This article provides extensive historical information on multisheet Riemann surfaces, methods for constructing such surfaces. It is shown that in each of these constructions the many-sheeted Riemann surfaces contain a self-intersection line.

**KEYWORDS:** Two-sheeted Riemann surface, multi-valued functions, single-valued functions, self-intersection line.

**Маълумот оид ба муаллифон**: ***Зарифзода Сарвар Қаҳрамон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985-61- 91- 83.** E- mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Ишонқулов Яҳё –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** магистранти курси дуюми ихтисоси математикаи амалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **107777737.**

**Сведение об авторах:** ***Зарифзода Сарвар Кахрамон*** – Таджикский национальный университет, кандидат физико – математических наук, доцент, заведующий кафедрой вычислительной математики и механики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985- 61- 91- 83.** E- mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Ишанкулов Яхё*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса по специальности прикладной математики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **107777737.**

**Information about the authors:** ***Zarifzoda Sarvar Kahramon*** - Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Computational Mathematics and Mechanics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki prospect, 17. Phone: **(+992) 985-61-91-83.** E-mail: **sarvar8383@ list.ru**
***Ishankulov Yakhyo*** - Tajik National University, second-year master`s student in Applied Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **107777737.**

**УДК 531.15.**

# СОХТАНИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ДАВРЗАНИИ ҶИСМИ САХТ ДАР АТРОФТИ ТИРИ БЕҲАРАКАТ

***Дустмамадова З.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

***Тағйирёбии моменти миқдори ҳаракати система.***

Дар ибтидо мафҳуми моменти инертсияро дида мебароем. Мувофиқи формулаи $J_z = \sum m_k \rho_k^2$ моменти инертсияи система нисбати тир ба суммаи ҳосили зарби массаи нуқтаҳои система ва ба квадрати масофаи ин нуқтаҳо то тир баробар аст.

Моменти инертсия ин меъёри инертнокии система (ҷисм) дар ҳаракати даврзананда мебошад. Бо ибораи дигар чунин гуфтан мумкин аст, ки моменти инертсия дар ҳаракати даврзананда функсияи массаи ҷисмро иҷро мекунад.

Бо усулҳои ҳисоб намудани моменти инертсияи баъзе аз ҷисмҳои сахт шинос мешавем. Ҳар як ҷисм дида баромадашавандаро ҳамчун маҷмуи нуқтаҳои беохир зиёди ба ҳаҷм тақсимшуда тассавур кардан мумкин аст. Барои ин мо бояд моменти инертсияи ҷисми дар атрофи тири $z$ даврзада истодаро ба намуди интегралӣ навишташударо дида мебароем.

Пеш аз он, ки вобастагии моменти миқдори ҳаракати система ва ҷисми сахтро бо параметрҳои динамикӣ дида бароем, бо мафҳуми моменти инертсияи система ва ҷисми сахт шинос мешавем.

Ба мафҳуми моменти инертсия равшанӣ меандозем. Мувофиқи формулаи $J_z = \sum m_k \rho_k^2$ [1] гуфта метавонем, ки моменти инертсияи система нисбати тир ба суммаи ҳосили зарби массаи нуқтаҳои система ва ба квадрати масофаи ин нуқтаҳо то тир баробар аст.

Моменти инертсия ин меъёри инертнокии система (ҷисм) мебошад, ки дар ҳаракати даврзананда дида мешавад. Яъне, моменти инертсия дар ҳаракати даврзананда ин функсияи массаи ҷисмро иҷро менамояд.

Ҳисоб намудани моменти инертсияи баъзе ҷисмҳои сахт ошноӣ пайдо мекунем. Дилхоҳ ҷисми сахтро ҳамчун маҷмуи нуқтаҳои беохир зиёди ба ҳаҷм тақсимшуда тассавур намудан мумкин аст. Бинобар ин, моменти инертсияи ҷисми дар атрофи тири z даврзада истодаро ба намуди интегралӣ навишта метавонем:

$$J_z = \int_V \rho^2 dm, \quad (1)$$

дар ин ҷо dm-массаи қисмати элементарии ҷисм, $\rho$-масофаи ин қисмат то тири z буда, интегрironӣ ба тамоми ҳаҷми ҷисм V тааллуқ дорад.

***Моменти миқдори ҳаракати система.***

Ҳаракати даврзанандаи системаи механикиро бо вектори моменти миқдори ҳаракати система дида баромадан мумкин аст. Дар ин параграфи кори хатмкунӣ бо усулҳои ҳисоб кардани моменти миқдори ҳаракати система ва вобастагии ин вектор бо дигар бузургиҳои қисми динамика ошноӣ пайдо мекунем, ки дар рафти кори хатмкунӣ дар ҳалли масъалаҳои мушаххас истифода мегардад.



Расми 1

Моменти миқдори ҳаракати як нуқтаи $k$-и система нисбат ба маркази $O$ мувофиқи теорема оид ба тағйирёбии моменти миқдори ҳаракат чунин мешавад. Агар нуқта бо таъсири қувваҳои берунӣ дар атрофи ягон марказ ва ё дар атрофи ягон тири оромистода дар ҳаракат бошад, он гоҳ барои тавсифи ҳаракати нуқта мафҳуми дигар, моменти миқдори ҳаракати нуқта нисбат ба марказ ва $m\vec{\vartheta}$ ё тир интихоб мекунанд.

Бигзор нуқтаи $M$, ки миқдори ҳаракаташ мебошад бо таъсири қувваи берунӣ $\vec{F}$ дар гирди маркази ихтиёри $O$ аз рӯйи ягон траектория ҳаракат карда истода бошад (расми 1). Аз маркази $O$ ба миқдори ҳаракати нуқта $m\vec{\vartheta}$ радиус-вектор $\vec{r}$ мегузаронем. Моменти

миқдори ҳаракати нуқта нисбат ба марказ гуфта, зарби векторий радиус-вектор $\vec{r}$-ро ба вектори миқдори ҳаракат $m\vec{\vartheta}$ меноманд ва бо ҳарфи $\vec{L}_o$ ва ё $\vec{K}_o$ ишора мекунанд, яъне

$$\vec{K}_o = \vec{r} \times m\vec{V} \quad (2)$$

Моменти миқдори ҳаракат $\vec{K}_o$ ба монанди моменти қувва нисбат ба марказ вектори озод буда ба ҳамвории век-торҳои $\vec{r}$ ва $m\vec{\vartheta}$ перпендикуляр аст ва самти он аз қоидаи зарби векторий ду вектор муайян карда мешавад. Одатан вектори $\vec{K}_o$-ро ба марказе мегузоранд, ки нисбат ба он моменти миқдори ҳаракати нуқта ҳисоб карда мешавад. Бузургии $K_0$ нисбат ба марказ ба ифодаи зерин баробар аст

$$K_o = mVh, \quad (3)$$

дар ин ҷо $h = r\sin(\vec{r}\wedge m\vec{V})$ перпендикуляри аз марказ ба самти $m\vec{\vartheta}$ гузаронидашуда мебошад (расми 1).

Агар бо векторҳои воҳидӣ $\vec{\imath}, \vec{\jmath}, \vec{k}$ самти тирҳои координати оромистодаро нишон диҳем ва бо $K_x K_y K_z$ проексияи вектори $\vec{K}_o$, бо $x,y,z$ проексияи вектори $\vec{r}$ ва проексияи вектори $m\vec{\vartheta}$-ро бо $m\dot{x}, m\dot{y}, m\dot{z}$ ишора кунем, он гоҳ баробарии векторий (2)-ро ба намуди координатӣ ин тавр навиштан мумкин аст

$$\vec{i}K_x + \vec{j}K_y + \vec{k}K_z = \begin{vmatrix} \vec{i} & \vec{j} & \vec{k} \\ x & y & z \\ m\dot{x} & m\dot{y} & m\dot{z} \end{vmatrix} \quad (4)$$

Аз ин баробарӣ проексияи моменти миқдори ҳаракати нуқтаро нисбат ба тирҳои координат муайян мекунем

$$\begin{aligned} K_x &= m(z\dot{y} - y\dot{z}) \\ K_y &= m(z\dot{x} - x\dot{z}) \quad (5) \\ K_z &= m(x\dot{y} - y\dot{x}) \end{aligned}$$

Сипас, моменти миқдори ҳаракати нуқта нисбат ба марказ ва нисбат ба тирҳои координат, мувофиқан аз формулаҳои (3) ва (5) ҳисоб карда мешавад. Дар системаи СИ ченаки моменти миқдори ҳаракат *Н·м·с* мебошад.

Акнун ба тағйирёбии моменти миқдори ҳаракати нуқта назар мекунем. Муайян мекунем, ки тағйирёбии моменти миқдори ҳаракат ба чӣ вобаста аст. Барои ин вобастагиро ёфтан боз муодилаи асосии динамикаро истифода бурда, тарафи чапу рости онро ба вектори $\vec{r}$ аз тарафи чапи муодила векторӣ зарб мекунем

$$\vec{r} \times m\vec{a} = \vec{r} \times \vec{F} \quad (6)$$

Дар ин ҷо $\vec{r} \times \vec{F} = \vec{M}_o$ ин моменти қувваи $\vec{F}$ нисбат ба маркази *O*-ро ифода мекунад. Тарафи чапи муодиларо ба ин намуд менависем:

$$\vec{r} \times m\vec{a} = \vec{r} \times m\frac{d\vec{V}}{dt} = \frac{d}{dt}\left(\vec{r} \times m\vec{V}\right) - \frac{d\vec{r}}{dt} \times m\vec{V}.$$

Аз баски $\frac{d\vec{r}}{dt} \times m\vec{V} = m\left(\vec{V} \times \vec{V}\right) = 0$ аст ва $\vec{r} \times m\vec{V} = \overrightarrow{K_0}$, он гоҳ $\vec{r} \times m\vec{V} = \frac{d\overrightarrow{K_0}}{dt}$ва муодилаи (6) чунин намуд мегирад:

$$\frac{d\vec{K}_o}{dt} = \vec{M}_o \quad (7)$$

Ин баробари теорема дар бораи тағйирёбии моменти миқдори ҳаракати нуқтаро ба намуди дифференсиалӣ ифода мекунад. Аз ин бармеояд, ки тағйирёбии моменти миқдори ҳаракати нуқта нисбат ба ягон марказ дар ҳар лаҳзаи вақт бо таъсири моменти қувваҳои берунӣ нисбат ба ин марказ ба амал меояд.

Ифодаҳои (7)-ро нисбат ба тирҳои координат проектиронида ин теоремаро ба намуди аналитикӣ менависем

$$\frac{dK_x}{dt} = M_x; \ \frac{dK_y}{dt} = M_y; \ \frac{dK_z}{dt} = M_z \quad (8)$$

дар ин ҷо $M_x$, $M_y$, ва $M_z$ проексияи вектори $M_o$ нисбат ба тирҳои $x,y,z$ мебошад.

Бояд қайд кард, ки интегрironидани муодилаҳои (8) ба намуди умумӣ ғайриимкон аст, вале дар баъзе ҳолатҳои хусусӣ ҳалли масъалаҳои динамика бо ин муодилаҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Бигзор хати таъсири барobartaъсиркунандаи қувваҳои ба нуқта гузошта шуда доимо аз марказ гузашта истад (расми 2).



Расми 2

Дар ин сурат моменти қувваи $\vec{F}$ нисбат ба марказ $\vec{M}_o = 0$ мешавад бузургӣ ва самтӣ моменти миқдори ҳаракати нуқта нисбат ба ин марказ доимӣ мемонад. Аз формулаи (7) бармеояд, ки

$$\frac{d\vec{K}_o}{dt} = 0, \text{ ва } \vec{K}_o = const \quad (9)$$

Дар ин ҳолат проексияи вектори $\vec{K}_0$ нисбат ба тирҳои координат низ доимӣ мемонад. Аз формулаи (8) дар вақти $M_x$, $M_y$, ва $M_z$ баробари сифр будан се интеграли ҳаракатро пайдо мекунем:

$$\left.\begin{aligned} K_x &= c_1; \\ K_y &= c_2; \\ K_z &= c_3, \end{aligned}\right\}$$

ва ё бо назардошти баробарии (5) навишта метвонем:

$$m(y\dot{z} - z\dot{y}) = c_1;$$
$$m(z\dot{x} - x\dot{z}) = c_2;$$
$$m(x\dot{y} - y\dot{x}) = c_3. \quad (10)$$

Дар ин ҷо $c_1$, $c_2$ ва $c_3$ доимиҳои интегрironӣ мебошанд, ки аз шартҳои аввала ёфта мешаванд.

Формулаи (2) ро истифода бурда, ба ифодаи зерин соҳиб мешавем:

$$\vec{K}_{ok} = \vec{r}_k \times m_k \vec{V}_k$$

Дар расми 3 моменти миқдори ҳаракати ду нуқтаи система нишон дода шудааст.




Расми 3

Аз расми 3 дида мешавад, ки моменти миқдори ҳаракати система нисбат ба маркази $O$ намуди зерин доро аст:

$$\vec{K}_0 = \sum_{k=1}^{n} \vec{r}_k \times m_k \vec{V}_k \qquad (11)$$

Дар ин ҷо $\vec{r}$ радиус-векторӣ нуқтаи $k$, $m_k\vec{V}_k$ - миқдори ҳаракати нуқтаи $k$-и система мебошад.

**Таъриф**. *Ҳамин тавр моменти миқдори ҳаракати система нисбат ба ягон нуқта* $\vec{K}_0$ *аз ҷамъи вектории моменти миқдори ҳаракати нуқтаҳои система нисбат ба ин нуқта баробар аст.*

Аз формулаи (5) дар боло овардашуда истифода бурда, тарафи чапу рости баробарии (11)-ро нисбат ба тирҳои координати инертсиалӣ проексиронида моменти миқдори ҳаракати системаро ба намуди координатӣ менависем:

$$K_x = \sum m_k (y_k V_{kz} - z_k V_{ky}),$$
$$K_y = \sum m_k (z_k V_{kx} - x_k V_{kz}), \; (12)$$
$$K_z = \sum m_k (x_k V_{ky} - y_k V_{kx}),$$

дар ин ҷо $x_к$, $y_k$, $z_k$ - координатҳои нуқтаи $k$; $V_{kx}$, $V_{ky}$, $V_{kz}$ проексияҳои суръати нуқтаи $k$ - и система, $K_x$, $K_y$, $K_z$ -ро ҳисоб карда, бузургии $\vec{K}_0$ -ро аз формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$K_0 = \sqrt{K_x^2 + K_y^2 + K_z^2} \,. \; (13)$$

Бояд қайд кард, ки ҳисоб кардани моменти миқдори ҳаракати система нисбат ба тир ҷолиби диққат аст ва аҳаммияти калони амалӣ ва назариявӣ дорад. Бигзор ҳамаи нуқтаҳои системае, ки дар кори хатм мо дида мебароем нисбат ба тири $z$ бо як хел суръати кунҷӣ $\omega$ даврзада истода бошанд. Аз ин ҷо миқдори ҳаракати нуқтаи $k$-и системаи $m_k\vec{V}_k$ дар ҳамвории ба тири $z$ перпендикуляр буда ва дар ин ҳамворӣ хобида, бо самти даврзании система равон аст (расми 4).



Расми 4

Агар масофаи байни нуқтаи $k$-и системаи дида баромадашуда ва тири z-ро бо $\rho_k$ ишора кунем, он гоҳ моменти миқдори ҳаракати нуқтаро нисбат ба тири $z$ чунин навишта ммумкин аст:

$$K_{kz} = m_k V_k \rho_k \qquad (14)$$

Суръати нуқтаи $k$-*и система* $V_k = \omega\rho_k$ -ро ба назар гирифта, баробарии (14)-ро ба намуди зерин меорем:

$$K_{kz} = m_k \rho_k^2 \omega \ . \qquad (15)$$

Барои муайян кардани моменти миқдори ҳаракати система мо дар кори хатмкунӣ чунин рафтор мекунем: аз ҳарду тарафи баробарии (15) нисбат ба тири $z$ сумма гирифта ҳосил мекунем:

$$K_z = \sum_{k=1}^{n} K_{kz} = \omega \sum_{k=1}^{n} m_k \rho_k^2 \ ,$$

дар ин баробарии ҳосилшуда $\sum m_k \rho_k^2 = I_z$ ишора карда, онро моменти инертсияи система меноманд, он гоҳ дар натиҷа ҳосил мекунем:

$$K_z = J_z \omega \ . \qquad (16)$$

**Таъриф.** *Ҳамин тавр, моменти миқдори ҳаракати система ҳангоми давр задани он нисбат ба тири z ба ҳосили зарби моменти инертсияи система нисбат ба ин тир ва суръати кунҷии система* $\omega$ *баробар аст.*

Асосан баробарии дар боло ҳосилшудаи (16)-ро барои ҳисоб намудани моменти миқдори ҳаракати ҷисмҳои сахти дар атрофи тир даврзадаистода истифода мебаранд, чунки дар ҳолати хусусӣ ҷисми сахтро ҳамчун системаи механикӣ хондан мумкин аст.

Пеш аз он, ки вобастагии моменти миқдори ҳаракати система ва ҷисми сахтро дида бароем бо параметрҳои динамикии механика, бо мафҳуми моменти инертсияи система ва ҷисми сахт шинос мешавем.

***Моменти инертсия ҷисми сахти дар атрофи тир даврзананда.***

Дар ин мақола мо моменти инертсияи ҷисми сахтро дида мебароем. Ба мафҳуми моменти инертсия равшанӣ меандозем. Мувофиқи формулаи $J_z = \sum m_k \rho_k^2$ , ки дар параграфи боло дида баромадем, моменти инертсияи система нисбати тир ба суммаи массаи нуқтаҳои система ва ба квадрати масофаи ин нуқтаҳо то тир баробар аст.

Моменти инертсия ин меъёри инертнокии система (ҷисм) дар ҳаракати даврзananда мебошад. Бо дигар ибора моменти инертсия дар ҳаракати даврзананда функсияи массаи ҷисмро иҷро мекунад.

Бо усулҳои ҳисоб намудани моменти инертсияи баъзе ҷисмҳои сахт, ки дар кори хатмкунӣ дида мешавад, шинос мешавем. Ҳар як ҷисмро ҳамчун маҷмуи нуқтаҳои беохир зиёди ба ҳаҷм тақсимшуда тассавур кардан мумкин аст. Аз ин мебарояд, ки моменти инертсияи ҷисми дар атрофи тири $z$ даврзада истодаро дар шакли интегралӣ навишта ҳалли онро ҷустуҷӯ менамоем:

$$J_z = \int_V \rho^2 dm \qquad (17)$$

дар ин баробарии ҳосилшуда $dm$ – массаи қисми элементарии ҷисм, $\rho$-масофаи ин қисм то тири $z$ буда, интегриронӣ ба тамоми ҳаҷми ҷисм $V$ тааллуқ дорад. Агар массаи қисми элементарии ҷисм $dm$-ро бо зичии масса $\gamma$ ва ҳаҷми қисми элементарӣ $dV=dxdydz$ ифода кунем, он гоҳ (17) намуди зерин мегирад.

$$I_z = \int_V \gamma\rho^2 dV \qquad (18)$$

ё ки

$$I_z = \iiint_V \gamma\rho^2 dxdydz \qquad (19)$$

Аз ин бармеояд, ки дар ҳолати умумӣ моменти инертсияи ҷисм нисбат ба тир бо интеграли секарата ҳисоб карда мешавад. Барои ҳисоб намудани интеграли секарата ва моменти инертнокии ҷисмро нисбат ба ягон тир ҳисоб намудан, якчанд ҳолатҳои хусусиро дида мебароем:

1. Агар ҷисм дар атрофи ягон тир даврзадаистода бошад ва ин ҷисми даврзадаистода якҷинса бошад, яъне $\gamma = const$ бошад, он гоҳ бо назардошти баробарии (18) ҳосил мекунем:

$$J_z = \gamma \int_V \rho^2 dV = \gamma J_V, \qquad (20)$$

ки дар ин ҷо $J_V = \int_V \rho^2 dV$-ро моменти инертсияи ҳаҷм меноманд.

2. Агар ҷисми дар атрофи тири $z$ даврзадаистода ҳамвори якҷинса бошад, яъне ба монанди платформаи даврашакли ғафсиаш ба як воҳид баробар бошад, он гоҳ моменти инесияи ин гуна ҷисми сахт аз рӯйи баробарии зерин ҳисоб карда мешавад:

$$J_z = \int_S \gamma' \rho^2 ds = \gamma' J_s, \qquad (21)$$

ки дар ин ҷо $\gamma' = const$-зичии сатҳии ҷисм, $ds$-масоҳати сатҳи элементарии ҷисм ва $J_s$-ро моменти инертсияи масоҳати сатҳӣ мебошад.

3. Агар ба мо ҷисми борики дарози якҷинса дода шуда бошад, яъне ҷисми додашуда ба монанди меҳвари гардиш бошад, он гоҳ ба баробарии (18) $dm = \gamma' dl$ гузошта, моменти инертсияи онро аз формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$J_z = \int_\ell \gamma'' \rho^2 d\ell = \gamma'' J_\ell, \qquad (22)$$

ки дар ин ҷо $\gamma''$- зичии дарозии ҷисм, $dl$-дарозии элементарӣ ва $J_l$-ро моменти инертсияи хати борик мебошанд.

Барои боз ҳам бо роҳи осонтар ёфтани моменти инертсияи ҷисмҳо дар кори хатмкунӣ массаи ҷисми даврзадаистода нисбат ба тир симметрӣ тақсим намуда, моменти инертсияи ҷисмҳоро ҳисоб мекунанд. Дар поён якчанд ҳолатҳои хусусии моменти инертсияи баъзе ҷисмҳои якҷинсаро дида мебароем:

**Меҳвари якҷинса**. Моменти инертсияи меҳвари якҷинсаро нисбат ба тире, ки аз маркази массаи он мегузарад ва ба меҳвар перпендикуляр аст, ҳисоб мекунем (расми 5).



Расми 5

Нуқтаи $c$-ро ба сифати аввали системаи координат интихоб карда, тири $x$-ро бо қади меҳвар равон мекунем, он гоҳ ба (22) $\rho=x$ ва $dl=dx$ гузошта моменти инертсияи меҳварро нисбат ба тири $z$ ҳисоб мекунем.

$$J_z = \int_{\frac{-l}{2}}^{\frac{l}{2}} \gamma'' x^2\, dx = \gamma'' \int_{\frac{-l}{2}}^{\frac{l}{2}} x^2\, dx = \gamma'' \frac{x^3}{3} |_{\frac{-l}{2}}^{\frac{l}{2}} =$$

$$= \gamma'' \left( \frac{\left(\frac{l}{2}\right)^3}{3} - \frac{\left(-\frac{l}{2}\right)^3}{3} \right) = \gamma'' \left( \frac{\frac{l^3}{2^3}}{3} + \frac{\frac{l^3}{2^3}}{3} \right) = \gamma'' \left( \frac{\frac{l^3}{8}}{3} + \frac{\frac{l^3}{8}}{3} \right) =$$

$$= \gamma'' \left( \frac{l^3}{24} + \frac{l^3}{24} \right) = \gamma'' \left( \frac{l^3 + l^3}{24} \right) = \gamma'' \frac{2l^3}{24} = \gamma'' \frac{l^3}{12}.$$

Яъне

$$J_z = \int_{-\ell/2}^{\ell/2} \gamma'' x^2 dx = \gamma'' \frac{x^3}{3} \int_{-\ell/2}^{\ell/2} = \gamma'' \frac{\ell^3}{12}$$

мешавад. Азбаски массаи меҳвар ба $m = \gamma'' \ell$ баробар аст, пас

$$J_z = \frac{m\ell^2}{12} \qquad (23)$$

**2. Варақаи даврашакл**. Акнун ҷисми даврашакли ба монанди варақа (пластинка) тунукро дида мебароем. Моменти инертсияи варақаи даврашакли якҷинсаро нисбат ба тири $z$ дида мебароем, ки тири $z$ аз маркази варақаи тунуки якҷинса мегузарад ва ба ҳамвории варақа (пластинка) перпендикуляр аст, ҳисоб мекунем (расми 6).



Расми 6

Ба (21) $\rho$=$r$ ва $dS = 2\pi rdr$ гузошта моменти инертсияи варақаи даврашаклро ҳисоб мекунем

$$J_z = 2\pi\gamma' \int_0^R r^3\, dr = 2\pi\gamma' \left(\frac{r^4}{4}\right)\Big|_0^R = 2\pi\gamma' \left(\frac{R^4}{4} - \frac{0^4}{4}\right)$$

$$= 2\pi\gamma' \left(\frac{R^4}{4} - \frac{0^4}{4}\right) = 2\pi\gamma' \left(\frac{R^4}{4}\right) =$$

$$= 2\pi\gamma' \cdot \frac{R^4}{4} = \pi\gamma' \cdot \frac{R^4}{2} = \frac{\pi\gamma'}{4} R^4.$$

Ё ки

$$J_z = 2\pi\gamma' \int_0^R r^3 dr = \frac{\pi\gamma'}{2} R^4 .$$

Ба таври зерин низ навишта мумкин аст:

$$J_z = \frac{1}{2} mR^2 \qquad (24)$$

дар ин ҷо $m = \gamma'\pi R^2$ массаи варақаро ифода мекунад.

4. **Силиндри даврашакл**. Моменти инертсияи силиндри даврашакли якҷинсаи массааш ба *M баробар*, радиусаш ба *R* ва баландиаш *H* баробарро дида баромада, моменти инертсияи онро нисбат ба тири *z* ҳисоб мекунем (расми 7).



Расми 7

Барои бо мақсади силиндрро ба варақаҳои мудавваршакли ғафсиаш *dz* ва ба тири симметрӣ *z* перпендикуляр буда ҷудо кардан, массаи ин қисми ҷудокардашударо бояд дар шакли зерин навишта тавонем

$$dM = \gamma ds dz,$$

ки дар ин ҷо $dM = \gamma ds dz$ масоҳати варақаи даврашакл, $\gamma$-зичии массаи силиндр мебошад, ҳангоми $dM$-ро ба баробарии (24) гузоштан $J_z$-ро ҳисоб кардан мумкин аст:

$$J_z = 2\pi\gamma \int_0^R R^3\,dR \int_0^H dz = 2\pi\gamma \left(\int_0^R R^3\,dR\right) \int_0^H dz =$$

$$= 2\pi\gamma \left(\int_0^R R^3\,dR\right) (\mathrm{z})|_0^H = 2\pi\gamma \left(\int_0^R R^3\,dR\right) (\mathrm{H} - 0) =$$

$$= 2\pi\gamma \left(\int_0^R R^3\,dR\right) H = 2\pi\gamma\mathrm{H} \left(\int_0^R R^3\,dR\right) =$$

$$= 2\pi\gamma\mathrm{H} \left(\frac{R^4}{4} - \frac{0^4}{4}\right)|_0^R = 2\pi\gamma\mathrm{H} \left(\frac{R^4}{4}\right) = 2\pi\gamma\mathrm{H} \frac{R^4}{4}.$$

Ё, ки

$$J_z = 2\pi\gamma \int_0^R R^3 dR \int_0^H dz = 2\pi\gamma H \frac{R^4}{4}.$$

Азбаски $\gamma 2\pi R^2 H$ ба массаи силиндре, ки бо $M$ ишорат намудем баробар аст, пас аз ин ҷо гуфта метавонем, ки моменти инертсияи силиндр нисбат ба тири $z$ ба ифодаи зерин баробар мешавад:

$$J_z = \frac{MR^2}{2} \quad (25)$$

**4. Силиндри дарунхолӣ**. Моменти инертсияи силиндри дарунхолии радиуси беруниаш $R_1$ ва дохилиаш $R_2$ ва баландиаш ба $H$ баробар аст, нисбат ба тир $z$, ки қад-қади он равона буда, аз маркази силиндр мегузарад, ҳисоб мекунем (расми 8).




Расми 8

Ин силиндрро ҳамчун ду силинри якҷинсаи пурраи радиуси $R_1$ ва $R_2$ дошта тасаввур карда, моменти инертсияи онҳоро мувофиқи формулаи (25) ҳисоб карда, баъд моменти инертсияи силиндри дуюмро аз моменти инертсияи якум тарҳ мекунем

$$J_z = \frac{m_1 R_1^2}{2} - \frac{m_2 R_2^2}{2},$$

дар ин ҷо $m_1 = \gamma\pi R_1^2 H,\ m_2 = \gamma\pi R_2^2 H$ мувофиқан массаи силиндрҳои пурраи якум ва дуюм мебошад.

Массаи силиндри дарунхолӣ аз баробарии зерин ҳисоб карда мешавад

$$m = m_1 - m_2 = \gamma H\pi\left(R_1^2 - R_2^2\right)$$

Сипас, моменти инертсияи силиндри дарунхолӣ ба ифодаи зерин баробар аст:

$$J_z = \frac{\gamma\pi H}{2}\left(R_1^4 - R_2^4\right) = \frac{\gamma\pi H}{2}\left(R_1^2 - R_2^2\right)\left(R_1^2 + R_2^2\right)$$

ё ки

$$J_z = \frac{m}{2}\left(R_1^2 + R_2^2\right) \qquad (26)$$

**5. Кура.** Моменти инертсияи кураи якҷин-саро нисбат ба тири маркази $cz$ ҳисоб мекунем (расми 9). Барои ин кураро ба қабатҳои ҳаммаркази сферикӣ радиуси $r$ ва ғафсии $dr$ дошта ҷудо мекунем. Массаи ин қабати ҷудокарда ба $dm = \gamma dV$ баробар аст, дар ин ҷо $\gamma$-зичии кура ва $dV$ ҳаҷми ин қисм мебошад. Пас моменти инертсияи кура

$$J_{cz} = \int_V r^2 dm = \gamma 4\pi \int_O^R r^4 dr = \gamma 4\pi \frac{R^5}{5}$$



Расми 9

Массаи кура $m = \frac{4}{3}\pi R^3 \gamma$ -ро ба назар гирифта моменти инертсияи онро ба намуди зайл пешниҳод мекунем.

$$J_z = \frac{3}{5} mR^2 \quad (27)$$

Моменти инертсияи дигар ҷисмҳоро аз маълумотномаи техникӣ ва ё дигар адабиётҳо доир ба механикаи назариявӣ дарк кардан мумкин аст.

### АДАБИЁТ


1. Туйчизода Н., Содиқов Х. Роҳнамои ҳалли масъалаҳо аз механикаи назариявӣ / Н. Туйчизода, Х. Содиқов. - Душанбе, 2009.
2. Тарг С.М. Краткий курс теоретической механики / С.М. Тарг. - М.: «Высшая школа», 1986.
3. Холмуратов Т.Р., Шакарбеков Қ.С. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз механикаи назариявӣ. / Т.Р. Холмуратов, Қ.С. Шакарбеков. – Душанбе, 2015.
4. Шакарбеков Қ.С. Механикаи назариявӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо. Қисми 1. (статика) / Қ.С. Шакарбеков. - Душанбе, 2021.
5. Старжинский В.М. Теоретическая мехникя / В.М. Старжинский. - М.: «Наука», 1980.
6. Бутенин Н.В., Лунц Я.Л., Меркин Д.Р. Курс теоретической механики. т.I и II / Н.В. Бутенин, Я.Л. Лунц, Д.Р. Меркин. - М.: «Наука», 1985.

**СОХТАНИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ДАВРЗАНИИ ҶИСМИ САХТ ДАР АТРОФТИ ТИРИ БЕҲАРАКАТ**

Ҳаракати даврзанандаи системаи механикиро бо дигар вектор-вектори моменти миқдори ҳаракат омӯхтан мумкин аст. Дар ин кор бо усулҳои ҳисоб кардани моменти миқдори ҳаракати система шиносӣ пайдо намуда, вобастагии ин вектор бо дигар бузургиҳои динамикӣ дида баромада шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** системаи механикӣ, вектори қувва, моменти ҳаракат, ҳаракати даврзананда.

**ПОСТРОЕНИЕ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ВРАЩЕНИЯ ТВЕРДОГО ТЕЛА ВОКРУГ НЕПОДВИЖНОЙ ОСИ**

Вращательное движение механической системы можно изучать с другим вектором количества движения. В данной работе введен метод расчета момента величины движения системы и рассмотрена связь этого вектора с другими динамическими величинами.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛАВА:** механические системы, вектор силы, момент движения, круговое движение.

**CONSTRUCTION OF DIFFERENTIAL EQUATIONS OF ROTATION OF A RIGID BODY AROUND A STATIONARY AXIS**

